Ф Тюрк 2
М95



Ф. МУХАММАДИЕВ

# ВАРТА

Нашриёти
«Адиб»



Тоҷик 2

ФАЗЛИДДИН МУҲАММАДИЕВ

М95

# ВАРТА



*(Қиссаҳо ва очеркҳо)*

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
1987

М 95
ББҚ 84. Тоҷик 7
Тоҷик $^2$

6507

**Муҳаммадиев Фазлиддин.**

М 95 **Варта**: Қиссаҳо ва очеркҳо. (Барои бачагони синни миёна ва калони мактабӣ).— Душанбе: Адиб, 1987.— 376 с.

Дар қиссаю очеркҳои нависандаи номдори тоҷик Ф. Муҳаммадиев хислатҳои хуби инсонӣ илқо мешавад. Агар адиб дар асар порасоии персонажеро мазаммат карда бошад, ба хотири ислоҳ гаштани ӯ чунин ангоштааст. Қаҳрамонони қиссаҳои тозаи «Варта» ва «Шоҳин Япон» касоне мебошанд, ки бо кору рафтори хеш ҷавононро ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят мекунанд

**Мухаммадиев Фазлиддин.**

**Над пропастью.**

**ББҚ 84. Тоҷик 7**
**Тоҷик $^2$**

М $\frac{4803010000-846}{М\ 504(13)-87}$ 138—87

© Нашриёти «Адиб», 1987



# ҚИССАҲО



## ВАРТА

Мӯзаи Саидбек ба чизе андармон шуду пайкараш аз фуру лағжидан бозистод. Шақарросу тақарроси гӯшхароши сангу сангрезаҳо қатъ гардид. Аммо абри ғализи чанги нафасгир дар гирди сараш ҳанӯз мепечид ва димоғашро хориш медод.

Дилаш ба шиддат метапид ва дар гӯшҳо, дар мағзи сараш ғулғулаи баланде афтода буд, ки ин гуна садои ношиноси пуршурро дар умраш нашунидааст. Гуп-гуп... гуп-гуп... гуп-гуп...— табл мезад дил. Гуё вай дигар мушт барин дилаки майдаяки нарму гармаки худаш набуд, дили итоаткору латбардори пешинаи худаш набуд, балки тояки масте буд, ки баногоҳ аз шабаҳе рамида ба ҷастухез афтодааст ва гурс-гурси изтиробангези сумҳояш путку сандони гарони корхонаҳои азим барин базарба садо медиҳад.

«Дар ин дуньё зистан мушкил, мурдан осон»— гуфтааст касе. Чӣ гуна одам бошад ҳамон кас? Фарз кардем, зистан саҳл нест, зиндагонӣ силсилаи ноҳамвори талошҳост. Лекин чаро мурдан осон будааст? Гап аст ҳамаи ин, гапи одамони бедард. Ҷон ширин аст, зиндагӣ азиз. Барои ҳама ба як сон азизу нотакрор.

Саидбек нафас ба дарун бурд то сангрезаҳои атрофаш дубора ба ҷунбиш наоянд ва бо эҳтиёти зиёде гардан тофта, бо гушаи чашм ба боло нигарист. Ба ҳамон ҷое, ки санги пой мондааш чунбид, баъд лағжид ва ӯ барои ҷаҳидан ба санги дигар ҳанӯз фурсат наёфта, вазни пайкараш ба чап моил гардид ва ӯ мувозинатро гум карда, ночор ба тӯдаи сангреза пой гузошт ва пояш то ба сурин фуру рафт ва тӯдаи сангпораҳо низ фуру нишасту ба ҳаракат даромад ва сангпар оғоз ёфта ва ӯ то ба ҳоли ҳозирааш расид.

Аз боло то ба ин ҷо ғелиданаш мӯл бошад, сӣ ё чил сония тӯл кашидааст. Аммо ба хаёли вай муддати дарозе, гуё як соати тамом мепариду меафтоду бармехост ва боз меафтоду мелағжид, метапиду меғелид. Ба буттаҳо, ба решаҳои урьёни сари роҳаш, ба қирраи сангҳои ба хаёлаш устувору ночунбон бо уме-

де чанг мезад. Дар ин муддат ва дар ҳамин ҳолат он қадар манзараҳо симоҳо пеши назараш омаданд, он қадар воқеаҳоро ба ёд оварду он қадар андешаҳо аз дилаш гузаштанд, ки вақти дигар мешуду онҳоро дунболи ҳамдигар мечид, як дафтар пур мешуд. «Тамом. Мурдам. Тамом шуд ҳамаи умр, ҳамаи гузашта ва ояндаҳо, ҳамаи корҳо, нақшаву ниятҳо, орзуҳо... Тамом... Афсус ки банохост ба ройгон ҳалок шудам...» Ин буд аввалин фикре, ки ба сараш омад. Барқосо омаду ҳамин сон гузашту рафт. Сипас ба ёдаш расид, ки занаш, Нигораш ба деҳа, ба назди бародараш рафтааст ва баргашта хабари фоҷиаро бишнавад, ҳоли ӯ чӣ хоҳад шуд. Духтараки чаҳорсолаашонро пагоҳӣ худаш ба боғча бурда буд. Имрӯз касе ба суроғаш нахоҳад рафт... Пагоҳ ӯ, Саидбек мебоист ба Сочак мерафт ва пасфардо маросими ёдбуди бобояшро сардорӣ мекард...

Лаҳзае буд, ки ӯ гунбади осмонро аз чӣ сабабе бошад, хеле аз наздик бидид, ки вожгуна меафтод ва ин нуктаро ҳанӯз дарк накарда, боз олам дар назараш торик шуд.

Аз ин баландӣ, ки аз сад метр кам нест, баъд гуфт дар дилаш, эҳтимол рост бар сари яке аз харсангҳои канори наҳр биафтад, бар сари ҳамон сангҳои тираи босалобат, ки ҷонварҳои ғароибшамоили афсонавӣ барин дар оғози тирамоҳ аз зери об берун меоянд ва айёми баҳорон — мавсими обхез боз ба таки об меравper ва ҳамаи тобистони дарози ҷануб корашон ин аст, ки мавҷҳои хурӯшонро дарҳам бишкананд ва рӯи наҳрро аз кафки ширгуни дамон сап-сафед бидоранд.

Не, худ ба худ эътироз кард Саидбек. Ба рӯи об биафтад ҳам, оқибат ҳамон хоҳад буд, чунки то расидан ба он ҷо пайкари ӯ ба чандин теғаву паҳлуҳои барҷастаи соҳили рост бархӯрда реш-решу афгор хоҳад шуд. Вай он теғаҳои мазбутро аз он соҳил борҳо дидааст, боз чун роҳгузар ё тамошобин ҳам не, балки чун касе ки бо ин дара, бо дарьёю соҳил, бо пуштаю ёнаю сангҳои бари он сарукор дорад, бо чашми тадқиқ дидааст.

Ногоҳ ба хотираш расид, ки калиди сандуқи пӯлодини бригада дар кисаи уст ва он ягона калид аст ва дар ин афтударафт ҳатман гум хоҳад шуд, балки кайҳо гум шудааст ва барои рафиқонаш ба даст овардани ҳуҷҷатҳо, хусусан лоиҳаи овезаи охирин бидуни ташвиш муяссар намешавад...

Чӣ рӯзи аҷибе, чӣ рӯзи хуше буд ҳатто ҳамин рӯзи вопасин, бо ҳасрату алам аз фикр гузаронид Саидбек ва бар хилофи мантиқи муқаррарӣ, воқеоти имрӯза не, балки рӯзи тӯи арусиву домодиаш, саҳеҳтараш, шаби нахусти баъди туй пеши назараш омад. Нигор, аруси маҳбубааш, духтаре, ки худ ӯро писандида дил баста буд ва чандон зоҳир накунад ҳам, рӯзи тӯйро як сол инҷониб баробари ӯ нигарон буд, дар ин хусус хаёлоти ширин мепарварид, арӯсе, ки дар боздидҳои сершумо-

ри байни шиносой, хостгорӣ ва тӯй ба навозишҳои вай ҳалимона ва бо назокати ҳаёомези хоси духтарони боиффат посух медод, он шаб намегузошт, ки ӯ дар паҳлӯяш ба бистар дарояд. «Пагоҳ, аз ту илтимос, Саидҷон, азизам, имрӯз не, пагоҳ, рӯзи дигар...» мегуфт бо чеҳраи аз изтироб ва ҳаё арғувонӣ ба ӯ нигоҳи илтиҷоомезе дӯхта...

Сонӣ боз ҳамон фикри аввала такрор шуд, ки тамом, акнун мурдам, вале афсӯс ки ба ройгон мемирам. Пас, як ҳафта қабл аз ман фавтидани Бузург маъние низ доштааст. Агар ӯ зинда мебуду огоҳ мешуд, ки ман ба ин тарзи нангин, бар беҳуда, бар абас, мисли як пора чӯби ковок, ба монанди як наъли кӯҳна, мисли як дона сабчаи харбуза талаф мешавам, ба ҳоли ман чӣ мегуфт ва ҳоли худаш чӣ мешуд?

Саидбек шунида буд, ки ҳамин қадар андеша, воқеа ва манзара ҳамагӣ дар бадали чанд сония ва он ҳам лаҳзаи пуртаҳлукаи пурхатар аз дилу дидаи кас метавонад бигзарад. Вале чунин ҳоли ғарибро ҳозир аввалин бор дар умраш худ аз сар гузаронида буд ва ҳоло намедонист, ки бо мулоҳизаи вазъи афтодааш машғул бишавад ё ба андешаи оқибати ин бозии ғалатии шуури одамӣ.

Хайр, ҳар чӣ шуд — шуд. Як қадами нобаҳангом ба соҳили ҳалокат овард. Акнун илоҷе бояд кард. Аввал дар ин ҷо баэътимодтар андармон шуда, пас роҳи халосиро бояд ҷуст. Аммо оё роҳи халосӣ вуҷуд дорад? Андаке пой ҷунбонӣ, ҳамин ки пошнаи мӯза сари мӯе билағжид, рост ба коми нестӣ меравӣ. Фақат кӯмаке аз поён, ё аз боло метавонад Саидбекро аз ин варта наҷот бидиҳад. Вале дигарон аз ҳоли ӯ, ё ақаллан аз ғайб задани ӯ кай огоҳ мешаванд, кай ба имдодаш мерасанд?

Ҳар ду даст аз каф то бозу сахт дард мекунад. Хусусан сӯзиши кафҳо, панҷаҳо тоқатфарсост. Саидбек дасти чапашро аз оринҷ поён оҳиста-оҳиста, зарра-зарра ҷунбонида, тадриҷан боло бардошт. Ба ҷои холишуда шиқирросзанон фурӯ рехтани сангрезаҳоро баръало шунид. Ба дасташ нигарист. Як мушт барги сабзи бо баргҳои нимзардшуда омехтаро ҳамчунон дар каф мефишорид. Баргакони майда-майдаю дандонадори дӯлонае, ки ҳо дар болотар рӯидааст ва ӯ ҳангоми лағзиш беихтиёр даст ба навдаи овезони вай бурдааст. Навда нашикастааст ё канда нашудааст ва қариб ҳамаи барги он дар мушти Саидбек ҷамъ омадааст. Лекин пардаи байни нарангушт ва ангушти ишорат дарида, баргҳо, дасту панҷаҳо хунолуд шудаанд. Банди соат ҳам шояд дар ҳамин асно канда шуда бошад.

Саидбек ба ҳамон тариқа дасти росташро низ боло карда нигарист, ки аз ҷароҳати банди он ҳанӯз хун метаровад. Инашро яқин қирраи тези санге харошидааст. Мехост боиси дарди зонуро низ бифаҳмад, вале аз ин ният баргашт. Чӣ ҷои таҳқиқу тадқиқ? Ба санг бархӯрдааст. Аз муайян кардани ҷои ҷа-

роҳат ё ҳаҷми он чӣ муррод ҳосил? Аз ду сар дармоне нест. Ба ҷуз тоқат кардан, ба ғайр аз наҷунбидан, ҳаракате содир накарда, ҳамеша зираку ҳушьёр буда, соати ҳалосиро нигарон шудан дигар чорае нест. Ҳа, маҳз зираку ҳушьёр хобида. Андаке биҷунбӣ, пошнаи мӯза аз лаби санг бархезад, кор тамом. Воқеан, кӯшиш бояд кард, то сулфа накунад, ё атса назанад.

Аснои ғелидан эҳтимол чандин маротиба чаппаву роста шудааст, ки ба гӯшу даҳону биниаш хок даромадааст. Ба кунҷи чашмонаш ангушт расонида дид, аз он ҷо лои маҳине таровида, ҳоло ҳушк шудааст. Зери дандонҳояш регу сангреза ғиҷиррос мезанад. Аввал ҳамин чиркҳоро бояд тоза кард. Ҳоло ҳозир аз ин бештар ҳаракат карда намешавад.

Умри Саидбек дар кӯҳсор, миёни сангу сангзор гузаштааст. Ба ҷунин вазъ ҳеҷ гоҳ наафтода бошад ҳам, санги ба пояш такьягоҳ гардида, санги наҷотбахшро аз паси пошнаи мӯза нағз ҳис мекунад. Модом ки пайкари башаст лағжандаи ӯро боздошта тавонист, маълум мешавад, аз сангҳои ғелон нест, ё поя, ё қароргоҳи устуворе дорад. Шукронаи ин тасодуфро гуфта, барои худ бояд ҷой тоза кард. Дигар ҷои шак нест, шаб ин ҷо мемонад.

Ҳм, «шаб ин ҷо мемонам» гуфтанаш ба паймони меҳмоне монанд аст, ки ба хотири навозишкориҳои мизбони кушодарӯи саховатманде ба мондан розӣ шудааст. Гӯё дар хонаи гарм, дар бистари нарм, бо шиками сер ва хотири ҷамъ мемонад.

Дилаш сигор кашидан хост, аммо дарҳол аз фикраш гузашт, ки ба гумон аст, ки ин кор ба ӯ муяссар шавад. Модом ки сарулибосаш ба ин дараҷа хароб гаштааст, ҳатто банди маҳками соат гусаста барафтодааст, сигору гӯгирд дар ғилофакҳои нозуки коғазин бутун мемонад? Оҳиста даст ба кисаи сарисинагии комбинезонаш бурда, аз боло палмосид, пас ангуштонашро ба киса даровард. Аз гӯгирд нишоне набуд, сигору халтачааш баробар ҷиғда-ҷиғда шуда, ба як каф талқони қаҳваранг табдил ёфта буд. Саидбек аз он талқон як пучак гирифта, ба таки забонаш партофт. Ку, аз ин таҷриба чӣ натиҷа хоҳад баромад? Одамон тамокуро ба бинӣ кашида, атса мезананд ва хумораашонро ба ҳамин тариқа мешикананд. Тоифае нос мекашанд.

Тамоку даҳонашро сӯзонид, қариб буд, ки оби тунди он ба гулӯяш равад. Саидбек дарҳол тамокуро туф карда, худро сарзаниш намуд, ки ҳамин қадар сол ибрат ва андарзҳои бобояш Сангинбекро дар ёд дошта, дар табиати худ сабру бардошт мепарварид ва акнун ки маҳз мавриди тоқату шикебоист, ин тавр сабукборӣ кард. Ин дам бобояш, риши пахни сап-сафеди ӯ, чеҳраи ба табассум моил, чашмони нигоҳашон ҳам меҳрбор, ҳам андаке гилаомези ӯ пеши назараш омад. «Тоқат бояд кард»,— бори дигар ба худ таъкид намуд Саидбек.

Акнун ба ёдаш расид, ки кӯлбораш ҳам гум шудааст. Ё дар

ҳамон ҷо, дар боло аз китф афтода, дар миёни сангу буттаҳо андармон гаштааст ё баъдтар ҳангоми чандин маротиба ғел задан аз пушташ ҷудо шуда, аз пайкари худаш тезтару пештар ғелида ба партгоҳ рафтааст. Хайр, дар кӯлбор ба ғайр аз пармаи дастӣ, болға ва як лӯнда таноби дурушти кӯҳнавардон дигар чизе набуд. Лекин дар кисаяки беруниаш як каф ириси «Калидаки заррин» мехобид, ки Райҳон барои дадаҷонаш андохтааст.

Саидбек аввалҳо аз вуҷуди қанди ширину бомазаи какавдор дар кӯлбор хабаре надошт. Худи Райҳон рӯзе пурсид, ки чаро дадаҷонаш канфети вай додаро намехӯрад?

— Кадом конфет, духтарам?

— «Калидаки заррин» чӣ? Ба кисаи кӯлборатон мондам-ку!

— Ҳа, ҳа, мехӯрам, духтарам. Ба ҳаёлам, як-дутаашро хӯрдам. Боракалло, Райҳонакам,— шояд ба раъи фарзанд рафта, аз дилаш бофта гуфт падар.

— Не, нахӯрдаед. Бистта буд, дина шумурдам, ҳозир ҳам биста.

— Ту канфета мешуморӣ, духтарам? Барои чӣ?

— Барои ки очам мегуд. Аз панчта мул нагир, мегуд. Мул хӯрӣ, дандонат ликқонак мешавад, сонӣ вая муш мебарад...

— Ҳм, пас ту аз ҳаққи худат, аз ҳамон панҷтагӣ ирис ба ман ҷудо мекардӣ?

— Ҳа-а-а! Аз ҳаққи худам! Ҳар рӯз яктагӣ! Э шумо чӣ хел, дадаҷон, нафаҳмидед-а? — мад кашида, бо оҳанги дилтангона ва шодиву таънаомезе гуфт Райҳон, ки чунин оҳанг дар гуфтори кас баъди ғалабаи душворе дар кори мушкил, масалан, пас аз фаҳмонидани як ҳақиқати оддӣ ба шахси кундзеҳн пайдо мешавад.— Ҳо-о рӯзи ба цирк рафтанамон сета канфет мондам, боз нафаҳмидед...

— Э офарин, ҷони ширини дадош, офарин Райҳонаки ман, булбулаки ман.

— Шумо ириса хӯред, ман боз мемонам. Сонӣ боз мемонам. Хай, дадаҷон, хай?

Овози гӯшнавози кӯдак гӯё аз ҳамин қарибӣ садо дод ва баноҳост Саидбекро хун ба сару рӯй заду мисли он ки ҷисмаш ба миёнаҷои гулхани азиме афтода, дар як они воҳид дудаш ба фазо печида бошад, аз нӯки пой то ба фарқи сар сахт тасфида рафт.

— Райҳон... Райҳонакам! — нолишомез ва бо дард ба кадом як нуқтаи осмони кушод чашм дӯхта, пичиррос зад Саидбек.— Қариб монда буд, ки ятимча шавӣ.

Аз ин маҳлака ҷон ба саломат барам, ба касе чизе намегӯям, шикоят намекунам, ривоят намекунам, рост ба идора меравам у аз сари мизаш ба мобайни кабинет кашида баровардa, муддаои табъ мекӯбам, пас аз дақиқае дар дилаш аҳд кард

Саидбек. Афсӯс, ки ҳоҷат ба кӯфтан ҳам нест, ҷони казоӣ надорад. Не, аз кабинеташ кашолакунон ба зинаи фароҳи даромадгоҳ баровардан лозим. Дар ҳамон ҷо ҷӣ махлуқе будани ӯро дар пеши мардум ошкоро гуфтан даркор. Ана баъди ин агар тавба накунад, ба таки манаҳаш мефарорад, ки ба фарши зина нақш бандад. Ба ҳамон фарши бетонии оина барин ялтосӣ. Не, беҳтараш, озод мебардораду аз болои зина ба замин меандозад, бар оби чиркини ҷӯи чиркине, ки партови нафтолуди чоҳи мошиншуяки гараж ҷорӣ шуда, ба тарафи ҳавзи равғанполо меравад...

Агар ҷон ба саломат барам...

Рӯз ба анҷомаш мерасид. Баландтарин қуллаи кӯҳи Арча ҳанӯз аз нартави офтоб заррин метофт. Саидбек муддате ба рангҳои мухталифи он — аз зарди нуринҷитоб то кабуди нофармон — нигоҳ дӯхта, пай бурд, ки офтоб домани худро аз он ҷой низ ноаён мекашад.

Панҷаи хунолудашро бо азияте ёзонид, пиёла барин санги ба ронаш халида хобидаро бардошт ва то ба ҷое ки даст мерасид, хар чи дуртар бурда, болои сангреза гузошт. Аз болояш андаке фишор оварда, сангро устувортар ҷойгир намуд. Сипас муште аз сангчаҳои наздики ронашро гирифта, дар паҳлӯи он санг бирехт ва онҳоро бо эҳтиёт ҷунбонида-ҷунбонида, хубтар ҷойгир кунонид. Ба таври худ, шибба намуд. Вай дигар дардро фаромӯш карда, ҳамин корашро идома медод. Ҷои тозае ки санг мекӯчонид, агар аз миён поён ё баробари миён бошад, бо кафи даст аз боло фишор оварда, онҳоро ба ҳам ҷафстар ҷойгир менамуд, аз миён боло бошад, ин корро бо пушти даст анҷом медод.

Дигар дар баландтарини қуллаҳо низ нури офтоб намонда буд. Саидбек мехост ҳанӯз торикӣ нафаромада, такьягоҳи пояшро ақаллан як назар бинад, то ба қадри ҳол муайян карда тавонад, то ки ҷӣ андоза ба вай умеди наҷот ё мадад метавон баст, то чи андоза такья метавон кард. Нимхез шуда, нигоҳ карданро албатта ҳатто ба гӯшаи ҳаёл ҳам намеорад: ҳамин ки сар аз ҷогаҳи сангин бардошт, анбӯҳи сангрезаи ба сару китфаш танбазада ба ҷунбиш хоҳад омад ва он гоҳ маълум нахоҳад буд, ки ин сангрез то чанд муддат идома хоҳад ёфт ва то ба ҷӣ натиҷае хоҳад расонид.

Саидбек акнун аз болои сар ва китфҳояш сангпора мегирифт ва ҳар чи дуртар бурда ҳамвор мекард, бо кафи даст, бо панҷаҳо палмосида, месанҷид, ки оё он сангпораҳо устувор ҷой гирифтаанд ё не. Ва ҳамин ки хотираш биосуд, боз як мушти дигар санг мегирифт ва ба ҷои нав мекӯчонид. Деворҳои сангини бо маҳорати аҷибе дар атрофи боғҳо, полизҳо бардоштаи мардумони Дарвозу Бадахшон ва саргаҳи Зарафшон пеши на-

зараш омаданд. Онҳо бидуни лой (маҳлули оҳак ё цемент он сӯ истад) санг ба рӯи санг чида, баробари қади одам деворҳои ғалатие мебардоранд, ки солиёни зиёд пойдор мемонанд. Сангҳоро ба сатҳи ноҳамвори якдигар — ба чуқураку дандонаку ҳавзаку ғурмакони ҳамдигар чунон муносиб ва мутаносиб чида, ба тарзе паҳлуи ҳам ва болои ҳам мечинанд, ки онҳо гӯё қулфу калид мешаванд. Баъди рост шудани девор онро қасдан такон диҳед ҳам аз ҷой намеҷунбад. Вагарна боду боронҳои шадиде, ки дар ин ҷоҳо мешавад, он ҷо низ ҳаст, балки аз ин ҷо гоҳо пуршиддаттар мешавад. Зилзилаи аёну ноаёни қариб ҳарҳафтаинаи замин дар ҳамон ҷо ҳам ҳаст.

Деворҳои ғалатии кӯҳистонаш ба ёд расиду дилаш андаке қувват гирифт ва муддате дарди ҷароҳатҳои хуншорро фаромӯш карда, ҳамаи санги болои сараш тӯдашударо ба тарафи чап кӯчонид.

Акнун метавонад ба паҳлуи чап гардад, сар ба рӯи сина хам карда, ба нӯки пояш бингарад. Агар барои рафъи бим, барои эмин будани дил боз ягон такьягоҳи дигаре мешуд, албатта, нуран алонур буд. Аммо дастгир ё пуштибони дигаре нест. Агар ана он шохи дӯлона, ки аз болю овезон шудааст, ба даст мерасид, қисме аз вазни ӯро бар дӯши худ метавонист бигирад. Афсӯс ки вай дастнорас аст, барои доштани он чӯби чангакдоре ё ақаллан боз як навдаи дигар лозим аст, ки андармон сохта, нӯкашро ба поён бихаммонӣ.

Ӯ нахустин бор дар ҳамаи муддати ба ин варта афтоданаш, ки аслан бештар аз як соат набуд, вале ба хаёлаш рӯзҳои дарозе барин беҳадду бекарон менамуд, ба нӯки пояш нигарист. Як қисми санги оддии хоро буд он санг, ки пошнаи мӯзааш андармон шудааст ва нӯки ғулаи нимсӯхтаеро мемонад ва рангаш низ ангиштпораи рӯяш гардгирифта барин тира буд. Саидбек аломате надид, ки ба сари санги бузурги нопойдор будани вай далолат кунад, ё бигӯяд, ки яке аз дандонаҳои ҳарсанги мазбути ноҷунбонест он.

Хайр, гуфт Саидбек ба худ, дидан мехостам, дидам. Ба ҳар ҳол ягона такьягоҳ ҳамин санг аст. Ҳоло бояд кор кард.

Чанд лаҳза ба девораи нишеби кӯҳпораи он сӯи нахр нигоҳ дӯхта хобид, ки ҳанӯз баъди пешин ба он ҷо ба осонӣ баромада, корашро анҷом дода фаромада буд. Пас ба шуввоси якнавохти оби нахр гӯш андохт. Аз дил гузаронид, ки аз роҳи мошингарди он соҳили нахр автомобильҳо мегузаранд, вале пайкари ӯ дар ҷое воқеъ гаштааст, ки фаразан роҳгузарон махсус аз роҳ бозистода, ба ин сӯ назар кунанд, ҳатто бо дурбин нигаранд ҳам, нишоне аз ӯ нахоҳанд дид. Оре, маҷрои ин сангрезгоҳ ба хокандози азиме монанд аст ва новаи он аз мадди назари роҳгузарони он сӯи нахр хеле баланд, чашмнорас воқеъ шу-

дааст. Касе ба гӯшаи хаёл нахоҳад овард, ки дар он нова, дар миёни садҳо, балки ҳазорон мукаабметр сангу сангпора як зарра ҷони одами низ дар таҳлука афтодаасту муштоқи садои одамист, дида ба сӯи дасти мададгори одамист.

Бале, он роҳ роҳи калони мошингард аст, аммо аҷиб, ки алҳол боре садои мотор ба гӯши Саидбек нарасидааст. Ё ғурриши мотор дар пеши садоҳои табиии дарьёю дара ҳеҷ аст ва дар ҳамон ҷо, дар поён дар хурӯши мавҷҳои наҳр ғарқ ва нопадид гардида, то ба ин баландӣ намерасида бошад?

Рӯмолчаро ба оби даҳонаш нам карда, хуни шахшудаи банди дасташро пок ва ба озод кардани паҳлуи росташ аз сангу сангреза шурӯъ намуд. Азияти ҷароҳатҳо, хусусан дарди зирқзирқ нолишкунандаи зонуи чап пайваста озор медод. Гуруснагӣ ва хумори тамоку сарборӣ буд.

Бо хиҷолат аз дил гузаронид, ки талаби бисьёркаратаи бобояш Сангинбек ва ваъдаҳои худро дар хусуси тарки тамоку ба адо нарасонид.

...Дар телеграмма касе аз забони бобо навишта буд: «Писарам, гапи зарур дорам. Биё. Бобои ту». Саидбек аввал ба идорааш, сонӣ ба занаш сим заду ҳамаи корҳоро ба Новиков супорида, ба аэропорт шитобид.

Мӯйсафед дар пешгоҳи хонаи калони ёздаҳболораш ба рӯи кӯрпача ба болинҳо такья карда менишаст. Саидбекро дида, ҳаракате кард то аз ҷой бархезад, вале Саидбек чобукона ба наздаш расида, зону зад ва пайкари боборо оғӯш намуд. Пас мӯйсафед дастони набераашро кушода, худаш ӯро нарм оғӯш намуд, сари китф ва тахтаи пушти ӯро нарм-нарм молид. Дергоҳе Саидбекро аз оғӯшаш раҳо намекард ва, ба назараш, сару синаи ӯ, дасту бозувони ӯро бӯй мекашид.

— Хуш омадӣ, писарам,— гуфт ниҳоят бобо ва ба ирамарди ҳамсояаш, ки дар рӯ ба рӯ, дар зеҳи девор менишаст, нигоҳи маънидоре афканд. Пири рамузфаҳм дарҳол чойникро бо лаби дастархон пӯшонида, берун рафт.

— Ҳеҷ ҷо намеравам,— гуфт ҳамсоя дар сари остона лахзае таваққуф карда.— Ман дар ҳамин ҷо, дар рӯи ҳавлӣ.

Бобо ба аломати ризо сар ҷунбонид.

— Ин ҷо нишин,— фармуд ӯ — Ҳанӯз тамоку мекашӣ?

Саидбек сар хам кард.

— Хайр, Бек, ихтиёрат. Хуш омадӣ, Бек,— такрор намуд Сангинбек ва нохост пурсид: — Нигор наомад?

— Не, Бузург. Чеғ занам?

— Э албатта. Ту ғалатӣ, Бек. Чеғ зан, Бек, чеғ зан. Биёяд Нигораки бобош, Нигораки хушрӯи ман.

Муддате ба тиреза чашм дӯхта нишаст. Пас гуфт:

— Бирав, писарам, тилгиром зан. Пушта дур не.— Саидбек

чолокона аз чояш барчаст.— Не, Бек, сабр кун. Хоб зер мекунад мана. Ҳа, як-ду ҳафта мешавад, ки банохост хобам мебарад. Гап дорам ба ту,— боз дақиқае хомӯш монда, риши паҳни ғуллиашро бо панҷаҳо молиш дод.— Хайр, ин корҳои дуньё ба худат маълум. Ҳамааш аз дастат меояд. Шукр, йигити калон шудай, Бек, дада шудай. Ман дигар чиза гуфтаниам.

— Гӯшам ба шумо, Бузург.

— Ҳм,— ҳаёле табассум кард бобо. Саидбек ҳанӯз дар айёми наврасиаш аз унвонҳои дар ғайби бобо гуфтаи падар ибораи «Падари бузургвор»-ро писандида, аз он барои бобо номи шӯхномезе сохта буд. Рафта-рафта он ибора ихтисор шуд ва як калимаи «Бузург» боқӣ монд. Зоҳиран ҳамаи ин муддат ин хитоба ба гӯши муйсафед ё ғалатӣ, ё бегонаю ғайритабиӣ мерасид ва ҳар дафъа дар чеҳрааш осори тааҷҷуб ё ҳеҷ набошад, нишонаи ҳайрати яклаҳзаинап даргузаре ҳувайдо мешуд ва ӯ, хусусан солҳои аввал, ба андоми набера дергоҳе озмоишкорона назар медухт, баъд аз афти кор, дар дилаш «бигузор гуфтан гирад» мегуфту дигар эътиборе намедод.

— Ҳм, «Бузург»,— боз лабхандомез зери лаб ғур-ғур кард бобо.— Ту ғалатӣ, Бек. Хайр, ман... Гӯш кун, писарам, ба рӯям нигоҳ кун. Ман аз ту яки ба ҳазор розӣ. Барои ту дуо мекунам, шукрона мегӯям. Лекин талаб ҳам дорам. Падарат, Пӯлодбек, худо раҳмат кунад, марди нағз буд. Марди асил буд гӯем, ҳаққамон намеравад. Ба ҳаёли мани пир ҳамту. Худат ҳам чашм нарасад, йигити бачо. Талаби ман, муродам якта: ҳама вақт мард бош, Бек. Ғалаёни нафс ҳаст. Чизи зӯр, бисьёр зӯр. Ба ҳаёли мани пир ҳамту. Лекин муллоҳо васвасаи шайтон мегӯянд. Мегӯянд-дия, шайтони бечорая ҳуда-беҳуда гунаҳгор мекунанд. Лаҷоми нафс бояд, ки дар дасти худи одам бошад. Хӯш...— бобо ба ҳаёл рафт, ришашро қабза намуда молид, баъд аз так, аз тарафи сина панча зада боз парешон намуд ва дар ин муддат риштаи гусастаи андешаҳояшро пайванд дода, илова намуд: — Мушкилиҳо дар зиндагонӣ бисьёранд, лекин мард будан лозим. Зарур, Бек. Ба ҳаёли мани пир ана ҳамту.

Саидбек тарчи мувофиқи фармоиши бобо рост ба рӯи ӯ менигарист, сараш банди ҳаёлот буд. Бобо ин қабил суханҳоро ба дигар тариқа пештар ҳам мегуфт, аммо ҳоло насиҳаташ як навъ оҳанги ошкорои васият дошт. Сангинбек ба чеҳраи вай нигоҳ карда, боз табассум карду «акнун ба пӯшта бирав» гуфт. Чун дид, ки Саидбек дарҳол аз ҷой начунбид, боз ба гуфтораш давом кард.

— Чӣ? — гуфт ӯ.—«Ҳамаи гапи бобоям ҳамин будааст?» гуфта ҳайрон шудӣ? Ҳа, Бек, ҳамааш ҳамин. Ҳамаи дигар гапҳо аз ҳамин гап мебароянд. Ба ҳаёли мани пир ана ҳамту.— Нохост ӯ бетоқатона ба даромадгоҳи хона нигоҳ афканду таъкид кард:

— Хез, бачем, ба пушта бирав. Лекин зудтар биё. Вақтҳои охир хоболуд шудаам.

Саидбек велосипеди кадоме аз писараммаҳояшро савор шуда, ба почтаи Сочак равон шуд. Роҳравон фикр мекард, ки якду маротиба аз ин пеш ҳам бобо ба оҳанги васият суҳбат карда буд. Аз пир шуданаш ҳазломез сухан сар мекарду гуё дар бораи ташкили ҳашар барои андоваи бому девор ё токгӯркунӣ гап мерафта бошад, зимнан таъкид мекард, ки соҳиби мурдаю зиндаи бобо Саидбек аст. Фаромӯш накун, мегуфт табассуми фарохе карда, ёру ошнои бобоят, шукр, бисьёр. Одам мӯл меояд. Ба дилат нагир, баъзе таъиноти майда-чуйда ҳам дорам. Барои оши худоӣ биринҷи нағз мехарӣ. Мо мардуми Чину Мочина иззат мекунем, аммо биринҷашон ба девзираи мо расида наметавонад. Ба фикри мани пир ҳамту. Аз бозор мехарӣ, аз нархи магазин қиматтар бошад ҳам, майлаш. Пул ҳаст. Равғани зағир ҳаст. Ду чоба. Мегӯӣ, ки камтар равғани думба омезанд. Худоия, Бек, тӯй барин карда мегузаронӣ.

Саидбек ночор гӯш дода менишаст. Барои муйсафедон ин гуна суҳбатҳо одатист. Ҳамин ки аломатҳои пирӣ пайдо шуданд, ғами гӯру кафанашонро мехӯранд, то ки ташвиши ворисон ҳарчи камтар шавад. Агар фаразан касе лаб кушояд, ки монед ҳамин гапҳоя, сиҳат-саломат гаштаед, мана ҳозир ҳам хушу хурсандона чақ-чақ карда нишастаем, чӣ лозим муҳокимаи масъалае, ки ба кадоме аз солҳои дури оянда дахл дорад ва кас намехоҳад аз ин хусус ёдовар шавад?... Агар касе ба ҳамин мазмун эътироз кунад, ҳатман боз як силсилаи дарози панду андарз хоҳад шунид. Оид ба ин ки ба дунъё омадан ҳасту рафтан ҳаст. Омадан фарз бошад, рафтан қарз аст. Дар ин нукта ҳаргиз ҷои гуфтугузор нест. Ҳеҷ кас то ҳоло ба дунъё сутун нашудааст. Ба ҳақиқат бо дидаи боз ва дили бебок бояд нигарист ва ҳоказо.

Дафъаи охирин, ки оғози зимистон ба зиёраташ омада буданд, ба Нигор низ чанд сухан гуфта буд, ки аз он бӯи васият меомад. Ҳамон дафъа пеш аз намози хуфтанаш, баъди он ки хешу тabори дуру наздик ба хонаҳошон рафтанд, ӯ набераарусашро дар рӯ ба рӯи худ нишонида ва аз рӯи одати худ ба чеҳраю чашмони ӯ аз наздик бо диққат нигоҳ карда пурсид:

— Ин писар,— ӯ ба сӯи Саидбек сар афшонид,— туя озор намедиҳад-а?

— Не, бобоҷон, озор намедиҳанд. Худатон медонед, чиба мепурсед, бобоҷон?

— Боз як бор, ба ҳар эҳтимол, пурсидан даркор буд, духтарам, нозанинам.

— Ин хел гапҳоя нагӯед, бобоҷон. Ман медонам барои чӣ мегӯед. Нагӯед, бобоҷонам, илтимос, нагӯед.

— Хайр, Нигори бобо, намегӯям. Лекин аз ту ҳам якта хоҳиш дорам. Бигӯям?

— Марҳамат, бобочон, бигӯед.

— Аввал ин ки аҳл бошед. То охир. Хайр?

— Хуб, бобочон.

— Сонӣ, ба писараки ман,— ӯ боз ба тарафи Саидбек ишора кард,— якта... писар зоида те... Хайр?

Нигор сар хам карда, рухсори арғувонӣ гаштаашро аз назарҳо пинҳон кард.

— Хайр? — исрор мекард бобо.

Нигор дастони сероҷинги бобоpo гирифта навозиш кард, ба рӯяш, ба пешониаш молид.

— Ҳа, бале, офарин, нозанини бобо, марҳами ҷони бобо,— гуфт Сангинбек ва осудаҳолона нафаси тӯлоние кашиду ба рӯи болинҳо ёзид...

Саидбек ба Нигор телеграмма фиристод. Ба омаду рафти ӯ ақаллан ним соат сарф нашуда буд. Дар бозгашт ҳанӯз ба нимаи роҳ нарасида, фарьёди фиғономези аммаашро шунид, ки аз даргузашти падар ба аҳли қишлоқ хабар медод. Саидбек дид, ки мувозинатро гум мекунад, дар зини велосипед дигар худро рост дошта наметавонад. Фаромада онро то масофае етаккунон тохт. Баъд дар таки девори кадоме аз ҳамқишлоқиёни бобо партофта, пиёда давид.

Пирамарди ҳамсоя манаҳи бобоpo баста буд. Аммо дар рӯи ҷилди сафеди болин, дар заминаи риш ва арақчини сафеди Бузург суфи ҳамранги манаҳбанд ноаён буд. Дар чеҳраи Бузург ҳамон лабханди сабуки ӯ нақш баста буд. Гӯё ҳамон суханони чанд дақиқа қабл аз ин гуфтаашро ба забони ҳол такрор менамуд, ки мардумон дар талош бо нафси худ оҷиз меояндy ҳамаи айбро ба гардани шайтону васвасаи вай ҳавола мекунанд...

* * *

Ҳаво торик шуда буд. Дар осмон ситораҳо медурахшиданд. Имшаб Саидбек онҳоро дуру дароз, бафурсат тамошо хоҳад кард. Аммо кор аз ёд наравад, ба худ таъкид кард Саидбек ва аз паҳлуи рост мушт-мушт сангреза гирифта, даст ёзонида, дуртар аз пайкараш мерехту ба ҳамон тарзе ки дар паҳлуи чап карда буд, шибба менамуд. Акнун вай дар ин кор, гарчи бори аввал ҳам бошад, малакае ҳосил карда буд. Пеш аз кӯчониданн сангпораҳо мавқеи ояндаи онро бо дастонаш палмосида, муайян мекард, ки ҷои муносибтарин дар куҷост ва мувофиқи ҳамон, муносиби масоҳати ҳавзак, ё нишебӣ, ё ҷӯяки пайдокардааш аз паҳлуи худ санг мебардошт ва бехато ба он ҷои нав мерехту бо ангуштонаш ҳар як сангпора ва сангрезаро маҳз

дар ҷои худаш устувор месохт. Ба таври худ ба деворсозони кӯҳистони кишвараш тақлид менамуд.

Ногоҳ чашмаш ба чароғаки сурхи лип-лип хомӯш ва фурӯзоншавандаи ҳавопаймо афтод, ки дар қаъри осмони сиёҳи дара ба самти ҷануб мерафт. Чанд дақиқа мегузараду ҳавопаймо дар фазои водӣ кам-кам ба рост тоб хурда, тадриҷан поён меравад ва аз наздикиҳои Деҳнав ба фуруд омода мешавад. Агар ҳавопаймои шабонаро аз паҳлӯ бингарӣ чароғҳои маҳфилашро мебинӣ ва аз рӯи миқдори он пай мебарӣ, ки он чи гуна тайёраест. Саидбек кӯшиш намуд, ки садои моторҳои онро шунида, муайян кунад, ки кадом хели мусофиркашон аст. Вале шарфаи об дигар садоҳоро пахш карда буд. Фақат аз куҷое, зоҳиран аз ҳамин қарибиҳо «Ҳақ! Ҳақ» гуфта фиғон кашидани чуғзе шунида мешуд. Садои мурғе, ки мардум бехосият ва наҳс мехонанд, ба дилаш лаҳзае ҳузн овард. Ва худи ҳамон дам ривояти халқӣ ба ёдаш расид, ки ин мурғ замоне дар биҳишт маъво доштааст ва рӯзе дар асари фиребгарӣ ба ғазаби парвардигор гирифтор шуда, аз ҷаннат ронда шудааст ва мурод аз «ҳақ!» — гуён фарьёду фиғон кашиданаш ва дар ҷойҳои ноободу дар кӯҳсори дури беодам манзил гузиданаш ҳам маҳз омӯрзиш талабидан будааст. Ин тавр бошад, ҳарчанд ҷонвари гунаҳгор мешуморанд, дар роҳи тавба ва ислоҳ будааст, аз фикраш гузаронид Саидбек. Ва дилаш боз андак равшан шуд, ки гарчи дар ин шаби торик ва ин партгоҳи пурхатар ба ӯ ҳанӯз эҳтимоли марг таҳдид мекунад, бо вуҷуди ин мана вай мурғи нолони ноаён барои гуноҳи ҳазорон сол қабл аз ин содиркардаи аҷдоди аҷдодонаш аз мавҷудоти олам афв металабад. Бо вуҷуди он дастае аз ҳамдиёронаш аз оғуши осмони тира гузашта, сиҳат-саломат ба хонаҳои равшани худ рафтанд.

Аммо ҳоли Райҳони ӯ чӣ шуд?

Нигор духтарчаро ҳамроҳаш ба деҳа бурдан мехост, Саидбек розӣ нашуд. Аз машғулиятҳои богча намонад, гуфт, ғайр аз ин маълум нест, ки сафарат аз ҷиҳати нақлиёт бароҳат хоҳад буд ё не, гуфт. Чаро ин тавр кард? Магар хуб набуд, ки Райҳонак ҳам аз ҳавои беғубори деҳот ақаллан рӯзе баҳраманд шуда меомад?

Акнун ӯро аз боғча кӣ мегирад? Қасе гирифта бошад, ё не? Кӣ медонад, ки духтарчаи майдаяке баногоҳ бепарастор мондааст?

Саидбек чанд бор аҳд карда буд, ки ба мураббия аз рӯи эҳтиёт телефони хонаи додарарӯси хурдиаш Султонро навишта бидиҳад. Яъне агар рӯзе зарурат афтод, ба ҳамин хона сим зада гуфтан мумкин. Боз ҳар дафъа истиҳола мекард, ки ба эҳтимоли рӯйдоди нохуше чораи эҳтиёт дидан гарчи кори ақлона



4650+

аст, аммо дилнокаш аст. Нияти нек ними давлат. Кӣ медонад, нияти нохуш чӣ оқибате дорад...

Аз равшание, ки аз чароғаки ҳавопаймо ба дилаш афтода буд, осоре намонд.

Чӣ мехоҳад аз ӯ Давид? Аз кори ӯ, аз умри ӯ, аз тақдири ӯ чӣ мехоҳад?

Сардори участкаи сохтмони хатти баландшиддати электр аслан Довуд ном дорад. Аммо ҳанӯз солҳое, ки дар донишгоҳи политехникӣ таҳсил мекарданд, аз чӯраҳо, ҳамкурсон илтиҷо мекард, ки ӯро Довуд не, Давид биномананд. Медонист, ки Довуд шакли тоҷикии номи ҳамон чӯпонписари паҳлавон аз қиссаҳои Тавроту Инҷил, ҳамон Давиди машҳурест, ки аз ривоятҳои динии бостонӣ баромада, то ба ин замона расидааст. Аммо Довуди асл ба гӯшаш намефорид. Ҳоло сесад нафар зердастонаш Давид Салимич гуфта мурочиат кунанд, ба рӯи чашмонаш аз ҳисси қаноатмандӣ гӯё пардаи равғанин медавад, нигоҳаш гарму нарм ва навозишкор мегардад.

Гӯё аз паи нест кардани Саидбек афтодааст ӯ. Аввалҳо рашк мебурд. Ҳасад мебурд, ки ҳамсабақаш гарчи ҳамагӣ сардори як дастаи хурд аст, дар мартабаи як коргари оддист, дар доираи саноати онон шӯҳрати аз ӯ баландтаре дорад. Рафтарафта рашкаш ба кина бадал шуд. Адовати тарафайн, душмании ду нафар зодаи инсон ба якдигар, фарз кардем, ки ҳодисаи маълум аст. Лекин сабабҳои кинаи якҷонибаро кӣ маънидод мекунад? Кӣ таъбиру тафсир мекунад, ки дар зиндагонӣ ин навъи адоват ҳам мешавад ва ана дар чунин ҳолату дар чунон шароит ба арсаи вуҷуд омада, реша медавонад ва ба чунону чунин натиҷа метавонад бирасонад?

Як сабаби рашки сардорро Саидбек ҳис мекунад, онро ҳам тақрибан, гумономез ҳис мекунад. Идораи ҳамаи онҳо аслан яктост, мухтасар Тоҷикэнерго ном дорад. Аммо ба қитъаи тобеи Давид ӯро дигарҳо оварданд. Сардори корвони мошину механизмҳо Саидбекро аз Норак даъват кунонида овэрониду ба Давид Салимов фармуд, ки ӯро ба яке аз бригадаҳои созандаи хатти электр қад-қади Қашолдара сардор таъин кунад. Ин фармоиши сарвари идора рафиқ Люлька, таъкид кард ӯ.

Ана ҳамин нукта ба дили Давид сахт расидааст, бешубҳа. Як тоифа зотҳоро чунон сохтаанд, ки мантиқи андешаву амалашон гӯё подарҳавост. Онҳо назар ба хайрхоҳонашон, назар ба валинеъматони худ бештар ба касоне дилбастагӣ доранд, ки худашон валинеъмати онҳоянд. Масалан, Аҳмад сарпарасти Раҳмат аст, Раҳмат пуштибони Неъмат. Раҳмат ба ҷои он ки пеш аз ҳама сипосгузори Аҳмад бошад, бештар ба Неъмат меҳрубонӣ дорад, агарчи ҳоло маълум нест, ки дар ивазаш аз ӯ некӣ хоҳад дид ё не.

Ин муаммо ҳам, аз афти кор, аз асрори бекорони дили одамист ва чаро ин тавр аст ва сабаб дар чист, гуфта ба хаёл рафтан дарди сар меораду бас.

Инак, Саидбек ҳарчанд сардори яке аз шаш бригада аст, дар вазифа хеле ва хеле поён аст, фаромӯш накардаанд, ки аз «боло» омадааст. Дар назари сардори қитъа ба мисли ашьёи гаронбаҳои шахси мӯътабарест, ки дар хонаи вай амонат гузоштаанд. Гаронбаҳо буданаш, амонат ва, аз ин ҷиҳат, дастнорас буданаш дили ӯро хиҷил мекунад, дидаашро дуди талх барин кофта мехӯрад.

Саидбек сардори калони идораашон Люлькаро аз наздик ҳатто ягон маротиба надидааст. Ҳар сол дар охири декабрь иди умумиттифоқи энергетикҳо мешавад. Ӯро дар ҳайати раёсати маҷлиси пешқадамон мебинад. Мисли бобояш Сангинбек марди таҳамтани баҳодуршакл. Аз ҳамсафонаш як сару гардан боло, овозаш ҳам муносиби тану тӯшаш ғафси ширадор, дар толорҳо бидуни микрофону тақвияти садо ғулғула меандозад. Рафиқи ҳамкораш Алексей Люлькаро хуб мешиносад, ба хонаи вай раву дорад. Пайваста тавсиф мекунад. Аз рӯи ҳикоятҳои Алёша вай ба Тоҷикистон ба сифати аскари сурхи савора омада, дар муҳорибаҳои ҷанги гражданӣ чандин маротиба захмдор шудааст. Ба таъбире, аз захми тири босмачиҳо «мурда, мурда, аз лабҳои гур гашта омадааст». Сонӣ дар сохтмони аввалин иншоотҳои обьёрӣ чун заминкан, бетонрез кор кардааст. Дар мактабҳо, курсҳо хонда ба мартабаи усто, техник, прораб, инженер расида, охир ба мақоми баланди ҳозираш омадааст.

Ҳар гоҳ ки Саидбек аз гузаштаи сардор ривоятҳо мешунид, хаёлаш ҳамаро монда, ба ду нукта банд мегардид: аввал ин ки дар айёми аскари савора буданаш ин мард чӣ гуна асперо савор мешуд? Дигар ин ки чунин шахси салобатиоки ҷиддӣ, ки дар буньёди пояҳои рӯзгори тозаи кишвари ӯ ширкат доштааст, чаро ин хел номи сабукбори хандаовар дорад? Гаҳвора. Боз ба худ мегуфт, ки мардуми украин шӯху ҳазлкашанд, дар байни онон ҳатто Лаблабу ё Шалғам барин номҳо низ ҳастанд. Хайр, дар миёни мардуми худамон ҳам Табару Теша, Партову Сафолу Ҷорубу Хошокҳо кам нестанд... Ё шояд, мегуфт Саидбек, гаҳвора ном гирифтани сардор аз ширинкориҳои тақдир будааст? Замони ба кор сар кардани Люлька саноати электри диёри вай дар синни кӯдакӣ буд ва ба гаҳвора ниёз дошт.

Хуллас, ҳамин мард шунидааст, ки Саидбек дар буньёди хатти электр ихтирое таклиф кардааст, худи ҳамон рӯз моҳияти он навиро фаҳмида ва дар машварати мутахассисон маъқул ёфта, фармон додааст, ки ӯро ба ҷое бигзаронанд, ки барои амалӣ кардани нақшаҳои худ шароити мусоид дошта бошад.

— Медонӣ, Саид, ман чӣ қадар шодам! — бо ваҷду сурур

мегуфт Давид Салимич дар кабинеташ. Бо ваҷду суруре, ки бо ҳамаи оҳангу тобишҳояш самимона менамуд. Вай аз курсии худ бархоста, ба сари мизи кӯндаланг омад, ки он ҷо одатан арздорон ё даъватшудагон менишинанд ва аз рӯ ба рӯи Саидбек ҷой гирифта, аз чойник чои гарм рехта дод.— Худам дар ҳамин андеша будам, чӣ кор карданамро намедонистам, то ки туро ба хатти Қашолдара оварам... Охир ҷавониамон якҷоя гузашт. Ҳамин қадар солҳо ҳаммактабу ҳамхона будем. Эҳ ҷавонӣ, ҷавонӣ... Хуш омадӣ, дӯстам, дӯсти азизам.

Давид Салимич аз пешомадҳои электриконии республика ва ҳатто мамлакат сухан мегуфт. Саросар аз электр таъмин кардани муассисаҳои давлат ва хонаҳои мардум аз қувваи электр ба анҷом расидааст, мегуфт ӯ. Вале дар ин кор марҳилаи тозае оғоз шудааст. Истеҳсол ва нақли қувваи электр принципан интиҳо надорад. Ёд дорӣ,— мегуфт ӯ ба дасти рӯи миз гузоштаи Саидбек нӯки ангушташро расонида,— вақте ки мо мактабхон будем, автобусҳои шаҳрамон чӣ гуна буданд? Базӯр сӣ кас мегунҷид. Ҳозир чӣ? Ҳозир Икаруси чордараи қӯшасалон якбора то дусад касро савор мекунад. Боз шому саҳар истгоҳҳо пурпури одам. Ин барои мисол. Кори мо ҳам ба ҳамин равиш аст, дӯстам. Аввалин гэсҳои Тоҷикистон чӣ қадар қувват доштанд? Ҳамаашро якҷоя кунӣ ба нисфи Норак намерасид. Зӯртарин хатҳои нақли электр фақат 35 киловольт иқтидор доштанд. Ҳоло дар Шимоли мамлакат ба кашидани ҳатҳои миллионвольтӣ омодаанд. Мо ҳам ба сохтани хатҳои панҷсадҳазорӣ сар мекунем...

Саидбек аввал тааҷҷуб кард, ки ҷаро ошнояш ин чизҳои барои ӯ кайҳо маълумро мегӯяд. Баъд тахмин кард, ки эҳтимол барои кафшери суҳбат мегӯяд, чунки аз хатми институт ба ҳар ҳол ду сол гузаштааст, кайҳо боз ин тавр наздик ва бафурсат нишаста суҳбат накардаанд. Сонитар ба оҳанги сухани сардор дурусттар эътибор дода, як-ду маротиба ба чинҳои пешониаш, ба чашмони андаке барҷастаи ӯ нигоҳ карда, дарьёфт, ки Давид Салимич худ гап мезанаду дар айни замон фикраш банди муаммоест, ки бо гуфтаҳояш робитае надорад.

Бори дигар ба пешонии собиқ ҳамсабақаш нигоҳ карда, кори дар курси саввум кардаи Давид ба ёдаш расид ва пай бурд, ки лабаш ғайриихтиёр ба ханда моил мешавад. Дарҳол даст ба рӯй бурда, масҳ кашид ва осори табассумро аз қиёфааш дур намуд.

...Аз он курс ҳама ба таълими таҷрибавии думоҳа рафтанд. Давид, ки як лаёқати модарзоди дидадарой дошт, бо муаллимону роҳбарон ҳамеша ба зудӣ ва осонӣ унс мегирифт ва анамана нагуфта, ба мағзи пӯсту гӯшти онон чойгир шуда метавонист, ҳамон тобистон ба Ленинград роҳхат гирифт. Дигарон ба Норак, Қайроққум, ё дур рафта бошанд, то ба Тохтогули

Қиргизистону Чирчиқи Узбекистон рафтанд. Давид — ба Ленинград. Аз он ҷо бо қиёфае баргашт, ки рафиқонаш дида, дақиқаи аввал ҳайрон мешуданд. Давид ҳамон Давиди пешина буд, аммо чизе дар андомаш ба назар ачиб менамуд. Дуруcттар муоина ва муқоиса карда, пай мебурданд, ки дигаргунӣ дар пешониаш пайдо шудааст. Дар кадом як муассисаи орою пардози чеҳрасоз як тасма мӯйсари пешониро тарошонида ва пӯсти зери онро ҷарроҳӣ кунонида, ҷабини аслан тангу пасти худро фароху баланд сozонидааст. Азбаски аз ҷарроҳӣ ҳанӯз фурсати бисьёр нагузашта буд, осори он амал мана ман гуфта, худнамоӣ мекард. Ба театр бираведу ҷои нишастатон аз қаторҳои пеш бошад, ғайриихтиёр мебинед, ки актёре аз рӯи мазмуни пьеса ва фармоиши таҳиягар ба сараш латта кашида, мӯйсари тозатарошидаро вонамуд мекунад ё, баръакс, аз таки ришу фаши ориятиаш ҳамон латта намудор аст ва ҳол он ки пардозгарону чеҳрасозони театр басе кӯшишҳо ба кор бурдаанд, то латта ҳамранги пусти зиндаи актёр бошад. Аммо хосияти театр чунон аст, ки тамошобинро ба сохта будани риш ё коғазӣ будани барги дарахтони саҳна коре нест.

Қариб як соли дароз, то даме ки ду тасмаи ҳаррангаи пӯсти пешонии Давид аз нури офтобу таъсири бод ва равғану доруворӣ ҳар шаб пеш аз хоб молидаи ӯ якранг нашуд, кирдори каснодидаи вай мавзӯи мутоибаи ҷавонон буд. Бачаҳои теззабон гоҳо дар ғайбаш, гоҳе ба худаш шунавонида, пичингҳои обдор мегуфтанд.

— Ҷӯраи мо Довуд набудааст, як лӯнда офат будааст,— мегуфт яке.— Тақдира тадбир кард-е шаҳбоз!

— Хуш? — гап мекофт дигаре.

— Нафаҳмидӣ? Пешонии васеъ — нишонаи хирад, мегӯянд. Ақл, ки деҳқонӣ шуд, корд болои равған, гуфтан гир.

— Як савол дорам, бачаҳо,— бо ваҷоҳати шахси гӯлу гумроҳ ба гап медаромад саввумӣ.— Мегӯянд, ки рӯҳи гузаштагонро безобита кунед, устухонҳояшон дар қабр ба чунбиш омада, шақаррос мезадааст.

— Рост мегӯянд. Аммо ту чӣ гуфтанӣ?

— Донистаниам, ки ҳамин хосияти рӯҳ чанд сол пойдор мемонад?

— Ту ба масҷид бирав, ошно, ба ин саволат аз ҳамон ҷо ҷавоб мегирӣ.

— Не, мон, гап занад вай. Чӣ гуфтан мехоҳад?

— Мегӯм, ки Суқрот, Ибни Сино, Аҳмади Дониш ҷабини базеби фарохе доштаанд. Аз кори ҷӯраи мо арвоҳи онон пай барад, чӣ мешуда бошад?

— Лекин савол беҷо не,— бо ваҷоҳати олимонае ба оташи мунозира равған мерехт боз яки дигаре.— Хайр, ба фавти Суқ-

рот дуним ҳазору ба Сино ҳазор сол рафтааст. Аммо Алломаи Аҳмад ба ҳамин қарибӣ дафн шудаанд. Боз оромгоҳашон ҳам чандон дур не, дар ҳамин атроф — дар Бухорои худамон...

Давид ҳануз ҳамон вақтҳо ба Садаф ном духтараки ҳамкурсашон хушомад зада мегашт. Бачаҳои тундзабони камшафқат ба Садаф ҳам гӯшрас мекарданд:

— Ба акаи Давиди мо расидагӣ зана пешониш ҳафт ваҷаб.

— Садаф, ба Давид бирасӣ, гавҳар мешӣ...

Як нимишабӣ Давид ба хобгоҳ маст шуда омад. Чароғи хонаро наафрӯхта, калавида-калавида ва ҳар дам ба мизу курсиҳои мобайни хона ва кати ҳамхонаҳо бархӯрда, либосашро бароварду ба бистараш даромад. Даромаду фиқ-фиқ ба гирья сар кард, пас аз дақиқае бо овози баланд мегирист, ниҳоят гирьяаш ба навҳаи баланди ҳой-ҳой гузашт. Саидбек бархоста, чароғи хонаро даргиронид, дигарон низ тани бараҳна ба сари каташ омаданд. «Барои чӣ маро бад мебинед? — гирьяомез фарьёд мекашид Давид.— Ман дар ҳаққи шумоён чӣ бадӣ кардам? Хайр, ду ҳарфи номама дигар кардам. Номи худам-ку, ба шумо чӣ? Муйсарама тарошидам. Муи худам-ку! Ба шумо чӣ?!».

Бачаҳо ба ташвиш афтоданд. Яке аз сурохӣ об рехта медод, ки бигир, бинӯш, ором шав. Ҳеҷ воқеа нашудааст. Ана бирав, дигар касе аз пешонии ту даҳон намекушояд. Дуввумӣ сачоқро тар карда, ба сараш мебаст, то шиддати мастиаш пасттар шавад. Саввумӣ ба роҳрав баромада, сокинони хонаҳои ҳамшафатро ба сабру тоқат даъват менамуд, ки аз ғалоғулаи бемаҳал ба танг омада, бо мушту лагаду пошнаи ботинкаҳошон devори хонаи онҳоро аз ду тараф башиддат мекӯфтанд.

Оташи алами Давид дергоҳе паст намешуд.

— Аз пахта омадем, ҳамаат дар чойхона палав пухта хӯрдед,— ҳамчунон менолид вай.— Як ҷонзот ба ман хабар надод, ки ҳарифона мехурем...

Саидбек ана ҳамон рӯзҳоро ба ёд оварда, ба лекцияи Давид Салимич гӯш дода менишаст, ки аз имрӯз эътиборан сардори ӯ буд ва шояд аз ҳамин сабаб ба ӯ такрор гуфтани нуктаҳои маълумро ба худ эб медид.

Ниҳоят, Давид Салимич ба таърифу тавсифи Саидбек гузашт.

— Не, ба виҷдонам, каллаи ту баҳо надорад, Саид! — мегуфт ӯ ва Саидбек беқаророна дар рӯи курсӣ меҷунбид, баҳонае меҷуст то суҳбат зудтар ба анҷомаш бирасад.— Ҳамин қадар солҳо боз хатти электр мекашем, ҳам дар водиҳо, ҳам дар кӯҳсорон. Ина бин, ки ба сари инженерҳои овозадор ҳамин ҳаёл наомадааст, ки дар тангноҳо симро ба худи кӯҳпора, ба танаи харсангҳо овехтан мумкин. Медонӣ, кори мо чӣ қадар осон

мешавад. Ман он ҳалқаи дар дараи Болооб ба гӯши харсангҳои ду соҳили наҳр бастаатро бо чашми худам дидам. Қоил, дӯстам, қоил, ҷураи ҷони ман, сад ҳазор бор қоил! Ман, Давид Салимич, фахр мекунам, ки ҳамроҳи ту дар як курс, дар як факультет хондаам. Мана акнун ҳамроҳ кор мекунем. Ту, худат намедонӣ, ки ман чӣ қадарҳо ҳурсанд! О магар ин гапи ҳазл аст. Аз ҳисоби сарфаи пояҳо чӣ қадар пӯлод, ҳазор-ҳазор тонна бетон ба фоида мемонад! Маблағи маош, харҷи нақлиёт, аз ҳама муҳиммаш вақти гаронбахоя намегӯӣ! Э агар ин ихтирои ту ба дигар республикаҳои кӯҳсор паҳн шавад, медонӣ, дар миқьёси мамлакат чӣ қадар фоида мерасад? Не, ту худат тасаввур карда наметавонӣ. Охир ҳамаи Қавказ кӯҳистон, Қирғизистони ҳамсоя худамон барин саросар кӯҳистон, нисфи Ўзбекистону Қазоқистон ҳам кӯҳсор. Кӯҳҳои Карпат, Сибири ғарбӣ чӣ?!

Охир Саидбек бидуни рухсати соҳиби кабинет аз ҷой бархост. Сардор ӯро то ба сари зина мегуселониду ҳамчунон бо ҳарорат ба тавсифаш идома мекард, ваъдаҳо медод, ки дар бораи ихтирои дӯсташ ба рӯзномаю маҷаллаҳои соҳавӣ ва марказии мамлакат ҳатман ва шахсан мақола хоҳад навишт. Бигузор мардум бидонанд, ки дар байни энергетикҳои тоҷик чӣ хел мутахассисони равшанфикр ҳастанд.

Амо Давид Салимич мақола нанавишт. Ин нукта дигар хатто ба ёдаш нарасидааст.

* * *

Саидбек «бистари» худро аз сангҳои халалгор озод ва ҳамвор карда буд. Акнун дигар кори карданӣ ҳам надошт. Зиёда аз ин санг гирифта, ба ҷои дигар кӯчонидан лозим ҳам нест, хуб ҳам нест, балки метавонад қайларо аз маза бигзаронад.

Агар илоҷе ёфт мешуду вазни пайкарро ба ягон муттакои дигар ақаллан қисман вогузоштан имконпазир мегардид, ӯ то ба миён бархоста, бо эҳтиёт ба пеш хам шуда, таки пояшро низ аз сангрезаҳо андаке озод мекард, то як ҳавзаки пургунҷоиштаре муҳайё шаваду фақат пошнаи мӯзаро не, балки ҳамаи кафи пояш, ё агар мумкин бошад, кафи ҳар ду пояшро ба сари он санги наҷотгар андармон кунад.

Афсӯс, ҳоло ин хел шароит нест. Таваккал гуфта, ягон тадбире пеш гирифтан ва ҷони бе ин ҳам ларзонро ба хатар андохтан маънӣ надорад. Санги наҷотгар қисми болои шахе ё харсанги бузурге бошад, ба ҷунбиши ӯ, ба ҷомаи амал пӯшидани нақшаҳои таваккалии ӯ тоб меорад, аммо рафту худ фақат як сангпораи на чандон калоне бошад, ки базӯракӣ дармондаасту муваққатан устувор аст... Он гоҳ, чӣ мешавад? Беҳ-

тараш тоқат бояд кард. Беҳтараш ҳамин фарзияро қабул бояд кард, ки ӯро тасодуф аз вартаи ҳалокат нигоҳ доштааст, ба тарзи китобӣ гӯем, ҷони ӯро дар ин партгоҳ мусоидати тасодуфии мусалласоти* сангҳо, ба паҳлуву таку рӯю дунболи ҳамдигар расида, дар мувофиқати нопойдор даме қарор гирифтани онон зинда медорад.

Аз чӣ пайдо мешаванд ин парахасангҳо? Заминшиносон, кӯҳшиносон, албатта, медонанд. Ана вай шахе, ки Саидбек барои ҳалқаи даҳпудии пӯлодӣ овехтан интихоб кардааст, санги мазбути яклухтест. Пайкари тирагунаш таҳамтани африкоӣ барин бо виқор сар ба осмон кашидааст. Шаҳҳо ва харсангҳои ин соҳил низ аксаран ҳамин гуна матину мустаҳкаманд. Саидбек борҳо рӯзона омада, соатҳои дароз тадқиқу таҳқиқ кардааст. Дар партави офтоб ҷило медиҳанд. Гӯё аз ғурури ҷавонӣ, нерумандӣ, маҳкамӣ ва устуворӣ ҷило медиҳанд.

Лекин ана он шахи болои сараш пир шудааст. Бармаҳал пир шудааст. Эҳтимол, аслан каммадор, камшира будааст. Дар байни одамизод ҳам чунин зотҳо ҳастанд: аз кӯдакӣ заифу наҳиф, ҳамаи умр гирифтори ину он ранҷ ё нуқсон. Хулоса, умр не, як силсилаи бепоёни азияту заҳмат. Ҳатто хишт ё бетонтахтаҳои ба дасти одам сохташуда ҳам ҳар хел мешаванд. Масалан, сад дона тахтасанги бетонӣ оварда, барои пайраҳаи нав ё роҳи мошин фарш мекунанд. Аз ин сад адад чандтоаш ба таъсири обу офтоб, гармову сармо тоб оварда натавониста, ба ҳолаш футур меравад, лекин якбора не, аввал рӯяш доғи нағзак хӯрдагӣ барин ҷӯтур мешавад, сонӣ ҷо-ҷо чуқураку ҳавзак пайдо мекунад. Баъдтар симҳои қафасаш, «қабурғаҳои» танаш намоён шуда, гӯшти боқимондаи баданаш аз ҳам мерезад. Раҳгузарон шабона пешпо хӯрда меафтанд. Хусусан ҷавонон ва духтарони дилдода, ки дар ин айём парвои замину осмонро надоранд. Ҳа, аҷиб аст корҳои дунъё: устои бетонрезе дар заводи масолеҳи бинокорӣ рӯзе аз рӯзҳо аз кори дастгоҳи бетономез фақат лаҳзае бехабар мемонад ва пас аз ду соли дигар ошиқе дар шаби баҳорон ба сими урьёншудаи бетонтахтаи он усто пешпо хӯрда меафтаду дар пеши дилбараш ғарқи ҳиҷолат мешавад...

Аммо шираи он шахи афсурда куҷо рафтааст? Инро заминшиносон медонанд. Дар назари онҳо ҳамаи ин кӯҳу дарьёву даман ҳарфи оддӣ, китоби алифбо барин чизи равшан. Хурдтарин ченаки вақт барои эшон миллион сол... Кӯҳҳои Тоҷикистонро назар ба дигар кӯҳҳо кӯдак мегӯянд ва касе намехандад. Ҷое, ки Саидбек хобидааст, дар дидаи онҳо рӯзномаи кӯҳнаи зарду фитшуда барин манзараи муқаррарист.

Саидбек оид ба сангҳо, доир ба пайдоиши онҳо, умри онҳо,

---

* Тригонометрия

оғозу анҷом, навъҳо, хелҳои онон ягон китоби махсус нахондааст. Ва ҳол он ки аз соҳаҳои гуногуни илм бисьёр набошад ҳам, ба қадре ки ҳамкасбон ва ҳатто муаллимонаш кофӣ мешуморанд, воқиф буд. Аз баъзе бобҳои дониш, аз чӣ сабабе бошад, аз ҳадди лозима зиёдтар китобҳои илмӣ ва оммавӣ хондааст. Чунончи, оид ба ҳавопаймоӣ ва ҳавопаймоён ва дар хусуси ҷуворимакка. Аз таълимоти институт аз боби муқовимати моддаҳо (сопромат) оид ба табиати санг ҳамин қадар дар ёд дорад, ки мазбутии он ба миқдори кварци дар таркибаш омехта вобаста аст ва сангҳо асосан ду хел мешаванд: хоро ва лой. Ва ҳамин нукта ҳам аз он сабаб дар хотираш тахшин шудааст, ки марҳум муаллими сопромат то ба онҳо фаҳмонидани ҳамин боб ва ба хусус мафҳуми кларки аносири химиёвӣ хуни ҷигар шуда буд. Кларки аносир, яъне унсурхои ҳимиёвӣ...

Одамон пешомадашонро медонистанд, бисьёр корхо мекарданд. Ҳазлкаше гуфтааст, ки агар медонистам падарам мемурад ва муфт зери хок мешавад, ақаллан ба як коса сабӯс иваз мекардамаш...

Моҳ баромад. Ҳанӯз курси худаш намоён нашудааст, фақат партаваш ҳо он қуллаи барфинро равшантар кард. Фосилаи байни фиғонҳои чуғз ҳам тӯлонитар шуд. Вай аз равшаноӣ ҳазар мекунад, мегӯянд. Дар талаби омӯрзиши мардумон дарбадар бошӣ, аз равшанӣ канор гирифтанат чӣ маънӣ дорад?

Ранги осмон ҳам тадриҷан тағьир меёбад, аз тираи тор ба нилгуни сиёҳтоб табдил меёбад. Лекин дар домани кӯҳҳо ҳанӯз дигаргуние нест. Аҷаб, одамон аз табиат сол то сол бештар дур мераванд. Пештар аз касе пурсед, ки моҳ чандрӯза шудааст, фикр накарда, ҷавоб медод. Ҳоло аз мардуми шаҳр ба сад кас савол диҳед, ки моҳ чандрӯза шудааст, эҳтимол фақат як-дутоаш посух дода тавонад. Қасеро ба ҷуз мунаҷҷимон ба ҳаракати моҳ коре нест. Вай мусофири ба деҳаи ношинос афтода барин худ ба сари худ тулӯъ мекунад, ғуруб мекунад, нав мешавад, кӯҳна мешавад.

Оё сабаби ба чунин аҳвол афтодани Саидбек низ аз ҳамин қабил нест? Амиқтар фикр кунад, маҳз аз ҳамин ришта аст. Пештар ҳар касе қадам ба пайроҳаҳои душворгузари кӯҳистон мениҳод, пайваста дар ёд дошт: «Аё сайёҳ, дар сари мижгон чу ашк истодаӣ, ҳушьёр бош!». Акнун кӯҳсори саркашро фармонбардори худ кардаем, гуфта бепарво шудаанд. Аз дили кӯҳ роҳҳои васеъ кушодаанд, нақбҳои тӯлонӣ кандаанд, хатҳои нақли электр аз оғӯши абрҳо, ҳатто аз болои абрҳо гузашта, водиҳо, ноҳияҳоро баҳам пайваст мекунанд. Мавзее нест, ки барои автомобил ва ҳавопаймо дастнорас бошад. Агар ин гуна макон ёфт шавад, ба он ҷо вертолёт ҳозир мешавад.

Ана ҳамин нашъаи ғалаба бар кӯҳсори саркаш ҳамаро сармаст кардааст. Саидбекро низ.

Боз як ҳавопаймо аз фазои дара гузашта, ба ҷануб рафт. Инаш, эҳтимол, аз кадоме аз курортҳо меояд, аз дил гузаронид Саидбек. Ҳавопаймоҳои байни шаҳрҳою курортҳо, аз чӣ сабабе бошад, аксаран шабу ними шаб парвоз мекунанд. Саидбек кӯшише кард, ки садои моторро бишнавад. Аммо чизе нашнавид. Пас ба шарфаи наҳр гӯш доду боз садое нашнавид. Чӣ шуд? Оё аз қабати поёни дара шамоли тунде вазида, шуввоси обро ба сӯи водӣ мебарад? Бале, дар кӯҳистон гоҳо ҳамин гуна ҳавои чандқабата муддте ҳукмрон мешавад, ки дар наздикии замин бод сайр мекунаду дар баландии қуллаҳо — сукунат ё баръакс. Аммо боде ки дар поён гӯё мевазад, наход ҳамин қадар тезу тавоно бошаду ақаллан доманаш ба ин ҷо, ба гӯшаи новаи Саидбек хобида нарасад? Панҷ-шаш дақиқа пештар вай садои наҳрро баръало мешунид. Лаҳзаи аввал он ба гӯшаш яқмарому якнавохт мерасид. Лекин бадиққаттар гӯш дода, пай мебурд, ки он садо якнаво нест, балки ба мисли он ки дар китобҳо менависанд, дар воқеъ ҳам дарьё бо соҳилҳои маҷрояш, бо сангҳои сари роҳаш гӯё суҳбате дорад. Гоҳгоҳе одами зинда барин оҳи гароне мекашад ва пас бо ҷӯшу хурӯш аз саргузаштҳояш ривоят мекунад.

Ҳоло шарфаи об куҷо рафт? Чӣ шуд?

Тавба, гӯши худаш маҳкам шуда будаасту....

Саидбек оҳиста ҳаво ба дарун кашид. Ҳангоми фуруди ҳавопаймо тазъиқи фазо пардаи гӯшро мебандад. Ҳаво ба дарун кашед, пардаи гӯш боз мешавад. Барои осон шудани гап «пардаи гӯш» мегӯянд. Аслан ҳеҷ гуна парда-марда нест, гап дар ҳаракати хунест, ки рагҳои сомеаро озуқ медиҳад, гуфт Саидбек дар дилаш гӯё худ ба худ баҳс мекарда бошад.

Шарфаи обро аз нав шунида, андаке биосуд. Аммо худи ҳамон лаҳза диққаташро овози барои ин ҷойҳо ғайримунтазирае ҷалб намуд. Гӯё нолиши ҷонвари захмин барин, ҳатто ба фарьёди шикваомези касе мемонад. Не, одам чӣ кор мекунад дар ин поси шаб? Рост, ки дар он сӯи наҳр, дар канори роҳ кулбае ҳаст. Касе тахмин даҳ-дувоздаҳ сол қабл аз ин санг чида, девор бардошта, хонае сохтааст. Аз афташ, як-ду тобистон он ҷо иқомат доштааст, баъд тарк карда рафтааст. Дар шаҳри калон ҳаводорони табиат зиёданд, дар ҷоҳои хушманзари соҳили дарьё ҳафтаҳо хайма зада истироҳат мекунанд. Ана аз ҳамин қабил одамон яке манзили нисбатан муқимтаре сохтааст, сонӣ ё аз сангрези дара, ё аз сел тарсида, ё худ танҳоӣ ба дилаш зада, онро тарк гуфтааст. Қад-қади Кашолдара гардед, ин хел кулбаҳо, ҳатто хонаҳои калон-калони бесоҳиб мондаро бисьёр мебинед.

Ба кулбаи он сӯи соҳил кайҳост, ки касе сар нахалонидааст. Саидбек худи ҳамин рӯз, не, акнун дирӯз гӯяд дуруст аст,

дирӯз бегоҳӣ аз пайроҳа фаромада, аз дари шалақу ба як часпак овезони вай ба дарунаш нигоҳ карда буд. Коғазпораҳои кӯҳна ва консервқуттиҳои пачақу зангзадае, ки дар фарши хона парешон мехобиданд, манзараи ҳузнангезе доштанд.

Боз кӣ метавонад бошад дар ин қарибиҳо? Вагонаки тахтагини бригадаи Саидбек чаҳор километр поёнтар аз ин ҷо истодааст. Аммо вай ақаллан посбоне надорад, чунки эҳтиёҷе нест ба посбон.

Овози фосиладори ҳавлангез дигар шунида нашуд. Ба гӯшам расидааст, қарор дод Саидбек. Осори танҳоӣ ва нороҳатӣ. Ҳа, ин кори хаёл аст. Ба назари ташнаҳо дар биёбон наҳри пуроб ва бӯстонҳои хуррам, ба дидаи сармозадагон деги шӯрбо ва гулханҳои гарм падидор мешаванд. Саидбек, ки муштоқи садои инсон аст, ба гӯшаш ҳамин гуна овоз даромадааст.

Дарди ҷароҳати зону ва кафи дасташ андак-андак ҳуруҷ мекард. Шояд аз он сабаб, ки ҳаво торафт хунуктар мешуд. Дар ин қитъаи Қашолдара зимистону тобистон ҳарорат назар ба водиҳо, ҳатто назар ба он ҷоҳо, ки фақат даҳ-дувоздаҳ километр ҷанубтар воқеъ гаштаанд, хеле фарқ мекунад. Охир, мана барф, дар ҳамин қарибиҳо. Боз каме болотар биравӣ, ба домани пирьяхҳои ҳазорсола мерасӣ. Бод ҳам аксаран аз ҳамон самт мевазад ва ҳавои сармоолуд меорад.

Ба замми ин шикам гурусна.

Аҷиб, қади умраш чанд маротиба побанди воқеае ё зарурате шуда, дур аз назари мардумон афтода бошад, ҳар дафъа чунон шудааст, ки як чизи ноаёне, гӯё дасти ҳарифи бадғаразе раҳнамуни вай аст ва он рӯз вай ҳатман ё бе ношто мондааст, ё ҳӯроки чошт нахӯрдааст.

Э бас, худ ба худ амр дод Саидбек, шиква ҳам эбаш-катӣ.

Ва ӯ дӯстони худро ба ёд овард. Дӯстонаш чандон ангуштшумор нестанд, шукр, бисьёранд, аммо ӯ маҳз касонеро ба хотир овард, ки симои онон ҳамеша дар соатҳои мушкилтарини ҳаёташ ғайриихтиёр пеши назар мерасиданд. Яке аз онон бобои худаш, Бузург аст. Дигаре як олими қутбшинос, як одами тамом ношинос, аз миллати дигар, аз кишвари дигар, ҳатто метавон гуфт аз он сӯи дуньё, аз нимаи дуввуми кураи арз аст. Саидбек ӯро ҳеҷ гоҳ надидааст, овозашро нашунидааст. Фақат ҳикояти воқеиро дар бораи вай аз куҷое (агар саҳв нашавад, аз маҷаллаи «Огонёк») хондааст. Олим яке аз минтақаҳои Антарктидаро ҳамроҳи шариконаш тадқиқ мекардааст. Баъд аз ҳамкорон ҷудо шуда, ба қутби ҷануб наздиктар рафтааст. Дар яхистони бекасу нопайдоканор ҳаймаяки худро рост карда, ба кораш идома медодааст. Аз қазо дарди кӯррӯдааш мегирад, ҳуруҷи саввум, ҳамлаи охирин ва феълан марговари ин ранҷ мегирад. Ва ӯ дар ҳолате ки аз таби баланд месӯзаду гоҳ-гоҳе беёд мешавад, худашро худаш ҷарроҳӣ мекунад. Бо кӯмаки

-онначаи майдаяк, кордаки тез, як чуръа спирт ва сӯзану ресмони оддӣ шиками худро чок карда, кӯррӯдаро бурида мепартояд ва ҷароҳатро медӯзад.

Саидбек ҳатто сурати он олимро надидааст. Дигар чизе дар хусуси вай нашунидааст. Аммо шефтаи мардӣ ва мардонагиаш шудааст. Рост, зиндагониро барои ту як бор ато кардаанд. Барои он ҳар қадар талош кунӣ меарзад. Дар ин талош бурдборӣ, ҷасорат ва матонат нишон диҳӣ мезебад.

Дӯсти қаринтаринаш, албатта, Бузург аст. Қиссаҳои бобо аз ҳикоятҳои падар, нақлҳои модар, ҳамдеҳагони куҳансоли бобо дар бадали бисьёр солҳо ба ҳам омадаанд. Падар як бор аз ҷавонии падараш нақл кунад, дафъаи дигар воқеаеро аз гузаштаи наздиктар мегуфт. Модар низ ривоятҳо мегуфт. Вале аз нақлҳои вай бештар рӯзгордории бобо, ҳислатҳояш, хусусан дасти кушоди ӯ, тӯи арӯсии модар ва падари Саидбекро ба чӣ тариқа гузаронидани ӯ ва ба ҳамин монанд рӯйдодҳои «даруни хонагӣ» равшан мешуд.

Он чи ки бо чашми хеш дидааст, ба синни панҷсолагиаш дахл дошт.

Пайкари азими Бузург, ки бар иловаи бузургиаш боз сахт варам карда буд, рӯи хонаи ёздаҳболор ва кошинкории бобо ва модаркалон, дар адл мобайни он хона, дар рӯи бистари баланде мехобид, ки онро гӯё аз чил қабат кӯрпаи нарм сохта ва саргаҳашро аз лӯлаву болинҳои зиёде баланд бардоштаанд ва аз паҳлуи чапаш низ ба ҳамин тариқа такья сохтаанд.

Бобо аксаран беҳушу беёд мехобид ва модаркалони сафедчеҳраи сафедмӯй ба даҳони ӯ бо чумчаяк гоҳ атолаи шир ё ҳалилоба мерехт, гоҳе маҳлуле аз кадом як гиёҳи давоӣ. Варами сандуқи синаи бараҳнаи бобо махсусан баланд ва ваҳмангез буд. Аз қаъри синааш хишшаси гӯшхароше берун омада ва аз даҳлезу айвон гузашта, ба рӯи ҳавлӣ ва ҳатто боғ паҳн мешуд. Ҳама нук-нӯки пой роҳ мегаштанд ва бо нимовоз ба ҳам гуфтугӯ мекарданд.

Падари Саидбек сахт ошуфта буд, ки мӯйсафед ба духтурхона бурданашро манъ кардааст. Шахсе ки ҳанӯз чиҳил сол қабл аз ин маҳз аз дасти духтурҳо умри дубора ёфта, пой аз лаби қабр канда буд, чаро ҳоло намегузорад, ки ба табобатхона барандаш? Вай ба ин нуқта сарфаҳм намерафт ва дар айни замон ҷуръат карда наметавонист, ки бар ҳилофи раъи мӯйсафед ӯро аз хона берун баранд. «Ин кори табибон,— гуфтааст мӯйсафед дар кадоме аз лаҳзаҳои ба ёд омадааш.— Шумо хабар диҳед, худашон меоянд. Табибҳо ҳам бисьёр давоҳо доранд...»

Ба хонаи бобо дунболи ҳам гоҳ духтурон меомаданд, гоҳ табибон. Дар соатҳое, ки падар набуд, модаркалон муллоҳои азоимхон, фолбинҳои машҳури музофотро ҷеғ мезад. Бо фар-

моиши онон гусфанди сиёҳи шохдор, мурғи чипори парпо мекуштанд. Ба гӯшаҳои дуру наздик, ба мазорҳо, таки пулҳои сари ҷӯйборон нӯкчаву чароғҳо меафрӯхтанд. Вале ҳамин ки соати баргаштани падар наздик мерасид, модаркалон аз бими таънаю сарзаниши ӯ дарҳол осори хуни ҷонварони қурбоншудаpо аз рухсор ва пешонии ҳамсараш пок мекард.

Саидбекро шавқи бозиҳои аҷоиб ба рӯи боғ, ба кӯча, ба пеши ҷӯраҳояш мекашид. Вале ҳатто дар ҳамон айёми беғамӣ ҳам дилбастагии ӯ ба бобои меҳрубон гӯё аз садоқати калонсолона ранг мегирифт ва ӯ баъзан дар айни авҷи чормағзбозӣ нотобии боборо ба ёд оварда, чормағзҳои ғундоштааш ё дар бозии ҳалол аз ҷӯраҳо бурдаашро ногоҳ ба замин рехта, сӯи хона медавид. Ба хона мерасиду аз паҳлударии даҳлез ба нафаскашии ноорому пуршиканҷаи бобо гӯш дода меистод. Сипас ба хона ворид мешуд, аз пайгаҳи бистари ӯ чаҳорзону зада менишаст. Калонсолон ӯро намеронданд, ба омада нишастанаш монеъ намешуданд, фақат ҳангоми иваз кардани рӯйҷои мӯйсафед ӯро бо баҳонае аз хона мебароварданд.

Рӯз дар миён раиси колхоз меомад. Ва ҳар дафъа як сабадча анорро ба қоши зини аспаш монда меовард ва таъин мекард, ки шарбати онро фишурда, ба ҷои об ба бемор бидиҳанд. Раис ба хона даромада, дақиқае чанд дар паҳлӯи бистари баланди Сангинбек менишаст. Пас ҳангоми баргаштан ба модар ва модаркалони Саидбек мегуфт, ки аз корномаи Сангинбек ҳолу ҳамаи калоншавандаҳои район ва вилоят огоҳанд. Колхоз ӯро ба мукофоти бисьёр калони ҳукуматӣ пешниҳод кардааст.

Миллиционери деҳа низ зуд-зуд меомад ва мепурсид, ки оё тағои Сангинбек андак қувват гирифтанд, оё тобу тавоне доранд, ки ба чанд саволи вай ҷавоб бидиҳанд. Аммо ҳанӯз бемадор ва аксаран беҳуш будани муйсафедро фаҳмида, афсӯсхӯрон ва чуқур-чуқур оҳ кашида, ба роҳи омадааш бармегашт.

Пас аз чандин сол Саидбек яқин дарьёфт, ки бобояш на аз тасодуфи фалокатосор ё аз бепарвоии худ ба зери чархи мошини боркаш монда будааст, балки дуздон, як дастаи калони мавиздуздон нимишабӣ барои муқобилат нишон доданаш, ба сӯи онҳо аз милтиқ оташ кушода, таҳдид карданаш бар болои ӯ мошин рондаанд ва ҳамроҳи козаи ҳасини посбони мавизҷо пахш ва маҷақ карда гурехтаанд.

Ниҳоят, рӯзе аз рӯзҳо модаркалон Саидбекро аз ҷогаҳаш хезонида, дастуру шуёнид ва курта-эзори тоза пӯшонида, ба назди бобо даровард. Бузург бо чашмони пӯшида мехобид. Хаш-хаши нафаскашиаш акнун хеле фурӯ нишаста буд.

— Бобош! — бо овози нарм гуфт модаркалон ва баъд баландтар такрор намуд: — Бобош!

Сангинбек чашм кушода, ба ҳар дуи онҳо нигарист, лабҳои

парсинбастаашро хаёле ҷунбонид, гӯё табассум намуд ва бо имои чашм ба дасти росташ ишора намуд. Онҳо баробар ба дасти пирамард чашм дӯхтанд. Бобо ангуштонашро беқаророна меҷунбонид. Модаркалон фармуд, ки Саидбек сарашро ба рӯи дасти бобо бимонад. Саидбек пешониашро ба пушти дасти бобо ниҳод. Муйсафед бо нӯки ангуштон мӯйсари набераро молид ва чизе гуфт. Модаркалон гӯш ба сари шавҳар наздиктар бурд.

— Саидҷон, бобоят мегӯянд, ки пага-фардо мехезанд. Тукатӣ ба сари кӯча, ба магазини Сочак, сонӣ ба бозор мераванд,— модаркалон боз лаҳзае ба рӯи ҳамсараш чашм дӯхта нишасту баъд оби дидагонашро бо нӯки қарсаш пок карда, гуфт: — Биё, бачаам, наздиктар шин, худат гӯш кун.

— Бек, ту писари майдаяки бобош,— гуфт пирамард ва чуқур нафас кашида, муддате хомӯш монд ва боз гуфт: — Ту ҷонаки бобош, Бек...

Саидбек дар кӯча мавридаш ояд, бо сари баланд, бо ифтихори ошкоро ба писарбачаҳои Сочак эълон мекард:

— Бобои ман аз ҳама зӯр!

Ҳамсинҳояш ба рӯи ӯ нигоҳ мекарданду чизе намегуфтанд, баҳсу талоши пурҳарорате, ки одатан дар дигар мавридхо, дар миёни дигар бачаҳо меафтод, ин ҷо ба вуқӯъ намеомад. Ҳама хомӯшона эътироф мекарданд, ки бобои Саидбек воқеан зӯртарини бобоҳост.

Ҳа, ба тарбияи Саидбек падар ва падари падар баробар машғул буданд. Аммо падари падар, ҳамон Бузурги меҳрубон дар хотири ӯ нақши равшантаре гузоштааст.

Вай аз синфи саввум ба таътил баромада буд. Як саҳарӣ баъди ношто бобо аз ӯ пурсид, ки оё мехоҳад ба саёхати Ҷом ҳамроҳ бираванд?

— Ҷом дар куҷост? — савол дод писарак.

— Дар куҷо? Дар тарафи офтоббаро.

— Меравам.

Бузург кайҳо боз аспсаворӣ намекард: савории асп ва нигоҳубини он ташвиши бисьёре дошт. Он солҳо бобо хари сафеди калоне дошт, ки қаду басташ баробари хачир ва дар кӯчаҳо ангуштнамои роҳгузарон буд. Вақте ки ӯ хари худро қашав ва ҷорӯб мезаду маркабаш қаноатмандона бинӣ афшонида, пой дар замин мекӯфт, Бузург аз чӣ гуна ҷои хушобу ҳаво будани Ҷом, аз урфу одати мардуми меҳмоннавози он, аз чӣ гуна осиёбу обҷувозҳо доштани он нақл мекард.

Сипас маркабро об дода, ба сутуни собот баст ва ба охураш ҷав рехту... пиёда аз дарвоза берун шуд. Писарак ба тааҷҷуб афтод. Аммо дар шигифт мондани худро зоҳир накард. Фақат пас аз соате, гоҳе ки ба роҳи фароҳи мумфарш баромаданд, оҳиста савол дод:

— Бобочон, то Чом чӣ қадар роҳ?

— Се санг, писарам.

Бузург барои ифодаи ченаки вазну масофа қадоқу пуд, сангу фарсаҳ барин истилоҳҳои қадимаро ба кор мебурд. Мамлакатҳо, минтақаҳоро низ бо исмҳои пешинаашон ном мебурд: Чину Мочин, Шому Сарандеб, Руму Фаранг ва ҳоказо. Аммо агар ӯ «то Чом бисту ду километр роҳ аст» мегуфт ҳам, Саидбеки даҳсола аз дусар намефаҳмид, ки ин чӣ масофаест. Ин нахустин саёҳати калони пиёдаи ӯ буд ва ӯ фақат фаҳмидан мехост, ки оё дар ягон чо ақаллан ба аробае савор намешаванд?

Роҳи васеи мумфарш аз мобайни киштзорони пахта, тамоку ва чуворӣ гузашта, тирсон рост ба сӯи кӯҳсори ба тумани кабуд печида мерафт. Бобо мегуфт, ки Чом дар домани ана ҳамон кӯҳи кабуд чой гирифтааст. Тахмин ду соати аввал Саидбек сабук ва чолок роҳ мепаймуд. Наҳрҳо, пулҳо, чойхонаю магазинҳои сари роҳ, тӯбсадаҳои азим, ҳавзҳои пуроби атрофашон сафедорзори назди ҳар гуна бошишгоҳҳоро бо шавқ тамошо карда, хушҳолона қадам мезад. Баъд хаста шуд.

Онҳо аз пайраҳаи канори роҳ мерафтанд ва Бузург аз ҳар гуна воқеаҳо ва одамони ғалатии замони пеш ҳикоят мекард. Чизҳои мароқоваре нақл мекард, чунки вай, охир, асри гузашта бе... дуньё омада буд ва бисьёр одамон, шаҳрҳо, деҳаҳо ҳодисаӯ бо чашми худ дида буд.

Бобо хӯрчини хушранги ироқӣ дар китф аз паҳлуи ӯ бар...м ва солорона қадам мезад. Аз тарҳи зоҳирии паллаҳои хӯр...н, аз таранг ва зич ба сари китф хобидани васати он аён ...бд, ки ин дафъа низ ғайр аз тӯшаи роҳ вай қариб ҳамаи ас...бобҳои гарони пӯлодини касби чувозсозӣ ва сангтарошиашро ҳамроҳ мебарад: чанд навъи дасттеша, чанд хели болғаҳои качдами сангтезкунӣ, исканаҳо, кӯбаҳои рангубарангашро низ бар дӯш бардоштааст. Одати деринааш ҳамин аст: хоҳ касе ба коре даъват карда бошад, хоҳ не, ҳамин ки аз остонаи хонааш берун шуд, анчоми устоиашро низ бо худ мегирад.

Аз роҳ ба ин сӯву он сӯ мошинҳо дартоз мегузаштанд ва дар байнашон автобусҳои мусофиркашон низ буданд.

— Бобочон, ба Чом автобус намеравад? — ниҳоят ошкоро савол дод Саидбек.

— Меравад, Бек, лекин мо бо пои худамон меравем. Мову ту, шукр, бӯзбала-ку! Пиёда гаштан лозим, Бек. Ин дуньё бисьёр, бисьёр васеъ. Фақат пиёда гашта, сайр карданаш мумкин. Ба ҳаёли мани пир ҳамту.

Аз паҳлуи онҳо аробаи чорчархаи качовааш бағоят калоне гузашта мерафт, ки махсус барои бедакашонӣ сохтаанд. Аробакаш дар болои ғарами баланди хасбеда баҳузур нишаста, този-

ёнаи дарозеро алвонҷ медод ва ба ҳавои помонии аспонаш сурудеро замзама мекард. Писарбачае низ дар теппаи ғарам бо ҳаловат меёзид ва ба Саидбек назараш афтода, лабу даҳонашро каҷ карда, масхара дод.

Саидбек хам шуда, кулӯхеро аз замин бардошт, аммо бобо ӯро даст гирифт:

— Мон, Бек, намеарзад. Вай кӯдак, ту йигити калон.

Саидбек кулӯхро ба мурдоби найзор ғурронид ва хониши қурбоққаҳо лаҳзае катъ гардид.

Бобо таклиф намуд, ки дар сояи дарахтони лаби ҷӯй як дам нишинанд. Фармуд, ки Саидбек батинкаҳояшро барорад. Поҳои ӯро аз панҷа то пошна бо диққат аз назар гузаронид ва ризомандона сар ҷунбонида гуфт: «Нағз, Бек, офарин, ту ҳақиқатан писари худам».

Саидбек гуфт, ки мехоҳад аз он ҷӯй об бинӯшад.

— Боз камтар сабр мекунем, Бек. Баъди ним санг роҳ чашма мебарояд. Чашмаи соф. Ҳам об менӯшем, ҳам наҳорӣ мехӯрем.

Шабона дар хонаи ошнои бобояш Саидбек таб баровард. Байни ронҳои писарак суп-сурх гӯшт гашта, ҷо-ҷо пӯст партофта буд. Бузург ва ошнояш, ки пирамарди зиндадили чобукҳаракате буд, аз чи гуна гиёҳҳо ва равғанҳои давоӣ марҳаме сохта, ба ҷароҳати сӯзишкунандаи Саидбек мемолиданд. Саидбек ба андоми бобо, риши паҳни баҳам печидаи вай менигарист ва ба назараш чунон менамуд, ки ӯ Саидбек не, балки худи бобояш Сангинбек асту дар адл миёнаи хонаи калон хобидааст ва аз синаи варам карда, боло дамидаи вай хишшоси баланде берун рафта, ба атроф паҳн мешавад, то ба дараҳои кӯҳсори кабуди Ҷом мерасад.

— Аз ҳама зӯртар аст бобои ман! Сангинбек — бобои ман! — дар оташи таб сӯхта, алоиомез фарьёд мекашид Саидбек.

— Дарди туро гирад бобоят, ақлаша хӯрдааст бобои ту Сангинбек! — мегуфт пирамард рӯ ба дигар сӯ гардонида.— Мушт барин кӯдака ҳамин қадар азият дод бобои аҳмақат,— боз мегуфт ӯ оби биниашро ба рӯмоле сахт афшонида.

Қариби бомдод таби Саидбек фаромад. Ва ӯ ҳис кард, ки бобо бо кафи шахшӯлаш тахтапушти ӯро мемолад ва дар хонаи торик ҳамчунон худашро худаш сарзаниш мекунад.

— Обутоб медиҳам гуфта, қариб бачая кушта будӣ, пири гаранг. Ҳа, ҳа, пири гаранг!..

Дар зарфи ду шабонарӯзе, ки дар Ҷом буданд, пои Саидбек сиҳат ёфт. Ва онҳо боз бо ҳамон роҳ, боз ба ҳамон тариқа ба хона баргаштанд. Дар бозгашт Саидбек дигар баробари бобо бардам қадам мезад.

* * *

Чаро моҳ аз рӯбарӯяш, аз самти подарозкардааш набаромада, аз тарафи чап тулӯъ кард, аз шарқ неву аз шимол баромад?

Осмони пурситора мисли тасмаи паҳни зарринкӯб менамуд. Саидбек фавҷи ситораҳоро қитъа-қитъа аз назар гузаронида, дар каноре Ҳафт додаронро дарьёфт, ки ҷойгардони сарозер овезон барин менамуд.

Ба вай чӣ шуд? Фаромӯш кардааст, ки ҷои ба ин варта афтодаи вай дар гардишгоҳи наҳр воқеъ гаштааст. Маҳз дар ҳамин ҷо маҷрои наҳр ба рост тоб мехӯрад ва тахмин чаҳорьяки фарсаҳ на аз шимол ба ҷануб, балки аз шарқ ба ғарб меравад. Маҳз ҳамин хамгашти танги дарьё лоиҳакашонро ба ташвиш андохта, интихоби навъи пояҳо ва ҷои поясозиро мушкил карда буд. Ва аз тарафи дигар, қабули нақшаи Саидбекро дар хусуси сохтани овеза ба ҷои пояҳои муқаррарӣ осонтар гардонида буд.

Ҳа, дуруст, Саидбек пой бар ҷанубу сар ба шимол афтодааст.

Нахустин бор дар зарфи чанд соати пурзаҳмат ҳис кард, ки лабаш ба табассум моил мешавад. Ба ҳар ҳол содда аст Саидбек. Қариб буд ба гумоне ояд, ки имшаб моҳ роҳи ҳазоронсолаашро тағьир додааст. Ба хотири чӣ? Барои ҳамдардӣ ба вай, ки ба ин вазъи ногувор афтодааст?

Садои ҷуғз ҳам дигар ба гӯш намерасад. Ё ба мисли duздони шабрав ба шикори шабонааш рафтааст, ё ба ҷои дигар. Бад нест агар ба ҷоҳои дигар рафта бошад. Бигузор ба қитъаҳо, ба кишварҳои дигар биравад, ба мавҷудоти олам бигӯяд, ки дар талаби афв омадаам, биёмурзедам. Бесуд нахоҳад буд.

Моҳи пурраи шомхӯрда хеле баланд баромадааст. Пас, шаб аз нима гузаштаст. Тоқат кардан лозим. Тоқат кардан метавон. Саидбек метавонад. «Ту, Бек, писари худам» — борҳо гуфтааст бобояш Сангинбек. Ҳеҷ қисса не, рӯз ҳам мерасад, агар касе ба имдодаш наояд, худаш ҷорае хоҳад ёфт. Мушкиле нест, ки осон нашавад, мард бояд, ки ҳаросон нашавад, гуфтааст шоире ва азбаски хуб гуфтааст, мардумон ин байтро аз вирди мудом ба масал табдил додаанд.

Ана он тарҳи чаҳоргӯшае, ки дар теғаи кӯҳи Арча дар торикӣ ба назараш хонаи вайрона барин менамуд ва ба дилаш ҳузни илова меафканд, акнун дар партави моҳ айнан ба ғарами беда шабоҳат пайдо кард ва ғарами бедаи айёми ошиқиашро ёдрас шуд. Ҳамон хирманеро, ки дар канори деҳаи Нигор дар қарибии говхонаи колхоз воқеъ буд ва чандин маротиба барои ӯ чун паногоҳ, ҳатто боре ҳамчун ҷои мулоқот бо Нигораш хидмат кардааст.

Аз ин андешаҳо дилаш оромид ва ӯ ба худ аҳд кард, ки чун ҳоло ба ҷуз ёдоварии рӯзҳои гузашта дигар шуғле надорад, ҳатман аз бобҳои гуворои умраш ёд хоҳад кард. Зиндагонии бобояш аз ҳамин қабил бобҳост. Ҳатто онро сарогози дафтари умраш метавон донист.

* * *

Сангинбек аз устоҳои номии музофоташ буд. Танҳо худ ба чандин ҳунар мумтоз ва ҳар кадоми онро ба субут расонида буд. Обҷувоз месохт, ҷувози равғанкашии аспӣ ва обӣ месохт, санги осиёб метарошид. Боз ӯро Сангинбеки шонатарош ҳам мегуфтанд. Лекин шонаи тайёр наметарошид, балки танаҳои сада, тут ва ё шамшодро аз деҳоти атроф, аз қишлоқҳои дур харида, дар ҳамон ҷо арра мекарду ба хонааш мекашонид ва баъд ҳар кадом ғуларо ба садҳо қисмат ҷудо карда, ба шаклу андозаи шонаи урфии дудамаи занона тахтаҷаҳо метарошид ва ин масолеҳи нимтайёрро соле се ё чаҳор маротиба ба шаҳр оварда, ба шонатарош месупорид.

Рӯзе аз деҳаи ҳамсоя ҳаста шуда омад. Он рӯз кундаи ҷувоз шинонида буд, ки хотима ва масъулиятноктарии бахши ин кор ба шумор мерафт.

Сангинбек кундаҳоро аз қисми поёни танаи мазбути дарахтони бузург метарошид. Аввал таки кундаро аз решаҳои дарозу дурушташон озод карда, рост ва устувор мегузошт ва дар болояш борхона меканд. Яъне ҳавзакеро, ки зағир ё кунҷидро барои пош нахӯрданаш ҳамроҳи пунбадона ё паҳоли нарм мерезанд. Ҳамон ҳавзае, ки гарданаи тири ҷувоз давр зада, равғани зағирро афшурда мебарорад ва кунҷораашро ба шакли танӯраки подарҳаво сахт мекунад.

Сонӣ дар зери борхона равғанхона, ба иборае «камар» меканд, ки он ҷо ҳам нӯки тир ҷой мегирад, ҳам равғани полонда ғун мешавад.

Бобо ҳамаи ин корҳоро бо як тешаи тези кӯтоҳдастаи дуредгарӣ ва ду навъи искана анҷом медод. Дар кандани хоки ҷувозхона, ки аз сатҳи замин одатан як қади одам поёнтар мешавад, дар тайёр кардани кундаҳона ва сохтани суфаҳои борионаки атрофи ҷувоз соҳиби кор, ё ҳашарчиён, ё мардони дигарро кор мефармуд, зеро дар ин маврид ба ҳунари хоса ниёзе набуд.

Инак, ҳамаи корҳо анҷом ёфта буданд ва Сангинбек ба кундашинонӣ омода мешуд. Ҳанӯз дина бегоҳӣ дар хона палави равғани думба фармуда, муддаои табъ хӯрда буд ва, ба қавли худаш, «дами палав ҳоло баланд» буд. Бинобар ин чоштгоҳ фақат бо як коса мосту як дона фатир қаноат кард.

Ҳар гоҳ ки Сангинбекро кори зӯрталаб ё мураккаб, ё сафа-

ри муҳимму мушкиле дар пеш бошад, тоату ибодати одатиашро бо ҳавсалаи том адо менамуд. Вале он рӯз нагузоштанд, ки бо анҷоми намози пешин ба тарзи дилхоҳаш машғул бошад. Ҳанӯз қисмати фарз ба охир нарасида, дар паси девори боғ саворе пайдо шуд, номи ӯро гирифта фарьёд кард. Вай саргарми ибодат буду бо як гӯш мешунид, ки дар атроф чиҳо мешавад. Соҳиби ҳавлӣ гуфт, ки усто ба намоз нишастааст. Савора аз аспаш нафаромад. Аспи тасфида зери дасти савори бетоқат беқаророна пой мекӯфт, шеҳа мекашид, фулузоти зину лаҷомашро чарангос занонида, сар меафшонид, дар ҷояш пойкӯбон чарх мезад.

«Боз омаданд» бо ғусса ва кароҳат аз дил гузаронид Сангинбек. Фотиҳа монда, ба дари ҳавлӣ баромад. Йигити хушмӯйлаби саллаву ҷомадор, яке аз дастьёрони Исломбек ҳамчунон болои зин менишаст.

— Усто, бек фармуданд, шуморо ба ҳузурашон мебарам.

«Мебарам» мегӯяд шаҳбоз, бо заҳрханда аз дил гузаронид Сангинбек ва ҷавоб дод:

— Худам меравам. Сонитар.

— Бек фармуданд, ки зуд меорӣ.

— Корам нотамом аст.

— Кори дуньё тамомӣ надорад, усто. Бек хафа мешаванд.

— Кори имрӯзаам нотамом мемондагӣ не. Кунда тайёр, мешинонам, сонӣ меравам.

— Бек хафа мешаванд, усто. Қарзи ман гуфтан буд, лекин, усто, бек сахт хафа мешаванд.

— Ман ҳам пир дорам, ошно, тадбир дорам.

«Оббо, якта кунда будааст» норозиёна ғурунгос зад дастьёри бек ва аспи бе он ҳам масташро тозиёна зада, чанги кӯчаро ба ҳаво хезонида рафт.

«Дина ҳам чеғ зада буд бекаш. Нарафтам. Чӣ кард? Ҳеҷ. Боз намеравам. Кораш бошад, худаш биояд, дар дил қарор дор Сангинбек. Дузди дируза, як авбоши айёш имрӯз ба сари халқ ҳуқумат ронданист. Говдузд...».

Аз нек шарофат, аз бад касофат. Кор ба таъхир афтод. Як гӯшаи дилаш торик шуду пас аз баргаштан ба назди ҷувозхона дарҳол ба кораш идома дода натавонист. Одате дошт, ки кунда ҳар қадар бузургу гарон бошад, ба танҳоӣ мебардошт. Дари ҷувозхонаҳо якта̄бақаи оддианд. Кундаро дукаса бардоранд, аз эҳтимол дур нест, ки чизе ба ҳамвор гузаштан аз дар халал расонад. Назми бори понздаҳ-шонздаҳпуда халал пазирад, метавонад нохушие пеш оварад: кас дар таки ин хел кунда бимонад, ҷон ба саломат наҳоҳад бурд.

Даҳ-дувоздаҳ нафар ҳангоматалабон ҷамъ омада буданд. Мардум чӣ навъ огоҳ шудаанд, ки дар фалон ҷой ҷувоз мешинонанд? Хайр, гуфт Сангинбек, дар дилаш, ҳосияти деҳот ҳа-

мин. Хоҳ бигӯй, хоҳ не, медонанд, ки фалонӣ буқаашро кай ахта мекунад, осиёб кай буд мешавад, ба қишлоқ аз кучо ва ба хонаи кӣ табиб омадааст. Кадом воқеа, ки бошад, тоза бошад — шуд, албатта мавриди тамошо ё ақаллан мавзӯи суҳбат ва мубоҳиса мешавад.

Сангинбек домани чомаашро бар зада, аз он болинаке сохт ва дар болои камараш аз пас устувор намуд. Аз болои он чули нармеро дуқат карда, аз сари китф то миён партофт. «Ё пирам, мадад кун!» пичиррос зад зери лаб ва бо овози баланд «Омин!» гуфта, даст ба рӯй кашид. Шаш нафар аз атрофиён низ омин гуфта, кундаро бардошта, бар тахтапушти ӯ ниҳоданд.

Ҳаждаҳ-бист қадам масофаи байни кунда ва дари чувозхона тай шуд. Акнун аз остона то ба мобайни чувозхона даҳ қадам роҳи нишеби душвор монда буд. Аз дили Сангинбек гузашт, ки қосиди бек бемаҳал омад, хонасӯхта. Омаду ҳавоси ӯро парешон карду рафт. Сангинбек ҳис кард, ки кадоме аз раг ё пайҳои камараш хаёле чиззас мезанад. Пошнаи чапаш ҳам ҳангоми гом ниҳодан аз тазъиқи бор зирқ-зирқ нолиш мекунад.

Дар як он дилашро ваҳм зер кард: агар пояш саҳле биларзад, бор яктарафа меравад ва чуссаи ӯро пахш мекунад. «Пирам, даст бигир!» ба такрор илтичо намуд дар дил ва муддате аз роҳ бозмонд. Атрофиён дам ба дарун кашида, сокит меистоданд. Ба усто чунин менамуд, ки муддати зиёде дар ҳамин ҳолат шах шуда рост истодааст ва аз пайраҳаи нимторики сарнишеб чашм намеканад. Ниҳоят ором ва чуқур нафас кашиду ба худ гуфт: «Ҳеч воқеа нашудааст. Қосиди шум омад, омаддия. Ба пеши бекаш нахоҳам рафт. Ба бекҳо хизмат мекунам, гуфта ваъда надодаам. Аз онҳо некие дида, қарздор нашудаам. Одами ба раҳам ростам. На аз инаш муттаҳам, на аз онаш дия. Ба пеши бекаш нахоҳам рафт. Ба бекҳо хизмат мекунам Худи фардо меравам...»

Инро гуфту дилаш таскин ёфт. Ҳушу ёдашро ба як нукта — ба зарурати ҳамвор тай кардани хафт-ҳашт қадам пайраҳаи боқимонда равона кард. Ва кунда ба чояш расид, ба «хонааш» фаромад. Ба таъбири худаш, «бисьёр нағз нишаст».

Шабона бо вучуди ҳастагӣ дергоҳе хобаш набурд. Андешае ором намегузошт, ки синнаш аз сӣ гузаштаасту баъзе корҳояш ҳанӯз хоманд. Як тарафи зиндагониаш нооpом. Аммо чӣ илоч? Табиаташ ҳамин хел: кореро дилаш накашад, дасташ ҳам намеравад, пояш ҳам намекашад. Ба чамоат хизматаш лозим шавад, боре дар умраш гардан натофтааст. Мана, даъваташ карданд, пули Равонакро дар як ҳафта аз нав сохта дод. Ҳамон пулеро, ки одамони бек оташ зада буданд. Аз рӯи сitеза ба ҳукумати нав. Ба лашкари ислом аз сар катӣ нашуд, акнун чаро шавад? Аз ӯҳдаи роҳбалад шудан мебарояд, албатта. Ро-

ҳи наздиктарини байни Сочак ва Қаротоғро панч панчааш барин медонад. Ҳанӯз пеш аз инқилоб, бистучорсола буд, корвони ду олими харитакашро роҳнамо шуда буд. Тоҷири қашқариро низ бо хару ҳингилаш ҳидоят карда буд. Аммо онҳо бо нияти хайр мерафтанд. Ҳоло бо фармоиши аскарҳо пулеро соз кунӣ, ҳомиёни шариатро намефорад. Бо супориши саркардаҳои лашкари ислом коре бикунӣ, ба одамони ҳукумат сахт мерасад. Беҳтараш гӯшата ба кори андозӣ.

Аслан бо ягон кас, ақаллан бо чӯрааш Рустам маслиҳат мекард, бад намешуд.

Сонӣ хаёлаш ба андешаҳои дигар банд шуд, ки вай онҳоро фикру хаёли мушкили пургиреҳ мешуморид. Чаро худованд бадонро чазо намедиҳад? Магар муроди ӯ аз ҳалқ кардани инсон шарофати вай, манфиати вай, инсони мукаммал шуда, дар чамъияти хамқавмони худ бо кори неку номи нек зистан нест? Агар ин тавр бошад, чаро парвардигор ин қадар бисьёр зотҳои бадху, дурӯя ва дилсиёҳро офаридааст, ки рӯзгори дигаронро тира месозанд? Агар бидуни раъи ӯ як тора мӯе аз сари банӣодам кам нашавад, агар ба дуньё омадану рафтани лаки дар лак одамон ба иродати вай вобаста бошад, агар он яздони пок дар ҳама чо ва ҳамеша ҳозиру нозир бошад, пас чаро бо ин ҳама иқтидор ва тавоноӣ коре намекунад, ки хунрезӣ камтар шавад, шикваи бенавоён бикоҳад, мардуми заҳматкаш ақаллан муддате биосоянд?

Муллоҳо ба ин гуна саволҳо посух дода мегӯянд, ки офаридгор дидаву дониста ҳамин тавр мекардааст, то имони бандагонашро биозмояд, эътиқоди ононро бисанчад ва баъд дар охират, дар он дуньё мувофиқи амал мукофот диҳад. Боз ҳамон гап, ҳавола ба охират, ба он дуньё...

Дар ин чои андеша дар дили Сангинбек шубҳае пайдо шуд, ва ӯ ба хотир овард, ки аз ин пеш ҳам борҳо ба идроки ин муаммо даст зада, ба кӯчаи сарбаста даромада буд. Ба худ гуфт, ки бо андешаҳои носавоб машғул шуд, бо фикру андешае, ки барои мӯмину мусулмон манъ шудаанд. Ӯ ба паҳлуи дигар гашт ва оёти пеш аз хобашро аз ҳарруза бештар такрор намуд.

Ними шаб тақ-тақи дар бедораш кард. Ҳамонҳо, аз дил гузаронид Сангинбек. Халосӣ нест, аз афти кор. Дасттешаро аз таки яктаҳ ба миёнбандаш гузаронид. Усто нахоҳад, ки асбоб доштанаш аён шавад, онро ба тарзе эҳтиёт мекунад, ки то напалмосӣ, пай намебарӣ. Дилаш гувоҳӣ медод, ки беаслиҳа набояд берун равад. Кордҳои нағз дорад, яктааш дудамаи дастааш тобдори устухонист, ки онро чандин маротиба ба сафарҳои дур ҳамроҳ бурдааст. Аммо аз чӣ сабабе тешаро гирифт. Шояд аз он сабаб, ки маълум аст дар ин поси шаб кӣ омадааст, лекин яқин нест, ки барои чӣ омадааст.

— Бек омаданд, усто. Худашон омаданд. Шуморо мунтазиранд,— гуфт касе аз ғуши торикӣ. Ин овози ҳамон дастьёре буд, ки рӯзона ба сари кораш рафта буд.

— Қанӣ он кас?

— Он ҷо, дар тутзори лаби ҷар.

Шаб чунон торикистон буд, ки каси дигаре мешуд, як қадам пеш рафта наметавонист. Сангинбек бо эътимод қадам мегузошт. Ҳар як ваҷаби пайраҳаҳои боғаш, боғи ҳамсоя ва рафиқаш Рустам, боғҳои атроф, пасту баландиҳои ҷари ҳилват ва тутзори ба он пайваста барояш ба мисли кафи даст озмуда буд. Бале, эътимодаш аз он буд, ки роҳ воқеан шинос аст ва боз дар он буд, ки вай, Сангинбек, дар пеши одамоне, ки ӯро ду рӯз инҷониб ором намегузоранду ҳоло нимишабӣ аз бистари хоб бардошта, ба куҷое мебаранд, дар пеши ин одамон гуноҳе надорад. Рост, ки талаби онҳоро ба иҷро нарасонид, дастаи фиристодагонашонро ба роҳи пурхатари кӯҳистон, ба роҳе ки аз чандин дара, ағба ва ҳаму кӯталҳои силсилаи Зарафшон гузашта, ба Ҳисори шодмон мебарад, ҳидоят накард ва нахоҳад кард. Дигар роҳбаладе эътимодбахше наёфтанд, магар, ки аз домани ӯ ин қадар сахт доштаанд.

Сангинбек пешопеши навкари Исломбек қадам мезаду хаёл мекард, ки ин одамон ба вай зарар нахоҳанд расонид, зеро агарчи ба ҳукумати нав ва кордориҳои аввалини вай таваҷҷӯҳ дорад, ошкоро ба он тараф нарафтааст. Сониян, вай аз ҳунармандони баобруи ин музофот аст. Ба хуни чунин кас зомин шудан бадномӣ меоварад. Агар аз гарданшаҳиҳои ӯ бисьёр дарғазаб шуда бошанд, гӯшмоле медиҳанду бас.

Ҳамин тавр фикр мекард худ ба худ Сангинбек, чунки аз воқеаҳои охирини дохили дастаи Исломбек бехабар буд. Ғофил буд, ки он воқеаҳо бо номи вай, бо гардантобии вай аз фармоиши бек вобаста буданд ва як қисматашон бо хунрезӣ анҷомид ва боз тақозое дошт, ки хуни тозае бирезад.

Даста дар деҳаи канори шаҳр базме дошт. Базми ноором ва ошуфта, маҷлисе, ки буньёдаш на дар созгор омадани корҳо, балки бештар дар ноомади онҳо буд. Йигитҳо мусаллас менӯшиданд ва маслиҳате доштанд, ки ба назди Иброҳимбек, аниқтараш ба деҳаи Ҳакимӣ дар Ҳисори шодмон кӣ меравад? Роҳи душворгузар, вале наздиктари кӯҳистонро роҳбаладе хубе лозим аст. Вагарна эҳтимоли дар ягон вартаи хатарнок нобуд шудан вуҷуд дорад, чунки дар ҳамин роҳи нисбатан хилват ҳам ба аскарони сурх ё ҳавохоҳони онон дучор метавон омад. Роҳбаладе хубтарин дар ин гирду атроф усто Сангинбек аст, ки аз амри бек гардан метобад. Умуман вай ҳамин хел зоти ноасл аст, фақат ба каси дилхоҳаш ҳамтабақ мешавад, фақат ба кори дилкашаш камар мебандад.

Роҳи калону ҳамвортари Китобу Ғузору Бойсун пур аз «гӯшу чашми» ҳукумати нав аст.

Чӣ бояд кард?

Гӯё охирин хуми мусалласи зӯри шашсола кӯмак кард: қарор доданд, ки ҳар чи бодо бод, бо роҳи ҳамвор вакил фиристода шавад. Дунболи хам ду вакил роҳӣ карда шавад. Иншооллоҳ, ба манзили мурод ақаллан яктоаш хоҳад расид. Ҳа, масъалаи иттиҳоди дастаҳои парокандаи ҳомиёни шариатро ҳар чи зудтар бояд ҳал кард. Ҳукумати нав рӯз ба рӯз қувват мегирад, майдони ҳарб торафт тангтар мегардад, агар чунин аҳвол боз муддате давом кунад, дастаҳои парешон ҳатто дар қароргоҳи худ паноҳе наёфта, маҳв хоҳанд шуд.

Оре, хуми мусалласи кӯҳна ба зудтар пухтани маслиҳат мадад расонид. Қарор шуд, ки бомдоди дигар фалонӣ ва фалониҳо ба роҳ мебароянд. Муаммо аз байн рафт, аммо аз қадим маълум аст, ки шароб дар ҳалли як муаммо кӯмак кунад ҳам, ба майлу ихтиёри худ муаммои тозае ба миён меоварад. Хусусан, ки айшунӯш ҳамчунон давом мекард, балки аз бояси кушоиши кор ба авҷи тозааш расида буд. Инак, дар оғози поси дуввуми шаб, қарибиҳои фароварди базм муовини Исломбек, дасти рости ӯ дар ҳамаи корзорҳо аз таъсири май ё аз ҷасорате, ки дар ниҳодаш фаровон буд, ба киноя гуфтан сар кард. Сонӣ бекро ном набурда, таъна зад, ки аз фориғболии баъзе йигитҳои бегурда фурсати зиёде барабас рафт.

— Йигитҳо ном надоранд? Қадомаш бегурда? — ногаҳон хун ба сараш давида ва саропо тасфида бонг зад Исломбек.

Шароби фаровон гӯё маҳаке буд, ки занги деринаро зудуда, қимати асли сангҳоро падидор менамуд. Мунокиша рангу оҳанги ошкоро мегирифт. Аз як гап гапи дигар бармеомад, ки аз пешина сахттар, талху тундтар буд.

— Муттаҳам! — гуфт ниҳоят бек ба муовин.— Медонам, нағз медонам, ки миёни йигитҳо тухми низоъ мекорӣ. Мақсадат ҳам равшан: худат бек шудан мехоҳӣ.

— Ту ба ном бек... бошӣ, ман чӣ кунам? Худат муттаҳамӣ, ки як шонатарош фармоната ба ду пули пуччак нагирифт.

Бек хомӯш шуд. Ҳама хомӯш шуданд. Дигар аён буд, ки яке аз ин ду саркарда аз ин меҳмонхона зинда нахоҳад баромад. Пас аз дақиқае яке аз калонсолтарон гӯшаи дастархонро қат карда, аз ҷояш бархост, қадаме ба пеш гузошт ва гуфт, ки дар чунин замонаи алғавдалғав ҳама бояд батоқату пурбардошт бошем. Ба хотири иттифоқ ҷамъ омада будем, ману туву туву ман накунем, аз як гиребон сар бароварем...

Сухани маслиҳатомези вай таъсире набахшид. Бек сар боло карда, чашмони хунгирифтаашро ба муовин дӯхт ва бо овози пасти пуртаҳдид гуфт:

— Тавба мекунӣ! Худи ҳозир.

Вай худро дар канори партгоҳе медид. Дар калимаи «шонатарош» таҳқири сахте ҳис карда буд. Номи асбоби ороиши занон дар назараш ишораи ғайримустақиме дошт ба заъф, ба сустиҳои мардони зантабиат. Агар тавба накунад, аз бекии Исломбек осоре нахоҳад монд.

— Аз роҳи рост намегарданд! Дар кори ҳақ тавба ҳаром аст,— паст наомад муовин ва даст бар бағали ҷомааш бурд, ки он ҷо аслиҳааш мехобид. Вале дасти ӯ ба дастаи револьвер нарасида, садои тир фазои хонаро тарконид.

Ҷасади муовинро бардошта, ба айвон баровარданд. Исломбек ба дастьёраш ва се нафари дигар амр дод, ки худи ҳозир ба Сочак меравед, Сангинбекро аз бистараш бардошта, ба қатл мерасонед. Лекин бе шавқуну фарьёд, бидуни тирандозӣ.

Сангинбек аз ин ҳодисот ғофил буд. Ва он чи ки ҳамагӣ дар чанд дақиқаи ин шаби зулмот пас аз боло баромаданаш аз пайраҳаи хористони ҷар руй дод, низ барояш аз лаҳзаҳои даҳшатнокарини умраш буд, ки чӣ шуданашро баъдтар ҳарчанд зӯр занад ҳам, ба як тартиби муайян пеши назар оварда наметавонист. Ва ҳусусан чандин шабонарӯзи баъдинаро. Ҳамин қадар ҳикоят карда метавонист, ки аз пайроҳаи пурхор боло баромад, ба паҳлуи танаи ғафсу ковоки тути куҳансол расид ва расидан замоно аз зарбаи сахте бар буни гардан ба хоки майдон пару афтод. Дар ҳамон холат ҳобида, ҳис кард, ки гуё сихе аз таки шонаи чап пайкарашро сузонида, ранҷи ҷонкоҳе, азоби тасвирнопазире оварду аз пеши сина баромад ва ба хаёлаш, аз он ҳам гузашта, ба тапурхоки нарму серуни майдон даромад. Сонияе пас боз чизе гарданашро сахт сузонид.

— Номардҳо, говдуздон, одамкушҳо...— дар хоку ҳун тапида, пичиррос мезад Сангинбек.— Тамом шуд корам... Ҳайфо, Пӯлодбек, духтарчаҳо ятим монданд...

Ногоҳ Сангинбек ба ёд овард, ки ӯ Пир дорад. Ва худи хамон лаҳза гуё нидое дар гӯшҳояш садо дод, ки бархез, Сангин, бархез, ки фурсати таъхир нест. Дар камарат теша дорӣ. Ҳозир равост, ки он асбоби иморат, олоти ободкорӣ аслиҳаи интиқом бошад... Бархез, писар, ту паҳлавонӣ...

Ҳолати аҷибе руй дод ба Сангинбек. Чашмонаш ба таври фавқулоддае равшан гардиданд. Дар шаби зулмот, ки дар сафҳаи осмон ақаллан ситорае ба назар намерасид, вай на фақат шабаҳи кушандагонаш, танаи дарахтон, балки буттаҳо, хатто ба хаёлаш, нақши поро дар рӯи хоки майдон медид.

— Аблаҳ! — аз канори тутзор фарьёде шунида шуд. Ин овози шиноси навкари бек буд.— Вая Сангинбек мегӯянд. Ду корд кати тан намедиҳад.

— Тамом шуд,— касе дар ҷавоб мегуфт.—Валло тамом шуд, ноҷунбон мехобад.

— Бирав, гуфтам, буздил! Ту ҳам бирав, Малла.

Вақте ки Сангинбек қоматашро рост гирифт, суробе ханҷар ба даст ба сараш ҳамла овард. Сангинбек бо мӯҳраи теша аввал ба банди дасти вай зад, пас худи ҳамон мӯҳраро бар тори сараш фаровард. Зарби теша садои кунди нарме баровард, ки ҳангоми бархӯрдан ба ҷӯби пӯк ё хишти хоме онҷунон садо бармеояд. Шабаҳ нидое баланд кард, ки ба овози шахси дилаш беҳузуршуда монанд буд ва дар ҳамон ҷо ба замин фурӯ нишаст. Сояи дигар аз тарафи чап наздик меомад. Оҳиста, баэҳтиёт меомад. Сангинбек ҳамаи ашьёи атрофу акнофашро ҳамчунон равшан медид. Ба андозае аён медид, ки дар шаби маҳтоб ба ин дараҷа ошкору ҳувайдо диданн чизе кам муяссар мешавад. «Шамъ пеш аз хомӯш шуданаш лаҳзае хонаро равшан мекунад. Яқин, ин манзараи хунин охирин диданист маро» аз дил гузаронид Сангинбек ва ба ҳамла омода шуд. «Чаҳор нафар будаанд номардон. Чаҳор марди аслиҳадор бар муқобили каси танҳое, ки фақат як тешаи корӣ дорад. Лекин ман онҳоро мебинам, онҳо маро не. Ин дасти пирам аст, дастгирии пирам аст. Шукр, овози пирро баръало шунидам».

Шабаҳ ҳамчунон ба оҳистагӣ пеш меомад. Сангинбек тешаро ба дасти чапаш гирифт. Вай ҳис мекард, ки хуни гарм аз гардану тахтапушту синааш ҳанӯз дар таровиш аст. Дар атрофи банди эзор ғун шуда, онро шип-шилта тар ва гарон кардааст. Хусусан қисми пешро, зери шикамашро. Миқдоре аз хун поёнтар ҷорӣ шуда, дар тиҳигоҳаш шах мешавад ва узвҳои нуҳуфтаи ӯро бо гаронӣ ва сардии ғиҷиноваре оғушта ба поён мекашад.

Ин дафъа Сангинбек ба ҳамлаи ҳариф мунтазир нашуда, худаш ду қадам пеш рафт ва ҳамаи қуввати боқимондаашро ба як ҷо ҷамъ оварда, ҷаҳиду дами тешаро бар сари он суроб фаровард.

Дигар ёддошти бонизоме надорад. Ёд дорад, ки ғарчасзанон бар ҷисми он суроб фурӯ нишастани асбоби алмосвор тезашро шунид ва худаш низ дар паҳлуи ҷасади ҳариф дубора биафтод. Он чи пас аз он рӯй дод, фақат аранг-аранг, фақат баъзе пораҳои ҷудогонааш ба шуури вай расидааст, саҳеҳтараш, ба кадом як канори дури шуур сабук-сабук расида, ҳамчунон сабук гузашта рафтааст. Гӯё ду нафари дигар, навкари бек аз ҷумла, пайкари ӯро боз муддате чаппаву роста мекарданд. Садои яке ба гӯшаш даромад, ки «корда тоб те, тоб дода гир» мегуфт. Аммо зарбаҳои ба шикамаш расонидаи корд дигар аз озору азият озод буданд.

Сонӣ олам аз аккоси баланд, ғавғои гӯшкаркунандаи сагон пур шуд. Аввал сагҳо як села буданд ва гӯё маҳз аз болои чашми калон кушодаи вай парида мегузаштанд, вале овоза-

шон дур намерафт, балки торафт наздиктар ва боз наздиктар меомад, дар косахонаи сар, дар мағз андар мағзи синаи хунолудаш ларза меандохт. Баъд селаи сагон бо иттифоқ ба якта саги калон бадал шуда ва он саги азим бо чашмони оташин, бо даҳони арғувониранги калон кушода ва дандонҳои дароз-дарози хунолуд тирсон ба сӯи вай мепарид. Аммо дар лаҳзаи охирин чӣ мешуду саг хато мехӯрд ва шатарросзанон аз паҳлӯи ӯ паррон мегузашт ва Сангинбек низ ба такони мавҷи бошасти тохти вай тоб оварда натавониста, ба замин меафтод.

«Аз дасти нокасон мурдан нанг аст»,— касе дар бехи гӯши Сангинбек гӯё пичиррос мезад. Вай чашм кушода дид, ки дар ҳар ҷо-ҳар ҷои тутмайдон партави моҳ афтодааст. Аз куҷое чеғи хурӯс ба гӯш мерасад. Ҷароҳати шикамашро бо кафи чап дошта, аз ҷой бархостанӣ шуд. Натавонист. Ба зону баланд шуду боз барафтод. Ва ҳис кард, ки аз зарби ин лат ҷараёни тозаи хун аз зери панҷаҳояш ба таровиш даромада, ангуштонашро гарм намуд. Муддате тахаммул кард, сонӣ ба паҳлӯи рост ёзид, бо дасти рост ва пои чап пайкари худро тахмин як ваҷаб ба пеш тела дод. Ба сӯи пайраҳаи хористони ҷар, ба сӯи хонаи худ, ба сӯи наҷот аз чанголи марг... Боз як ваҷаб пеш рафт, боз андаки дигар ва пас дубора ба олами пур аз ғавғои сагон, шақарроси таҳдидомези дандонҳои хуношӯми онон ғарқ гардид.

«Бархез, писар, ту паҳлавонӣ». Дафъаи дуввум ба ёд омада, аввал ҳамин калимаҳоро ба ёд овард ва қарор дод, ки то рамақе дар ҷон дорад, кам-кам пеш равад. Агар то фардо ин ҷо бимонад, ҳатман мемирад. Бе ин хам аз ҷароҳатҳояш хуни фаровон рафтааст. Офтоб барояду рӯз фаро расад ҳам, аз ин пайраҳаи ҳилвати ҳористон эҳтимол касе нагузарад ва ба ҳоли ӯ, ба ҳоли он ду нафаре ки ҷасадҳошон дар мобайни тутмайдон мехобид, чашми касе наафтад.

Бори охирин бӯи тез, бӯи бағоят ғализу ширини анҷирро шунида ба хуш омад. Бӯи худи анҷир не, албатта. Моҳи ҷавзо фақат тут мепазаду гелоси сиёҳ. Ин бӯи хуш накҳати махмуркунандаи баргаш аст, ки аз чӣ ҳосияте баробари расидан ба димоғ бӯи ёли асп ё харбуза ба ёд мерасад.

Пас, Сангинбек то ба ин ҷо, то ба саргаҳи боғи дӯст ва ҳамсояаш Рустам беҳушу беёд расидааст? Пас, дар хоку хаси пайраҳа аз дунболи худ доғи тӯлонии хунин боқӣ гузошта, аз миёни хористони ҷар ҳам ҳазида гузаштааст? Аҷаб... Фарз кардем фаромадан ба нишеби осонтар аст, аммо кай ва чӣ тавр ва дар чанд муддат ҷуссаи хуншори худро ба боло кашида бошад?

Сангинбек бо ҳамон паҳлӯи рост рӯи кулӯххои калон-калону сахти анҷирзор хазид ва аз бағалаи буттае се-чор барги

калонтарро канда, руи ҳам монду ба ҷароҳати шикамаш дошт...

Давоми фоҷиаро одамон аз забони Рустам шуниданд.

Сагҳои атроф ҳамон шаб хеле ноором буданд, нақл мекард Рустам. Як пос аз шаб гузашта буд, ки сагон хомӯш шуданд. Аммо қариби бомдод сукунати деҳот аз садои тир битарканд. Рустам аз ҷой бархост, вале беихтиёр ба садои тирандозӣ даме гӯш дод ва дарьёфт, ки он садо аз поёни боғи худаш меояд. Касе бо низом паи ҳам аз таппонҷаи пуртавоне тир меандохт. Як, ду, се, чор... шаш тири паёпай...

Сангинбек дар лаби ҷӯяи фароху пуроби ток сар ба поён мехобид. Садои суми чанд асп дар кӯчаи қишлоқ дур ва тарафт паст шуда мерафт.

Шахси тирандоз Исломбек буд, ки аз хабари ҳалокати ду навкари вафодор бағоят дарғазаб шуда, субҳгоҳон худ ба ин ҷо омад ва дар равшании оғози рӯз дид, ки устои саркаш ҳамчунон зинда аст ва доги хунин ба рӯи замин гузошта, то ба току анҷирзори ҳамсояаш кашола шуда омадааст. Бек лаҳзае ба андеша рафт. Шояд дар ин вазъ фоли ноаёне бошад? Вагарна чӣ гуна мумкин аст, ки инсони оддӣ аз зарби ин қадар ҷароҳат ҳанӯз ҷон насупорида бошад?

Ин мулоҳиза Исломбекро фақат сонияе машғул дошта тавонисту бас. Лаҳзаи дигар вай ба адои ният баргашт. Аспи худро дар сари пайкари беҳаракати усто Сангинбек бозӣ доронида, ҳамаи тирҳои таппончаашро ба тани нимҷони ӯ фурӯ нишонид.

Рустам гӯш ба синаи рафиқаш ниҳода пай бурд, ки дили вай ҳанӯз дар ҳаракат аст. Набзаш қариб эҳсос намешавад, аммо садои сусти дил аранг-аранг ба гӯш мерасад. Куртаи худро дарронида, барги анҷирро ба даҳони пиёла барин ҷароҳати хунбори шикамаш ҷафс карда баст. Барои бастани ҳамаи ҷароҳатҳо латтаи бисьёре лозим буд. Рустам тозон ба ҳавлӣ даромад, аспро зин зада, ба аробааш қӯш намуд. Бо кӯмаки зан ва писараки ваҳшатзадааш пайкари гарони устои таҳамтанро навъе карда бар болои ароба, ба рӯи бистари ғафсе хобониданд.

Вақте ки ба дарвозаи касалхонаи шаҳр расид, рӯз чоштгоҳ шуда буд. Ду ҷарроҳи рус, як марду як зан гоҳ дукаса ва гоҳе бо навбат то бегоҳ ҷароҳатҳои усторо медӯхтанд, аз баданаш тир ва хору хас мебароварданд, ба рагҳояш хун мефиристоданд.

Сангинбек ду моҳ дар табобатхона хобид. Рӯзе набуд, ки барои дидани «сахтҷонтарин марди сарзамин» гурӯҳ-гурӯҳ духтурон, ҳар хел сайёҳони ҷаҳондидаи кунҷков, ё ҳеҷ набошад, се-чор нафар ҳангоматалабон наоянд.

Дар музофоте ки Сангинбек ба воя расида буд, кайҳо боз

чунин ҳодиса ба вуқуъ напайвастааст. Қасе надида ва нашунидааст, ки як мард дар набард бо ҳарифони мусаллаҳ ва дар ҳифзи ҷон ин қадар ҷасорат ва матонат нишон дода бошад. Ва мардум ба достонсароӣ дар васфи Сангинбек оғоз карданд. Ба ҳақиқати воқеӣ обуранги илова зам мешуд ва он чиз, ки воқеан ҷой дошт, шарҳу тафсири тозае мегирифт:

«Босмачиҳо сар аз танаш қариб ҷудо кардаанд. Лекин азбаски саросема будаанд, шоҳраг бутун монда будааст...».

«Дар тахти пушташ, дар адл миёнаи ду шона изи панҷа будааст. Изи панҷаи Ҳазрати Алӣ мегӯянд...».

«Духтурҳо шикамашро кушода, рӯдаҳои қима-қимаашро дӯхтаанд. Гурдаашро дида мот шудаанд: баҳузур каллаи гӯсола барин будааст...»

«Худаш аз кӯдакӣ зӯр будааст. Модараш зоида натавониста қариб мемурдааст. Аз Пуштаи Рахш гуфтанӣ ҷои бузургвор доя овардаанд»...

* * *

— Тасмая ба кокулам бандед, дадаҷон.

— Модарат мебандад, Райҳонакам. Бин, ман либосама пӯшидаам.

— Не, шумо бандед, шумо хушрӯ мебандед.

Вай тасмаи абрешиминро бастанӣ мешуд, аммо духтарча дар таки дасташ беист ҷунбида, аз боғча, аз мураббияаш ва ину они дигар ҳикоят мекард. Тасма лағжида гиреҳи бастааш боз мешуд.

Ниҳоят, гиреҳ баста шуд. Шакли вай воқеан ба шукуфаи себ монанд буд. Фақат чандин маротиба калонтар.

— Акнун шумоя оғӯш мекунам,— гуфт Райҳон.

— Майлаш, ҷонакам, оғӯш кун. Ту оғӯш мекунию ман не мегӯям?

— Хам шавед, дадаҷон. Ана, боз ана. Истед, дадаҷон, сахт оғӯш кунам? Са-ахт оғӯш кунам? Ана, боз ана!

Саидбек ҳушьёр шуд. Ин хоб набуд, ин воқеа дина пагоҳӣ рӯй дода буд. Як ҳолати ғанаболуди ҳаёломезе буд, аз афти кор. Ба ҳар ҳол, ба хоб рафтанаш саҳле мондааст.

Чӣ шуд ба ман? Ҳатто ғанаб рафтан харгиз мумкин нест, гуфт Саидбек ва ба андозае, ки шароит имкон медод, чуқур нафас кашид. Ба ӯ чунин намуд, ки хаври даҳонаш баромад ва ӯ дар партави маҳтоб онро баръало дид. Нуки биниаш ях барин шуда буд. Зонуҳо, оринҷҳояш тадриҷан карахт мешуданд. Не, коре бояд кард то баданаш гарм шавад. Вагарна шамол кашида, дар ин ҳолат ба атсазанӣ дароянд, чӣ мешавад? Атса як амри рафънопазирест, ки на идора карда мешавад, на баргардонида. Мабодо ки кӯшаатса биояд...

Саидбек тасаввур намуд, ки баъд чӣ мешавад ва дигар дар ин хусус андеша наронда, ба адои ҳаракатҳои маҳдуди гимнастикӣ шурӯъ намуд, ки дар вазъи кунуниаш раво медонист: дандон ба дандон гузошта, ба дарди чароҳатҳо тоб меоварду панчаҳоро башиддат кушода мепӯшид. Бозувонашро қат карда мекушюд ва ҳис мекард, ки андак-андак баданаш гарм мешавад.

Сазои сарат, худро коҳиш намуд Саидбек. Кӯдаквор ба доми фиреб афтодӣ. Бо пои худ омадию афтодӣ.

Вай аслан ба назди бухгалтер рафта буд. Ҳуччати корҳои саранчом ёфта, санадхои маоши аҳли бригадаро супорида берун баромад ва акнун ба сӯи мошинсаро рафтанӣ буд, ки котиба сар аз тирезаи ошьёнаи дуввум бароварда фарьёд кард: Давид Салимич чеғ доранд.

Дар кабинети сардор панч-шаш нафар аз инженерон, сардорони бригадаҳои дуру наздик ҳузур доштанд.

— Ба овеза хафтаи оянда навбат мерасад, гуфтӣ а? — савол дод Давид Салимич бо оҳанге, ки сӯҳбати нав қатъ шударо давом медода бошад.

— Ҳа. Аз чоршанбе,— чавоб дод Саидбек ва аз дил гузаронид: «Парерӯз бобоямро дафн карда омадам. Пасфардо ба маросими ёдбудаш меравам. Аз ҳамаи ин воқеаҳо хабар дорад ва барои ман чӣ касе будани Бузургро ҳам нағз медонад. Дувгумин дафъа аст, ки маро мебинад, аммо чизе намегӯяд. Парешонхотир аст ё аблаҳ? Ё...»

— Чои овезаро худат дида будӣ?

Саидбек оташин шуд, вале бо зӯр худро ба даст гирифта, оромона гуфт:

— Ҳа.

— Рӯзона дидӣ? Дурустакак дидӣ?

— Ҳа.

— Ман, чӯра, дина дидам. Вай шаххои хуш кардаат намешавад. Анкер* намечаспад, часпад ҳам дар он чо дошт намедиҳад. Бо ҳеликоптер то саргаҳи Қашюлдара рафта будам. Инженер нишон дод. Фаромада дидам, чура. Намешавад.

Сардор ба чои вертолёт ҳеликоптер гуфта, ба суханаш тобиши илмӣ додан мехост. Ақида дошт, ки савори ҳеликоптер ба Қашюлдара рафтанаш бояд вазни мулоҳизаҳои ӯро афзояд, ба мунозираю мубоҳиса роҳ надиҳад.

— Чияш намешавад? — ҳарчанд худро ботинан таскин медод, бо вучуди ин қадре асабонӣ шуда гуфт Саидбек.— Шаххои ҳар ду тараф — сангҳои мазбут. Кӯхшиносе ин чо мешуд,

---

* Қисми фулузии васлгари чузъҳои иншоот. Дар ин чо — сангро шикофта, анкерро дар накби дохили харсанг бо цемент банд мекунанд.

мегуфт, ки он шаххо миллион сол инчониб истодаанд, боз сад ҳазор сол меистанд.

— Кӯҳшинос, ҷӯра, намедонам чӣ мегуфт, аммо чашм дошта бошад, медид, ки санг вайрон мешавад, кайхо футур рафтааст. Роғ пайдо кардааст. Роғи кӯхна не.

— Роғ-поғ надорад. Ман он шаҳро ваҷаб ба ваҷаб санҷидаам. Чӣ, ман навшогирдам? Ё кӯрам?

— Оташин нашав, Саид. Ин кори ҳазл не. Ҳар дуямон аз паи як корем. Симро ба он шах овезему баъди як-ду сол дар сармои зимистон ё гармои тобистон роғаш ба рахна бадал шавад, санг бичунбад, овеза ҳамел шавад... Оқибат чӣ мешавад? Ҳамаи силсила аз кор мемонад. Барои натиҷаи кор, ҷӯра, танҳо ман не, як худи ту ҳам не, ҳама баробар ҷавобгарем.

Саидбек «мебинем» гуфта, зери лаб ғурунгос заду бо рӯю абрӯи гирифта берун рафт. Аввал ба худ аҳд карда буд, ки ҳоҷат ба такрор санҷидани шах нест. Сардор бошад ҳам, номаъқул кардааст. Беҳуда воҳима бардоштааст. Аслан Давид дар ин корҳо дониши казоӣ надорад. Дар муайян кардани хатти роҳ ё интихоби навъи пояҳо чандин маротиба саҳв карда, боиси кори дубора шудани ӯро ҳама медонанд. Аммо ба сардор чӣ ҳам мегӯӣ? Бори хаторо баргашта ба сари инженеру прорабҳо ҳавола кардан барои ӯ мушкилие надорад. Аз номи сардори қитъа фармоне нашр карда, як нусхаашро дарҳол ба тахтаи эълонҳо мечаспонад. Ҳонда мебинию аз ҳайрат даҳонат боз мемонад: бо суханҳои бамаънию баҷо, далелҳои бамантиқ айбро ба гардани фалонӣ ва фалониҳо онҷунон соз бор кардааст, ки лом гуфта наметавонӣ. Ба ҳар кас табиат истеъдоде ато кардааст. Яке сар набардошта, ба обу арақ ғутида кор мекунад. Дигаре чунон ҳунаре дорад, ки тамоми умр хиштеро аз ҷое гирифта, ба ҷос намонда бошад ҳам, ободии ҳамаи музофот, савоби ҳамаи корҳо, хизматҳо ба номи ӯ хатм мешавад.

Саидбек дар саҳни мошинсаро даст ба зери ҷурмаки об бурда, ба ҷараёни он дошт. Пас парешонхотирона ба рӯяш об пошид ва дар ҳолате ки қатраҳои об аз манаҳаш ба рӯи сина ва гиребони куртааш мешорид, хаёл карда истод. Аввал ин ки ҳамин андешаашро сонитар мегуфт, аз рӯи одамигарӣ мешуд. Хуб медонад, ки ба сохтани овеза ҳафтаи оянда сар мекунем. Хуб медонад, ки фавти бобо барои ман чӣ рӯзест. Охир ҳамин қадар сол ҳамсабақ будем, ҳамкор будем... Хайр, мағар аз дасти вай дониста кардани чунин корҳо намеояд? Давид Салимич... Давид Салимичи пешонифарох... Чӣ мехоҳад ӯ? Муродаш чист? Фарз кардем, ки кори моро ду-се рӯза қафо партояд, аз кадом як ҷиҳат бурд мекунад. Аз кадом ҷиҳат? Охир бригадаи ман — як ҷузъи ташкилоти худаш-ку.

Тавба... Ба нозукиҳои муносибати байни одамон, хусусан роҳбарону зердастон, ақли Саидбек камубеш мерасад, бешубҳа. Лекин ба ин қадар печ дар печаш не. Не, ин ҳелаш аз ҳадди имконияти вай берун аст...»

Хайр, фардо рафта мебинам, қарор кард Саидбек. Нури шоферa таъин мекунам, саҳарӣ меояд, рафта мебинам. Ҳеч воқеа не, боз як бор мебинам.

Ва ҳамин тавр ҳам карданӣ буд. Ба мошинсаро рафта, таъин кард, ки Нур саҳари барвакттар рост ба хонааш биояд. Аммо оташе ки сардор ба дилаш афканда буд, хомуш намешуд. Бештар аланга мегирифту дуд мебаровард. Охир ният кард, ки худи ҳамин рӯз меравад. Баргашта ба пеши саробон рафт, таъин намуд, ки ба Нур бигӯед аз паи кораш бошад, вай, Саидбек, бо мошини дигар ба Кашолдара меравад.

Ба кӯлбораш таноб, парма ва болға гирифту ба роҳ даромад. То ба ин ҷо бо мошини кадом як санаторий омад. Шаҳи тарафи чапро дид. Ҳамон шахеро, ки Давид Салимич гӯё ҳеликоптерсавор омада дидааст. Чунон ки заррае шубҳа надошт, роғе набуд, дар пайкари азими шах. Эҳтимол ҳамон рахи каҷалаки аз шикасти қабати рӯй боқимондаро Давид Салимич роғ пиндошта бошад. Ё шояд ин фарзияи инженере бошад, ки ӯро ба ин ҷо бо чӣ ғаразе ҳамроҳ овардааст.

Манзара ба дараҷае равшан буд, ки Саидбек ҳатто пармаю болғаро аз кӯлбор набаровард. Пас гашта, поён фаромад, аз пайраҳаи назди кулбаи партов гузашта, ба сари роҳи калон баромад. Чашм ба роҳи мошини роҳгузар сигор дуд карда меистод, ки боз хаёлаш ба ҳамин муаммо баргашт. Давид бидуни шубҳа ҳамин шаҳи тарафи чапро мегуфт. Зеро ӯ ба шахи самти рост набаромадааст, баромада ҳам наметавонад, дар он тараф фурудгоҳи муносиби вертолёт ҳам нест. Бо вуҷуди он шахи дигарро низ бояд дид. Дар ҳаққи баъзе одамон мегӯянд, ки шайтонро ба лаби дарьё ташна бурда, ташна меорад. Ин гапа дар ҳаққи Давид Салимич ҳам бигӯи хато намеравад. Агар рафту муродаш муддате ба таъхир андохтани сохтмони овезан нав бошад, ба ҳар навъ барои расидан ба мақсад мекӯшад, як бало мекунад, ки нақшааш ҷомаи амал пӯшад. Рафта мегӯӣ, ки шахро дидам, роғ-поғ надорад. Мегӯяд, ки кадом шахро дидӣ? Шахи тарафи чапро, ҷавоб медиҳӣ ту. Тарафи чап аз рӯи ҷараёни дарьё ё аз рафти мошин?— мепурсад Давид Салимич ва он гоҳ мулзам шуда, дубора ба ин ҷо меоӣ.

Он шаҳро низ бояд дид ва санҷид, ҳарчанд ки ба ин кор заррае ҳоҷат нест. Аз шубҳа бояд озод шуд. Ба ин кор се соати дигар меравад, зеро болотар рафта, аз пули чӯбини муаллақ гузашта, аз он соҳил боз ба поён баргашта, ҳо ана ба он пайраҳа омадан лозим. Ҷораи дигар нест.

Саидбек дар шаҳи дуввум ҳам нуқсе надид, ки ба устувор кардани овезаи симбардор ҳалал бирасонад. Вай ба ин нуқта аслан эътимоди қавӣ дошт, аммо баъди такрор дидан, пас аз ғарқи обу арақ шуда поёнтар фаромадан банохост сахт ба ғазаб омад. Ва, эҳтимол, дар касофате, ки воқеан аз таки пой баромад, дар афтоданаш ба сангпар ҳамин ошуфтагиаш низ боис шуда бошад.

Сазон сараш. Кӯр асояшро як бор гум мекунад. Саидбек, аз афташ, на фақат кӯр аст, кару гарангу фаромӯшхотир ҳам аст. Бакуллӣ фаромӯш кардааст, ки Давид Салимич баҳорон низ ӯро ба вартаи ҳатарноке тела дода буд. Ва он дафъа ҳам айнан бо мадади ҳамон шиоре, ки нафъи кори умумро бояд муқаддам донист.

Дар ҷамъомади сардорони бригадаҳо фармуд, ки Саидбек симкаширо дар қатъаи худаш зудтар ба анҷом бирасонад. Саидбек барои иззаташ аз ҷой бархоста, арз намуд, ки кори бригадааш аз нақша, яъне ки аз график ҳам пеш рафтааст. Симро кашида ба пояҳо устувор кардаанд. Фақат як равоқи калони ҳаштсадметра мондааст. Ҳамин ки обу ҳаво беҳтар шуд, сими онро дар ним рӯз мекашанд. Равоқи бузургро васлгарон равоқи махсус меноманд ва аз рӯи нақшаи махсус месозанд ва корҳои оид ба онро фақат дар шароити комилан мусоид анҷом медиҳанд.

— Ҳаво кай беҳтар мешудааст? — писхандомез савол дод Давид Салимич.

— Аз фардо ҳарорат баландтар мешудааст. Худатон шунидед.

— Лекин оҳир ҳозир баҳор-ку...

— Дуруст, баҳор, аммо пешгӯиҳои ҳавошиносон ҳам акнун эътимодбахш шудааст,— боз эътироз намуд Саидбек.

— Яъне ба планҳои мо мувофиқ шудааст? — пичинг партофт Давид Салимич.

— Кори равоқи калон мураккаб. Ба шитоб кардан ҳам ҳоҷате нест. Мо дар рӯи замин кори бисьёре дорем. Бригада бекор мемонд, гапи дигар буд.

— Ман гуфтам, ки сим кашида шавад,— сахт карда гуфт сардор.— Ба муҳокимаю мунозира одат накунед, оқибаташ хуб нест.

Саидбек дигар чизе нагуфт. Нагуфт, ки дар ҳавои хунук зери борон сим кашида намешавад. Дар кӯҳсор ҳар соат, ҳатто дар зарфи як соат ду-се бор ҳаво пасту баланд мешавад. Борони ба сим расида мабодо яхча бандад, фалокате метавонад рух диҳад. Ин гапро нагуфт, зеро ба гуфтан эҳтиёҷе набуд. Ҳама, оҳир, мутахассисонанд, аз ҳамаи нозукиҳои кор ва аз ҷумла аз қоидаҳои ҳатмии бехатарии кор низ хуб огоҳанд.

— Пасфардо равоқи калон ҳам тайёр бошад. Комиссия меояд,— гапро тамом кард Давид Салимич ва бо оҳанги таҳдоне илова намуд: — Агар хоҳед, ки дар пеши калонҳо сарпасту забонкӯтаҳ нашавем.

Саидбек ба васлгарони бригадааш гуфтугӯро бо сардор арз намуд. Ҳама хомӯш меистоданд. Саидбек ба рӯи Алексей, беҳтарин васлгари бригада саволомез чашм дӯхт, ки «ту чӣ мегӯӣ?»

— Фармон ҳамту бошад, чӣ илоҷ? — китф дарҳам кашида гуфт Алексей.— Таваккал гуфта мебароем.

Саидбек дар андоми рафиқи бебоки ҳунармандаш ҳеҷ гоҳ аломати дудилагӣ надида буд. Одами дудиларо ба кори мушкил аз фиристодан нафиристодан беҳтар аст. Ин амри маъруфест.

— Худам мебароям,— гуфт Саидбек.

Новиков аз ориҷи ӯ маҳкам дошта, роҳ намедод, аммо Саидбек тасмаи ҳалқаю занҷирадори васлгаронро чобукона ба миён баст, занҷири зулфиндорро, ки одатан барои эҳтиёт ба яке аз симҳо овезон мекунанд, бо диққат аз назар гузаронид. «Дар кор бо Алексей ҳар ду баробарем, ба худ меандешид Саидбек. Лекин модоме дар ҷамъомади назди сардор ақидаи дурусти худро гузаронида натавонистам, азоби корро ҳам бояд худам ба зимма бардорам...»

Як соати аввал кор ҳамвор мерафт. Рафиқонаш аз поён нӯки симро ба дунболи бульдозер баста мекашиданд, вай ба гузаштани сим аз миёни ғарғара кӯмак мекард ва пас аз таранг шудани сим онро ба ҳалқаҳои изолятор печонида мебаст.

Ногоҳ Саидбек пай бурд, ки қатраҳои борон дар пеши назараш ба сим расида, дигар ба поён намешоранд, балки андак-андак ба яхча табдил меёбанд, баръало дид, ки сим дар пеши назараш тадриҷан ғафс мешуд, гӯё ҷомаи шаффофи шишагун мепӯшид. «Ҳамин ҳалқаро ҳам бандам, бас, кифоя, дар дилаш аҳд кард ӯ, сонӣ мефароям, бигузор ки...» ва ҳанӯз андешаи худро ба анҷом нарасонида, аввал дасти рост, баъд пои чапаш дар рӯи сими шӯшабаста лағжиду ӯ сарнагун афтод ва ба занҷири эҳтиётии камарбандаш овезон шуд.

Ғиреве бархост аз поён. Пас ҳама баногоҳ хомӯш гардиданд. Алексей ва як нафари дигар ба сӯи пояи оҳанин давиданд то болотар баромада, ба наздиктари Саидбек бирасанд ва ҳеҷ набошад бо маслиҳат ё ақаллан бо қаробати худ ба дилаш мадоре бахшанд. Дигарон нафас ба дарун кашида, назора мекарданд, ки сардор чӣ кор мекунад. Чораи дигар ҳам набуд. Хосияти кори васлгарон ҳамин. Дар ин гуна лаҳзаҳо барои халосии ҷонат пеш аз ҳама худат талош мекунӣ. Ва он ҳам агар ҳушу ёдат дар ҷояш бошад, ҳангоми ба занҷира барафтодани вазн миёнат лат нахӯрда бошад. Кӯмаки

вертолёт ё нардбонҳои нимавтомат ҳоло фақат дар нақшаҳо вуҷуд дорад. Ё дар хаёли рангини васлгарони ҷавон.

Саидбек занҷирро дошта-дошта, болотар баромад, симеро ки пештар дар зери пояш буд, бо ду даст фишурда, дар ҳамин ҳолат овезон монд. Уро даме нафас рост кардан лозим буд, чунки аз шиддати изтироб ва дар натиҷаи чанд лаҳза сарозер овезон будан хун ба сараш зада, пеши чашмонаш кӯрачаҳои сурху сиёҳ мерақсиданд. Вай сонитар нақл мекард, ки сахт тарсида буд. Воқеан агар касе аз наздиктар нигоҳаш мекард, медид, ки ранги рӯяш хокистаргун ва лабонаш лочувардӣ шудаанд. «Тамом, занҷир канда шуд ё зулфин аз бандаш баромад, ки сарозер рафтам. Сад ҷон дошта бошам, яктоаш наҷот намеёбад» гуфта буд дар дилаш.

Саидбек нафасашро рост намуда, зӯре ба кор бурд ва ҳар ду поро аз болои сим чилликвор гузаронида, зулфинро пахш карда кушод ва занҷирро ба миёнаш як бори дигар печонида, аз сари нав ба сим пайваст. Акнун оҳиста-оҳиста ваҷаб ба ваҷаб ба сӯи поя ҷунбида, ин чанд метр масофаи душворро тай кардан лозим буд.

— Саид, ман дар ҳамин ҷо,— садои Алексей баромад аз болои поя.— Ҳеҷ воқеа не, ҷӯра. Биё, оҳиста-оҳиста биё.

Рафиқони дар поён буда ҳамчунон рӯй ба осмону чашм ба сӯи ӯ хомӯш меистоданд: дар чунин вазъият маслиҳату машварат як сӯ истад, ҳар як калима гап барзиёд буд.

Саидбек медид, ки шӯшаи рӯи сим ҳоло боз ғафстар шуда буд ва аз фишори дастпӯшакҳои резиниаш об шуда, ба сару гарданаш қатраҳои калон-калони об мечакид, ба даруни остини комбинезонаш ҷорӣ мешуд.

Баъди он ки Алексей аз болои поя ҳам шуда, аз гиребони Саидбек қапид, ӯ ҳис намуд, ки барои ҳаракат дигар мадоре, маҷоле надорад. Лаҳзае дар хаёлаш ҳаймаи танҳоию майдаяки олими қутбшинос дар яхистони беканори Антарктида намудор шуд. Сипас чеҳраи Бузург пеши назараш омад, ки ба ӯ тааҷҷубомез нигоҳ мекард ва гилаомез мепурсид: «Ҳа, Бек, ба ту чӣ шуд? Худатро даст гир, Бек, ту паҳлавонӣ, ту писари худам ҳастӣ...»

Саидбек сари худро сабук афшонида, ҳушу ёдашро ба як нуқта ҷамъ овард ва чобукона ба оҳани поя часпида, қоматашро рост гирифт.

Фақат баъди фуруд омадан ба замин пай бурд, ки панҷаҳояш хуншоранд. Рӯзи дигар қисме аз нохунҳояш кӯчида, фурӯ афтоданд ва ӯ ду ҳафта бо дастони докапеч ба кор меомад.

Агар ҳамон рӯзи баҳорон кор бо фоҷиа анҷом меёфт, бешубҳа, тафтиш ва пурсуков сар мешуд, намояндаи прокурор омада, ҳамаро аз сӯроҳи сӯзан мегузаронид ва оқибат муайян

мекард, ки қоидаҳои ҳатмии бехатарии корро кӣ (ва, эҳтимол, ба чӣ мақсаде?) вайрон кардааст. Дар он сурат, шояд номи Давид Салимич рӯи об мебаромад.

Алексей Новиков ҳамон рӯз то бегоҳ исрор мекард, ки фармони ғайриқонунии Давид Салимичро ҳеч набошад ба сардорони иттифоқи касабаашон гӯшрас кардан лозим. Аммо Саидбек ба маслиҳати рафиқаш надаромад. Аз касе ба касе шикоят бурданро бад медид вай.

* * *

Шуввоси дарьё дам ба дам оҳанги худро дигар мекунад гӯё. Гоҳо чанд дақиқа ба гулдуроси бардавоми раъди айёми баҳорон мемонад ё ба гумбуроси обшори тавоное, ки аз баландии баланде бар сари харсангҳо мерезад. Гоҳо садои он банохост фурӯ нишаста, ба шарфаи банди шох ё дарзаи най шабоҳат пайдо мекунад, ки касе аз рӯи санглоҳ ё мазраи хушке кашола мекарда бошад.

Не, ин ҳам ба хосияти сомеаи кас марбут аст, бешубҳа. Вагарна оҳанги дарьё ба хотири чӣ тағьир меёфтааст?

Қурси моҳ ба мобайни осмон расидааст. Саидбек бо ҳаракати одатӣ ба банди даст нигоҳ карду дарҳол ба ёдаш расид, ки соаташ гум шудааст. Ҳоло чӣ вақте бошад? — фикр мекард ӯ. Модом ки моҳи шомхӯрда ба миёнаи осмон расидааст, пас субҳ наздик аст.

Оқибати шитобкорӣ ҳамин. Андаке бардошт мекард, ҳамроҳи Нур меомад, вай ӯро танҳо намегузошт, хаял карданашро дида, ба кофтуков медаромад, рафиқонашро огоҳ мекард. Эҳа, Нур, Алексей, Собир агар эҳтимоли нохушиеро ба дил роҳ диҳанд, бе муболиға дуньёро чаппаву роста мекунанд.

Дар тӯи писарҳои Нур чӣ корҳое карданд!

Собир ва Алексей саҳари рӯзи ҷумъа мошини каппадори бригадаро савор шуда, ба бозори кадом як райони дур бирафтанд, то ба пули тӯёнаи аҳли бригада ҷавонае биҳаранд. (Собир мегуфт, ки дар бозори деҳот мол арзон аст). Онҳо мебоист то оғози кор ба Кашюлдара бармегаштанд, аммо чоштгоҳ шуд, пешин шуду гузашт ва фақат ҳангоми аср Алексей танҳо омад.

— Собир ку? Шумо дар кучоҳо гаштаед? — бо ҷиддият савол дод Саидбек, ки худро кайҳо боз барои сарзаниш кардани рафиқонаш омода мекард.

Алексей механдиду мегуфт, ки Собир зиндаву саломат аст. Дар хонаи Нур нишастааст.

— Нишастааст? Магар тӯй пасфардо нест? Вақти бекоршинист ҳозир? Рӯзи охирини ҳафта будани имрӯз аз ёдатон

баромад. Ку пештар биё, даҳоната кушо, ҳуҳ бигӯ. Ба ҳаёлам, аз саҳари солеҳон шароб хӯрдаед. Чӣ чини кацак зад шуморо?!

Алексей ба «сиёсати» сардор эътибор надода, ҳамчунон механдид. Баъд воқеаро нақл кард.

Онҳо ҷавонаро, аз гуфти Собир, хеле арзон харидаанд ва паси мошинро ба дӯнгие рост карда, чорпоро савор кардаанд ва дари қафои мошинро баста, ҳар ду ба кабина нишастаанд. Аммо ҳанӯз аз бозоргоҳ дур нарафта, ҷавонаи сӯр худро ба чаҳор сӯи каппаи мошин задан мегирад.

— Мошина даст бигир, Алеша,— мегӯяд Собир.— Ман ба он ҷо гузарам. Набошад, ҳайвони зӯр каппая лах-лах мекунад.

Алексей ҳис мекунад, ки бардорузани ҷавона ба ҳар хол камтар шуд. Ба роҳи ҳамвор баромада, аз тирезачаи паси кабина ба даруни каппа назар меафканад, вале чизеро дида наметавонад. Ҳайрон шуда, боз мошинро нигоҳ медорад ва дари қафоро кушода нигоҳ мекунад, аммо на Собирро шинохта метавонад, на ҷавонаю каппаи автомобильро: ҳайвони ромнашудаи саҳрой ҳам аз тарс, ҳам аз он ки соҳибаш дар арафаи бозор аз ему алафу кунҷора хар чӣ дар бисот доштааст, барои бозоргир шудани он хӯронида, чандин бор шикамсерӣ об додааст, аз фарш то сақфи каппаро олонида ва ифлосиҳои шуррути худро бо думи дарозаш аз дару девор гирифта, ба сару рӯи худ ва Собир задааст...

— Ними қишлоқ об кашонида, мошинро шуст, ман бачаҳои Нуркатӣ Собира шуста, ба либоси Нур печонида омадам, — гуфт Алексей. Ва пас аз ин Саидбекро ба каноре кашида гуфт: — Худат гуфта будӣ, ки тӯи Нура даст ба даст карда мегузаронем, а? Ҳамин тавр ки бошад, дару девори боғу хавлиашро андак таъмир кардан лозим. Ту надидаӣ? Бегоҳӣ ҳамроҳ меравем. Як тараф девори пури таппак, як тараф ғарами ғӯзапоя. Аз канори боғаш ҷӯи калон мегузарад, агар болоша бо тахта пӯшӣ, деворҳоша андак ба тартиб андозӣ, ҷаннат барин мешавад. Чӣ гуфтӣ? Дар пушти вагонаки ту ду-се мошин тахтакӯҳнаи қолиби бетон хобидааст. Аз ду сар ҳезум мешавад. Мекашонем ҳамин тахтахоя. Чӣ гуфтӣ?

Аз саҳари шанбе ҳашар сар шуд. Қариб бист нафар коргарони бригада аҳлона ба кор часпиданд. Ҳамсояҳои Нур муддате аз дур ба кори онҳо бо ҳайрат ва мароқ назорат карда меистоданд. Сонӣ онҳо низ дасту остин барзада ба хашар ҳамроҳ шуданд. Гурӯҳе тахтаҳои кӯҳнаро аз мехи кацалак ва боқимондаи бетон тоза мекард. Собир дар гӯшае ду ғӯла438ро ба замин гӯр карда, дар ним соат дастгоҳи дуредгарӣ сохт ва ба ранда кардани тахтаҳо сар кард. Гурӯхе девори фартути похсагинро афтонида, ба ҷояш девори сап-сафеди тахтагин мебардошт. Ду-се нафар дару девори хонаву айвони соҳиби тӯй-

ро оҳаку ранг мемолиданд. Алексей ба руи ҳавлӣ сим кашида, барои шабнишинии фардоина чароғ мешинонид.

Ба руи наҳре, ки аз канори боғи Нур мегузашт, тахтапули дарозе сохтанд, ки нишастгоҳи бароҳате шуд. Жигулиҳои Собир ва Алексей байни деҳа ва шаҳр мокувор тор метаниданд. Яке магнитофон ва ҳар гуна зарфҳо меовард, дигаре симу микрофон ва даста-даста сачоқу дастархон.

Тӯй бисьёр хушрӯ гузашт. Ҳамқишлокиёни Нур мегуфтанд, ки дар ин музофот кайҳо боз ин хел тӯи дабдабаноки батартиб, тӯи фаровонии аҷоиб нашудааст. Ҳатто раисҳо, мудирони анбор ва магазинҳои калон ин хела тӯй нагузаронидаанд. Деҳотиён зиёда аз ҳама аз он дар ҳайрат буданд, ки як даста ҷӯрахои Нур омаданду боғи оддии деҳқонии вая дар як рӯз («валло ки як рӯзи бутун ҳам не, аз саҳар то пешин!») тамом дигаргун сохтанд: як ҳотаи назарногир буд, баногоҳ боғи васеу боҳаловате шуд, ба мисли боғҳои овозадори истироҳат, ки аз чор тарафаш нур меборад. Ҳофизи гармоннавози Собир аз шаҳр овардагӣ, рафиқи сурнайнавози Новиков базмро он қадар тафсониданд, ки аз бисьёрии тамошобини дойраҳабар барои ин су-он сӯ гузаштани хидматгорон ва дастьёрони тӯй роҳу ришта ёфт намешуд.

Ҳар гоҳ ки Саидбек нӯшбоди сархушонаи бригадири колхозро ба ёд меовард, лабаш беихтиёр моил ба табассум мешуд.

— Рафиқони колхозчиён,— мегуфт ӯ атрофашро аз назар гузаронида ва дар айни ҳол кӯшиш мекард, ки накалавад.— Шумо аҳлия аз ин рафиқҳо ёд гиред. То ҳатто ҳуди ман бояд ёд гирам. Не, ман намегӯм, ки мо аҳл нестем. Не, ман инту намегӯм, мо аз касби деҳқониамон розӣ, то ҳатто фаҳр мекунем. Ман мегӯм, ки барои чӣ мо синфи коргара дар Эс-эс-эсэр пешқадам, то ҳатто роҳбар мегӯем? Ана барои ҳамин ғайраташ, дилсофеш, то ҳатто ҳизмати беминнаташ. Бинед, рафиқони колхозчиён, ин ҷанната дидед? Дар як рӯз сохта шуд, то ҳатто дар чанд соат! Рафиқони меҳмонони азизи мо, рафиқон Сангинуф, Новикуф ва... то ҳатто ҳамон Нури худамон! Ба саломатии шумоён, синфи коргар менӯшам! Нури дида! Тоҷи сар!...

Баъди тӯй феълу хӯи Нур батамом дигар шуд. Пештар гоҳу ногоҳ менолид, ки ҷои истиқоматаш, яъне қишлоқаш аз шаҳр, аз ҷои кораш дур аст. Мошинсавор ба хонааш баргардад, аз сардорони идора ва ГАИ сарзаниш мешунавад. Ба умеди автобус ё мошинҳои роҳгузар шавад, ҳар рӯз чанд соаташ беҳуда меравад. Пас аз тӯй касе аз даҳони ӯ як калима нашунидааст, ки ба шиқва монанд бошад. «Дасти ману домани шумо, барои поясозию симкашӣ ба он канори дуньё фиристанд ҳам аз шумо ҷудо намешавам»— гуфта буд боре.

Додараш Умарро ҳам ба бригада худаш овард. Вай аз армия баргашта, ба яке аз ресторанҳои нави Душанбе ба кор даромада буд. Аслан касбаш ошпазӣ буд. Дар вақташ техникуми ҳамин соҳаро хатм карда, дар аскарӣ ҳам дар қисми мубоширони хоҷагидор ҳизмат мекард.

— Ҳамин сағирая ба кор бигир, сардор,— илтимос мекард бародараш аз Саидбек.— Вай аз хамири дигар, ранги ман карахт не, ба раҳматӣ падарамон рафтааст: чаққон, чашми кора медонад.

Ва азбаски додарашро аз ресторани сердаромад зӯран бароварда, ба бригадаи сайёр меовард, ба Умар низ тасаллиомез насихат мекард:

— Дар миёни одамҳои нағз кор кунӣ, арвоҳи падар дастгир мешавад. Пули маоши мо барин пули ҳалол нест дар дуньё.

...Ҳа, оқибати шитобкорӣ ҳамин. Дӯстони аҷоиби ҳамкор дорад, аммо аз ҳоли ӯ касе хабар надорад.

Нигор хам чизе намедонад. Ба деҳа, ба зодгоҳаш рафтааст. Гуфта буд, ки ба маросими бобо бародари калонаш низ рафтанист. Холо дар қишлоқ дар боғи падар рӯи тахтакати васеъ дар паҳлуи янга ва бародарзодагонаш масти хоб аст. Малаххо чирчирашонро бас карда, кайҳо ба хоб рафтаанд. Хурӯсхо аз ҳар канори деҳа ба чеғ задан сар кардаанд. Аммо ба гӯши Нигор садое намедарояд.

Маҳз сахари рӯзи гузашта ба деҳа рафтани Нигор оё аз амри тасодуф бошад ё дар пан хам ва болои ҳам омадани чунин шароит, ки аз ҳоли Саидбек ҳоло касе огоҳ нест, ягон хел қонунияте, ҳеҷ набошад, ягон нуктаи мантиқие бошад?

Агар Нигор медонист, ки шавхари маҳбубаш ба чӣ ҳоле афтодааст... Бале, маҳбуб, Нигор ӯро аз таҳти дил, аз дилу ҷон дӯст медорад.

Онҳо одатан Райҳонро хобонида, барномаи телевизионро — агар дилгир набошад — то охир тамошо мекунанд. Баъд Нигор ба ошхона гузашта, зарфҳоро мешӯяд. Саидбек ба айвонча баромада, сигор дуд мекунонад. Вай ба хотир меорад, ки се соли аввали зиндагониашон дар хонаҳои иҷора чӣ гуна нороҳат мегузашт. Хусусан соли якуми заношӯиашон. Соҳибони хона — ҳам чолу ҳам кампир — одамони дардманд ва дилтанг буданд: аз чанд дақиқа зиёдтар фурӯзон мондани чароғи ошхона ё дахлез, аз нимишаб баргаштани зану шавҳари ҷавон, аз хандаи баланди онҳо асабонӣ мешуданд ва маломатомез ғур-ғур мекарданд. Хайрият, хонаи дуввуми иҷора нишасташон бароҳаттар буд: як ҳамкасабаи Султон — бародари хурдии Нигор ба сафари дусола бирафту зану бачаҳояшро хамрохи худ бурд ва онҳо ба хонаи вай кӯчиданд.

Акнун секаса дар хонаи худашон зиндагонӣ мекунанд. Хо-

ҳанд то нимишаб телевизор мебинанд, хоҳанд ба ягон ҷой ба тамошо, ё меҳмонӣ рафта, вақти дилхоҳашон ба хона бармегарданд. Ҳатто метавонанд саҳарӣ баргарданд. Фақат якта ғам доранд, ки Райҳонакашон аз хоб намонад...

Саидбек мунтазири ба охир расидани кори занаш дуди сигорашро аз тирезаҳои кушоди айвонак берун пуф мекунаду худро бо ҳамин гуна ҳаёлот машғул медорад. Вай мехоҳад ба хонаи хобашон баробар дароянд. Аммо қариб ҳар дафъа ё зарфшӯӣ, ё ҷомашӯӣ, ё дарзмолӣ, ё ягонтаи дигар аз ҳазору як кори хона андаке зиёдтар аз меъёр кашол мешавад. Саидбек низ барои он ки бекор намонад, курсиҳои хонаи калонро, рӯзнома ва китобҳои ҳар ҷо-ҳар ҷо парешон хобидаро ҷо ба ҷо мекунад. Ниҳоят, дигар машғулоте барои ӯ боқӣ намемонад ва ӯ даромада ба рӯи бистараш меёзад. Гӯш ба садоҳои ошхона дода, мунтазир меҳобад. Гоҳо дилтанг мешавад, аммо тоқат мекунад. Эҳтимол, аксари занҳо ҳамин хел бошанд, яъне қасдан чунон кордорӣ кунанд, ки шавҳарон лаҳзаи висолро ҳар дафъа ана ба ҳамин тариқа бесаброна интизорӣ кашанд, аз дил мегузаронад Саидбек.

Ниҳоят, садои пасти ба зарфшуяк расидани табақу косаҳо, қошуқу чангчаҳо низ қатъ мегардад. Нигор муддате онҳоро бо сачоқ пок карда, дар ҷевон ҷо ба ҷо мегузорад. Сонӣ садои шириққӣ хомӯш шудани чароғи ошхона ба гӯш мерасад. Лекин акнун чароғи ташнов фурӯзон мешавад. Нигор дастурӯ шуста, ба рухсораш ҳар гуна кремҳо мемолад. Саидбек ин кори занашро намеписандад. Ҳамин ки ба паҳлӯяш омад ва ӯро ба оғӯш кашид, илтимос, начаспед, мегӯяд, кремолуд мешавед, мегӯяд.

— О барои чӣ мемолӣ? Ҳар рӯзи худо крем мемолӣ? — дилтангона мепурсад Саидбек.

— Пир нашавам, гуфта мемолам. Дар рӯям ожанг пайдо нашавад, гуфта. Мабодо ба ягон зани дигар ҳавасатон равад, гуфта крем мемолам,— батафсил ҷавоб медиҳад Нигор.

— Воҳ, ту ин қадар дурандешӣ: нақшаҳоят камаш ба бистси соли оянда рафта мерасанд.

— Набошад чӣ? Илоҷи воқеа, дадаҷонаш, қабл аз вуқӯъ бояд кард.

— Ух, ух, аз Госплан ҳам ту дурандештар-э...

— Хайр, начаспед,— дастони ба оғӯш кашидан омодаи шавҳарро мулоимона рад карда мегӯяд Нигор.— Шакара камаш нағз.

— Рост, лекин ба ин дараҷа камаш маза надорад.

— Дорад, дадаҷонаш, дорад,— бо ҳамон оҳанги нарми навозишомез мегӯяд Нигор, аммо акнун ҷандон муқобилат намекунад. Дар торикӣ рӯи сандуқчаи ҳамшафати катро палмоскунон рӯймолеро меёбаду креми рухсорашро пок мекунад...

Ба зану шавҳар шудани онҳо бародари хурдии Нигор, ҳамкурси худаш Султон сабаб шудааст. Саҳеҳтараш феълу хӯи як қадар ғайричашмдошту ғалатии вай боис шудааст. Аслан табиати Султонро «як қадар ғайричашмдошт» гуфтан кам аст.

Вай факультети иқтисоди сохтмонро хатм карда буд ва азбаски кори дипломиаш диққати мутахассисонро ҷалб намуд, ӯро ба идораи марказии вазорати сохтмон ба кор гирифтанд ва дере нагузашта, хонаяки алоҳидае доданд.

Аввалҳои моҳи август буд. Саидбек аз рӯи аҳду паймони пешакӣ аз автобуси Норак фаромада, рост ба хонаи Султон омад. Ба занги дар касе ҷавоб надод. Саидбек дарро оҳиста тела дод, кушода шуд.

— Ҳой хоҷаи боргоҳ! Овозатро барор, охир! — садо кард Саидбек.— Ё аз ваъда пушаймон шуда, кунҷи хоная иҷора гирифтӣ?

Боз садое набаромад. Саидбекро дил ба изтироб афтоду дари даромадро дар ҳамон ҳоли кушода бозмонда ва пойафзолашро накашида, ба даҳлез даромад.

Аз дари ошхона Нигор баромад. Чашмони шаҳлояш аз гирья сурх шуда, қавоққояш мушт-мушт варам карда буданд.

— Чӣ шуд, Нигор? Тинҷӣ?

— Тинҷӣ, ака, ба хона дароед. Акаам ҳозир меоянд,— баъди салом додан гуфт Нигор.

— Ту чӣ кор мекунӣ?

— Ош мепазам. Ҳозир биринҷ тоза мекардам.

Аз чӣ сабабе боз гирьяаш омад ва духтарак зуд ба ташнов гузашта, муддате он ҷо бо оби хунук дасту рӯй мешуст то осори гирьяро аз рухсораш биравонад.

Баъд онҳо аз ду тарафи мизи майдаи ошхона нишаста биринҷ тоза мекарданд. Нигор он вақт ҳабдаҳсола буд. Саидбек ҳар замон дуздида ба чеҳраи арғувонии духтарак, ба гесувони сиёҳи майдабофти ба сари сина афтодаи вай назар меафканд ва дар дилаш мегуфт, ки аҷаб, дар байни як сол андоми Нигор ин қадар базебу дилкаш шудааст. Порсол тобистон Султону Саидбек ба деҳаи онон рафта, дар хонаи модар ва бародари калонии ӯ чанд рӯз истироҳат карда буданд. Саҳариҳо модар аз говҷӯшиаш баргашта, онҳоро бедор мекард ва маҷбур менамуд, ки шири навдӯшида биошоманд. Пас дар обанбори колхоз, ки махсус барои моҳипарварӣ сохта буданд, оббозӣ, моҳигирӣ мекарданд.

— Сангинуф, аз рӯи инсоф бигӯ, ҳамин хел кайфу сафоя аз кадом Қавказу Қрим ёфта метавонӣ?

— Аз ҳеҷ кадом кунҷи олам! — мегуфт Саидбек ба дили рафиқаш рафта.

Духтараки қадрас шуда буд он вақт Нигор, аммо пайкараш борики назарногири бачагона менамуд. Дар роҳгардиаш,

дар ҳаракатҳо ва нигоҳаш аз он тамкини хаёомез ва фарри дилпазир, ки ҳоло аз андомаш хувайдост, ҳанӯз осори казоӣ дида намешуд.

Саидбек аз даруни як каф биринҷи ба пештари худ кашидааш фақат як дона шолӣ ёфта тавонист. Вай ба пиёлаи аз курмаку сангчаву донаҳои шолӣ нима шудаи Нигор нигаристу ба ҳунари худ, ба чашми (ба хаёли худ) тез ва дурбинаш шубҳа карда, он як каф биринҷро ба рӯи миз дубора пахн кард. Дар айни замон аз дил гузаронид, ки ҳаёлаш ба ҷонибе майл кардааст, ки қатъан мамнӯъ аст. Ҳа, худи ҳозир аз хаёлаш гузаронид, ки Нигори порина гӯё муғчаи норасидае буд, ҳоло ба ғунчаи навшукуфта мемонад. Хусусан лаҳзае ки мижгонаш, ду бари рухсораш ашколуданд, ба ғунчаи саҳарии садбарги сафеде мемонад, ки шабнами ба рӯяш нишаста дар партави офтоб ба мисли зарраҳои алмос медурахшанд. Хуб нест ин корам, гуфт ба худ, айб аст. Ин духтарак шаш сол хурдтар аст аз ман... Хайр чӣ? — гӯё боз як каси дигар аз куҷое пайдо шуда, эътироз кард.— Дар синнусол хурд будани зан ё арӯс баръакс фоли нек мегӯянд-ку...

Боз ба чашмони Нигор пинҳонӣ назар афканд ва дар онҳо ҳамон осори гиръяро дида, ба худ гуфт: буза ғами ҷон, қассоба ғами чарбу. Ин духтар дар чӣ хаёлу банда дар чӣ андеша...

— Модар, бародар, ҳама саҳат-саломатанд? — пурсид Саидбек, ки мехост боиси ошуфтагии Нигорро бифаҳмад.

— Ҳа, саҳат-саломат,— қариб пичирросзанон гуфт Нигор ба аломати тасдиқ сар афшонида ва боз аз бими он ки дар чашмонаш сиришк ҳалқа мезанад, шитобон бархоста, ба даҳлез баромад.

Султон омад.

— Оҳо корҳо сад фоиз! — хитоб кард ӯ ҳанӯз аз таки дар ва бо ҷӯшу ҳурӯши хоси табииаш дарҳол ба гап даромада, аввал Нигорро дар бораи ба чӣ вазъият расидани палав, сипас Саидбекро оид ба коруборащ, сафараш аз Норак то Душанбе саволборон карда ва ба онҳо барои ҷавоб гуфтан фурсате надода, бо овози баланд чунин кашфиёти ба назараш тару тозаро изҳор дошт, ки гармои тобистон ба сифати кори баъзе идора ва муассисаҳо андак бошад ҳам, таъсири номатлуб мерасонад, зеро зотҳои танбалу танпараст боз камҳавсалатар мешаванд ва дар натиҷа бозори ваъдабозӣ ва коғазбозӣ мутаносибан ба ҳавои гарм метасфад. Султон ин ақидаро баён карда, дар айни замон тағйири либос намуд, сипас рафиқашро сахт ба оғӯш кашида, «хуш омадӣ» гуфт ва ӯро ба хонаи нишаст дароварда, дар сари миз бинишонид ва аз портфелаш якта китоби ғафс ва як шиша арақ бароварда илова намуд:.

— Шиша барои ҳар дуямон. Китоб сад фоиз барои худат: «Навтарин кострукцияҳои оҳану бетон»... Ҳамин лозим буд?

— Ҳамин. Ташаккур ба ту, ҷӯра. Лекин, ошно, як дам сабр кун, ман ҳам одам барин ақаллан якта савол дода, аз ту ҷавоб гирам.

— Марҳамат, дута, сета савол те.

— Ин корҳо ба чӣ маънӣ? Мову ту ба куҷоҳо рафтанӣ будем? Чаро шароб овардӣ? Боз Нигор ҳам ош мепазад...

— Шуд, шуд! Ҷилу чорта савола қатор кардӣ. Аслан хоҷат ба саволу ҷавоб нест. Худам сад фоиз гуфта медиҳам. Гӯш кун,— Султон айнакашро аз чашм гирифта, шишаҳои онро ба рӯмолча пок кард, айнакро ба ҷояш устувор намуда, мӯйлабаки базебашро бо ангуштонаш молида, ҳамвор намуд ва дар ҳамон ҳолате ки дар рӯ ба рӯи Саидбек рост меистод, ба суханаш давом дод: — Илтимоси туя дусад фоиз иҷро кардам. Мана китоб. Ин сад фоизаш. Садтаи дигараш ин ки акнун ба ҳеҷ ҷой рафтани ту лозим нест, туя ба китобхонаи оммавии марказии Тоҷикистон узви доимии имтиёзнок, яъне абонент кунонидам. Холмирзо Шокиров дар ёдат ҳаст? Аз сардорони сохтмони шаҳри Норак буд, а? Ана ҳамон мардаки меҳрубон ҳозир ба нафақа баромадааст, ба китобхона сардор шудааст. Мо ошнобозия лаънат мехонем, лекин ба нафъи кори ҷамоат бошад, аз луфту карами ёру ошно истифода карданро раво медонем. Ҳамту не? Сад фоиз! Илтимос кардам, не нагуфт. Акнун худат фардо ё пасфардо якта сурати майда гирифта, ба наздаш меравӣ. Минбаъд аз китобҳои даркориат бағалбағал лозим шавад ҳам, рафта бемалол мегирӣ. Маъқул? Аз суробат маълум, ки сад фоиз маъқул. Шуд, миннатдорӣ лозим нест. Акнун гӯш кун,— бо қиёфаи ҷиддӣ ба суханаш давом намуд Султон гӯё Саидбек то ҳоло ба гӯш кардани нақли ӯ машғул набошад.— Нигор аз имтиҳони асосиаш ғелидааст. Аз алгебра. Гирьяву фиғонаш барои ҳамин. Аз як тараф, духтари калони баақлу фаросат, худат дида истодаӣ, ба ҳама чиз фаҳмаш мерасад, аз тарафи дигар — сад фоиз кӯдак! Гумон мекунад, ки осмон ба сараш пору шудааст. Боз гумон мекунад, ки акнун мо, ду бародар ҳам, ба вай қатӣ шуда, азо медорем, рӯмол ба даст гирифта, ҳой-ҳой мегирьем. Лекин хато мекунад. Мо, баръакс, хурсандӣ мекунем. Як дам сабр кун, Саид. Дар автобус шип-шилта арақ зер кард, як дақиқа ба таки душ дароям. Сонӣ ба ту мефаҳмонам, ки барои чӣ хурсандӣ мекунем. Нигор! — банохост ба сӯи ошхона хитоб кард Султон.— Як кафгир аз зирбакат биёр, ҷигарам. Яхдона кушо, ҳар чиз дорӣ, кашон ба пеши ин мардак. Меҳмон аст вай ба ҳар ҳол.

Пас аз лаҳзае аз ташнов шарроси об ва нидоҳои баланди шахси бо ҳаловат оббозикунанда ба гӯш расид.

Азбаски ҳамон як соати меҳмонии Саидбек дар хонаи рафиқаш ба тақдири минбаъдаи ӯ осори куллие дошт, ҳар як дақиқаи он бо возеҳияти тамом дар лавҳи хотираш нақш бастааст.

Султон аз ташнов баромада, мӯи сарашро роҳравон шона зада, ба сари дастархон омад. Ба ду қадаҳи майда арақ рехта гуфт, ки хоҳиш мекунад аввал барои саломатӣ ва ояндаи хоҳаракашон Нигор бинӯшанд. Вай аз имтиҳон афтода, бисьёр зиқ шудааст, гуфт Султон, пас маълум мешавад, хиҷолат, мекашад, яъне ки нангу номус дорад, виҷдонаш азият медиҳад, аз модар, бародар, дугонаҳояш, аз ману ту ҳам шарм медорад. Модом, ки виҷдон дорад, ҳама кӯтоҳиҳо бартараф, хатоҳо сад фоиз ислоҳ мешаванд. Барои рӯзҳои хуши минбаъдаи хоҳараки дилсӯзи ман!»

Қадаҳҳоро ҳолӣ карданд. Султон боз гуфт, ки аз имтиҳон афтоданаш айби худи духтар аст. Вай, яъне Султон, ба ӯ аз синфи нӯҳум инҷониб саду панҷоҳ карат гуфтааст, ки хондана давом додан хоҳӣ, ё ба институти тиббӣ бирав, ё педагогӣ. Ба ҷавонзанҳо, хусусан ба Нигор барин духтарони баҳушу заҳматкаш касби муаллимӣ ё духтурӣ мезебад. Худатон тасаввур кунед, рафиқон, аз мошини ёрии таъҷилӣ табибаи нозанине яктаҳи сафед дар тан, стетоскопи ҷилодоре дар гардан фаромада, ба хонаи бемор шитобон мехиромад. Ин хел духтура дида, касали сад фоиз мемурдагӣ ҳам дубора зинда мешавад. Ё муаллимаи қишлоқа гирем. Дар иҳотаи бачаҳои офтобхӯрдаи деҳот тасаввур кунед, рафиқон, чӣ манзараи хушрӯ! Дилкаш! Эҳ! — бо ҳарорат хитоб кард Султон ба қадаҳҳо боз андак-андак шароб рехта.— Саид, ту шунидай, ки дар имтиҳони қабул ба касе барои иншо баҳои «панҷ» монда бошанд? Не! Фақат аҳьён-аҳьён. Нигор аз иншо панҷ гирифт! Ту ҳоло як сӯҳбат карда бин, чӣ хел доно шудааст. Лекин аз фанҳои иҷтимоӣ. Ана аз алгебраи даҳанакӣ «ду» гирифт. Ду! А?! О ба духтарҳо кӣ мондааст институти хоҷагии қишлоқа! Боз факультети механизация! Хайр, рӯята турш накун, фарз кардем, саҳле ифрот шуд. Аз занҳо ҳам инженери деҳот лозим, лекин...

— Ака, акаҷон,— бо овози паст сар аз пеши бар набардошта гуфт Нигор.— Муаллим на аз барои надонистанам «ду» монданд, аз барои равшан ҷавоб дода натавонистанам.

— Ана, дидӣ, аз асп фарояд ҳам, аз узангу по намеканад. Ҳамаи ин меваи насиҳатҳои ширини модар, бародари калониамон.

— Султон, ту чиҳо мегӯӣ? — даҳон ба эътироз кушод Саидбек.

— Чӣ гуфтанама сад фоиз медонам. Бародари калонӣ — устоди пухта, ордендор, фалону бисмадон... Модар говҷӯши номдори водӣ. Ин кас ҳам ордендор, вакили анҷуман, депутат

ва ҳоказо. Бародари хурдӣ чӣ? Унвон дорад? Не. Орден дорад? Не. Яъне мангар ки чӣ мегӯяд, бингар ки кӣ мегӯяд.

— Ака, акаҷон...— боз бо ҳамон овози пасти илтиҷоомез чизе гуфтан мехост Нигор, аммо бародараш гап заданӣ намонд ва ба Саидбек рӯй оварда гуфт:

— Аз гирья варам кард. Маҷбур шудам, гардани хор-хорон рафта илтимос кардам, ки ба шӯъбаи ғоибона гузаронанд. Қариб ҳал шуд масъала, аммо боз фардо ҳамроҳаш,— ӯ ба сӯи хоҳараш сар афшонид,— рафтан лозим. Инҳо аз ҳашамати мактаби олӣ, аз салобати профессорҳо метарсанд. Ростӣ, дар вақташ худамон ҳам чандон шердил набудем.

Султон даме андешаманд хомӯш монд.

— Фардо саҳарӣ ба Ленинобод меравам, Саид. То пешин бояд дар Мастчоҳ бошам. Ту дар шаҳрӣ. Ҳамроҳаш бирав, а? Фақат расмияташ мондааст.

Саидбек ба аломати ризо сар ҷунбонид.

— Нигор, бирав, ҷигарам, ошат, ба ҳаёлам, дам хӯрд.

Нигор ба ошхона бирафт.

— Росташа гӯям, Саид, ғоибхон шавад, ҷони ман ҳам дар осоиш. Мон, ки пеши модар биравад. Ин ҷо монад — ман қаравул. Ту хоҳар надорӣ, намедонӣ. Хоҳу нохоҳ аз дунболаш нигаҳбон таъин мекунанд. Моли нозук. Қаме дер монад, давида ба институт бирав, бипурс, бифаҳм, чӣ шуд, чаро дер монд? Рӯзҳои зимистон соати панҷуним торикистон мешавад. Дар кӯҷо мегузарад вай маҷлиси комсомолиаш? Чаро семинар аз фалон фан шабона барпо мешудааст? Ҳар сари чанд гоҳ меравӣ, мебинӣ ки чӣ тавр дарс тайёр мекунад. Ба пахтачинӣ фиристанд-ку қӯша-қӯша рӯзҳои истироҳатат сарфи саёҳати районҳо мешавад. Ҳар ҳафта ҳӯроку пӯшок мекашонӣ. Имрӯз шона даркор, пагоҳ дандоншӯяк ёфта биёр. Сад фоиз ҷонам халос шуд. Равад ба пеши модар. Ана-мана нагуфта, ба шавхар медиханд. Остонаи ҳавлиамонро хостгорон охурча кардаанд. «Нигор ҳоло мехонад, панҷ соли дигар мехонад» гуфта модари зор ба забони тоҷикӣ мефаҳмонад, боз пагоҳи дигар сабад барин дастовези дастархонпеча бардошта меоянд. «Нағзи шумову гандаи мо, хай гуед, бачаҳоя сарашона ҷуфт кунем. Зиндагонӣ ҳамин, оини ҳазорсола ҳамин, кори ҳайр. Не, нагӯед» Акаам оташин шуда, ба мобайн медарояд: «Хой мусулмон, ба шумо кушоду равшан гуфтанд, ки духтар ҳоло ёш, ба хаждаҳ надаромадааст. О шумо аз қоидаю қонуни мамлакат хабардор-ку!». «Ҳа, ҳа, мегӯянд хостгорҳо, худоба шукр, хабардор. Мо намегӯем, ки фардо тӯй кунем. Ҳозир розигиатона тед, ноншиканон кунем, сонитар худо расонад, тӯй мекунем». Қишлоқ-дия, қишлоқ! — Султон даме ба андеша рафт ва бо қиёфаи гирифта гуфт: — Як сол боз аҳвол ҳамин. Метарсам, ки ба ягон ландаҳӯр бароварда надиханд. Ис-

то! — ногоҳ як мушт ба гӯшаи миз фароварда бонг зад ӯ.— Нигора ту гирӣ намешавад? А?

Саидбек гаранг шуд. Вай шартакигӯиҳои рафиқашро медонист. Медонист, ки Султон риояи расми қадиму одоби кӯҳнаи миллиро шарти зарур намедонад, ба ҳамаи ин шарту шароит тамасхуромез менигарад. «Одоби шарқиатонро шӯрбо карда хуред. Ош шавад! Мана лекин маъзур медоред,— борҳо гуфтааст вай.— Мардони хирад гуфтаанд: одоб зиндони ихтиёрист. Боз мегӯям, маъзурам доред, ман озодӣ мехоҳам...»

Саидбек бо вуҷуди он ки феъли рафиқашро хуб медонист, тамом моту мабҳут шуда буд. Маҷоле надошт, ки забон ба сухан кушояд.

Нигор дар табақчаҳо бодирингу помидори реза овард.

— Исто, ҷигарам,— аз ҷой бархоста ва Нигорро аз китфаш оғӯш карда гуфт Султон.— Туро имсол набошад, соли оянда, хайр, ана бирав, баъди ду-се сол ба шавҳар медиҳанд. Магар ҳамин акаи Саидбекат йигити хуб нест?

Нигор дар як они воҳид суп-сурх шуд, рӯяшро бо дастони нозуки сафедаш пӯшиду сар ҳам кард, лаҳзае дар ҳамин ҳол истоду пас ҳунгосзанон гирист ва боз ба ташнов рафт.

— Маст шудаӣ, ошно! — бо овози баланд ва бо шиддат гуфт Саидбек низ аз ҷояш бархоста.— Медонам, ту ҳамин хел х-х-...ӯ забон хоида, аз гуфтани калимаи таҳқиромез базӯр худдорӣ кард,— ҳамин хел беандешагиҳо дорӣ. Ба хаёлат, тарзи гуфтугӯи ту шакли нави одоб аст. Лекин, ошно, навигарӣ ҳам эбаш-катӣ. Хайр, ман-ку одат кардаам. Нигори бечора чӣ гуноҳ дорад?

— Ҳайр, шинед, шинед. Мо ҳам шумоя сад фоиз медонем. Шукр, шаш сол шуд. Нону ҷурготи олама баҳам дидем. Вай ҷӯраи ҷони пешонифарохатон... Ҳоло чӣ буд?.. Вай Давид Салим барин гапа ғоз дода, аз так фонаю аз рӯй шона мезадем, ба шумо мефорид. Мебахшед, мо устои декорация нестем!— бонг зад Султон.— Буду шуди мо ҳамин!

— Афсӯс ки ҳамин. Ҳа, сад афсӯс! — Саидбек ҳам акнун барои хиҷолат доданаш ниқор мегирифт.— Ба шир омада ба ҷон меравад, гуфтаанд.

Саидбек ба даҳлез баромад, кулоҳи хасинашро аз мех гирифта, ба сӯи дари нимроғи ташнов бо овози баланд гуфт:

— Нигор, пагоҳ соати ҳашт меоям. Ба институтат меравем,— ва аз дар баромад.

— Чӣ, ба ростӣ меравӣ? Яъне ки ароз кардӣ?

Саидбек чизе нагуфта, аз зина поён рафт. Аз дунболаш Султон «Э калла! Ин каллая тамошо кунед» мегуфт. Саидбек ба гардишгоҳи мобайни ошьёнаи дуввум ва баромадгоҳ расида, муддате таваққуф кард. Ба худ гуфт, ки ҳоло кори бе-

ҷое кард. Султон он чизеро гуфт, ки дар замири дили Саидбек ниҳон буд. Чизе ки худи Султон ҳам, аз афти кор, аз таҳти дил мехоҳад. Воқеан вай тобу тавони сохтакорӣ надорад. Пас Саидбек аз чӣ ранҷид? Аз тарзи ноҳинҷор, тарики дар урфият қабулнашудаи гуфтори рафиқаш? Хайр, охир, худаш ба рӯяш гуфт, ки ба шир омада ба ҷон меравад. Боз чӣ лозим? Оё ҳамин дам фурсати муносиби «тарбияти» Султон буд? Дар оилаашон, ҳатто дар авлоди калонашон танҳо худаш ҳамин хел зоғи ало барин пайдо шуда, ба сари худ ба воя расидааст. Ранҷида баромадани Саидбек магар мисли он нест, ки ба кайк ситеза карда, пӯстинро ба оташ андозанд?

Саидбек пас гашта, ба хонаи Султон омад.

— Сад фоиз бовар дорам, ки як рӯз не, як рӯз ақли ҳар дуят ҳам медарояд,— бо оҳанги музаффарона эълон кард Султон ва қадаҳҳоро аз шароб пур кард....

Соли дигар баҳорон Бузург омад. Саидбек ӯро дар аэропорт дида, ҳайрон шуд: нахустин бор медид, ки бобо орденҳояшро ба сари сина овехта, аз болои он яктаҳи қаҳраборанги абрешимин пӯшида буд.

Пирамард ӯро дар пеши панҷарадевори аэропорт сахт ба оғӯш кашида, аз рӯи одаташ муддате аз оғӯш раҳо накард, китфу бозувони расои набераашро молид, аз сару рӯяш бӯсид ва бо садои изтиробомез гуфт:

— Офарин, Бек. Қайҳо боз нигарони ҳамин рӯз будам, ки барои хонадоркуниат ба хостгорӣ биравам. Пире ки ба чунин рӯз расидааст, аз тақдираш бояд розӣ бошад. Ба ҳаёли мани пир ҳамту. Хайр, шуд, рафтем. Не — боз гуфт бобо қомати баландашро аз нав рост гирифта ва даст ба ришу фаши салобатноки нурониаш бурда: — Аввал ба ман устои нағзи сартарош ёфта медиҳӣ!

Саидбек ӯро ба сартарошхонаи аэропорт ҳидоят намуд. Бобо аз паси тиреза ба кори ду усто — як ҷавонписар ва як зани миёнсол дақиқае назорат карда истоду «Намешавад» гуфт. Ба таксӣ савор шуда, ба маркази шаҳр омаданд. Дар ду ҷой аз таки дар ба қатори устоҳои машғули кор ё мунтазири мизоҷон бекорнишаста нигоҳ кард-нигоҳ карду берун баромад. Ниҳоят, устои дилхоҳашро аз канораи шимолии шаҳр аз як дӯкончаи назарногири деворҳояш фанерӣ дарьёфт ва мӯйсарашро тарошида, ришу мӯйлабашро қайчӣ занонид.

Сипас гуфт, ки ба хостгорӣ ҳамроҳи ёру ошноҳои худаш меравад.

— Кадом ошноҳо, Бузург? Ҳамонхое, ки дар Ҳисоранд?

— Ҳа, дар Ҳисор. Ба чӣ ҳайрон шудӣ? Вақтат набошад, худам меравам. Соле ки ба ин ҷоҳо ман равуо доштам, ҳатто падарат дар шиками очааш набуд. Бобои ту, Бек, ҳоло

ягон бор раҳаша гум накардааст. Ба хаёли мани пир, ана ҳамту. Хайр, тоз, таксия дошта биё.

Чаҳор рӯз дар райони Ҳисор ва деҳоти дараи Қаратоғ гузашт. Саидбек дар дилаш мегуфт, ки ҳайрият бармаҳал ба таътил баромада будааст. Вай ҳаргиз гумон надошт, ки Бузург ба масъалаи хостгорӣ ва тайёр кардани ин тадбир ин қадар эътибори калон медиҳад. Гӯё вай вакили мухторе бошаду ба мамлакати ҳамсоя камаш барои ҳалли муаммои ҳаёту мамот мерафта бошад.

Бобоpo аз саҳар то шом гоҳ ба ин боғу гаҳе ба он ҳавлӣ ба меҳмонӣ мехонданд. Як ҷӯрааш, кулоли пире гӯсфанд кушт. Ҳар рӯз бобоpo ҷома мепӯшониданд. Аз пушти шолӣ об хӯрдани курмак барин дар як ҷой ба Саидбек ҳам ҷома пӯшониданд.

Ниҳоят, «ҳайати вакилон» тартиб ёфт. Як узваш ҳамон кулоли пир, мӯйсафеди ҳанӯз зиндадили суҳбатоpo буд. Дигараш пирамарди монанди Бузург қадбаланд, кулутариш, аммо камсухане буд, ки аз замони инқилоб то ибтидои Ҷанги Бузурги Ватанӣ сардари кадом як муассисаи аспарварӣ будааст ва агар ба суҳбат қатӣ шавад ҳам фақат аз руйдодҳои ба аспу аспарварӣ вобастаи ҳамон давра чанд калима мегуфт.

Бузург аз хостгорӣ баргашта, аввал ҷӯраҳояшро хона ба хона гуселонид. Баъд ба хобгоҳи набера омада, ӯро муборакбод гуфт. Гуфт, ки интихобаш ба ӯ маъқул аст, хонаводаи арӯсшаванда хонадони бамаънӣ будааст.

— Аз ту, Бек, дигар хел умед ҳам надоштам,— боз гуфт Бузург.— Туя, вай духтари дӯстрӯяк... дидам вая... Насиб кунад, нағз... ҳа, туя, Нигора дуо мекунам. Лекин, афсус, шумо, ҷавонҳо, ба дуои хайр бепарво барин. Ба ҳаёли мани пир ҳамту.

— Инту нагӯед, Бузург, бепарво нестем мо,— боадабона эътироз кард Саидбек.— Дуои хайр, охир, орзуи нек аст, ситоиш аст. Чаро қадр накунем?

— Надонам. Хайр, Бек, майлаш. Тӯя тирамоҳ мекунем. Ҳама розӣ. Ғами пула нахӯр. Худам омада, сарубар мешавам. Хонаи иҷора ҳам айб надорад. Мешавад ҳамааш оҳиста-оҳиста.— Ба чеҳраи бобо дар ин дам абри андӯҳ соя афканд ва ӯ чашмонашро нимпӯш карда, гӯё худ ба худ мегуфта бошад, бо овози паст илова намуд: — Охирин тӯи арӯсиву домодии писари худам. Ба фикри мани пир ҳамту.— Боз дақиқае сокит монд, сипас дар ҷои нишастааш як ҷунбиду ҳаёлоти нохушро аз сараш дуртар биронд ва бо садои бардами одатиаш гуфт: — Тӯи калон мекунем. Хез, Бек, рафтем, мана ба айрапорт барор.

* * *

Субҳ дамида, ҳама ҷо равшан шуда буд.

Аз роҳи он сӯи наҳр автомобильҳо ба ҳаракат даромаданд. Саидбек баръало шунавид, ки чанд мошини гарони боркаш дунболи ҳам гузашта, дар гардишгоҳи танг махсусан башиддат ғуррос зада, ба кӯтали на чандон баланд баромад. Эҳтимол, корвони мошинҳои бедакашон бошад. Бомдодон одатан ҳамин гуна корвонҳо ба сафар мебароянд. Агарчӣ дар сари ағба ду-се бор барф боридааст, рафтуои автомобильҳоро ҳанӯз манъ накардаанд.

Дар боло гунҷишкон чириқ-чириқ мекунанд. Аз афташ, дар шохаҳои дӯлона нишастаанд. Ва мисли ӯ шабро дар ҳамин ҷо гузаронидаанд. Шояд онҳо гунҷишк нестанд, мурғакони дигаранд ва ғурӯзи суруди саҳариашон ҳамин тавр чириқ-чириқи гунҷишкро мемонад?

Хайр, ин аҳамияте надорад.

Пас чӣ аҳамият дорад?

Ҳанӯз ин саволро ба худ надода, дилаш так кашид. Гӯё касе гуфт, ки ҳоло фақат як чиз аҳамият дорад: аз ин варта ҷон ба саломат бурдан. Ана шаб ҳам гузашт. Акнун чӣ? Оё ҳамин аст он ки гуфтаанд: поёни шаби сияҳ сафед аст?

Ҷони одамизод аз санг сахту аз шиша нозук. Ин гап бешак дуруст аст. Аммо сабру тоқат ҳам, охир, мисли ҳар чизи дигар ҳадду ҳудуде дорад. Боз чӣ қадар муддат ӯ қодир аст, ки пои худро ноҷунбон ба сари санги наҷотбахш такья дода тавонад?

Саидбек ҳис кард, ки дар пешониаш арақи сард пайдо шуд. Аз он лаҳзае ки сангпар сар шуда, ӯро ба ин ҳол расонид ва то ба ин дақиқа аз анҷоми номатлуби кор то ба ин дараҷа сахт натарсида буд. Ин натиҷаи бехобӣ, гуфт Саидбек дар дилаш пас аз дақиқае худро ба даст гирифта. Пештар ҳам пас аз бедорхобиҳои тӯлонӣ эҳсос мекард, ки асабаш заиф шудааст. Дар кӯча пиёда равон бошад ва аз қафо ягон автомобиль баногоҳ сигнал диҳад, як қад мепарид. Ба мисли нашамандоне, ки аз истеъмоли тарьёк сояашон тунук мешавад ва аз ногоҳ ғиҷиррос задани турми дар ҳам ҷонашон ба изтироб меафтад.

Ҳа, ҷон ширин, зиндагӣ азиз. Барои ҳама ба як сон азизу нотакрор...

Пеши назараш боз ҳаймачаи норинҷии сайёҳӣ танҳо ҷилвагар шуд. Сонӣ пайкари Бузург пайдо гардид, ки дар тутзори торик бо як даст ба танаи дарахти пир такья карда, дастаи тешаи устонашро бо дасти дигар сахт мефишорад ва ба қасди ҷони ӯ қадам ба қадам наздик омадани ҳарифи бешафқатро таъқиб мекунад. Сипас Бузургро дар бағали бут-

таи анҷир дид, ки охирин мадорашро ғун карда, барг мека-над ва баргҳои калон-калону гарону шахшӯли анҷирро рӯи ҳам гузошта, ба ҷароҳати хуншори шикамаш медорад.

Агар ба ин тарзи нолоиқ талаф шавам, Бузург нахоҳад до-нист, аз хаёл гузаронид Саидбек. Пас, чунин андеша ҳарчанд ғояти носипосист, аммо бояд эътироф кард: хуб шудааст, ки Бузург як ҳафта пеш аз ӯ чашм аз олам пӯшидааст.

— Бузурги ман...— пичиррос зад Саидбек ва нафас дар гу-лӯяш печид. Нам гирифтани чашмонашро ҳис кард, мижа таҳ намуд. Ду қатра ашк аз зери пилкҳо баромада, оҳиста ба ру-яш лағжида фаромад. Майлаш, тaскиномез гуфт Саидбек. Ги-ристани ӯро кӣ мебинад? Ҳеҷ кас. Бузург дигар нест. Бузург ин нангро нахоҳад дид, нахоҳад шунид, нахоҳад донист, на-хоҳад сӯхт.

...Он рӯз бо даъвати бобо ба наздаш ҳозир шуду пас аз як соати дигар дар сари бистари сардаш менишаст. Ашк дар чашмонаш чун оби гарм дар чашмаи ҷӯшон медамид. Медами-ду ҳалқа мезад ва фурӯ мерехт. Боз медамиду ҳалқа мезаду фурӯ мерехт. Бобо навад сол умр дид. Ҳама гуна талхию шириниҳоро чашид, гармию сардиҳоро дид, аз пастию баланд-диҳо огоҳ шуд. Агар касе ҳамаи он рӯзҳои пуршиддатеро, ки ӯ аз сар гузаронид ва хидматеро ки ӯ ба мардуми диёраш бигузошт. ба чаҳор-панҷ ҳиссаи баробар ҷудо мекард, ҳар яке аз он қисматҳо умри муқаррарии одамиро зинат метавонист додан. Саидбек медонист, ки падруд кардани бобо амри таби-ист. Ба мисли қарзи воҷиб аст ин амр, ки бояд адо кард. Бо вуҷуди ин мегирист, мисли кӯдаке ки ноҳақ озор дода бошан-даш бо алам, вале бидуни навҳа мегирист.

Ҳар замон ба хона одамон даробаро мекарданд. Аммааш омада рӯйҷои сафеди дар болои ҷасади Бузург пӯшидашударо ғундошта, ба ҷои он рӯйҷои сабзи махмалин густарид. Қасе омада хабар дод, ки ба Нигор боз як телеграммаи дигар фи-ристодаанд. Пирамарди ҳамсоя даромада, аз рафи токча, аз байни китобҳои кӯҳнаи бобо якеро гирифта, ба меҳмонхона баргашт. Боз чанд нафари дигар аз хешу таборон даромада, даме нишастанд, оби дида бирехтанд, ба ҳамдигар, ба Саид-бек таскиномез чиҳое гуфтанд ва берун бирафтанд.

Саидбек ҳамаи ин омадурафтро гӯё ҳам эҳсос мекард, ҳам не.

Лаҳзае буд, ки ба назараш таки сари бобо аз ҳад зиёд ба-ланд намуд. Як қабат болини паҳни пахтагинро гирифта, ба канор гузошт. Сари боборо дурусттар чойгир намуд. Сипас ба рӯи синаи бобо хам шуда, ҷуссаи ӯро оғӯш кард ва мудда-те дар ҳамин ҳол буд. Аз дилаш гузашт, ки ҷисми ин зоти барояш азиз, ҷисми падар ва мураббии меҳрубонаш фақат

чанд соати дигар меҳмони ӯст. Ва дастонашро ба зери шонаи бобо дароварда, пайкари ҳанӯз гарми ӯро навозиш кард.

Дар овони кӯдакӣ тахтапушти ӯро бобояш ҳамин тавр сила мекард. Кафи фароху панҷаҳои гирояш пур аз обилаҳои бисьёрсола ва шахшӯл буданд, вале писарак навозишҳои ӯро одат карда буд ва дӯст медошт. Баъдтар тахтапушти боборо худи ӯ ба ҳамин тариқа даст мекашид.

Боре ҳамроҳи Нигор дар чиллаи зимистон омаданд. Ҳаво хеле хунук буд, чанд қабат барф дар боғу саҳро, рӯи ғарамҳои бедаю ғӯзапоя, дар кӯчаву пайроҳаҳо болои ҳам зам шуда мехобид. Саидбек ва Нигор ба ҳавлӣ даромадан замоно боборо диданд, ки барф бел мекард, аммо дар танаш фақат як қабат куртаи дарози гиребонаш ҷиҳакдор буду бас. Ҷомадонҳои худро саросема ба фарши дарвозахона партофта, ба пеши Бузург давиданд. Вай аввал Нигорро оғӯш кард, аз пешониаш бӯсид, суханҳои хуш гуфт. Пас Саидбекро навозиш кард. Саидбек даст ба камари пирамард бурда, пушти боборо молид ва ташвишомез пурсид:

— Бузург, хунук нахӯрдаед?

— Не, Бек, баданам гарм.

Саидбек аз гиребони васеи бобо ба таки куртааш даст дароварда, боз гуфт:

— О ях барин-ку, Бузург?

— Аз дарун гарм, писарам. Аз дарун.

—Фаҳмидам, Бузург. Лекин ҳаво бисьёр хунук. Ҳозир ҷомаатонро меорам,— ва Саидбек ба сӯи хона биштофт.

— Лозим не, Бек, ҳамроҳ медароем. Аз бекорӣ зиқ шуда будам....

Дасте мӯи сар ва буни гарданашро ба нармӣ молид. Саидбек сар бардошта дид, ки аммааш, кӯчактарин духтари Бузург, хоҳари хурдии падараш ӯро ишорат мекард, ки аз ҷой бархезад.

— Ба меҳмонхона баро, Саидбек,— мегуфт аммааш,— мӯйсафедон туро мунтазиранд.

Аз суҳбати калонсолон пай бурд, ки бидуни ширкат ва кӯмаки ӯ ҳамаи масъалаҳо кайҳо ҳал шудаанд. Фардо Бузургро ба хок месупоранд, пасфардо бегоҳи се мешавад. Маросими калонтар ба хотири Саидбек ва аз рӯи таъиноти пирамарди шодравон якшанбеи оянда мешавад.

Пирамарди ҳамсоя фикри ӯро ҷӯё шуд, Саидбек гуфт:

— Ҳар чиз ки шумоён лозим мебинед...

Боз муддате ба суҳбати он мардум гӯш дода нишаст. Ба Ғӯлакандоз ба фалонӣ, ба Ҳисору Могиёну Шаҳристон ба фалонӣ ва фалониҳо хабар бояд фиристод, байни худ маслиҳат мекарданд онҳо. Ва Саидбек харитаи сафарҳои боборо пеши назар оварда, дар дилаш мегуфт: воқеан тухми ошноӣ ва ра-

фоқат парокандааст Бузург. Вагарна Ҳисор кучову Ғулакандоз ку?

То фаро расидани торикӣ гурӯҳ-гурӯҳ одамон меомаданд. Бо чеҳраҳои андешаманд, сари хам омада, ба Саидбек таъзия баён мекарданд ва ҳамчунон бо сари хам бадар мерафтанд.

Соатҳои даҳи шаб Нигор ва Нур бо мошини Алексей омаданд. Алексей ба сар тоқии чоргули чустӣ пӯшида, намуди ғалатӣ пайдо карда буд. Нигор худи ҳамон лаҳза бо овози баланд ба гирьяву навҳа даромад ва садояш то ба дуртарин канораҳои деҳаи калон паҳн шуда рафт.

Алексей Саидбекро ба гӯшае кашида, ба дасташ як лӯндаи коғазпечеро қаппонид. Чун Саидбек дид, ки он коғазпеч пул будааст, ба рафиқаш баргардонид.

— Ин коратон барзиёд,— гуфт ӯ.— Дар ин маврид нолозим.

— Маслиҳати рафиқон. Бригадаатро медонӣ-ку.

— Медонам,— гуфт Саидбек.— Аммо дар ин маврид лозим нест. Бобо пулу моли бисьёре дорад.

Алексей пай бурд, ки рафиқаш дар хусуси бобои худ тарзе сухан мекунад, ки ӯ ҳанӯз зиндааст. Вай аз нақлҳои Саидбек дилбастагии ӯро ба пирамард хуб медонист. Бинобар ин ӯро бори дигар оғӯш намуд, таскиномез чанд калима гуфт ва дар айни замон дар дили худ аҳд кард, ки маросимҳои ёдбуди ин мӯйсафед аз рӯи расму оини миллиаш чанд маротиба, ки такрор шавад, ҳамеша дар паҳлуи Саидбек бошад.

Рӯзи дафн ҳаво бaноҳост хунук шуд. Аз саҳар то чоштгоҳ боғоти Сочак дар оғӯши тумани ғафс мехобид, ки дар ин фасли тирамоҳ, дар охири моҳи октябрь як ҳодисаи нодир буд. Ва худи он рӯз ҳам бо гаронии худ, бо ҷунбуҷӯли мардуми бисьёре дар ҳавлии бобо ва кӯчаҳои атрофи он, бо гирьяву навҳаи занон ва хусусан Нигор, ки сӯзу гудозашро гӯё ҳадду ҳудуде набуд, дар ёди Саидбек чун айёми тӯлонии тираву тори туманолудае нақш баста буд. Ба назараш чунин мерасид, ки мағзи сар ва худи сараш ҳам дар иҳотаи туман афтодааст. Садои одамоне, ки ба ӯ мурочиат мекарданд, ба гӯшаш гӯё аз паси чанд қабат пардаи ғафс аранг-аранг мерасид. Оре, Бузург охирин шахси наздики ӯ аз ҷумлаи аҷдодонаш буд. Падар, модар, ҳар ду модаркалон кайҳо рафта буданд. Бобои модариашро Саидбек умуман надидааст.

Соати ба хок супурдани бобо, вақте ки ҷасади кафанпечи ӯро аз тобут мегирифтанд,Саидбек ба «айвончаи» қабр фаромад. Вай мебоист пайкари боборо аз дасти онҳое, ки дар боло буданд, гирифта ба даричаи лаҳад, ба дасти гӯрков медод. Дар ҳамон асно дилаш лаҳзае так кашид: пайкари шахси азиз, ки як умр гарм буд, ҳоло аз паси суфи оҳарии лагжонак ях барин хунук расид. Ва ҳамин сардӣ мисли боди серуни зи-

мистон то ба қаъри дил ва мағз-мағзи устухонаш рафта халид. Қасе аз калонсолоне, ки дар канори хоктеппаи сари қабр рост меистоданд, чанд сония беҳаракат мондани ӯро дида, бо изтироб хитоб кард:

— Саидбек, ҷиян, ҳушьёр шав!

Ва ӯ аз ин нидо ба худ омада, ҷасади бобоpo зичтар ба оғӯш гирифт ва озод бардошта, поёнтар фаровард ва пои ӯро ба дасти гӯркан биспорид.

Дар ҳавлии бобо ҳарчанд зану марди дастьёр, хешу табори хидматгор бисьёр буд, Нигор дам нагирифта, аз субҳ то ними шаб меҷунбид. Мегиристу ҳатто оби дидагонашро пок накарда, ба чаҳор сӯи ҳавлӣ медавид. Эҳтимоли ҳастагӣ ё дар ҳавои рутубатнок шамол кашидан ба гӯшаи ҳаёлаш намеомад. Байни айвону хонаҳои калон ва ошхонаву мадону анборакҳои бобо мокувор тор метанид ва бо ин ҳама ҳамин ки занон дар саҳни ҳавлӣ давра гирифта, овоз меандохтанд, зуд ҷунбуҷулашро қатъ карда, худро ба он давра мерасонид ва бо оҳу афғоне, ки аз мусибати дилфигораш шаҳодат медод, ба гӯяндагӣ оғоз мекард:

— Гули сафеди сари сабадам будед, бобоҷонам! Барои чӣ мо, бачаҳои ба ғафлатмондаи шумо, ягон ҳафта пештар наомадем, ки аз дидоратон сер шавем, бобоҷонам?

— Суханҳои ширини шумоя, насиҳатҳои қимати шумоя акнун ба мо кӣ мегӯяд, бобоҷонам?

Саидбек навҳаи занашро шунида, ба дуртар, ба ҷои хилваттар мегурехт. Аммо дар асл хушсухании Нигор аз мояҳои ифтихораш буд. Вай гоҳо дар сафарҳо, дар тӯю маъракаҳо, дар анбӯҳи одамон ҷӯё мешуд, ки оё касеро аз ҷинси зан ё мард дучор меомада бошад, ки дар муомилаи хуш, дар назокати сухан бо Нигори ӯ баробар ояд? Ин гуна фардро пайдо намекард ва аз ин ҳол боз бештар меболид. Чӣ неъмати аҷибест сухани меҳрангез, муомилаи ширин. «Ҳеҷ чизи дигар ба ин дараҷа арзон несту ба ин поя қимати гарон надорад, магар ки муомилаи хуш!» Ин ҳикмати муаллифи достони родмарди ламанчиро* солҳои охир аз лавҳаи дару девори дӯконҳо, магазинҳо, устохонаҳо мехонду чеҳраи занаш пеши назар меомад ва дилаш ба тарзи гуворое гум мезад ва мехост, ки рӯз ҳар чи зудтар бегоҳ шавад ва ӯ овози Нигорашро, суханҳои зарофатноку пурнавозиши ӯро аз наздик бишнавад.

Баъди хонадор шудан ба аёдати бобо онҳо ҳатман дукаса мерафтанд. Ҳуди Саидбек яқин пай набурд, ки меҳре ки ӯ ба Бузург дошт, кай ва чӣ тавр ба ҳамсараш бигзашт. Ду соли охир сардории сафарҳо барои зиёрати бобо тамом ба дасти Нигор гузашта буд. Вай ба тақвим нигоҳ карда мегуфт, ки

---

* С. М. Сервантес.

фалон ид наздик меояд ва агар ҳукуматамон ин дафъа ҳам рӯзҳои истироҳатро ба рӯзҳои ид бипайвандад, ҷамъ се ё чаҳорруза фурсати муносиб пайдо мешавад. Ва шуруъ мекард ба тайёрӣ. Аз куҷоҳое чои дилхоҳи бобо — чои асили ҳуттидори ҳиндӣ пайдо мешуд, тӯда-тӯда дили наботро, дили яккачин ва маскарангашро ба коғазхалтаҳо захира мекард. Аз чити сафеди раҳ-рах ё холдор барои Бузург куртаҳои зонураси қадимишакл медӯхт. Ба гиребони кӯндаланги аз китф то китф кушоди курта шерозаҳои гулдор мечаспонид. Аз сафари якҷояашон ба шаҳрҳои назди Балтика он қадар шерозаҳои рангубаранги зебои литвонию эстонию латишӣ оварда эҳтиёт карда буд, ки агар Бузург аз олам намегузашту сад соли дигар аз ҳамон куртаҳои урфиаш мепӯшид, захираи тирезҳои Нигор баҳузур мерасид.

— Худатон мегуфтед, ки дарди фироқу сӯзи ҷудоӣ балои азим аст, бобоҷонам. Ба сари фарзандҳои кенҷаатон чиба раҳм накардед, бобоҷонам! — навҳа мекард Нигор дар давраи занҳои сиёҳпӯш.

— Дар ин ҳавои хунук шумоя ба хонаи тираву тор танҳо монда омаданд. Мо дар ин дуньёи равшану васеъ чӣ кор кунем акнун? Илоҷаша гӯед, бобоҷони соҳибтадбирам!

— Орзӯ мекардем, ки ёру дӯст ба навадсолагиатон омада хурсандӣ кунанд. Меҳмонакои азиза чиба музтару малӯл кардед, бобоҷонам?...

Нигор аз хонаи бобо ҳаставу нотоб омад. Аммо дина боз ба зодгоҳаш бирафт, то бародарҳо ва амакҳояшро ба мошини ҳаштҷояи ҳамаҷогарди акааш савор карда, ба Соҷак барад.

Нигор.... Нигори азиз, вуҷуди аз ҷон ширини Саидбек...

Ҳолo ҳамроҳи бародар ва хешутабораш меояд, ки хона холист. На шавҳар ҳаст, на Райҳон. Дере нагузашта мефаҳмад, ки.....

Не, ба хаёлоти ҳузновар роҳ набояд дод. Парасанге ки вазни ӯро дар рӯи ин бистари сард нигоҳ доштааст, зоҳиран сангги мазбутест. Вале агар ҷони Саидбек фаразан ба санги пойдор неву ба тори борику нозуки заифе андармон мешуд, дар ҳамон сурат ҳам дил аз зиндагонӣ барнамеканд. Ҳа, ба андешаҳои яъсовар набояд роҳ дод. Магар кам буданд касоне, ки ба машаққатҳои зиёде тоб оварда, аммо дар остонаи наҷотёбӣ ба навмедӣ даст дода, ба коми нестӣ ғелидаанд?

Магар Райҳонак ҳамон гуна вуҷудест, ки сағираи бепадар монданаш гуноҳ набошад?

Оё Нигор ҳамон гуна занест, ки дар ин дуньё ӯро беёру ёвар, бе дӯст ва пуштибон ҳайрону ҳаросон гузоштан мумкин бошад?

Не. Меарзад, ки ранҷ кашӣ, то рамақе дар ҷон ҳаст, даступо бизанӣ, талошҳо бикунӣ, то ин ки боре, ҳатто ба як лаҳзаи

мухтасаре дар чашмони Нигор, дар чеҳраи гарми он ёр ғусса соя наафканад. Ҳа, ҳатто соя наафканад.

Сад карат меарзад, ҳазор карат меарзад.

Ӯ дар ин ҷо талаф шавад, маросими Бузург чӣ мешавад? Рӯзи ҷаноза кӯчаҳои назди қабристон аз мошинҳои сабукраву боркаши рангу баранг пур шуда буд. Фардо низ ҳамон қадар одам меояд, балки аз он зиёдтар. Бузург марди овозадор буд. Фақат ду маротиба бо тӯдаҳои ҳарифон ба танҳой ҷангида, ҳар ду маротиба ҳам бо тани афгор, ба таври каснодидаву гӯшношунида афгору озурда аз лаби гӯр баргаштанаш чӣ қадар ҳикоятҳо, ривоятҳои афсонамонанд ба майдон овардааст. Ба замми ин на ҳар кас ба ин хел синни муборак мерасад. Мардум одате доранд, ки «кори хунӣ» дошта бошанд ҳам онро як сӯ монда, ба поси хотири мардони умрдида мешитобанд.

* * *

Ҷаҳли мураккаб гуфтанӣ иборан қадимае ҳаст, нодонии аз ҳад берунро ҳамин тавр мегӯянд. Аз рӯи инсоф, меарзад, ки Саидбек худашро кӯри мураккаб биномад. Маҳз ҳамин хел кӯри мураккаб метавонад асои худро гаштаву баргашта гум кунад.

...Он рӯз Умар хабар овард, ки сардори қитъа ӯро ба Пахтаобод фиристоданист. Ҳатто фармон баровардa, ба тахтаи эълонҳо часпонидааст. Чӣ бояд кард?

Саидбек ҳамроҳи Нур ба идора биштофт.

— Биргад, ту ба вай сахт нарас,— ҳанӯз дар оғози роҳ маслиҳат медод Нур.— Ман боз ягон бачаи хубро ба кор меорам. Авлоди мо, шукр, калон. Сағираҳои чолоку чаққон бисьёр.

Бригадаи Саидбек Сангинов аслан пешқадамтарин дастаи қитъа, ҳатто ҳамаи соҳаи энергетика буд. Баъди омадани Умар кори бригада боз равнақ ёфт. Вай танҳо худаш ҳам ошпаз буд, ҳам мудири хоҷагӣ, ҳам ба забони идоравӣ гӯем, экспедитор. Дар шароите, ки бригадаи Саидбек кор мекард, вазъи таъминот аз хобу хӯрок аз омилҳои аввалиндараҷаи суръату сифати кор аст, гӯяд муболиға намешавад. Ин буд, ки хабари овардаи Умар ҳамаро мушавваш намуд.

— Ин чӣ гап?! — мегуфт Саидбек худ ба худаш, ба рафиқонаш ва ҷавоби муносиб намеёфт.

Ба шиддати кори бригадаи поясозон на ҳар кас як мавсими пурра тоб оварда метавонад. Созандагони хатҳои электрро аз аввали баҳор то танги тирамоҳ ба саҳроҳои васеъ — ба он ҷое, ки пахта мекоранд, ё боғу киштзорони доманфарох вокеанд, роҳ намедиҳанд. Дар ин фасл, аксаран дар кӯҳсорон дар

ҳавои кушод, гоҳ зери офтобу гоҳ барфу борон кор кардан лозим меояд. Дар бағалаҳои танги шаххҳои баланд, дар соҳили ноҳамвори наҳри пурхурӯш, дар пайроҳаҳои пурсанги дараҳои каҷмакаҷ ва тори кӯҳҳои сар ба осмон кашида бо кори дақиқи васлгарӣ машғул шудан, дар як-ду ваҷаб масофа аз партгоҳҳо бульдозер ва автомобильҳои гаронҷусса рондан баробари он аст, ки ҳар рӯзи худо дар рӯи дами шамшер бо пои бараҳна қадам занӣ ва бо марги муфоҷот доимо даст ба гиребон бошӣ.

Фақат дилбохтагони ин касб, фақат одамони ҳақиқатан душворписанди шердил метавонанд ба шиддати ин касб тоб оваранд. Баъзе беғамон луқма мепартоянд, ки рост, кори шумо осон нест, лекин маошатон ҳам ба ҳамон муносиб аст. На ҳар кас моҳе то панҷсад-шашсад сӯм маош мегирад.

— Марҳамат, биёед, шумо ҳам моҳонаи калон бигиред,— мегӯянд рафиқони Саидбек. Аммо ҳарифон хуб медонанд, ки ин ҳунари хар кас нест. Дар шароити сахт узви бригадаи ҳамакора будан малака, маҳорат ва дониши мукаммал металабад. Аз сардори бригада то охирин узви он бояд ҳамаи ҳунарҳои дар ин қитъа заруриро аз бар карда бошад: ҳам дуредгар бошад, ҳам бетонрез, ҳам кафшергари электру газ, ҳам васлгар, ҳам монтёри бологард ва ҳам идоракунандаи ҳама гуна бульдозерҳо, кранҳо, автомобильҳо, компрессорҳо. Ҳм, баъзе пояҳо бо ҳашт тонна пӯлод қомат рост мекунанд. Пояҳое ҳастанд, ки навад тонна пӯлод мехӯранд ва барои устувор кардани онон садҳо тонна бетон сарф мешавад.

Дар ҷоҳои махсусан нобоб масофаи байни пояҳо, яъне дарозии овезаи сим то ба ҳаштсад ва ҳатто то ба ҳазор метр мерасад. Масофа ки калон шуд, ғафсии сим низ мутаносибан бояд афзояд. Барои кашидани чунин бори гарони ноҳинҷор дар ҷои фавқулодда ноҳамворе, ки бульдозер ё кран барои ҳаракат зиёда аз бист-сӣ метр дигар майдоне надорад, ҳам таҷрибаву ақлу фаросат лозим, ҳам ҷасорат.

Ба замми ин ҳафтае нест, ки ё аз нарасидани ин ё он навъи сим ё қафасаҳои пӯлодин ё тахтаи барои қолаби таҳкурсию пояҳои бетонӣ, ё аз сабаби мудохилаи роҳбарони мавзеъҳое, ки ҳатти электр аз он ҷоҳо мегузарад, баҳсе, мунозирае, ҳатто кашокашҳои тӯлонӣ оғоз ёфта, садди роҳ нашавад. Ҳарчанд ки хатҳои электр аз рӯи лоиҳаи пухта сохта мешаванд, ҳарчанд ки лоиҳаҳои калон аз назари мутахассисони Институти марказии лоиҳакашӣ дар Москва ё шӯъбаҳои дар Осиёи Миёна будаи он мегузаранд ва сипас дар байни се тараф — ташкилоти лоиҳасоз, соҳиби кор, яъне соҳиби иншоот ва бинокорони пудратчӣ мувофиқат ва ризоияти тамом меёбанд, боз ба салоҳдиди ташкилотҳои маҳаллӣ низ ҳавола мешаванд. Яъне ки ҳатти электр аз фалону-фалон ҷоҳо мегуза-

рад, аз болои фалон роҳ, фалон боғ, фалон пул ва фалон санаторий ё хонаи истироҳат сим мекашанд. Дар фалону фалон ҷоҳо чунону чунин пояҳо устувор мешаванд. Оё сохтмони хат ба накшаҳо ё корҳои шумо ҳалал намерасонад? Илтимос, бо лоиҳа шиносо шавед, то ки рӯзе ба сари мо омада нагӯед, ки пояҳоятонро аз он ҷо бардошта, ҳо ба ана он ҷо кӯчонед.

Ҳарчанд то ОҒОЗИ сохтмон ҳамаи тарафҳо комилан ба созиш меоянд, дар рафти кор боз қатор-қатор эроду таклифҳо, ҳатто даъвоҳои ҷанҷолӣ пайдо мешаванд, ки ҳалли онҳо ба зиммаи сардори бригада меафтад.

Дар чунин шароит коргари хуби туро бидуни огоҳӣ, бе ягон маслиҳат гирифта, ба куҷое, ба кор фиристанд, магар алам намекунад?

Саидбек сардорро кофта-кофта, аз кабинети котиби ташкилоти партиявӣ дарьёфт. Баробари аз дар ворид шудани Саидбек Давид Салимович ба котиб гуфт:

— Нагуфтам, ҳатман давида меояд?

— Ҳа, тозон омадам,— ҳамаи насиҳатҳои рафиқашро аз ёд бурда, бо ҳарорат гуфт Саидбек.— Чаро ошпази бригадаро напурсида мегирӣ?

— Магар сардори қитъа ҳақ надорад? — бо савол ба савол ҷавоб дод Давид.

— Сардор ҳақ дорад. Агар барои хотиррасон кардани сардориат ин корро карда бошӣ, баромада, дар кӯчаҳои шаҳр, дар кӯҳсорон ҷор мезанам, ки ту Сардор! Давид Салимович — Сардор!

— Рафиқон, оҳистатар,— мунокишаро пасанда кардан мехост котиб.— Сангинов, шинед, бародар, ҳамаи масъалаҳоро бо оҳистагӣ, ба нармӣ ҳал кардан мумкин.

Саидбек ба курсии нишондодаи котиб нишаста бошад ҳам, бо ҳамон ҳарорати пешина пурсид:

— Рост, ту сардори қитъа, аммо коргари бригадаро чаро мегирӣ?

— Қоида ҳамин, ошно: аз бригада ба қитъа, аз қитъа ба колонна, аз колонна ба трест. Схемаи ҳаракати кадрҳо ҳамин. Ин ихтирои ман нест.

— Боз чӣ? Боз аз куҷо ба куҷо?

— Машмаша накун. Таомул ҳамин: одам ки сабзиду пешрафте нишон дод, боло меравад. Дар ҳама ҷо ба як тартиб: аз колхоз ба район, аз район ба вилоят, аз вилоят ба пойтахт, — гӯё киноягӣ Саидбекро пай набурда, ҳамчунон мисолҳои нав меовард Давид Салимович.

— Аммо Умар ба гӯшаи ҳилвати Қашолдара аз пойтахт омада буд. Аз оташдони электри ресторан ба оташдони дудолуди сангини мо ихтиёрӣ омад. Ба хотири бригадаи мо омад. «Схемаи ҳаракати кадрҳо...» Ба оши тайёр бақовул мӯл. Қадр

лозим бошад, тарбият кардан лозим. Ҷофтан, ёфтан даркор марди коргара.

Котиба аз дар сар халонида, ба Давид Салимич ишорае кард ва ӯ «ман дар кабинети худам» гӯён шитобон ба дар рафт. Саидбек низ мехост аз дунболаш барояд, котиб ӯро аз бозу дошта, ба нармӣ ба курсӣ пас нишонид.

— Рафиқ Сангинов,— гуфт ӯ.— Ба ростӣ, ҳоҷати ин қадар безобитагӣ нест. Боз мегӯям, муаммое нест, ки ба оромӣ ҳал кардан мумкин набошад. Хусусан барои шумо, васлгарони номии ташкилоти мо, ки аз корҳотон, аз шӯҳрати шумо сарфарозиҳо дорем.

Саидбек аслан нияте дошт, ки агар сардор фармонашро дигар накунад, ба котиби ташкилоти партиявӣ муроҷиат хоҳад кард. Аз ин сабаб онҳоро якҷоя дида, то андозае таскин ёфта буд. Аммо акнун медид, ки котиб ба амали қатъӣ қобил нест. Ба даҳони сардор менигарад. Фақат мехоҳад, ки мунозира нашавад, гапи хона ба кӯча набарояд.

Котиб бо оҳанги сулҳомез ҳамчунон сухан мекард, ҳусни касби васлгаронро тавсиф карда, ба осмонҳо мебаровард. Вай аслан одами ғароибтабиате буд ва чи дар сӯҳбатҳои хоса, чи дар ҷамъомадҳо ибораҳои бошукӯҳи тумтароқ гуфта, худ ба худ завқ мебурд. «Корҳои аҷоибе ки васлгарони мо мекунанд, мегуфт ҳоло, дар таърихи кишварамон бо ҳарфҳои заррин сабт хоҳанд шуд. Шумо ҳалқа ба гӯши кӯҳсори саркаш мезанед, мегуфт котиб, гесӯи нурбори истгоҳҳои баркро ба синаи кӯҳсорон, ба домани фарохи водиҳо мекашед...»

Ба ин шахс чӣ навъ дарди дил изҳор мекунӣ? Дар лаҳзае ки ӯ дар хусуси ҳарфҳои заррин дар саҳифаҳои таърихи мамлакат ҳарф мезанад, дар бораи гӯшвораҳои афсонавию гесувони нурафшон сухан мепардозад, ба чӣ тариқа аз хусуси ошпази оддӣ гап мекушоӣ? Чӣ гуна ба ӯ мефаҳмонӣ, ки сардори мӯҳтарам метавонист бригадаи ӯро аз коргари дилхоҳаш маҳрум насохта, барои бригадае, ки дар сарҳадди республикаи бародар кор мекунад, якта не, даҳта номзади мувофиқ пайдо кунад? Сардор ин корро қасдан кардааст, дидаву диниста кардааст, барои расидан ба нафси Саидбек кардааст. Оё котиб он маҷлиси партиявиро, ки Саидбек аз номзадӣ ба аъзоии партия қабул мешуд, дар ёд надорад? Вақте ки Саидбек тарҷумаи ҳолашро гуфта дод, Давид Салимич лукма партофт: «Чунон ки дидед, рафиқон, Саидбеку мо ҳаммактабу хамсабақ будем, акнун ҳамкор ҳам шудаем». Ин луқма муҳити ҷиддии сӯҳбатро як қадар нармтар гардонид, эътибори Саидбекро дар назари ҳозирон як парда болотар бардошт. Аммо аз мобайн як дақиқа нагузашта, раиси маҷлис пурсид, ки оё ба рафиқ Сангинов касе савол дорад? Ва боз худи Давид Салимич ман савол дорам, гуфт. «Рафиқ Сангинов аз охирин ихти-

рооти института ба номи Патон чиҳо медонанд?» гуфт. Саидбек аз ҳаёти ҳар ду академик Патон — падару писар, аз корҳои институти ба номи Патон нағз воқиф буд ва низ медонист, ки аз ин нукта бештар аз ҳама Давид Салимич огоҳ аст. Вай ба ҷои ҷавоб дода, ҷони худро вораҳонидан ба андеша рафта буд, ки чаро сардораш, собиқ рафиқи ҳамтаҳсилаш дар маҷлиси партиявӣ ба ӯ аз як шохаи махсуси илм савол медиҳад. Ба шахсоне ки ба узви партия қабул мешаванд, бешубҳа, аз соҳаи дилхоҳ савол додан мумкин, аммо дар асл вазифа фаҳмидани сатҳи маданияти онон, хусусан дониши сиёсӣ ва иҷтимоии онҳо, муайян кардани муносибат ва имконияти онон ба таҳсил ва мутолиаи минбаъда аст.

— Хондан даркор, рафиқ Сангинов,— боз гуфт Давид Салимич бо оҳанги нисеҳона,— аз адабиёти илмӣ ва техникӣ бохабар будан шарт.

Алексей қариб ҷаҳида аз ҷой бархосту аз раиси маҷлис иҷозат пурсид, ки ба ӯ сухан диҳад.

— Рафиқон,— гуфт Новиков бо ҳарорат,— агар мабодо саҳв кунам, афв мекунед. Лекин, ба ҳаёли ман, дар суҳбате ки тақдири касе ҳал мешавад, аз мавзӯъ берун баҳс кушодан, нармтар карда гӯем, зарур нест. Таъкид мекунам, ки мулоҳизаи ман хато бошад, мебахшед. Лекин, охир, ҳама медонем, ки Сангинов аз корҳои институти ба номи Патон хуб огоҳ аст. Агар хоҳед, вай аз он ки дар Япония чӣ гуна пояҳои омехтаи маводи фулузию пластикӣ ба кор мебаранд, аз навигариҳои васлгарони Республикаи Демократии Германия маълумоти муфассал дода метавонад. Ҳа, рафиқон, хеле муфассал. Лекин ҳозир гап дар бораи дониши техникии вай намеравад-ку...

— Хуб, хуб,— раиси маҷлис ба мобайн даромад.— Дониши Сангинов ба мо маълум. Лекин аз ин хусус савол додан хам мамнӯъ нест. Дигар саволҳо набошанд, таклиф ҳаст, ки ба музокира бигзарем. Шумо, рафиқ Новиков, метавонед оид ба рафиқи ҳамкоратон гап занед.

Пас Алексей аз корҳои Саидбек, аз ихтирооти аҷоиби ӯ нақл кард ва ба ҳозирон арз намуд, ки дар муддати ҳамкориаш бо Саидбек ӯро ҳамчун фарди аз ҳар ҷиҳат сазовори таҳсин шинохтааст ва аз ин ҳол мамнун аст.

Ана ҳамин гуна гуфтугӯе иттифоқ афтода буд дар он маҷлис. Ҳарчанд пас аз баромади Алексей дар ваҷоҳати Давид Салимич заррае дигаргунӣ падидор нагардид, гарчанде ӯ ба сӯи Саидбек ва Алексей ҳамчунон нигоҳҳои пур аз лутфу марҳамат меафканд ва нарм-нарм табассум мекард, бо вуҷуди ин қисме аз рафиқон пай бурда буданд, ки дар муносибати сардор ба собиқ шариктаҳсилаш воқеан нуктае ҳаст, ки чӣ гуна будани он ва чӣ маъноe доштани онро дарьёфтан кори сахле нест.

Ҳамон воқеаро маҳз ҳамин шахс, ҳамин котиб низ шоҳид буд. Ва имрӯз гувоҳи ҳодисаи дигаре шудааст, ки дар таҷрибаи кордории идораҳои давлатӣ амри маъруф ва маъқул намешуморанд ва бо вуҷуди он ӯ бо осудагии тамом якта аз боғ сухан мекунад, якта аз роғ.

Саидбек эътимоде надошт, ки котиб ба ин мубоҳиса дахл карда, ӯро ҷонибдорӣ хоҳад кард «Шумо васлгарони номии моед, аз корҳои шумо, шӯҳрати оламгири шумо сарфарозиҳо дорем» мегӯяд. Ин гапҳоро барои он мегӯяд, ки аввалан, табиаташ тақозо мекунад. Сонӣ, мехоҳад ҷони худро ба осонӣ халос кунад. Тақрибан мувофиқи ҳамон ҳикмате ки мегӯяд: «Нони гандум надорӣ, сухани гандумин бигӯ». Ба қавли эшон муаммое набудааст, ки ба хушӣ ҳал карда нашавад. Ва ҳол он ки дурӯғ аст ин гап. Зоҳиран хирадмандона менамояд, мантиқӣ менамояд, аммо ку, биё, биозмой, насиҳат бихон бар кӯрдиле ки ба ҷуз намак рехтан ба оши касон дигар дилхушие надорад, бигӯ, ки ҳайрхоҳ бояд буд, накӯкор бояд буд, ба қадри ош, ба қадри намак бояд расид. Бигӯ, боз бигӯ ва умед баислоҳи вай баста, домани худатро худат аз чормағзи пуч пур карда гаштан бигир.

Саидбек ба долон баромад. Он ҷо ӯро Алексей пешвоз гирифт.

— Чӣ шуд? — пурсид Новиков.

— Гӯё худат намедонӣ, ки чӣ бояд шавад.

Дақиқае сокит, паҳлуи ҳам қадам мезананд. Пас Саидбек пурсид:

— Ту чаро омадӣ?

— Симҳоро пас гардонида овардам. Комплект набудааст. Ба анбор супорида даркориамонро аз нав интихоб карда гирифтам.

Саидбек ба воқеа сарфаҳм рафт. Он симҳоро дирӯз худаш ба бригада бурда буд. Кор бидуни саҳв намешавад, албатта. Хусусан дар шароите, ки туро ба майли хотир кор кардан намонанд, ба ҷои кӯмак кардан ҳудаву беҳуда ҳалал расонанд. Саидбек ҳар дафъа санҷида медид, ки оё мудири анбор лавозимоти заруриро мувофиқи супориш додааст ё не, дар интихоби навъҳои сим, болт ва гайкаҳо, изолятор ва ҳалқаҳо оё иштибоҳ накардааст. Дирӯз тафтиш накарда, напурсида ва насанҷида бурда буд. Алексей хатои рафиқашро ислоҳ кардааст. Йигити асил аст Новиков. Ҳатто аз оҳанги гуфтораш пай намебарӣ, ки касе саҳв кардаасту вай ислоҳ.

Дар бозгашт дар ӯтоқи шамолраси мошин дар болои қуттиҳо ва тӯдаҳои сим менишастанд. Дар баромадгоҳи шаҳр Алексей мошинро нигоҳ дошта, ба нонвойхона давида рафт ва як даста нони гарм овард. Мошин боз ба роҳ даромад. Саидбек аз ваҷоҳати рафиқаш медид, ки чизе гуфтанист, аммо

ғурроси мотор, шуввоси бод ва таконҳои роҳ хавосашро парешон мекард. Зоҳиран, чизе гуфтанист, ки муҳити осоишта металабад.

Ба ҷои кори бригада тамом наздик расида буданд, ки Новиков боз боми кабинаро тақ-тақ зада, мошинро аз роҳ дошт. Дута нони ҳанӯз гармро ба даст гирифта, боқимондаашро ба Нур бидод, ки барои рафиқон бубарад ва Саидбекро аз ӯтоқи мошин фароварда, ба пастхамии соҳили наҳр, ба сӯи харсангҳои зери сояи сияҳбед ҳидоят намуд. Вай ин корро аз ин пеш ҳам дар дигар ҷоҳои соҳили дарьё чандин маротиба карда буд: ба об тар карда хӯрдани нони гарми нонвойхонаро бағоят дӯст медошт.

Онҳо пичаккҳои корпӯшакашонро бароварда, бар болои санги калони кулӯла партофтанд ва рӯ ба рӯи ҳамдигар нишастанд. Мавҷҳои канории наҳр аз мобайни сангҳо шалаппосзанон мегузаштанд.

— Нон дар ҳама ҷо ширин аст. Азиз ва мӯътабар,— гуфт Алексей луқмаи аввали нони тар кардаашр бо ҳаловат фурӯ бурда.— Лекин нони тоҷикон аз ҳама ширинтар. Чӣ гуфтӣ?

Уро одате буд, ки ҳусни табиати Тоҷикистон ва мардуми онро, баъзан ҳатто ҷузъиёти гуногуни ҳаёти миллӣ, хусусан деҳотиёнро таъриф мекард. Саидбек аз ин кори рафиқаш ботинан хурсанд мешуд ва дар навбати худ мекӯшид, ки табиӣ будани ҳамаи ин чизҳои дилписандро таъкид кунад, мавридаш бошад, ҷавобан ба хушгӯиҳои рафиқаш урфу одати русҳо, дигар халкҳоро таъриф мекард. Он рӯз ҳам ба ҳамон оҳанг ҷавоб гуфт:

— Нони тоҷикӣ гуфта, таъриф карда мехӯрем, лекин, рости гап, намедонем, ки онро аз орди кадом гандум пухтаанд: гандуми Данғара, ё дашти қазоқ ва ё саҳроҳои Кубань. Ба ҳар ҳол, нонамон ҳалол аст, ки ширин мерасад. Ту дар ҳамин хусус гап задан мехоҳӣ, Алёша?

— Ҳа, Саид. Дар ҳамин хусус.

— Бигӯ, гӯшам ба ту.

— Бихӯр, охир, нონата.

— Сонӣ. Сонитар мехӯрам.

— Бигӯям, ки чаро ҳозир намехӯрӣ? Чунки аз гулӯят намегузарад. Ман ана дар ҳамин масъала гап заданиам. Лекин миёни гапама набур. Чӣ гуфтӣ?

— Майлат,— хандид Саидбек.— Ин қадар воҳима мекунӣ. Аз афташ, ягон чизи аҷоиб мегӯӣ.

— Афсӯс ки не.

— Хайр, майлат, сар кун, ҷӯра, муқаддима дароз шуда рафт.

Новиков буридаи тар кардаашро батаании хоида фурӯ бурд. Ҳам шуда, ба ҳар ду кафаш об гирифт, лаҳзае сабр

кард, то ки регрезаҳои об таҳшин шавад, баъд онро ҳӯрт кашида ошомид. Боз об гирифта нӯшид, боз нӯшид ва фақат баъди ҳамин як каф обро ба сару рӯяш пошида, бо панҷаҳои тар мӯи маллаи нармашро «шона» зада, ба гап даромад.

— Гоҳе ки аз бобоят Сангинбек нақл мекардӣ, ваҷду сурур ва фахру ғурури туро дида, дар дилам мегуфтам, ки барои ту ҳамин шахс ғайр аз бисьёр азиз буданаш боз як навъ мояи ибрат аст. Чӣ гуфтӣ?

— Аҷдодон ҳамеша мояи ибратанд. Чунон ки таърих дарси ибрат аст.

— Гапа ба дигар тараф набар. Аз рӯи нақлҳоят бобои туро ман ҳам бобои худам барин дӯст доштам.

— Ташаккур, Алёша.

— Воқеан чанд бор илтимос кардам, ки ягон маротиба маро ҳамроҳ бигир. Ваъда медиҳию бас. Нигор ҳам қавл дода буд, ки ҳамроҳ меравем.

— Иди Октябрь меравем. Албатта ҳамроҳ меравем.

— Бобоят бо номард муросо намекард. Ман ин хулосаро аз нақлҳои худат баровардаам. Чӣ гуфтӣ?

Саидбек ҷавоб нагуфт.

— Муросои ту бо ин пес,— ӯ ба самти шаҳр ва идораашон ишорат кард,— ба ман маъқул нест.

— Чӣ, имрӯз ба хотири муросо рафта будам?

— Фаҳмидам, даромада ҷанҷол кардӣ. Аммо бо ин зот ҷанҷол фоида надорад. Аз болои вай ба суд шикоят барӣ, натиҷае намебарояд.

Саидбек ба аломати ризо сар ҷунбонид ва ба маънои «пас чӣ бояд кард?» ба чеҳраи рафиқаш назар дӯхт.

— Гумон мекунӣ, ман медонам, ки чӣ бояд кард? Лекин ман шахсеро медонам, ки ана ҳамин «чӣ бояд»-ро медонад. Чӣ гуфтӣ?

— Кист он шахс?

— Кӣ мешуд? Гаҳвора.

— Сардори калон? Ту девона шудӣ, Новиков? Вай калонтарини сардорони мо. Вазири республика. Аз рӯи мартабааш. Хезаму ба пеши ҳамин кас биравам, ки сардори қитъаи ман маро бо ҳар роҳ озор медиҳад? Ҳандаовар намешавад?

— Ҷои ханда нест. Ту розӣ шав, ман ба гардан мегирам он тарафаша. Чӣ гуфтӣ? Вай худаш мана писари ҳамномам мегӯяд. Гуфта будам-ку: бо писараш ҷӯра будем, дар як синф мехондем. Ба хонаашон мильён карат рафтаам. Чӣ гуфтӣ?

Саидбек инро медонист. Боз медонист, ки ҳамон ҷӯраи Алексей, писари хурдии Люлька дар дарьё ғарқ шуд. Пас аз дафни ӯ Люлька касал шуда буд. Мегуфтанд, ки як рӯз ба кор бароядд, рӯзи дигар дар хона менишаст. Ба девор, ба харита нигоҳ карда менишастааст. Табибон ба истироҳати ғай-

ринавбатӣ фиристоданд ва фақат баъди ним сол алами ҳиҷрони сиёҳ андаке пасанда шуд. Рӯзҳои мотами Люлька як пои Алексей дар хонаи вай буд.

Саидбек ҳамчунон ғарқи андеша менишаст, Новиков гап мезад:

— Мову ту ба муросо одат кунем, медонӣ, рафта-рафта чанд пула одам мешавем? Муросо бо шарр ба шаъни мард намезебад. Ба чӣ умед моро ба партия қабул карданд? О гап зан!

— Рӯи одамизод ширин, Алексей. Медонам, ки вай хар аст, ҳамаи харигариҳояш аз ҳамин. Боз андеша мекунам, ки ҳамин қадар сол ҳамсабақ, ҷӯра будем. Рӯзҳое буд, ки дар таки як кӯрпа мехобидем, аз як коса обу ош мехӯрдем.

— О вай андеша намекунад-ку!

— Муаммо ҳам дар ҳамин. Андеша намекунад. Бо вуҷуди ин имрӯз ба котиби ташкилоти партиявӣ шаммае нақл карданӣ будам.

— Э мон ҳамон котибата. Ҳазрати ҷоғ! Ин хелиҳо — сад афсӯс! — якта, дута ҳам не. Ҳайр, хок ба сарашон. Чӣ гуфтӣ? Ман имшаб ба пеши Люлька меравам.

Садбек гуфт, ки боз муддате ба ӯ мӯҳлат диҳад. Фикр карда, сонитар ҷавоб медиҳад.

Ҳамон шаб аз шиддати ҳаёл дергоҳе хобаш наомад. Нигор аз нафаскашиҳои нооpом, аз паҳлӯ гаштанҳояш дар бистар вазъи ӯро пай бурда чароғи паҳлӯи каташонро даргиронид ва бо дастони муаттари худ рӯю мӯи шавҳарашро навозишкорона молида гуфт:

— Одати хуше доред, ки аз ҳоли хона дар кӯча гап намезанед. Лекин аз корубори кӯча ҳам дар хона чизе намегӯед. Ба гумонам, агар одам гоҳ-гоҳе баъзе чизҳоро ба ҳамсараш гӯяд, зарар надоштагист. Заҳри одама одам мегирад, гуфтаанд.

— Мабодо дар рӯзгори ту заррае заҳр бошад, ман ба худ мегирам. Заҳри худам бигузор, ки дар вуҷуди худам бошад.

— Пас маро ба он дараҷае, ки умед дорам, дӯст намедоред.

— Нигор, ҷонакам, дара задам, девор кафид.

— Не, дара задам, дар во нашуд.

— Гилаат ҷон дорад. Лекин кор бе қилуқол намешудааст. Воқеан, ҳама гуна кор, дар ҳама ҷо ва ҳама вақт.

— Бо вуҷуди он ин қадар дамдузд нашавед, дадаҷонаш.

Саидбек аз муносибати байни худ ва Давид мухтасар нақл кард, Нигор ӯро мешинохт. Чанд маротиба ба хонаҳои ҳамдигар рафтуомад кардаанд. Ба назараш Давид шахси бисьёр баодоб, оқил ва хеле маданӣ менамуд. Нақли шавҳарро шунида, ба хаёл печид. Аз ҷогаҳ бархоста, ба ошхона рафт, чой ҷӯшонид ва ду пиёла чои сусти нимширин тайёр карда омад, ки ода-

тан ба оромиши асаб ва номаълум баргаштани хоби гурезон мусоидат мекунад.

— Ба ҳар ҳол, боз як бори дигар бо худаш гуфтугӯ кардан даркор, ба фикри ман,— гуфт Нигор.— Ду ба ду, рӯирост. Сӯҳбати мардона мегӯянд-ку. Лекин оташин нашуда. Шумо дар ин хел мавридҳо зуд аланга мегиред. Медонам шумоя. Ба сухани ширин мор аз хонааш баромадааст, дадаҷонаш.

— Ягон сусмори баинсоф будагист-дия,— хандид Саидбек.

Рӯзи дигар шанбе буд. Соат тақрибан ёздаҳ буд, ки ба хонаи Давид Салимич сим зад. Дар будкаи автомат рақами телефонро меҷиду аз дил мегузаронид, ки кош аз он сӯ касе ҷавоб намедод, кошкӣ маълум мешуд, ки дар ин рӯзи истироҳат Довуду Садаф ба ягон гӯшаи беруни шаҳр, ба ягон канори ин олами васеъ ба саёҳат рафта бошанд. Ва Саидбек ба хонаи онҳо наравад, рӯ ба рӯи Давид нишаста, ба суханҳои нӯкизабонии ӯ гӯш надиҳад, савгандҳои тумтароқи ӯро доир ба сидқу вафо дар рафоқат, оид ба фикру зикри доимии Давид Салимович аз беҳбудии ҳол ва кори ҳамаи зердастонаш — оре, маҳз ҳамаи зердастонаш! — нашнавад.

— Алё, ин кӣ? — овози Садаф шунида шуд аз гӯшаки телефон.— Ҳой, ту Саидбек нестӣ? Биё, биё, ҳа, Салимов ҳамин ҷо.

«Нигор ҳақ аст. Ду ба ду гуфтушунид кардан зарур, роҳравон худро таскин мебахшид Саидбек. Нашавад, он гоҳ гапи дигар...»

Ба магазине даромада, як шиша коньяку ду пора шакалод гирифт. Ин дастовез ишорат мекунад, ки аз сӯҳбати ороми судманде умед дорам, дар дилаш мегуфт Саидбек. Дар ин гуна мавридҳо барои бонуи хона ҳам як даста гул мебаранд. Аммо дар замири дил ба Садаф эҳтиром не, як эҳсосоти махлуте дошт, ки он ба ҳисси тараҳҳуми кароҳатомез монанд буд. «Аҷаб, мегуфт Саидбек гоҳо ба худ, ҳамин гуна зани хушсурату хушсухан ба ин дараҷа дилнокаш мешудааст...»

Боре дар Қашюлдара сим-сим борон меборид ва онҳо дар вагонаки худ нишаста, баъди наҳорӣ дам мегирифтанд. Алексей аз шаҳр баргашт. Аз шӯрбои болаззати Умар пухта як-ду қошуқ ошомиду мисли он ки бо касе дастбагиребон шуда бошад, қавоқашро овезон карда, ҳомӯш нишаст.

— Чӣ шуд? Гурбаи сиёҳа дидӣ?

— Ҳеҷ воқеа не,— гуфт Алексей ва боз сокит монд. Фақат вақте ки дар вагонак танҳо ду кас монданд, тамасхуромез гуфт:

— Ҳамкурсат ҳам бечо набудааст...

— Довуд?

— Занаш,— гуфт Алексей ва бо заҳрханда илова намуд: — Модасайёд.

— Чӣ? Чӣ?

— Сайёд, шикории мода, мегӯям.

Боз дақиқае хомӯш нишастанд.

— Сазои сараш! Сазои сари ҳар дуяш! — гуфт Алексей ва аз бари остину сари зонуяш гарди набударо афшонида берун рафт. Гӯё ба забони ҳол мегуфт, ки аз шарҳи он чизе ки гуфт, ор мекунад, он нукта намеарзад, ки ба мулоҳиза ё муҳокимааш вақт сарф кунӣ.

Аммо он нукта барои Саидбек сирри ниҳонӣ набуд. Садаф ба худи ӯ низ чанд бор ишораҳои духӯраю гӯшадор карда буд, ки ҳар гуна одами соддадилро ба дарьёи андеша ва ҳиҷолат меафканд. Боре ӯро ҳамроҳи иқтисодшиноси идораашон, ки ҷавонзани хушсимои ҳалима ва шармгине буд, дар назди цирк дида ва бо ишораи ангушт ба каноре чеғ зада гуфта буд:

— Занҳо ҳам дил доранд. Аз сайругашти дӯстон бо хонумчаҳои нозанин рашк мебаранд.

Саидбек ба мазмуни сухани ӯ дарҳол сарфаҳм нарафт. Гумон бурд, ки Садаф Нигорро дар назар дошта, аз рашк гап мезанад. Бинобар ин ба шарҳу эзоҳот пардохт:

— Мо ва ин кас, ба қавли ту, хонумчаи нозанин, ба ин ҷо барои тамошо наомадаем. Ба маъмурияти цирк кор дорем. Инҳо ҳалқаҳои аҷибе сохтаанд. Барои зуд, дар як лаҳза васл кардан ба сим бисьёр соз. Аз ҳамон ҳалқа барои намуна як-дута гирифтанием.

— Ҳа-а,— бо табассуми ишваомез мад кашида гуфт Садаф. — Ин тавр бошад, майлатон. Гумон кардаам, ки дигар хел ҳалқа бошад, барои дигар гуна васл бошад.

«Пес! Махав!» дар дил дашном дод Саидбек ҳама ин сӯҳбатҳоро як-як ба ёд оварда ва тугмаи зангро пахш намуд.

— Ҳозир! Як дақиқа! — овози Садаф шунида шуд аз дарун ва ба дили Саидбек боз оташ афтод.

Садаф аввал гуфт, ки Давид ҳозир меояд ва аз рӯи дастархони дар ин чанд дақиқа оростааш пардаи болопӯшашро бардошт. Саидбек аз шароби ба қадаҳҳо рехтаи Садаф ҷуръае ошомид ва пай бурд, ки ҳангоми сим заданаш Давид дар хона набуд ва ба ин қарибиҳо нахоҳад омад. Садаф ошкоро дурӯғ гуфтааст то ӯро дар танҳоияш ба хона биоварад.

Саидбек баръало ҳис намуд, ки аз сар то пои баданаш аланга давид, ду рухсораш то буни гӯшҳо суп-сурх арғувонӣ гардид Намедонист, ки чӣ коре кунад, чӣ бигӯяд, то ки ҳар чи зудтар худашро аз доми аҳмақона ниҳодаи ин зан ва ҳамин тариқа аблаҳона афтодаи худ вораҳонад. У башиддат фикр мекард, вале ғазаби торафт бологираш монеъ мешуд, ки тадбире ба ҳаёлаш биояд. Садаф аз дӯстии деринаашон, аз он ки дидори Саидбек барин рафиқони дилкаш барояш бидуни муболиға мисли марҳам аст, аз ғанимат будани чунин дамҳо ва ғайра ва ҳоказо беист ҷоғ мезад. Бо баҳонаи гирифтани

қошуқ ё намакдон аз рӯ ба рӯи Саидбек ба рӯи миз тавре ҳам мешуд, ки аз паси гиребони кушоди куртаи ҳарир чоки синааш намоён мегардид ва Саидбек шитобон нигоҳи худро ба дигар тараф мегурезонид. Садаф аз бисьёр вақтҳо танҳо монда, дилгир шуданаш ривояткунон ба ин сӯи миз омад ва ба табақчаи назди Саидбек кам-кам аз хуришҳо ва газакҳо гузошта, соиди бараҳнаашро гӯё тасодуфан ба гардани ӯ расонид.

— Эҳ тамокукаша бинанд-а!.. Ҳатто аз мӯи сарат бӯи тамоку меояд,— гуфта ба мӯи Саидбек нарм панҷа зада буд, ки Саидбек аз курсӣ бархост ва изтироби худро бо зӯре фурӯ нишонида гуфт:

— Ба Давид гапи зарур доштам. Дигар вақт надорам, Садаф.

Ва аз таки дари хона туфлиро ба пояш саросема банд карда, ҳатто ресмони онро нагузаронида, аз дар берун шуд. Дар кӯчаи серодам ҳушаш ба ҷой омада, пай бурд, ки хеле бошитоб роҳ меравад, гӯё аз дунболагирии балои азиме фирор мекарда бошад, қариб медавад. «Пес! Махав!» дашном медод Садафро. Рост гуфта буд Новиков «Сазои сараш! Сазои сари ҳар дуяш!» Воқеан, хоки занушӯро аз як ҷо мегирифтаанд.

* * *

Саидбек ҳис кард, ки пои росташ хоб мекунад: аз ангушт то ба зону бичиррос мезанаду дард мекунад. Чунон ки бомдодон карда буд, даст ба ду тараф ёзонида, танашро зарра-зарра рӯи санглох ҳаракат дода, фишори пайкарашро бар пой андаке сабуктар гардонид. Ва ин дам ба ёдаш расид, ки боре пои Райҳонакаш хобида буд ва ӯ ҷӣ гуфтанашро надониста, ба модараш ин воқеаро чунин фаҳмонид: «Очаҷон, ба даруни поям лимонад даромадааст, ана, ана, газаш меҷунбад...»

Аз ёдоварии Райҳон дар лабонаш табассум дамид.

Офтоб дигар баланд шуда, заҳри ҳаво шикаста буд. Саидбек бо нӯки ангуштонаш ҳис мекард, ки дар бадани сангҳо гармӣ давидааст. Вай бо эҳтиёт гардан тофта, ба боло нигарист, ба ҳамон ҷое ки дирӯз ба санги ноустувор пой монда лағжида буд. Он санг айнан дар ҳамон ҳолате ки дина бегоҳӣ дида буд, тарафи ҳамвортари суфашаклаш ба ин сӯ хамида, кач шуда меистод. Саидбек нигоҳашро аз болю барканда, ба холи пешинааш баргашт. Баргашту аз дил гузаронид, ки болотар аз сараш гӯё як чизи тозае пайдо шудааст, ки дирӯз надидааст ва ҳамин ҳоло назараш аз болои он башаст лағжида гузашт. Боз ба оҳистагӣ гарданашро ба чап тофта, ба боло нигарист. Рост, дина чашмаш ба ин чиз наафтодааст.

Вай санг нест, решаи гиёҳе нест, шохаи шикаста ҳам нест. Эҳ, як нуки тасмаи кӯлбораш аст он.

— Таноб! Таноб ёфт шуд! — аз шиддати изтироб қариб бо овози баланд фарьёд кард Саидбек ва пас аз дақиқае маъюсона гуфт: — Хайр, таноб ёфт шуда бошад чӣ? Аввал ин ки таноб дар кӯлбор, кӯлбор дастнорас аст. Фарз кардем, кӯлборро ҳилае сохта, аз тасмааш дошта, кашида фаровардам, хӯш, аз таноб ё пармаю болғае, ки он ҷо ҳаст, чӣ фоида?

Ҳаста шудаам, аз дил гузаронид Саидбек. Пайдо шудани ҳиссиёти навмедона аз ҳамин сабаб аст. Мисли уштуре, ки бори гаронеро бар дӯш гирифтааст ва ҳангоме ки элакро сарборӣ мекунанд, баногоҳ лангидааст. Мисли уштур, ба худ такрор кард Саидбек ва ба муқоисаи худ лабханде карду ба тасмаи аз миёни сангтуда намоён бори дигар далеронатар назар афканда, аз паи ба даст овардanaш афтод.

Барои оҳиста аз барги нозук дошта пештар кашидани шохчаи шикастаи дӯлона чанд дақиқа сарф шуд. Саидбек он шохчаро аз баргу хору шохакони майдатар, ба ҷуз якта ғафстаринаш озод карда, чангаке сохт. Пас бо нӯки чангак сангчаҳои атрофи тасмаро ҷунбонида, онро аз таки тасма гузаронид ва дар ҳамон ҳолат вогузошта, сабук нафас кашид ва ба атроф назар афканд.

Фарз кардем, мегуфт ӯ ба худ, кӯлбор беғилуғиш ба даст омад. Фарз кардем, танобро аз кӯлбор гирифтам. Баъд чӣ? Сонӣ чӣ кор мекунам?

Хаста шудаам. Андешаҳои навмедона аз хастагӣ сар мезананд, боз ҳамон ҳулосаро такрор намуд дар дилаш. Оё аз таноб каманде сохта, ба рахнаи ана он теға партофтан мумкин нест? Мумкин. Ба нӯки таноб санг бандӣ намешавад, санг дар рӯи санг мелағжад, аммо тасмаи кӯлборро кушода ва лӯнда карда, ба нӯки таноб бастан мумкин. Ба роғе, дандонае дарояд, сахт мегазаду банд мешавад. Лекин ин корро ба шарте метавон кард, ки худам такьягоҳи устуворе дошта, имконе дошта бошам, ки ҳангоми кулоч кашида ба сӯи теға партофтани каманд ҷуссаам ноҷунбон бимонад, сангпораҳои ҷогаҳам ба ҷунбиш наоянд ё пошнаи мӯза аз такьягоҳаш маҳрум нашавад.

Таваккал! Таваккал нар бувад, андеша мода, мегӯянд дар урфият. Саидбек даст ёзонида, бо чангаки сохтааш тасмаи кӯлборро оҳиста ба поён кашид. Сангрезахо ба ҳаракат даромада, аз пеши бозувонаш шақарросзанон ба поён фуру рехтанд, лекин, хушбахтона, тасмаи кӯлбор озод шуда, поёнтар фаромад. Саидбек шохчаро аз рӯи эҳтиёт ба дандон газида, даст ёзонид ва аз гӯшаи тасма дошт. Дошту оҳиста пеш кашид. Тасма фақат ба қадри як ангушт пеш омад ва мисли он ки он сӯи тасмаро ба танаи дарахт баста бошанд, Саидбек му-

ҳовимати тавонои вазни сангҳоро эҳсос кард, ки кӯлбор дар миёни онон гӯр шуда буд.

Гап на фақат дар хастагӣ будааст, аз дил гузаронид Саидбек. Ҳамаи шаб ҳаёту мамоти ман ба сари мӯё андармон буд. Оё акнун кори ақлона мешавад агар таваккал гуфта, худро ба домани имтиҳони наве андозам, ки оқибаташ номаълуму ноаён аст.

Тасаввур кард, ки мурад, чӣ мешавад... Нигор саропо дар либоси сиёҳ. Райҳонак гирьёну нолон, сарсону ҳаросон... Нигор дар фавти Бузург обу адо шуд. Оё мусибати дигарро тоб оварда метавонад? Ба гумон. Яқин метавон гуфт, ки наметавонад. Вай аз он тоифа нест, ки ҳолю ашк аз чашмонаш шашқатор шаваду баъди ним соат қоҳ-қоҳи хандааш тирезаҳои хонаро ба ларза андозад. Нигор сӯзад, то охир месӯзад. Месӯзаду хокистар мешавад.

Пеши назари Саидбек тобути худаш, гулу гулчанбари сӯгворон омаданд. Чеҳраҳои мусибатзада, қомати хамидаи Нур, Алексей, Собир омаданд. Кадом тобут? — ба худ савол дод Саидбек. Туъмаи дарьё шавам, часади маро аз куҷо хоҳанд ёфт? Ва агар чанд порае аз он дарьёфт шавад ҳам, оё муносиби тобут хоҳад буд?

Нақлҳои дар солҳои гуногун аз ину он дар бораи ғарқшудагон шунидааш ба ёд расиду баданаш ларзид. Ва чашм пӯшида, зӯре ба кор бурда, манзараи мудҳишро аз хаёлаш дуртар биронд.

Бори дигар аз ҳалқаи тасма дошта кашид ва бовар кард, ки кӯлбор дар зери анбӯҳи санг банд шудааст. Ба ту чӣ шуд, Саидбек, гуфт ӯ ба худ. Барои фаҳмидани он ки кӯлборро бидуни сангрези хатарнок раҳо кардан мумкин нест, барои ин ақлу фаросати фавқулодда лозим нест-ку. Соатҳост, ки ба дарди ҷароҳатҳо, ба гуруснагӣ, ташнагӣ, ба ҳамлаҳои хоб ва ғанаб, хулоса ба ин ҳоли мушкили тоқатфарсо тоб меоварӣ. Соатҳое ки аз ин қабл ҳеҷ гоҳ ба сар набурдаӣ, соатҳое ки монанди шабҳои ялдо тӯлонианд. Акнун чӣ лозим шитоб кардан?

Кӣ кафил мешавад, кӯлборро ҷунбонӣ сангҳо ва сангрезаҳо бо тартибу низоми дилхоҳи ту ана аз ин ҷо — аз паҳлӯи ҷапат ба оҳистагӣ гузашта мераванд? Кӣ зомин мешавад, ки ягон санги калоне ҳам ба ҷунбиш намеояд ва аз дунболаш даҳҳо мукаабметр, ҳазорон тонна сангу хоку реги дигарро дар рӯи ин новаи сарнишеб ба ҳаракат намеорад?

Лаҳзае ба ӯ вонамуд, ки садои Райҳонакашро мешунавад. «Сахт, са-а-ахт оғӯш кунам?»— мепурсад духтарчааш. «Ҳа, раъноякам, биё, оғӯш кун» мегӯяд ӯ дар ҷавоб ва аз куртаи духтарак, аз кокули ӯ ба машомаш бӯи дасти модараш мерасад. Бӯи махмуркунандаи дастони нарму муаттари Нигор.

Нигори ман, ёри вафодори ман, мадори ман, ҷони ширини мани зор...

Саидбек ҳис намуд, ки димоғаш хориш намуд, чашмонаш нам гирифтанд. Сулфа карда, ғалаёни ҳиссиёташро фурӯ нишонид. Сипас, шонаҳо, бозувонашро бо эҳтиёт ҳаракат дода, пайкарашро қадре болотар кашид, то ки шиддати рагу пайҳои пояш андаке бикоҳад. Лаҳзае ба ҳаёлаш чунин расид, ки садои сулфаи касеро шунидааст. Не, гуфт ӯ ба худ, ҳозирак худам сулфа кардам. Ба гӯшам нишастааст. Ё, эҳтимол, беихтиёр баландтар сулфида бошам, ин акси садои худам аст.

Сулфа боз такрор шуд. Вай аз тарафи рост, аз болои теғаи дандонадори харсанги бузург меомад. Саидбек нафас ба дарун кашида, тамом ба гӯшу ҳуш мубаддал гардид.

— Сангинуф, наҷунбед. Наҷунбида хобед. Ман Нур... Ман омадам.... Шофери шумо,— боз аз ҳамон сӯ шунида шуд ин овоз.

Оре, ин овози Нур аст. Фақат аз чӣ сабабе «шумо-шумо» мегӯяд. Боре дар умраш номи ӯро ба забон набурда буд, ҳамеша ё «биргад» гуфта чеғ мезад, ё сардор».

Чизе дар гулӯяш дармонда, роҳи нафасашро танг карда буд. Даст ёзонида, гулӯяшро, сандуқи синаашро молиш дод ва аз дил гузаронид, ки бояд аз ҳарвақта бештар ҳушьёр шуд. Басе наҷотёфтагон дар лаҳзаи охирин аз туғьёни эҳсосот ба хатои ислоҳнопазир роҳ додаанд.

Саидбек чашмонашро пӯшида, ором нафас гирифт.

— Сангинуф, танобро бигиред,— овози Нур баланд шуд ва Саидбек чашм кушода, дар болои сар таноби бар ҷӯби дароз печидаеро дид.

* * *

Дар боло Саидбекро табларза гирифт.

— Ма, биргад, бинӯш.

Ба димоғаш бӯи тези спирт зад. Нур дар пеши манахаш сарпӯши термосро медошт, ки дар такаш як чизи моеъ мелаппид.

Ӯ ҷуръае спирт ошомид. Пилтаи чароғ барин оташи дарозрӯяе ба ҳалқаш ҷорӣ шуда, поён рафт. Вай нахустин бор спирт менӯшид. Дар паҳлӯяш рӯймоли миёнбанди Нур паҳн карда шуда буд. Дар рӯи он ду-се дона помидор, як пора гӯшти яхнӣ ва буридае нони бӯлка мехобид. Саидбек якта помидорро гирифта газид. Ларзаи дилаш қатъ гардид.

— Сардор, овози мана шунидӣ? — пурсид Нур.

— Ҳа, сулфа кардӣ.

— Не, ҳозир не, шабона.

— Шабона? Ин ту будӣ? Суруд мехондӣ, а?

— Суруд не. Ман бе хотири ҷамъ суруд хонда наметавонам. Ҳамту овоз баровардам.

— Рост, чизе ба гӯшам расида буд. Садои нола барин.

— Нола накардаам, биргад. Дилам гувоҳӣ медод, ки ту зиндаӣ.

— Чӣ тавр?

— Ҳамин тавр.

— Ягон далел... ягон чизе доштӣ?

— Намедонам... Сонӣ гулхан даргиронидам. Дидӣ?

Саидбек барои хотири рафиқаш мехост бигӯяд, ки ҳа, партави гулханашро дидааст. Аммо ҳанӯз лаб ба сухан накушода, Нур аз паҳлуяш бархоста, ба боло, ба паси буттаҳои ангату дӯлона рафт.

Дарди зонуи чап пасанда намешуд. Саидбек мӯзаро кашида, пои шимашро барзад. Зонуяш варам карда буд. Ба рӯи собунак чанд қатра хун часпида хушк шудааст. Варам ранги нофармоне дошт. Устухон аз дарун лат хӯрдааст, зоҳиран. Саидбек ба кафаш аз термоси Нур спирт рехта, ба зонуяш молид.

Ба ҳар ҳол ки бошад, ба Сочак меравам, гуфт дар дилаш. Роҳ гашта натавонам, асобағал мегирам, лекин ба назди Бузург албатта меравам.

Ҳа, аз дафни бобо панҷ рӯз гузашту ба назари Саидбек чунон менамуд, ки пирамард ҳанӯз зиндааст, чашм ба дари боғ омадани ӯро нигарон аст, мисли он ки порсол мунтазир буд, чунон ки даҳ сол, бист сол пеш аз ин интизор буд. Фақат гоҳ-гоҳе ба шуураш мерасид, ки ӯ дигар ба пешвозаш нахоҳад баромад, чунки дар қабристони Сочак, дар айвончаи қабр пайкари пирамард аз паси матои оҳариву лағжонаки кафан ба зери манаҳаш ях барин сард расида, дилаш таҳ кашида буд.

Нур як бағал алаф овард ва ба рӯи санглох паҳн карда, ҷогаҳе сохт.

— Рафтан даркор, Нур. Беҳуда ташвиш кашидаӣ.

— Меравем. Ҳозир аз ду сар мошин нест. Новиков меояд, меравем.

— Дар куҷо вай?

— Ба шаҳр рафт.

— Ба шаҳр? Барои чӣ?

— Барои чияша маслиҳат кардем, биргад. Алёша, Собир аз ними шаб ин ҷо буданд. Фаҳмидӣ? Акнун хоб кун. Ба гузашта салавот. бигӯю хоб кун.

Нур рӯ ба дигар сӯй гардонду хомӯш шуд.

Чӣ хуш ки ӯ намурд. Зинда монданаш қариб ба мӯъҷиза монанд. Дар умри боқимонааш агар фаразан кори казоӣ карда натавонад ҳам, фақат дидани рӯи одамони хуб, зиндаго-

нии онон, табассуми онон худаш як давлати калон. Аҷиб, ҳаёт чӣ неъмати аҷоибест, ки дар дили одамизод ин қадар меҳр гунҷонида метавонад. Бузург мегуфт, ки чанд маротиба ғайри ихтиёр мазаи хокро чашидааст. Талх аст, тунду шӯр аст он. Лекин бубин, ки аз дили ҳамин хок, мегуфт Бузург, чӣ гуна сабзаи латиф, чӣ хел палакҳои зумуррадгун, ниҳолакони хушрӯ мерасанд ва чунон меваҳои лазизу ширин меоваранд, ки ҳайрон мешавию худ ба худ савол медиҳӣ: ин қадар шаҳд аз куҷо пайдо шуд? Чӣ тавр пайдо шуд?

— Ман ба Сочак меравам,— гуфт Саидбек ба остини Нур даст расонида.— Ҳамин шаб бояд он ҷо бошам.

— Ҳама меравем, сардор. Хоб кун.

— Ҳама?

— Ҳа, ту, Нигор, Новиков, ман. Хоҳӣ, Умарро ҳам мегирем. Райҳонака мебарем. Райҳон дар хонаи ман. Хоб кун, биргад.

Саидбек ба рӯи Нур чашм дӯхта табассум кард. Мехост ба ӯ ягон сухани хуш бигӯяд, навозиш кунад, аммо чизе ба забонаш намеомад.

— Нур, аз он нӯшокиат дигар надорӣ? — пурсид Саидбек.

— Ҳаст. Лекин нанӯш, сардор. Кӯҳистон намебардорад.

— Имтиҳон дар як рӯз ду бор намешавад.

Саидбек боз ҷуръае спирт ошомид, аз нону гӯшт тановул кард. Андак спиртро ба каф гирифта, ба ҷароҳати рӯяш, банди дастонаш молид. Ва дар рӯи бистари алафӣ ёзид.

Нур чанд қадам дуртар бирафт то ба истироҳати сардораш халал нарасонад. Вай рӯ ба дарьё нишаста, зери лаб пичир-пичир дуо мехонад. Сахт диндор аст Нур. Дар бригада бошад, вақти намози пешин нарасида, ба куҷое ғайб мезанад. Пас гӯшаи хилватеро ёфта ва мана ин рӯймол ё ягон матои тозаи дигарро ба рӯи сабза ё санглох паҳн карда намоз мехонад. Қори шитоб надошта бошад, баъди намоз ҳам муддате бо зикр машғул мешавад. Саидбек ҳам, Алексей, Собир, дигарон ҳам барои он ки ба ӯ халал нарасонанд, аз назараш дуртар рафта, ё мунтазир менишинанд, ё худро ба коре андармон вонамуд мекунанд.

Аз канори деҳаи Хатак рӯзе даҳ бор бигзарад, дар пеши мазори деҳа ояте мехонад ва чанбари фармонро лаҳзае сар дода, ҳатман ҳар ду дастро ба рӯй мекашад. Саидбек дар паҳлуяш бошад, ҳамин ки ба панҷарадевори мазор наздик расиданд, даст ёзонида, чанбари фармонро медорад. Нур омин гуфта, ба рӯи ӯ сипосгузорона назар медӯзад, гӯё бо забони ҳол меӯяд, ки ба савоби дуо ту ҳам дохил мешавӣ. Ҳарчанд ки туро аз лои дигар сохтаанд, одами ганда нестӣ, барои ҳамин ба ту ҳам андак савоб мерасад.

Дар ин лаҳзаҳо дар замири дили Саидбек нисбат ба Нур

ҳам эҳсосоти бародарона ба ҷӯш меояд, ҳам як навъ ҳиссиёти тараҳҳуми таассуфомез. Хайр, чӣ илоҷ? Нур саводи казоӣ надорад, мегӯяд дар дилаш ва дарҳол худ ба худ эътироз мекунад: гап дар савод ҳам нест. Қасоне ҳастанд, ки фақат даҳ синфи мактаби муқаррариро ҳатм кардаанд, аммо аз оғозу анҷоми одаму олам огоҳанд. Ва баръакс, олимоне ҳастанд, ки мӯи сарашонро дар болои китоб сафед кардаанд, вале аз чӣ сабабе — ё аз шарм, ё аз бим — пинҳонӣ ибодат мекунанд.

Ба ҳар ҳоин, Нур одами хуб аст. Йигити асил, аз дил гузаронид. Ба феълу хӯяш мувофиқ хонааш ҳам пури бача, пур аз садои бача. Ёздаҳ писар, ба гуфтан осон. Калонаш дар синфи шашум мехонад, хурдиаш — дар гаҳвора. Ҳамин ки гап аз бачаҳои Нур сар шуд, додараш Умар мегӯяд: акаам дастаи футбол сохтанист. Ҳозир даста мукаммал шудааст, лекин бозигарҳои эҳтиётӣ ҳам даркор. Бе ин намешавад.

Ҳамкорон ба ҳазлу мутоиба шарик мешаванд, ба китиқи Нур мерасанд:

— Нур балоча. Сир бой намедиҳад.

— Беҳуда гуфтӣ. Ин хизмати янга. Акаи Нур, хафа нашав, лекин дар урфият занҳои бобараката болоихурмазой мегӯянд.

Нур табассумкунон хомӯш менишинад, гӯё ин гапҳо ба ӯ дахле надошта бошанд.

— Гап зан, Нур, аз таҷрибаат бигӯ, одам бахил намешавад, қоида.

— Аз гап чӣ фоида? Гап-катӣ бача мешавад? — мегӯяд Нур ва қоҳ-қоҳи хандаи умум дар шаххҳои атроф мепечад.

— Хайр, ана гапа мону аз кор бигӯ. Чӣ кор мекунӣ, ки занат ҳар сол якта писар мезояд?

— Перор дута зоида буд,— луқма медиҳад Умар.

Нур муддате ҳамчунон сокит табассум карда мешинад, баъд ҷавоб медиҳад:

— Собир дуруст гуфт. Янгаатон, умраш дароз шавад, зани бобаракат. Ба қавле, доманам расад, обистан мешавад. Чанд вақт мегузараду мебинед, ки боз як полвонписар «ассалом, ота» гуфта, ба рӯи хона омадааст.

Саидбек дар бораи Нур ва дигар рафиқонаш фикр карда, ногаҳон хобаш бурдааст. Бедор шуда дид, ки офтоб боз баландтар баромадааст. Таки манаҳ ва сари синааш аз арақ тар шудааст. Аз сангҳои атроф ҳаври гарм бармехезад.

— Соат чанд? — пурсид ӯ аз Нур, ки чанд қадам дуртар аз ӯ нӯки танобро дошта меистод. Нур саволи ӯро нашунид. Ӯ бо касе ки дар поён буд ва ба назари Саидбек намерасид, гуфтугӯе дошт.

— А? Чӣ? — дод мегуфт Нур.— Не, поёнтар. Дар пушти пои чапат.

Саидбек ташна буд. Даҳонаш заҳр барин талх менамуд.

Дар байни дандонҳо, дар канораҳои комаш боқимондаи нон ва пӯсти помидор часпида мехобид. «Кӯдак барин, гуфт дар дилаш. Нон хоида, хобам бурдааст». Термоси Нурро ба даст гирифт, ки аз об пур аст. Ба даҳонаш об гирифта, ғарғара карда партофт. Сонӣ аз оби тозаю сард муддаои табъ нӯшиду аз ҷояш бархост.

Алексей нӯки дигари танобро ба миёнаш баста, дар канори варта, дар ҷое ки Саидбек ин шабро дар миёни ҳаёту мамот гузаронида буд, сангтӯдаҳоро тақурӯ мекард. Баробари ҳар як ҳаракати даст ё пои Новиков тӯда-тӯда сангҳои хурду калон, сели сангрезаҳо шақарросзанон мешориданду меғелиданд ва абри чанг муддате дар гирди Алексей чарх зада, баъд ба рӯи наҳр менишаст.

— Ягон чизи ноҷунбони устувор нест ин ҷо,— фарьёдкунон мегуфт Алексей.

— Хайр, биё, бас. Набошад — набудааст. Биё, гуфтам, бас, Алёша,— аз боло ҷавоб медод Нур.— Вақти фаромаданат санги бисьёр рехта буд. Бошад ҳам, дар тақ мондагист.

— Ба ту малол омада бошад, нӯки таноба ҳо ана ба вай дарахт банд,— бо зарда гуфт Новиков.

Нур хомӯш монд.

Новиков ба тафтишу таҳқиқот машғул аст, аз дил гузаронид Саидбек. Барои чӣ? Барои милиция?

Пас аз чанд дақиқа Новиков ба гарду чанг ва обу арақ ғӯтида боло баромад ва аз паҳлӯи Саидбек ҳарфе нагуфта гузашту ба ғундошта даста кардани таноб машғул шуд.

— Алёша, салом! — гуфт Саидбек гилаомез чун дид, ки ӯ ҳатто саломуалек карданӣ нест.

— Салом, қаҳрамон, салом,— гуфт Новиков. Фақат қаҳру итоб ва киноюи талх ҳис мешуд аз оҳанги саломаш. Пас рӯ ба дигар тараф гардонида, бо истеҳзо илова намуд: — Қаҳрамони даврони мо!

Боиси хашми ӯ равшан буд. Се маротиба дар хусуси муносибати шубҳаноки Давид ба ӯ, ба бригадаи онҳо батафсил сӯҳбат карда буд. Новиков исрор мекард, ки ягон чора бояд андешид. Чунин муомиларо дидаву дониста, муросо кардан чӣ маъно дорад?

— Фақат як маъно дорад, он ҳам аблаҳист! — сахт карда гуфта буд боре.

Ҳоло Новиков тасмаи кӯлбори Саидбекро аз китф гузаронида пешопеши онҳо мерафт. Нур аз қафо меомад ва дар ҷоҳои танги пайраҳа наздиктар расида, аз бозуи Саидбек медошт.

Дар сари пули лагери пионерон Султонро диданд, ки ба пешвозашон меомад. Вай Саидбекро ба оғӯш кашид, аз рӯяш бӯса кард, хандид, аммо чизе нагуфт. Дар ду-се соли охир та-

биаташ дигаргун шуда буд. Ҳоло ӯ сардори ташкилоти калони бинокорон буд. Кам гап мезад, иборан дӯстдоштааш «сад фоиз»-ро қариб фаромӯш карда буд.

Аз пул гузашта, ба роҳи калони ҳамвор баромоданд. Акнун паҳлӯи ҳам қадам мезаданд ва ба аҳмдигар чизе гуфтан зарур менамуд.

— Нур! — нидо кард Саидбек.— Умара кай тӯй мекунем?

— Мекунем,— гуфт Нур.— Вай... Маросимҳои бобоят гузарад... Ақаллан чилаш гузарад.

— Хайр.

— Худат сардори тӯй бошӣ, мегӯям.

— Сардор мешавам. Худи Бузург васият карда буд, ки маросимҳои мана тӯй барин гузаронед, яъне ки...

— Медонам, гуфта будӣ, сардор. Лекин ҳамту бошад ҳам, сабр мекунем. Ту ёш, биргад.

Нур ягон маротиба ба сардораш «ту ёш» нагуфта буд. Инаш «ту ёш» мегӯяд, вайяш ҳатто гап задан намехоҳад. Аз афти кор, воқеан назар ба синнаш ҷавонтар аст, ҷавонӣ кардааст. Имрӯз рафта, фардо маросими Бузургро гузаронида, пасфардо бармегарданд ва Саидбекро лозим аст, ки минбаъд аз рӯи маслиҳати онон кордорӣ кунад. Ба қадри ин хел дӯстон бояд расид. Ҳа, меарзад, сад бор меарзад.

— Ту аз куҷо хабардор шудӣ? — аз Султон пурсид Саидбек.

— Нигор омад. Ҳамроҳи мана ин русҷӯраат. Воқеан, чаро ту ба маслиҳати вай гӯш намекунӣ? Воқеая ба ман гуфта дод. Каллааш нағз кор мекунад. Сонӣ, ҷигарам, дӯст ҳам ҳамин қадар мешавад.

Саидбек ба Новиков наздик шуда, аз бозуяш дошт.

— Алёша, чаро гап намезанӣ? Ман чӣ гуноҳ кардам?

Новиков аз роҳ бозистод.

— Ба назди Гаҳвора равӣ, ҳамаашро нақл кунӣ, гап мезанам, набошад не,— гуфт ӯ.— Ҳамроҳат имрӯз ба Сочак меравам, зинда бошам, дар бригадаат сад сол кор мекунам, аммо ту-катӣ гап намезанам.

— Хайр, ана меравам. Аз Сочак баргардем, меравам.

— Не, худи ҳозир меравӣ.

— Имрӯз шанбе, Алёша.

— Гаҳвора рӯзҳои шанбе кор мекунад. Ҳозир меравӣ.

Саидбек дид, ки бояд гузашт кунад. Худаш ҳам қатъӣ қарор карда буд, ки меравад, нақл мекунад. Модом ки дар идораи худашон масъала ҳал нашуд, балки бештар аз пешина мураккабтар шуд, чӣ чора, меравад. Дина бегоҳӣ ба рӯи санглох хобида, дар сари хашм ба худ гуфта буд, ки аз ин маҳлака наҷот ёбам, рост ба идора рафта, Давидро бо дасти худ ҷазо медиҳам. Дар сари қаҳр ба ин аҳд омада буд. «Ту ёш,

биргад» гуфтани Нур ҳам беҷо нест. Чӣ лозим хархашан барзиёд? Вай песи махав намеарзад, ки даст ба ӯ зада, худатро мурдор кунӣ. Роҳи беҳтарин, оқилонатарин ҳамин: ба сардори калон арзи ҳол мекунад, худаш илоҷе меёбад. Агар дар лоиҳаи ҳатти Қашюлдара чанд овеза намешуд, кайҳо ба қитъаи дигар мегузашт. Сари Давида хурад қитъаи вай ҳамроҳи карруфараш, найрангу дасисаҳояш!

— Майлаш,— гуфт Саидбек.— Хона рафта, либос пӯшам, риш тарошам, меравам.

— Не, ҳозир, бо ҳамин сару либос, бо ҳамин афту андом меравӣ,— бо зарда такрор намуд Новиков.

— Рост мегӯяд ин рафиқат,— ба гап ҳамроҳ шуд Султон.— Риштарошию орою торои ту ба кӣ лозим, ҷигарам?

Саидбек ба аломати ризо сар ҷунбонид.

Аз хамгашти роҳ «Волга»-и идораи Султон, жигулии Алексей намудор шуд. Дар назди мошинҳо Нигор ва Собир рост меистоданд. Собир бо ҳарорат даст афшонида чизе мегуфт. Сонӣ ба тарафи ояндагон ишорат намуд. Нигор ба сӯи онҳо назар карда, чанд қадам пеш омад, баъд бо суръат давид, баногоҳ истоду дар ҳамон ҷои қарор гирифтааш диккак нишаста, рӯяшро бо дастонаш пӯшид.

## ШОҲИИ ЯПОН

Роҳи маҳаллаи акаи Баракаро аз нав сохта, васеътар мекарданд ва ҳаракати автобусу троллейбусҳо ду-серӯза қатъ шуда буд. Акаи Барака метавонист ба автобуси маршрути дигар савор шуда, то ба фабрикаи либосшӯӣ биравад ва аз он ҷо ба тарафи чап тоб хӯрда, роҳи хонаашро наздик кунад. Аммо худ ба худ «сайр ҳам сайр, саргардонӣ ҳам сайр» гуфту аз мобайни микрорайони нисфаш будшуда ва нимаи дигараш ҳанӯз сохташаванда, аз кӯчаҳои рости мумфарш равон шуд, ки ниҳолҳояшон ҳоло фақат яксола буданду сояи онҳо касеро аз офтоби тамӯз паноҳ дода наметавонист.

Аз тахтабетонҳои пайраҳа ҳаври тобнок бармехост. Рӯз бегоҳ шуда бошад ҳам, тасфи ҳаво ҳамчунон баланд буд, ки айни қиёми офтоб мешавад. Акаи Барака бистулапанҷ соли умрашро дар дами дегҳои оташини цементпазӣ гузаронидааст. Ҳатто барои вай ҳавои берун аз ҳад гарм менамуд. Ба дараҷае гарм менамуд, ки гоҳ-гоҳе гумон мекард, ки дар кӯчаи шаҳр бо ихтиёри худ нагаштааст, балки бар ҳавзаи чуқур ва беканори оби гарм андохтаандаш ва барои хар дафъа пой бардошта, як қадам пеш рафтан ҳамаи узвҳои пайкарро ба кор андохта, зӯре ба кор бурдан лозим. Арақи шӯри ҷабин аз боло ба гӯшаи чашм ва кунҷи лабонаш метаровид, номаълум сӯзиш ме-

кунонид ва ӯ дам ба дам рӯймолчаи намнокашро аз киса бароварда, араҳи шорони сару гарданашро пок мекард.

Ҳайр, саратон-дия, худ ба худ мегуфт акаи Барака. Мавсими ширабандии мева, тарбузу ҳарбуза. Аввали сол баҳор аз меъёри ҳарсола андаке бештар кашол шуд, ҳама ба дилзанӣ даромаданд, ки ҳаво паст омад, аҳволи пахта чӣ мешавад, алафи чорвою ҳосили ғалла чӣ мешавад... Акнун ҳаво тафсон аст, бигузор, ки тафсон бошад. Табиат худ мизони бориксанҷ ва баинсофе дорад. Кореро ки ин мизон мекунад, ҳеҷ чиз карда наметавонад — на илму техникаи муқтадир, на такудави ҳазорон каси ба изтироб афтода...

Аз пиёда омаданаш пушаймон набуд акаи Барака. Дидани манзараҳои тозаи сари роҳ хушҳолаш мекард. Саргарми кору ташвиши рӯзгор шуда, дар шаҳри худ, дар диёри ба воя расида ва ободкардаи худ гоҳо ба каноре гузорат меафтодааст, ки онро, масалан, гӯем, ҳафт-хашт моҳ инҷониб надидаӣ. Баногоҳ мебинӣ, ки дар як тарафи он мавзеъ иморати аҷоиби серошьёнае қад афрохтааст. Шакли он, қомати баландаш, ниҳоят ҳашамату салобаташ водорат мекунад ғайри ихтиёр аз роҳ бозистода, дуру дароз тамошояш кунӣ. Чунон ки он вақтҳо, дар айёми кӯдакӣ аэроплани майдаяки почтакашонро то аз назарҳо ғоиб шуда рафтанаш дар канораи осмон тамошо мекардӣ.

Ҳа, иморатҳои наву азими имрӯза тамошобобанд. Ҳарчанд, ки гирду атрофи ин гуна биноҳо ҳанӯз обод нест, гарчи вагонаки рангпаридаи прорабнишинро ба сохтмони дигар кашола карда набурдаанд, дар ин ҷову он ҷо ҳоло ҳам тӯдатӯда блокҳо, тахтаҳои бетонӣ, ғалтакҳои холии кабель ва ғайраву ҳоказо парешон хобидаанд. Бо ин ҳама иморат хушрӯ менамуд. Шояд аз он сабаб ки дар қомат бардоштани он ҳиссаи ноаёни ту низ ҳаст ё аз он ки хуб медонӣ: дере нагузашта, гирди он ҳам тоза мешавад, гулгашти барҳаво сайронгоҳи кӯдакон, пиронсолони ҳамаи умр заҳматкашида мегардад.

Акаи Барака аз рӯи нақшаи худ рӯзи якшанберо аз саҳар то шом бо истироҳат гузарониданӣ буд. Кори заводи вай, кори дегҳои цементпазӣ ба чунон тартиб аст, ки моҳҳою солҳо танаффус надорад. Ягон соат, ҳатто ягон дақиқа. Рӯзи истироҳати устоҳои смена аҳьён-аҳьён ба рӯзи истироҳати умум рост меояд.

Ана аз ҳамин сабаб ҳоло роҳравон фардо чӣ корҳое карданашро бо ҳамаи тафсилот як-як пеши назар меовард. Баъди ношто ҳамаи оила якҷоя ба дараи Ромит меравапд. Хонаи язнаву духтархолааш дар ҳамон ҷост. Яке аз дилкаштарин гӯшаҳои дара. Домани боғашон то ба соҳили Кофарниҳон мерасад. Боғи пур аз дарахтони рангубаранги мевадор, полези сабзавот, гулу райҳон. Бисьёр солҳо инҷониб истироҳати худ-

ро дар ҳамон ҷо мегузаронанд. Писараш Равшан ба сари руль мешинад, зани вай Гулбаҳор дар паҳлӯяш. Дар нишастгоҳи қафо — «ҷолу кампир», чуноне ки як-ду соли охир акаи Барака худаш ва ҳамсараш Робиаро ҳазломез ҳамин тавр меномад. Рост, дар ин гап оҳанги шӯхие ҳаст, албатта, лекин он аз тобиши ниҳонии ифтихор низ холӣ нест. Худаш ба ҷилу шаш акнун қадам монд. Занаш аз ӯ ду сол хурдтар аст, вале гоҳе ки сарулибоси тоза пӯшида, ҳамроҳи ӯ ба тӯи касе аз хешу табор ё ягон маъракаи корхонаи худаш ё шавҳараш меравад, ба назари акаи Барака чунин метобад, ки дар ҳусни андом ва назокати хиром аз ҷавонзанон фарқе надорад. Хуллас, «мо, ҷолу кампир» гуфтани акаи Барака ба он маънист, ки мо воқеан бобою модаркалон шудаем, лекин ҳаргиз ҷолу кампир нестем.

Ҳа, онҳо ба роҳи калон мебароянд. Бахтиёри сесола, писари Равшану Гулбаҳор гоҳ ба сари зонуи бобо меҷаҳад, гоҳ худро ба гардани модаркалон меовезад. Сонитар талаб мекунад, ки ӯро ба пеш, ба оғӯши модараш биспоранд. Лекин ба ин даъво падараш дарҳол зид мебарояд, чунки писарак дар бағали модар фақат як-ду дақиқа ором хоҳад нишаст. Баъд ҳатман оҳиста-оҳиста ба тарафи чап, ба сӯи падар, ба самти фармон ва дастаки суръатбадалкунандаи автомобиль наздиктар омада, хуши ӯро парешон хоҳад кард. Бе ин ҳам аз сар то охири сафар калонсолонро беист саволборон мекунад ё фикру ақидаҳои худро доир ба манзараҳои роҳ изҳор хоҳад дошт:

— Дада, ҳозир ҳо ана аз вай «Москвич» мегузарем, а?

— Не, писарам, шарт не. Худи вай тез меравад.

— Хайр, агар хоҳем, мегузарем?

— Хоҳем, албатта мегузарем.

...— Бобо, гова бинед, пахтая мехӯрад.

— Не, Бахтиҷон, ба пахта намерасад вай. Нағз нигоҳ кун, дар гарданаш таноб. Алафи сари вота мехӯрад.

— Пахтая хӯрад, соҳибаша ҷанг мекунанд, ба кунҷаки хона рост мемонанд, а?

— Албатта, пахта чизи қимат. Аз пахта ба мову ту куртаҳои хушрӯ медӯзанд.

— Бобоҷон, ман калон шавам, дуямон пахта мекорем.

— Боракалло, ҷони бобо. Бисьёр кори сара мешавад.

Ва боз даҳҳо саволҳои рангубаранги дигар ба сари онҳо фурӯ мерезанд: ана дар он истгоҳи айвончадори автобуси байниракйонӣ расми чӣ кашида шудааст? Расми оҳу бошад, чаро ба оҳуи боғи ҳайвонот монанд нест? Барои чӣ дар мобайни роҳи асфальт хати сафед мекашанд? Чаро чинор дарахти калон асту мева надорад? Барои чӣ шаҳр аз қишлоқ нағзтар асту одамон аз қишлоқ намекӯчанд? Ва ғайра. Ва ҳоказо.

Ҳамин ки ба манзил расиданд, ё духтархолаи акаи Барака ё Бибиробиа як дег шӯрбо меандозанд. Ин ҳам расм шудааст, чунон ки бегоҳирӯзӣ пеш аз ғуруби офтоб шикамсерӣ палав хӯрда, ба роҳи бозгашт афтодан низ ҳукми онҳоро гирифтааст.

Ҳар дафъа Равшан ҳанӯз аз ҳудуди шаҳр набаромада, дар пеши магазини озуқа ё буфете истода, барои падар се-чор шиша пиво мехарад. Пиво дар оби наҳр хунук мешавад. Баъди пешин акаи Барака шишаҳоро якта-якта кушода, ба қавли худаш «майда» мекунад.

Солҳои аввал Бибиробиа ба пивонӯшии ӯ ҳар сафар зид баромада ғур-ғур мекард:

— Муятон мошубиринҷ шуд, дадаҷонаш. Ба қарибӣ бобо мешавед. Ба ҳаёлам, шуморо муносиб нест ҳамин корҳо...

— Кадом «корҳо»? — худро ба гӯлӣ мезад акаи Барака.

— Мана ҳамин оби фаҷи талҳа нӯшида маст шудан.

— Қай маст шуда будам, Бибиҷон? Баъзе мардҳо барин аз субҳ то шом гирди бӯчкаи пивая иҷора мегирифтам, чӣ кор мекардӣ?

— Вой ман мурам, ҳаминаш намерасид акнун.

— Аз як-ду шиша пива касе маст нашудааст, Бибиҷон, пива ба тану ҷони одам нафъ дорад. Дар газета навиштагӣ.

— Э монед, газета ҷинӣ нашудааст, ки ҳамин хел гапҳои бемаъния нависад.

Бо мурури замон Робиа ба шуғли ҳамсараш бепарво шуд. Бо вуҷуди он акаи Барака боре аз дари кӯча газетаи «Шоми Душанбе»-ро дар болои сар алвонҷ дода даромад.

— Биё, Бибиҷон, ку худат бихон, ана дар ин ҷо чиҳо навиштаанд.

Саҳифаи чаҳоруми газета сар то по аз рекламаи маҳсулоти заводи пиво иборат буд. Ҳамаи навъҳои оби ҷав номбар шуда, тавсифи ҳар кадоми он то ба осмони ҳафтум расида буд. Сурати ҳама гуна шишаҳо, бӯчкаҳои пур аз пиво, этикеткаҳо акс ёфта буд. Аз матни саршор аз мадҳу санои эълоннома хулосае бармеомад, ки аз истеъмоли оби ҷав бар тани сиҳати банибашар ба ҷуз файзу шарофати беинтиҳо дигар чизе намерасад.

Бибиробиа газетаро аз назар гузаронида, китф ба ҳам кашида «тавба» гуфту хомӯш монд. Аз ҳамон рӯз ба шавҳар аз хусуси пиво дигар лаб накушодааст.

Акаи Барака баъди ошомидани пиво дар болои кӯрпача, дар сояи тут ё дар марғзори лаби дарьё дароз кашида, зери шуввоси якнавохти наҳр соате хоб мекард.

Занҳо бошанд, барои истироҳат меомаданду лаҳзае оромӣ надоштанд. Мавсими баҳор бошад, алафчинӣ мерафтанд. Аз алаф самбӯсаҳои болаззати давоӣ мепухтанд. Тобистон рӯза-

шон бо мевачинӣ, мураббопазӣ мегузашт, ё ба хишован пиёз ё дигар кори занонаи соҳибхона ёрмандӣ мекарданд.

Фақат Равшан тоқати як ҷо нишастан надошт. Гоҳ медиданд, ки ба назди бошандагони санаторияи инвалидҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ рафтааст, гоҳ ҷавонони деҳаро дар пеши идораи Совети қишлоқ ҷамъ оварда, рӯзро ҳамроҳи онон бо ҳар гуна мунозираҳо бегоҳ мекард. Баъзан аз аввалин дақиқаи омаданаш дар қуруқгоҳи Ромит ғоиб шуда мерафт ва фақат соати бозгашт аз нав пайдо мегардид.

Модараш ва гоҳо занаш аз ин кирдори ӯ норозигӣ баён мекарданд. Аммо падар чизе намегуфт, ҳар касу ҳар чиз, мегуфт ӯ дар дилаш. Одати шаробнӯшӣ надорад, пас хотирҷамъ метавон буд, ҳеҷ воқеа нахоҳад шуд. Ҷавонмарде соатҳои дамгирӣ дар ҳалқаи оила буданро нахоҳад, бо занҷир баста монӣ, ки намеистад. Занро дӯст доштан, иззаташро ба ҷо овардан шарт аст. Хусусан дар ин замона, ки зану мард дар ҷамъият баробар кор мекунанду қисми гаронтари заҳмати рӯзгор ва ташвишҳои бачакалонкунӣ дар зиммаи зан аст. Лекин субҳ то шом домани занро дошта, дар таки манаҳи вай болишт зада нишастан ҳам оқибати нек надорад. Мардро аз хулқу хӯи мардона бегона мекунад.

Бо ҳамин гуна фикру андешаҳо ба хона расид акаи Барака. Занаш, келинаш мисли ҳамеша ба пешвозаш баромаданд, салом дода, ҳолпурсӣ карданд. Акаи Барака мехост худи ҳозир хабар диҳад, ки шукр, димоқаш чок аст, хеле чоқ аст. Мехост аз суҳбаташ бо ҷонишини вазир нақл кунад. Охир ҳеҷ гоҳ ин тавр нашудааст, ки вазир ё ҷонишинаш ба заводи онҳо омада, бо устои смена дар ҳилватгоҳе як соати расо рӯбарӯ нишаста, суҳбат карда бошад. Азбаски вай аз оринҷи акаи Барака дошта, ӯро ҳамроҳи меҳмони москвагӣ ба гӯшаи дури боғчаи назди завод ҳидоят намуд ва ба пасу пешаш дигар назаре наафканду касеро даъват накард, роҳбарони завод худро ба каноре кашида меистоданд. Акаи Барака бо гӯшаи чашм медид, ки ҳам директор, ҳам котиби партком, ҳам саринженер дар ҳамин қарибиҳоянд, дар пайраҳаҳои наздики идора гаштугузор доранд, аммо ба суҳбати онҳо халал расонидан намехоҳанд. Бешубҳа, калонҳо дар дил нияти хубе доштанд. Некие кардани ҳастанд барои акаи Барака. Қалонмардум ҳамин хел. Мақсаде дошта бошанд, аввал як-ду бор навозиш мекунанд, сонӣ мебинӣ, ки суратгир оварда, аксатро мебардорад, дигаре ба газета ё дар намоиши телевизион туро таъриф мекунад. Баъдтар овоза мешавад, ки пагоҳ-фардо указ мебаромадааст, ки ба фалонӣ медаль ё фалон унвони фахрӣ дода шавад. Ҳа-а, корҳои олам ғалатӣ...

Акаи Баракаро дил мечӯшид, мехост дарҳол аз суҳбати

имрӯза ба занаш ва Гулбаҳор ҳикоят кунад. Лекин худдорӣ намуд.

— Равшан ку? Наомадааст? — пурсид аз келин.

— Не,— гуфт Гулбаҳор ва аз чӣ сабабе нигоҳи худро гурезонида, сар боло намуд, ба назораи ҳавозаи ток ва селаи занбӯрон, ки дар атрофи сарҳои ранговардаи ангур парвоз мекард, машғул шуд.

— Ман аз он канори шаҳр пиёда омадаму вай мошинсавор ҳоло дар роҳ...— ҳам саволомез, ҳам тааҷҷубомез гуфт падар.

— Меояд, дарачонаш, кучо мешавад? — гуфт модар.

Акаи Барака либоси хонапӯшак ва сачоқро ба китфаш партофта, ба душ даромад. Дар гӯшаи ҳавлӣ як вақтҳо аз бӯчкаи калоне душ сохта буд. Порсол Равшан онро аз нав сохт. Дар ҳазорон ҳавлиҳои шаҳр души тобистона ҳаст, ки кас аз кор омада, ба оби ширгарми он гарду чанги роҳро шуста, сабук мешавад. Лекин душе, ки Равшан сохтааст, эҳтимол, дар ягон ҷои дигар набошад. Даст боло карда, дар ҳолате ки аз кафки собун чашм кушода намешавад, крани обро палмосида, онро тоб дода кушодан ё пӯшидан ҳоҷат нест. Нимаи чапи тахтаи зери пойро оҳиста зер мекунед, борони нарми гуворо худаш ба саратон мерезад. Пойро аз он қисми помонак бардоред, ҷараён қатъ мегардад. Як пора оинаро ба девори душхона чунон устокорона часпонидааст, ки завқи одам меояд. Тугмачаеро дошта, ба боло тела медиҳед, пардаи пластмассӣ боло меравад ва рӯи оина кушода мешавад. Тугмаро поён мекашед, оина аз қатраҳои об, кафки собун ё гарду чанги ҳаво эмин мемонад. Собундорак ҳам магнитӣ. Ҳамин ки собунро ба наздикаш бурдед, дастьёри ноаёни ҳамеша ба ҳидмат омода барин онро нармакак кашида мегирад. Либосовезак ҳам мех ё чангаки муқаррарӣ не, балки як чизи панҷашакли аҷибест, ки болою поён ё ба чапу рост ҳаракат мекунад...

Акаи Барака корҳои писарашро дида, хурсанд мешавад, қабат-қабат гӯшт мегирад, лекин аз таъриф худдорӣ мекунад. Равшан институти политехникиро хатм карда, инженери нақлиёти автомобилӣ шудааст, саҳеҳтараш, инженери соҳаи истифодаи автомобиль. Дар ҳавлӣ аз остонаи дарвоза то оташдони гази ошхона асбобе, ашьёе нест, ки чунон ки мегӯянд, ихтирои охирини техника набошад. Акаи Барака дар дилаш мегӯяд, ки инженери хуб будани кас бояд аз тарзи маишаташ ҳам маълум бошад. Ин табиист. Барои ин таърифу тавсифи махсус лозим нест.

Вай болои кати чӯбин баромада, дар рӯи кӯрпачаи нарм ба қӯшаболини мулоим такья карда ёзид. Бибиробиа чой дам карда овард. Гулбаҳор гуфт, ки дадааш хоҳад, дар яхдон ме-

ваоби бомаззаи хунук ҳаст. Ё фармояд, тарбуз қалам карда меорад.

Муомилаи меҳрубононаи ҳар ду барои вай одатӣ буд ва ӯ дергоҳе пайхас нарафт, ки имрӯз дар қиёфаи онон дигаргуние бошад. Фақат пас аз он ки ҳар се нафар дар се гӯшаи кат муддати дарозе ғарқи андешаҳои худ хомӯш нишастанд, акаи Барака ҳис кард, ки ё дар байни келину модаршӯй гапе гузаштааст, ё дигар чизе ҳаст, ки ҳоло ҳозир ба ӯ нагуфтаанд.

— Бахтиёр наменамояд? Канӣ вай? — аз кадом як ҳисси ҳанӯз ноаёни номатлуб гӯё ба изтироб омада пурсид акаи Барака.

— Равшан ҳамроҳаш бурдааст,— гуфт модар.— Ба доманаш маҳкам часпидааст, ки ҳамроҳ меравам.

— Астағфируллоҳ.

— Меояд, дарачонаш. Гуфтам-ку меояд, кучо меравад?

— Гуфтӣ, фаҳмидам. Худам ҳам медонам, ки ба чое намеравад,— ноҳост акаи Барака болинро як сӯ тела дода, ба чояш нишаст ва бо оҳанги сахттар пурсид: — Ба шумо чӣ шуд? Ҳа, ба ҳар дуятон? Дуввумбора пурсидам, ки чаро Равшан нест? Чаро дер мемонад? Дуруст чавоб намедиҳед. Акнун мегӯед, ки бачая гирифта, ба кадом чонибе рафтааст. Худаш чӣ гап?

Модар гуфт, ки Равшан баъзан баъди кор як соат-ним соат дер мондa меояд, аммо беҳудагардӣ надорад, хочати хавотир шудан нест. Ёру чӯраҳояш илтимос мекунанд, ягон чои мошинашон вайрон шуда бошад, дида, маслиҳат медиҳад, ё худаш соз мекунад. Ана ҳамин, вассалом.

Гулбаҳор ба гапи модар ҳамин қадар илова кард, ки дуруст, як-ду соат дер меояд, лекин баъзан не, рости гап, аксари рӯзҳо, ҳатто баъзе рӯзҳои шанбе саҳарӣ рафта, баъди пешин ё бегоҳ бармегардад. Аммо дар воқеъ беҳуда намегардад, хочати одамонро мебарорад, ба ёру ошно кӯмак мекунад.

Акаи Барака ин қадар солҳо дар сменаҳои шабона, саҳарӣ ва рӯзона бо навбат як ҳафтагӣ кор карда, ба ин тарзи зиндагонӣ ҳамчун ба амри воқеъ одат карда буд. Фақат гоҳ-гоҳе ҳис мекард, ки тағйири вақти кору соати хобу хӯрок дар рӯзгор барои ӯ ноороҳатӣ ҳам меорад. Солҳое ки ҳамин ҳавлиро месохт, баръало медид, ки бадали смена ба хонасозиаш сахт халал мерасонад. Дигарон дар ду сол хонаву чой созанд, бинокории ӯ чаҳор сол кашола шуд. Мана, ҳоло мебинад, ки писараш кайҳо барои худ тартибу низоми нав дуруст кардааст, вале падар бехабар. Модар ва келин огоҳ бошанд ҳам, чизе нагуфтаанд. Эҳтимол, ҳанӯз худашон надонанд, ки дермониҳои Равшан чӣ оқибате хоҳанд дошт.

Вай муддате ғарқи андеша сокит менишаст. Ногоҳ пай

бурд, ки занҳо байни худ бо нигоҳи чашмон суҳбате доранд. Инро яқин фаҳмида бошад ҳам, сурфа карда, гулӯ афшониду напурсид, ки аз чӣ бобат бесухан гуфтушунид доранд. Ё чунон ки дар ин гуна мавридҳо шӯхиомез мекард, нагуфт, ки агар аз ӯ сирри ниҳонӣ дошта бошанд ва ба суҳбаташон шарик накунанд, ҳозир ба сари кӯча меравад, аз ҳамсоягон ё шиносони гирду пеш барои худ ҳамсуҳбате пайдо мекунад.

— Пагоҳ ба Ромит меравем,— гуфт акаи Барака бо табассуми кушод ва ҳазломез илова намуд: — Муқобилон ё бетарафҳо нестанд?

— Ҳама тарафдор, дадаҷонаш,— ҷавоб дод занаш.— Аммо... ин ҷо... якто коғаз омадааст,— гуфт вай калимаҳоро бо фосила ҷудо карда ва аз кат фаромада, аз таги кӯрпача ва палосе ки дар болояш нишаста буд, кафи даст барин коғазаки осмонирангеро бароварда, ба шавҳараш дароз кард.

«Вазорати корҳои дохилии РСС Тоҷикистон» — навишта шуда буд дар болои коғаз бо ҳарфҳои сиёҳи ғафс. «Огоҳнома».

«Гражданин Барака Зоҳидов огоҳ карда мешавад, ки 11 август соати даҳи пагоҳӣ бояд дар кабинети рақами чаҳордаҳи Шуъбаи корҳои дохилии Совети депутатҳои халқи райони Яккачинор дар назди муфаттиши калони ШКД капитан Одинаев хозир шавад».

Баъди ин ҷумла — имзои каҷалаки норавшане.

Дар поёнтари коғаз бо ҳарфҳои майда-майдаи нимранг илова шудааст, ки дар сурати ихтиёрӣ ҳозир нашудани даъватӣ вай мувофиқи фалон нуқтаи фалон моддаи Кодекси мурофиавии РСС Тоҷикистон ба ШКД маҷбурӣ оваронида мешавад.

Дар паси варақа боз касе бо қалами бунафш қайд кардааст, ки огоҳнома ба дасти гражданка Робиа Зоҳидова фалон рузу фалон соат супорида шудааст. Ва боз як имзои думи муш барин борику дарозе, ки номи киро ифода кардани он нақши ғароиб муаммое буду бас.

— Ҳм,— ғурунгос зад акаи Барака тамасхуромез лабханде карда.— «Маҷбурӣ оваронида мешудааст»... Ҷаро маҷбурӣ? Ихтиёрӣ меравем. Аз касе муттаҳам нестем. Лекин барои чӣ ба милицияи Яккачинор? Ман-ку дар райони Сари Осиёб кор мекунам, истиқоматгоҳам дар райони Шоҳмансур...

Ӯ бо навбат ба зан ва келинаш нигоҳ мекард. Онҳо хомӯш менишастанд. Чеҳраҳошон аз дили ғамолудашон дигар ошкоро гувоҳӣ медод.

* * *

Акаи Барака ба кӯча баромад. То сари роҳи калон расида, дар сояи иморати баланд ба ҳаракати мошинҳо ва пиёдаҳо бо хавоси парешон назар карда истод.

Дар ин қарибиҳо ба ҷанҷоле шарик нашудаам, аз дил мегузаронд ӯ. Ҳатто шоҳиди хархашае набудам, ки номам ба ҳуҷҷате зикр шуда бошад ва милиция барои шаҳодат чеғ занад. Сонияп, милиция барои шаҳодат додан даъват кунад, дар огоҳномааш айнан ҳамин тавр менависад, яъне ки ба сифати гувоҳ ҳозир шавед. Акаи Барака чандин сол боз машваратчии суди халқии райони Сари Осиёб аст. Дар бадали ин солҳо аз нозукиҳои қонуну мурофиа нағз огоҳ шудааст.

Эҳтимол, ин даъват бо автомобиль вобаста бошад. Автомобиль ба номи ӯ қайд шудааст, чунки бо қарори роҳбарияти заводи цемент ба ӯ фурӯхта, паспорташро ба номи ӯ гузаронида буданд. Агар Равшан, худо накарда, гуноҳе содир карда бошад, рақами мошинро навишта, аз ГАИ мепурсанд, ки фалон автомобиль моли кист. Вассалом, он тарафаш рӯз барин равшан.

Воқеаи бист сол қабл рӯйдода ба ёдаш расид. Он вақтҳо адади автомобиль даҳчанд камтар буд, талабгораш аз он ҳам камтар. Дар як гӯшаи чорраҳаи кӯчаҳои Орҷоникидзе ва Коммунист магазине буд, ки он ҷо ҳам автомобиль мефурухтанд, ҳам велосипеду мотоцикл, ҳам мошинҳои дарздӯзӣ. Ана аз ҳамон магазин акаи Барака бидуни ҳеҷ навбатпоӣ, бе аризаю қарору справкаҳои бешумор автомобили сохти нави «Москвич-400» харида буд. Дар мактаби ДОСААФ хонда, ҳуқуқи ронандагӣ гирифт. Азбаски дар ҳавлии пештараашон ҳанӯз дарвозаи калон нашинонида буд ва ин кор ба тобистон мавқуф гузошта шуда буд, мошинро ба гаражи як ҷӯраи деҳқонаш, ба колхози «Россия» бурда мемонд. Фақат рӯзҳои истироҳат автомобилашро оварда, зан ва кӯдаконашро савор карда, ба саёҳат мебурд.

Акаи Барака дар ин ҷои хотираҳояш беихтиёр хандид. «Москвич-400» хеле камқувват буд. Ба зимми ин худаш ҳам чандон ба фаҳми мотор, хусусан узвҳои электрикии он намерафт. Боре занаш ва ҷӯраи ҳамкораш Пэт (вай устои смена Петерс Веберро мухтасар Пэт меномид) ва зани ӯро гирифта, ба саёҳати Хоҷаобигарм бирафт. То сероҳаи деҳаи Ҳушьёрӣ саёҳат хеле хуб, бо ваҷду сурури афзоянда ҷараён дошт. Аммо ҳамин ки ба дасти чап тоб хӯрда, ба роҳи морпечи кӯтали баланди курорт расиданд, азоби ронандагӣ сар шуд. Мотор намекашид. Дар гардишгоҳҳо ҳатто бо суръати якум ҳам қариб буд, ки аз ҳаракат бозмонанд. Занҳо ба чапу рост, ба ҷариҳои воҳимадори бетак назар афканда, чашмонашонро ба кафи даст пӯшонида, тарсомез дод мегуфтанд. Аз афти кор, ба худ тасаввур мекарданд, ки ин Москвичи нави ялаққосӣ, ки фақат ба ном москвич будаасту дар амал қуввати ду маркабро ҳам надоштааст, мабодо аз роҳ бозмонда, пас биравад, хар чорашон беқилу қол аз он баландиҳо сарнагун меравандy саёҳа-

ташон ба курорти хушманзар ба сайри олами дигар табдил меёбад.

Боз як дақиқа гузашту оби мотор ҷӯшид. Он гоҳ Петерс фармуд, ки Барака мошинро даст бигирад.

— Мо, ҷӯра, оҳиста-оҳиста пиёда меравем,— гуфт ӯ занаш ва Робиаро аз мошин фуроварда.— Ту баҳузур оби ин дулдулата хунук карда аз қафо биё. Роҳ чандон дур нест. Пиёдагардӣ ҳам нафъ дорад. Умед ҳаст, ки аз он тараф — аз боло ба поён мошинат чаққонтар медавад.

Баъди ин воқеа ҳар боре ки Барака рафиқонашро ба саёҳати ягон дараи зебо таклиф кунад: «Хуш-е, мегуфтанд, кайфи саёҳатро Петерс ҳикоят карда буд. Сад ҳазор раҳмат. Кӯҳбароиро машқ карданӣ бошем, ана атроф пур аз талу теппа, кӯҳу даман...».

Зимистони ҳамон сол як шаб қариби бомдодон тақ-тақи дар ӯро аз хоб бедор кард. Дар паси дар лейтенанти ҷавони милиция фонусчае дар даст рост меистод.

— Барака Зоҳидов шумоед? — ба когазпорае назар афканда пурсид лейтенант.

— Ҳа, ман Зоҳидов.

— Мошини «Москвич»-и нав доред?

— Дорам.

— Рақами давлатиаш?

Акаи Барака ҷавоб дод. Лейтенант боз ба он когазак нигоҳе акфанда бовар ҳосил намуд, ки соҳиби мошин рост мегӯяд. Пас худро шиносонид:

— Инспектори ГАИ Раҳматулло Назаров. Бубахшед, ки нимишабӣ ташвиш медиҳем, гражданин. Кори милиция ба худатон маълум.

— Маълум, рафиқ Назаров. Хӯш, чӣ хизмат? Шояд ба хона медароед?

— Хизмат ҳамин ки мошинатонро ба мо нишон медиҳед.

— Мошин дар ин ҷо нест. Дар ҷои дур.

— Дар куҷо? Кӯлоб ё Термиз?

— Не, он қадар ҳам дур не. Колхози «Россия».

— Либосатонро пӯшед, рафтем.

— Ба шумо рафиқ лейтенант, гуфта монам, ки ду моҳ боз мошинро аз ҷояш наҷунбонидаам.

— Фарз кардем, ки дуруст мегӯед: воқеан ду моҳ боз аз ҷояш наҷунбонидаед. Аммо дар олам ғайр аз шумо касоне ҳастанд, ки мошин ронда метавонанд.

Ба дили акаи Барака оташ афтод. Ӯ дигар чизе нагуфт. Чанд лаҳза фикри ӯ ба муаммое банд буд, ки лейтенанти ГАИ ин қадар ҷавони хушандом аст, муомилааш ҳам зоҳиран аз доираи одоб берун нест, лекин оҳанги гуфтораш сардии пирьяхҳо, қатъияти фармоишоташ сахтии харсангҳоро ба хо-

тир мерасонад. Баъд: «Зарур бошад, раво бошад. Бо милиция магар баҳс карда мешавад?» гуён ба либоспӯшӣ даромад: Робиаро, ки бедор шуда: «Чӣ гап, чаро милиционер омадааст?» — гуён бо рую мӯи парешон ба долон баромада буд, таскин дод ва гуфт, ки соат аз чаҳор гузаштааст. Шояд ӯ аз колхоз рост ба заводаш баргардад, хавотир нашавад.

Дар кӯча боди тунде мевазид ва қатраҳои сарди боронро ба сару рӯи кас чунон башаст оварда мезад, ки шишареза барин сахт мехалид. Дар таки дар мотоцикли сечархае меистод ва як милиционери шофбурут дар наздикиҳои он қадам зада мегашт.

— Марҳамат, ана аз ин ҷо,— гуфта лейтенант ба ӯ нишастгоҳи паҳлӯии мотоциклро нишон дод ва худ аз қафои милиционер ҷой гирифта, мухтасар фармуд: «Россия!».

То ба Почтамт расиданд, ки саруруи акаи Барака, дасту пойҳояш аз сармо карахт шуданд. Кӯчаҳо хилват буданд ва ронандаи шофбурут бо ҳамаи суръате ки мошин ба он қудрат дошт, мотоцикл меронд. Дар ҷоҳои ноҳамвор акаи Барака то ним метр аз нишастгоҳи сахт барҷаҳида ва боз бо тамоми вазни пайкараш ба «болинаки» сангини он бармехӯрд, дар гардишгоҳҳо қабурғаҳояшро ба канораҳои ин «каҷовап» оҳанин зада мегирифт. Вале лом намегуфт.

Ҳайрату ошуфтагии деҳқон-ҷӯраи Баракаро низ аз дидани ин се нафар дар чунин вақт ва чунин ҳол ҳадду каноре набуд. Аммо ӯ низ бидуни саволу ҷавоб дарвозаро кушод. Ходимони ГАИ дар атрофи мошин давр зада, онро аз ҳар сӯ бо фонусчаҳои худ равшан карда диданд. Гарду чанги ғафси болои бому сарпӯши мотор ва бағоҷмонакро алоҳида-алоҳида бо ангушт, бо гӯшаи дастрӯймолҳои худ пок карда, аз назари таҳқиқ гузарониданд. Лейтенанти ҷавон ҳатто хам шуда, ба таки автомобиль нигоҳ кард, аз мағзи ҷӯякчаҳои резинии нақшини чарх бо кордчааш порчае лои хушкшударо хезонида, дар рӯи кафаш майда карда дид, ҳатто барои чӣ бошад, ба мӯйлабаки базебаш наздиктар бурда, бӯй кашид.

— Шуд,— гуфт ӯ баъди ҳамаи ин корҳо.— Рафиқ Зоҳидов, марҳамат ба ҷоятон бигзаред.

— Боз куҷо меравем?— бо хавотир пурсид акаи Барака, ҳарчанд, ки аз «рафиқ» гуфта муроҷиат кардани лейтенант як қадар рӯҳ гирифта буд.

— Ба хонаатон мебарем.

— Ташаккур. Лозим не,— гуфт акаи Барака.— Баъди ним соат ба назди ҳаммоми колхоз автобуси шаҳр меояд. Ташаккур,— такрор намуд ва ӯ ҳис кард, ки бисёр мехоҳад бигӯяд, ки шамоли мотоциклатон мисли муомилаатон ҳавои ана ҳамин бомдоди зимистон барин сардакак будааст. Аммо нагуфт

ва тани худро ба пальтои абра-астари тунукаш дурусттар печонида, гиребони онро бардошт.

Лейтенанти ҷавон гӯё аз андешаҳои ӯ пай бурда бошад, аз пеши дарвоза баргашта, ба соҳиби ҳавлӣ ва акаи Барака наздик шуд ва худ даст дароз карда, дастони онҳоро бо гармӣ бифушурд ва узромез гуфт:

— Мебинам, ки аз бемаҳал ташвиш доданам озурдаед. Сабабашро, аз афти кор, ба шумо гуфтан даркор. Ҳамин шаб соати ҳаштуним дар қарибии аэропорти кӯҳна, дар кӯчаи ба номи Титов касе савори «Москвич» духтаракеро зада маҷрӯҳ кардааст. Худаш гурехта пинҳон шудааст. Духтарак ними шаб дар табобатхона ҷон дод,— лейтенант лаҳзае хомӯш монд, як ба зери пояш, пас ба сафҳаи осмон назар афканд,, сонӣ тасмаю гиребони либосашро аз нав ба тартиб оварда, суханашро идома дод:— То соати ҳашти имрӯз мо бояд ҳамаи якуним ҳазор адад «Москвич»-ҳои давлатӣ ва шахсии шаҳри Душанбе, водиҳои Ҳисор, Вахш, Кӯлоб ва ҳатто вилояти Сурхандарьёи Ўзбекистонро аз назар гузаронем. То соати ҳашти пагоҳӣ. Якуним ҳазор «Москвич»,— таъкид намуд ӯ бори дигар ва даст ба чакка бурда, арзи эҳтиром карду шитобон рафта ба мотоциклаш савор шуд.

* * *

«Рафту Равшан аз он кӯча даромада, ҳоло дар хона баҳузур нишаста бошад?— ба худ андешид акаи Барака ва ба сӯи ҳавлиаш равон шуд.— Худат-ку дер меоӣ, болои сухта намакоб, боз кӯдакро ҳамроҳ гирифта, ба куҷоҳое бурданат чӣ номаъқулӣ?!— худ аз худ оташ гирифта, қадаммониашро тезонид ӯ.

Дар рӯи ҳавлӣ касеро надида ҳайрон шуд. Дари хонаҳоро як-як кушода дид. Ниҳоят, зану келинашро дар ошхона ёфта, бо оҳанги сарзаниш гуфт:

— Тавба! Дар рӯи ҳавли ду кати васеъ, ҳамин қадар хонаҳои калона монда, ду кас ба ошхонаи тангу торик ҷой шудаед. Боз чароғ даргиронидаед. Ба нури чашматон раҳме надоред, астағфируллоҳ!

Занаш аз гӯштқубак гӯшту пиёз мегузаронид. Келинаш дар рӯи фарш сурфа густурда, хамир боз мекард.

Як дақиқа бо хомӯшӣ гузашт. Гулбаҳор тораҳои мӯи ба пешонӣ фаромадаашро бо банди дасти ордолуд боло карда, аз ҷой бархост. Ба таки дар, назди падар омад.

Дадаҷон, дилтангӣ накунед. Ҳеҷ воқиа не, ҳамааш мегузарад, ҷон дадаҷон,— инро гуфту сар ба синаи акаи Барака ниҳод. Падар чӣ гуфтан ва чӣ кор карданашро надониста, даступо гум карда, музтару сокит монд. Дар чашмони шаҳлои ке-

линаш ашк чарх мезад. Ҳамин ҳозир ба рухсораи сафеди базебаш донаҳои сиришк хоҳад рехт.

Акаи Барака шитобон аз ошхона баромада, боз ба кӯча равон шуд. Мерафту худро сарзаниш мекард. «Чи шуд ба ман?— мегуфт дар дилаш.— Аз як порча коғаз, аз як огоҳномае ки ҳоло чӣ буданаш маълум нест, ин қадар ба таҳлука афтодаам... Ана сабукӣ, мана кӯтоҳандешӣ! Ба сари ду зоти маъсума дағдаға кардам, ки дар ошхонаи танг чӣ кор мекунед? Ва ҳол он ки сад сол боз медонам, ки занҳо дар ҳавои кушод, дар ҷои шамолрас хамир боз намекунанд. Ҳамин хамирро ҳам ба хотири мани калтафаҳм карда истодаанд. Тушбера ё манту пухтанианд. Таомҳои дилхоҳи маро. Барои он ки ақаллан андак ҳам бошад, боиси хушҳолиам шаванд. Аммо ман чӣ гуфтам? Ноаҳл! Ҳа, ноаҳл, ноасил!

Соат аз ҳашт гузаштааст. Ин қадар дер намешуд, рост ба шекеде мерафтам, зери лаб гуфт акаи Барака. Ҳозир ӯ ба Шӯъбаи корҳои дохилӣ як навъ ситеза дошт, ҳатто метавон гуфт, ки дар замираш кинаву адоват пайдо мешуд, ки ӯро бидуни сабабе тамоман беҳуда — ҳа, ӯ сад бор амин аст, ки беҳуда!— ба ташвиш андохтааст. Аз ин сабаб ихтисоран номи шӯъбаро ба ин тариқа таҳриф карда, хандавор карда мегуфт.

Рост, дер намешуд, ба он муассиса мерафту мепурсид, ки ба вай кӣ кор дорад? Воқеан, нарафта ҳам маълум, ки ин даъват вобаста ба автомобиль аст, ба ягон айбе ки дар кӯчаву кӯе аз писараш Равшан содир шудааст. Боиси ба шӯъбаи райони дигар даъват карданашон ин аст, ки ду-се сол инҷониб инспекцияи давлатии мошинҳоро район ба район тақсим кардаанд, то ки корашон сабуктар, назорат осонтар гардад.

Акаи Барака ба худ қавл дод, ки аз хусуси огоҳнома дигар фикр намекунад. Ҳар чӣ бодо бод! Лекин боз чӣ тавр ба хаёл банд шуданашро худаш нафаҳмида монд. Ба таххонаҳои хотирааш ғӯта зада, мекӯшид, ягон гуноҳи худро ёфта ба ёд биоварад.

Вале чизе ба ёдаш намерасид.

Як умри пур аз заҳматҳо гузаронидааст акаи Барака. Айёми бачагиаш бошад, бо азобу кулфат, бо машаққатҳои зиёд гузаштааст. Шашсола буд, ки ҷанг сар шуд. Аз ҳама пеш ҳамсояашон амаки Заргар ба фронт рафтанд. Он кас ному насаб доштанд, аммо ҳама амаки Заргар, акаи Заргар мегуфтанд. Пеш аз рафтан ба фронт сардори комитети маҳалла буданд, дар кадом як артели ҳунармандӣ дӯкони заргарӣ доштанд. Сонӣ ҳамсояи дасти чапашон амаки Ғафур рафтанд. Писари он кас Парда, ки аз Барака як сол калонтар буд, қариб ҳар рӯз бамавриду бемаврид мегуфт, ки додои ман фашистҳоя

кӯфта гаштаанд дар назди Москва. Додои ту аз немис метарсанд, барои ҳамин дар ин ҷойҳо гаштаанд, ба хонаатон ҳар рӯзи худо хас мекашонанд. Воқеан, падари Барака ҳамаи тобистону тирамоҳи ҳамон сол ба хонаашон гоҳ бо хару асп, гоҳ бо ароба хасу хошок, қанор-қанор коҳ, калла-калла кунҷораи ҷувозӣ мекашониданд. Як хонаи калону пешайвони он аз хӯроки модагов пур шуда рафт. Дар майдончаи паси ошхона бошад, чанд халта ҷуворию гандум захира шуд.

Падари Барака дар колхози назди шаҳр ҳисобчӣ буданд. Ҳар бегоҳӣ як даста рӯзномаҳои тоҷикию русиро оварда, то як поси шаб мехонданд, бо модари Барака бо овози паст сӯҳбат мекарданд. Аз афти кор, мавзӯи сӯҳбаташон гарону ҳӯзнангез буд, ки модар дам ба дам оҳ мекашид ва фашистҳоро дуру дароз ва аз таҳти дил дуои бад мекард.

Рӯзе Парда мактуби сеюшаи нав аз падараш омадаро ба кӯча гирифта баромад. Мазмуни онро бо муболиғаҳои болохонадор ба ҷурааш нақл кард. Ин дафъа таънаи худро такрор накарда бошад ҳам, шабона, пеш аз хоб Барака аз падараш пурсид:

— Дада, шумо ба ҷанг намеравед?

Падар ба модар нигоҳи маънидоре дӯхту пас бо табассуми кушод гуфт:

— Меравам, писарам. Осиёб бо навбат.

— Осиёб?— чизе нафаҳмида пурсид Барака.

— Ҳамин хел мақол ҳаст, писарам. Ёд дорӣ, баҳорон дуямон ба осиёб рафта будем? Тағои осиёбон гандуми моро дар поёни қатори халтаҳо ба навбат монда буд. Рӯзи дигар рафта орд овардем.— Пас ба модари Барака рӯй оварда гуфт:— Аз ростӣ ҳам, ҷанги зормонда осиёб барин.— Пас боз ба писараш мурочиат кард:— Ман ҳам ба военкомат рафта будам. Гуфтанд, ки худамон даъват мекунем, яъне навбаташкатӣ. Фаҳмидӣ, писарам?

Барака ба аломати тасдиқ сар ҷунбонид ва боз пурсид:

— Барои чӣ ин қадар мӯл коҳу хас овардед?

— Лозим мешавад, писарам. Намебинӣ, гови ту чӣ хел ҷонвари хӯро!

Баҳори соли 1942 падари Баракаро даъват карданд. Лекин аз чӣ сабабе бошад, рафтани вай ва ҳамроҳонаш чанд рӯз таъхир ёфт. Барака ҳанӯз дар ёд дорад, ки дар ҳавлии васеи военкомат садҳо нафар мардон борхалта дар китф ё дар паҳлӯяшон ҳар кадоме дар гӯшае дар ҳалқаи аҳли оила ва хешу табори худ рӯзи дароз мунтазири фармон менишастанд ё дилтанг шуда, ин сӯ он сӯ гаштугузор мекарданд. Ҳамин ки шом фаро мерасид, якта командир ба саҳни ҳавлӣ баромада, ҳамаро саф мекашонид, рӯихати дарозеро хонда, ҳозиру ғоиб мекард ва мегуфт, ки имрӯз ба хонаҳотон баргардед. Пағоҳ

соати ҳафти саҳар дар ҳамин ҷо ҳозир шавед. Рӯзи дигар ҳамин ҳол боз такрор мешуд.

Бародари Барака дар курси охирини техникум мехонд. Вай ҳам баъди дарсаш рост ба ҳамон ҳавлӣ меомад ва ҳамроҳи хешу ақрабо дар пеши падар менишаст. Модар рӯзе чанд маротиба оби дида мерехт. Ё гирья кардани ягон зани дигареро дида мегирист, ё дар каноре зери савти гармонь рақсидани ҷавонписари тамом бегонаеро бо завқ ва тааҷҷуб тамошо карда меистоду ногаҳон оби чашмаш шашқатор мешуд. Модар паси ҳам бигирьяд, Барака зиқ мешуд, аз издиҳоми мардум дуртар, ба сари истгоҳи роҳи оҳан мерафт, ки аз он ҷо чандон дур набуд. Агар иҳтиёр ба худаш мешуд, ӯ розӣ буд то вақти хоб ё то дами гурусна монданаш он ҷо бошаду ба ҳам васл шудани вагонҳо, чеҳраҳои равғанолуди мошинистҳо, бо салобат гудок зада, пешу қафо рафтани паровозҳои ҳашаматноки рангубарангро тамошо кунад...

Шомгоҳон, ҳамин ки дар болои зинаи баланди военкомат қомати командир намоён мешуд, падар Баракаро рӯи даст бардошта, ба оғӯш мекашид, аз сару рӯяш ҳарисона мебӯсид ва гардани ӯро бо мӯйлаби худ хориш дода мегуфт: «Имсол ба мактаб меравӣ. Сонӣ ба ман хат менависӣ, а, дагари дадеш?».

Рӯзи чаҳорум падар ва ҳамроҳонашро аввал ба ҳаммом бурда, пас ба вагонҳои сурх савор карданд.

Акааш ҳамон сол техникумро тамом кард. Ба як МТС-и дур ба кор таъин карданд, вале корро сар накарда, военкомат ҷеғ зад. Боз Барака ва модараш ба ҳамон ҳавлии васеи он сӯи истгоҳи роҳи оҳан ба гусели акааш рафтанд. Ин дафъа Барака ҳам баробари модар мегирист, аз паҳлӯи акааш як нафас ҳам дур намешуд. Наздиктарин, меҳрубонтарин дӯсти Барака ҳамин бародараш буд. «Гирья накун, мегуфт ӯ. Ту писар-ку, ана-мана нагуфта, йигити калон мешавӣ. Мана ба мактаби дигар фиристода истодаанд. Мо се моҳ мехонему танкист мешавем. Ана баъд мебинӣ, ки фашистҳо чӣ хел дума хода карда мегурезанд!»— хандакунон мегуфт ӯ, вале ба ҳар ҳол аз додарчааш нигоҳи ҳузнолуди чашмонашро гурезонида наметавонист.

Гирьяҳои бесадои модар дучанд зиёд шуданд. Барака аз мактаб омада медид, ки чашмони ӯ сурх шуда, пилкҳояш варамидааст. Фикр мекард, ки чаро модари ӯ назар ба занҳои дигар бисьёртар мегирьяд. Охир, аксари кулли модарон ҳамсар ва фарзандони баркамоли худро ба ҷанг гуселонидаанд. Ана очаи Робиа ҳам гоҳ-гоҳе оби дида меразад, лекин ин қадар не, ҳар рӯзи худо не.

Барака нахост ба ошхона ё оғил медаромад, ки модар бо

коре машғул аст, аммо шарфаи пои ӯро шунида, дарҳол чашмонашро бо остин ё домани куртааш пок мекард. Шабҳо писаракашро ба оғуш кашида, то ба хоб рафтани ӯ аз саргузаштҳои падараш ривоят мекард. Барака акнун кам-кам пай мебурд, ки чаро падар ҳар бегоҳ як даста рӯзнома оварда, онҳоро аз сар то поён мехонд ва бо модараш бо овози паст суҳбат мекард. Акнун мефаҳмид, ки барои чӣ тобистону тирамоҳи аввали ҷанг ин қадар саросема шуда, барои модаговашон ему хошок захира мекард. Яқин, тасаввуроти падар дар бораи шиддат ва давомияти ҷанг назар ба андешаи дигарон амиқтар, пухтатар будааст.

Говашон гови хушзоти сершир буд. Модар пагоҳӣ як сатил ва бегоҳӣ низ қариб ҳамин қадар шир медӯшид. Боз гӯсола ҳам даҳонашро кафк кунонида, думаки алояшро бо ҳаловат ба ҳар су афшонида, аввал саросема ва қариб нафасгардон шуда, баъдтар оромона пистонҳои калон-калони арғувонии очаашро шикамсерӣ мемакид. Модар аз ҷӯши бегоҳӣ як шоҳкоса ширро ба дасти Барака медод, ки ба очаи Робиа, зани амаки Заргар бурда диҳад. Ду косаи дигарро барои ҳардуяшон ба дег андохта, таоме мепухт. Боқимондаашро ба шири пагоҳӣ ҳамроҳ карда, ҳанӯз чашми рӯз накафида, ба сари бозор мебурд. Ба пули пасандозшуда моҳе як маротиба барои падар ва акааш, бо навбат посилка месохтанд. Қуттии фанерӣ ёфтан мушкил буд, халтачае дӯхта, ба дарунаш як-ду лӯнда қанд, андак мавиз, қоқ, махорка, қурут ва ҷуроби гарми пашмин барин чизҳо меандохтанд.

Зимистони дуввуми ҷанг сиҳатии модар башиддат костан гирифт. Шабҳо пайкари лоғаргаштааш дар оташи таб месӯхт, сахттар сурфа кунад, аз кунҷи лабонаш хуноба метаровид. Барака ҳоли модарро дида, бомдодон баробари ӯ аз хоб мехест, дастьёрӣ мекард: ба оташдон алав меафрӯхт, кунҷораи заранги ҷувозиро бо теша зада, параха-параха ҷудо мекард. Аз коҳу сабӯсу кунҷорамайда тарит месохт.

Ҳангоми говҷӯшии модар кӯмакаш нарасад ҳам, дар паҳлӯи ӯ меистод. Сари гардани модаговашонро молида навозиш мекард ва аз он чизе ки аз даҳони модар шунидааст ё бо ақли кӯдаконаи худ дарьёфтааст, ба модагов нақл мекард:

— Офарин ба ту, Алочони ман, мо аз пули шират ба фронт посилка фиристодем. Боз мефиристем. Аз ту хоҳиш: ширата кам накун. Хуб? Мана зимистон гузарад, худам туя ба адир мебарам, алафи кабуд мехӯрӣ.

Алохол гӯё чизе фаҳмида бошад, ху-у гӯён нидое дармедод. Барака ба ӯ ҷавоб мегуфт:

— Не, писараката дар хона мемонем. Ту ғам нахӯр, худам бароят алафи каб-кабуд даравида меорам. Медонӣ, Алочон, ба ҷои порсола меравем. Адири болои заводи хишт дар ёдат

ҳаст, албатта. Чӣ хел марғзори сералаф! Сонитар лолазор мешавад он ҷо. Ҳам тамошо мекунӣ, ҳам маза карда, алаф мехӯрӣ. Ҳа. Робиаро мебарем, аз лола ба шоҳат гулчанбар меовезад. Майлаш?..

Робиа низ ба хонаи онҳо омада, ба қадри тавонаш ба модари Барака дастьёрӣ мекард. Духтарча ҳар рӯз аз холааш бо исрор илтимос мекард, ки иҷозат диҳад Алохола бидӯшад.

— Кошкӣ аз дастат меомад, ҷони хола, ҷони ширини хола,— мегуфт модар.— Лекин ҳоло ту ёш. Бубин, дастакот майда-майдаяк. Ба дастакои нозукат холет садқа, ба пистони гов қувваташ намерасад.

— Не, хай, шумо монед охир, ана мебинед, метонам,— исрор мекард Робиа.

Модар дергоҳе ба рӯи ӯ, ба мӯи он вақтҳо маллатоби ҷингилаи ӯ нигоҳ карда меистоду баъд пайкари духтаракро ба синааш ҷафс карда мегуфт:

— Ман чӯрӣ шавам ба ту, Робиаҷон! Хайр, Робиаҷон, холет чӯрӣ шавад ба ту?

— Хай,— мегуфт Робиа ва лаҳзае пас мепурсид:— Холаҷон, чӯрӣ кист?

— Чӯрӣ — каниз, духтарам. Раҳматӣ модарам ҳамту мегуфтанд. Каниз яъне ки хизматгори вафодор. Ман мехоҳам чӯрии ту бошам. Майлаш?.

— Не, инту бошад, не. Шумо калон, шумо холаи ман, холаи нағзи ман. Ман хизматгори шумо мешавам.

Чашмони модар худи ҳамон лаҳза ликқи пури ашк мешуданд ва ӯ шитобон ба хона даромада, дар пеши тахтмони кӯрпаҳо худро ба коре андармон менамуд.

Як бегоҳӣ модар рухсат дод, ки Робиа говро бидӯшад. Аввал худаш ба кафи даст каме шир дӯшида, пистонҳои Алохолро молида нарм кард. Баъд сатилро ба дасти Робиа дода гуфт, ки бигир, ҷони хола, биозмой. Духтарча дид, ки пистони гов ба кафаш намеғунҷад, дудаста аз як пистон дошта оҳиста ба поён кашид. Ҷараёни тираки маҳин барин рости шир ба рӯй ва камзӯлчаи беостини Робиа бархӯрда ба поён шорид. Робиа қатраҳои ширро аз рӯяш пок карда, дубора ба пистони гов даст бурд. Ин дафъа нисфи шир ба он сӯи сатил ба замин рехту фақат як қисмаш ба девораи зарф бархӯрда ҷарангос садое баровард. Алохол, ки то хол ором буд, гарданашро қат карда, ба Робиа норозиёна ва босалобат фашшос зад. Бо ин ҳам қаноат накарда, бо думи сафеди тобдораш кокулони майда бофтаи Робиаро сахтакак афшонд...

Амаки заргар аз фронт якпоя шуда омад. Пас аз чанде аз бародари Барака хати сиёҳ расид. Модар тамом бистарӣ шуд. Духтур фармуд, ки ӯро ба табобатхона хобонанд. Барака аранг-аранг дар ёд дорад, ки он рӯзҳо дунъё ба назараш гӯё

биёбони беканору бекасе буд, ки офтоб аз он ҷо домани худро ба як бор кашида, шаби бардавоми беҳадду анҷоме фаро расидааст. Дар кӯча ҳамсояҳо, дар касалхона ҳамшираҳои шафқат ба ӯ таскиномез чиҳое мегуфтанд. Вале мисли он ки ба сараш пардаи ғафси тирае пӯшида бошанд, сухани мардум ба гӯшаш шинос менамуд, аммо маънои он ба идрокакаш намерасид. Амаки Заргар низ гӯё ҳамон марди меҳрубони пештара менамуд ва дар айни замон тамом дигар ҳел шуда буд. Аввал ин ки ба як асо ва як бағаласо такья карда, вазнин-вазнин роҳ мепаймуд. Сониян, чеҳрааш, хусусан нигоҳи чашмон ва оҳанги овозаш дигар гашта буд. Акнун ба касби заргарии ӯ эҳтиёҷе набуд ва худи ӯ низ ба ин кор дигар майле надошт. Аз бозгаштанаш ҳафтае нагузашта, ба кадом як идорае сардор таъин карданд. Саҳарӣ фойтуни дуаспа омада, ба кор мебурд ва нисфҳои шаб ба хонааш оварда мемонд. Саросема чизе тановул мекард, аз болояш як-ду пиёла чой менӯшид, баъд аз дасти Барака дошта, ба ҳавлии онҳо мегузаштанд ва дар ҳамон ҷо хоб мекарданд.

— Ҳавлии шуморо бекас монондан хуб нест,— мухтасар мегуфт ӯ ва баробари сар ба болин гузоштан дарҳол хобаш мебурд. Саҳарӣ боз Баракаро бедор карда, ба ҳавлии худаш мегузашт, ҳама якҷоя ношто мекарданд. Барака ба мактаб мерафт, вай ба фойтун савор шуда — ба кори худ.

Гӯручӯби модари Баракаро ҳам амаки Заргар сардор шуда гузаронид. Барака дигар тамом карахт шуда буд. Ҳар чиз фармоянд, ба ҷо меовард. Гап назананд, дар гӯшае ба нуқтае чашм дӯхта сокит менишаст. Рӯзи дафни модар чанде аз хешовандон: «Баракаҷон, гирья кун, охир, модарат вафот кардааст. Чаро гирья намекунӣ, писараки шӯрбахтам?»— гуфта ба ӯ мечаққиданд. Дар чашмони Барака воқеан аз ашк осоре набуд. Фақат холааш, ки аз қишлоқи Ромит омада буд, ба ӯ чизе намегуфт, гирья кун ё накун, гуфта маслиҳат ҳам намедод, бегоҳирӯзиҳо ӯро ба сари зонуяш нишонида, гарм оғӯш мекарду пайваста аз сараш мебӯсид. Барака ҳам то даме ки холааш аз ҷо нахезад, аз канори ӯ дур намешуд, чунки аз ин зани камгапи пурмеҳр ба машомаш бӯи дастони модараш мерасид.

Як рӯз амаки Заргар ӯро хеле барвақт бедор кард. Осмон пур аз ситора буд ва аз наздики субҳ нишоне наменамуд.

— Бозор меравем, писар,— гуфт амаки Заргар.— Гови туро мефурӯшем. Гӯсолааш-катӣ. Худат дида истодаӣ: зӯри холаат ба нигоҳубини гов намерасад. Чӣ гуфтӣ?

Барака ба аломати ризо сар ҷунбонид. Онҳо як пиёлагӣ чой нӯшида, ба кӯча баромаданд. Фойтун дар таки дар меистод. Дар андак фурсат ба бозори мол расиданд, ки дар канори чапи наҳри Душанбе дар санглоҳи дарьёбод воқеъ буд.

Субҳ медамид. Барака ба анбуҳи ҳанӯз тирап одамон ва гову гӯсолаву бузу гӯсфандон нигоҳ карда дид, ки Алохоли уро ҷавоне аз маҳаллаашон дар канори бозорҷо аз танобаш дошта истодааст. Амаки Заргар ба он сӯ равон шуд. Дере нагузашта нисфи харидорони бозор Алохоли ӯро ҳалқасон иҳота карданд. Ба хилофи одати бозориён, ҳама қаду қомат, думи дарозу пистони расо, ранги тозаву зоти асили Алохолро бо як овоз таърифмекарданд. Аксари он суханоне ки дар бозор мегуфтанд, барои Барака ношинос ва номафҳум буд.

— Нагурехтааст?— пурсид марде аз амаки Заргар.

— Ҳоло не,— ҷавоб дод ӯ.

— Фурсат ҳаст. То ҷавзо ҳоло вақт мӯл,— гуфт яки дигар.

Харидоре пештар баромада, даст ба пистони Алохол зад. Сипас аз қафо гузашта, аз думи ҷонвар дошта, банохост чунон сахт кашид, ки Алохол такон хӯрда, сумҳояш дар санглохи бозорҷо шарақҷосзанон садо бароварданд. Барака ин ҳаракати бераҳмонаи мардаки бегонаро дида, оташин шуд, беихтиёр қадаме ба пеш гузошт, то ки Алоҷонашро аз таҳқир ҳимоят кунад. Аммо амаки Заргар даст ба китфи ӯ гузошта, ором намуд.

Боз муддате дар лаҳҷаи махсуси бозор гуфтушунид идома дошт:

— Охираша гӯед!— аз амаки Заргар талаб мекард яке.

— Бозор медонад,— ҷавоб медод ӯ.

— Андак фароед, ака. Барои ана вай муштипар мегирем.

— Соҳибаш ҳам сағираи бекас,— гуфт амаки Заргар сари Баракаро бо навозиш сила карда ва зоҳиран, чизе дар ин ҷавоб ба худаш маъқул наафтод, ки хиҷолатомез сурфа карда, халтачаи махоркаашро аз киса баровард. Вай аз фронт тамокукаш шуда баргашта буд.

...Баъди гузаштани чили модар як гурӯҳ ҷавонписарон, ки ҳама либоси якранге дар бар доштанд, омада, ҳамаи ашьёю асбобу ускунаи рӯзгори ҳавлии Бараканноро ба яке аз хонаҳои амаки Заргар кӯчониданд ва ба дари ҳавлии холӣ қулф зада рафтанд.

Барака узви хонадони амаки Заргар шуд. Вай ҳанӯз намедонист, ки дар дуньёи равшан яккаву танҳо мондааст. Намедонист, ки падараш дар ҷанг кайҳо ҳалок шудааст. Хабаре надошт, ки амаки Заргар, зани ӯ, Робиаи майдаяк, муаллимони мактаб,— ҳама, ҳама забон як карда, ӯро аз зарбаи охирини тақдир ғофил медоштанд.

Фақат пас аз Рӯзи Ғалаба модари Робиа бо супориши амаки Заргар мактуби расмии кайҳо омада ва ҳоло забзардшударо ба дасти ӯ супорид. Падараш дар остонаи Варшава шаҳид шуда буд.

Амаки Заргар Баракаро аз синфи ҳафтум гирифта, ба ому-

зишгоҳи ҳунармандӣ гузаронид. Ин гуна мактаб он вақтҳо ФЗО ном дошт. Барака баъди се сол дар фабрикаи тамоку шогирди мошинист шуд. Лекин дар фабрикаи тамоку кор кардани Барака ба амаки Заргар маъқул набуд ва охир ҳам ӯро ба заводи цемент гузаронид. Рафиқ ва ҳамкори ҳозирааш Петерс устоди нахустинаш буд.

Барака то ба хобгоҳи ФЗО кӯчиданаш дар хонаи амаки Заргар буд. Баъд ҳар ҳафта рӯзи истироҳаташро, таътилҳои мактабиашро дар оилаи амак мегузаронид. Аз хобгоҳи заводи цемент ба ӯ якта хонача доданд. Вале ҳар ҷо набошад, ҳушу ёди ӯ дар назди падархонду модархондаш, дар пеши Робиа буд. Дар ҳар гуна маврид, гоҳ аз ҳаққу ҳамсоя, гоҳе аз даҳони хешу ақрабо шунида буд, ки модар соати вопасинаш васият кардааст, ки акаи Заргар ӯро бепарастор намонанд. Мардум мегуфтанд, ки Робиа номзади Барака аст. Ягона марҳами дарду доғҳои бешуморе ки ба қалби ҷавони ӯ расидаанд, ана ҳамин умед буд.

Соле ки Робиа синфи даҳумро хатм мекард, қадами хостгорон аз остонаи дари амаки Заргар канда намешуд. Робиа духтари ба назар намоёне шуда буд. Хусни дилрабо, ҳулқи хуше дошт. Ҳар тоифа одамон ба дари ҳавлии онон сар мехалониданд. Баъзеҳо ошкоро қалинҳои калон ваъда мекарданд. Домодшавандаҳое буданд, ки қуша-қуша ҳавлиҳои дакаданг доштанд, падару бародару тағою амакҳои нерумандe доштанд, ки даст ёзонанд, ба ситораҳои осмон мерасид.

Амаки Заргар аз дили духтар ва писархондаш огоҳ буд ва ба ҳама як зайл ҷавоб медод ки Робиа соҳиб дорад.

Боре муйсафедон ва даҳонкалонони маҳалла ӯро миёнагир карда, ба тарафдории як хонаводаи обрӯманд далолат намуданд. Ҳавлию ҷоҳу ҷалол, хешу табору обрӯю эътибори онларо таъриф карданд. Заргар дилтанг шуда, аз он маърака бархост ва аз муйсафедон узр пурсида гуфт:

— Бубахшед, бародарон. Ман гуфта будам, ки духтарам номзад дорад. Рост, пулу молу ҳавлию мошин надорад. Хайр, охир ақлу тамиз бошад, аз меҳнат нагурезад, пулу мол ҳам ба ҷое намегурезад.

Амаки Заргар нияте дошт, ки номзади ҳамдигар будани Робиаю Баракаро пас аз хатми синфи даҳум эълон мекунад. Аз он пештар кардани ин корро ба шаъни худ, ки ҷонишини раиси комиҷрояи район, яъне аз сарварони ҳукумати маҳаллӣ буд, раво намедонист. Ҳамон шаб дигар қарор дода буд, ки кӯр шавад, ин корро ҳар чӣ барвақттар анҷом дода, даҳони мардумро бастан лозим будааст. Худи ҳамон шаб соат аз даҳ гузашта бошад ҳам, Баракаро кас монда ба хона оваронид. Занашро дар паҳлуяш, ҳар ду ҷавонро дар муқобил нишонида гуфт:

— Мо аз дили ҳар дуи шумо бохабарем, фарзандонам. Ба ҳардуят ҳазор раҳмат, ки то ҳол на ба ман, на ба модар аз ин хусус на арзи мурод кардаед, на чизе талаб. Амри тақдир будааст, ки барои ҳар дуят мо ҳам падарему ҳам модар. Шумо аз хостгорон хабар доред. Ҳамин бегоҳӣ маро дар маҳаллаи худамон боз миёнагир карданд. Хулласи калом, ноншиканон барин як маъракае кардан лозим. Мо ду кас ба рӯзгори якҷояи шумо фотиҳа медиҳем, фарзан...— овози падар ларзиду сухан дар гулӯяш нотамом монд. Модар сар хам кард, ки номаълум оби чашмашро пок кунад. Аммо Робиа бо овози баланд ҳунгосзанон бигирист ва аз дари ҳона бо шаст баромада рафт. Модар дунболи ӯ баромад.

— Ана халос, олама об зер мекунад, аз афташ,— гуфт амаки Заргар, ки изтиробашро ба зӯр пахш карда, аз оби дида худдорӣ намудани худаш ҳам аён буд. Ва маҳз барои тақвияти ҳамин кӯшиши худ қасдан бо овози баланд фарьёд карда:— Занак ин ҷо биё.— Ҳангоме ки очаи ҳам хандону ҳам гирьён аз дар ворид шуд, ба ӯ мурочиат намуд:

— Дафтарчаи амонаткассаро ба ту дода будам, а? Ку, ин сӯ биёр.

Дафтарчаро ба дасти Барака доду гуфт, ин ҷо пули ҳамон модагов ва ҳавлие ки баъдтар фурӯхта буданд, боз як қисми пасандозҳои худи амаки Заргар ҷамъ омадааст. Бигирад акнун соҳибаш ва ба ҳар тарзе хоҳад, ҳамон тавр сарф намояд. Лекин ҳавлӣ харидан лозим нест. Ҳамин ҳавлӣ барои ҳама кифоя асту барзиёд.

* * *

Оре ҳама рафтанд. Паи ҳам, дунболи якдигар. Айнан ба ҳамон тарзе ки шоир фармудааст: «Хар як паи якдигар якояк бишаванд...» Аз ду оила ду кас монданд. Шукр боз зиёд шуданд. Хислатҳои неки ду модарро мерос гирифта, дар байни халқ бо номи нек, сарбаланду пок мезистанд. Бисту шаш соли зиндагонии якҷояашон бо заҳмат ва хидмат бигузашт. Заҳмат дар хона ва берун аз остонаи он. Хидмати давлат, ҷамоат, ҳаққу ҳамсоя ва хешу табор. Холо ба заммн ин хидмате алоқадри ҳол барои фарзандон ва фарзандони онон.

Чӣ гуноҳ дорад акаи Барака?

Чӣ айбе аз ӯ гузаштааст, ки имрӯз шекеде даъват мекунад? Мегӯяд, ки рӯзи душанбе саҳарӣ ба коргоҳат нарафта, ба маҳкамаи ман биё. Ва агар ба хубӣ наоӣ, зӯрӣ меорандат.

Ин хабар ба корхона бирасад, ҳуш аз сари ёронаш хоҳад парид. Акаи Барака дар завод яке аз одамони баобрӯй ва

шуҳратманд аст. На фақат дар завод, балки дар ҳамаи Вазорати масолеҳи бинокорӣ. Панҷ соли аввал мошинисти деги цементпазӣ буд. Бист сол аст, ки ӯро устои номдори смена мехонанд. Баробари собиқ устодаш Петерс Вебер. Баробари ӯ ҳукумат орденҳо, медальҳо грамотаҳо инъом кардааст. Ҳамкоронаш аввалҳо ба аъзогии бюрои партиявии цехашон интихоб мекарданд. Шаш сол аст, ки узви комитети партиявии завод аст. Дар маҷлисҳои серодами район, Вазорат иштирок мекунад, лозим бошад, нутқ мекунад. Солҳои аввал дар ягон масъала баромада бадеҳатан нутқ эрод кардан зарур шавад, азоб мекашид. Салобати маҷлис, воҳимаи президиум, минбар ва даҳҳо нафар одамони донишманду нотиқ пахш мекард. Гоҳо гапашро гум карда, то ёфта гирифтани нуки риштаи сухан ба обу арақ меғутид. Сонитар хушбахтона ҳилае ёфт. Акнун барои ӯ ҳатто ногаҳон баромада дар ягон бобат арзи матлаб кардан мушкил нест. Қоғаз ҳам лозим нест. Мебарояду дафъатан худ ба худ савол медиҳад: «Рафиқон, медонед, ман чӣ гуфтан мехоҳам?» Ё худ мегӯяд: «Фикри ман дар ин масъала чист?» Ва гӯё худаш танҳо бошад ва танҳо ба саволи худаш ҷавоб медода бошад, шаррос гап мезанад. Чунон осуда ва ором сухан мекунад, ки гӯё ба хостгорӣ ба хонаи касе рафтаасту ҳоло навбати сухан ба ӯ расидааст, ё дар суҳбати оддии ҳамгузариҳояш нишастаасту оид ба ободии кӯча, таъмири обгузар ё ба ҳамин монанд масъалаҳои муқаррарӣ изҳори ақида мекунад. Аз ҳаёти завод, маҳалла, аз он ҳодисоте ки дар кӯчаву майдонҳои шаҳр дидааст, мисолҳо меорад. Нутқаш ҳамеша ба сомеон маъқул мешавад. Хоҳ дар ташкилоти худаш бошад, хоҳ дар маҷлиси район. Ду-се маротиба ӯро ба корхонаҳои дигар чун намояндаи район фиристоданд. Он ҷо низ натиҷа ҳамон навъ буд: аз маслиҳатҳояш ҳама мамнун, аз эродҳояш касе намеранҷад.

Не, гуноҳе надорад акаи Барака.

Фақат баъзан дар хаёлоти худ, дар соати андешаҳои амиқ аҳьён-аҳьён ба дилаш бимс роҳ меёбад, ки мабодо ба ӯ, ба оилаи ӯ, корубору обрӯю эътибори ҳозираи ӯ чашми бад расад! Худаш ҳис мекунад, ки ин гумон зодаи хурофот аст. Вай инро ҳангоми суҳбат дар маҳфилҳое, ки он ҷо олимон, ходимони масъули идораҳои давлатӣ ҳузур доранд, баръало пай мебарад. Рости гап, баъди ФЗО дигар таҳсили мунтазам надидааст. Дар кори маҳфилу семинарҳои илмию сиёсӣ, иқтисодӣ иштирок мекунад. Рӯзнома, маҷалла, китобҳо мехонад. Аммо бисьёртар қиссаи ҷосусҳо ё муфаттишҳои чолоку кордон ва хушзеҳнро дӯст медорад, ки ҳарифони худро монда нашуда дунболагирӣ мекунанд ва ҷинояткорону ҳамдастонашон ҳар қадар дар ҳунари худ мумтоз бошанд ҳам, бо вуҷуди он зафар меёбанд.

Петерс бошад дигар хел китобҳоро ҳам мехонд. Вай аз акаи Барака ҳафт ҳашт сол калонтар аст, ҳатто соли охири ҷанг дар фронт будааст, дар қисмҳои махсусе ки ба асирони немис нигоҳубин мекарданд, хидмат кардааст, аммо аз ин хусус ба нақл кардан хушаш намеояд. Умуман Пэт одами ғалатӣ, муҳокимаҳояш хеле васеъ ва амиқ. Дар каллаи вай «чашм мерасад» барин андешаҳо ҳаргиз пайдо намешаванд. Уро «мутахассиси хонагӣ»-и спёсати байналхалқӣ номед, хато намешавад. Масалан, барои озмуд бипурсед, ки дар интихоботи наздикрасидаи президенти фалон малакат кадоме аз номзадҳо ғалаба мекунад? Агар такрпбан баробари воқеанигори телевизион ҷавоби пухта надиҳад, акаи Баракаро ҳар чӣ гӯед меарзад.

Шояд ҳамон ҳароси «чашми бад», ҳамин норасоии маънавии акаи Барака аслан аз хурофот нест, балки аз он ҷиҳат аст, ки дар айёми кӯдакӣ ва наврасиаш бисьёр азият кашидааст ва дар он даврае ки одатан шуури одам шакл мегирад, дар кадом як гӯшаи шуураш чунин ақидае низ сахт ҷойгир шудааст, ки осоишу саодат ба ивази баҳои бисьёр баланд, бисьёр бузург насиби кас мегардад, ки адои ин баҳо дастраси на ҳар фарде шуда метавонад.

Ва рости гап, ҳанӯз дар як кунҷи дилаш шубҳае ҳаст, ки оё ӯ ба чунин осоиш сазовор аст? Ва метарсад, ки ба тинҷию амонии замона халале бирасад. Ҳа, халале бирасад.

Аксаран акаи Барака ба шубҳаву саволҳои хаёлии худ худаш ҷавоби қатъӣ медиҳад: не, ҳеҷ чиз намешавад! Осоиш ба у, ба хонаводаи ӯ ба ивази заҳмати чилсола, ранҷҳои бешумори замони ҷанг ва солҳои баъди он ато шудааст. Ин тавр соз ва бобарор хонадор шуданаш, бидуни ҳеҷ гуна ғилуғиш духтару писарро ба вояи расонда, хононда, ҳардуи онҳоро оиладор карданаш,— ҳамаи ин табиист, қонунист, ҳаққи ҳалол аст. Ҳамаи ин самараи заҳматҳо, ташвишҳо, шабҳои бехобӣ, рӯзҳои сертакудав аст. Магар тарбияи бачаҳо кори осон буд? Оё онҳо, зану шавҳар бар иловаи он корҳое ки дар хона мекарданд, ҳар ҳафта бо навбат ба мактаби бачаҳо намерафтанд? Оё муаллимҳо, ҳатто ҳамсояҳои айбҷӯй эътироф намекарданд, ки онҳо падару модари намунавианд? Айнан ҳамин гуна ибратомӯзанд, чунон ки дар ҷамъомадҳои ходимони маориф талаб мекунанд, ҳамчунон ки масалан, гирем, рӯзномаи муаллимон, маҷаллаи «Оила ва мактаб» таъриф карда меманависанд. Магар акаи Барака ва Бибиробиа дар бадали солҳои тӯлонӣ ба фарзандҳои худ бо ибрати худ аёни нишон надоданд, ки оилаи аҳл чӣ гуна мешавад? Магар ибрати нек нишон додан худ пайваста заҳмат кашидан, ҳамеша ранҷ бурдан нест?

Пас осониши имрӯза подоши заҳматхост. Ин тавр, ки бошад, чашм намерасад.

Не, гуноҳе надорад акаи Барака. Баракс худи ӯро даҳ сол инҷониб ҳаками кирдукори дигарон таъин кардаанд: ба суди халқии район машваратгар интихоб мекунанд. Соле ду ҳафта ё худ ду маротиба як ҳафтагӣ аз кор озод шуда, ҳамчун мушовири судья, дурусттараш, ҳамчун як нафар судьяи комилҳуқуқ кор мекунад. Дар хусуси гунаҳгор будан ё набудани дигарон ҳукм мебарорад. Гоҳо ба ҷараёни мурофиа чигил афтад, ё вақти бисьёре ба ҳалли муаммои арзоне сарф шавад, дилаш зиқ мешавад, албатта, сонӣ заводашро, рафиқони ҳамкорашро сахт пазмон мешавад. Лекин тоқат мекунад. Ба худ мегӯяд, ки ҳамин кор барои ҷамъият лозим бошад, чӣ чора? Суди халқ, ана равед, ки инсофу адолати ҷамоат ба маслиҳату машварат, ба таҷрибаи аз рӯзгор андӯхтаи вай эҳтиёҷ дошта бошанд, ҷои дилтангӣ ва ношукрӣ нест.

Дар коргоҳи суд аз ҳама бештар мубоҳисаҳои чӣ тавре мегӯянд, гражданӣ, хал мешуданд. Ҳамсоя ба ҳамсоя, ё касе аз хешу табор ба дигараш, ё зане аз шавҳари нотанте, саҳеҳтараш аз шавҳари номарди аз зану бача гурезон бо даъвои ситонидани чизе, мулке, алимент ё ҷарима муроҷиат кардаанд. Баъзан арзи пур аз ихтилофи зану шӯи навхонаро мешунаванд, ки ба ҷои аз як гиребон сар бароварда, хӯрҷини алои рӯзгорро баробар бар дӯш гирифтан, ба ҷои ахлона пардохтан ба таълиму тарбияи кӯдакони бегуноҳ ҳар кадоме мисли тои масти гарданшахи корнохӯрда ба як сӯ кашола мекунад. Дар натиҷа аробаи навакак кӯч бардоштаи хонавода дар миёнаи роҳ мемонад. Ҷавононро панд мегӯянд. Гоҳо насиҳат кор мекунад, гоҳе ароба аз ҷояш як қадам намеҷунбад ва ду тои пеши чашмонашон парда гирифтаро аз қӯш бароварда, ба ду тараф ҷудо кардан лозим меояд. Як қисми зиёди корхое ки суд ҳал мекунад, аз виҷдони хоболуд ё номуси ғуборгирифтаи зотҳои аҷоиб сар мезанад: ҳисобчие, ки ба кисаи давлат гӯё саҳван даст андохтааст; инженери холабеғаме, ки аз бепарвофалакии ӯ дар қисмати зердасташ сӯхторе рух дода, моли ҷамъият талаф гаштааст. Ва ғайра ва хоказо.

Акаи Барака аз адои ин кори савоб асосан қаноатмандӣ ва ифтихор бармедошт. Аммо вобаста ба ҳамин супориши ҷамоатӣ як маротиба сахт изтироб ҳам кашида буд.

Дар курсии гунаҳгор майзадае бо ранги заҳир менишаст. Судья Нисо Ҷонибекова, зани хушсурати баландболо, зани бисьёр соҳибфаросат маҷлиси мурофиаро кушод ва ба хондани айбнома шурӯъ кард. Рӯз рӯзи зимистон буд, ду шабонарӯз инҷониб барф мебориd ва аз сабаби таъхири автобус акаи Барака фақат ду-се дақиқа қабл аз оғози мурофиа расида

омада буд ва аз ҳамин сабаб аз ахбори пешакии судья дар бораи мазмуни корҳои ҷиноятӣ ва граждании онрӯза ноогоҳ монд. Фақат акнун дар паҳлуи судья нишаста, аз ривояте, ки дар ҳуҷҷатҳои милиция, прокуратура ва суди халқ акс ёфта буд, пай мебурд, ки дар хусуси чӣ гуна ҷиноят, дар бораи чӣ гуна як махлуқе сухан меравад.

Майзадае ки бо сари хам дар рӯбарӯи ӯ менишаст, бо духтари шонздаҳсолаи худаш робитаи ҷинсӣ доштааст. Ҳар ҳафтае ки занаш ба сменаи шабона ба кор мерафтааст, ӯ ба хона шароб оварда, духтарашро кам-кам ба майнӯшӣ одат мекунонидааст. Оқибат, ба мақсади худ расидааст.

Аз тағйири ҳолати толибаи синфи нӯҳум пеш аз ҳама муаллима — роҳбари синфаш огоҳӣ ёфтааст. Ба хонаи толиба омада, гумони даҳшатангези худро ба модари бадбахт гуфтааст.

Дар ҳуҷҷатҳо мусибати модар, идомаи моҷарои гарони нангин, таърихи муроҷиат ба милиция ва ниҳоят, ҳабси падар ва ба табобатхонаи бемориҳои рӯҳӣ афтодани духтари ҳомиладор муфассал зикр ёфта буд.

Акаи Барака ҳар замон бекаророна дар рӯи курсиаш меҷунбид, аз чи сабабе паҳлӯ гашта, ба девори пас менигарист, гӯё нақши барҷастаи нишони давлатии республикаро бори аввал медида бошад, онро дурудароз аз назар мегузаронид. Нохост ӯ ҳис кард, ки дилаш беҳузур мешавад. Аввал хеле тоқат кард, чунон ки мегӯянд, сиву ду рагашро якҷоя карда, муқовимат намуд. Чун дид, ки намешавад, ҳушу ёди худро ба як нуқта ҷамъ карда, ба як пора коғаз чунин навишт; «Рафиқ судья, ман берун меравам».

Судья ба ранги дока барин сафеди рухсори ӯ нигаристу ба аҳли толор гуфт:

— Даҳ дақиқа танаффус эълон мекунам.

Акаи Барака дар хонаи машварати судья низ таваққуф накарда аз дари қафои бино берун баромад. Судья ва машваратгари дуввум, ки муаллими кадом як омӯзишгоҳи ҳунарӣ буд, низ аз дунболаш берун шуданд.

Гулзори саҳни ҳавлӣ аз зери қабати ғафси барф ҷои ноободе, ҳатто як андоза қабристон барин берахту беҷозиба менамуд. Шохаи гулбуттаҳо дар таки вазни барф ба рӯи замин парчин шуда мехобиданд. Пағаҳои калон-калону пари мурғ барин сабуки барф дар ҳавои сокит даврзанон фурӯ мерехтанд, ки ин яқин аломати ба анҷом расидани бориш буд.

— Қиссаи гарон...— мад кашида гуфт Ҷонибекова ба китфи акаи Барака оҳиста ва таскиномез даст расонида.

— Бубахшед, рафиқ судья, ман дигар ба он ҷо даромада наметавонам,— гуфт акаи Барака. Вай тугмаҳои гиребонашро

кушода, аз ҳавои тозаи рӯзи зимистон чуқур-чуқур нафас мекашид.— Бовар кунед, наметавонам,— илова намуд ӯ.

Судья чизе нагуфт ва котибаро, ки ба ҷемпераш печида, ба паҳлӯдарӣ такья карда меистод, бо ишорат ба наздаш хонд.

— Санам, як қуттича дору доштӣ, а? Зуд биёр, духтарам, ҳамааша биёр. Об ҳам биёр, як истакон.

— Дору фоида надорад, хоҳарам... Илтимос, маро бубахшед. Шумо ҳам, рафиқ,—ӯ ба муаллими омӯзишгоҳ рӯй овард.— Ман одами буздил не... Ё ун хел одами... чӣ мегӯянд... бибиҳабасони дастнарасон ҳам не...

— Медонам, рафиқ Зоҳидов. Охир, соли аввал нест, ки ҳамроҳ кор мекунем. Қорҳои аз ин даҳшатноктар буданд. Мо аз шумо бисьёрҳо миннатдор.

— Рост, рост. Аз ин даҳшатнокаш ҳам буд. Лекин ба инаш тобу тавон надорам. Ба худо, ҳозир фармоед, ки ба кӯҳканӣ ё ба ҷанги босмачиҳо бирав...

— «Босмачиҳо»!— баланд хандид Ҷонибекова ва боз қиёфаи ҷиддӣ гирифта, гуфт:— Акаи Барака, худатон нағз медонед, дигар илоҷе нест.— Пас ӯ қуттии картонии пур аз ҳабб ва шишачаҳои рангорангро аз дасти котиба гирифта, якта ҳабро аз ғилофаки целлофаниаш бароварда, ба дасти акаи Барака дод. Истакони обро низ ба дасташ қаппонда, маҷбур намуд, ки доруро фурӯ барад. Пас суханашро идома дод:— Мо хақ надорем, ки дар мобайни мурофиа ҳайати судро дигар кунем. Ҷон ака, бардошт кунед. Даҳ дақиқа танаффус гуфтем, барои шумо даҳ дақиқаи дигар дертар медароем. Шумо дароеду ба пеши толор не, ба тарафи рост, ана ба ин духтараки дӯстрӯяки ман, ба Санам нигоҳ карда шинед. Санам, ҷонам, камтар пахта ҳам биёр, ба гӯшҳои рафиқ Зоҳидов мехалонем. Қоидаи мурофиа вайрон мешавад-куя, хайр, гап байни худамон монад. Ҳеҷ воқеа не. Аз рафиқ прокурор худам илтимос мекунам, мухтасар нутқ кунад. Ин моҷаро бо вуҷуди ин қадар ифлосу дилнокаш буданаш кори равшан аст. Ҷои мубоҳисаву мунозираи тарафайн нест...

Акаи Барака аз суд баромада, рост ба хонааш рафту хобид. Аз афти кор, доруи Санам ҳам сахт таъсир карда буд: Шабона бедор шуд, ки гурусна аст, аммо хӯрок аз гулӯяш нагузашт. Ба кӯча баромада, соате дар хиёбонҳои барфин қадам зада гашт. Бибиробиа низ хавотир шуда, либоси гарм пӯшида, аз дунболаш ба кӯча баромад. Дар ҷавоби пурсупоси ӯ гуфт, ки хеҷ воқеа нашудааст. Дар суд кори бағоят гароне муҳокима мешуд, баҳсу талоши зиёде шуд. Шояд аз ҳамон кашмакашҳо хаста шуда бошад. Мегузарад.

На он рӯз, на рӯзҳои минбаъда, на дар хона ва на дар ҷои кораш аз он хусус ба касе чизе нагуфт. Муддате камгап, паре-

шонахвол буд. Фақат бо мурури рўзҳо ранги заҳир, чашмони тангн бенури мушона ва каллаи чор тарафаш ғурмадори он маҳлуқи майзада, ки мўи сарашро дар хабсхона тоза тарошида буданд, аз пеши назари акаи Барака тадрнҷан дур мегардид.

* * *

Равшан авзои ҳамаро парешон дида, даме аз лаби кат хомўш нишаст. Вақте ки огоҳномаи милицияро ба ў доданд, гўё даъватномаи туи ҷурраашро мехонда бошад, якбора хушҳол гардид.

— Барои ҳамин ҳам ташвиш мекашед?— бо тааҷҷуб хитоб кард ў.— Шумо ғалатӣ дада, ягон айб надошта бошед, чӣ ғам мехўред?

— Ту, писарам, насиҳата мону бигў, ки рўзҳои охир бо мошинат ба кучоҳо рафтӣ? Хамроҳат киҳо буданд?

— Рўзҳои охир? Ман ЭВМ* не ки ҳар қадама навишта монам. Фақат корҳои имрўзу дирўзаро дар ёд дораму халос.

— Ҳайр, ҳамон дирўзу имрўзата бигў,— ба суҳбат ҳамроҳ шуд модар.

— Майлаш, — боодобона гуфт Равшан. Баъд дақиқае мисли он ки ба хаёл рафта бошад, хошўш нишаст, ногаҳон гўё воқеаи муҳимме ба ёдаш расида бошад, чашмонашро муғамбирона дурахшонида ба нақл даромад:— Воқеан, парерўз аз дукони соатсоз баромадам, ки як шахси ношинос дар паҳлуи мошин истодааст. Қаддароз, кулоҳпўш, айнаки сиёҳ дар чашмаш, муйлабчаи борики кафкозӣ дорад. Илтимос кард, ки ним соат вақт дошта бошам, ба ў хидмате кунам, боре доштааст, ки аз ҷое ба ҷое бурдан зарур. Ҳарчанд не гуфтам, бисьёр тавалло кард. Ночор розӣ шудам. Ба як махаллаи ноободи кўчаҳояш тангу каҷмакаҷак бурд. Дар болои адирҳои самти шимоли шахр. Фармуд, ки бағоҷмонакро кушода, қафои мошинро ба дари ҳавличааш ҷафс кунам. Баъд ҳамроҳ боз як марди айнакдор як чизи тахмини думетраи латтапеч, не, не брезентпеча баровардa, ба даруни бағоҷмонак тиққониданд. Бағоҷмонак қад намедод, он ду кас борашонро бо зўр қат карда, бо як азоб ҷой карданд...

— Баъд? — торафт бештар ба воҳима афтода пурсид модар. Равшан даст бардошта, ишора намуд, ки ором шавад, хозир ҳамаашро мегўяд. Аз чойник як пиёла рехта, ҷуръае нушид ва суханашро бо ҳамон оҳанги асроромез давом кунонид:

— Он ду кас ба мошин савор шуданд. Якташ дар пеш, дигараш дар қафо. Қаддароз фармуд, ки ба дараи Варзоб ҳай

* Ихтисораи русии Мошинаи электронии хисоббарорӣ.

кун. Ман гуфтам, ки дараи Варзоб ҷои калон, то ба куҷо рафтанием? Ман одами бекорхӯҷа нестам. «Сағира, гапа кам кун ҳай кун, гуфтем, ҳай кун»— аз қафо китфамро сахт фишурда фармон дод он яки дигар.

— Оҳ, худоё, ин чӣ рӯзе буд! — нидо баровард Бибиробиа. Аммо падар сокит гӯш андохта менишаст.

— Ҳаво торик шуд. Тахмин сӣ километр рафта будем, қаддароз амр дод, ки мошинро ба санглохи лаби дарьё фарорам Онҳо бағоҷмонакро кушода, борашонро кашола карда гирифтанд, ки акнун ба роҳат бирав.

— Сонӣ чӣ шуд?— ба писараш боз андаке наздиктар омада пурсид модар.

— Ҳеҷ чиз нашудааст. Ҳисобӣ карданд, ман ба роҳам баргаштам.

— Ҳисобӣ карданд? Яъне ки пул доданд?

— Ҳа, ҳазор сӯм.

— Ҳазор сӯм? Ҳазор?— боз ба тарафи Равшан каме ғеҷида наздиктар омада, бо изтироб пурсид модар.

— Ҳа, ҳазор сӯм. Аввал намедонистам, ки чанд пул доданд. Дар роҳ мошинро даст гирифта шумурдам: бистта панҷоҳсӯмӣ.

— Оҳ, худоё! Ба чӣ пулашона гирифтӣ? Рӯзат ба пули харом намондааст-ку?!

— Шумо ғалатӣ, модар. Намегирифтам он зотҳо мана саломат ҷавоб медоданд?

— Он чизи латтапеч чӣ буд?— боз фарьёд кард модар.

—Латтапеч не, брезентпеч. Намедонам чӣ буд, лекин ба назарам ҷасади одам барин намуд. Аз афти кор, шах шуда буд, ки базӯр қат карда, ба мошин андохтанд.

— Баъд?

— Гуфтам-ку: ман ба роҳам омадам. Ҳа, воқеан, гуфтанд, ки мо, сағира, туро надидаем,— ту моро. Агар аз ин сафар дар ягон ҷой аз даҳонат як ҳиҷо барояд, хазор ҷон дошта бошӣ ҳам, аз дасти мо халосӣ намеёбӣ.

— Оҳ, худоё худовандо, ин чӣ диданӣ буд ба сари мо!— боз фиғон кашид модар, аммо акаи Барака, ки ҳаман ин муддат тамасхуромез лабханд карда, сокит менишаст, гаронборона аз кат фаромад ва ба Равшан фармуд, ки аз дунболаш биояд. Ҳар ду ба хона даромаданд. Ба яке аз ду хонае, ки падару модар мезистанд. Акаи Барака ба диван ишора карда, гуфт, ки Равшан нишинад.

— Шумо шинед, дада, ман рост меистам,— гуфт Равшан.

Акаи Барака даст ёзонида аз буни гардани писар гирифт. Равшан беихтиёр як қадам пеш омада, ба пайкари падар ҷафс шуд. Акнун нафаси изтиробомези онҳо ба ҳам мепечид.

Акаи Барака гардани писарро раҳо карда аз ҳар ду бозувонаш маҳкам дошт. Писар эҳсос намуд, ки ӯ мисли он ки даҳ сол қабл аз ин буд, марди пурзӯр, тавоност. Панҷаҳои ӯ, ки ҳамеша бо цементу пӯлод сарукор доранд, метавонанд сангро нарм бикунанд.

Равшан ҳис кард, ки қайларо аз маза гузаронида, падарро хашмгин кардааст.

Дақиқае хомӯш рӯбарӯи ҳамдигар меистоданд. Ҳар ду баробар як воқеаро — воқеаи чаҳор сол қабл аз ин шударо ба хотир меоварданд.

Равшан он вақт институти политехникиро хатм карда, ним сол боз дар автобаза кор мекард. Ним сол пеш ба Гулбаҳор хонадор шуда буд. Келин аз рӯи гуфти Бибиробиа обистан буд.

Боре нимишабӣ маст омад. Аз хонаи онҳо, аз он сӯи ҳавлӣ овози баланди Равшан шунида мешуд, ки гоҳо ба фарьёд мегузашт. Акаи Барака ҷомаи худро ба сари китф партофта, берун баромадан мехост, ки модар аз он сӯ баргашта, ӯро аз роҳ боздошт.

— Шуд, шуд, ҳозир хоб мекунад. Ман сарзаниш кардам. Шарт нест ҳозир ба миёна даромадани шумо,— гуфт Бибиробиа.

Ин ҳам маслиҳати бад нест, дар дилаш розӣ шуд акаи Барака ва пас гашта, ба бистараш даромад. Вале фурсате нагузашта, ҷарангоси шикастани тиреза ба гӯш расид. Акаи Барака дубора ҷомаву калӯш пӯшида, ба он сӯи ҳавлӣ рафт. Як чашми тирезаи хонаи хоби ҷавонон реза-реза шуда, ба пайраҳаи бетонӣ рехта буд. Шикастапораҳои табақи ош низ бо картошкабирьёнаш дар ҳамон атроф парешон мехобид. Гулбаҳор дар кунҷи даҳлез бо сари ҳам ҳунг-ҳунг мегирист.

— Чӣ?! Ман ҳурмати шавҳарӣ надорам?— бонг мезад Равшан, вале баробари дидани падар лаб фурӯ баст. Падар ӯро аз даст дошта, ба рӯи ҳавлӣ баровард, ба пеши мили водопровод оварда сарашро ба таки ҷараёни оби хунук дошт. Тахмин ним соат бо фосилаҳо ба сараш оби сард мерехт. Ниҳоят, Равшан аз хунукӣ дир-дир ларзида, ба хона даромад. Модар ба танаш куртаи хушк пушонид. Дере нагузашта хобаш бурд.

Акаи Барака фанерпораеро оварда, тирезаи шикастаро пӯшонид.

Саҳарӣ занашро фармуд, ки Равшанро бедор карда, ба ин хона биёрад. Аз вақти муқаррарии бархостанаш як соат бармаҳалтар буд. Дар берун борон меборид. Борони пуршиддати айёми баҳорон.

Равшан ана ба ҳамин хона даромад. Мӯи сараш, рухсораш, китфонаш тар буд. Аз нуки бинӣ ва манаҳаш қатраҳои

борон мешорид. Модар низ ба хона даромада, дар назди печка рост истод. Гӯё мунтазири супорише бошад. Келин ҳам як даста либоси дарзмол ва тахт кардашударо бардошта, ба хонаи дарун даромад ва баргашта набаромад. «Тарафгирӣ омадаанд», аз дил гузаронид акаи Барака ва ба занаш гуфт, ки келинатро ҳамроҳ гирифта, ба хонааш бубар, бо Равшан танҳо гапзанон мекунам.

Он вақтҳо ин диван набуд. Дар мобайни хона мизи мудавваре ва дар атрофи он чаҳор курсӣ меистод.

— Бишин!— амр дод падар ва писар бар курсии тарафи пойгаҳ нишаст. Падар — дар рӯбарӯяш. Чанд лаҳза хомӯш буданд. Борон ба рӯи боми тунука нақора менавохт, аз новадонҳо шаррос зада ба рӯи ҳавлӣ мерехт.

— Ба хаёлат, чӣ кор кардан лозим?— гуфт падар бо овози паст ва зоҳиран ором.

— Чия?— баъди фосилае садо баровард писар.

— «Чия» не, туро.

Равшан сарашро хам кард.

— Гап намезанӣ?

Равшан ҳамчунон сокит буд.

Акаи Барака аз ҷо бархосту ба он сӯи миз гузашт, аз гуши чапи писар бо дасти рост гирифта, боло кашид. Равшан аз шиддати дард гарданашро кaҷ карда бар пой хест. Падар гӯши ӯро сар дод. Писар нишаст. Боз аз ҳамон гӯш дошта, боло кашид. Равшан бархост. Падар гӯши писарро раҳо кард, аммо ӯ дигар нанишаст. «Ба гӯшмол хӯрдани йигит ҳеҷ гоҳ дер намешавад» дар дилаш мегуфт акаи Барака ва мехост даст ба гӯши дигари писар бубарад, ногаҳон дид, ки чашмони ӯ аз ашк пур шудаанд. Аз шиддати дард, бешубҳа. Аммо бештар аз он — аз галаёни эҳсоси махлути эътироз, пушаймонӣ ва оҷизӣ. Кирдори таҳқиромези падар аз ҷавшани ҷонаш гузашта буд, вале идроки он нукта, ки падар ҳақ аст, ӯ худ гунаҳгор аст, аз дарди ҷонкоҳ зиёдтар азияташ медод.

Равшан дигарбора ба хона маст наомадааст.

Воқеаи ҳамон шаб ва гуфтугӯи ҳамон саҳари баҳоронро падару писар баробар пеши назар оварданд ва аз нигоҳи ҳамдигар пай бурданд, ки ҳар ду машғули як андешаанд.

Акаи Барака ҳамчунон аз бозувони писар дошта, ба чеҳраи ӯ, ба қаъри дидагонаш аз наздик чашм медӯхт ва дар замираш мегуфт: «Йигити калон шудай, писарам. Йигити зебо, хушакл, кордон. Инженери нагз. Таърифатро аз бисьёр касон шунида, курта-курта гӯшт гирифтаам. Аммо афсӯс ба баъзе чизҳо туро ҳанӯз фаросат намерасад. Дар одобат ҳам нуқсон ҳаст. Ту медонӣ, ки ман ба қиссаҳои детективӣ, ба саргузашти муфаттишон, кофтукови ҷосусон, роҳзанон шавқ дорам. Барои ҳамин

дар як дам қиссаи он мурдаи брезентпечро фикр карда баровардӣ. Ман-ку аз лаҳзаи аввал фаҳмидам, ки дурӯғ мегӯӣ. Лекин модарат бовар кард. Ҳоло ҳам дар он ҷо, дар рӯи кат ғам хӯрда, оҳу афғон карда нишастааст...».

— Беодоб шудаӣ, писарам,— гуфт ниҳоят акаи Барака.

Равшан боз сар хам кард.

— Дар ҳамин ҳолате ки мо дорем, бо падару модар хазлу мазоҳ кардан аз одоб нест, писарам,— гуфт акаи Барака.

— Бубахшед, дада.

— Гӯшат сурх шудааст.

Равшан чизе нагуфт.

— Он дафъае, ки гӯшмолат дода будам, дар ҳақиқат ҷавон будӣ. Ҳоло худат падар шудаӣ. Ин хели муомила на ба шаъни ту мезебад, на ба дили худам меғунҷад.

— Бигӯед, дада, чӣ кор кунам?

— Ҳанӯз нафаҳмидаӣ? Боз такрор кунам? Маро ба милиция барои чӣ даъват мекунанд? Падарат ба шахси гунаҳгор монанд аст? Ягона гумони ман ҳамин, писарам: даъвати милиция ба автомобили ту дахл дорад.

— Яъне ман мошинсавор ягон фалокат кардааму рақами мошинро навишта гирифта, шуморо ба он ҷо даъват кардаанд?

— Ҳамту. Бигӯ, рӯзҳои охир ба кӯчаҳо рафта будӣ? Киҳо ҳамроҳат буданд?

Дар андоми писар аз хушҳоливу ҳазлу мутоибаҳои беғамона дигар осоре намонда буд.

— Парерӯз рост ба корхона рафтаму бегоҳӣ баргаштам,— гуфт Равшан.— Фақат дар пеши бозор зани амаки Петерс Эльза-холаро дида савор кардам.

— Сонӣ?

— Ба хонаашон бурданӣ будам. Хурсанд шуда гуфтанд, ки агар шитоб надошта бошӣ, як ба тарафи магазини «Уқьёнус» тоб хӯрем. Шунидам, ки моҳии зинда ба фурӯш омадааст, гуфтанд. Тоб хӯрдем. Моҳӣ хариданд. Ба хонаашон бурда мондам.

— Ҳеҷ воқеа нашудааст?

— Ҳеҷ...— Равшан гӯё худ ба худ заҳрханде карду илова намуд: — Дар магазин як андак мунозира шуд, аммо охир, баҳси даруни магазин кай воқеаи ғайриоддӣ ҳисоб шуда буд. ки акнун шавад?

Акаи Барака боз оташин шуд

— Ман ба ту чӣ фармудам? Нагуфтам, ки ҳамаашро аз як сар нақл мекунӣ? Аз як сар, фаҳмидӣ? Батафсил, яъне ки...

— Батафсил бошад, марҳамат. Ним соат дар гирдупеши майдончаи назди магазин гаштам. Ҳатто аз дӯкончаи он ҷо рӯзномаи «Шоми Душанбе»-ро гирифта хондам. Барномаи радио ва телевизионро дидам, ки футбол ҳаст ё не. Зиқ шуда, ба

даруни магазин даромадам, ки дар ҳақиқат моҳии зинда будааст у мардуми зиёде дар навбат истодаанд. Моҳиро аз ҳавзаи анбори дарун ба ҳавзаи магазин ҳануз накашонида будаанд. Эльза-хола дар думи навбат асабӣ шуда меистоданд. Харидорон ғавғо мекарданд. Як миҷози ман, бачаи нағз, дар ҳамон ҷо молшинос. Турхалтаи Эльзахоларо гирифта, ба наздаш даромадам. Зуд моҳиро дошта, халтаро пур кард. Худаш баркашонида, аз дари магазин берун бароварда дод. Мо аз зина поён мерафтем, шунидем, ки харидорон ба сари ҳамон рафиқи ман ғавғо бардоштаанд.

— Баҷо.

— Чӣ баҷо?

— Рафиқат ҳам баҷо будааст, худат ҳам нағз.

— Дада, Эльза-хола тамоми роҳ мана хоиданд. Ҳамон бас будагист...

— Дурусттар мехоид, ҳоло ҳавоят пасттар мешуд.

Равшан ҷавоб надод.

— Гап зан охир.

— Амаки Петерс салом гуфтанд. Гуфтанд, ки падаратро чанд рӯз инҷониб надидаам. Дар сменаҳои дигар-дигар кор мекунем. Бигӯ, ки ба хона биояд, маслиҳат дорам, гуфтанд.

— Ташаккур, писарам. Хайрият, фаромӯш накардай. Акнун давоми гапа бигӯ.

— Боз чӣ? Ҳа, аввали ҳафта язнаам ба корхона сим зада, илтимос кард, ки бо мошинат биё, ба хона камтар биринҷ бурда партоем. Рафтам. Аз магазин биринҷ гирифт, равған гирифт. Ба хонаи духтаратон монда омадам.

— Батафсилтар, писарам, бо тафсилоташ.

— Як халта биринҷ гирифт. Як картонқуттӣ равған. Равғани маска.

— Хӯ-уш,— акаи Барака чунон ки ба завқовартарин ҷои китоб ё тамошои фильм бирасад, дар ҷои нишасташ бесаброна ҷунбида, сулфида, гулӯяшро тоза мекард, дар рӯи диван бароҳаттар нишаст.— Хуш, як халта биринҷа одатан аз дари қафои магазин мегиранд. Ҳамту не?

— Ҳа.

— Чӣ кор мекардааст ин қадар биринҷа язнаат?

— Чӣ кор мекард? Барои рӯзгораш. Биринҷи нағзи кореягӣ будааст. Барои ҳамин мӯлтар гирифт. Аз вақте ки аз масолеҳи рӯзгор таъмин кардани хоная ба ман супурда будед, ман ҳам ягон бор орду биринҷа дукилогӣ ба коғаз печонида наовардаам. Ана, аз модарам, аз келинатон пурсед.

Акаи Барака «ҳм» гуфта, муддате ба хаёл рафт. Пас баногоҳ ба худ омада пурсид:

— Як қуттӣ равғани маска чанд кило?

— Қилобайъ не. Пачкагин. Навад пачка гуфтанд, ба назарам.

— Навад пачка. Яъне... ин мешавад... ҳаждаҳ кило. Магазинҳо пури равғани тайёри доғ кардагӣ. Чӣ кор мекардааст ин қадар равғани маская?

Равшан китф дарҳам кашиду чизе нагуфт.

— А? — ба руи писараш чашм духт акаи Барака.— Ҳатто дар яхдон дер нигоҳ дошта намешавад. Барои руи нон молида хӯрдани ин қадар маска нуҳсад кас даркор. Ё ҳамту не?

— Дада, равгана ба хона набурдааст.

— Чанд бор батафсил нақл кун гуфта, хоҳиш кардам аз ту?

— Биринҷа ба хонаашон даровардам. Баҳор аз доманам маҳкам қапид, ки як дам нишаста, чой нӯшида меравӣ. Нишастам. Наберахотон-қатӣ бозӣ кардем. Ҷамшед худи Бахтиёр барин аҷоиб шудагӣ. Ҳамгап шавед, саволборон карда мекушад каса. Сонӣ язнаамро ба автовокзал бурдам. Қуттии равғанро ҳам ба ҳамон ҷо фаровардам. Язнаам гуфт, ки акнун бирав, ташаккур ба ту.

— Биё, писарам, берун бароем.

Акаи Барака дар руи ҳавлӣ ба Равшан фармуд, ки рафта Баҳору шавҳарашро ин ҷо биёрад.

* * *

Фарзандон гирд омаданд, сӯҳбат барпо шуд, вале на ба он тарзе ки акаи Барака мехост. Духтару домодаш меҳмон доштаанд дар хонаашон. Домод ширакайф омад. Уро аслан андаке шароб кифоя буд, ки ширакайф гардад. Дар ин ҳолат пайваста табассум менамуд, абрувони бароқи зебояшро бидуни сабабе болову поён меҷунбонид, чашмонаш хуморин шуда, аз ваҷоҳаташ чунин маъние бар алоина хонда мешуд: «Ҳой азизонам! Димоғи ман басе чоқ аст. Қайфам дар авҷи фалак. Хайр, бигӯед, чаро хурсандӣ накунам? Бубинед, зиндагонӣ чӣ хел хушрӯ, созгор аст. Биёед, дӯстон, қатӣ-қатӣ хурсандӣ мекунем...»

Мантуро таърифкунон хӯрданд. Дар сари чойнӯшӣ ҷавонон оҳиста-оҳиста ба насиҳати падар пардохтанд. Дилтангӣ накунад ин қадар вай, яъне падар. Дар ҳамин хел замони арзонию амонӣ, серию пурӣ аз магазини давлат ба пули ҳалоли заҳматнашон як халта биринҷ, як пуд равғани маска харидаанд, чӣ шудааст!? Аз сутунҳои осмон ягонтааш ҳам хӯрдааст? Ҳеҷ воқеа не. Андозаю меъёри фурӯши озуқаро чанде аз бекорхӯҷаҳои коғазбоз фикр карда бароварда анд. Умуман давлати мо, яъне СССР, аз ихтирокориҳои барзиёди ҳар гуна зотҳои калтафаҳми тарсончак бисьёр зарарҳо мебинад. Ин қавмро ба ихтиёраш гузоред, шаба шаб рӯза рӯз нағуфта, дастури амал мебарорад:

зинҳор аз тарафи чапи пиёдагард роҳ наравед, дар салони автобус атса назанед ва ғайра ва ҳоказо! Гуё ҳама гулу гумроҳанд ва агар дастури хирадмандонаи он қавм набошад, худашон намедонанд, ки аз кадом тараф роҳ гаштан лозим аст, гуфтанд онҳо. Саҳеҳтараш, бештар Равшан бо ҳарорат гап мезаду язнааш ва Баҳор луқма медоданд, суханҳои ӯро тақвият мекарданд.

Акаи Барака ба ин гапҳо ором гӯш дода нишаст, пас ба як тӯдаи баланди болинҳои нарми руи кат такья карда, бозию шӯхӣ ва шавқуну сурони набераҳояшро дар руи ҳавлӣ муддате назораткунон хобиду дар дилаш гуфт, ки гапи ҷавонон аз як ҷиҳат ҷон дорад. Чӣ лозим ин қадар аз таки дуньё гирифтан? Ба куҷо бурдани равғанро нагуфт нагуфт-дия. Одамизод дар баъзе кору кирдорҳо бояд озод бошад. Васоят ва ҳимояти ҷавонон ҳадду ҳудуде дошта бошад. То ба дараҷае нарасад, ки фарзанди фарзанддор шудаатро ҳар рӯз андарз хонӣ, ки писарҷон, пули тангаро ба кисаи ростат андоз, худо накарда, зуком шавӣ, оби биниатро мана ин тавр пок кун...

Аз чӣ сабабе нохост акаи Баракаро коргоҳаш ба ёд омад. Ғурриши раъдосои печьҳои цементпаз гӯё дар қарибии гушҳояш садо доданд. Пас порае аз суҳбати имрӯзааш бо ҷонишини вазир ба хотир расид.

— Цементи мо бояд аълосифат бошад. Ҳатман аълосифат,— мегуфт акаи Барака.

— Дуруст. Цементи шуморо таъриф мекунанд. То ҳоло, масалан ба вазорат ягон идора шикоят накардаст.

— Худамон ҳам шикоят набурдаем.

— Шумо аз чӣ шикоят мекунед? Планҳотон барзиёд иҷро мешаванд. Истеҳсол ҳар сол ба андозаи даҳ ҳазор тонна меафзояд. Дусад вагони калон! Сифат ҳам дар ҷояш.

— Ана, ана,— ба шавқ омада гуфт акаи Барака.— Ҷони гапа худатон гуфтед: — сифат — дар ҷояш. Маҳсулот сол аз сол меафзояд, сифат дар ҷояш, яъне ноҷунбон, яъне агар хуб бошад, боз хубтар намешавад.

Баъд ӯ ҳар чӣ бодо бод гуён дарди деринаи дилашро гуфта дод. Гуфт, ки мувофиқи меъёри стандарти давлатӣ газе, ки онҳо дар печь оташ медиҳанд, бояд ҳашт ҳазор калория гармӣ дошта бошад. Дар паспорти газ навишта шудааст, ки калорияи вай панҷоҳ воҳид камтар аст. Ин аз руи паспорт. Аммо акаи Барака ҳис мекунад, имонаш комил аст, ки дар воқеъ калорияи газ аз он ҳам камтар аст, лекин имконе надорад, шароите нест, ки инро ба намояндаҳои ташкилоти газфурӯш исбот намояд. Чунки асбоби ченкунандаи калорияи газ нест. Фурӯшанда калориметр дорад, истеъмолкунандаҳо надоранд. Магар ин ҳол мисли он нест, ки аз бозор ё магазин бо чашми баста мол

бихаред? Имрӯз ҳам, фардо ва пасфардо низ бо чашми пушида бозор рафта биоед.

— Аҷиб,— гуфт ҷонишини вазир,— чандин сол боз касе дар ин хусус даҳон накушодааст. Чаро?

Акаи Барака хомушона китф дарҳам кашид ва пас аз муддате гуфт:

— Мо ҳам дар паспорти цементамон менависем: портландцемент. Цементи ба таъсири номатлуби намакҳои сульфат тобовар, цементи устувор дар муҳити таҷовузкор, яъне вайронкор. Таърифи илмии маҳсулоти заводи мо айнан ҳамтуст, мо ҳамту менависем, лекин худамон аниқ намедонем, ки вай ба дараҷаи меъёри стандартӣ тобовар аст ё не. Ин фикри танҳо худам нест, фикри ҳамаи устоҳои таҷрибадор: Салим Қурбон, Петерс Вебер, дигарҳо...

Сонӣ хаёлаш ба Петерс рафт. Ба Равшан гуфта будааст, ки ба падарат кор дорам. Ягон маслиҳат доштагист. Сари вай ҳам ду-се моҳи охир ба ҷанҷол мондааст. Хоҳари Эльза бо шавҳараш ба РФГ рафтаанд. Ростӣ, шавҳари Сабина рафтанист, Сабина бошад, ноҷор бояд ҳамроҳи шавҳар биравад. Онҳо ду писараки дӯстрӯ доранд. Шашсолаю сесола.

Ҷавонзани соҳибҷамолест Сабина. Хусусан дар айёми духтаракиаш чунон зебою фаттон буд, ки... Агар фаразан касе мегуфт, ки дар афсонаю асотиру достонҳо ин қадар парӣ мегӯянд, фариштаҳоро таъриф мекунанд, хуш, худи ҳамон парӣ чӣ хел мешавад? Фарз кардем, агар ҳамин хел кас пайдо мешуду ҳамин саволро медод, уро рост ба пеши Сабина оварда, гуфтан мумкин буд: «Ана парӣ ин хел мешавад!»

Рӯяш қоғази хитоӣ барин сап-сафед. Ду даста мӯи ғуллии сип-сиёҳаш аъзони тоҷикдухтарон барин ба миёнаш мезанад. Чашмонаш калон-калони мешӣ ва пурнози хуморин, минжгони дароз-дарози камонвор тобхӯрда. Ранги рую мӯю лабони ақиқсонаш ба андозае тозаи беғаш, ки кас ғайриихтиёр ба худ мегуфт: аҷабо, пайкари ин духтаракро ҳазрати табиат гӯё на барои зиндагонии серташвиши байни халоиқ, балки барои намоиш дар ягон ҷилвагоҳи осори нодираи санъат сохтааст.

Ҳамон солҳо дар замири дили акаи Барака орзуе пайдо шуда буд, ки Сабинаро ба писараш келин кунад. Хайр, чӣ мегуфт ӯ худ ба худ, оилаҳои омехтаи тоҷику немис дар Тоҷикистон хусусан дар шаҳри Душанбе ё водии Вахш якта-дута нест. Шояд, ки...

Ӯ ба писараш аз ин боб даҳон кушод. Равшан хандиду дергоҳе табассумкунон хомӯш нишаст.

— Сабина духтари хушрӯ,— хаёломез ва ҳамчунон сабук табассумкунон гуфт Равшан.— Лекин вай радиола нест, ки аз амаки Петерс ё Эльза-хола талабида, ба ман диҳед. Ихтиёраш ба худаш.

Акаи Барака сонитар фаҳмид, ки Равшан бесабаб ин хел ҷавоб надодааст. Ҷавонҳо ҳам аноӣ нестанд, дар як дидан пай мебаранд, ки ба якдигар майли дуҷониба доранд ё не.

Бо вуҷуди ин акаи Барака аз Петерс илтимос кард, ки занаш ба дили хоҳаракаш даст андохта бинад. Духтар гуфтааст, ки ӯ рафиқи писандида дорад ва дар ин хусус пурсуков кардан, машварат оростан корест барзиёд.

Аммо ситораи домодшаванда, ҳамон «рафиқи писандидан» Сабина ба язнааш ҳеҷ рост наомад, ки наомад. Эльза мегуфт, ки ба рафиқаш ту чӣ кор дорӣ, бигузор ки ҷавонон дили ҳамдигарро ёфта, бо роҳи писандидаашон бираванд. Ҳама хешу табор аз ману ту миннатдор, ки Сабинаро ба ҷои падару модар тарбия кардем, калон кардем. Лекин мо ҳақ надорем, ки ба иродан вай зид бароем ё ба тақдираш хӯҷаинӣ кунем.

— Ман хӯҷаинӣ карданӣ нестам,— эътироз мекард Петерс.— Маслиҳат додам, ки боз як бор андеша карда бинад. Ғайр аз ин хешу табори умрдида, хусусан онҳое ки ҷои падару модарро зер кардаанд, на фақат ҳақ доранд маслиҳат диҳанд, боз қарзи сарварӣ, раҳнамоӣ ҳам доранд. Домодшавандаат ба ман маъқул не. Ин гапа ба ту нагӯям, ба миёнаи бозор баромада мегӯям?

— Чияш маъқул не? Устои гулдаст, худат ба гардан гирифтӣ. Шал не, кал не. Кӯр не, кар не. Майзада не, нашъаманд не. Йигити вазнин, камгапакак.

— Ҳа, ана, ана, худат гуфтӣ. Ҳамин камгапиаш маъқул не.

— Чӣ, аз субҳ то шом мелаққид, ба ту мефорид?

— Эльза, чӣ шуд ба ману ту? Як умр мақсади ҳамдигарро ҳанӯз даҳон накушода мефаҳмидему акнун ин қадар ҷанҷол, хархаша... Ту гӯш кун, ман чӣ гуфтанинам. Ман гуфтанӣ ҳастам, ки вай дамдузд, дилаш пури гапу ба мо намегӯяд. Дидаю дониста намегӯяд. Фаҳмидӣ?

— Не, нафаҳмидам. Худо занад, ки намефаҳмам.

— Чӣ тавр карда фаҳмонам... Нигоҳаш ба ман намеформад. Ту ба чашмаш нигар, ба чашмонаш дурусттар нигоҳ кун. Охир барои ин аз ту тамошопулӣ намеситонанд-ку. Чашм оинаи дил. Дили домодшавандаат ким чи хел.

— Чӣ хел? Бигӯ, охир, чӣ хел? Ман нағз медонам, Пэт, ту барои ҳо-о ҳамон суҳбати рӯзи ид қасос мегирӣ.

— Қасос?— дилтанг шуда қариб фарьёд кашид Петерс.

— Ҳа, қасос. Ёд дорӣ, якуми май ба хонаамон ҳамроҳи Сабина омад. Бечора бо нияти нек омад, аз рӯи оини қадима омад, ки бо мо шиносо шавад. Ку, бигӯ, аз бом тароша афтодагӣ барин, ту чӣ гуфтию вай чӣ гуфт?

— Эл, мебахшӣ. маро, лекин номаъқул кардан! «Аз бом тароша» мегӯяд. Аввал қариб як соат ором суҳбат карда нишас-

тем. Як машрафа винои дастӣ тамом шуд. Фақат баъди ҳамин пурсидам, ки ту аъзои комсомол ҳастӣ ё не?

— Ман чӣ гуфтам? Ман ҳам ҳаминро гуфта истодаам. Ту аз нақли Сабина кайҳо фаҳмида будӣ, ки рафиқаш узви комсомол нест. Чаро дидаю дониста боз пурсидӣ?

— Барои он ки таки дилаша бинам. Акнун ту бигӯ: вай чӣ ҷавоб дод?

— Гуфт, ки аъзо нест.

— Не! — фарьёд кашид Петерс.— Не! Вай гуфт, ки на ман ба комсомол лозиму на вай ба ман.

— Хуш? Чӣ шудааст!? Осмон омада ба замин часпидааст? На ҳама духтару писарҳои мамлакат аъзои комсомол. На ҳамаи коргарони пешқадам ту барин аъзои партия.

— Дигарон узви комсомол набошанд ҳам ин хел дилашон сиёҳ не. Аз дигарҳо бипурсӣ, ки чаро узви комсомол нестӣ, намегӯянд, ки на ман ба вай даркору на вай ба ман. Дар миёни домоди туву дигар ҷавонҳо фарқ ҳаст. Аз замин то осмон. Лекин ту дидан намехоҳӣ, чашм мепӯшӣ.

— Ман чашм пӯшам, ту чашми дидан надорӣ.

— Хайр, шумо ҳақ, ман ноҳақ! — ба рӯи ҳавлӣ баромада бо овози баланд гуфт Петерс.— Кунед, ҳар коре мехоҳед, кунед. Як рӯз пушаймон мешавӣ, Эл, аммо суд намекунад,— ӯ навмедона даст афшонду ба кораш баромада рафт.

Дар тӯи Сабина акаи Барака ва занаш ҳузур доштанд. Ба назари онҳо тӯи немисҳо аз тӯи дигар аврупоиён фарқи казой надошт. Фақат ҳамин қадар, ки бо ду аккордеон оҳангҳои бостонии рақсии немисиро менавохтанд. Якка-якка, ё ҳама якҷоя сурудҳои халқии худро месароиданд. Барака ва Салим сархуш гашта, суруди «Чакра чакидан гирад»-ро хонданд, ки ҳамон шабу рӯзҳо аз ҳар карнаи радио, дар зери боми ҳар як хонаи тоҷикнишин садо медод. Бо талаби исроркоронаи аҳли туйхона он сурудро бори дигар то хиррӣ гаштани овозашон хонданд. Робиа ба оҳанги вальси номисӣ рақси омехтаи тоҷикирусӣ кард. Як марди лӯндаи айнакӣ, бухгалтери колхоз, ки аз хешовандони домод будаасту аз водии Вахш меҳмон шуда омадааст, Робиаро ба рақс кашида, аз миёнаш оғуш карда мерақсид. Петерс аз нигоҳҳои норозиёнаи Робиа пай бурда, мардаки лӯндаро аз чархзаниҳои ноҳинҷор боз дошту ба гӯшаш оҳиста чизе гуфт ва ӯ «хуб, хуб, майлаш, майлаш» гӯён дасти Робиаро раҳо карда, ба саҳни ҳавлӣ баромад.

Ҳа, тӯй барои акаи Барака бисьёр шавқовар гузашта, нағз дар ёдаш монда буд. Ана акнун баъди ҳафт сол ин гап баромад: домод дар Республикаи Федеративии Германия тағо доштааст. Пештар аз он тағо ному нишоне набуд. Баногоҳ пайдо шуд. «Ҷигарам, нури чашмонам, ту куҷоӣ?» гуфта мактуб на-

виштааст тағо. Ҷиян номаи ҷавоби фиристодааст. Мукотиба авҷ гирифта, бо даъвати тағои пир ба РФГ анҷом ёфтааст...

Акаи Барака вақте ба худ омаду ба хаёл рафтанашро эҳсос намуд, ки ҳар ду набераи калонаш бар болои шиками ӯ савор шуда, бо доду фарьёди гӯшкаркун талаб менамуданд, ки бобоҷонаш зудтар аспак шавад ва чунон ки борҳо карда буд, шиҳакашон руй-руи кат чарх занад, то онҳо битавонанд аспаки дустдоштаашонро бо доду фарьёд лаҷом кашида ва маҳмез зада, кайф кунанд.

* * *

Саҳарӣ акаи Барака ба занаш гуфт, ки то фардо тоқат карда наметавонад. Ба шуъбаи корҳои дохилӣ рафта, навъе карда мефаҳмад, ки боиси даъват карданашон чист.

— Ихтиёр ба шумо,— гуфт Бибиробиа.

Чандин сол инҷониб он руз аввалин якшанбе буд, ки дар оилаи онхо хавоси ҳама парешон буд. Хандаю шӯхии одатӣ набуд, ташвиши тайёрӣ ба сафари дараи хушманзар набуд. Дар сари дастархон хомӯш нишаста ношто мекарданд. Фақат Бахтиёри майдаяк аз олам бехабар буд ва саволборонии ҳаррӯзаи худро беғамона давом медод:

— Дадом, мошина монда рафтанд. Ба чӣ?

— Чунки имрӯз дар корхонаашон ҳашар,— ҷавоб медод Гулбаҳор.

— «Ҳашар» чӣ?

— Ҳашар — коре ки ҳама ба ҳамдигар ёрии бемузд мекунанд.

— Хай «музд» чӣ?

— Музд — ҳаққи заҳмат. Бас кун, писарам, калон шавӣ, мефаҳмӣ.

— Не, ҳозир бигӯ,— исрор мекард бача.— Бобоҷонам ба ту гуфтанд, ки ба саволҳои ман ҷавоб додан даркор. Зеҳнам тез мешавад. А, бобоҷон?

— Ха, ҷони бобо, лекин ман нагуфтаам, ки ба ҳамаи саволҳо ҷавоб додан шарт. Модарат дуруст мегӯяд, калон шавӣ чӣ будани музда мефаҳмӣ.

— Ман ҳозир ҳам ҳама гапа мефаҳмам. Ҳозир гӯед намешавад?

— Мешавад, аммо.. чӣ гӯям ба ту... фоида надорад.

— Ба чӣ фоида надорад?

Гулбаҳор писарчаашро бардошта, роҳравон сару рӯи ӯро бусида, ба хона даромад.

Бибиробиа шавҳарашро то таки дарвоза гуселонида, бо меҳрубонӣ пурсид, ки барои пешин чӣ таоме бипазад? Акаи Барака даст ба китфи занаш ниҳода, навозиш намуд ва нигоҳи

синосгузорона ба рун ҳамсараш дӯхта «ихтиёр ба худат» гуфт. Бибиробиа нохост бо як ҳаракати тез ба шавҳараш ҷафс шуда, ӯро ба оғӯш кашид. Сарашро бо дастони нарми хушбӯяш хам карда, аз рухсорааш бусид. Акаи Барака дид, ки чашмони занаш нам гирифтаанд, дар дил худро маломат намуд, ки боиси изтироб кашидани ҳамин зоти меҳрубон гаштааст ва худ занро ба оғӯш кашида, пайкари нарму гарми барояш азизро бо ҳамаи вуҷудаш эҳсос кард ва аз рую мӯю лабу даҳонаш бӯсаҳо гирифт.

— Ин қадар дилтанг шумо,— гилаомез, вале бо ҳамон меҳрубонӣ гуфт Бибиробиа.

— Чӣ илоҷ? Ҳамин хел сохтаанд,— гуфт акаи Барака ва аз дари ҳавлӣ баромад. Аз дунболи ӯ писарашро сарулибоси тоза пушонида, Гулбаҳор низ баромад.

— Мо ба цирк меравем,— шарҳ дод ӯ.— Ягон тамошои нағз бошад, медароем. Набошад, ба боғи ҳайвонот меравем.

Реҷаи ҳама вайрон шуд, аз хаёлаш гузаронид акаи Барака. Барои келин цирку боғи ҳайвонот баҳона. Дар хона дилгир мешавад. Шавҳараш аз ростӣ ҳам ба ҳашар рафтааст. Чанд рӯз пештар гуфта буд, ки идораи онҳоро бо қарори ҳукумат калонтар, васеътар кардаанд. Пеш ҳамаи устохонаҳои таъмиру хидмати техникии автомобиль трест барин як навъ иттиҳодия будааст. Акнун ба саруправления табдил меёфтааст, яъне ҳаққу ҳуқуқаш дар бобати таъминот, дар сохтмони иншоотҳои нав ва аз ҷиҳати миқдори хидматгорон ба вазорати калони пурарзиш наздик мешудааст. Ана ба ҳамин муносибат аз Москва кадоме аз калоншавандаҳои идораи нав ба Тоҷикистон омада, ҳамаи устохонаҳоро аз назар мегузаронидааст. Бинобар ин дар устохонаи Равшан имрӯз ҳашар эълон шудааст: ҳама ҷоро рӯфта тоза мекунанд, ба дару девор рангу оҳак мемоланд, мошинҳои таъмирталабро яксара мекунанд, хулоса ҳамон кореро мекунанд, ки мебоист пештар кам-кам ва ҳар рӯз мекарданд ва он гоҳ ҳоҷат ба ҳашар набуд.

Дар троллейбус акаи Барака набераашро ба бағал гирифт. Ҳарчанд. ки дар курсии рӯбарӯ ҷои холӣ буд, келинаш рост меистод.

— Ин ҷо бишин, духтарам, бишин,— таклиф кард акаи Барака ҷои холиро нишон дода. Пас ба андоми Гулбаҳор назар афканда, бо риққат аз фикр гузаронид, ки дар бадали ин панҷ соли гузашта, вай аз духтари худаш ҳам ба дилаш наздиктар шудааст. Аввалҳо ҳам худи ӯ, ҳам Робиа ӯро барои хулқи нарму дилбараш ба қатори фарзандонашон дӯст медоштанд. Ҳатто барои он ки келин ба ҳар ҳол фарзанди оилаи дигар буданашро дар ин хонавода лаҳзае ҳис накунад, дар муносибат ба ӯ меҳри хосае, як навъ гармии изофӣ зоҳир мекарданд. Баъди як соли хонадории ҷавонон боре дар кадом мавриде занаш

гуфта буд, ки келин нағз шавад, ҳамин қадар мешудагист. «Гулбаҳор бароиману шумо ҳадьяи тақдир», гуфта буд Робиа.

Акаи Барака худ ба худ изо кашида, сулфа кард ва аз паси тиреза ба куча чашм духт. У ваъдаи баҳорон ба келинаш дода, баъд иҷро накардаашро ба ёд овард.

Гулбаҳор дар институти лоиҳакашӣ кор мекунад, аксаран шабона ҳамаро хобонида, то як поси шаб ба руи нақшакашаки васеи сепоя коғазҳои калон-калони ғафсро мехчакуб карда, тарҳи ба чашми дигарон номафҳуми иморатҳо ё ҷузъи онхоро мекашад. Мегуяд, ки дар мундӣ об хурдани кулол барин, дар идораи меъмории онон ҷой ниҳоят танг аст, шароити бобе нест. Боре акаи Барака рузи зимистон дар хона бо равшании чароғ кор кардани уро дида, ҳарчанд касе аз забонаш кашола накардааст, ба назди Гулбаҳор даромада, ваъда дода буд, ки хонаи канории пешгоҳи ҳавлиро, хамон хонаи пур аз лашлуши рузгорро барои келинаш аз нав сохта, ду деворашро аз фарш то сақф тирезакорӣ карда медиҳад. Рузе ҳамроҳи ҷураҳояш Петерсу Салим омада, худ ба худ ба руи замини таки вонш нақшаҳо кашиданд, қарор доданд, ки илоҷе ёфта, боми шиферпуши он хонаро даст нарасонида, ду деворашро бо тирезаҳои баланду васеъ иваз намоянд.

Хуб нашуд, ваъдахилоф шудам. Лекин ҳамин тирамоҳ корхонаи Гулбаҳорро сохта додан зарур, гуфт акаи Барака дар дилаш ва боз ба андоми келинаш нигариста пай бурд, ки у аз хамон дами аз ҳавлӣ баромаданашон инҷониб ба вай чизе гуфтанист, зоҳиран бо шиддат андеша мекунад, ки бигуям ё нагуям. Чӣ гапе бошад дар дилаш? Хайр, гуфтанаш лозим бошад, зуд ё дертар албатта хоҳад гуфт. Зани боақл аст, Бибиробиа дуруст гуфта буд, ки вай барои мо атои тақдир аст.

Баъди як суҳбате ки тирамоҳи гузашта байни онҳо воқеъ шуда буд, эҳтироми акаи Барака ба келинаш хеле зиёд шуда, эътиқодаш ба хираду фаросати у боз мустаҳкамтар шуда буд. Аз он суҳбат пештар акаи Барака агар дер ба бистари хоб биравад, ё худ нимишабӣ бедор шуда, ба руи ҳавлӣ барояд, медид, ки Гулбаҳор дар таки хавозаи ангур машғули кор аст. Ҷадвалҳои ба ресмонҳои дурушт басташуда ва ба чапу рост ҳаракаткунандаи худро бо як даст дошта, бо дасти дигар бо қалами нарми сиёҳ хат мекашиду хат мекашид. Гоҳо худ ба худ таассуфомез сар ҷунбонида, бо хаткуркунаки резинӣ ягон гушаи нақшаро пок мекард, баъд муи парешоншудаашро аз бари рухсор ва пешониаш ғундошта ҷобаҷо мекард ва аз паҳлуяш дафтари ғафсеро гирифта, варақ мезаду боз хатҳои нав мекашид. Дар наздикии сепоя дар болои курсие ҳамеша радиои хурди дастӣ меистод, ки аз он сурудҳои форами эронӣ, ҳиндӣ ва аврупоӣ ба гуш мерасид. Як нимишаб акаи Барака

наздиктар омада, гӯш андохт, ки касе аз он радио ба забони русӣ гап мезанад, лекин садояш мисли овози дикторҳо форами ширадор нест, кимчигуна садои ношустаи хирросомез. Пай бурд, ки ин овози радиои хориҷист. Худаш ҳам чандин маротиба аз ин овозҳо шунида буд, вале чун медид, ки ба ду-се хабари рост ҳатман якта-дута дурӯғи тӯҳматомезашро илова мекунанд, зуд дилгир ва дилтанг шуда, дигар мавҷҳоро кофтуков мекард ё мусиқӣ гӯш мекард.

— Ин кист? — наздиктар омада пурсид акаи Барака.

— Радиои «Мавҷи немис» аз шаҳри Кёльн, Республикаи Федеративии Германия.

— Ман ҳам гӯш кунам?

— Марҳамат, дадаҷон,— келин шитобон ба хона даромада, аз даҳлез курсие баровард.— Нишинед, дадаҷон, ҳамроҳ гӯш мекунем.

Амри рӯзгор будааст, ки яке аз наздиктарин дӯстони ӯ немис буд. Нахустин шахсе ки дар заводи цемент ба ӯ меҳрубонӣ ва парасторӣ карда, сонитар ҳунари цементпазиро низ бо майли тамом ва дили кушод ба ӯ омӯзонидааст, ҳамин Пэт буд. Табиист, ки аз ҷумлаи мамолики олам акаи Барака бештар ба вазъи ҳар ду республикаи Германия, ҳам Германияи демократӣ, ҳам федеративӣ мароқ зоҳир мекард.

Нотиқ аз таассуроти сафари худ ба Париж ҳикоят мекард. Ҳусни кӯчаву хиёбонҳои шаҳри машҳур ва сокинони онро таъриф кард, тавсиф карду банохост гуфт, ки мутаассифона, дар пойтахти Франция як норасоиро муоина кардааст, ки дар тӯли сафараш айши ӯро талх мекардааст. Норасоӣ ҳамин будааст, ки дар Париж аз ҳамаи гӯшаву канори олам сайёҳон меомадаанду аз Иттифоқи Советӣ касе ба назар намерасидааст.

— Дурӯғ! — бо кароҳат гуфт акаи Барака, нақли нотиқро дигар гӯш накарда.

Гулбаҳор оромона ба ӯ нигариста, ҳамчунон оромона суханни ӯро бо ишорати сар тасдиқ намуд. Ваҷоҳати ӯ чунон осуда ва озод аз хаёлот буд, ки гӯё ба ӯ ҳоло: «Оре, оби наҳр аз боло меояд ва бар нишеб, ба суп водиҳо меравад» барин ҳақиқати оддиро арз мекарда бошанд.

— Дурӯғ будани ин гапро мани умрдидаву солхӯрда медонам,— гуфт акаи Барака аз ифодаи андоми келинаш қадре ба тааҷҷуб афтода.— Лекин ту, духтарам, оё медонӣ, ту исбот карда метавонӣ?

Гулбаҳор ҳамчунон гаронборона сар ҷунбонида, қаламашро ба назди радио гузошт ва гуфт, ки газетаҳо, маҷаллаҳо аз далелу мисолҳо, ки дурӯғ будани ин гапро исбот мекунад, пуранд. Муносибати байни мамлакати мо ва Франция бад нест ва сол аз сол беҳтар мешавад. Ҳамкории иқтисодӣ ва маданиашон торафт авҷ мегирад. Ҳамкорӣ бошад, бе рафтуомади та-

рафайн буд намешавад. Барои исботи ин даъво далели махсус лозим нест, гуфт Гулбаҳор.

— Аммо ман мисоли зинда дорам, ба қарибӣ баромади як шоири худамонро гӯш кардам,— гуфт акаи Барака.— Шоири тоҷик. Вай дар бораи Париж чанд шеър хонд. Пеш аз шеърхонӣ гуфт, ки ҳафтае дар шаҳрҳои Франция саёҳат кардааст. Ман гуфтаниам, ки шоири тоҷик ба Париж рафта бошад, нависандаҳо, ё инженерону коргарҳои дигар миллатҳои мо чаро намерафтаанд?

— Парво накунед, дада,— ба тарафи радио беэътино даст афшонида гуфт Гулбаҳор.— Ин нотиқро ҳар дафъа профессор гуфта муаррифӣ мекунанд. Профессор бошад ҳам, мантиқи суханаш ҳароб. Шунидед, мегӯяд, ки як норасоии Париж дилашро хиҷил мекардааст, аммо он чизе ки аз дилаш бофта гуфт, ба Париж зотан робитае надорад...

Акаи Барака аз курсӣ бархост, хомӯш ба сӯи айвон, ба хобгоҳи тобистонааш равон шуд.

Шаби дигар боз дар ҳамон вақт ба назди келинаш омад. Акнун садои шахси дигар шунида мешуд. Вай номи деҳаеро аз вилояти марказии РСФСР ба забон бурда мегуфт, ки мардуми он деҳа ва ҳукуматдорони маҳаллӣ ба қабристони солдатҳои немис, ки соли 1941 он ҷо дафн шудаанд, нигоҳубин намекунанд. Нотиқ нагуфт, ки он солдатҳо сарбозони армияи фашистони истилогар буданд, дар атрофи он деҳа басо бедодгариҳо кардаанд. Баръакс таъкид мекард, ки ба қабри сарбози шаҳид нигоҳубин накардан сангдилист, амрест дур аз инсонпарварӣ.

— Инаш кӣ? — пурсид акаи Барака бетоқат шуда.

— Инаш нависандаи гуреза. Номаш душвор будааст, ҳозир гуфту даррав аз ёдам баромад. Нотиқи дирӯзая медонам: профессор Михаил Васленский. Адабиётшиноси гуреза. Ҳар ҳафта ду-се бор дар ҳамин хел мавзӯъҳо дурудароз суҳбат мекунад. Мегӯяд, ки дар мамлакати советҳо озодӣ нест, мардум нимгурусна, нимбараҳна.

— Ба ҳамон радио кас хат нависад чӣ мешуда бошад? — савол дод акаи Барака.

— Оқибаташ, ба хаёлам, ба он вобаста, ки дар мактубаш чиҳо менависад.

— Масалан, ман хезаму хат нависам, ки фалон рӯзу фалон соат одами шумо гапи дурӯғ гуфт. Магар идораи радиои як мамлакати калони обод ҷои дурӯғбофӣ аст? Одамҳои мо ба Париж мисли дигар шаҳрҳои олам, шукр рафтуомад доранд. Ин, кӯрба асо гуфтагӣ барин, ба ҳама маълум. Ё, мисол гирем, нависам, ки немисҳои РФГ-я мо акнун немис мегӯем, дар замони ҷанг фашистони немис мегуфтем, ё немиси фашист мегуфтем, чунки аксари куллаш табнатан фашист буд, ё хайрхоҳ

ё фармонбари фашизм буд. Чунки падари мана, бародари мана онҳо куштанд. Ба касофати ҷанги саркардаи онҳо модарам ба бистари марг афтода, аз дунъё номурод рафт. Миллион-миллион ҳамватанони ман нобуд шуданд. Акнун ман ё рафиқи украин, ё армании ман, умуман мо наметавонем имрӯз ба хотири андешаҳои инсонпарварӣ ба сари қабри қотили падаронамон гул корем, арча шинонем, лавҳаҳои ёдгорӣ гузорем. Охир, агар фаразан лавҳа мондани шавем ҳам, ба рӯи он чӣ менависем?

— Худатон медонед, дадаҷон,— гуфт Гулбаҳор,— ин хел мактуба ҳатто то охираш нахонда, ба...— вай сабади коғазпораҳои партов гуфтан мехост, қариб ҳамин тавр гуфта буд, аммо дарҳол худро ислоҳ намуд: — ...нахонда ба як тараф мепартоянд. Лекин агар дар мактуб нависед, ки дар шаҳри Душанбе, дар пойтахти республикаи Тоҷикистон ба автобусҳо фақат русҳоро савор мекунанд, мо тоҷикҳо, пиёда ё харсавор мегардем, гуфта нависед, зуд аз радиояшон мехонанд, боз ягон суруди тоҷикии аз замони дақюнус мондаро ба охираш илова карда, мегӯянд, ки гӯш кунед, акаи Барака Зоҳидов аз шаҳри Душанбе, ин суруди дилнишин тӯҳфаи «Мавҷи немис» аст ба шумои азиз.

Акаи Барака аз келинаш пурсид, ки худат барои чӣ ҳамаи ин сафсатаро ҳар шаб гӯш мекунӣ? Вай гуфт, ки ӯро райком комсомол кайҳо сардори маҳфили сиёсӣ таъин кардааст. Ҳоло ҳафтае як маротиба бо ходимони як магазини бисьёр калони молҳои саноат машғулоти сиёсӣ мегузаронад. Барномаҳои он радиоро на фақат саропо гӯш мекунад, балки аз дурӯғҳоч устокорона бофтаашон баъзе намунаҳоро ба дафтараш қайд ҳам мекунад. Ҳангоми суҳбат лозим мешавад.

Акаи Барака хотирҷамъ шуда, ба бистараш даромад. Аммо ҳамон шаб дергоҳе хобаш набурд. Паҳлӯ гашта, он нависандаи гурезаи аз қабристон нақл кардаро дашном медод. Ҳатто як бор бо овози баланд ҳақорат доданашро худаш нафаҳмида монд. Бибиробиа бедор шуда, бо хавотир пурсид, ки бо кӣ ҷанҷол мекунад? Баъди шунидани шарҳи шавҳараш гуфт:

— Бехтараш, ба келинатон насиҳат мекардед, ки гапи душмана ин қадар мул гӯш накунад.

— Гапи душман ба вай таъсир надорад,— гуфт акаи Барака.— Хотират ҷамъ бошад.

* * *

Акаи Барака Петерро дар таки дари милиция дида ҳайрон шуд. Ҳар ду ба пешвози якдигар рафта, ба тарзи одатии акаи Барака дастфишорӣ карданд. Ҳа, тарзи дастфишории акаи Барака махсус буд. Ангушти калони дасти рости ӯ қуша: яктоаш

азони ҳама барин нарангушти муқаррарӣ, боз якта кӯтоҳаки иловагиаш аз тарафи берун ба вай часпидааст. Номи акаи Барака ҳам аз ҳамин сифати модарзодааст, ки ҷамъ ёздаҳ ангушт дорад. Барои он ки ҳангоми даст дода, вохӯрӣ кардан одамони ноозмуд нороҳат нашаванд, вай одатан дасти рости рафиқи рӯбару омадаро бо дасти чапаш дошта, оҳиста пеш меорад ва ангушти калони ӯро ба сарангушти худ печонида, каф ба каф монда даст мефишорад.

Ҳамин хел як тарзи зӯрозмоии мардон ҳаст, ки ду нафар аз ду тарафи мизе нишаста, маҳз ана ҳамин тавр сарангуштони ҳамдигарро печонида, даст ба даст медиҳанд ва панҷаи якдигарро тоб дода, ба замин хобондани мешаванд. Ношиносе вохӯрии акаи Баракаро аз дур бубинад, метавонад гумон кунад, ки ӯ рост истода бо касе зӯрозмоӣ карданист.

— Ба хайр? — пурсид Пэт.

— Даъват кардаанд. Намедонам сабаб чист.

— О имрӯз якшанбе-ку?

— Ба фардо даъват кардаанд. Лекин...

— Ҳа, шуд, дили тангн туро дар ҷаҳон касе надонад, ман медонам.

— Аз дили васеъ ҳам он қадар нафъи калон нест, мегӯянд.

— Аммо боз мегӯянд, ки соҳиби дили васеъ умри дароз медидааст.

— Ин хел умри дароза ба сарат мезанӣ?

— Як гуфтам-дия.

— Туро ҳам ҷеғ задаанд?

— Не. Худам омадам.

— Шикояте дорӣ?

— Э не, ҳамон масъалаи рухсатномаи сафари домоди мо ба Германияи Ғарбӣ,— Пэт иборан «домоди мо»-ро маънидор ва таъкид карда талаффуз намуд.— Ин шӯъба рӯзҳои истироҳат ҳам кор мекардааст. Омадам, ки илоҷаш бошад, тезонанд.

Акаи Барака мехост бипурсад, ки охир домод танҳо намеравад, Сабинаро низ ҳамроҳ мебарад. Ҷавонзани дустрӯю хушхулқеро, ки Петерсу Эльза аз кӯдакиаш дар дасти худ ба ҷои ягона фарзанди худ бо ҳазор умеду орзу калон кардаанд. Пас чаро Пэт ба мулки дури ношинос рафтани Сабинаро тезонидан мехоҳад? Аммо фурсати муносиби гуфтушунид набуд. Петерс ду нафар ҳамроҳ дошт, ки баробари пайдо шудани ӯ суҳбати онҳо қатъ гардида буд.

— Ман зуд мебароям. Агар хоҳӣ ҳамроҳ меравем,— гуфт акаи Барака ва ба ошьёнаи боло баромада, хонаи чаҳордаҳумро пайдо кард. Дар назди дар дақиқае таваққуф намуд. Лавҳаи сиёҳи шишагини болои дар огоҳ мекард, ки ин кабинет ба инспектори ОБХСС, яъне ба ходими масъули шӯъбаи

мубориза бар зидди торочи моликияти социалистӣ капитан Одинаев тааллуқ дорад.

«Ана халос! «Торочи моликияти социалистӣ...» ГАИ куҷову ОБХСС?!

Ҳарчанд акаи Барака аз оқибати нофарҷоми ин пешомад чандон хавотир надошт, ба ҳар ҳол лаҳзае дилаш таҳ кашид. Ҳис кард, ки нафасаш танг шуда меояд. «Шамол набошад, шохи дарахт намеҷунбад», гуфтаанд. Аз вай бидуни шак гуноҳе содир нашудааст. Ин чиз барояш равшану возеҳ аст, ончунон равшану аён аст, ки масалан, номи ӯ Барака аст, имрӯз рӯзи якшанбест, ин ҷо шаҳри Душанбе, саҳарӣ офтоб аз болои кӯҳсори Норак баромада, ҳоло ба қиём наздик омадааст ва бегоҳӣ ба самти Деҳнав мераваду боз фардо аз тарафи Шарқ пайдо хоҳад шуд. Бале, ҳатман пайдо хоҳад шуд, ҳатман оламро бо нурҳои гарму равшани худ мунаввар хоҳад кард...

Пас чӣ шуд? Наход кадоме аз аҳли оилаи ӯ, аз фарзандони вай ба ягон ҳодисаи ношоям шарик шуда бошад?

Аз дастаки дар дошта, пеш кашид. Дар қулф буд. Бо қадамҳои бардам аз зина фаромада, хонаи навбатдори шӯъбаро пайдо кард. Як қисми девори он хонаро бардошта, ба ҷояш тирезаи сербари бузургеро шинонида буданд. Метавон гуфт, аз миён боло ба қадри як қади одам ҳамаи девор аз тирезае иборат буд, ки шишаҳои ғафсашро аз куббачаҳои дурахшони фулузиаш дошта, ба чапу рост тела дода, кушода ё пӯшидан мумкин буд. Аз паси тиреза ҳамаи мизҳо, ҷевонҳо, аппаратҳои алоқаи махсуси милиция бо тугмаҳои рангубарангу гӯшаку микрофонҳои ғароибаш намоён шуда меистод.

Ду нафар дар пеши тиреза рост меистоданд. Зане ба офицери навбатдор бо ҳарорате арз мекард, ки ҳамсояи онҳо гову гӯсола ва қариб як рама бузу гӯсфанди худро ҳар рӯзи худо ба кӯчаи маҳалла сар медиҳад. Ба алафи лаби ҷӯйҳоро хӯрдани ҳайвонот касе муқобил нест, ошашон шавад, лекин азбаски соҳибаш назорат намекунад, чорво ба буттаҳои гул, ниҳолакони канори кӯча даҳон мезанад, гову гӯсолааш бошад, ҳатто себу олуболуҳои ба воя расидаро ҳам карда, навдаҳоро шикаста мехӯрад. Ҳа, набошад чӣ, нақл мекард занак, бо соҳиби мол гуфтугӯ карданд. Чандин маротиба. Ҳатто як бор ҳамаи ҳамсояҳо бо маслиҳат ба таки дараш рафтанд, бо мулоимат сӯҳбат карданд.

— Ҳа, хуб, узр мехоҳем, дигар такрор намешавад. Ин айби писарчаи танбали ҷавонимаргзеб! Ман албатта гӯшаша кашида мемонам! — гуфта ваъда дод. Ваъда доду рӯзи саввум — боз ҳамон аҳволи пешина. Зан бо телефон аз ин хусус ба ин ҷо, ба шӯъбаи милиция хабар дода буд. Гуфта буданд, ки арзи ӯро навишта гирифтанд, акнун ба милиционери муттасаддии ҳамон маҳал супориш дода мешавад, ки бо вайронкунандаи

тартибот сӯҳбат кунад, лозим донад, ҷарима андозад ва ҳоказо. Лекин аз он гуфтугӯ се-чор ҳафта гузашту аз милиционер дараке нест.

— Мебахшед, хоҳар, агар дар воқеъ ваъда дода вафо накарда бошанд, аз тарафи мо кӯтоҳӣ содир шудааст. Кадом куча, гуфтед? Комиссари сурх, ҳабдаҳ. Лена ба журналат навис, Комиссари сурх, хонаи ҳабдаҳ.

— Навиштам, рафиқ капитан,— садои зане баромад аз гӯшаи дури хона ва баъди лаҳзае аз паси ҷевони дарозе ки хонаи васеи навбатдоронро аз мобайн ду тақсим карда меистод ва картотекаи китобхонаҳо барин аз садҳо адад сандуқчаҳои алоҳида иборат буд, ҷавонзани қоматбаланди хушандоме намудор гардид.

— Ходими участкаи инҳо дар таътил-ку! — гуфт он ҷавонзан.

— Посбон ба таътил равад, маҳалла ба паноҳи худо мемондааст-дия? — пичинг партофт зани даъвогар.

«Ин занак ҳам балоча будааст!» — аз дил гузаронид акаи Барака ва ба ҳозирон бесаброна назар андохт, ки ин мунозира кай хотима меёбаду навбати ӯ мерасад.

Дар ин асно милиционери таҳамтани хушбуруте бо қадамҳои низомӣ гурс-гурс деворҳои долонро ларзонида, ба тиреза наздик шуду «узр мехоҳам, узр...» гӯён зани даъвогарро бо ҳаракати хеле нарм андаке онсӯтар ҷунбонид ва пистолети худро аз гилоф бароварда, таққӣ карда, бар болои пештахтаи тиреза, ба наздиктари офицери навбатдор гузошт ва «уф-ф!» гӯён намоишкорона оҳе кашид.

— Ҷанҷол пасанда шуд? — пурсид капитан.

— Набошад чӣ? — бо ифтихори ошкоро гуфт марди таҳамтан.— Лекин аз гушнагӣ очаи зорама дидам.

— Ҳоло захира мӯл,— ба тану тӯши бузург ва шиками қадре пешдамидаи ҳамкораш ишора намуда, бо лабханде гуфт капитан. Дар айни замон тирдони пистолетро кушода, тирҳои онро якта-якта бароварда шуморид ва боз ба тирдон ҷой карда, пистолетро ба кунҷи хона монда омад.

— Ман рафтам,— эълон кард марди таҳамтан, аммо капитан ӯро аз роҳ боздошт:

— Акаи Собир, аз ту хоҳиш: боз ним соати дигар ба мо ёрмандӣ кун.

— Э якбора кушеду монед, капитан. Ман шаш соат пеш мебоист ба хонаам мерафтам. Шаш соат-а! Имрӯз рӯзи истироҳат ё...

— Медонам, акаи Собир. Гуфтам-ку: ин фармон не, илтимос. Туро «акаҷон» гуфта истодаам. Мана бо ана ин гражданка ҳамроҳ меравию як мардаки бисьёр хушодоб-катӣ дудахон чақ-чақ мекунӣ. Воқеаро ин кас дар роҳ гуфта медиҳанд. Дар

таки дар ду мошини навбатдор истодааст. Дилхоҳата бигиру бигу, ки газа зер кун.

— Майлаш... Лекин...

— Шуд, акаи ҷон, медонам ҳозир чиҳо мегуӣ: «Чуби мулоима кирм мехурад», фалон-беҳмадон... Пистолета гашта диҳам?

— Ҳамсуҳбат «одами баодоб» бошад, лозим не.

— Бисьёр хуб. Қора буд куну бигу, ки шофер ба хонаат бурда монад.

Зани даъвогар ва акаи Собир ба суи баромадгоҳ равон шуданд. Зан роҳравон бо овози баланд мегуфт: «Агар хамаи коркунони милиция ҳамин капитан барин чусту чолок мешуданд...» Охири суханони уро акаи Барака нашунид. Дар мағзи сари у низ айнан ҳамин гуна андеша пайдо мешуд, ки ин офицери ҷавон дар воқеъ ҳодими хушмуомила ва кордону корбудкун менамояд. Агар капитани уро даъват карда ҳам аз ҳамин тоифа бошад, заррае ҳоҷати ташвиш набуд.

Қапитан арзи шахси навбаташ расидаро шунида, ҳоло ба у ҷавоб медод:

— Гражданин, аввал ин ки аз руи гапи худатон, ба шумо вазифаатонро хуб фаҳмондаанд. Дуввум ин ки на сардори шуъбаю ҷонишинаш, на ман ба вайрон кардани қонун ҳақ надорем...

— Ман нагуфтаам, ки қонуна вайрон кунед. Мегуям, ки ба тарзи истисно...

— Гражданин, шумо гап задед, ман гуш кардам. Акнун монед, ки ман ҳам суханама тамом кунам. Гуш кунед, пагоҳ саҳарӣ ба банки давлатӣ меравед, сиҳат-саломат ҷаримаро месупоред, сонӣ ба пеши сардори шуъбаи паспорт омада, квитанцияро нишон медиҳед. Ана ҳамин ҳамааш.

— Ман...

— Ҳа, шумо, гражданин, шахсан худатон. Акнун ба шумо рухсат.

— Рафиқ капитан, ман чаҳор фарзанд дорам. Боз модари пир, додари занам дастнигари ман...

Ба акаи Барака чунин намуд, ки ранги рухсори капитан хокистарғун шуд. Вай муддате чашмонашро нимпуш карда, бо ғазаб ба китфу бозуи даъвогар нигоҳ карда истоду ба қафо руй гардонида гуфт:

— Лена, мана дар ин коғаз ному насаб ва ҷои истиқомати ин одам. Зуд ҷои кораш, телефони хонаи сардорашро аниқ кун.

— Рафиқ капитан, сардори ман ба шумо чӣ лозим? — бо ҳаяҷон пурсид мардак.

Капитан ба вай ҷавобе надода, такроран ба ёрдамчиаш

фармуд, ки шитоб кунад. Ва бо оҳанги нарм ба акаи Барака рӯй овард:

— Хизмат?

Акаи Барака огоҳномаро ба навбатдор дароз карда гуфт, ки вай дар райони дигар истиқомат мекунад ва ҳеҷ сарфаҳм намеравад, ки ба чӣ сабабе ӯро ба ин ҷо даъват карданд. Капитан гуфт, ки бечиз даъват намекунанд. Модом ки даъват кардаанд, ҳатман сабабе будааст. Сабр бояд кард.

— Сменаи ман пагоҳ аз соати ҳашт,— гуфт акаи Барака яқин, гапи дигаре ёфта натавониста ва дарҳол ба маломат кардани худ даромад, ки ҳамин гуна гапи беҷою бемаврид аз даҳонаш баромад.

Марде ки дар паҳлӯяш хомӯш меистод, дар ин лаҳза боз ба гап даромад.

— Рафиқ капитан, илтимос, бигӯед, сардори ман ба шумо чӣ лозим?

— Мехохам ақаллан бо телефон гуфтугӯ карда, хоҳиш намоям, ки дар идораатон сари касе як сӯм-ним сӯмӣ пул ҷамъ карда, ба шумо диҳанд. Аҳволатон чатоқ будааст: бар болои чаҳор кӯдак модари пир ҳам дастнигари шумо будааст. Шумо барин бечораи бечораҳо дар ин музофот набудааст. Ва дақиқае таҳаммул карда, боз гуфт: — Ҳавлиатонро ба меҳмонхонаи пинҳонӣ, ба маскани иҷорашинон табдил додаед, режими паспорт ва қайди омаду рафти сокинонро ду сол инҷониб вайрон мекардаед. Барои ҳамин қадар гуноҳ шуморо биступанҷ сӯм ҷарима андозанд, як моҳ боз таки дари милиция, комиҷроияро охурча кардед, ҳамаро ба ҷон расонидед. Медонед, гражданин, бо омаду рафт, арзу шикоят, хархашаю кашмакаши ноҳаққатон сад касро аз кору бор монондед. Ягон бухгалтери савобталаб ёфт шуда, соатҳои барбодрафтаи хизматчиёни районро нағзакак ҳисоб мекард, худатон медидед, ки шумо ба давлат чанд ҳазор сӯмина зарар расонидаед. Шумо, ошно аз кӯчаи шарму ҳаё гузаштаед ё не?

Аз сари пульти алоқа Лена арз намуд, ки сардори идораи ин шахс дар хонааш будааст, вале ҳозиракак ба кӯча баромадааст. Духтарчааш аз дунболаш баромад, то ҷеғ зада биёварад.

— Рафиқ капитан, лозим не сардор. Дарду балои бачаҳотона гирам, капитан, лозим не, аз барои савоб, ман рафтам, ба бонк меравам,— гуён дар воқеъ ҳам хеле бошитоб, ҳатто қариб дав-давон аз долон баромада рафт.

Навбатдор заҳрхандае карду ба назди ёрдамчиаш бирафт. Лена огоҳномаи акаи Баракаро аз назар гузронида бо овози паст гуфт:

— Ба сифати шоҳид даъват мекард, ана дар ин ҷо шоҳид менавишт. Маълум, ки гапе ҳаст.

Капитан ба ҷои худ баргашта, дақиқае ба андоми акаи Барака, ба ин сӯву он сӯи коғази кабуди огоҳнома назар афканд. Сипас чойнику пиёларо аз рӯи мизи кориаш бардошта, як пиёла чой рехт ва ба акаи Барака дароз карда гуфт:

— Марҳамат, ака, бинӯшед, ҷои гарм. Ман фаҳмидам: изтироб мекашед. Агар аз он шӯъба касеро ёфта метавонистам, барои равшан кардани сабаби даъват ёрӣ мерасонидам. Бовар кунед, аз таҳти дил... Ҳарчанд ки бо ин хел корҳо машғул шудани мо аз рӯи қоида нест.

— Ташаккур, бовар мекунам.

Акаи Барака чойро нӯшида, пиёларо баргардонид ва боз изҳори миннатдорӣ намуда, берун рафт.

Дар хиёбон Петерс рӯи хараке нишаста, ӯро нигарон буд. Вай бори дигар дӯсташро таскин дод, ки ҳоҷати ин қадар ноҳоҳат шудан нест, ягон масъалаи камаҳамият будагист. Ин хел рӯзҳо ба сари ҳар кас метавонад биафтад.

— Аз дилтангиам худам шарм мекунам,— гуфт акаи Барака.— Хонагиҳо ҳам зиқ. Дар умрам бори якум ба маҳкамаи давлат ҷеғ мезананд. Аз афташ, сабаб ҳамин.

— Рафтем,— таклиф намуд Петерс аз харак бархоста.

— Куҷо?

— Ба хонаи мо.

— Не, ба хонаи мо меравем, ҳам наздиктар, ҳам он ҷо будани ту зарууртар.

— Барака, имрӯз наметавонам, бубахш.

Онҳо ба дӯкони пивофурӯшие даромаданд. Петерс пиворо дӯст намедошт ва фақат ба хотири рафиқаш ба ин ҷо омад. Вай аз дӯлчаи оби ҷав ҷуръае ҳӯрт кашида, ба изҳори андешаҳои худ даромад, ки корҳои ҷаҳон аҷоибанд: Барака пиворо дӯст медорад, ки ватанаш аслан Аврупост, Петерс агар бинӯшад, фақат аз маи дастии ангурӣ менӯшад, ки дар ин кишварҳо, дар Осиё ихтироъ кардаандаш.

Акаи Барака ба суханҳои ӯ парешонҳолона гӯш дода, аз хаёл мегузаронид, ки Пэт бо овози шунаво дар ин мавзӯъ муҳокима меронад, аммо дилаш бо дигар муаммоҳо банд аст. Ташвише, ки ба сари акаи Барака афтодааст, назар ба ғами Петерс ҳеҷу пуч аст. Шахси барои ӯ азиз, духтархонди ӯ, мояи орзӯ ва омоли ҳамаи умри ӯ ва ҳамсари ӯро аз онҳо ҷудо карда, ба куҷоҳое бурданианд. Кӣ медонад, балки якумра, то абад мебаранд. Зоҳиран бингаред, гуё худаш рафтанист, гуё ихтиёрӣ меравад, аммо воқеан бо зӯр мебарандаш. Солҳои инқилоб дар як қабили хонаводаҳо байни падарону писарон ё додару бародарон ихтилоф афтода буд: яке тарафдори ҳимояи сарват, дигаре ҷонибдори тақсими баробари он миёни бенавоён.

Аз китобҳои маҳфилу мактабҳои сиёсӣ акаи Барака ҳикматеро хонда буд, ки ба зисту зиндагонии мо, ба фикру андеша

ва феълу атвори мо муҳити атроф низ таъсир мерасонад. Ин ҳикматро такрор ба такрор хонаду шунавад ҳам, дар хотираш таҳшин намешуд, аз мағзи панҷарадевор баҳузур гузашта рафтани бод барин гӯё аз гӯшае мегузашту мерафт. Кадом таъсир? Кӣ, чӣ тавр, ба кӣ, чӣ гуна таъсире мерасонад? Зоҳиран равшан нест, аммо воқеан вуҷуд дорад. Чунон хуб вуҷуд дорад, ки... «Ба ватанам, ба давлати Исроил меравам» гуфта безобита шудани яҳудиёне ки хуни нофашон, ҳатто хуни нофи бобою бобокалонашон ин ҷо рехтааст, охир, бофтаи хаёл нест. Ё мисол гирем, даҳсолаҳои зиёд тинҷу осуда гашта-гашта нохост ба Германияи ғарбӣ, ба назди хешу табори худам меравам гуфта, ба такудав даромадани баъзе немисҳое, ки мардуми муқими диёри худамонанд.

Якеро аз ин тоифа аз доман дореду бигӯед: ҳой бародар, ватан он ҷост, ки хуни нофат рехтааст, бори нахуст қаламу дафтар бардошта, ба мактаб рафтаӣ, ҷоест, ки арӯси худро ёфта, ба висолаш расидаӣ, он ҷост, ки хонаи аввалини на он қадар васеу барҳавои ту вуҷуд дорад, таваллудхонае воқеъ гаштааст, ки ту пас аз нахустин бор падар шуданат дар атрофи он, дар ҳавои нимторики шомгоҳон мурғи посӯхта барин медавидӣ ва аз ҳар сояи дар паси тиреза дидаат фарьёдкунон мепурсидӣ, ки тирезаи фалон палата-палатаи зани ту ва писараки навзоди ту кадом аст?

Бо мурури солҳо кӯчаву бозорҳо дигар мешаванд, иморатҳо, майдонҳо, хиёбонҳои нав пайдо мешаванд, шаҳру диёру кишварат дигаргун мешавад, аммо ватанат ҳамон аст, ки буд.

Ҳа, якеро аз он тоифаи ватани нав пайдо кардагон аз даст бидореду бигӯед, ки додар, ба ту чӣ шуд, ватани ману ту якест, дигар ватан нест туро, зинҳор марав, ки пушаймон мешавӣ. Агар фирдавс дар рӯи замин вуҷуд дошта бошад ва туро он ҷо бурда сар диҳанд, дере нагузашта, рӯзе фаро мерасад, ки аз сӯзи фироқ пару боли пайкарат аланга гирад, доду фиғон кашӣ, мӯй канӣ, рӯй канӣ, аз карда пушаймонҳо шавӣ.

Хосияти фиребгаронаи нобобе дорад руҳияи одамизод, ки чӣ будани Ватанро фақат баъди ҷудоӣ аз он дарк мекунад. Ва қадри ёрро танҳо пас аз гум кардани он. Гӯё табиат инсонро қасдан ҳамин сон офаридааст, то дар чашмони вай гоҳ-гоҳ ашки сӯзон чарх занад ва оинаи дидаро дам ба дам аз ғубори рӯзгор бишӯяд.

Оре, Петерс бо овози баланд дар бораи ватани шароби ангур ва оби ҷав ҳарф мезанаду дар воқеъ бошад, ҳаёлаш бо тақдири Сабина, ду кӯдаки вай, бо ҳоли минбаъдаи Эльза ва худаш банд аст. Инро акаи Барака яқин пай мебарад, аммо «ҳа, ҳа» гуфта суханони рафиқашро дар бораи навъҳои хуби ангур, хусусан афзалиятҳои ҳусайнӣ ва ҷавз тасдиқ мекунад. Ҳм, ҳусайниву ҷавз... Петерс на фақат аз раворави Сабина ғам-

гин аст, болои сӯхта намакоб, аз ҷониби баъзе ҳаммиллатони худ ҳам изо мекашад, азоб мекашад. Гардиши таърих ё тақдир гоҳе коре мекардааст, ки қисмате аз айби дигарон ба гардани бегунаҳон бор мешудааст. Дар моҷарои нангине ки давлати немисҳо чаҳор даҳсола қабл аз ин барпо карда, ҳамаи оламро ба вартаи ҳалокат наздик расонида буд, Петерс худро гунаҳгор надонад ҳам, як навъ, чӣ метавон гуфт, мулзам ё муттаҳам барин мепиндорад. Аз воқеоти таърихи наздик сухан сар шавад, худро ноҳинҷор, ноҷӯр мебинад ва аз суҳбат канора мегирад. Хайр, барои инсони баномус ин ҳолат табиист. Масалан, аз республикаи Муғулистон меҳмоне биояд, дар ҳузури вай нақл намекунанд, ки лашкари муғул асри сездаҳ ин кишварҳоро хокутуроб карда буд. Ё дар пеши бародари ӯзбек намегӯянд, ки Амир Темур ҳаммилати ту буд ва дар Исфаҳон аз калла манора сохта буд.

Як вақтҳо, тахмин даҳ сол пештар, акаи Барака ва Петерс ба гурӯҳи сайёҳон ҳамроҳ шуда, ба тамошои Югославия рафтанд. Маълум, Республикаи Федеративии Югославия аз кишварҳоест, ки ҳаракати зидди фашистон он ҷо ба авҷи баландаш расида, ба саҳифаҳои таърих мисолҳои ибратангези диловариро дар набард барои озодӣ додааст. Дар он диёр Крагуевац ном шаҳре ҳаст, ки пас аз бедодгариҳои фашистон шаҳри хунин ном гирифта буд. Роҳбаладе ҷавон сайёҳонро дар кӯчаҳои Крагуевац ва атрофи он сайр мекунонида аз қиссаи фоҷианоки он ҳикоят менамуд. Як тафовути ҳузновари шаҳри мо, мегуфт роҳбалад, ин аст, ки гирди онро ҳалқаи яклухти қабристон иҳота кардааст. Партизанҳои Крагуевац басо шуҷоъ буданд, немисҳои истилогар аз ин ҳол ба хашм омада, сокинони шаҳр, алалхусус ҷинси мардро ду маротиба қатли ом карданд. Фармондеҳи гарнизони фашистӣ боре ба дару девори хонаҳо эълон часпонид, ки агар партизанҳо минбаъд ҳам ба ҷони аскари немис қасд кунанд, ба ивази ҳар як нафар сарбози кушташудаи рейх ҳатман сад марди маҳаллӣ тирборон мешавад. Иттифоқо, партизанҳо ба гарнизони фашистҳо шабоҳун зада, се аскарро нобуд мекунанд. Комендант мефармояд, ки сесад марди сербро ба майдон бароварда тирборон кунанд. Аммо то он рӯз, яъне пас аз ду куштори умум дар шаҳр ба ин миқдор аҳолии калонсоли ҷинси мард намонда буд. Барои он ки фармон иҷро шавад, аз ҷумлаи хонандаҳои гимназия писарбачаҳои синфҳои аз чорум болоро чида бароварда ба тӯдаи маҳкумшудагон ҳамроҳ мекунанд.

Вақте ки роҳбалад ин қиссаро мегуфт, онҳо ба сари қабри умумии талабаҳои синфи панҷуми гимназия расида буданд. Дар болои мақбара аз санг ба андозаи ду қади одам ҳайкале ба шакли рақами румии панҷ устувор карда буданд. Соате ки

писарбачаҳоро аз синфашон кашолакунон мебаровардаид, гуфт роҳбалад ба он хайкал, ба гулзори тару тозаи гирди он ишорат намуда, онҳо аз забони немисӣ дарс мехонданд. Муаллимашон аз немисҳои муқими Сербия будааст, бинобар ин фармондеҳи асқарон ба у мегуяд, ки шумо озод, метавонед ба хонаатон биравед. Лекин муаллим аз талабаҳояш чудо намешавад. Дар зери мили автоматҳо ба шогирдонаш мурочит карда мегуяд:

— Бачаҳо, шумо медонед, ки ман одати савганд хурда гап задан надорам. Лекин ҳоло мехоҳам ба ҳамаи муқаддасоти олам савганд ёд кунам, ки аз ҳамаи дарсҳое, ки ман гузаронидаам, аз ҳамаи дарсҳое ки дар мактаби мо гузаронидаанд, дар даам, аз ҳамаи дарсҳое, ки дар мактаби мо гузаронидаанд, дар си вопасини мо сабақи фаромушношуданӣ хоҳад буд. Аминам, рузҳои тира ба поён мерасанд, замоне буньёди зулм решакан ва тухми золимон аз олам пок хохад шуд. Он гоҳ боз каломи хушнавои немис, садои тоза ва беолоиши забони миллати ман ҳарфҳои дилписандеро аз бозьёфтҳои илм, аз латофати ҳунар ва адабиёти инсонпарваронаи немис ба тарғиб хоҳанд бурд. Инҳо, бачаҳои азиз, мегуяд муаллим, немис нестанд, забони инҳо фарзандонам, такрор мекунад муаллим бо овози ларзони хашмолуд, забони немис нест, забони инсонӣ нест.

Фашистон аввал муаллими барошуфта ва баъд ҳамаи шогирдонашро тирборон мекунанд...

Дар ин чои накл Петерс ду-се қадам пеш баромад ва аз дасти роҳбалад дошту чизе пурсид.

— Не,— гуфт роҳбалад.— Крагуевац ягона шаҳрест, ки сайёҳони немис намеоянд.

— Худашон намеоянд, ё намемонанд? — савол дод Петерс.

— Намедонам. Ман ҳамин қадар медонам, ки ин қарори расмии ташкилотҳои ҳукуматӣ нест. Ҳатти саёҳати меҳмононро «Путник»*, ташкилоти мутасаддии онҳо мекашад. Ин ба шумо маълум,— ба руи Петерс маънидор табассум карда гуфт чавони роҳнамо ва ба соати дастиаш назаре афканда, илова намуд:— Ҳозир мо аз руи чадвал ба клуби чавонон меравем. Ба автобусҳо савор шавем, ман ба шумо як воқеаро гуфта медиҳам.

— Пэт, ба ту чӣ лозим донистани ҳамин чизҳо?

— Қадом чиз, Барака?

— Немисҳо ба ин шаҳр ба саёҳат меоянд, ё ба тичорат? Немисҳои кадом қисми Германия меоянд?..

— Ба ман лозим, чура. Мехоҳам омада бо чашми худ бубинанд, ки чӣ ёддоште аз кирдорҳои худ боқӣ гузоштаанд. Ақаллан бачахошон омада бинанд.

---

* Путник — сайёҳ, номи ташкилоти сайёҳон дар РФСЮ.

Баъди роҳакӣ шудани автобус ҷавони роҳбалад ба паҳлуи курсие, ки акаи Барака ва Петерс менишастанд, омада рост истод ва он воқеаи ишорат кардаашро гуфта дод.

— Сайёҳони ҳамаи мамлакат ва миллатҳо баробар меомаданд, — гуфт ӯ.— Перорсол дар меҳмонхонаи калони шаҳр фоҷиае рӯй дод. Баъди ҳамон ходимони «Путник» гуфтанд, ки муваққатан ба чанд соли наздиктарин — гурӯҳҳои калони сайёҳони немисро ба даруни шаҳр надароваранд. Худи он воқеаро аслан натиҷаи ба ҳам расидани чанд тасодуф метавон шуморид... Зани солхӯрдае ки дар замони ҷанг ҳамаи наздикони худ — шавҳар, ду писару як духтар, ду бародарро талаф дода, чӣ будани истибдоди фашистонро озмуда буд, дар ҳамон меҳмонхона фаррошӣ мекард. Ҳамон рӯзҳо дар меҳмонхона гурӯҳи калони сайёҳони немис мезист. Ҳамин тавр иттифоқ афтодааст, ки ду ҷавони сайёҳ бо ҳамдигар ҳазлу-шӯхикунон аз ошьёнаи саввум бо шаст ба поён мефаромадаанд. Яке аз онҳо, ки аз дунболагирии ҳазломези ҷӯрааш мегурехтааст, аз паҳлуи зан давида мегузарад, ки дар он асно дарзмоли электр дар даст низ аз зина мефаромадааст. Ҷавони дигар аз боло ба забони худ: «Биист, Ҳанс, вагарна мекушамат!» гӯён бонг мезанад. Зан ин нидоро шунидан замоно аз ҳуш рафта меғелад. Сараш ба поғундаи бараҳнаи зина бархӯрда, хуни бисьёре меравад. Ва худи ҳамон рӯз дубора ба ҳуш наомада мефавтад.

Ҳикояти роҳбалад, умуман саёҳати Крагуевац ба руҳияи Петерс таъсири гароне боқӣ гузошта буд. Хайрият, ду рӯзи дигар соҳилҳои хушманзари Баҳри Адриатикро сайр карданду бо ҳамин саёҳат ба анҷом расид.

Дили раҳмгин-пайваста ғамгин, мегӯяд ҳикмати халқ.

* * *

Ҳар чанд акаи Барака бовар дошт, ки якта-нимта воқеаҳои нохуши солҳои пеш аз сар гузаронидааш бо даъвати фардоинаи шуъбаи милиция робитаи мантиқӣ надорад, бо вуҷуди он дилаш, чунон ки дар урфият мегӯянд, ба ҳазор кӯчаву паскӯча даромада мебаромад, дар лавҳи хотираш рӯйдодҳои чандинсола аз нав зинда мешуданд.

Қашокашу мунокишаи ҳамсояи девордармиёнаш соле рӯй дода буд, ки он вақтҳо ин ҳавлиро нав харида, акнун кам-кам иморат ва обод мекард. Тобистони ҳамон сол акаи Барака аввалин бор дар умраш ҳамроҳи Бибиробиа ба санаторий бирафт. Хеҷ ҷояш дард намекард, танаш пайкари асп барин бардаму бақувват буд, лекин ба дигарон ҳавас карду ба соҳили Баҳри Сиёҳ, ба Қавказ рафт. Ҳама бо як овоз мегуфтанд, ки обу офтоби он тарафҳо ғубори тану ҷонро мезудояд, пири ҳафтодсо-

ла ҷавони ҳабдаҳсола барин барнокю тавоно шуда меояд. Аммо акаи Барака азбаски худ солим буд, мӯъҷизае надид. Ба ҳамсараш табиати он ҷоҳо, тамошои баҳри ноором ва нопайдоканор хеле писанд афтода буд. Акаи Барака дар қатори ҳама рӯзона ва қариби шом ба оби навозишкори баҳр медаромад, ба ҳар тариқа шино мекард, айёми ҷавонии бо заҳмату ранҷҳо гузаштаи худро ёдовар шуда ва ба дигарон тақлид намуда, дар оғӯши мавҷҳои шӯхи пурзӯр ғӯта мезад, ҷастухезҳо мекард. Бибиробиа бошад, дар болотари пляжи серодам дар сояи дарахти азими баргҳояш паҳн-паҳни ношинос, дар паҳлӯи дӯкони яхмосфурӯш ҷунбуҷӯли одамонро тамошо карда менишаст. Ё китоб мехонд, ё аз транзистори акаи Барака оҳангҳои аҷиби кавказӣ, туркӣ ва арабиро гуш мекард. Шавҳараш барои ӯ махсус либоси оббозӣ харида овард, ӯро ба наздиктари соҳил кашола мекард. Аммо Робиа не мегуфт:

— Ақлатона хӯрдед магар, дадаҷонаш, замин кафида одам баромадааст дар пеши чашми халоиқ луб-луч шуда, ба об медаромадаам?

— Луб-луч не, Бибиҷон, куртаи оббозӣ.

— Э аз ин курта чӣ нафъ? Аз пӯшидан напӯшиданаш беҳтар. Ҳамту бадани каса ба пушти тирезаи универмаг мондагӣ барин, урьён карда нишон медиҳад.

— Хайр, ин занҳо, мана ин духтарҳо ту барин одам нестанд? — боз исрор менамуд акаи Барака ва рости гап, дар кадом гӯшаи дилаш қаноатманд буд, ки занаш ин қадар зани боиффат аст ва аз як ҷиҳат, хуб мекунад, ки дар пеши назари садҳо, ҳатто метавон гуфт, ҳазорон нафар мардони бегонаи нигоҳҳояшон кунҷков ба мобайни издиҳом намедарояд. Аммо дар гӯшаи дигари дилаш хоҳише эҳсос мекард, ки Бибиҷонаш агар ақаллан як-ду маротиба он либоси сабукро пӯшида, гесувони дарози мушкину анбаринашро дар паси китф сабук-сабук алвонҷ дода, аз байни ин одамон мегузашт, чандон бад намешуд. Дигар вақтҳо онҳо дар хиёбонҳои санаторий паҳлӯи ҳам гаштугузор кунанд, одамон ҳусну ҷамоли баркамоли Бибиҷонро дида, ба ҳардуяшон бо ҳаваси рашкомез нигоҳҳои тӯлонӣ медӯхтанд. Зор монад нозукиҳои табиати одамӣ, дидани рашки дигарон ҳам нашъае доштааст...

Ба ҳар ҳол онҳо аз саёҳати Абхазия хушҳол баргаштанд, вале аз дари ҳавлӣ даромаданду димоқи чоқашон дар як лаҳза гӯё бар бод рафт. Дар набудани онҳо ҳамсоя ба ҷои девори муваққатии тахтагин девори хиштине бардошта буд. Лекин девор каҷ буд, не, худи девор не, хатти он, ҷои афтодаи он каҷ буд. Як тарафаш аз канори хонаи истиқоматии акаи Барака оғоз мееёфту поёнаш ба миёнаи ошхонаи вай ва ошхонаи ҳамсоя не, балки қариб як метр даруннтар даромада, ба паҳлӯи ти-

реза мерасид. Ҳавлӣ намуди дилкаши худро гум карда буд. Девори нави хишти пухтагин, ки мебоист ҳатман базеб менамуд ғайриихтиёр манори аз зилзила каҷшуда ё қомати аз дарди камар тобхӯрдаи ҷавонмардеро пеши назар меовард.

— Дидӣ? — хандакунон мегуфт Пэт, ки ҳамроҳи Эльза ва писару духтари он вақтҳо мактабхонии акаи Барака ба пешвози дустон ба аэропорт баромада буд ва ҳоло девори ғалатиро дида, гуё ҷонвари антиқаеро дар боғи истироҳат тамошо мекарда бошад, аз таҳти дил бо завқи тамом механдид.— Ту чи гуфта буди, Барака? «Ҳавлӣ нахар, ҳамсоя хар». А? Дидӣ?

— Худат бин, худат тамошо кун,— гуфт акаи Барака.— Ту ваъда доди, ки бемалол истироҳат карда гардед, ман аз ҳавлиатон ҳам хабар мегирам.

— Ман, ҷура, хабар гирифтам. Чор маротиба. Лекин ман ҳам аз куҷо донам, ки ҳамсояи ту ин қадар ҷусту чолок будааст. Дар миёни се рузи охирин ҳамту девори дакаданг бардоштааст.

Шомгоҳон акаи Барака ҳамсояро ба кӯча даъват карда; савол дод, ки ин чӣ иншоотест, ки ӯ дар набудани вай сохтааст? Агар чанд рӯзи дигар сабр мекард, ягон фалокат мешуд?

— Хишт қулай афтид, ака, дам ғанимат гуфта созондем,— тез-тез мижа зада гуфт ҳамсоя. Зуд-зуд, дар ҳар сония ду бор мижа таҳ кардан одати деринаи у буд. Дар бадали чанд соли ҳамсоягӣ акаи Барака мушоҳида карда буд, ки ин одам фақат ҳангоми таомхӯрӣ ва пулшуморӣ мижа намезанаду бас.

— Фарз кардем, хишт қулай афтид,— гуфт акаи Барака аз луғати ҳамсӯҳбат истифода бурда.— Пас ба чӣ девор ҳам қулай наафтид?

— Ҳавлии шумо, ака, васеъ, девор андак онсӯтар равад, хафа намешавед, гуфта гумон карда будам, ака.

— Дуруст, ҳавлии мо, ука, васеъ. Агар аввал ба худам мегуфтед, ки девора як метр ба ин тараф кӯчонидан мехоҳед, биллоҳ чизе намегуфтам. Лекин ба ин тарика не, аз сар то охираш рост карда мекӯчонидем. Чашми ман, ука, аз замин сер. Ман аз тоифаи онҳое нестам, ки ватан дар назарашон аз остонаи ҳавлӣ то оташдони занашон тӯл мекашад: Деворатонро, ука, вайрон мекунам! — банохост сахт карда гуфт акаи Барака ва тунду тез руй гардонида, ба хонааш даромад.

Аз таътилаш боз чаҳор руз монда буд. Аз куҷое як трактори «Белорус»-ро гирифта омад, ки дар айни замон ҳам бульдозер буд, хам экскаватори майда. Навъе карда онро беосеб аз дарвоза даровардand ва рондна ба хокандози экскаватораш аз сари девори думетраи мустаҳкам «газида» ҳамагӣ панҷшаш маротиба пасу пеш рафту девори мазбутро пора-пора аз ҳам ҷудо карда, ба тарафи акаи Барака хобонид.

Ана ҳамон вақтҳо намояндаи шекеде омада буд, протокол тартиб доданд. Акаи Баракаро чанд рӯз ба ин суву он сӯ кашола карданд. Аслан ӯ ҳақ буд, лекин агар қабл аз афтонидани девор аз комитети маҳалла, аз идораи хоҷагии коммуналӣ ва дигар, чунон ки мегӯянд, ташкилотҳои дахлдор одам ҷеғ зада, нақшаи топографии ҳавлӣ ва ҷои ҳақиқии девори васатро нишон медод, олам гулистон буд. Аммо ӯ як моддаи қонунро риоя накарда буд ва аз таҷрибаи талх дарьёфт, ки ҳазор карат ҳақ ба ҷониби ту бошад ҳам, на фақат ҳамаи қоидаҳои маълум, балки ҳар як модда ва ҳатто ҳарфи онро бояд бечунучаро ба ҷо оварӣ.

Акаи Барака кашмакаши девори каҷро ба хотир оварда, худ ба худ гуфт, ки он ҷанҷол ба ташвишҳои имруза бешубҳа дахле надорад, чунки ҳамсоя ҳанӯз панҷ сол муқаддам, рӯзҳои тайёрӣ ба туи арӯсии Гулбаҳору Равшан ба наздаш омада, дар ҳузури хешу табор ва ҳаққу ҳамсоя узр хоста буд. Гуфта буд, ки айб аз ӯ гузаштааст. Ҳамсоя ба ҳаққи худо баробар. Акаи Барака одами дилсафед аст, бояд аз кӯтоҳие ки аз ӯ гузаштааст, фаромӯш кунад.

Вай бо хамсоя оштӣ кард. Ҳамсоя чӣ қадаре ки аз дасташ меомад, дар тӯи Равшан хизмат кард. Лекин акаи Барака бо вуҷуди ин ӯро чандон рӯи хуш намедод, илоҷе ёбад аз рафтан ба хонааш, аз ҳамзону нишастан дар маъракаю маросимҳои маҳалла худдорӣ мекард. Зиндагонии дабдабаноки ҳамсоя ба назараш шубҳанок менамуд. Вай дар яке аз дӯконҳои бозори колхозӣ тухми гулу сабзавот мефурӯхт, маошаш аз моҳонаи акаи Барака расман се маротиба камтар буд, аммо карруфарри рӯзгораш аз ӯ сечанд зиёдтар. Ба хаёлаш, аз гӯшаҳои дастархони ин мардак бӯи араки ҷабини сабзавотпарварон ва гулкорон ба машом мерасид.

— Дада!

Дар паҳлӯяш Гулбаҳор рост меистод. Лаҳзае ба назараш чунин намуд, ки ӯ кайҳо боз ин ҷо рост истодааст ва пеш аз ин хам чанд бор «дада!» гуён нидо кардаасту ӯ пай набурдааст.

— Дада, ба шумо, гап дорам.

— Бишин, духтарам,— акаи Барака сафари пагоҳинаро дар троллейбус ба сӯи Яккачинор ва қиёфаи андешаолуди Гулбаҳорро ба ёд оварда илова намуд: — Гапи махфӣ, албатта? Ёфтам, а?

— Ёфтед,— ба аломати тасдиқ сар ҷунбонида, табассуми ғамолуде кард Гулбаҳор. Пас як чизи коғазпечи дар дасташ бударо кушода ба назди падар гузошт.

— Давлат калон-ку,— гуфт акаи Барака дастаи тақрибан панҷхазораи заёми сефоизии бурднок ва дафтарчаи амо-

наткассаро аз назар гузаронида. Қайди охирини дафтарчаи банк ёздаҳ ҳазор сӯм буд.

— Нигоҳ кун, духтарам, фақат даромад қайд шудаасту хароҷот нест,— гуфт падар.— Хайр, чунон ки дар урфият мегӯянд, худо зиёда кунад. Ё... дар таки коса нимкосае ҳаст, а?

Гулбаҳор дарди дилашро гуфт. Равшан дар ҳавлии яке аз ҳамкоронаш устохонаи таъмири автомобиль сохтааст. Устохонаи пинҳонӣ. Дукаса шуда, рӯзе се-чор соатӣ ва рӯзҳои шанбе аз саҳар то бегоҳ кор мекунанд, ҳар кадом моҳе то ҳазор сӯм пул меёбанд. Ҳоҷатмандон зиёданд, шумораи автомобильҳои шахсӣ торафт меафзоянд, миқдори миҷозон низ дар афзоиш аст. Ҷони гап дар ин ки, гуфт Гулбаҳор, соҳиби автомобиль мошинашро ба дару девор ё дарахт, ё симчӯб зада пачақ кунад, устохонаи давлатӣ барои таъмир қабул намекунад. «Аз ГАИ рухсатнома биёр», мегӯяд. ГАИ бошад, агар ходимаш дар ҷои воқеа ҳозир нашуда бошад, протокол тартиб надода бошад, рухсатнома намедиҳад. Равшану ҷӯрааш ба ивази музде мошини пачақро зуд соз карда медиҳанд. Яъне ки ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад. Мошинҳо агар ба ҳам бархӯрда пачақ шаванд, дар ин сурат дасти устоҳои хонагӣ боз баландтар, зеро агар ба маҳалли воқеа намояндаи милиция биояд, кор ҳатман то ба комиссияи ГАИ мерасад, онгоҳ ё ҳар ду тараф, ё яке аз тарафайн ҷазо ҳам мебинанд, ҷарима ҳам медиҳанд. Дар устохонаи давлатӣ барои таъмир нисбатан камтар музд бигиранд ҳам, кор ҳафтаҳо, гоҳо агар қисми зарурӣ дар анборашон набошад, ҳатто моҳҳои дароз кашол шуда, соҳиби мошин аз мошиндориаш безор мешавад...

Акаи Барака, келинаш аз дасти Бахтиёр дошта, ба устохонаи Равшан равона шуданд. Бахтиёр, ки ба ин ҷо, яқин борҳо омадааст, аз хурсандӣ ҷастухезҳо карда, пешопеши бобою модар медавид.

Соҳиби ҳавлӣ ҳам дар хонааш набудааст, дар якшанбегии корхонаашон ба пешвози калоншавандаи идораашон иштирок мекардааст. Зани вай, як ҷавонзани малламӯй ва кабудчашми ҳомила онҳоро аввал аз «чашмак»-и дар хуб муоина карда, саги бадқаҳри худро ба гӯшае бурда баст ва фақат баъди анҷоми ин тадбирҳои эҳтиётӣ дариҷаи мобайни дарвозаи калони дутабақаро кушод.

Устохонаи Равшан ва ҳамкораш, ки Бахтиёр ӯро амаки Федя меномид ва аз меҳрубониҳояшу ҳар рӯз ба ӯ шоколадҳои бомазза доданаш ҳикоят мекард, аз устохонаи ҳақиқӣ тафовуте надошт. Акаи Барака аппаратҳои кафшери электр, асбоби навтарини рангмолӣ, камераи махсуси рангхушкунӣ, домкратҳои гаронбардор, крани чангаку занҷирдори махсусеро барои боло бардоштани қисмҳои вазнини автомобиль як-як аз назар гуза-

ронид. Дар пеши камераи рангхушкунӣ таваққуф карда, аз тарқиши дараш дергоҳе ба дарун нигарист, вале чизеро дида натавонист.

— Дараш гарм,— гуфт ӯ ба қафо, ба келинаш рӯй оварда.

Соҳибаи хона ин гапро шунида, воқеаро шарҳ дод:

— Занги дарро шунида, чароғҳоро ман хомӯш кардам. Ҳозир як дам сабр кунед,— гуфт ҷавонзан ва ба паҳлӯи камераи оҳанин гузашта, мурватеро тоб дод. Даруни камера равшан гардид. Акаи Барака аз роғи дар нигоҳ карда дид, ки аз боло ва паҳлӯҳои мошин тахмин панҷоҳ адад чароғи бузурги ҳазорваттии электр равшанӣ ва ҳарорат дода, ранги тозаи «Жигули»-и норанҷиро хушк мекунанд.

— Қувваи электра аждаҳо барин мехӯрдааст, намояндаи шабакаи электр чизе намегӯяд? — савол дод акаи Барака ба соҳиби ҳавлӣ.

— Устоҳо илоҷашро ёфтаанд,— ба ҷои ӯ ҷавоб дод Гулбаҳор.

Соҳибаи ҳавлӣ акаи Баракаро ба таҳхона дароварда, дастгоҳеро нишон дод, ки он ҷо қисмҳои тунукагини пачақшударо рост мекардаанд. Яъне ки садои тарақко-туруққи болғаҳои резинӣ ва қаноту сарпӯшҳои оҳанин ҳам аз девори ҳавлӣ берун намерафтааст.

Ҷавонзан онҳоро дар айвон нишонида, чою нон овард, бо карамшӯрбо, самбӯсаи бомазаи гӯштин зиёфат кард.

— Бо шавҳаратон дар ин хусус гуфтугӯҳо кардаед, албатта,— пурсид акаи Барака.

— Ҳм «гуфтугӯ»,— заҳрхандае кард ҷавонзан.— Сад бор гуфтам. Як маротиба ману Гулбаҳор, дар ана ҳамин айвон нишаста будем, ба ҳар дуяшон гуфтем, ки бас кунанд, оқибати ин кор вой аст. А, Гуля, гуфта будем, ё не?

Гулбаҳор тасдиқ намуд.

— Як бор ҷанҷоли сахт ҳам шуда буд. Ду моҳ ба хонаи падарам рафтам. Зорию тавалло карда овард, ки дигар намекунам, тамом. Аммо, худатон дидед, боз ҳамон «Чӣ мехонӣ? Порсола».

* * *

Аз тарафи кӯча садое барояд, акаи Барака ва Бибиробиа баробар ба сӯи дарвоза чашм медӯхтанд. Пас аз чанд бор такрор шудани ин ҳол Гулбаҳор гуфт:

— Модар, имшаб писаратон, эҳтимол, ба хона наоянд. Саҳарӣ гуфта будам, ки ҳамаи сирру ниёзашона ба дадом мегӯям.

— Чӣ гуфт? — гӯё як қад парида, дар ҷои нишастааш беқаророна ҷунбид акаи Барака.

— Ҷавоби ҳарвақта: ман аз захмати ҳалол, аз пушти донишу ҳунарам пул меёбам. Ҳоҷати одамонро мебарорам, ки айни савоб аст. Ташкилотҳои давлатӣ хатул бошанд, гуноҳи мошиндорон чист? гуфтанд.

— «Ташкилотҳои ҳатул...» Падарлаънат! Хуш, ту нагуфтӣ, ки мо чаҳор аъзои оила моҳе ҷамъ ҳазору сад сӯм маош мегирем ва фақат нисфаша сарф мекунем. Нагуфтӣ, ки пасандозҳои халоли қонуниамон кифоя мекунад, ба ҳафт пуштамон мерасад?!

— Дадаҷон, ман сад бор гуфтам, ҳазор карат гуфтам,— дар чашмони Гулбаҳор ашк намоён шуд.— Ҳамин сол аз якуми май то рӯзи ғалаба мо арозӣ будем, ана модарам хабар доранд, ба хаёлатон, дар болои усмаю сурма чанчол карда будем?

— Хайр, ҳеҷ воқеа нашудааст холо,— ба суҳбат ҳамроҳ шуд Бибиробиа.— Мегуед, ба оҳистагӣ мефаҳмонед, дигар ин номаъқулия намекунад.

— «Мегуед, ба оҳистагӣ мефаҳмонед...» Ман намегуям,— дар болои курпача нимхез шуда, бо оҳанги сахт гуфт акаи Барака.— Ҳа, ин дафъа, ту мегуӣ. Худат ба оҳистагӣ мефаҳмонӣ. Ту модари ғамхӯр, мунису мушфиқ, аз ин сирр ҳамин қадар вақт бюз хабардор будаӣ, ба ман лом нагуфтаӣ. Худат насиҳат мекунӣ, Бибиҷон, ман тоқати насиҳат надорам. Ба ман бошад, гушхоша бо ана ҳамин дастҳоям канда мепартоям, дастҳои ин қадар ҳунарманду пульёб шудааша зада мешиканам...

Бибиробиа низ оби чашмонашро пок карда, ба хонаи хоб даромада рафт.

* * *

Долони қабати дуввуми идораи милиция пури одам буд, аксарап занон, духтарони қадрас. Ҷавони лоғараки қоматбаланде ки чеҳрааш шинос менамуд, акаи Баракаро дидан замоно ба наздаш омад, таъзимкунон салом дод. Акаи Барака дасти уро фишурда, ҳолпурсӣ намуд, вале ба ёдаш намерасид, ки ин ҷавони хушодобро дар куҷо дидааст.

— Ман Низомҷон, рафиқи ҳаммактаби Равшану келинатон Гулбаҳор,— худро маъруфӣ намуд ӯ.— Як институтро тамом кардаем.

— Ҳа, ҳа,— гуфт акаи Барака,— узр, писарам, акнун ба ёдам расид. Ба ҳавлии мо, ба хаёлам, омада будед...

— Ба ҳашар рафта будам,— хиҷолатмандона сар ҳам кард Низомҷон.— Мех мекӯбам гуфта, тешаро аз болои ҳавоза афтонда будам, қариб ба сари вай... амаки... Петерс зада, ҳамту одами хуба мекушт. Читу он кас?

— Асп барин. Ҷароҳати китфаша мегуед? Худи ҳамон рӯз-

ҳо сиҳат шуда буд. Истед, ки шуморо ҳам ба кабинети чордаҳум даъват кардаанд?

Низомҷон гуфт, ки ҳамаро ба ҳамин кабинет ҷеғ задаанд. Зиёда аз он, аксари ин одамонро рӯзи ҷумъа даъват карда буданд. Ҳама ҳозир шуданд, се-чор соат мунтазир истоданд-истоданду пароканда шуданд. Худи рафиқ Одинаев наомаданд. Ана аз вай дар як сержант баромада гуфт, ки рафиқ Одинаев бо як супориши бисьёр муҳими таъҷилӣ банд ҳастанд. Фармуданд, ки ҳама рӯзи душанбе биоянд. Имрӯз одам боз мӯлтар омадааст. Аммо аз рафиқ Одинаев дарак нест.

— Намедонед, барои чӣ ҷеғ зада бошанд? — пурсид акаи Барака, ки издиҳоми калонро дида, хавотираш хеле пасанда шуда буд.

— Не, амак, ягон ҷонзод намедонад. Ба одамони шаҳрӣ-ку осонтар, лекин ман аз Ҳисор омада меравам.

— Чӣ, аз районҳо ҳам одам даъват кардаанд?

— Не, ман дар Қалъаи Ҳисор кор мекунам. Мадрасаҳоро аз нав барқарор мекунем. Милиция ҷеғ занад, наомада мешудааст?

Долон пур аз овози касон буд, орухона барин ғуввос мезад.

Як мардаки айнакии портфели «дипломат»-дор ба панҷараи зина такья карда, ба се-чор нафар марду зан, ки дар наздаш буданд, бо ҳарорате ваъз мегуфт. Дар идораҳо, мегуфт ӯ миқдори хизматчиёни бепарво, сардмуомила меафзояд. «Ин процесси ногузир мебошад, мегуфт «дипломатдор». Яъне бояд ҳамин тавр шавад. Сонӣ рафта-рафта якбора таркиш ба амал меояд...» Акаи Барака лаҳзае ҳис кард, ки мехоҳад ба ин файласуфи даҳонаш бефаровез наздиктар рафта бипурсад, ки ба кадом асос аз процесси ногузире мелаққад ва кадом таркишро дар назар дорад? Аммо дар ин асно яке аз занҳо ба тақвияти суханони марди айнакӣ латифае гуфт:

Аз бекорхуҷае пурсидаанд:

— Читу зиндагӣ?

— Қори калон,— гуфтааст.— Саропо иборат аз мубориза.

— Хӯш?

— Хӯш ки бошад, то пешин мубориза бо шиками гурусна, баъди пешин мубориза бо хоб.

Садои баланди қаҳқаҳа дар долони шуъба ғулғула афканд.

Зане дар либоси низомии милиция аз қабулгоҳи сардор баромада гуфт:

— Гражданҳо, хоҳиш мекунам дар куҷо буданатонро фаромуш накунед.

— Ваъда медиҳем: як умр фаромӯш намешавад! — гуфт марди портфельдор.

Акаи Барака Низомҷонро ба он сӯи долон, ба наздикии тиреза ҳидоят карда рафту он ҷо қарор гирифта, гуфт:

— Узр, писарам, аз шумо як-ду савол дорам.

— Марҳамат, амакҷон, бо дилу ҷон.

— Чанд пул маош мегиред?

— Ман? Дар шаҳр, дар институти лоиҳакашӣ то саду ҳаштод сӯм мегирифтам. Боз мукофотпулӣ дар ҳар се моҳ. Агар план буд шавад. Лекин плани мо доимо барзиёд иҷро мешавад, чунки сохтмон мӯл, супориш болои супориш. Ғайр аз ин моҳонаи сездаҳум, ина худатон медонед.

— Ягон даромади иловагӣ надоред?

— Не-ку,— бо тааҷҷуб ба рӯи акаи Барака нигоҳ карда гуфт Низомҷон.— Баръакс ду сол шуд, ки дар Қалъаи Ҳисор кор мекунам, маошам нӯҳ сӯм кам шудааст. Боз киропулии автобус аз кисаи худам. Хайр, чӣ илоҷ, муваққатан даҳ-дувоздаҳ сӯм камтар гирем, ҳеҷ воқеа не. Замона тинҷ. Ёдгориҳои таърихӣ, осори санъати меъмории халқамона аз нав обод мекунем. Мардум ташаккур мегӯянд. Ҳар рӯз гурӯҳ-гурӯҳ одамҳо ба пешамон омада, сипосгузорӣ мекунанд. Боз, амак, келинатон духтур. Вай ҳам якунимта маош мегирад. Барои мо басу барзиёд. Кӣ дорем мо? Якта модари ман, якта духтарча. Падару модари келинатон дар колхоз кор мекунанд. Колхозашон бой, ҳамаашон ба худашон тинч, боз ба мо аз меваю сабзавот, гоҳ-гоҳ дар арафаи идҳо ё наврӯз гӯшту равған ҳам роҳӣ мекунанд,— Низомҷон хомӯш шуд, дақиқае ба андеша рафта, баъд пурсид: — Амак, ба чӣ аз маош савол додед?

— Ҳамту, писарам. Баъзан радиои хориҷая гӯш мекунам. Ҳар хел гапҳо мегӯянд. Одамизод-дия, гоҳо ба чизе ки хуб медонад, бо чашми худ мебинад, боз шубҳа мекунад дар дилаш.

Аҳли долон ба ҷунбиш даромад. Капитан Одинаев омаду дари кабинеташро кушод. Марди чорпаҳлуи сиёҳпусти паҳнбиние будааст ӯ. Ё, эҳтимол, аз он сабаб, ки боиси изтироби акаи Барака шуда буд, ба назари ӯ ҳамин хел нозеб намудор гардид вай.

Пас аз дақиқае капитан баромада гуфт, ки ба кабинет дароянд. Одамон якдигарро тела-тела карда даромаданд. Акаи Барака, Низомҷон ва чанд каси дигар то аз он гӯшаи долон омаданд, ки кабинет ва пойгаҳу остонаи он аз одам пур шуд ва онҳо аз дар берун монданд. Капитан гуфт, ки беҳтараш ҳама баргашта ба долон бароянд, мақсадро дар ҳамон ҷо баён мекунад. Мардум ғалоғулакунон боз ба долон баромаданд.

«Одами ҳатӯл будааст, аз хаёлаш гузаронид акаи Барака. Намедонистааст, ки дар кабинеташ чанд кас меғунҷад».

— Ба сухани ман бодиққат гӯш диҳед,— фармуд капитан.—

Ҳар касе ки соли гузашта моҳи июнь дар ательеи либосдӯзии назди дорухонаи Яккачинор, ана ҳо-о дар он ҷо,— ӯ ба сӯи тирезаи охири долон ишорат кард,— либоси занона дӯзонида бошад, даст бардорад:

Як зан ва як мард даст бардоштанд.

— Дигар касе нест? — пурсид капитан.

— Не,— гуфт Низомҷон.— Ман аз он ателье ҳатто хабар надорам то алҳол.

— Ман ҳам,— гуфт мардаки «дипломатдор»,— зану духтари ман ательеи миҷозӣ доранд, ба ин канори шаҳр барои чӣ кашола шуда меомадаанд?

— Ман аз зану духтаратон не, аз худатон савол кардам,— гуфт капитан сахт карда.— Номатон чӣ? Шомуслимов? — ӯ ба коғази дасташ чашм давонида гуфт: — Шомуслимов, ҳа. Дар ҳуҷҷатҳои ателье номи шумо қайд шудааст, имзои шумо ҳаст,— гуфт капитан.— Дар кабинети ман як халта квитанция хобидааст, ки мувофиқи он ҳамаи шумо ба ательеи паҳлӯи дорухона тобистони соли гузашта аз абрешими япон ё атласи намози шом куртаҳои занона фармудаед.

— Аз чӣ? Аз чӣ? — пурсид зане аз байни издиҳом.

— Абрешими япон.

— Ё атласи намози шом, мегӯянд капитан.

Дар издиҳом ғалоғула бархост. Аз ҳар калла як садо мебаромад.

— Хонаҳотон сӯзад!

— Қайҳо оташ афтодагӣ. Набошад, моро ба ин ҷо намеоварданд.

— Ному адреси мана аз куҷо ёфта навишта бошанд?

— Телефон доред?

— Ҳа.

— Аз китоби телефон-дия.

— Ҳа, кафанпулӣ шавад пули ҳароматон! Ту куртаи хушрӯя дар тани одамон дида, лаб лесида мегардӣ, корчаллонҳо ба номи ту ҳуҷҷат пур карда, бӯғча-бӯғча пул мегундоранд.

— Гражданҳо! — боз хитоб кард капитани биникалон.— Диққат кунед, ҳамаатон бояд ҳозир баёнот нависед. Тартибаша гӯш кунед: «Ба сардори Шуъбаи корҳои дохилии назди Совети депутатҳои халқии райони Яккачинор полковник фалонӣ. Аз фалонӣ, истиқоматкунандаи фалон кӯча, фалон хона. Сонӣ аз сари хат менависед: дар ҷавоби саволи инспектори калони шуъбаи муборизаи зидди тороҷи моликияти социалистӣ капитан Одинаев чунин маълум мекунам, ки...» Аввалаш ана ҳамин хел. Баъд менависед, ки дар фалон ателье дар моҳи июни соли гузашта куртаи занона дӯзонидаед ё надӯзонидаед. Дӯзонида бошед, қайд мекунед, ки аз кадом матоъ: абрешими

японӣ ё хонатлас. Вассалом. Қу, марҳамат, ба кабинет даромада, як варақӣ коғаз бигиред.

Ҳангоми аз зина фаромаданаш акаи Барака мехост, ки ба назди сардор даромада, аз болои инспектори аз мардум бепарво, ба мардум беэҳтиром шикоят кунад. Лекин чеҳраи капитани дигари ҳамин шуъба, навбатдори дирӯза — йигити хушмуомила, чолок ва кордон пеши назараш омад, ки ба ӯ бародарона муносибат кард, ҳатто чои гарм рехта дода, таскиномез суханҳо гуфт. Боз андоми он паҳлавон-милиционери шоффбурут акаи Собирҷон ба ёдаш расид, ки рӯзи истироҳаташ зиёда аз меъёр шаш соат хидмат кардааст, чандин муамморо ба хушӣ ҳал кардааст ва бо андаке нозунуз бошад ҳам, аз паи иҷрои супориши тоза бирафт. Бале, чеҳраҳои гарми онон пеши назараш омад, латифаи ним соат қабл аз ин нақл кардаи ҷавонзани шӯх ба ёдаш расиду аз раъяш баргашт. Дар ҳама ҷо аҳвол ҳамин, гуфт ӯ худ ба худ, дар ҳамаи идораҳо, муассисаҳо: як тоифа ҷон коҳонида, ранҷ мебарад, то ки ба обрӯи давлатамон лакнате нарасад, як пораи дигар фақат дар ғами сарвати худ, шӯҳрати худ. Боз як қавме ҳаст, ки ҳилае мекунад, то соати кор тезтар бигзараду рӯзи маош наздиктар бирасад.

Дар ин ҷои андешаҳо устохонаи писараш ба ёд расиду то буни гӯшҳояш суп-сурх шуда рафт, дилаш торик шуд.

Низомҷон ҳанӯз дар болои зина бо ӯ хайрухӯш карду тозон ба кӯча баромад, то ки зудтар худро ба автовокзал бирасонад ва ҳар чӣ тезтар ба ҷои кораш биравад.

* * *

Ҳаво мисли дирӯзу парерӯз гарм.

Куҷо биравад акаи Барака? Ба Робиа хабар додан лозим, то ки осуда шавад. Ғам хӯрда, дилашро обу адо кардагист. Шабона, пеш аз хоб акаи Барака барои як навъ интиқом гирифтан аз занаш бо қиёфаи ҷиддӣ гуфта буд: «Аз эҳтимол дур нест, ки орғанҳо аз корхонаи ғайриқонунии писараш бӯе шамида ва барои ҳамин падарашро даъват карда бошанд». Акаи Барака воқеан аз занаш гиламанд буд, ки аз пулпараст шудани писар хуб огоҳ будаасту як даҳан ба падар ишорае накардааст.

Баъди шунидани фарзияи шавҳар хоб аз фарқи сари Бибиробиа парид. Ончунон оҳувоҳу гирьяву фиғоне бардошт, ки акаи Барака аз карда пушаймон гардида, маҷбур шуд иқрор кунад, ки он гапро ҳамту аз дили худаш бофта гуфт. Бо вуҷуди он занаш таскин намеёфт. Мисли модари марҳумааш зани аз ҳад зиёд соддаи дилсафед аст Бибиҷон.

Рост, аввал ӯро хабар дода, ором кунонидан зарур. Лекин

қабл аз ҳама ташнагиро илоҷе бояд кард. Гарчанде саҳарӣ ба ҷуз буридае нону як пиёла шир чизе нахурдааст, сахт ташнааст. Дар ин гирду пеш дукони обфурӯшӣ нест. Кошкӣ ҳозир як дулча пивои хунук мешуд.

Аз миёни кӯча гузашта, ба ҳавлии рӯбарӯ даромад. Дар ҳар ҳавлӣ албатта дар ягон гӯша мили водопровод ёфт мешавад.

Воқеан, мили водопровод буд. Дар такаш суфачаи охуршакли бетонӣ. Водопроводи озода, аммо барои хам шуда, аз милаш об нӯшидан нобоб. Се-чор қадам онсӯтар ҷавони малламӯи тахмин бистсола дар рӯи харак нишаста, китоб мехонд. Мӯйсараш жулида, дар танаш либоси сабуки варзишгарон. Вай аз китоб сар бардошта, ба одами ношинос кунҷковона нигарист, ки ин мардак чӣ мехоста бошад. Чун дид, ки рост ба назди об меояд, боз сар ба саҳифаи китоб хам намуд.

Акаи Барака обро кушод, ҷараёни сарди он шарросзанон ба рӯи суфача мерехту ба атроф пош мехӯрд, ба кафши ӯ, зонуҳои шими ӯ мерасид. Ҷараёнро камтар кунад ҳам, чарақсаи об кам нашуд.

— Амак, об нӯшиданиед? — садо баровард ҷавони китобхон, ки номаълум аз ҷо бархоста, ба паҳлӯи акаи Барака омада буд.

Акаи Барака бо ишораи сар ва лабханди сабук «ҳа» гуфт.

— Як дақиқа сабр кунед,— гуфт ҷавон ва тозон ба даромадгоҳ ворид шуда, гурс-гурскунон ҷаҳида, ду-се пояи зинаро яктакунон боло рафт.

— Ташаккур, писар,— акаи Барака аз об сер шуда, пиёлаи калони дастадорро ба соҳибаш баргардонид ва лаҳзае ба чашмони мешӣ, нигоҳи софу беғаши онҳо чашм дӯхта истод.

— Ҷеғ зада буданд? — ҳамдардона пурсид ҷавон бо сараш ба он тарафи кӯча — ба идораи милиция имо карда.

— Ҳа,— гуфт акаи Барака. Боз як бор табассум кард. Боз як бор минатдорӣ изҳор намуд ва аз он ҳавлӣ баромад.

Таксии холиро дошта, фармуд, ки ба сӯи заводи нон ҳай кунад. Дар цехи Робиа телефон ҳаст, аммо дар вақти кор шариконаш, ноумед нашаванд илоҳо, ҷеғ намезананд. Ба дари завод биравад, ба воситаи телефони дохилии завод гапзанон кардан осонтар.

— Хайр, чӣ гап будааст, охир? Чаро ҷеғ задааст? Мақсаде ҳаст ё не? — саволборон мекард занаш.

— Гуфтам-ку: хотирҷамъӣ. Саҳв шудааст. Ба хона ой, мегӯям.

— Чӣ хел саҳв? Ҳозир гӯед...

— Саҳв не, тӯҳмат барин як кори мӯҳмал.

— Тӯҳмат? Ё алҳазар! Сабр кунед, ман ҳозир ба таки дарвоза мебароям.

— Бибичон, лозим не, бегоҳӣ дар хона нақл мекунам. Омадам ки хотиратро ҷамъ кунонам. Бас нест ҳамин қадараш?— сахттар карда гуфт акаи Барака.

— Не, бас не, гӯед, ҷанҷол дар болои чӣ? — исрор мекард Робиа дар он сӯи сими телефон.

«Оҳ, зан-мардум аз кунҷковиаш намемондааст-дия!» бо зарда аз дил гузаронид акаи Барака ва ба гӯшаки телефон гуфт:

— Ҷанҷол нест, Бибиҷон, фаҳмидӣ? Будаасту тамом шудааст, фаҳмидӣ, тамом? Ҳама гап дар болои кадом як абрешими япон будааст, аммо ба ману ту дахл надоштааст. Хайр, ман рафтам, гуфт акаи Барака ва саросема гӯшакро ба ҷояш овехту аз қаровулхонаи завод баромад.

— Акнун ба куҷо? — пурсид ронандаи таксӣ.

— Заводи цемент.

Акаи Барака ҳис мекард, ки сараш хеле гаранг ва гарон аст. Дар курсии қафои мошин менишасту ба кӯчаҳо, иморатҳои пасту баланди шаҳр парешонҳолона назар меафканд ва ҳамаи онҳо ба чашмаш ҷузъиёти мавзеи ношинос барин менамуданд. «Ҷанҷоли абрешими япон будааст. Ба ману ту дахле надоштааст, гуфтам ба Робиа. Чаро дахл надоштааст? Дахл надошта бошад, чаро ду рӯз боз рӯзгори ман тира буд, айши ман талх?» Инро андеша карду ногоҳ нияте дар дилаш пайдо шуд ва оҳиста ба китфи ронанда даст расонида гуфт:

— Мебахшед, додар, илтимос, ба қафо гардед, ба Яккачинор рафтан лозим.

Акаи Барака ба ҳамон ателье омад, ки нохушии ба сараш афтода аз ҳамон ҷо сар зада буд. Ба кабинети сардор даромад. Мудира, зани лоғарандоми беморнамое ӯро ба толори васеъ бароварда, ҷевонҳои рӯяш шишабандии се тарафи толорро нишон дода, гуфт, ки марҳамат, намунаи матоъҳо ин ҷо гузошта шудаанд. Дилхоҳатонро интихоб кунеду ба устои бурранда фармоед, дӯзонда медиҳад.

— Мебахшед, хоҳарам,— гуфт акаи Барака.— Ман матоъҳоя ин қадар нағз намешиносам. Дар миёни инҳо абрешими япон ҳаст ё не?

Мудира бо писханде сарашро бо аломати инкор ҷунбонид.

— Намешавад? — пурсид акаи Барака.

— Чаро намешудаст? Мешавад, аммо кам: соле як бор, ду бор.

— Агар ҳамин абрешим бисьёр зарур шуда монад, аз куҷо ёфт мешавад?

— Гражданин,— бо қиёфаи маҳзунона ва оҳанги ранҷишомез гуфт мудира.— Ман дар ин ҷо коргари нав, намедонам, бовар кунед,— баъд ба чеҳраи ошуфтаи акаи Барака зеҳн монда, каме мулоим шуд: — Ба мо молро аз анбори иттиҳодия

медиҳанд. Ҳамаи ательеҳои шаҳр ба як иттиҳодия нигоҳ мекунанд. Идорааш дар рубаруи бозори Шоҳмансур. Агар ошно дошта бошед, аз ҳамон ҷо меёбед.

— Ошно дошта бошам...— маъюсона такрор намуд акаи Барака ва хайрухуш карда, ба кӯча баромад.

— Акнун ба куҷо?— моторро ба кор андохта, ба акаи Барака руй овард ронандаи таксӣ.

Акаи Барака фикр мекард, ки ҳар чӣ бодо бод гӯён ба идораи иттиҳодия биравад ё не? Пас аз ҳамин қадар беҳуда изтироб кашиданҳо агар ақаллан барои зан ва келинаш ду пора аз он абрешими зормондаи япон дарьёфт карда, курта медӯзонид, он қадар ҳам ин моҷаро алам намекард.

Ронанда рӯ ба пас гардонда, ба андоми акаи Барака бо ҳайрат чашм дӯхта буд. Вай чунин мусофирро кайҳо боз надида буд, ки ба куҷо рафтани худро яқин надонад ва аз роҳ баргаштаю дам ба дам ба хаёл ғута зада, одами сари калобаашро гумкарда барин инсӯву онсӯ таваккалкунон мошин давонад.

Акаи Барака таксиро дар пеши идораи иттиҳодия ҷавоб дода, ба ошьёнаи дуввуми он идора баромад. Лавҳаҳоро хонда ва араки сару гарданашро бо рӯймолча пок карда, ба қабулгоҳи директор даромад.

— Директор нестанд,— гуфт котиба.— Ба вазорат рафтагӣ.— Ва ба соати деворӣ назар афканда илова намуд: — Танаффуси нимрӯзӣ наздик расидааст. Акнун баъди пешин мешаванд.— Ва ҳангоми аз дар баромадани акаи Барака боз савол дод: — Мебахшед, шумо аз кадом идора.

— Ман аз идора не. Ҳамту худам омадам,— гуфту берун баромад ва дар долон дақиқае фикр карда истоду баргашта, ба қабулгоҳ ворид шуд ва ба котиба гуфт: — Ман, духтари ширин, дар заводи худам цемент мепазам. Устои цементпаз.

Котиба ба руи акаи Барака, ба сару либоси оддиёнаи ӯ бо тааҷҷуб нигоҳ дӯхта буд.

Акаи Барака ба бозори Шоҳмансур даромад. Дар яке аз ошхонаҳои он ҷо сихкабоби гӯшти мурғобӣ хӯрд. Ду сол боз дар ошхонаҳо аз гӯшти мурғобӣ сихкабоб мепухтанд, лекин ӯ ягон бор мазаи онро начашида буд. «Мурғкабоб — ғапи дигар,— мегуфт дар дилаш аз паҳлӯи қӯраҳои дудолуди кабобпазон бепарво гузаштаравон.— Аммо кабоби мурғобӣ, ба хаёлам, мисли он аст, ки... Мисли чист? — ба худ савол медод акаи Барака.— Ҳа, мисли он аст, ки аз орди арзан кулчаи қандин пазед...

Аммо ӯ саҳв карда буд. Мурғобикабоб ҳам бомаза мешудааст. Хусусан агар пивои хунук-катӣ саросема нашуда, бафурсат тановул кунед. Ҳа, акаи Барака аз буфети ошхона ду дулча пивои хунук ҳам гирифт. Лозим нест дигар ба назди ода-

мони ношинос даромада, ранги рухсор зард кардан, қарор дод ба худ вай.

Ба кӯчаи Ленин баромаду дар истгоҳи автобус ба ёдаш расид, ки вақте ки аз шекеде баромада, дар ҳавлии рӯбаруи он об менӯшид, вақте ки ба чашмони аҷоиби ҷавони варзишгар менигарист, дар дилаш аҳд карда буд, ки ба корхонаи писараш меравад. Ба заводи худаш биравад, аз дусар Петерс уро баргашта ба хонааш мефиристад, ки бирав, истироҳат кун. Акаи Барака мехост бо сардорони корхонаи Равшан шинос шавад ва агар имконият даст диҳад, ба тафсилтар сӯҳбат кунад, бифаҳмад, ки оё онҳо медонанд, ки коргарон, инженеронашон берун аз корхона, фориғ аз адои вазифаи давлатӣ бо чӣ гуна корҳо машғуланд?

Афсус, ки нияти худро аз ёд баровარда, дар бозор пиво нӯшида буд. Акнун ба назди одамони ношинос рафта наметавонад.

Мусофирони ҷавонтар ба ӯ ҷой доданд, вале ӯ ташаккур гуфта, ҳамчунон рост меистод. Дар ҳавои гарм, дар салони тафсони автобус рост истодан авлотар аст.

Ба чеҳраҳои мусофирон, ба иморатҳои ба қафо давида гузарандаи кӯча парешонхотирона менигаристу ба худ андеша мекард, ки гардишгоҳҳои рӯзгор воқеан ногаҳонианд. Печутобҳои роҳи муқаррариро дидан осонтар аст: чашмат аз биниш намонда бошад, ё худат қаблан мебинӣ, ё идораи роҳ бо ишорату аломатҳои махсусаш туро аз онҳо пешакӣ огоҳ мекунад.

Ду рӯз муқаддам ӯ бо ҳамин автобус ба тарафи заводаш мерафт ва ҳеҷ гумон надошт, ки дар дуньё абрешими япон ҳаст ва он моли ноёб аст, дар фалон гӯшаи Яккачинор устохонаи либосдӯзӣ вуҷуд дораду ҳануз чаҳордаҳ моҳ пеш аз ин ходимони он бо як ҳаракати қалам номи акаи Баракаро ба ҳуҷҷатҳои қалбакӣ даровარда, дар онҳо воҳид шарики ҷинояти худ кардан мехостаанд.

Равшан ҳам баҷо. Абрешими япон, моли асили ноёб ва як дараҷа асроромез барин. Бе абрешими япон-ку рӯзи кас мегузарад, аммо «писарам баодоб, хушзеҳн, бағайрат, шароб намехӯрад, кораш пешрав» гуфта, аз дили вай ноогоҳ монданаш ғалат шудааст. То худ зиндаӣ бояд ҳолдони пайванди худ бошӣ. Аз пайкари худ ҳар рӯзу ҳар соат воқиф набошӣ, ба чангу чирк меолоӣ, мӯи сар ва нохун барин растаниҳои нодаркор сабзида, аз ҳадди бардошт мегузаранд ва ба узвҳои даркорӣ халал мерасонанд. Магар маънои пайванд дар ҳамин нест, ки барои ҳар як узви он то рамаке дар тан дорӣ, ҷавобгар ҳастӣ?..

Бо Пэт маслиҳат бояд кард. Вай доно. Хусусан дар ҳамин гуна масъалаҳои нозуки иҷтимоӣ. Фаҳмаш ба ҳама тарафҳояш мерасад.

Петерс дасти ӯро сахт фишурда вохӯрӣ намуд. Пас аз нақли мухтасари акаи Барака дубора ӯро ба оғуш кашид.

— Чаро омадӣ? — пурсид ӯ.

— Зиқ шудам,— гуфт акаи Барака ва айнаки сиёҳро ба даст гирифта, назди печь рафт. Аз паси он[illegible]и тираи айнак ба қаъри дег нигарист.

Фаввораи оташ меғуррид ва бо гулдуроси даврзании деги азим ва шақарроси гулулаҳои цемент ва занҷираҳои даруни печь якҷоя шуда, садои боҳашамати обшори бузурги афсонавиро ёдовар мешуд. Ё худ гумбуроси юриши қатори тӯлонии танкҳои вазнинро дар қаъри ягон дараи танг ё андаруни туннели нимторики синаи кӯҳсор...

Акаи Барака худ ба худ қаноатмандона табассум намуда, арақи дар ҷабинаш пайдошударо пок карда, чанд қадам ба қафо, ба наздиктари мизи устоҳо омад. Баргашта ба печь нигаристу аз дил гузаронид, ки воқеан дуруст мегӯянд, ки деги цементпазӣ ба мушакҳои баллистикӣ мемонад. Фақат ҳамин қадар тафовут, ки оташ на ба ин сӯ, балки ба он сӯ, ба саргаҳи дег, ба истиқболи лои хом меравад, то ки онро то дами расида омаданаш ба ин канора бо забонаҳояш печонида, обутоб дода ва пазонида, ба гулулаҳои санги эъҷозкор — ба ҷавҳари васлгари иншоотҳо, роҳҳо, пулҳо, иморатҳо, метавон гуфт ба ҷавҳари пайвандгари шаҳрҳо, кишварҳо мубаддал созад.

Петерс ба пешаш омад.

— Ба Равшан гуфта будӣ, ки ба ман кор дорӣ. Дина ним рӯз дар кӯчаҳо ҳамроҳ гаштем, чизе нагуфтӣ.

— Ҷои гап набуд,— Петерс лаҳзае аз бозуи дӯсташ дошта, нарм бифушурд ва гуфт: — Шанбеи оянда Сабина меравад. Худат, медонӣ, ба ҷои фарзанд буд моро,— овози Петерс ларзид, ӯ туфашро фурӯ дода, сарашро афшонид ва гӯё бо ин ҳаракат инони дили ба риққат омадаашро аз нав ба даст гирифт.

— Кӣ медонад, дида ба дидор мерасад ё не. РФГ...— Оҳе кашида, боз дақиқае хомӯш монд.— Хулоса, ману Эльза қарор додем, ки ҳамакаса дар аэропорт гусел кунем. Ман гуфтаниям, ки зану бачаҳоят ҳам бароянд.

— Ба ҷону дил, Пэт, албатта мебароем.— Акаи Барака напурсид, ки чаро маросими гуселро ин тавр серодам кардаанист? Аз ин ҳангома ғараз чист? Оё баръаксаш дуруст нест, домоди зотан шумбашараи ногаҳон тағодор ва соҳибдавлат шударо оё сардакак гуселонидан ба мантиқи воқеа ва табиати Пэт наздиктар нест?

То ба ин қарор омадан зану шавҳар бешак маслиҳат кардаанд, ба худ гуфт акаи Барака. Ё шояд ин нукта ба ягон ҷиҳати

табиати миллиашон робита дошта бошад, ки барои вай номафҳум мондааст.

— Албатта мебароем,— такрор гуфт акаи Барака.— Лекин аз ту илтимос: имрӯз аз кор баромада, рост ба хона меой.

— Яъне Эльзаро нагирам?

— Чаро намегирӣ? Бигир. Бо занҳо чақ-чақ карда мешинад. Ману ту бо Равшан суҳбат мекунем.

— Ягон воқеа шудааст?

— Ҳоло не. Ба ҳар ҳол, ба хориҷа рафтанӣ нест, аммо ба назарам як гӯшаи хаёлаш ба ҳавои ҳамон тарафҳо гирифтор шудааст.

— Наход? Аҷиб... Ба оилаҳои осудаи мо чӣ шуд? Равшантар гап намезанӣ?

— Биё, мефаҳмӣ,— гуфт акаи Барака ва чанд қадам ба сӯи баромадгоҳ ниҳода, бозистоду аз рафиқаш пурсид: — Пэт, аз гӯшти мурғобӣ сихкабоб хӯрдаӣ?

— Не,— хандид Петерс.

— Имрӯз мехӯрӣ,— низ хандида гуфт акаи Барака ва дигар ба пасаш нанигариста, аз цех баромад.

*с. 1982*

## ШАБИ САВВУМ

### 1

Наққош оринҷашро ба миз такья дода, ғарқи андеша ба тиреза чашм дӯхта буд. Дар кӯча барфи реза меборид. Бод зарраҳои онро бозӣ дошта, ба чапу рост меафканд, чарх мезанонид, ба шишаҳои тиреза оварда мечаспонид ва боз рӯфтаву афшонида ба поён мебурд.

Ҳаво торик мешуд. Дар бинои рӯ ба рӯ, дар шӯъбаи ҷарроҳӣ кайҳо чароғ афрӯхтаанд.

Ин шаби саввуми дарози зимистон аст, ки духтур Суръат Наққош дар ҳамин ҷо, дар шӯъбаи касалиҳои асаб рӯз мекунад. Ба хотири табобати як зан — модари се кӯдаки хурдсол, ки ба дарди гароне гирифтор шудааст.

Мардум ба шахсоне, ки савдои худкушӣ ба сарашон афтодааст, одатан бо назари холӣ аз эҳтиром менигаранд, ҳатто метавон гуфт, аз ин гуна касон дар дил як андоза кароҳат ҳис мекунанд. Лекин духтурон, хусусан табибони бемориҳои асаб ин тавр нестанд. Барои онҳо шахси ба васвасаи худкушӣ афтода мусибатзадаест, ки бештар аз ҳама сазовори марҳамат аст. Наққош ҳам дар саргузашти он зан, дар ваҷҳи пайдоиш

ва ҷараёни бемории ӯ нуктаеро медид, ки диққати ӯро сахт ҷалб карда буд.

— Камтар назди шумо нишинам.

Наққош ба гӯяндаи ин суханҳо, бемори жӯлидамӯи баландболое, ки дар қафояш рост меистод, рӯй оварда, ба ӯ аз курсӣ ҷой нишон дод:

— Марҳамат, нишинед.

Аз беморони нозук аст ин жӯлидамӯй. Ба ӯ дигар хел муомила карда намешавад, дар суханаш аз илтимос дида, оҳанги ҳукм бештар садо медиҳад. Агар мабодо бигӯед, ки «Не, бемор, вақти чақ-чақу мусоҳиба гузаштааст, ба палата рафта, ором бихобед...»— тамом, пӯстинро чаппа мепӯшад. Хайр бигузор, ки билаққад. Хусусан, ки суҳбаташ дилгиру дилбазан нест, ҳарчанд аз ҳузн ҳам тиҳӣ нест. Баръакс як дараҷа мароқангез. Пагоҳӣ, масалан, бо ҳам рӯ ба рӯ омада, саломуалек кардан замоно сари роҳи Наққошро гирифта, ба гап даромад:

— Хоҳишмандам, дар ёд дошта бошед, духтур: ҷонваре, ки аз ҳамаи ҷондорон баландтар, хӯ-ӯш, дар кӯҳҳои баландиаш ҳафтуним ҳазор метр зиндагонӣ карда метавонад, анкабут аст. Хӯ-ӯш, анкабут. Мурғ бошад, фақат ба чаҳору ним ҳазор метр баландӣ метавонад истиқомат кунад. Мурғ гуфта, хӯ-ӯш, ҳамаи паррандаҳоро мегӯям.

Наққош ба аломати тасдиқ сар ҷунбонида, оромона гуфт:

— Раҳмат, ба хотир мегирам.

— Аммо каждум умри дароз мебинад,— боз гуфт бемор аз остини яктаҳи духтур дошта.— Сахтҷонтарини ҷонварҳост. Дар ҳолате, ки, хӯ-ӯш, аз шашсад рентген радиация одам мемурад, каждум дар Саҳрои Кабир аз ҳаштод ҳазор рентген осебе надид. Ҳаштод ҳазор! Он ҷо як вақтҳо Франция бомбаи атомиашро месанҷид. Боре шиддати радиация, хӯ-ӯш, ба яксаду панҷоҳу чор ҳазор рентген расид. Каждум боз зинда монд. Мулоҳиза кунед, духтур, каждум зинда монд!..

Наққош баъд сӯи институт роҳравон фикр мекард, ки чаро ин мардак маҳз ҳамин ду ҷонвари нафратангезро мисол оввард? Сонӣ аз таҷрибаи дувоздаҳсолаи кораш мисолҳо ба ёд оварда, худ ба худ табассум кард.

Ҳоло хотири духтур андак мушавваш аст. Аз ишораҳои нимғурмаи ҳамкорон пай бурд, ки мудири шӯъба имрӯз ҳам дар маҷлиси мухтасари назди сардухтур аз кордории ӯ шиква кардааст «Суръат Наққош шабҳо дар клиника монда, ҳамаро бесаранҷом мекунад. Шогирдону ёрдамчиёнаш бисьёр равуо, даробаро карда, режимро халалдор мекунанд...».

Тавба, равуои онҳо ба режими дардмандон чӣ тавр халал мерасонидааст? Ҳариф айб наёбад, думи кучукат каҷ мегуфтааст. Ҳамаи ин аз нотавонбинӣ. Наққош ҳар моҳ як-ду касали

ғайриоддӣ, ба истилоҳи худашон, касали аз ҷиҳати ташхис мураккабро муолиҷа карда, ба ҳаёти муътадил бармегардонад. Барои ин, чунон ки ҳоло бо ин зани бемор мекунад, назорати доимӣ ҷорӣ кардан, шабҳои бехобӣ кашидан, тадқиқоти гуногун гузаронидан лозим меояд. Ин ба замми дардмандони муқаррарӣ, ки ба касалиҳои «маъмул» гирифтор шудаанд.

Духтурони ҷавон, ҳамшира ва санитарҳо натиҷаи кори ӯро бо мудири худ, ки дар айни замон ба муолиҷаи аҳли як палатаи чаҳоркаса мутасаддист, муқоиса мекунанд. Натиҷаи ана ҳамин муқоиса ба фоидаи мудири муҳтарам нест.

Хайр, охир, дасти ӯро кӣ доштааст? Бигузор тадқиқот гузаронад, шабҳо биояду хобашро ҳаром кунад, шогирдону ёрдамчиёнашро аз пасаш кашола карда гардад.

Не, эшонро фақат ба гап монанд. Суханҳои пуртантанаи тумтароқ.

— Олами асаб, ҳамкасбони арҷманд, олами ба назар ноаёни пурасрорест. Бале, вай то имрӯз саросар пур аз асрори кашфношуда аст.

Савобталабе ёфт шуда намегӯяд, ки пас асрорро бояд кашф кард, на ин ки субҳу шом оид ба зарурати кашфи он манаҳ занаид.

Ин ҷавони ҷулидамӯй аз беморони мудир аст. Пешонии фароҳ, бинии рост теғадор, мӯи дарози каме маллатоби то ба сари китф фаромада ва ҳаракатҳои ботамкинаш ба замми киёфаи мутафаккирона ӯро ба файласуфҳои дуньёи қадим монанд мекунанд.

Наққош ба таърихи бемории ӯ як назар афканда буд. Мудири муҳтарам «савдои шаҳомат» навишта мондааст. Яъне аз ҳамон қабиле, ки худро подшоҳи Бобулистон ё худ Жолио-Кюри ё лётчики кайҳоннаворд меноманд. Вале касали ӯ тамоман дигар аст. Ба гапаш диққат кунед, аппарати ҳофизааш саҳеҳ кор мекунад. Ҳар чизе ки ӯ мегӯяд, рост аст, фактест, ки дар ҳаёт ва илм собит шудааст. Нутқаш ҳам аз ҷиҳати сарфу наҳв илате надорад.

— Духтур, ба шумо як-ду чиз бигӯям,— ба гап даромад мардак пас аз он ки дақиқае ба нохунҳои дасташ чашм дӯхта нишаст.

— Қошкӣ! — ризояти худро як қадар муболиғаомез изҳор дошт Наққош.

— Панҷсад сол пеш аз ин дар Аврупо пойафзоли нукдароз мепӯшидаанд. Сохташ, ху-уш, мисли мӯкиҳои қадимаи худамон. Лекин нуки кафши баъзеҳо то ба ҳафтод-ҳаштод сантиметр мерасидааст. Мансаб ва мақоми кас ҳар қадар баланд бошад, ху-уш, нуки кафшаш ҳамон қадар дароз мешудааст.

— Чунон ки пештар дар кишвари худамон баъзе зотҳо бу-

зургии салларо ба дараҷаи эътибор ва фазилати соҳибаш алоқаманд медонистаанд...

— Намедонам, духтур, салларо намедонам,— эътироз кард бемор.— Лекин, ху-уш, донистани табиб шарт аст, ки дар дунёе кӣ аз ҳама бисьёртар бо дасташ роҳ гаштааст. Яъне, ху-уш, подарҳавою даст бар замин. Ин шахс Иоҳанн Ойслингер аст. Аз Австрия. Соли 1900-ум вай дар зарфи панҷоҳу панҷ рӯз, ху-уш, ҳар рӯз даҳсоатӣ аз Вена то Париж як ҳазору ҷаҳорсаду як километр роҳ тай кардааст.

Наққош чун пай бурда буд, ки аз худ чизе илова намояд, ба мусоҳиб хуш намеояд, бо мақсади қувват додани рағбати ӯ савол дод:

— Дар ҳафтод соли охир натиҷаи беҳтаре ба даст наомадааст?

— Не. Рекорд ҳануз ҳамон — ҳазору чаҳорсаду як километр.

Боз дақиқае ҳар ду хомуш монданд.

— Акнун як-ду мисол аз тарзи саломуалек,— бо ваҷоҳати воизе ба гапаш давом намуд ҷавон.— Аҷибтарин тарзи саломуалекро, х-уш, дар байни халқҳои Африка мебинем. Тоифаи Тумбве, ху-уш, барои салом ба зону нишаста, аз замин мушти хок мегирад ва ба синаву бозувонаш мепошад. Фарзандони қабилаи Қамба ба аломати эҳтиром, ху-уш, ба рӯи ошнои пазмоншудаашон туф мекунанд. Хайр, духтур, саломат бошед, ягон чиз пурсидан лозим шавад, шарм надоред. Мо азони худӣ.

У калон-калон қадам партофта, дар хамгашти долон нопадид гардид.

## 2

Духтур ба худ аҳд кард, ки то омадани ёрдамчиёнаш ҳамин ҷо нишинад, лекин аз воқеаҳои ногувор дигар фикр накунад.

Хуб, чӣ воқеаи гуворо шуд имрӯз?

«Запорожец»-и кӯҳнаашонро саҳарӣ дар як соат дуруст карда, ба занаш супорид. Лекин бо ҳамин шарт, ки то барфи таки пой об нашавад, Хосиятхон мошин паронад. У розӣ шуд.

Мошинсавории Хосиятхон — дар оила мавзуи мунозираи ҳаррӯза. Вай ҳамин ки ба сари руль нишаст, ҳама гапа қоидаҳои маҳдудкунандаи суръатро аз ёд мебарад. Ҳафтае нест, ки ягон инспектори ГАИ уро аз роҳ дошта, барои аз ҳад гузаронидани суръат ё риоя накардани ину он қоидаи ҳаракат ҷарима андохтанӣ нашавад. Аммо Хосиятхон бо як ширинзабонии моткунандае инспекторро гоҳ акаҷону додари ҷон, гоҳе рафиқи азизу меҳрубон хонда, ба ҷои ҳуҷҷати ронандагӣ шаҳодатномаи духтурии худро нишон медиҳад ва мегуяд, ки ана инспекто-

ри муҳтарам худаш бихонад, Хосият Наққош ҷарроҳи фалон табобатхона аст ва уро фалон хел бемори вазнин дар руи мизи ҷарроҳӣ ҳар лаҳза нигарон аст ва боиси андаке (фақат андаке!) шитоб кардани у маҳз дар ҳамин вазъият аст ва ғайра ва ҳоказо.

Инак, «Запорожец»-и нимшалаҷи онҳо боз кучаҳоро аз ғурросу ҳуштаку тақарроси гушхарош ва дуди фаровон пур карда, пеш метозад.

Якҷоя бошанд, Наққош ба сифати мусофир ба мошинашон савор намешавад.

— Қасдан даст мекашед?

— Не, азизам, мехоҳам пиёда камтар сайр кунам.

— «Сайр кунам...» Шумо ба занҳое, ки техникаро аз бар карданианд, бойкот эълон мекунед. Ана мақсади шумо.

— Бойкот-мойкот не, азизам. Вазифаи таъмиргари «Чайка»-атон маро кифоя.

— Руйрост гуед, ки метарсам.

Наққош занашро оташин кардан нахоста, хомуш мемонад.

— Пас шарм медоред, ор мекунед. Лекин оё медонед, ки аз чӣ ор мекунед? Аз фардои ҳаёт! Фардо куча ва роҳҳои мамлакат ба ҳукми суръатҳои баланд хоҳад буд. Пас мошинронии ман таҷассуми прогресс, аз нахустин нишонаҳои истиқболи нақлиёт аст.

— Ҳай-ҳай, Хосиятҷон, хоксорӣ чӣ гуноҳ дошт? Ба меъёраш, ба хаёлам, ҳануз ба касе зарар наовардааст...

Наққош пешинӣ ба хона телефон карда, аз хушдоманаш фаҳмид, ки Хосиятҳон бо вуҷуди аҳду паймон ва ваъдаю воиз ба кораш мошинсавор рафтааст.

Хуш, боз чӣ воқеа руй дода буд?

Ҳа, ходими шуъбаи илму маданияти рузнома бо телефон хабар дод, ки фардо ба наздаш меояд. Барои мусоҳиба дар мавзуи роҳу тадбирҳои нави табобати беморин асаб.

Дуньёи ғалатӣ. Мудири муҳтарам сояи уро аз девор метарошад, дар ҷамъомаду маъракаҳо (дар ғайбаш, албатта) ба бадном карданаш мекушад. Гуруҳи дигаре услуби кори уро на фақат худ меписанданду байни худҳошон таърифу тавсиф мекунанд, балки мехоҳанд, ки дар матбуот низ шуҳрат пайдо кунад.

«Чӣ боис шуд, ки ин касбро интихоб кардед?»

Модоме ки бо ходими матбуот суҳбат мешуда бошад, аз ин саволи анъанавӣ гузир нест.

Одатан мутахассисон дар ҷавоби чунин савол фавран қиёфаи ҷиддӣ гирифта, ба андеша мераванд, пас бо тамкин ва таҳаммул ба нақл шуруъ мекунанд. Яъне бо ваҷоҳати худ низ таъкид мекунанд, ки ин масъаларо дар айёми интихоби касб

ҳам аз муҳимтарин муаммоҳои ҳаёти худ медонистанд, ҳоло низ дар чунин ақидаанд.

Наққош бошад, ҳар дафъае ки аз ӯ чӣ гуна маҳз психиатр шуданашро мепурсанд, беихтиёр механдад. Чунки он нуқтаи оғоз, он нахустин воқеае ки боиси мароқи ӯ ба илми асаб гашта буд, худаш як ҳодисаи ғалатист.

Наққош ва Хосиятхон ҳануз дар курси саввум хонадор шуда буданд ва ҳамроҳи модари Хосиятхон дар як квартира зиндагонӣ мекарданд.

Воқеан, назар ба дигарон бармаҳалтар оиладор шудани онҳо аз мавзуъҳои доимии ҳазлу мутоибаи шарикдарсон буд.

— Қори имрӯзаро ба фардо магузор,— гуфтаанд хирадмандон.— Хосиятхону Суръатҷон таҷассуми хираданд,— мегуфт яке аз ҳамдарсон.

— Рост,— тасдиқ мекард дигаре.— То хатми таҳсил сабр кардани инҳо зарур буд? Ҳаргиз. Рафту, худо накарда, ягон сайёраи дури осмонӣ аз хатти мадораш баромада омада, шарақкӣ ба Замини мо бархурд?

— Ё рафту қонун баромад, ки синнатон аз бист, ки гузашт, дигар никоҳ мумкин нест? — киноя мекард саввумӣ.

Зану шавҳари ҷавон низ паст намеомаданд.

— Медонед, ҷавони муҷаррад ба чӣ мемонад? — савол медод Хосиятхон.— Ба билети лотерея, ки чӣ шуданашро худо медонад. Аммо йигити оиладор мисли пасандозест, ки ба кассаи амонатӣ супурдаед.

— Ё монанди «заёми тилло», ки бо умеде харида, бардошта мегардед — мегардеду охир ба чанд тин зарараш мефурӯшед,— мегуфт дар ҷавоб касе аз рафиқон ва ҳама баробар механдиданд.

— Сабр кунед,— ба суҳбат ҳамроҳ мешуд худи Наққош.— Бармаҳал хонадор шудан боз як бартарӣ дорад. Шумо бисьёр одамонро мешиносед, ки ду ё ҳатто се карат Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ ё Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ шудаанд. Аммо ду карат қаҳрамонмодарро надидаед.

— Бас, бас! — даҳони шавҳарашро бо кафи даст пӯшида, бо хашми нозолуд мегуфт Хосиятхон.— Гоҷигарӣ ҳам эбашкатӣ.

...Ҳамон рӯз, мисли имрӯза, аз осмони пасти тирафом барфи реза меборид. Наққош ҳамроҳи зан ва хушдоманаш шом хӯрд ва саросема нашуда, ба либоспӯшӣ даромад. Ӯ рӯзҳо мехонду ҳафтае се шаб барои таъмини маишат дар табобатхонаҳо вазифаи «додари шафқат»-ро ба ҷо меовард.

Ҳануз аз хона набаромада, ба худ тасаввур мекард, ки то ҷон кор рӯй-рӯи пайраҳаи нарми сафед, миёни шӯришу ғалаёни зарраҳои барф кайф карда, пиёда хоҳад рафт. Қас фақат

дар ҳамин гуна ҳавои тозаю махмуркунанда баръало ҳис мекунад, ки дар сандуқи сина шуш дорад ва ҳавои софе, ки ворид мешавад, то ба дуртарин гӯшаҳои он давида рафта, ба ҷони кас ҳаловат мебахшад. Наққош ҳанӯз берун набаромада, қарор дода буд, ки то ба табобатхона расидан ягон бор китфу остин ё телпаку гиребон наафшонад. Бигузор болои китфу тори сараш барф курпа шавад!

Аз саёҳатиояндааш қаблан хурсандӣ карда, аз ошьёнаи дуввум мефаромад. Мефаромаду телпаки гӯшакдори арзонакашро ба сараш зер карда мепӯшид. Ба майдончаи танги ошьёнаи якум расида, ба сӯи баромадгоҳ акнун рост шуда буд, ки такони сахт ва дарди ҷонкоҳеро ҳис карда, дар ҷояш шах шуда монд. Пеши чашмонаш ҳалқачаҳои сурху сиёҳ ба рақс даромаданд. Ӯ ғайриихтиёр даст ба пушти сар бурд, ки он ҷо зарба расида буд. Ҳамин кораш хеле бамаврид буд, зеро зарбаи дигар хеле сахттар ва коротар буд ва ба дасташ рост омада, устухони панҷаҳояшро маъюб гардонид.

Дар ошьёнаи якум, дар зери квартираи Хосиятхон марди логару қадпасти заҳирранге бо оилаи худ мезист. Наққош бо ӯ ва аҳли оилаи ӯ ба ҷуз «саломуалеки худоӣ» дигар ҳеҷ гуна муносибате надошт. Шояд агар муносибати ошноӣ ё ақаллан ҳамсоягӣ медошт, беҳтар мебуд, зеро касе, ки бо чӯбдасти ғафсу гароне, ки онро дар дӯконҳои ашёи рӯзгор ба ҷои тиракҳои сабуку дарози қадимаи тоҷикӣ мефурӯшанд, ба пушти сари Суръат Наққош ду зарбаи пурзӯр зада буд, маҳз ҳамин заҳирандом буд.

Вақте ки Суръат чашм кушод, ҳангома дигар ба авҷи аълояш расида буд. Хушдомани меҳрубон домоди худро бо сари хунолуд, ранги кабуд ва беёду беҳуд дида, «Вой дод! Мардум. мадад кунед!» гуён ҳавлиро ба сараш бардошта буд.

Хосиятхон бошад, ҳамсояи нимҷонро аз камингоҳаш — аз таки зинапоя бо дастони бузбаласон пурқувваташ дошта ва кудаквор кашолакунон ба саҳни ҳавлӣ баров요рда, рӯи барфтуда афканда буд. Гурӯҳе ба истиқболи мошини ёрии таъҷилӣ, чанде ба пешвози мотоциклҳои милиция ба сари кӯчаи калон баромада буданд...

Наққош дасти чапи ба қолиби гаҷ андохта ва докапеч кардашудаашро як моҳ ба гардан ҳамел карда гашт. Хайрият, мағзи сараш осеб надида буд. Ӯ пештар дар ҳар диданаш пайкари лоғари ҳамсояи бадқавоқи худро ба ҳоли ӯ тараҳҳум кунад ҳам, холо хурсанд буд, ки ин гумкардахирад марди тавонои таҳамтан набудаст. Вагарна бо вуҷуди он ки Наққош ба сар телпаки пӯстигӯсфандӣ пӯшида буд, ҳамон як зарбаи аввалаи он чӯбдасти заранг кифоя буд, ки ӯ дар арафаи ги-

рифтани дипломи институт ба оламе сафар кунад, ки он ҷо мақоми дипломдору бедипломон, мааттаассуф, баробар аст.

Муфаттиши шуъбаи милиция аз қабили одамоне буд, ки дар ҷанҷоли байни ду кас ҳамеша ва ҳатман ҳар ду тарафро гунаҳгор медонанд ва бо эътимоди кулл мегуянд, ки шохи дарахт ҳеҷ гоҳ бидуни шамол намеҷунбад. Бинобар ин вай аввалҳо ба Суръат Наққош ҳамчун ба шахсе назар мекард, ки дар паси сурати муътамад сирати мураккаберо нухуфтаанд. Вале баъди мусоҳибаи дуввуму саввум дар муомилаи муфаттиш оҳанги нарм ва хайрхоҳонае пайдо шуд.

Наққош варақаҳои пурсиши он ҳамсояро хонда, ду маротиба дар суҳбати чорбару бо у иштирок карда, таърихи тадриҷан хароб шудани руҳияи он бечораро бо тафсилоташ дарк намуд. Худи ҳамон рузи моҷаро низ Суръат аз дил гузаронида буд, ки дар ин ҳодиса нафаси деви рашк ҳис карда мешавад. Қабл аз он руз ҳам Наққош ҳангоми мулоқот бо ҳамсояи камсухан дар чашмони у осори адовати базур ниҳон дошташавандаро хонда, маҳз ҳамин гумон ба хаёлаш роҳ ёфта буд. Дониши аз китобҳо ва нақлҳои омузгорон бардоштааш низ далолат мекард, ки манбаи кинаи бесабаби ин зот фақат рашки кур-курона шуда метавонаду бас.

Ин гуна воқеа, ин хел як гардиши ногаҳонӣ барои Наққош чунон аҷиб буд, ки ақлу ҳуши уро муддате тамом тасхир намуд. Вазъи вайрони асаби беморон дар шуури у алҳол ҳамчун як чизи муқаррарӣ, чун мавриди таваҷҷуҳи ҳаррузаи табиб акс меёфту аммо нақши ягон қадар амиқе нагузошта, ҷои худро ба таассуроти тоза вомегузошт.

Суръат аз суҳбатҳо дар шуъбаи милиция олами дар хаёли худ бофта баровардаи ҳамсояро сайр карда, тамом гаранг шуда буд. Дар ин олам у ба ҷуз занакабозӣ дигар коре, фикру зикре, матлабу мақсаде надошт. У дар боби хок пошидан ба чашми занаш Хосиятхон ва ҳамсояҳо ва соири атрофиён ба худ ҳамтое надошт. Вай як силсилаи мураккабу мураттаби рамзу ишораҳои махсусе ихтироъ карда буд, ки ҳамаи ин ба робитаи байни Наққош ва зани ҳамсояи заҳирранг хизмат мекард. Ҳамин ки ин ду зоти нопок фурсати мусоиде дарьёфтанд, худро ба канори ҳамдигар меандохтанд. Онон ба фисқу фуҷур он қадар бадомуз шуда буданд, дар куи шаҳват онҷунон бебокона қадам мезаданд, ки ҳеҷ кадом фосиқ дар ҳеҷ замоне ба ин поя нарасида буд.

Боре у, ҳамсояи туршруй, дар яке аз колхозҳои дурдаст дар хонаи яке аз роҳбарони колхоз мехобид. Ӯ ба ин ҷо барои тафтиши тадбирҳои санитарии зидди касалиҳои чорво омада буд. Аммо шаб, ки даромад, хаёлаш ба хона, оила, занаш банд шуд. Дилаш ба хазор куча даромада мебаромад. Ниҳоят, ни-

мишабӣ дигар тоқат карда натавониста аз бистар парида бархост. Ӯ ҳамчун дар оина чун дар рӯзи равшан ва дар рӯ ба рӯи худ медид, ки зани бевафояш, зани бадахлоқ, фосиқа ва фоҳишааш бо ҷавони хушандому хушпайкари пайвастаабру, ки дар ошьёнаи дуввум истиқомат мекунад ва ҳарчанд кору бораш хароб кардани саломатии дигарон аст, худро аз ҳоло довогари дардмандон медонад, дар хонаи хоби ӯ, рӯи кати ӯ дар оғуши ҳамдигар мехобанд. Ҳа, маҳз рӯи ҳамон кати васеи нарм, ки ӯ дуқат шуда аз магазини мебель оварда буд ва то дами аз дарҳои танги квартираи нав гузаронида, ба хонаи хоб даровар-да ҷойгир кунонидан шири аз модар хӯрдааш ба даҳон омада буд. Ба ӯ лаҳзае чунон намуд, ки пичирроси хандаомез ва нолиши масруронаи зан ба гӯшаш даромад...

Ӯ либоси худро чала пӯшида, ба сари роҳи калон шитобид. Бомдодон ба шаҳр расид. Ба тақ-тақи ӯ занаш ба зудӣ дарро накушод. Гуё овози шавҳари худро намешинохта бошад, такрор-такрор «Кист?» гуфта мепурсид. Мард медонист, ки ҳамаи ин мусоҳилакорӣ тақали оддист, найранги куҳани соддалавҳонаест ва зоҳиран барои он лозим аст, ки ошиқ фурсат дошта бошад, то аз тиреза баромада бигурезад.

Пурсишу инстинтоқ ҳамаи шаб давом кард, аммо натичае набахшид. Рӯзи дигар ҳамсоя қаду бари тирезаҳояшро чен карда, ба оҳангар панҷараи пӯлодин фармуд.

## 3

Наққош аз шуъбаи милиция мебаромад, ки аз рӯбарӯяш Хосиятхон пайдо шуд.

— Бахайр? Чӣ гапи тоза?

— Ҳеҷ. Пурсиш давом мекунад.

— Ва шумо парвое надоред?

— Ман чӣ кунам? Милиция ташкилоти давлатӣ, дар ихтиёри ман нест.

— Ман ҳам ҳаминро гуфта истодаам, ки шумо аз ҳамаи ин доругир парвое надоред.

— Азизам, ман бепарво нестам. Лекин, охир, олами хаёлоти ҳамсояамон, ростӣ, хеле аҷоиб.

— Туф кардам ман ба олами хаёлоти ҳамсояи шумо. Фаҳмидед, тадқиқотчии муҳтарам? Оё ба мийяи шумо андешае ташриф нафармудааст, ки олами ғарбии хаёлоти ҳамсоятон ба номуси оилаи мо иснод меорад?

— Рост. Ин ҳодиса, аз як тараф, бисьёр ғамангез.

— «Аз як тараф»... «Аз тарафи дигар...» — тамасхуромез ва хашмолуд гуфт Хосият.

— О вай мард касал аст. Худатон духтур, мефаҳмед. Чӣ кор ҳам кардан мумкин?

— Набошад, сабр кунед, ман ягон кор мекунам.

Хосиятхон рост ба назди муфаттише, ки ин корро мутасаддӣ буд, даромада, илтимос кард, ки ҳамсояи уро ба вай нишон диҳанд. Ҳамин ки милиционери навбатдор уро оварда, аз дар дарун кард, Хосиятхон чобук аз ҷои нишасти худ барҷаста, сӯи дар шитобид. Ҳамсоя, ки рӯзи моҷаро чӣ гуна дар дасти ин зани пурзур мисли гурбаи ошолуд оҷизона тапидани худро ҳанӯз нағз дар ёд дошт, беихтиёр чанд қадам қафо рафт. Аммо Хосиятхон чолокона ба ӯ расида, аз бозуяш қапида, ба пешгоҳи хона, ба наздикии мизи муфаттиш оварда нишонид.

— Ҳамсоя,— бо овози пасти таҳдидомез сар кард ӯ бидуни саломy алеку пурсупосу ину он.— Мегӯянд, ки ба мағзи шумо,— ӯ нуки ангушти ишораташро бо кароҳат ба пешонии арақпахшкардаи ҳамсоя расонид,— осебе расидааст. Намедонам, шуморо акнун ба ҳабсхона мефиристанд, ё ба курорт. Лекин ман ба ҳар ҳол огоҳ карда монданиам, ки агар афсонаҳои аблаҳонаатонро дар хусуси шавҳари ман ва маймуни худ — ӯ зани ҳамсояро дар назар дошт — бори дигар дар ягон ҷой такрор кунед, ана дар пеши намояндаи идораи давлат қавл медиҳам, ки илоҷи ҳар дуятонро худам меёбам. Шумо феъли мана медонед. Гап ҳамин...

Муфаттиш аз тиреза Наққошро бо имо даъват намуд ва ӯ занашро таваллою зорикунон ҳамроҳаш бурд.

Зану шавҳар кайҳо қарор дода буданд, ки ҳар ду ҷарроҳ мешаванд. Аммо аз рӯзи моҷаро сар карда, фикру хаёли Наққош ба касалиҳои асаб ва хусусан ба табиати рашк, сабабҳои пайдоиш, аломатҳои нахустини он, шаклҳои зуҳур ва рафтарафта ба як қувваи ноаёни ташвишангезе расидани ин ҳисси харобиовар торафт бештар таваҷҷӯҳ мекард.

Шояд боиси тағйири пеша кардани Наққош боз чунин як хислати табиии ӯ бошад, ки агар дар назди ӯ зарурати ҳалли яке аз ду муаммо истода бошад, вай ҳатман муаммои мураккабтарро интихоб мекунад. Аз зарурати ҳал кардани ягон масъалаи душвор, чунон ки ба сари баъзе касон меояд, ба дарьёи андеша ғута намезад, даступо гум намекард, баръакс рӯҳаш боло мегирифт, ғайраташ меафзуд. Ҳамин хислати домоди нав дар рӯзгор низ дар ҳар маврид намоён мешуд. Чунин ба назар мерасид, ки вайрон шудани ягон ҷои водопровод ё оташдони газ ё чизи дигар гӯё боиси хушҳолии ӯ мегардид. Ба ҷои он ки аз пайдо шудани ташвиши тозае норозӣ гардад, ӯ худ ба худ: «Ҳеҷ воқеа не. Ҳоло мебинем, ҳозир соз мекунем» гӯён дасту остин бармезад ва қуттии дабанги дастаноки пур аз ҳар гуна калид, симу ғалтаку мурват ва лақулуқи фулузиашро бардошта, ба ҷои кор мешитобид.

## 4

Сунбула омад. Вай аз шогирдони Наққош аст ва се шаб боз ихтиёрӣ ин ҷо мемонад. Рузона дар институт мехонад, шабона дар палатае, ки бемори вазнинашон он ҷост ба ҷои хамшираи шафқат хизмат мекунад ва вазифаи ёрдамчии духтур Наққошро адо менамояд.

Рузи дуввуми ба ин ҷо оварда ва ба палатаи секаса хобонида шудани Шоҳида ҳамшираи палата Наққошро бо телефон чеғ зад. Наққош омада, дар дасти у шишачаеро дид, ки пур аз таблеткаҳои сафеди хобовар буд. Ҳамшира арз намуд, ки ӯ мувофиқи таъиноти духтур ҳар як ҳаракати зани беморро номаълум таъқиб мекард. Бо вуҷуди он Шоҳида дами хилват шудани палатаро дарьёфта, ҳамин шишачаро аз таги куртааш бароварда, ба сурохи бистари пахтагин пинҳон кард.

Аз куҷо пайдо шудани онро фақат худо медонаду худаш, мегуфт ҳамшира. Охир, беморонро ҳануз дар қабулхона бараҳна карда, чунон бо диққат аз назар мегузаронанд, ки як дона арзанро руст карда наметавонанд. Чизҳое ки аз берун ба маризон меоянд, ҳамчунин аз тафтиш мегузаранд. Агар духтур ба бемор истеъмоли доруи хобро фармояд, онро ҳамшира ҳар дафъа дар пеши чашми худаш мехуронаду баъд бо хотири ҷамъ аз паи дигар кор меравад, то ки имконияти ғун кардани дору истисно бошад. Худоё, макру ҳилаи одамизод ҳадду худуд надорад?...

Духтур Сунбуларо ба кабинети ординатура чеғ зада гуфт:

— Аз руи таъмаш нембутальро монанд аст ин дору. Дар таки дар мошин истодааст. Ана ҳамин шишачаро ба дорухона мебаред. Ман ба мудираш телефон кардам. Айнан ҳамин хел таблеткаҳо сохта медиҳад. Фаҳмо?

— Фаҳмо, муаллим.

То даме ки шишачаи доруи хоб дар кучаҳои шаҳр, пас даст ба дасти ходимони дорухона сайр менамуд, Наққош бо Шоҳида дар кабинети ординатура сӯҳбат мекард. Ниҳоят, шишачаро дар ҷои худаш гузоштанд, лекин акнун вай фақат ду дона доруи хоб дошт. Дигар таблеткаҳояш бо вуҷуди айнияти томи зоҳирӣ бо доруи хоб танҳо сурати безарар ва бетаъсири он буданду бас.

Ҳамаи шаби гузашта на духтур, на Сунбула ва на дигарон мижа таҳ накарданд. Худи бемор бошад, шаб то саҳар пахлу мегашт, оҳ мекашид, гоҳо фиқ-фиқ мегирист.

Саҳарӣ ӯ духтурро бесаброна интизор буд. Баробари ба палата ворид шудани Наққош, ҳанӯз вай назди кати у нарасида, илтимос кард, ки бачаҳояшро ба наздаш биоваранд.

Духтур иҷозат надод. Мулоқот бо аъзоёни оила ва ёру дус-

ту хешу табор фақат рӯзи истироҳат таъин шудааст. Барои Шоҳида аз қоида истисно кардан маъное надорад. Зарурат ҳам.

Баъди пешин Шоҳида гирьякунон илтиҷо мекард, ки агар бачаҳояшро ба наздаш нагузоранд, сурати онҳоро аз хона биоваранд.

Шавҳараш Вакил, ки дар бадали чанд рӯзи охир аз атрофи табобатхона дур намешуд ва шабҳоро дар хоначаи пирамарди лифтбон мегузаронид, дарҳол рафта як даста сурат овард. Шоҳида аз байни суратҳо калонтаринашро хоста гирифт. Дар сурат зану шавҳар ва дар мобайни онон се писарашон акс ёфта буданд. Писараки хурдӣ, ки он вақт зоҳиран, ҳатто сарашро рост дошта наметавонист, дар бағали модар буд.

Шоҳида он паҳлуи суратро, ки шавҳараш акс ёфта буд, қат кард ва, аз афти кор, барои рост ва ҳамвор дарронида партофтан ҷои қат кардаашро бо пушти нохун молид. Аммо муддате ба хаёл рафта, аз раъяш баргашт. Сурати ба шакли китоби нимкушод қатшударо руи сандуқчаи чизмонак гузошт. Акнун акси писаронаш ба Шоҳида ва сурати шавҳараш ба девори палата менигарист.

Шоҳида гуё бо фарзандонаш видоъ мекард.

Аз феълу атвори ӯ ҳар дақиқа ба духтур арз мекарданд. Ӯ руи кат рӯболо мехобид, гарқи хаёл буд. Яқин, қарор додааст, ки баробари ҳама хоб кунад, то касе аз чизе шубҳа набарад. Вай амин аст, ки аз нияти шуми ӯ касе огоҳ нест, аз шишаяки пури доруи ӯ касе хабар надорад. Амин аст, ки ҳар се бемори ин палата имшаб баробар ба хоб мераванд, вале яктаи онон дигар ҳеҷ гоҳ бедор нахоҳад шуд. Сад афсӯс, сад дареғ, ки писаракони нозанинаш бе навозиши модар, бепарастор мемонанд. Аммо чӣ илоҷ, ки зиндагиро барои ӯ ҳаром кардаанд.

Хайр, ҳеҷ воқеае не. Бачаҳо калон мешаванд ва ягон вақт аз падари фосиқи худ ҷавоб металабанд, ки ҷаро модарашон ба ин тариқа аз олам бирафт ва ҳамин ки асли воқеаро фаҳмиданд, ба ҳафтод пушти он марди_ бевафо лаънат мехонанд.

Шоҳида ним истакон чои ширинро руи сандуқак тайёр карда мондааст. Ҳамин ки чароғи палатаро хомуш карданд, таблеткаҳоро ба кафаш мерезаду бо чой фурӯ мебарад. Агар баногоҳ дар дилаш хоҳиши рафънопазире пайдо намешуд, ки фарзандони дилбандашро бори охирин бубинад, ӯ ин корро динашаб мекард ва ҳоло аз шиканҷаи рӯҳу ҷон озод буд. Дар ин ҷои тааҷҷуб ҳам нест. Борҳо шудааст, ки савқи модарӣ, эҳсосӣ модарӣ соати ин қабил иқдомҳоро ба таъхир андохтааст.

## 5

Наққош ба Сунбула гуфт, ки берун мебарояд, дар ҳавои тоза каме сайр мекунад.

Дар майдончаи байни ошьёнаҳои дуввуму саввум як гуруҳ беморони тамокукаш рост истода суҳбат мекарданд. Ҳарчанд духтурон дар дасти ин тоифа сигору папирос намебинанд, ҳавои бадбӯю вайрони қафасаи сина худ ба забони ҳол мегӯяд, ки онҳо ин ҷо бо чӣ коре машғуланд.

Ҳамадон низ ин ҷо буд ва руй ба суи девор меистод. Воқеан, Наққош ҷавони жулидамуи файласуфмонандро, ки дар ҳар диданаш ба ӯ як силсила маълумоти аҷибу ғариби аз рузномаю маҷаллаю тақвимҳои деворӣ аз ёдкардаашро мегӯяд, худ ба худ Ҳамадон меноманд. Духтур аз дил гузаронид ки ҳозир ба суҳбати Ҳамадон чандон иштиёқ надорад ва хуб мешуд, ки ӯ бо чақ-чақи рафиқонаш андармон шуда, шарфаи пои ӯро нашунавад ва ба доманаш часпида аз роҳ бознадорад.

Лекин нашуд. Ҳамадон ҳамсуҳбатонашро тарк намуда аз паҳлуи ӯ гузашт ва бо камоли одоб ва нармӣ аз бағали духтур гирифта, асроромез пичиррос зад:

— Чанд чизи, ху-уш, бисьёр ғалатӣ, фақат барои худатон. Бигӯям?

Наққош ба зӯр худро маҷбур намуд, ки аз гулӯяш садои «ҳа» барояд.

— Қалонтарин тухм дар ҷаҳон, ху-уш, моли уштурмурғ аст. Барои пухтани як донааш онро, ху-уш, чилу панҷ дақиқа бояд ҷӯшонид.

Наққош ҳис кард, ки дилтанг мешавад. Овози бемор ба гӯшаш намефорид. Мехост ягон чизи сахт гуфта, миёни нақли ӯро бибуррад ё ҳеҷ набошад, пичингомез бипурсад, ки «Ин гуна тухм шиками чанд нафар ту барин ҳамадонҳоро сер мекардааст?» Аммо боз худро ба даст гирифт ва хунсардона гуфт:

— Аҷиб.

Ҳамадон аз тағьири муомилаи духтур, албатта, хабар надошт ва мисли пешина бо ваҷд ба гапаш давом мекард:

— Хуки дарьёӣ наваду шаш дандон дорад, вале туъмаашро, ху-уш, нахоида фурӯ мебарад. Медонед, барои чӣ?

— Не,— иқрор шуд Наққош.

— Сабабашро баъд мегӯям. Лекин хотиррасон кунед. Андак, ху-уш, парешонхотир шудаам.

Вай дасти Наққошро раҳо карда, ба назди мусоҳибонаш баргашт.

Маълумотхалтаи ин бемор бетак аст, аз афташ, фикр ме-

кард Наққош. Духтараш, мудири муҳтарами шуъба, ташхиси касалии ӯро нодуруст додааст. Савдои шаҳомат нест дарди ӯ.

Аз ин қабил беморон дар таҷрибаи Наққош вохӯрда буданд. Перорсол як бемор аз хешу табори худ коғазҳои калон-калони нақшакашӣ, мистару қаламҳои рангоранг талаб мекард. Баъд ҳамаи вақти худро сарф намуда, схемаи мушакҳои кайҳоннавардро мекашид. Схема аз ҳазорон детальҳои нозуку дақиқ иборат буд. Лекин худи он шахс як умр ошпази ресторан буд ва бо техникаи фалакпаймо, бешубҳа, сарукоре надошт.

Ба рубоҳбозиҳои мудири шуъба аҳамият надода, хок ба сараш, гуфта гаштан мумкин. Лекин ба ҳоли дардмандон дили кас месӯзад. Радикулит ё шакли сабуки астения бошад, мудири муҳтарам як бало карда, муолиҷа месозад. Вале Ҳамадон барин маризон барои ӯ чормағзи дандоншикананд.

Хосиятхон нақл мекунад, ки ҳамин гуна якта духтур дар поликлиникаи назди табобатхонаи онҳо кор мекунад. Духтури дандон. Рӯзе нест, ки ранҷурон аз кори ҳаромаш ба сардухтур шикоят набаранд. Гӯё каллапазеро дар дӯкони ҷавоҳирот нишонида бошанд. Ҳамин ки сардухтур дар ҳаққаш чорае диданӣ шуд, «Дод, бедод!» гуфта, ба вазорати ҳифзи сиҳат ва ҳатто идораҳои аз он болотар медавад.

— Ҳафт бача дорам! Бисту панҷ сол ин ҷониб барои саломатии халқ ранҷ мекашам! — даъво мекунад ӯ.

Рост, ҳафт бача дорад. Бисту панҷ сол боз ранҷ мекашад. Аммо аз ранҷи ӯ ба дарди мардум давое намерасад. Имрӯз, фаразан, бо пармачаи мошини дандон лунҷи якеро сӯрох кунад, фардо милки дигареро хуншор месозад. Ҳодисаҳои ба ҷои дандони иллатнок шартошурт канда партофтани дандони сиҳат бошад, сону шумор надорад.

Акнун ҳисоб кунед, мегӯяд Хосиятхон. То ба нафақа баромаданаш он зоти нодир бояд боз ҳафт сол кор кунад. Дар як сол сесаду даҳ рӯзи кор ҳаст (духтурон рӯзҳои шанбе ҳам кор мекунанд). Агар рӯзе аз даҳ-дувоздаҳ бемори қабулкардааш ақаллан дандони се касро хароб гардонад, пас то анҷоми «фаъолияти меҳнатии худ» табиби ношуд боз камаш шаш ҳазор касро ноҳақ азоби ҷаҳаннамӣ медиҳад.

Аз ӯ чанд маротиба илтимос карданд, ки аз барои савоб бо ихтиёри худ ба кабинети ташкили поликлиника бигзарад. Ба ҳисобу китоби маризону дорую даво машғул бошад. Садақаи сар, масъулиятро ба гардан гирифта, маоши пештарааш-ро хоҳанд дод. Чия?! Ба идораҳои дахлдору бедаҳл он қадар давуғеҷ карда, ҳамаро безор намуд, ки ба сардухтур аз ҳар сӯ телефон карда гуфтанд: ба ҳурмати ҳамаи муқаддасоти

олам, илоҳо барака ёбеду илоче кунед, ки духтуратон ба сари мо дод гуфта наоянд.

Мудири муҳтарам низ ана ҳамин гуна як зоти шариф аст.

Бо вучуди он Наққош ақида дорад, ки мудири шуъба будани ӯ барои беморон хуб аст. Монед, ки роҳбарӣ карда, савори мошини ёрии тиббӣ ин сӯ-он сӯ шитобида, дар мачлисҳо гап фурӯхта гардад. Агар вазифаи мудирӣ намешуд ва ӯ фақат бо табобат машғул мегардид, миқдори беморони камтолеъ, ки ба дасти ӯ меафтоданд, сечанд меафзуд.

...Наққош дар пайраҳаи барфпӯш қадам мезад. Дар шунаҳи чароғон зарраҳои дурахшандаи барф чашмро мебурданд. Бо аробачаҳои электрикӣ аз корпусҳои табобатхона ба ошхона зарфҳои холӣ мекашониданд.

Духтур ҳис намуд, ки муддате инчониб касе аз пасаш меояд. Аз роҳ бозистод. Чанд қадам дуртар аз ӯ Вакил меистод, ки бачаҳои худро ба парастории хешовандонаш вогузошта, шабу рӯзро дар ҳамин чо мегузаронид.

— Ҳа, ошно.

Наққош кӯшиш кунад ҳам, ба ин одам ба чуз «ошно» дигар шакли хитобро раво дида наметавонист.

Вакил салом дода, саволомез, илтичоомез ба рӯи духтур чашм дӯхт. Зоҳиран, чуръате надошт, ки аҳволи занашро бипурсад.

— Ҳоло ягон чизи аниқ гуфта намешавад,— ба ҳар ҳол раҳмаш омада гуфт духтур.

Худкардаро даво не, вовайлои пинҳонӣ. Акнун мардак албатта розист, ки аз баҳри ҳама чиз, ҳатто аз баҳри чон бигзараду сиҳатӣ ва оромии пешинаи ҳамсари худро баргардонад. Оё Наққош воқеаи доруи «хоб»-ро бигӯяд? Чӣ суд? Хавотираш зиёд мешаваду бас. Бе ин ҳам хеле азоб кашидааст. Чашмҳояш як ангуштӣ фурӯ нишастаанд. Пӯсти рӯяш аз так кабудча метобад. Ришаш чанд рӯз боз нотарошида. Паси ҳам сигор мекашад. Гоҳо яктоаш тамом нашуда, навашро дуд мекунонад.

— Ҳеч натича нест, гуед...— бо андӯҳ гуфт Вакил. Дар мулоқоти аввалинашон низ ин мард бо ҳамин оҳанг гап мезад.

— Ба ман мадад кунед, духтур,— таваллоомез мегуфт ӯ он рӯз дар сари мизи Наққош рост истода.

— Нишинед. Ба шумо чӣ шудааст? Чӣ дард доред?

— Ман не. Занам касал. Васвосӣ. Мо се фарзанд дорем. Се писар. Сағир мемонанд, бемадор, беёвар мемонанд. Охир калониаш акнун ҳаштсола мешавад,— дар чашмонаш ашк ҳалқа зад.

Муддате ҳар ду хомӯш монданд. Аз мили дастшӯяку кунчи кабинет чик-чик об мечакид. Наққош хеста, мурвати милро сахттар тофт. Чик-чик қатъ гардид.

— Ба фикри худкушӣ афтодааст. Сарам сих мондааст, духтур. Намедонам, чӣ кунам...

— Нақл кунед. Ҳар чиз медонед, бигӯед.

Вакил ба сукут рафт.

Манзараи шинос, манзараи муқаррарӣ. Айнан ҳамин гуна аҳвол бо аксари беморон рӯй медиҳад: омада, аз дарди харобиовар шиква мекунанд, мегӯянд, ки имрӯз ё фардо оила вайрон мешавад, кӯдакони маъсум бепадару модар мемонанд. Ё ҳатто ба ягон шахси наздикашон хавфи марг таҳдид мекунад, чунон ки ин гуна рӯзи тира ҳоло ба сари Шоҳида омадааст.

Бале, дурудароз шикоят мекунанд, мадад хоста лобаву зорӣ мекунанд, аммо фармоед, ки қиссаро нақл кунед, сабабҳои пайдоиши носозӣ ё ихтилофро ошкор бигӯед, забонаш якбора лол мегардад.

## 6

Дар он мамлакат мутахассисони мо иншооти калоне месохтанд. Вакил бо касби худ — кафшери электр машғул буд.

Як бегоҳӣ ба тамом шудани кор ним соат монда буд, ки дар саҳни сохтмон Шоҳида пайдо шуд. Вакил дар болои манораи баландиаш баробари иморати даҳошьёна бо пайванди оҳанинпанҷара машғул буд.

Занаш бо имову ишора фаҳмонид, ки ӯро дар ҳамон ҷо мунтазир хоҳад шуд.

Вакил саросема шустушӯ намуд, тағйири либос кард ва ҳарду бо исрори Шоҳида ба сӯи кинотеатр равон шуданд.

— Барои чӣ маҳз ҳозир ба кино? — бо тааҷҷуб пурсид Вакил.

— Бардошт кунед, мефаҳмед.

Ин ҷо ӯ бояд мазмуни мухтасари фильмро нақл кунад. Чунин нуктаро низ бояд қаблан таъкид кунад, ки дарвозаҳои бозори он мамлакат ба чаҳор ҷониби олам баробар яла буданд. Аз ҷумла дар бозори китоб ва кинофильм барин ғизоҳои маънавӣ ҳам ҳар кӣ пешдаст буд, бештар мол мефурӯхт.

Фильм аслан италиёвӣ буда, айнан тарҷума шавад, «Шохдори беҳамто» ном дошт. Чунон ки маълум аст, аврупоиён ба марде, ки занаш бо марди дигар аз рӯи ишқ ё фисқ алоқа бастаасту худи ӯ аз ин ҳол бехабар аст, «шохдор» ё «шохбаровардa» лақаб медиҳанд.

Шоҳида хеле дар изтироб буд. Ноором, канда-канда сухан мегуфт. Аз дасти шавҳар дошта, аз байни издиҳоми тамошобинон бошитоб кашолакунон ба толори нимторик ба ҷои нишасташон мебурд.

Фильм сар шуд. Қасе дар зери экран нишаста, матни онро ба воситаи микрофон... тарҷума мекард.

Андрео ном марди гармчеҳра ва хушпайкар соҳиби муассисаи кулоҳдузӣ будааст. Занаш Мария Грация, яъне Марияи соҳибҷамолро беҳад дуст медоштааст. Рӯзе аз рӯзҳо ҳодисае рӯй медиҳаду дар дили Андрео ба покдоманин зан шубҳа пайдо мегардад. Шубҳа торафт қувват гирифта, ба рашки сӯзон табдил меёбад ва сабру қарор аз вуҷуди Андрео мерабояд.

Мария Грация ба ҳотеле меравад, то дар машшотахонаи он гесувони худро шона занонад ва пардоз бадиҳад. Ба назари шавҳар чунин менамояд, ки ҷавонмарде ҳамсари ӯро ба як хона дароварда, либосҳои ӯро паси ҳам аз танаш дур меандозад...

Бори дигар Андрео мебинад, ки зан бо дугонаи худ дар назди биное бо ду марди бегона мулоқот мекунанд. Баъд ҳар чаҳор нафар вориди бино мешаванд. Хаёли шавҳар ба тасвири саҳнаҳои ҷонфигор шурӯъ мекунад. Аммо чун худ ба андаруни бино даромада, занашро ҷустуҷӯ мекунад, ӯро дар толоре мебинад, ки паҳлуи дугонааш рӯи хараке нишаста, ба тамошои рақси духтарон машғул аст.

Зану шавҳар ба хонаашон меҳмон даъват мекунанд. Ҳар ду ошьёнаи хона — пур аз меҳмон. Мария Грация як даста мардонро барои машғулоте ба болохона таклиф мекунад. Андрео дар поён, назди меҳмонони дигар монда, ба хаёлоти рангини худ банд мешавад: ӯ баръало пеши назар мебинад, ки занаш дар хонаи хобашон рӯи бистари ороста мерақсаду мардҳои бегона бо нигоҳи чашмони аз оташи ваҷд ва шаҳват дурахшандаашон пайкари ӯро гӯё мепалмосанд. Тани бараҳнаи занро фақат як шадда тасмаи ҳарири аз назарҳо нимниҳон медорад. Ҳар қадом тасма рақаме дорад ва ба ресмоне ҳамел аст. Мардҳо бо навбат қуръа мепартоянд ва ҳар рақаме ки баромад, Мария тасмаи ҳамон рақамро аз танашканда, ба он мард тақдим мекунад. Дар бадани Мария торафт камтар тасма боқӣ мемонад, ӯ қариб тамом бараҳна мешавад, аммо бозӣ торафт авҷ мегирад. Мария рӯи бистари мурассаъ бо карашма мерақсад...

Боз тамошобин мефаҳмад, ки ҳамаи ин манзара дар воқеъ ба амал наомада, балки маҳсули хаёли шавҳари бадгумон будааст.

Рӯзе Андрео рустӣ аппарати майдаяки телефон харида оварда, дар хона ба сим васл мекунад. Ҳар боре ки занги телефон баланд шуд, ӯ низ пеши аппарати пинҳонӣ рафта, ба гуфтугӯ гӯш медиҳад. Аммо ягон чизи шубҳаангез намешунавад. Фақат боре бо соҳиби овози мардона мулоқот таъин кардани занашро шунида, дар кодоки либосовезак пинҳон мешавад. Дере нагузашта, соҳиби овоз меояд, вале маълум мешавад, ки

вай роҳибаи солхӯрдае будаасту садои ғафси мардона доштааст.

Бо вуҷуди он ки Андрео барои тасдиқи гумони ғашовари худ далеле ёфта наметавонад, мунозираю мубоҳисаи зану шавҳар тадриҷан ба ҷанҷолу хархаша рафта мерасад ва оҳир ҳам Мария Грация ароз карда, ба хонаи падар меравад. Андреои аз карда пушаймон аз шиддати ғаму ғусса инони ихтиёр аз даст дода, савори автомобиль худро ба деворе зада маҷруҳ мекунад.

Рӯзҳои рӯи бистар хобиданаш гуфтугӯи Марияи бозгаштаро бо як ҷавони зебое, ки зуд-зуд мулоқот мекарданд ва мисли хоҳару додар муносибати беғаш доштанд, аз телефони рустиаш шунида, дигар эътимоди кулл ҳосил мекунад, ки завҷааш зани боисмату нанг аст.

Пас аз сиҳат шуда, ба кор баромадан дӯстонаш низ ӯро панд меҳонанд, мегӯянд, ки ҳар гуна андешаҳои беасоси беҳударо аз сар дур андозад, зеро Мария Грация барин зани покдоман дар ҳаёт кам вомехӯрад.

Ва Андрео аз таъсири насиҳат ва саргузашти рӯзҳои охир ба риққат омада, ба хона телефон мекунад ва аз занаш узр мехоҳад, ки ҳамин қадар вақт аз ӯ ноҳақ бадгумон буд ва боиси озораш мегардид.

— Хайр, ба гузашта салавот! — мегӯяд дар ҷавоб Мария Грация, ки дар руи диван менишаст.— Ман аз гуноҳи ту даргузаштам. Муҳимтар аз ҳама он ки мо ба ҳамдигар содиқем.

Ин дам аппарат оҳиста-оҳиста дур меравад ва тамошобин мебинад, ки ҳамон ҷавони зебо рӯи диван сар ба зонуи Мария Грация ниҳола мехобад...

Вакил ҳангоми намоиши фильм чандин маротиба ҳис кард, ки занаш дар толори торик ба экран не, балки ба андоми ӯ чашм дӯхтааст ва бо диққат муоина мекунад, ки дар рӯи шавҳараш чӣ ифодае акс меёбад. Равшан буд, ки Шоҳида ин фильмро худи ҳамон рӯз дидааст ва дубора фақат барои нишон додан ба шавҳараш ба ин ҷо омадааст.

Онҳо ба кӯча баромада, муддате пиёда роҳ мерафтанд. Шоҳида хомӯш буд.

Вакил гуфт:

— Як зарбулмасали қадима ҳаст, зарбулмасали ноодилона нисбат ба ҷинси зан: «Дарахти макри зан сад реша дорад, фалак аз макри зан андеша дорад». Ин фильм ифодаи кинематографии ҳамон гап аст ва ба ҳамон андоза ноодилона аст нисбат ба занон.

Шоҳида боз чизе нагуфт. Ҳатто нагуфт, ки фильм на фақат ба занҳо дахл дорад ва ҳол он ки ӯ шавҳари худро маҳз барои талқини ҳамин фикр ба тамошои ин чиз оварда буд.

Баъд аз ин Шоҳида камгап шуд. Хаёлмандона роҳ мегашт. Қариб рӯзе набуд, ки зарферо аз даст афтонида нашканад. Ба писараки хурдӣ, ки ҳамроҳашон оварда буданд, дуруст нигоҳ намекард. Гоҳо кӯдак дар талаби ягон чиз мегирист, даҳ-бист дақиқа мегирист, вале модар банди хаёлоти гарони худ гӯё садои ӯро намешунид.

Ниҳоят, рӯзе Вакилро таъчилӣ ба табобатхонаи сохтмон даъват карданд. Занаш бо ранги канда, лабу даҳони кабудчатоб рӯи тахтакате мехобид. Барои оббозӣ ба баҳр баромада, аз соҳил хеле дур рафтааст. Хушбахтона, писарбачаҳои моҳигир аз дур дида, аз марг начот додаанд.

Вакил назди сардухтур даромада, дар бораи кайфияти ҳамсараш ҳар чиз медонист, як ба як гуфт. Гуфт, ки ин касал ҳанӯз дар Ватан сар шуда буд. Боре, мисли ҳаминрӯза аз кораш даъват карда оварониданд. Он дафъа Шоҳида ба сими электр даст зада, қариб ҳалок шуда буд.

Сардухтур Вакилро ба пеши сардори сохтмон бурд.

Рӯзи дигар Вакил оила ва кӯчи худро бардошта бо самолёт ба Ватан баргашт. Ва, инак, ба хидмати духтур Наққош омадааст. Ба ӯ одамон гуфтанд, ки Наққош чандин васвосиро сиҳат карда, ба ҳаёт баргардонидааст. Ба ӯ гуфтаанд, ки...

## 7

Духтур ба ҳикояти Вакил бо табассуми писхандомез гӯш медод. Барои ӯ нағз аён буд, ки Вакил ҳамин қадар ҳикоят гуфта бошад ҳам, ба саволи ӯ чавоб надод, он чизеро, ки дар навбати аввал гуфтан зарур буд, нагуфт.

Басо навъу намудҳои дардмандони асаб ҳастанд. Як қисми эшон рози дилашонро рӯйрост ва ошкоро гуфта медиҳанд. Модоме ки, ба ибораи худи табибон, механизми табобат ба тарзи пайдоиш ва чараёни беморӣ вобаста бошад, илоч чист? Даст рӯи сина гузореду бо дили соф буду шуди воқеаро бигӯед.

Бале, гуфтан шарт. Шарти шифо ёфта, ба ҳаёт баргаштан. Дар сурате, ки ҳар як нақли корафтода ба духтур барои таъини роҳу равиши муоличa зарур аст, дар сурате, ки ҳар як ривоят, ҳикоят барои ӯ дареро боз мекунад, ки ӯ аз он дар ба олами ношиноси шахси мариз сар дароварда, манбаи маразро мебинад ва тадқиқу таҳқиқ мекунад, рози дилро фошофош бояд гуфт. Хусусан агар тақдири бемор балаидӣ карда (рост-дия, чин занад хоксория!), ба дасти мутахассиси доннишманд афтода бошад.

Магар каманд дипломдороне, ки аз ҳунари рӯҳшиносии худ дар маъракаҳо даҳон пур карда лоф мезананд, аммо ҳамин

ки саволи аниқу муайяне ба майдон партоед, устоди ҷоғ будашон ошкор шуда мемонад? Масалан, аз мудири муҳтарам оид ба роҳу воситаҳои муоличаи савдои рашк савол кунед, фавран ба гап хоҳад даромад:

— Савдои рашк? Оҳ-оҳ, ин масъала бениҳоят мураккаб. Рашк — ин боқимондаи ҳисси қадимист, ки дар он давра одамизод ҳанӯз аз ҳайвон ҷудо нашуда буд.

Ё худ:

— Рашк деви сиёҳ аст, зор монад, офати ҷон аст, сабил монад, арраи умр аст. Решакан бояд кард онро. Нест у нобуд бояд сохт.

Дардро дашном медиҳад. Гуё дард аз ҳарифоне бошад, ки бо дашном мағлубашон кардан мумкин.

Қасе даъво надорад, ки ҷиҳатҳои маҳрамонаи зиндагонии оилавӣ, робитаи заношӯӣ ё умуман равобити ҷинсиро ба шахси беруна гуфтан кори оддию осон аст. Бигузор сомеъ шахси хайрхоҳ бошад, ё табибе бошад, ки ба рӯҳи поки пираш Буқроти Ҳаким ҳанӯз қабл аз нахустин иқдоми худ савганд ёд кардааст, ки то ҷон дар бадан дорад, роздори корафтодагон бошад.

Пеши бегона аз ин нуктаҳо сухан рондан осон нест. Бинобар ин аксаран худи табибро лозим меояд, ки мисли одамоне, ки дар биёбон ҷоҳ канда, барои ташналабон об мебароранд, якта-якта савол дода, аз қаъри дили бемор зарра-зарра маълумоти даркорнашро кашида бароварад:

— «Хушам парешон» мегӯед. Қадом вақт ва ба чӣ шакле зоҳир мешавад ин парешонӣ? — мепурсад духтур.

— Мисол, вақте ки чизе мехонам. Мехонам-мехонаму як вақт мебинам, ки хаёлам ба дигар тараф рафтааст.

— Пас чизе ҳаст, ки ҳушатонро ба дигар сӯй мекашад?

— Надонам.

— Шумо надонед, рафиқ, кӣ медонад?

— Надонам.

— Набошад, бигӯед, андешае, ки ҳушатонро ба дигар сӯй мебарад, аксаран як хел аст ё ҳар дафъа ҳар хел?

— Диққат накардаам. Ба ёдам нест.

Ана ҳамин тавр, медонаду намедонам, мегӯяд. Ба ёдам нест, аҳамият надодаам, мегӯяд.

— Аз чӣ сабаб дилтанг мешавед? Чӣ воқеа, масалан, боиси дилгириатон мешавад?

— Хеч воқеа не. Ҳамту дилам аксари вақт сиёҳ.

Ё мана ин зайл суҳбат:

— Гоҳо дар дилатон ваҳм пайдо мешавад, ки аз ягон чизи бароятон азиз ҷудо мегардед?

— Ҳа! Ҳа! Пайдо мешавад.

— Ба садоқат ва самимияти баъзе аз наздиконатон мисол гирем, дӯстон, рафиқони ҳамкасаба шубҳа пайдо мешавад?

— Ҳа, духтур, айнан!

Ҳм. Эшон ба садоқати ҳамкорон шубҳа пайдо карда, асабашон хароб шудааст. Хайр, ин мусоҳибаи аввалин. Дафъаи дигар ба сабаби асл боз як қадам наздиктар хоҳанд омад.

Зотҳое ҳастанд, ки шикваро аз бехобӣ сар мекунанд. Ба онҳо мисли он ки муаллимони донишкадаҳо айёми имтиҳонот мекунанд, саволҳои кӯмакӣ дода, ба сари сабаби асл овардан лозим мешавад. Фақат ҳамин қадар тафовут, ки донишҷӯён ба ин восита сабақи беихтиёр фаромуш кардаашонро бо шавқи тамом гуфта медиҳанд, маризон хотираҳои дар замири қалб қасдан пинҳон кардаашонро гардани хор-хорон ба забон меоранд.

...Наққош ба Вакил гуфт:

— Романҳое ҳастанд, ки охири воқеаро аввал тасвир карда, баъд нақлро дубора аз ибтидояш сар мекунанд. Шумо ҳам нақлро аз аввали воқеа сар накардед. Оё ҳамин тавр нест?

— Ҳамин тавр, духтур.

— Шумо ихтиёр доред, ки чизе нақл накунед. Лекин худатон гуфтед, ки сиҳат шудани ҳамсаратонро мехоҳед.

— Дигар орзу надорам, духтур. Шоҳидаро ба ман...— ӯ лаҳзае забон хоид,— ба фарзандонаш саломат баргардонед як умр ғуломи шумо бошам.

— Э як гапҳо мегӯед, ки... Гӯё китоби қадимае мехонда бошед...

— Як умр миннатдоратон бошам.

— Беҳтараш қиссаро аз як сар нақл кунед.

Ӯ даме ба риши расида, андоми ошуфта, лабони саҳл-саҳл парида истодаи шавҳари мусибатзада нигоҳ карда истоду бо оҳанги мулоимтар илова кард:

— Илоҷи дигар нест, ошно.

## 8

Вакил аз кор бармегашт. Ба қадри наздик шудан ба манзили худ ба сӯи дари пеши троллейбус ҳаракат мекард. Аммо чӣ шуд, ки троллейбус ба истгоҳи ӯ расиду фароянлагон дар дамгаҳи дар таъхир карданд. Ҳа, боиси ошуфтагии мусофирон ана он ҷавонзани сафедруи зебоандоме будааст, ки чамадони вазнинашро ба зур аз ҷой мечунбонид.

Вакил зуд пеш гузашта, ҷомадонро аз сари роҳ бардошт ва чобукона аз зина фаромад.

Ҳамаи фурудомадагон пароканда шуда рафтанд. Дар истгоҳ фақат Вакил ва он ҷавонзани хушсурат монданд, ки дар ду тарафи чамадон рост меистоданд.

Ҷавонзан бо лабханди латифе изҳори миннатдорӣ карда, чамадонашро бардошт, вале ду қадам намонда, маҷбур шуд онро ба замин гузорад: чамадони на чандон бузург хеле гарон буд.

— Сабр кунед, ман мегирам,— хидматгузорона гуфт Вакил ва чамадонро бардошта, ба соҳибаш нигарист, ки яъне ба кадом суй меравем?

— Ба шумо ташвиш шуд,— гуфт ҷавонзан бо як садои дилкаши адоомез,— таксиро мунтазир шудам, ба зудӣ наомад.

— Ҳеҷ гап не.

— Вазнин, а?

— Сабук гӯям, дуруғ мешавад. Ин сандуқ ё аз тилло пур, ё аз китоб.

— Ёфтед. Пур аз китобе, ки ба нархи тилло баробар аст.

— Ҳа-а,— мад кашида гуё изҳори тааҷҷуб намуд Вакил. Вай гоҳ баробар, гаҳе як-ду қадам қафотар аз ҷавонзан роҳ гашта, қомати мавзун, рухсори сафеди базеб, хусусан мӯи дарози ӯро бо завқ тамошо мекард. Ростӣ, ин гуна мӯи дароз ва ин хел қомати мавзунро ҳеҷ гоҳ надидааст. Гесувонаш бемуҳобот ба зону зада, баробари роҳ рафтанаш бо як назокати фаттон алвонҷ мехурданд ва назари бинандаро беихтиёр ба худ мекашиданд. Вакил чамадонро то ба таги дари ҷавонзан бурду хайрухуш карда, ба хонааш рафт.

Аз мобайн чанд моҳ гузашт.

Рӯзе ки бо ӯ дар троллейбуси ҳамон маршрут дубора вохӯрд, аз хона бо дили ғамгин баромада буд. Шоҳида модар ва писаронашро ҳамроҳ гирифта, ба район ба хонаи хоҳараш рафта буд. Хонаи бекас ва сокит ба назари Вакил чунон ҳузнангез менамуд, ки гуё онро сел шуста бошад. Дару девори хонаи холӣ гуё ба забони ҳол мепурсид, ки ту ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

Ӯ ба кӯча баромада, ба троллейбус савор шуд. Мехост ба маркази шаҳр биравад. Он ҷо ба ягон қарор хоҳад омад. Ё ба кино медарояд. Ё ба назди яке аз рафиқонаш меравад.

Ана дар ҳамон ҳолат бо овози нарму нафисе салом додани ҷавонзани шинос ӯро аз олами андеша берун овард. Ин дафъа ҷавонзан куртаи атласи хушрангугуле пӯшида буд ва пероҳани сабуку шинами тобистона бар ҳусни ӯ ҳусн афзуда буд.

Онҳо чун шиносони дерина ҳолпурсӣ карданд.

— Ба куҷо равонаед? — савол дод Вакил.

— Худатон чӣ?

— Агар ҳамроҳӣ кунед, ба кино мерафтам.

— Агар худи ман ҳам аслан ба кино равона бошам-чӣ?

— Боз беҳтар. Он гоҳ ба ду кинотеатр меравем, ду фильмро тамошо мекунем.

— Мешавад.

— Биёед акнун шинос шавем. Номи ман Вакил.

— Номи ман...

— Хуш?

— Номи ман Н.

— Яъне гуфтан намехоҳед?

Ҷавонзан китф дарҳам кашид.

— Ё гуфтан меҳоҳед, ки шиносоии мо ҳадде дорад?

У боз китф дарҳам кашид.

— Аҷиб,— гуфт Вакил.

— Чӣ ҷои аҷобат? Ҳамаи номҳо рамзианд. Рамзи мухтасари якҳарфа чӣ бадӣ дорад?

«Беҳуда ҷамадони ин зан пури китоб набудааст», ба ёд овард Вакил ва гуфт:

— Агар дар китобе мехондам, ки ҳангоми шиносоӣ яке аз ду нафар номи худро бо як ҳарф ишора мекунад, бовар намекардам.

— Аммо ин амри воқеъ аст. Хоҳед, нахоҳед, бовар мекунед.

Вакил бо ҳисси андаке рашкомез ба худ гуфт, ки ин ҷавонзан дар фазилат, суханданӣ аз ӯ, зоҳиран, бартарӣ дорад. Ва бори нахуст аз дил гузаронид, ки агар ё тақдир ё тадбире мусоидат кунаду уро ба оғуш бигирад, ба тасарруф дарорад, ин афзалияти ӯ дигар аз байн хоҳад рафт. Ва ӯ сонияе ӯро дар оғуши худ дид ва тасаввур намуд, ки рӯи даст бардошта ба куҷое мебарад.

...Фильме, ки ба тамошояш даромаданд, фаҷ, ҳатто як андоза гоҷ ҳам буд. Онҳо қарор доданд, ки дигар ба кино надароянд. Вакил таклиф намуд, ки ба ресторан биравaнд.

— Не,— гуфт Н.

— Пас ба ягон қаҳвахона биравем?

— Қаҳвахонаҳо ҳам шабона ресторан мешаванд.

— Шумо аз ресторан қимобед?

— Намедонам, боре нарафтаам.

Вакил малул шуд. Намедонист, ки дигар чӣ таклифе пешниҳод кунад. Дар айни замон аз ӯ ҷудо шудан ҳам намехост. Дар дилаш майле қувват мегирифт, ки бо ин ҷавонзан бошад. «Афсус, ки якраҳа будааст. Ба ӯ гап гузаронидан осон нест», — фикр мекард ба худ.

— Чаро шумо ба ресторанравӣ ин қадар исрор мекунед?

— Бовар кунед: на барои шаробнӯшӣ ё мусиқӣ шунидан. Гуруснаам,— гуфт Вакил.

— Дар хонаатон таом напухтаанд? — ҳатто ба сӯи Вакил нигоҳ накарда лоуболона пурсид Н.

— Он ҷо касе нест.

Дақиқае хомӯш буданд.

— Агар ба ростӣ гурусна бошед, метавонам шуморо ба хона таклиф кунам.

— Кошкӣ.

Роҳравон аз ину он суҳбат мекарданд. Дар зимни гуфтугӯ Вакил оид ба муносибаташ ба ин ҷавонзан мулоҳиза мекард. Шиносоияш бо ӯ ба назараш аҷиб менамуд. Аз як тараф, номи худро бо андешае пинҳон медорад. Аз рафтан ба ресторан, ҳатто қаҳвахона саркашӣ мекунад. Аз тарафи дигар, мардеро, ки фақат бори дуввум мебинад ва аз рӯи нақлаш оиладор буданаш аён шуд, ба хонааш таклиф мекунад.

Лаҳзае Шоҳида ба ёдаш расид. Ба хотираш омад, ки як вақтҳо, айёми навхонагӣ ба ҳамдигар савганди садоқат ёд карда буданд. Пас кӯшише ба кор бурда, ин андешаҳоро аз худ дур ронд ва иҷозат пурсида аз дасти Н. бигирифт. Дасти ӯ нарм, вале сард буд, ангуштонаш гуё саҳле меларзиданд.

Ба қабати саввум пасу пеш баромаданд. Н дари хонаашро яла кард. Вакил дар долони танги торик ким-чигуна пойафзолеро зер кард ва ба чизе пешпо хӯрда лаҳзае мувозинатро гум кард ва беихтиёр аз камари Н. оғӯш намуд. Мувозанати пайкараш худи ҳамон сония барқарор шуд, аммо ӯ дасти худро пас нагирифт. Баръакс дар зери матои мулоиму лағжонаки куртаи абрешимин бадани аз он ҳам нарму нафиси занро ҳис карда, ӯро сахт ба оғӯш кашид.

Зан на фақат муқобилат накард, балки пайкари аз изтироб ларзандаи ӯ гуё худ ба истиқболи дастони навозишкори Вакил мешитобид...

— Ба куҷо рафтаниед? — ҷавонзанро, ки дар паҳлуяш рӯи дивани фарох мехобид, аз бағал раҳо накарда пурсид Вакил.

— Хӯроки тайёр ҳаст. Гарм мекунам.

— Чӣ лозим?

— Дурӯғгӯй! Гуруснаам, нагуфта будед?

— Гурусна будам.

— Дурӯғгӯй.

— Акнун илтимос: номатонро бигӯед.

— Ба ин эҳтиёҷе ҳаст?

— Магар нест?

— Ман аз шумо ҳеҷ савол накардаам ва намекунам.

— Фаҳмо. Зорӣ доре му зӯрӣ не.

Боз чанд бори дигар чеҳраи Шоҳида пеши назари ӯ ҷилвагар шуд. Лекин ӯ, чунон ки барои рафъи хоби гарони азиятовар мекунанд, чашмонашро зӯран кушодаву пӯшида, худро аз диданиҳо наҷот дод. Боз чанд маротиба савганди ба вафо ёд кардааш ба хотир расид. Ба ёдаш расид, ки то ҳоло ӯ ба аҳ-

ди худ содиқ буд. Аммо ӯ ин ҳаёлҳоро ҳам бо зӯр аз худ дур ронд ва дар дилаш тасаллиомез гуфт: «Дигарон ҳам маъшуқа доранд».

## 9

Боре Вакил дар хонаи Н хеле дер монд ва қариби саҳар ба хонаи худ равон шуд. Ширакайф буд ва парвои олам надошт. Ба ҳаёлаш чунин мерасид, ки зиндагонии ӯ акнун ба ҳамон тарзе ки худ аз худ чараён гирифтааст ин тарз ба ӯ хеле маъқул афтодааст, боз идома хоҳад ёфт. Солҳо, даҳсолаҳои минбаъда ба назараш чун силсилаи бениҳояти рӯзҳои пурнури пурсурур менамуданд ва осмони фардои ӯ аз абрҳои ғусса, ҳатто аз гарду ғубор озод буд.

Аз тарафи куча ва баъд аз даруни ҳавлӣ ба тирезаҳо чашм давонид. Ҳамаи чароғҳо хомӯш буданд. Оҳиста бо калиди худ дарро кушода ба хона даромад.

Занаш дар хонаи хоб набуд. Дар ошхонаи торик рӯи курсие менишаст.

— Шоҳида, чаро дар хонаи торик нишастаӣ?

— Ҳама чой торик.

— Ҳм, Ман гуфтаниам, ки чаро хоб накардаӣ?

— Туро интизор будам. Гап дорам.

— Кошкӣ, азизам, марҳамат. Гӯшу ҳуши ман ба ту,— ширинкорона лаққида, худро аз вазъияти нобоб вораҳонидан мехост Вакил.

— Вақти ширинкорӣ гузаштааст. Агар ба ту оила лозим набошад, касе ба поят ишкел намешавад.

— Шоҳида, чиҳо мегӯӣ?

Вакил нохост ҳушьёр шуд. Ӯ бори нахуст тамоми чиддияти кирдори худро аён дарк мекард.

— Лекин дониста мон, мардак: пушаймон мешавӣ охир.

Вакил тасалло медод, ҳамаи ҳунарашро ба кор бурда, суханҳои таскиномез мегуфт ва дар айни ҳол дар дил қасам ёд мекард, ки «Тамом. Дигар ба остонаи хонаи Н. қадам намемонам». Аммо дар чавоби панду насиҳати ӯ занаш як зайл такрор мекард:

— Пушаймон мешавӣ, мардак.

Рӯз то рӯз возеҳтар медид, ки Шоҳида дигар он зани ҳалима, хандон ва меҳрубони пешина нест. Гӯё бегона бошад, навозишу дӯстдориҳои шавҳарашро рад мекард. Гоҳо ба сараш гӯё як кӯза оби сард рехта бошанд, ё ягон хабари бағоят шуме расида бошад, банохост сарду карахт мегардид, дар наздаш хомӯш, беҳаракат, беҳарорат мехобид, ҳатто гӯё нафас намекашид. Ду-се маротиба Вакил нимишабӣ нохост бедор шуда дид, ки занаш рӯи кат зонуҳои худро оғӯш карда

нишастаасту аз андоми ӯ чашм намеканад. Гуё шавҳарашро бори аввал медида бошад, синчакорона нигоҳ мекунад. Кӣ медонад, чӣ муддате ба ин минвол нишаста бошад ва чӣ андешаҳое ба сараш омада бошанд?

Дар ноомади кор шиша сандон шиканад, атола дандон, гуфтаанд. Н ба Вакил якто сурат тӯҳфа карда буд. Дар сурат ба ҳолате акс ёфта буд, ки як миллаашро ба пеши сина партофта, қадаре маҳзунона табассумкунон рост ба объектив менигарист. Вакил намедонист, ки ин аксро чӣ кунад, ба куҷо монад? Дар як гӯшаи он унвони ательеи суратгир сабт шуда буд. Вакил ба хату ҳоли чеҳраи дилкаш менигарист. Пас боз хати кунҷаки расмро мехонд, гуё аз он фаҳмиданӣ мешуд, ки чаро соҳибаи сурат онро ба ӯ ҳадья карда бошад?

У шунида буд, ки суратбахшӣ нишонест аз фироқи наздикрасида. Онҳое, ки ба ҳамдигар сурат мебахшанд, соати дар пеш истодаи ҷудоиро медонанд ё ҳеҷ набошад, ҳис мекунанд. Шояд Н. ба робитаи кашольёфтаи онҳо худаш хотима гузоштан меҳост? Бо вуҷуди донояш ба ҳар ҳол василаи нобоби соддалавҳонае интихоб карда буд, зеро Вакил суратро дар хона нигоҳ дошта наметавонист. Ба партофтан дилаш намешуд: зане аз рӯи меҳр ва одамгарӣ акси худро тақдим кардааст. Сурат дар бағалкисаи пиджаки сафеди тобистона меҳобид.

Як пагоҳӣ Шоҳида онро ба шавҳараш нишон дода пурсид:

— Дили ҷанобашонро ҳамин кас бурдаанд?

Хун ба сари Вакил зад. Дар ҷавоб чизе гуфта натавонист.

Шоҳида тамом дамдузд шуд. Чизе намегуфт, намепурсид. Ҳатто ҳамон таҳдиди пештарааш: «Пушаймон мешавӣ, мардак»-ро дигар такрор намекард.

Боре Вакил фурсати, ба ақидаи худаш, муносиб ёфта, ба таваллою зорӣ даромад:

— Шоҳида, азизам, ҷони ширин. Фаромӯш кун. Бубахш маро. Байни ману ин зан воқеаи казой нашудааст.

— Ноказоиаш шудааст? — бо овози паст, вале пур аз танаффур пурсид Шоҳида.— Ноказоияш чист, аз куҷо то ба куҷост? Бигӯ, охир!

Боз забони Вакил лол шуд. Чӣ навъ дурӯғ мегӯяд. Ба чашмони Шоҳида нигоҳ карда, дурӯғ гуфтан муҳол аст.

Ногоҳ фикре дар сари Вакил пайдо шуд ва ӯ бо ҳарорат гуфт:

Бовар кун: ман ҳатто номи ӯро намедонам. Ана аз ҳар чӣ хоҳӣ, қасам мехӯрам, ҳатто номи он занро намедонам.

Шоҳида лаҳзае ба рӯи шавҳараш нигоҳи гуё траҳҳумомез дӯхта истода гуфт:

— Мабодо афтодан ногузир бошад, инсон ақаллан болои чирк наафтад.

...Давоми воқеаро Вакил ба духтур арз кардааст. Рӯзе

ӯро ба табобатхонаи ёрии таъҷилӣ чеғ заданд. Занашро ҷараёни электр қариб кушта будааст. Хушбахтона, Вакил ба сипаракаи электр муҳофизаки автоматӣ шинонида буд, ки ҳангоми атсоли кӯтоҳ фавран ҷараёнро қатъ месозад. Бо вуҷуди ин Шоҳида чанд рӯз карахт буд, кафи чапаш сӯхта ангуштпона барин ҷояш ҷароҳатнок шуда буд.

Ҳамон рӯзҳо Вакилро ба прокуратураи шаҳр даъват намуданд. Муфаттише бо ӯ дар хусуси аҳволи оила, муносибати зану шавҳар дуру дароз суҳбат кард. Маълум шуд, ки аз табобатхона хабар расидааст, ки фалокати Шоҳида фақат тасодуфи нохуш нест.

Вақте ки ба Вакил дар сохтмони иншоот дар хориҷа кор таклиф карданд, ӯ хурсанд шуд. Вай хаёл мекард, ки дар мамлакати бегона, дар муҳити нави ношинос занаш ҳамаи носозиҳои гузаштаро фаромӯш хоҳад кард.

Аён шуд, ки кор аз кор гузашта будааст.

## 10

Хосиятхон омад. Аммо ба зудӣ ба боло набаромад: тахмин ним соат аз таки тирезаи ординатура ғур-ғури «Запорожец»-аш шунида мешуд.

— Имрӯз вар-вари «Чайка»-атон тӯл кашид? — пурсид Наққош.

— Ҳа, як чархаш ба ҷӯй даромад. Таки по лағжонак.

— Ба ёрмандӣ чеғ назадед-ку?

— Дон Жуан* кӯмак кард.

— Шумо Дон Жуан ҳам доред?

— Не. Азони худатон. Шавҳари ҳамон беморе, ки қиссаашро гуфта будед.

Хосиятхон барои шавҳар хӯрок оварда буд. Дар як термоси ғафс баракшӯрбо. Дар термоси дигари хурдтар — қаҳваи бешир. Ӯро ҳамаи духтурон, санитарҳо, ҳамшираҳои шӯъба хуб мешиносанд. Батафсил пурсупос, ҳазлу шӯхиҳо мекунанд.

Духтури навбатдор, ки ҳанӯз аз овони студентӣ бо ҳам шиносанд, шӯхӣ кард:

— Пазмон мешавед-дия?

— Набошад чӣ! Моли камбағал пеши назараш бошад, хуб.

Наққош ва духтури навбатдор рӯи миз аз рӯзномаҳои кӯҳна дастархоне дуруст карданд.

— Қавл дода будед, ки дар ҳамин ҳавои нобоб мошинсаворӣ намекунед,— ба занаш таънаомез рӯй овард Наққош.— Чӣ гӯям ба шумо?

---

* Дон Жуан — қаҳрамони як силсила асарҳои адабии асрҳои XVIII—XIX ва қиссаву достонҳои халқии испанӣ, киноя аз занакабози фиребгар.

— Ҳеҷ чиз,— дарҳол ҷавоб дод Хосиятхон.— Беҳтараш, иҷозат бидиҳед, ки бемори наватонро бубинам.

— Шоҳидаро?

— Ҳа.

— Хуш?

— Зани ғалатӣ бояд бошад.

— Ҳайр, лекин каме сабр кунед. Сунбула биояд.

Сунбула омад. Наққош фармуд, ки Хосиятхонро яктаҳ пушонида ва барои намуд ба дасташ чизе аз ашьёи табобат дода, ба палатаи Шоҳида бубарад.

— Зани дилкаш...— аз палата баргашта хаёлолуд ва маҳзунона гуфт Хосиятхон.— Одамони хуб набояд бимиранд,— боз изҳори ақида намуд ӯ ва ногоҳ бо овози баланд илова кард.— Марди гандая рӯяша мурдашӯ шуяд.

— Илоҳо омин! — хандида даст ба дуо бардошт Наққош.

— Ҳа, худатон ҳам эҳтиёт шавед, нахандед,— бо оҳанги нимшӯху нимтаҳдидомез гуфт Хосиятҳон.— Ман шуморо пеш аз хонадориатон огоҳ карда будам. Ёд доред?

— Ҳа. Агар бевафоӣ кунӣ, мекушам, гуфта будед.

— Не, аниқтар гӯед. «Мекушам» не.

— Ростӣ, ҳамин қадараш дар ёдам мондааст, чунки ҳаёл мекардам, ки аз куштан сахттар ҷазое нест.

— Ҳаст. Қассоб як қабат пӯст меканад. Ман гуфта будам, ки аз шавҳари хоин се қабат пӯст меканам.

— Ана шафқату мана муруввват. Боз ин кас табиби ҳозиқ... Лекин бояд иқрор шуд: агар банда сари мӯе бамаънӣ шуда бошам, ин натиҷаи ҳамон таҳдиди шумо. Се қабат пӯст-а! Ба гуфтан осон.

## II

Беморон ба хоб рафтанд.

Шоҳида ҳам як каф таблеткаро бо чои ширин фурӯ бурда, ба ақидаи худ, ба хоби вопасин рафт. Ӯ чанд дақиқаи аввал нооором, вазнин нафас мекашид, ҳиққосзанон мегирист. Ин бешубҳа, таъсири эътимоде буд, ки ба оқибати кирдори худ дошт.

Дере нагузашта хобаш бурд.

Духтур суҳбат ва муомилаи фардоинаи худро бо Шоҳида гаштаву баргашта аз ғирболи андеша мегузаронид. Қавитарин умеди ӯ ба садамаи пурзӯрӣ руҳӣ, ба изтиробу ошуфтагии бемор аст, ки худро зинда ва побарҷой дарьёфта, аз сар хоҳад гузаронид. Агар дар ҳамин лаҳзаи аввал дар тафаккури ӯ табаддулоти куллие ба вуҷуд овардан муяссар шавад, кор минбаъд барор хоҳад гирифт, вагарна муолиҷа, эҳтимол, моҳҳои дароз кашол ёбад. Ё умуман ба анҷоми матлуб нарасад.

Пурасрортарин, серазобтарин гушаи олами рӯҳии инсон бояд рашк бошад, баъзан фикр мекунад Наққош. Алалхусус рашки фавқулодда, ё ба таъбири табибон, рашки патологӣ. Рашки одамони махсусан ҳассос ва бадгумону васвос. Наққош на фақат аз он сабаб дар ин ақида аст, ки аз илми руҳшиносӣ ва табобати руҳ бештар ба ҳамин соҳа балад шудааст. Не, худи зиндагонӣ гувоҳ аст. Далелҳои фаровони аз якдигар аҷибу ғарибтар гувоҳанд.

Порсол ин ҷо марде мехобид. Дар кӯраи рашк бирьён ва тамом пусту устухон шуда буд. Наққош аз суҳбатҳои такрор ба такрор хулосаи равшане бароварда натавониста, даставвал ба қароре омада буд, ки мардак рози дилашро нимкола мегӯяд. Аммо сонитар яқин намуд, ки рашки у дар воқеъ асосе надорад. Фақат як ҳикмати аз касе шунидааш ва як ҳикояти дар поезд нақлкардаи шахси дигаре дар шуури ӯ реша давонида ва манзил гузида, пас бо рӯзгори худи ӯ низ робитаи сунъӣ пайдо кардааст.

Ҳикмат он ки аз хиёнати зан одатан дертар аз ҳама шавҳари худаш огоҳ мешавад. Ҳикоят он ки шахсе ҳамсарашро бо ошиқи у даст гирифта, ҳар дуро бараҳна сохтааст. Баъд аз сарашон мураббо рехта ва пари болинро ба танашон часпонида, ба кӯча пеш кардааст.

Ин манзараи ғароиб дар ҳаёли бемор сахт нақш баста буд. Вай ба ёд меовард, ки боре, тахмин ду сол қабл аз ин, занаш дар назди театр бо олуфтае аз ҳад зиёд гарму нарм саломуалеку пурсупос карда буд, ҳатто дар гуфтораш оҳанги ишваомезе шунида мешуд. Баъд занаш мегуфт, ки бо он олуфтасатанг гуё дар техникум шарикдарс будаанд. Гоҳ-гоҳе дар дилаш орзуе пайдо мешуд, ки касе бошаду вай онро мисли қаҳрамони ҳамон ҳикоят рангину хотирнишон ҷазо бидиҳад. Бо мурури вақт ба ӯ чунин менамудагӣ шуд, ки рӯзҳои наздик ӯ ба ҷомаи амал пӯшонидани ин орзу муваффақ хоҳад шуд. То ба ифоқа овардани олами тасаввуроти он бемор Наққош басо ранҷ бурд.

Бо Шоҳида осон гирифта намешавад. Хулосаи ӯ оид ба хиёнати ҳамсараш танҳо самараи ҳаёлоти пуч нест. Лекин қувваи идроки ӯ, хайрият, ҳанӯз тамом заиф нашудааст, ҳарчанд ки тасаввуроташ доир ба мафҳуми ҳаёт, сидқу вафо дарҳам-барҳам шудааст. Вафо набошад, ҳаёт маъное надорад. Ҳамин тааммул шуури ӯро чун чодари сиёҳ печонидааст.

Наққош бо ӯ се рӯз инҷониб дам ба дам суҳбат мекунад. Аз гуфтаҳои ӯ баъзе ҷузъиёт ба шуури бемор таъсири амиқ мегузорад. Чунончи, духтур оид ба қарзи модарӣ, савоби тарбияи фарзандон гап зада, дар зимни сухан зарбулмасалеро хотиррасон намуд, ки «Ба шабуш ситеза карда, эзорро масӯзон».

— Чӣ? Чӣ? — ногоҳ сухани духтурро бурида пурсид Шоҳида, ки то алҳол парешонҳолона менишаст.

Наққош зарбулмасалро такрор гуфт.

Шоҳида табассум кард ва бо ҳамин лабханди сабук муддате ба андеша рафт. Мантиқи оддии ин ҳикмати на чандон нафис он қадар бурро ва нишонрас буд, ки дергоҳе ҳаёли беморро тасхир кард.

Духтур бояд фардо пагоҳӣ ана аз ҳамин гуна лаҳзаҳо ва нуктаҳо устодона истифода барад.

Он ду қасди аввалаи Шоҳида ба ҳалок кардани худаш, хайрият, бебарор бигузашт. Вай ҳоло ба барори саъи охиринаш эътимоди комил дорад.

Дар замони пеш оине будааст, ки касе ба қатл маҳкум шуда, аммо бо ягон сабаби фавқулодда ҳукм ба иҷро нарасад, он шахс худ аз худ афв мешудааст. Масалан, агар туфанг оташ нагирад, ё ҳангоми ба дор кашидан чӯбаи он сарнагун биравад ё шоҳи таноббастаи дарахт банохост бишканад.

Аз рӯи инсоф мулоҳиза карда шавад, Шоҳида барин беморон низ бояд аз қасди бемурувватонаи худ даст шӯянд.

Оё ба ӯ ҳамин нуктаро гуфтан ҷоиз бошад? Не. Мисолаш басе вазнин ва ноҳуш. Фардо фақат суҳбати сабуки фараҳовар бамавқеъ хоҳад буд. Ҳамин ки бедор шуд, як дақиқа танҳо намонда, ба ин ҷо, ба ординатура оваронида, ҳушу ёду тафаккури ӯро ба созу пардоз бояд гирифт. Воқеан, ҳар се писараки ӯ фардо саҳарӣ бояд дар ҳамин қарибиҳо бошанд, зеро мулоқот бо онҳо дар силсилаи тадбирҳои Наққош ҷузъи ҳалкунанда хоҳад буд.

Фақат пеш аз мӯҳлат барнахезад, вагарна иҷрои нақша мушкил мешавад.

Не. Ӯ ба қадри кофӣ доруи хоб хӯрдааст. Бояд ором бихобад.

## 12

— Нақшаи Наққош барор намегирифт, айб мешуд-дия! — аз ординатура хушҳол баромада бо овози баланд ба худ гуфт Наққош ва оҳи сабуке кашид.

Сунбула се писари Шоҳидаро аз ошьёнаи якум боло баровард ва аз долони дароз гузаронида, ба кабинети ординатура ҳидоят намуд. Аз паси дари нисфаш шишакории кабинет садои хурсандонаи бачаҳо, нидоҳои навозиш ва гирьяомези модар ба гӯш мерасид.

— Оча, кай ба хона меоӣ? — писарони калонаш ин саволро бо навбат такрор мекарданд.

Падари онҳо дар толори байни шӯъбаҳои занонаю мардона

буд. Ӯ гоҳ дар яке аз курсиҳои қатори таки девор мӯи сарашро қабза карда сархам менишаст. Гоҳо бархоста, дар саҳни толор бесаброна қадам мезад.

Духтур Сунбуларо чеғ зад.

— Ҳазор раҳмат, Сунбула.

— Намеарзад, муаллим.

— Меарзад. Ҳамин қадар заҳмат кашидед. Лекин боз як илтимос: имрӯз ва имшаб аз ҳоли ӯ бохабар бошед. Ба шумо унс гирифтааст.

— Хуб.

— Медонам, ҷабр мешавад. Аммо чӣ чора? Телефони маро медонед?

— Бале.

— Имрӯз як журналист ин ҷо омаданӣ буд. Қаблан телефон мекунад. Ба ҳамон кас телефони хонаро мегӯед.

— Фаҳмидам.

— Ман аминам, ки шумо духтури хуб мешавед, Санбула.

— Раҳмат, муаллим.

Дар бароматдгоҳ Наққошро Ҳамадон мунтазир буд. Лекин ин дафъа худи Наққош бо ӯ хуррамона вохӯрӣ карда пурсид:

— Аз обнорасидааш будагист?

— Албатта ҳаст. Барои шумо, хӯ-ӯш, чӣ хоҳед, ёфт мешавад.

— Қанӣ шунавем, додарам.

— Яктааш ин ки кӯҳсори Помир хӯ-ӯш, дар зарфи даҳ ҳазор соли охир, хӯ-ӯш, ҳаштсад метр баланд шудааст. Яъне ҳар сол ҳаштсантиметрӣ.

— Бад не.

— Дуввум ин ки захираи намаки Тоҷикистон, хӯ-ӯш, аҳолии ҳамаи оламро ба муддати чандин ҳазор сол таъмин карда метавонад.

— Бисьёр хуб.

— Боз гӯям?

— Кифоя, бародар.

— Ихтиёр, ба шумо, духтур.

— Хайр, саломат бошед.

«Саломат бошед» гуфту дарҳол хиҷолатмандона сурфа кард. Пас ба худ аҳд намуд, ки аз фардо муолиҷаи ин беморро ба зиммааш бигирад. Ин корро ба воситаи рафиқони ҳамкасаба кардан мумкин. Яке ба назди мудири мӯҳтарам медарояду мегӯяд, ки кори шумо аз ҳад зиёд аст, мудири арҷманд. Муолиҷаи фалониро ба ман ё ба Наққош ҳавола кунед. Аз серкорӣ ба сархорӣ дастатон намерасад. Мо ҳам кӯр не, охир, дида истодаем. Ҳеҷ кас мисли шумо барои беҳбудии кори шӯъба, барои сиҳатии дардмандон ҷонсӯзӣ накардааст. Ва ғайра

ва монанди ин. Бо таърифу тавсиф шайтонро ба дом афтонидан мумкин.

Бале, ҳамин тавр кардан даркор. Вагарна муоличаи як ҷавони лаёқатнок беҳуда кашола мешавад. Эҳтимол, фурсати мусоид аз даст биравад. Табобати вай мисли Шоҳида тадбирҳои таъҷилӣ, шабҳои бехобӣ наметалабад, лекин ба ҳамон дараҷа муаммои мушкил менамояд. Агар боз мураккабтар набошад.

Бориши барф ба охир мерасид.

Акнун ягон-ягон пағаҳои мисли пар нозук ва сабуки он дар фазо коҳилона сайр карда, гуё пас аз тааммули тулоние бар сари ниҳолу буттаҳо, роҳу роҳгузарон менишастанд.

Ҳаво тоза ва гуворо буд.

*с. 1973*

# ПИСАРИ ГАЗЕТА

## ДАРОЗТАРИН АРИЗАЕ, КИ ДАР УМРАМ НАВИШТААМ

Бародарам, яке аз аввалин дикторҳои радиои тоҷик Абдуҳамид Муҳаммадиев маро аз колхоз ба шаҳр оварда, гуфт, ки ба ягон «кори дуруст» мондан мехоҳад. Як ҳафта фикр карда мегашт, ки ба куҷо барад. Гоҳо бо овози баланд маслиҳатомез мепурсид:

— Ба куҷо барам?

Ё хомуш менишастам, ё ба маънои «намедонам» китф меҷунбонидам.

Ниҳоят, рӯзе ба ошьёнаи дуввуми Хонаи матбуот баромада, ба назди Содиқ Арабов омадем, ки ҷонишини котиби масъули газетаи «Тоҷикистони Сурх» буд. Аз афти кор, онҳо дар хусуси ман пешакӣ гуфтугӯ карда будаанд, ки бародарам зуд аз паи кораш рафт ва Арабов маро дар рӯ ба рӯи мизаш, ба дивани нимдошти маёнаҷон нишастгоҳаш чуқуракшуда нишонида фармуд, ки сабр кунам.

Худаш сар ба рӯи когаз хам карда, бо ҳарфҳои калон-калони хушрӯй чизе менавишт.

Дар ҷавонӣ ба сари одамизод андешаҳои аҷибу ғариб хона мемонанд. Ва яке аз он гуна андешаҳо ин аст, ки одами хуб, инсони наҷиб бояд ҳатман хушқадуқомат ва хушандом бошад. Ҳайҳот, ки Содиқ Арабов марди миёнақаду лоғари назарногире буд, илова бар ин сахт мелангид. Рӯи борик, бинии дарози тегадори борике дошт ва ба болои ҳамаи ин як чашмаш шишагин буд, ки аз ин сабаб рӯи рост ва ягона чашми сиҳаташро ба коғаз хеле наздик оварда, хат менавишт.

Ин буд, ки ба афту андому кору бори ошнои акаам бе шубҳа назар карда, бепарво менишастам.

Ниҳоят, у варақаҳои сиёҳкардаашро ғундошта, ба роҳрав баромад ва ба суе рафт, ки аз он ҷо шақарроси мошинкаҳои хатнависи ба гуш мерасид. Ба кабинет баргашта, такрор фармуд, ки аз ҷоям наҷунбида нишинам ва ин дафъа аз дар баромада, ба тарафи чапи долон ғоиб шуд. Тахмин пас аз як соат омад ва аз чӣ сабабе бошад, аз дастам дошта, ба долон баровард ва ҳамчунин дастамро сар надода, аз мобайни чанд хона гузаронида, ба кабинети муҳаррир Самад Ғанӣ даровард.

— Ана ҳамин писар,— гуфт Арабов ва дастамро раҳо карда берун рафт.

Ман дар остонаи кабинет мондам. Самад Ғанӣ дар пешгоҳи хонаи васеъ, дар сари мизи калони рӯяш пур аз ҷузъгир, асбобҳои хатнависӣ, даста-даста коғаз ва туда-туда газетаҳои наву куҳна нишаста, гоҳ-гоҳе ба суи ман назаре меафканд, вале ҳарфе намегуфт. Он вақт нуздаҳсола бошам ҳам, резапайкар будам ва ношиносон гумон мекарданд, ки 15—16-солаам. Эҳтимол муҳаррир ба андеша афтода буд, ки «аз ин бача ба идораи серкори газетаи республикавӣ оё нафъе мерасида бошад?» Ман аз шарм чӣ кор карданамро надониста, пояҳои ғафсу мудаввари кандакорӣ кардашудаи мизи қадимасохти маҳаррирро тамошо мекардам.

— Ху-уш,— оқибат мад кашида гуфт муҳаррир ва аз ҷой бархоста, чанд варақ коғази тоза, қалам ва сиёҳдони ду нимхиштии болои ҳам гузошташуда барин қалони шишагинро бардошта, ба канори дигари хона, ба сари мизи майдаи мохутпуше омад ва фармуд, ки дар ҳамин ҷо нишаста ариза нависам.

Дар як дақиқа аризаро навишта, ба муҳаррир супурдам.

— Не, аз сари нав навис, дарозтар навис,— онро хонда фармуд муҳаррир ва боз чанд вараки дигар коғаз дод. Аризаро такрор ба такрор мехондам, фаҳмидан мехостам, ки кадом ҷумларо чала навишта бошам, ба чӣ гуна хатое роҳ додаам ва боз чӣ иборае бояд ёфта нависам, то ки ариза дарозтар шавад. Охир илова кардам, ки орзуи деринаи ман ходими матбуот шудан аст, бинобар ин аз мухаррир самимона илтимос мекунам, ки хоҳиши маро рад накунад.

Ин гап сахт муболиғаомез буд. Медонистам, ки газетаю журналҳо дар ҳаёти мо мавқеи муҳимме доранд, хизмати босазое мекунанд. Ба касби ходими матбуот ҳам эҳтироми калон доштам, лекин на бештар аз дигар пешаю ҳунарҳо. Дар воқеъ, агар бародарам ҳамон рӯз маро ба депои паровозҳо ё, масалан, заводи собунпазӣ мебурд, чунучаро нагуфта мерафтам. Он рӯзҳо аз тақдири худ бепарво будам. Як сол пеш ба Москва рафта, ба Институти авиационии ба номи Серго

Орҷоникидзе (МАИ) дохил шудам. Азбаски мактаби миёнаро нағз хатм карда будам ва пояи дониш аз физика ва математика ба қадри кифоя тобовар буд, ба душвориҳои таҳсил дандон ба дандон монда тоқат мекардам. Лекин ба маишати сахти студенти соли 1946 тоқат овардан аз доираи иқтидори ман берун буд.

Як моҳ қабл аз он падарам вафот карда, маро гуё дар биёбони бекас танҳо монда рафта буд.

Оре, аз пешомади худ бепарво будам.

Муҳаррир аризаи дуввумро низ бо қиёфаи норозиёна аз назар гузаронида пурсид:

— Мактабро кай тамом кардӣ?

— Се сол шуд.

— То ин вақт чӣ кор мекардӣ?

— Табельчии колхоз будам.

— Нағз. Табельчӣ ҳам кори ганда не. Ана ҳамин кората дар аввали ариза навис. Яъне вазифаи табельчӣ аз чӣ иборат буд, чӣ хел замин чен мекардӣ, рӯзи меҳнати колхозчиҳоя чи тавр ҳисоб мекардӣ ва ҳоказо.

Боз ба сари миз нишаста, ба навиштан сар кардам. Аз баёни вазифаи табельчӣ ва тарзҳои гуногуни чен кардани ҳар гуна киштзор, полез ва боғу токзор панҷ варақ коғаз пур шуд. Ҳар замон ба назди муҳаррир ходимони редакция, ҳар хел корафтодагон даромада мебаромаданд. Ман ҳамчунон бо сари ҳам менавиштаму менавиштам. Қариби пешин муҳаррир омада варақаҳои сиёҳкардаи маро ба даст гирифт, рост истода аз назар гузаронид. Чизе нагуфт, онҳоро дуқат карда, бурда ба як гӯшаи мизи худ гузошту бар болои аризаи аввалинам навишт: «Барои имтиҳони думоҳа шогирди (практикант) ходими адабӣ таъин карда шавад. Маош — 50 сум».

Ду моҳ дар шуъбаи мактубҳо ба мухбирон аз тақдири хабару мақола ва арзу шикоятҳояшон ҷавоб менавиштам. Дар ин мобайн ба комбинати гӯшт рафта, аз иҷрои плани моҳонаи ин муассиса хабаре навиштам. Онро дар шуъбаи саноат ва нақлиёт хеле ихтисор карда, аз саҳифаи якуми газета ҷой доданд.

Нахустин бор имзои худро дар саҳифаи газета дида, ҳис мекардам, ки сарам ба осмон мерасад.

Ду моҳи санҷиш зуд гузашту рафт. Як пагоҳӣ ҷонишини мудири шуъбаи мактубҳо Хосият Эшмуродова гуфт:

— Мӯҳлати имтиҳонатон дина тамом шуд.

— Акнун чӣ мешавад?

— Аз рӯи қоида муҳаррир ба наздаш ҷеғ зада, саволу ҷавоб мекунад.

— Сонӣ?

— Сонӣ одатан ё ходими адабӣ таъин мекунад, ё ҷавоб медиҳад.

Маъюсона сар хам кардани маро дида, Хосият-апа илова кард:

— Ба хаёлам, шумо аз имтиҳон гузаштед. Ба кор таъин мекунанд, ана ман гуфтаму шумо шунидед.

Ҳамаи рӯз то бегоҳ гушбақимор менишастам, ки кай ба назди муҳаррир даъват мекарда бошанд. Дар дили худ ба саволу ҷавоб тайёрӣ медидам. Ду сол муқаддам маро ба аъзогии ВЛКСМ қабул карда буданд. Дар маҷлиси бюрои комитети районии комсомол як духтараки маҳмаддоно аз вазъияти байналхалқӣ, аз тарҷумаи ҳоли сардорони давлат пай ҳам сечор саволи дандоншикан дода, ба обу арақ ғарқ кунонида буд. Хайрият, котиби якум ҷавони нармдил будааст, ки гуфт:

— Мо ба комсомол асосан бо мақсади тарбият қабул мекунем. Он чизе ки ин рафиқ ҳоло кам ё суст медонад, минбаъд нағзакак меомӯзад. Ҳамту не? — ӯ ба ман рӯй овард.

— Албатта, ҳамту,— саросема гуфтам ва хурсанд шудам, ки ҷони ман аз чанголи он духтараки ҳамадон раҳоӣ ёфт...

Ба ҳар эҳтимол вақти танаффуси нимрӯзӣ ба китобхонаи нашриёти газетаҳои республикавӣ даромада, ҷузъбанди газетаҳоро гирифтам, нутқҳои Вазири корҳои хориҷии СССР рафиқ. А. Я. Вышинскийро дар сессияи охирини Ассамблеяи Генералии Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида хонда баромадам.

Самад Ғанӣ маро ба наздаш хонда, саволе надод, ба соаташ нигоҳ карду гуфт:

— Соат панҷ. Ҳозир ба музей бирав. Бодиққат тамошо кун. Сонӣ ба хонаатон рафта, ҳар чиро ки лозим донӣ, навис. Пагоҳ ба дасти ман месупорӣ. Шарт ҳамин ки материал соати нуҳ тайёр бошад.

То анҷоми кори музеи таърихию кишваршиносӣ тахмин ду соат монда буд. Намоишгоҳҳои музей аз рӯи давраҳои таърих ба шӯъбаҳо тақсим шуда буд, вале ҳамаи ду соати ман дар шӯъбаи якум сарф шуд, ки аз зисту зиндагонии халқи тоҷик дар давраи пеш аз Революцияи Октябрь ҳикоят мекард. Дидани ҳайкалҳои гаҷини деҳқонон, косибони бенавою мазлум, бою амалдорони қамчинбадаст, макети кулбаҳои фақирона ва асбобу анҷоми кӯҳнаи рӯзгор ба ман чунон сахт таъсир карда буд, ки аз он шӯъба берун рафта натавонистам. Ростӣ, аз ин пеш ҳам ба музей рафта, ин гуна ҳайкалу макетҳои ҳузнангезро дида будам, лекин дар ин ҷо гузаштаи тираю талхи халқи худам нишон дода мешуд.

Шабона ҳашт саҳифаро сиёҳ карда, ба қадри тавонам ба соҳибони замони пур аз зулму истибдод ва хорию зиллати пеш аз Октябрь лаънатномае навиштам. Эътимод доштам, ки он чиз ҳатман дар газета дарҷ хоҳад шуд. Намедонистам, ки га-

зета ба мақолаю репортаж аз музей эҳтиёҷе надорад, хусусан ба репортажи соддалавҳонаи ман барин мухбири бетаҷриба. Намедонистам, ки ҳам худи он чиз ва ҳам мӯҳлати танги барои навиштанаш таъинкардаи муҳаррир як навъ имтиҳоне будааст.

Самад Ғанӣ он чизро хонда, зери лаб «ҳм» гуфту фармуд, ки маро ходими адабии шуъбаи хоҷагии қишлоқ таъин кунанд. Аз ҳамон рӯз ба коргоҳи журналистон шогирд шудам. Нахустин устодам мудири шуъбаи хоҷагии қишлоқ Ҷунайдулло Исоев буд.

## САРДОР

Вай марди қадаш аз миёна қадаре пасти хурмоимӯй, гирдрӯй ва сафедпусти кабудчашм буд. Дар сари мизи худ, назди тиреза рост истода папирос мекашид.

Маро пеши ӯ оварда гуфтанд:

— Рафиқ Исоев, мана ба шуъбаи шумо ходими нав. Гушту пӯсташ аз шумою устухонаш аз худаш.

Аз замони қадим ҳангоми супурдани шогирд ба дасти устод ҳамин тавр мегуфтанд. Аммо ман аз ғами гӯшту пӯсти худ дида, бештар бо андешае банд будам, ки ин мардаки рус дар газетаи тоҷикӣ чӣ гуна кор мекарда бошад? Ҳа, бешубҳа, вай рус ё белорус, мегуфтам дар дилам. Ҳатто фамилияаш ҳам сирф тоҷикӣ нест: дар байни мардуми рус ҳазорон ҳазор Исоевҳо вомехуранд.

Он вақтҳо фақат дар қабати дуюми Хонаи матбуот идораи ҳар се газетаи партиявии республика, илова бар ин идораи Главлит, редакцияи «Пионери Тоҷикистон», маъмурияту бухгалтерияи нашриёти газетаҳо, китобхонаи нашриёт ва хонаи суратгирон ҷой гирифта буданд. Рафиқ Исоевро аз ин қабл дар роҳу роҳравҳо чанд бор дида бошам ҳам, гумон мекардам, ки яке аз ходимони газетаи «Коммунист Таджикистана» аст.

Исоев мизу курсиҳои гирдогирди хона зич гузоштаашударо хаёломез аз назар мегузаронид. Чунон ки сонитар фаҳмидам, сетои ин мизҳо ба калонтарин шуъбаи редакция — шуъбаи хоҷагии қишлоқ тааллуқ дошта, боқимонда аз они дигар шуъбаҳо ва як мизи майда коргоҳи Мустафо Шарқӣ буд, ки варақаи сайёри «Тоҷикистони Сурх»-ро барои бинокорони ГЭС-и Варзоб тайёр мекард.

Ҳама ҷой банд буд. Исоев бо забони тозаи тоҷикӣ фармуд, ки як дона курсӣ ёфта оваранд. Курсиро оварда дар паҳлуи ходимони адабӣ Мурод Боғиров ва Омина Қаҳҳорова гузоштанд. Акнун мо се кас мебоист дар сари як мизи хамбари танг нишаста кор мекардем. Материал хондан ё чизеро фикр карда нишастан мумкин буд, лекин барои хат навиштан як дастро

рӯи миз, дигарашро дар бағал ё рӯи зону нигоҳ доштан лозим меомад.

Вазифаи ман аз таҳрири хабари мухбирон иборат буд. Баъзе хабарҳо қисман таҳрир металабиданд, як пораи дигарро тамом аз нав навишта, ба машинка супурдан лозим мешуд. Лекин ҳафтаҳои аввал хабарҳои коркардаи ман худ муҳтоҷи таҳрир буданд. Ёрдамчиёни мудир — ходимони таҷрибаноки адаби Йулдош Зиёев, Мурод Боғиров гоҳо хабари ислоҳкардаи маро аз таҳрир сиёҳ мекарданд, баъзан мефармуданд, ки аз нав нависам.

Ходимони «кӯҳна»-и шуъба Исоевро аз чӣ сабабе Сардор меномиданд, ва ӯ низ аз ин унвони нимҳарбию нимрасмиаш бепарво буд: на хурсанд, на хафа. Марди ҳалим, фурӯтан, камгап ва батамкин буд Сардор. Моҳи аввал ба ҷуз ҷавоби салом ва пурсупоси бағоят мухтасар ба ман чизе намегуфт. Фақат тирамоҳи ҳамон сол якта-нимта мақолаҳои калонтарро барои таҳрир бовар карда месупоридагӣ шуд.

Исоев дар назари ман намунаи одами меҳнатдӯст буд. Гоҳо навбатчӣ таъинам мекарданд, ки шабона саҳифаҳои газетаро хонда ба чоп тайёр намоем. Саҳарӣ, ҳанӯз соат ҳафт нашуда, ҳанӯз нури офтоб ба сари шаҳр паҳн нагардида, Сардор ба кор меомад. Аввал ҷои кабуди талх дам мекарду сипас аз паси мизи худ нишаста, ба навиштани сармақола ё мақолае аз соҳаи хоҷагии қишлоқ сар мекард. Нигоҳҳои саволомези маро пай бурда мегуфт, ки кори саҳарӣ бобаракат аст.

Вай дар ҷанг борҳо ярадор шуда буд. Мегуфтанд, ки чанд пораи майдатари минаи фашистон ҳоло дар байни гӯшту устухони баданаш «сайр» карда гаштааст. Баъзан дарди ҷароҳатҳои пешинааш тоза мешуд ва ӯ бо ранги парида аз ҷой бархоста, аз тиреза ба кӯча ва анбӯҳи дарахтон нигариста, дар ҳамон ҳолат бо дарди домангираш мубориза мебурд.

Аз чаҳор саҳифаи газета ба ҳисоби миёна материали якунимтоашро шуъбаи мо медод. Аксаран як саҳифа фақат ба пахта бахшида мешуд ва дар болои он саҳифа ҳар рӯз ба истилоҳи журналистон, шапка — шиори «Ба мамлакат 140 ҳазор тонна пахта медиҳем!» такрор мегардид. Ним саҳифаи дигар аз ғаллакорӣ, чорводорӣ, қирмакпарварӣ, боғу ток ва дигар соҳаҳо хабар дарҷ мешуд. Умуман он вақтҳо «шапкаю» рубрикаи бисьёре расм шуда буд. Шуъбаи мо аз қабили «Ғалла ба давлат!» «Пилла ба давлат!», «Пашм ба давлат!», «Суръатро тезонем!», «Сифатро бардорем!», «Фурсат ғанимат!» сарлавҳаю рубрикаҳои фаровоне дошт.

Мо, ходимони газета, барзиёд будани қисме аз он рубрикаҳоро хис накунем ҳам, хонандагони зирак, аз афти кор, пай мебурданд. Як рафиқи шӯхтабиатам, ки дар базаи автомобиль-

ҳои таксӣ ронандаи қаторӣ буду газетаҳои ҳаррузаро муттасил мехонд, дар ҳар мулоқот ба ҷои салом хитоб мекард:

— Фазлӣ, «Пилла ба давлат!».

Ё худ:

— Фурсат ғанимат! Ин сӯ биё!

Ғайр аз сармақолаи умумии газета шуъбаи мо сармақолаяки саҳифаи худро дошт, ки онро рӯзномаи пахтакор меномидем ва ҳар рӯз аз тарафи мудири шуъба навишта мешуд. Исоев онро дар мобайни кор менавишт. Ҳаҷми рӯзнома хурд бошад ҳам, навиштанаш осон набуд, зеро ба мавзуъҳои махсуси илмии агрономӣ бахшида мешуд. Чунончи, тарзи яхобмонӣ, чеканкаи пахта, хосияти нуриҳои маъданӣ, роҳҳои муборизаи зидди ҳашарот ва ҳоказо. Рафиқ Исоев гоҳо ҳангоми навиштани сармақолача душворӣ кашида, пешониашро бо ду ангушти калони дасти рост сахт-сахт молиш медод ва бо таассуф «эҳ-сабил!» гӯён аз дар баромада мерафт. Чанд дақиқа дар долони дароз ё болохонаи барҳавои пеши китобхонаи редакцияҳо қадам зада меомаду пас як-ду пиёла чои талх нӯшида, чизи нотамомро ба итмом мерасонид.

Сардор аз гаърифу тавсифи зердастонаш қасдан худдорӣ мекард. Аммо агар касе аз онҳо мақолаи хубе нависад ё супоришеро бекамукост ба ҷо оварад, чашмонаш аз қаноатмандию шодмонӣ гуё нур мефишониданд. Бо вуҷуди он чизе намегуфт ё агар бигуяд ҳам, танҳо як калима: «Хайр», ё «Мешавад».

Гоҳ-гоҳе фурсати муносиб ёфта, бо тарбияи камина машғул мешуд.

— Ин ҷо нишин, писар,— гуфт ӯ боре ба худ қиёфаи муаллими сахтгиреро дода.— Канӣ, бигӯ, дар вақти холиат чиҳо мехонӣ?

— Ҳар хел газета, журнал.

— Кадом журнал?

— «Огонёк».

— Уҳ, нағз! «Огонёк» журнали нағз! Хайр, исто, ки китоб намехонӣ?

— Мехонам. Аз китобхона асарҳои Максим Горький гирифта мехонам.

— Соз. Ин корат чудо соз. Исто, ки радио чӣ? Аз радио чиҳоро гӯш мекунӣ?

— Сурудҳои ҳиндия.

— А?!— Сардор ҳайрон шуда, ба рӯям чашм дӯхт. Ман рост гуфта будам. Он солҳо айёми ба истиқлолият расидани Ҳиндустон буд ва радиои Деҳлӣ аз саҳар то нимн шаб чандин маротиба концертҳои дилкаш медод. Ҳарчанд диктор ҳанӯз ба забони англисӣ гап мезад, вале сурудҳои бароям тоза, марокангез ва бисьёр форами ҳиндиро соатҳои дароз бо фараҳ

гӯш мекардам. Хусусан навозиши асбобҳои бостонии миллии ҳиндӣ хушамро меовард ва гуё ба тамошои кадом як кишвари афсонавӣ ҳидоят мекард.

Сардор муддате ба тиреза нигоҳ карда хомӯш нишаст. Пас боз ба ман рӯй оварда гуфт:

— Як нависандаи ҷавон баромадааст. Номаш ҳам ғалатӣ: Толис. Ду-се ҳикояашро хондам. Ба ман маъқул. Аз мешинохтагиҳо пурсидам, мегӯянд, ки ҳамсоли ту будааст.

Муддате сокит нишасту дубора таъкид кард, ки ҳамон нависандаи ҷавон ҳамсинни ман будааст.

Мақсади Сардорро нафаҳмидам. Рости гап, ҳатто худи ҳамон суҳбат зуд аз хотирам баромад ва фақат баъди чандин соли дигар аз нав ба ёдам расиду дарк кардам, ки Исоев чӣ гуфтан мехост.

## ХИЗМАТГОРИ ҚОРЧАЛЛОН

Ба кори газета дигар сахт дил баста будам ва ба худ меболидам, ки ин ҳунарро кам-кам омӯхта истодаам. Аз суҳбати рафиқони калонсол кайҳо дарьёфта будам, ки Бобоҷон Ғафуров, Баҳром Сирус, Набиҷон Поччоҷонов, Қосим Дайламӣ барин олимон, ходимони машҳури давлат, журналистони номдори республика маҳз дар коргоҳи ҳамин идора обутоб ёфтаанд.

Фахр мекардам, ки акнун ҳамкорони ман на фақат журналистони соҳибтаҷриба, балки ҷанговарони ҷасуранд. Тоҷӣ Усмон, Ҷунайдулло Исоев, Йулдош Зиёев, Мурод Боғиров, ҳатто ҷавонтарини онҳо Мустафо Шарқӣ, ҳамагӣ аз обу оташи Ҷанги Бузурги Ватанӣ гузашта омадаанд. Мудири шӯъбаи ахборот Билол Қудратов рӯзҳои ид либоси низомиашро мепӯшид ва мо медидем, ки ӯ офицери Флоти Ҳарбии Баҳрӣ будааст, барои диловариаш ба гирифтани ордени адмирал Нахимов ва дигар мукофотҳо шарафманд шудааст.

Саргузашти Содиқ Арабовро шунида, эҳтиромам ба ин марди зоҳиран назарногир як бар даҳ афзуд. Нақл мекарданд, ки ӯ аз як чашми худ ҳануз дар овони кӯдакӣ маҳрум шудааст: бобояш дарди чашмро даво мекунам, гӯён доруи тезеро ба он бастааст ва дидаи дардманд «об шуда» рехтааст. Вақте ки ҷанг сар мешавад, акаи Содиқ худи ҳамон соат ба сӯи комиссариати ҳарбӣ метозад ва талаб мекунад, ки ӯро фавран ба фронт бифиристанд. Ба вай мегӯянд, ки ин кор аз ҳадди имкон берун аст. Одам бо вуҷуди ҷасорат ва фидокориаш чӣ гуна метавонад фақат бо як чашм ба сафи армия қабул шавад? Не, ин ҳаёлро аз сар дур кардан даркор.

Арабов он қадар дурудароз, боисрор ва матонат давутоз мекунад, ки дигар аз баҳсу мунозираю арзу шикояти ӯ ба ҷон омада, ба фронт мефиристанд. Дар назди Сталинград сахт маҷрӯҳ мешавад. Аз зонуи чап собунаки реза-резашуда ва чанд устухонаки дигари осебдидаро бароварда партофта, муолиҷа мекунанд.

Нахустин бор ба ҷамъияти калони одамони ҳақиқатан накӯкору хайрхоҳ, одамони софдили гарму сарди рӯзгорро дидаю санҷида афтода будам.

Акнун ҳам дар идора кор мекардам, ҳам моҳе ду-се маротиба ба сафарҳо мерафтам.

Рӯзе Сардор фармуд, ки ба районҳои водии Ҳисор ба командиорвка биравам. Ҳоло чӣ хел хабару мақола навиштанро аз ҷиҳати таҳрир медонам. Акнун барои мақола материал ғундоштанро бояд омӯзам. Супориш ин аст, ки ба рафти пахтачинӣ бо назари танқидӣ бояд нигарист, зеро районҳои ин водӣ, мувофиқи маълумоти Вазорати хоҷагии қишлоқ, аз дигар ноҳияҳо қафо мондаанд. Албатта, обу ҳавои Ҳисор ба худаш хос аст, гуфт Сардор, лекин баъзе роҳбарони беғам ҳамин шароитро баҳона карда, маъракаи пахтачиниро кашол медиҳанд.

Рафиқ Исоев варақаи сафарро ба дастам супурда, таъкид кард, ки ба ҳар куҷое равам, дар паси он варақа бо имзои шахси масъул ва муҳри расмии давлатӣ қайд гузорам.

Он вақтҳо, байни районҳо роҳҳои ҳамвори мумфарш набуд, автобусҳои мусофиркашон ҳам набуданд. Бо маслиҳати рафиқонам ба поезд савор шуда, то райони Пахтаобод — сарҳадди ғарбии республика рафтам. Аз он ҷо пиёда деҳа ба деҳа, колхоз ба колхоз гашта, рӯз то рӯз ба пойтахт наздиктар меомадам. Аз тарафи рости роҳи оҳан се-чор колхозро дида, ба самти чап мегузаштам. Баъди пур шудани чанд саҳифаи блокнот аз рақамҳо ба райони Регар гузаштам, баъд ба райони Шаҳринав ва ҳоказо. Водии Ҳисор он вақт аз ҳашт райони пахтакор иборат буд ва ҳар район аз 35—40 то 60—70 адад колхоз дошт.

Пушти варақаи сафар дар ибтидои рӯзи якум пур шуд ва ман таъиноти Сардорро ба таври худ фаҳмида, маҳалҳои сафаркардаамро ба варақаҳои иловагӣ бо муҳру имзои ходимони райком, комитети иҷроия, роҳбарони колхозу совхозҳо қайд мекунонидам: яъне ба колхозҳои «Зарбдор», «НКВД» ва ба номи Стаханов фалон рӯз омаду рафт. Ба совхози «Эфироноc» ва МТС-и ба номи Чапаев фалон рӯз омад...

Аз колхоз ба колхоз, аз район ба район асосан пиёда мерафтам. Гоҳо ба аробаи роҳгузари пахтакашон савор шудан муяссар мегардид. Шабҳо дар хонаи ягон колхозчӣ, сардори звено ё бригада хоб мекардам. Аммо шаби охирин бе ҷои хоб монда, то як поси шаб овора шудам. Ба маркази район

омадам, ки ҳамаи катҳои меҳмонхонаро мусофирон банд кардаанд. Ба чойхона даромадам, аммо он ҷо фақат палоси ба рӯи тахтакати қоқ густурдашудае буду бас. Чойхоначӣ аз паҳлу гашта, оҳувоҳ карданҳои ман безор шуду нимишабӣ ба наздам омад ва гуфт, ки аз паси ӯ биравам, ҷои хоб ёфта медиҳад.

Шароити зиндагонӣ он солҳо чандон хуб набуд: осори айёми пурмашаққат, пур аз маҳрумиятҳои ҷанг ҳанӯз тамом бартараф нашуда буд.

Ҳамроҳи чойхоначӣ ба пункти пахта омадем. Вай посбонро ҷеғ зада гуфт, ки ба як мусофир ҷои хуб ёфта диҳад, кори савоб мешавад. Посбон аввал гуфт, ки дар ин ҷо чӣ бисьёр ғарами пахта. Кадомашро хоҳӣ, бираву даруни пахта дарою хоб кун. Лекин муддате хамьёза кашида истоду ногоҳ ҳисси меҳмоннавозиаш ҷӯш зад. «Не, дар ҳавои кушод шабнам мезанад» гуфт худ ба худ ва маро ба як гӯшаи дури ҳавлии бузурги пункт бурда, дари кулбаеро нишон доду худ баргашт. Вақте ки чашмам ба торикӣ одат кард, дар мобайни кулба матраци кӯҳнаи аз тики рах-рах дӯхташударо дидам, ки ба рӯи пахол партофта буданд. Пахолро аз нав ҳамвор карда, як тарафи матрацро болинсон баланд бардоштам ва худи ҳамон лаҳза ба хоб рафтам.

Чашми рӯз нав кафида буд, ки аз хориши сахте бедор шудам. Ҳамаи аъзои бадан ва либоси маро шабуш зер карда буд. Ман ин ҳашароти нафратовари зормондаро аз солҳои сахти ҷанг инҷониб надида будам. Хусусан солҳои 1942—44 навбатҳои дурударози назди магазинҳои нон сайронгоҳи ин ҷонвари касофатосор буд.

Дигар ба идорае надаромада, пеши касе нарафта, сӯи хона шитофтам.

Ба хона расида, аз таки дар апаамро фарьёд кардам.

— О даро! Омадан гир! — бо ҳайрат мегуфт ӯ.— Дар чор рӯз бегона шудӣ?

— Ба хона даромада наметавонам, апаҷон. Худат ин сӯ биё, як маслиҳат ҳаст.

Апаам аз воқиа огоҳ шуда фиғон бардошт, ки ман ба чӣ гуна идора ба кор даромадаам. Акаам ба вай гуфта будааст, ки додарамонро ба яке аз калонтарин ва баобрӯтарин идораҳои республика ба кор даровbooарда мондааст. Ин чӣ гуна идораи баобрӯй будааст, ки коргараш аз сар то пой ба шабуш мегӯтидааст?!

Ҳарчанд асли воқиаро фаҳмониданӣ мешудам, ба гап гӯш намеандохт. Либосҳоямро кашида ба гӯшае тӯда кард, ба ман таъин намуд, ки зинҳор аз ҷоям наҷунбам ва назди ҳамсояаш

бирафт, ки дар табобатхона ҳамшираи шафқат буд ва ба фикри ӯ, илоҷи ин сабилмондаҳоро хуб медонист.

...Дар районҳои сафаркардаам одамони гулдасти меҳнатӣ, мутахассисони пуртаҷрибаю соҳибтадбири бисьёреро дида, аз нақлу ривоят ва корубори онҳо як тарафи блокнотамро пур карда будам. Худам низ шод будам, ки дар як сафари кӯтоҳмуддат бо ин қадар одамони наҷиб шинос шудам. Лекин азбаски супориши редакция дигар буд, ҳамон шаб мақолаи даркориро навишта, рӯзи дигар ба мошинка супурдам.

Аз рӯи таомул ба бухгалтерияи нашриёт низ аз сафари худ ҳисобот додам.

Мақоларо пас аз мошинка мехондам, ки сарбухгалтери нашриёт Иван Иванович Трошин хандакунон аз дари хона даромад.

— Рафиқон, тамошо кунед, ин мухбири навбаромад чӣ кор кардааст! — мегуфт ӯ як даста коғазро дар ҳаво алвонҷ дода. Дастаи коғаз аз шаҳодатномаи сафар, варақаи ҳисобот ва боз чанд варақ коғази пасу пешаш саросар пур аз имзою мӯҳру штамп буд, ки дар онҳо ҳамаи ҷойҳои рафтаомадаамро қайд карда будам.

— Аз рӯи дастур,— мегуфт Иван Иванович,— ман бояд ба ҳар як километр масофаи пиёдаю савора тайкардаи ин ҷавон аз рӯи ин қайдҳо пул ҳисоб карда диҳам. Бародарҳо, ман ин корро чӣ тавр мекунам? О ман аз куҷо донам, ки масофаи байни колхози «Зарбдор» ва колхози «НКВД» чӣ қадар аст!

Сардор варақаҳоро тамошо карда хуб хандид, ба сарбухгалтер фаҳмонид, ки мақсади мухбир (яъне ман) аз ин қадар мӯҳру имзо асло роҳкиро ситонидан не, балки ин аст, ки ба ҳамаи ин маҳалҳо шахсан рафта омаданашро ба сардоронаш нишон диҳад. Баъд ӯ ба Иван Иванович як пиёла чойи кабуд дода, ба наздаш нишонид ва латифаи машҳури тоҷикиро дар бораи хизматгори корчаллон гуфта дод, ки хӯҷаинаш як корро фармояд, се-чаҳортаашро якбора иҷро карда меомадааст.

## РИШВА

Якуним саҳифаи газетаро аз материал пур кардан ба гуфтан осон. Агар дар атрофи редакция даҳҳо нафар мухбирони шаҳрӣ ва деҳотии иншояшон равону нисбатан мукаммал намебуданд, агар ба замми ин дар ҳар вилоят ва ноҳия газета мухбирони штатии худро намедошт, ҳоли мо, ходимони шӯъбаҳо, хеле гарон буд.

Мухбирони худи ғазета, ки онҳоро ихтисоран ва ҳазломез мухмах меномидем, ба ҳамаи шӯъбаҳо аз рӯи план ва нормаи худ хабар ва мақолаҳо навишта мефи-

ристоданд. Намояндаи «Тоҷикистони Сурх» дар водии Вахш рафиқ Ҳаким Набӣ аз ҳама сермаҳсултар кор мекард. Мақолаҳои бо хати зебою хоно ва услуби хушнавиштаи рафиқон Меҳрубон Назаров (аз Хоруғ), Раҳматҷон Муҳаммадҷонов (аз Ленинобод), Ғоиб Қаландаровро (аз Кӯлоб) гирифта, шодӣ мекардем. Хурсанд мешудем, ки ба ин васила ҳам сифати материалҳои шӯъба баландтар гардид, ҳам кори мо осонтар шуд.

Чанде аз мухбирони ғайриштатии газета хабарҳои навиштаашонро ба редакция бо дасти худ оварда месупориданд. Бо яке аз онҳо (ин ҷо ӯро шартан Саид меномам) ҷӯра шуда будам. Саид дар мактаби адлияи Сталинобод мехонду рӯзҳои истироҳат ба зодгоҳаш Чиптура мерафт ва аввали ҳар ҳафта аз корубори ягон колхоз, МТС, ё ҳаёти чӯпонҳо, боғбонҳо мақолачае навишта меомад. Ҷавони хушфеъли дилсафеде буд ва ман ба қадри ҳолам ба кори мухбирии ӯ кӯмак мерасонидам. Ҳардуямон, ки муҷаррад будем, баъзан баъди хотимаи кори ман ва дарсҳои ӯ ба майдони назди вокзал ё Путовский рафта, дар яке аз ошхона ё чойхонаҳои сершумори он ҷо нишаста таом мехӯрдем, суҳбат мекардем, шоҳмот мебозидем.

Рӯзе тахмин соатҳои дувоздаҳ Саид бӯғчае дар даст пайдо шуд. Вай ҳамон пагоҳӣ аз Шаҳринав омада буд ва барои ману рафиқони ҳамкорам аз тӯи кадом хешаш як рӯймоли таранг ангуру анору себи ширин, нони бомазаи чапотӣ, кулчаҳои равғанӣ оварда буд. Рӯймолро кушода ба рӯи миз паҳн кардем ва хислатҳои неки Саидро тавсифкунон ба хӯрдани нону мева даромадем. Ғайр аз Сардор ва ҷонишини ӯ Зиёев, ки ҳарду дар машварати назди муҳаррир буданд, дигар ҳама бошандагони кабинети калон дар атрофи дастархони Саид ҷамъ омада будем.

Ногоҳ Йӯлдош Зиёев аз дар даромад. Ба сӯи мо, ба тарафи Саид теғ кашида нигарист, коғазеро аз сандуқчаи мизаш гирифта, ба сӯи дар қадам ниҳод, аммо аз дар набаромада, аз роҳ бозистоду гуфт:

— Навигарӣ-ку! Муборак! Зиёфат хӯрда нишастаед? Ош шавад, курта-курта гӯшт шавад. Хуш, зиёфати кӣ? — Ӯ истеҳзоомез гап мезаду оҳиста-оҳиста ба мо наздик меомад.— Зиёфати мухбири фаъол Мулло Саид! Зиёфати махсуси қонуншинос, прокурори оянда ба ходимони шӯъбаи хоҷагии қишлоқ, а?— Зиёев лаҳзае гарон-гарон, бо ғазаб нафас кашида хомӯш истоду баъд суханашро давом дод: — Газетаи «Тоҷикистони Сурх» — байрақи миллати социалистии тоҷик аст. «Тоҷикистони Сурх» органи Комитети Марказии Партияи Коммунистии (большевикони) Тоҷикистон аст! Органи партия гуфтан ин яъне як қитъа, як қисми партия гуфтанӣ маъно дорад,

Мулло Фазлиддин! Ва ахлоқи ходимони он бояд ба талаботи ин партия комилан мувофиқ бошад. Ман ҳамаи ходимонро дар назар дорам, хоҳ узви партия бошанд, хоҳ бепартиявӣ...

Йўлдош Зиёев аз боқувваттарин журналистони идораамон буд. Вай дар фронт чандин бор ярадор шуда, чунон ки дар урфият мегўянд, мурда-мурда аз лабҳои гўр гашта омада буд. Аз қабили одамоне буд, ки хоки мамлакатамон ва нисфи ҷаҳонро аз қадами нопоки фашистон пок карда, бо виҷдони соф ба сари кори осоишта баргаштанд ва акнун мехостанд, ки зиндагонии давраи баъд аз ҷанг ҳам беғашу беолоиш бошад, ҳатто аз майдатарин зуҳуроти ногувор ва номатлуб пок ва орӣ бошад.

Ман он вақт ҳанўз узви партия набудам, вале аз гуфтугузори рафиқони калонсолам пай мебурдам, ки Йўлдош Зиёев аз ҷумлаи коммунистони максималист — ба худ ва ба атрофиён бағоят серталаб аст ва дар маҷлисҳои пўшидаи партиявӣ то даме ки гапи худро, меъёри баланди талаботи худро нагузаронад, бо ҳарорати тамом, бо тобу тафс ва самимияти ҳақиқатан публицистона ва коммунистона баҳс мекунад ва ором намегирад.

Вай дар таки дар истода, ба мо, зиёфатхўрон, боз чанд сухани киноеомези нешдор гуфту бо шаст баромада рафт. Калимаи «ришва» ё «пора»-ро акаи Йўлдош ба забон нагирифта бошад ҳам, мо фаҳмидем, ки кирдори ману ҷўраи ман ва дигар ҳамкасбони ҳамхона ба ў мутлақо писанд наафтодааст.

Аз ҳама пеш Мурод Боғиров аз зиёфат даст кашид. Ман мурғи ба об афтода барин дар гўшае нишаста мондам. Саид боқимондаи кулчаю меваро ба рўймолаш печонида гурехт. Бидуни муҳоботу муболиға тирвор гурехт.

Ман чеҳраи ғазаболуда, чашмони шарорапоши Зиёевро пеши назар оварда, бо ҳарос аз дил мегузаронидам, ки агар воқиаро бо ҳарорати ба худ хос ба роҳбарони идора арз кунад, маро бешубҳа аз кор пеш хоҳанд кард.

Болои мурда сад чўб, Боғиров ба оташи тарси ман равған мерехт.

— Фазлиддин, Йўлдош-акаат туя акнун ба ҷазои олӣ гирифтор мекунад.

Боғиров ибораи «ҷазои олӣ»-ро ҳазломез бисьёр кор мефармуд. Масалан, агар гуфтанӣ бошад, ки магасро нест кунед, мақсадашро ин зайл ифода мекард: «Пашшаҳоро ба ҷазои олӣ гирифтор кунед».

Баъди танаффуси нимрўзӣ Зиёев маро дар паҳлуяш нишонида гуфт:

— Минбаъд ин хел накун, додарам. Ба редакция ҳеҷ кас тўҳфа ё дастовез бардошта наояд. Ҷўра бошед, ҳамдигарато-

на дар кӯча ё хонаатон зиёфат кунед. Муносибати мухбиру редакция ҳадду ҳудуд дорад. Ту беақли гузаро не-ку, ба ҳаёлам. Як рӯз худат гуфтӣ, ки дар колхозат котиби ташкилоти комсомол будӣ. Ман ҳайрон, ту чӣ хел котиб будӣ? Мийяатро кор фармо, ука.

Боғиров ду-се ҳафтаи дигар он воқиаро ба хотир оварда, хандакунон мегуфт:

— Ҷураат чӣ хел канд-а! Тири ранга барин давид-е, шаҳбоз!

Акаи Мурод шарҳ дод, ки дар фронт баъзан шабона аз тирҳои ранга оташ мекушоданд. Ҷанговарон ин тирҳоро хаткашак (трассирующие пули) меномиданд. Дар шаби торик баръало дидан мумкин буд, ки ин гуна тир дар фазо хатти сабз, ё зард, ё сурх кашида, аз кучо ба кучо меравад.

Саид хабару мақола навиштанро давом медод. Лекин акнун ба редакция намеомад. Маро бо телефон ба кӯча даъват карда, навиштаҷоташро ба дастам месупорид. Пас аз ду сол мактаби адлияро ҳатм намуда, муфаттиши прокуратура, сонитар дар яке аз районҳои водии Вахш прокурор таъин шуд. Баъзан ҳангоми мулоқот аз воқиаи зиёфат ёдоварӣ карда мегуфт:

— Рафиқ Зиёев саҳат-саломатанд? Э ба ҳазор дароянд он кас. Мана расо тарсонданд-дия. Гуфтам, ки акнун тамом, зада-зада аз мактаб пеш мекунанд...

Йӯлдош Зиёев он рӯз сахтгирӣ карда буд. Лекин сабақи ба мо додааш беосор нарафт, чунки беҷо набуд.

### «БА САД ҒУЛ-ҒУЛ»...

Ҷиҳози матбааи солҳои баъди ҷангро бо он чи ки ҳоло дорем, на аз ҷиҳати ҳаҷм муқоиса метавон кард, на дар боби сифат. Табиист, ки дар он шароит кори шабонаи навбатдорони газета аз охири рӯзи кор — аз соатҳои чаҳор ё панҷ сар шуда, то соати хашт-нӯҳи рӯзи дигар давом мекард.

Илова бар ин ҳар гоҳ, ки Ассамблеяи Генералии Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида ба кор медаромад, миқдори материали расмии тарҷумавӣ ҳар рӯз то ба сад саҳифаи мошинканавис мерасид. Ин материалро шабона тарҷума ва таҳрир кардан лозим меомад ва саҳифабандию саҳифахонӣ то нимаҳои рӯзи дигар кашол мегардид.

Дар арафаи маъракаҳои интихоботи Советҳои Олӣ ва маҳаллӣ низ кори шабона меафзуд. Дар газетаҳо чоп кардани рӯйхатҳои дурударози комиссияҳо, ҳудуди участка ва округҳои интихоботӣ то майдатарин тафсилот, яъне то номи кӯчаю рақами хонаҳои интихобкунандагон расм буд. Газета гоҳо ҳашт ё даҳ-дувоздаҳ саҳифа нашр мешуд.

Қасе ки саргузашт мегӯяд, ногузир баъзе кор ё ҳислати худро баён мекунад. Ман ходими миёнаҳоли адабӣ шуда бошам ҳам, ҳамкоронам чашми корректориамро таъриф мекарданд. Мегуфтанд, ки чашм нарасад, фалонӣ барои хато нагузаронидан мекӯшад.

Хатои имлоӣ барои журналисти саҳифаҳон офати ҷон аст. Қас ҳар қадар эҳтиёт кунад ҳам, гоҳо аз калимае ҳарфе меафтод ва ё бо ҳарфи дигар иваз мешуд. Дар натиҷа калимаи нави бемаъние пайдо мегардид, баъзан як чизи тамоман ноҷоя, қабеҳу гӯшхароше ба вуҷуд меомад. Охир дар ҳар шумораи газета қариб 150 ҳазор ҳарфу аломат ҳаст, ки ҳар қадоми он аз чашми чандин нафар мусаҳҳеҳон, ходимони навбатдор ва, ниҳоят, муҳаррири шабона мегузарад. Бо вуҷуди он эҳтимоли содир шудани ҳатои зормонда аз байн намеравад. Аҳьён-аҳьён бошад ҳам, саҳви дурушту зишт роҳ меёфт, он гоҳ тиражи чопшудаи газета нигоҳ дошта мешуд. Онро аз сари нав чоп мекарданд, айбдорон ҷазои маъмурӣ мегирифтанд, ҷарима медоданд.

«Чашми корректорӣ» сабаб шуда буд, ки маро моҳе панҷ-шаш маротиба саҳифаҳон таъин мекарданд. Ҷонишини муҳаррир Тоҷӣ Усмон аз котибот талаб мекард, ки ҳар дафъае ки вай муҳаррири шабона шавад, маро низ навбатдор гузоранд.

Назар ба дигарон се баробар бештар бехобӣ кашидан чандон нафорад ҳам, аз супориши иловагӣ гардан наметофтам, чунки қаробат доштан бо журналисти таҷрибанок ба касбомӯзиам кӯмак мерасонид. Тоҷӣ Усмон мақолаҳоямро бодиққат хонда, таҳрир менамуд, оид ба мавқеи сухан бо ғамхорӣ сӯҳбат мекард. Аз хотир намеравад, ки доир ба маъно ва мавриди истеъмоли калимаи «собитқадам» бо мисолҳои гуногун қариб ним соат нақл карда буд.

— Дар материалҳои шуъбаатон иборҳои хунук вомехӯранд. Масалан, менависед, ки «каландкунии дуввум гузаронида шуд». Як диққат кунед: каландкунӣ гузаронида шуд... Чӣ қадар нохинҷор аст ин ибора,— мегуфт ӯ ва бо оҳанги нарм илова мекард.— Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад. Инро шоир гуфтааст.

Ҳамроҳи Тоҷӣ Усмон саҳифаҳонӣ кардан боз аз он ҷиҳат хуб буд, ки шабҳои дарози навбатдорӣ, хусусан дар фасли зимистон, мани муҷаррад аз ғами кофтукови ошу нон озод мешудам. Аз хонаи ӯ нисфҳои шаб, ҳатто баъзан бомдодон шӯрбою кабоб барин таомҳои болаззатро ба дастархон печонида ва ба сумкае андохта меоварданд.

Навбатдории ман ба Тоҷӣ Усмон низ маъқул буд. Саҳифаҳои навбатиро дар чил-чилу панҷ дақиқа хонда, ба охир мерасонидам. Хониши Тоҷӣ-Усмон гоҳ то якуним-ду соат давом

мекард, чунки ӯ аз қабили онҳое буд, ки таълимашон ба алифбои арабӣ гузаштааст ва ҳоло ҳам мақолаҳошонро бо ҳуруфоти арабӣ навишта, баъд ба мошинка дикта мекарданд. Ба замми ин аксари онҳо айнак ба чашм кор мекарданд.

Боре ӯ таклиф кард, ки барои тезтар буд шудани кор ман бо овози баланд хонам, ӯ гӯш медиҳад. Ҳамин тавр кардем. Баъд ин услуб одат шуда монд. Ӯ дар муқобил рӯи курсӣ нишаста гӯш мекард, ман мехондам ва хатоҳоро ёфта, тахрир мекардем.

Гоҳо медидам, ки рӯи курсӣ не, балки дивани нарм нишастааст ва ба ҳавои якнавохти хониш хобаш бурдааст. Қасдан овозамро баланд мекардам.

— Шуд, писар, шуд, шуд,— мегуфт ӯ бедор шуда.— Хонаро ба саратон бардоштед-ку.

Таҳрири саҳифа, ки тамом шуд, Тоҷӣ Усмон дар поёнаш имзо мекард: Усма. Ин имзоро дида, дар дилам тааҷҷуб мекардам, ки муаллим худаш ин қадар одами ҷиддӣ, батамкин асту имзояш ин хел сабуку ғайриҷиддӣ.

Ба ҳар ҳол тарзи саҳифахониамонро на ӯ ва на ман ба касе намегуфтем, зеро ин гуна услуб хилофи қоидаи кори газета буд. Кори таваккалӣ ва хеле хатарноке буд.

Соатҳои интизории саҳифаи тайёр баъзан тӯл мекашид ва ман дилтанг шуда, дар нимишабӣ ба куҷо рафтану бо чӣ кор машғул доштани худро намедонистам. Ба ошьёнаи якум фаромада, ба аппаратхонаи ТоҷикТА медаромадам. Телетайпхои ТАСС тамошои аҷибе доштанд. Аппарати мошинкамонанди беодам ба рӯи коғази сафед шарaққосзанон хабарҳои навбатиро менавишт. Хабарҳои тозатарин, охирине, ки ҳанӯз касе нашунидаасту нахондааст. Ба назар чунин менамуд, ки дар маҳалли тавлиди воқеоти навтарини ҷаҳон шахсан ҳузур доред.

Гоҳ ба матбаа даромада, аз тирезачаи хонаи мусаҳҳеҳон ба дарун нигоҳ мекардам ва агар мусаҳҳеҳон муваққатан бекор ва табъашон болида бошад, аз рӯи ҳавлӣ гузашта ба наздашон медаромадам. Мусаҳҳеҳони калон Аминов, Шарифов, Абдукаримов, Шафоатхон ҳамагӣ ҷавон, шӯх ва зиндадил буданд.

Аз Юҳай Аминов илтимос мекардам, ки суруде бихонад. Вай овози фораме дошт ва ба сарояндагони номии «Шашмақом» устокорона тақлид мекард. Пас аз се-чор маротиба такрор шудани илтимос рӯи мизашро аз гранкаҳо, саҳифапораҳо тоза карда, бо ангушт муддате нақора мезад ва сулфакунон гулӯ афшонида, ба ҳавои Ироқ ё Ушшоқ суруд оғоз мекард. Лекин ба кадом оҳанг насарояд ва сурудаш чӣ қадар давом накунад, матни он фақат аз як мисраъ иборат буд:

Ба сад ғул-ғул наво дорад маҳол аз рӯи ту, ҷонон!

Пас аз анҷоми суруд абрувони худро боло кашида ва бо-тамкин сар бардошта, саволомез ба ҳозирон назар меафканд, ки яъне чӣ тавр, оё санъати ӯ ҳамаро маҳвумот кардааст? Ҳозирон қарсак мезаданд.

Аз акаи Юҳай боре пурсидам, ки мисраи ғазалаш чӣ маънӣ дорад?

— Мазмунаш бисьёр чуқур,— ҳамчунон бо қиёфаи ҷиддӣ шарҳ дод ӯ.— Чунон чуқур ки ба такаш расида намешавад.

Рафиқонаш илова мекарданд:

— Ана аз барои ҳамин акаи Аминов бо як мисраъ қаноат мекунанд.

Шабҳое буданд, ки ба сурудхонӣ ҳама шарик мешуданд. Дар ин сурат дақиқае нагузашта, ё аз хонаи мусаҳҳеҳони газетаи «Коммунист Таджикистана», ки дар паҳлуи чап воқеъ буд, ё аз мусаҳҳеҳони «Қизил Тожикистон», ки паҳлуи дигар буд, нома мерасид: «Аз ансамбли мӯҳтарам хоҳиш мекунем, ки бемалол бошад, авҷҳои мақомро як-ду парда поёнтар бигирад, чунки пахтае ки мо дорем, ба гушҳо нарасида истодааст».

...Дар боло чашми мусаҳҳеҳии худро таъриф карда будам. Боз чанд соли дигар дар ҳамин ақида будам, ки аз назари банда ба саҳифаи матбуот саҳве нахоҳад гузашт. Вале, ҳайҳот! Соли 1953, айёме ки ҷонишини муҳаррири газетаи «Ҷавонони Тоҷикистон» будам, бо айби камина дар сарлавҳаи бо ҳарфҳои калон-калон чидашуда аз номи Вазири корҳои хориҷии СССР як ҳарф барафтодааст. Худи ҳамон рӯз аз котиби КМ ЛКСМ Тоҷикистон оид ба пропаганда ва агитация гушмоле гирифтам. Пас аз ду рӯзи дигар бюрои КМ комсомол ҳам якта выговори дастабиринҷӣ инъомам кард.

## ШОҲМОТ

Аскар ходими адабии шуъбаи маданияти редакция буд. Ҳамон Аскаре ки қариб бист сол инҷониб мухбири «Тоҷикистони Советӣ» дар вилояти Ленинобод аст. Аскаре ки ҳаводорони адабиёт чун муаллифи маҷмуаи ҳикоёти «Нишони одамият» мешиносанд. Аскаре ки ҳамроҳи шоир Аминҷон Шукӯҳӣ ҳикояҳо, қиссаҳо менависад ва қиссаи шавқовари «Имзои шахсӣ», романи «Печутоби роҳҳо» маҳсули меҳнати муштараки онҳост.

Бо супориши Сардор Аскару маро ба водии Вахш ба сафар фиристоданд. Мебоист аз вазъияти пахта дар районҳои Ворошиловобод ва Ҷиликӯл (ҳудуди ҳозираи райони Колхозобод) мақола менавиштем.

Роҳи оҳани камбари Сталинобод — Панҷи Поён вагонҳои

мусофиркашон ҳам дошт. Қарор додем, ки бо мошинкови овора нашуда, ба ҳамин поезд савор шавем. Аз руи ҷадвал вай моро бояд дар даҳ соат ба манзил бирасонад.

Аз истгоҳи назди заводи пиво ба поездча савор шудем. Шаб дар пеш буд. Ҳарчанд вагонак пур аз мусофирон буд, вақтамон хуш мегузашт, чунки Аскар ҳамсафари хубе буд. Шеъри зиёде аз ёд медонист. Худаш ҳам гоҳ шеър мегуфт. Аз ман се-чор сол калонтар ва шоҳиду иштироккунандаи воқиаҳои бисьёри аҷибу ғариб буд ва аз саргузаштҳояш завқовар нақл мекард.

Ними шаб дар хараки камбари қоқ дасту поҳомонро ғундошта, ба хоб рафтем. Умед доштем, ки пагоҳӣ худро дар манзили мақсад хоҳем дид. Аммо бомдодон Аскар маро бо изтироб такон дода, бедор кард:

— Хой ғафлатӣ, бархез, ки поезд қафо меравад!

Ростӣ ҳам поезд пас мерафт. Дар атроф ба ҷуз талу теппаҳои набототаш сӯхта зардшудаи куҳсори Боботоғ чизе ба назар намерасид. Ба Аскар гуфтам, ки ғам нахӯрад. Эҳтимол роҳи Қурғонтеппа аслан ҳамин хел бошад. Ана, масалан, гуфтам ман, поезди Тошканд — Сталинобод ҳам аввал ба самти ғарб меравад, аз нисфи роҳ ба тарафи шарқ мегардад, яъне то Бухоро пеш меравадy аз Бухоро ба пас. Бо вуҷуди он саҳат-саломат ба Сталинобод мерасад.

— Э, ту ҳам гапа мӯл кардӣ! — маъюсона гуфт Аскар.

Маълум шуд, ки паровозчаи моро ба кӯтали Фахрабод зӯр нарасида, пас гашта будааст. Аз қарибии Кӯктош паровози дуввумро қӯш карданд ва поезд дубора ба пеш ҳаракат кард.

Ба Ворошиловобод нимарӯзи шанбе не, балки саҳари якшанбе расидем. Нақшаҳомон вайрон шуданд: рӯзи истироҳат буд ва ташкилотҳои район кор намекарданд. Ношито карда, ночор ба чойхонае даромадем. Чой фармуда, маслиҳат мекардем, ки чӣ бояд кард, то як рӯзи дароз беҳуда нагузарад. Аммо ба як қарор омада натавонистем ва барои «равшан кардани фикр» ба сари шоҳмот нишастем. Як-ду даст бозӣ карда будем, ки марде либоси урфӣ дар тан омада дар наздикии мо рост истод ва бозии моро тамошо кардан гирифт.

Ниҳоят, ба ман таклиф намуд, ки бо ӯ зӯрозмоӣ кунам. Розӣ шудам. Аскар дар болои кати чойхона паҳлу зада тамошобин шуд. Аммо тамошобини холис набуд. Гӯё зери лаб суруд замзама мекарда бошад, номаълум луқмаҳо партофта, ба бозии ман кӯмак мерасонид. Аз кадом миллат будани ҳарифро намедонистем, лекин аён буд, ки тоҷикиро намедонад. Аскар мувофиқи вазъи тахтаи шоҳмот мисраъҳо, байтҳои вобаста ба ин ё он мӯҳраи шоҳмот гуфтаи Фирдавсӣ ва дигар шоирони классикро замзама мекард. Диққати маро ба пиёда ҷалб карданӣ бошад, ба оҳанге ғурунгос мезад:

Пиёда надиди, ки чанг оварад?
Сари саркашон зери санг оварад?

Гашти рухро талқин кардани бошад, мехонд:

Фарзин зи каҷравӣ шуда бо шоҳ ҳамнишин,
Бечора рух зи ростӣ андар канораҳо.

«Қиш!» гуфтан лозим бошад, байти зерро мегуфт:

Шохо, савори пили, раҳме пиёдагонро,
Гар рух зи ту битобад, бо як-ду киш мотӣ!

Ё дар бораи асп:

Ду рух бидеҳу аспи дилором мадеҳ.

Аз классикон байте ба ёдаш наояд, аз худ чизе бофта месароид. Масалан: «Фил мемурад, эй ҳафтафаҳм, ҳушьёр бош, корат чатоқ!»...

Шоҳмотбозии ман кирои таъриф набуд, лекин ҳариф ҳам муносиби худамон будааст. Дукаса шуда ӯро се бор мот кардем. Мардак лаблабу барин сурх шуд, бо ғазаб доман афшонида аз ҷой бархост ва теғ кашида ба мо назари пуркинае афканду бадар рафт. Боз чой фармуда, акнун як пиёлагӣ нӯшида будем, ки аз дари чойхона милицонере даромад ва рост ба наздн мо расида ҳуҷҷат пурсид. Мо ҳуҷҷатҳои сафарӣ ва шаҳодатномаи «Тоҷикистони Сурх»-ро бароварда додем.

— Паспорт канӣ? — пурсид милиционер.

— Дар хона,— баробар гуфтем мо.

— Аҷиб,— гуфт ходими милиция.— Шумо дар наздикии сарҳадди давлатӣ чой нӯшида шиштаеду паспортатон дар хона...

Мо гуфтем, ки шаҳодатномаҳои мо ҳуҷҷатҳои хеле мӯътамад ҳастанд. Аммо ӯ ба шарҳу маънидоди мо эътиборе надода пурсид:

— Ё гуфтанӣ ҳастед, ки минтақаи сарҳаддӣ будани ин ҷоро намедонистед?

Гуфтем, ки медонистем.

— Набошад пеш дароед! — фармон дод ӯ.

Мо аз ин гуна муомила оташин шуда, ноҳақ будани ӯро исбот карданӣ мешудем. Дар ин асно аз дари чойхона ҳамон марди шоҳмотбоз ворид шуда, аз милиционер пурсид, ки чӣ мунозира. Вай гуфт, ки ду шахси бепаспортро дастгир кардааст, аммо онҳо аз рафтан ба шӯъбаи милиция гардан метобанд.

— Намедонед, ки ихтиёрӣ нараванд, чӣ кор кардан лозим? — бо дағдаға гуфт он мард ва боз ғоиб шуд.

Моро ба шӯъбаи районии милиция оварда, ба хонае даровsecurities варданд ва гуфтанд, ки то тамом шудани тафтиши ҳуҷҷатҳо

ва муайян кардани шахсияти мо аз ҳамин ҷо намеҷунбем. Дар хонаи қаду бараш семетрӣ фақат як хараки шалақ буду як печкаи зангзадаи чӯянӣ.

Чанд дақиқа хомӯш ба тиреза нигоҳ карда нишастем. Нохост Аскар тамасхуромез гуфт:

— Ба вай шоҳмотбоз зӯрата нишон додӣ-а? Нишон додӣ. Хӯш, чӣ мурод ҳосил шуд?

— Чӣ мурод?

— Ман гуфта истодаам, ки ин чӣ номаъқулие буд, ки ту кардӣ?

— Начақ ба ман! Аз куҷо донам, ки вай ин қадар одами калон будааст? Сонӣ, номаъқулия танҳо худам накардаам. Ашӯла хонда, луқма партофтагӣ кӣ буд?

— «Кӣ буд? Кӣ бу-уд?»— масхараомез такрор кард Аскар ҷавоби муносиб наёфта. Бечора рафиқам дар овони ҷавониаш рӯзгори пур аз ташвишу таҳлукае ба сар мебурд ва ҳоло худро дар ҳабсхонаи шӯъбаи милиция дида, хеле асабонӣ шуда буд.

Як соат гузашт. Дари «ҳабсхонаи» мо, хайрият, қулф набуд. Онро оҳиста нимроғ карда, ба долон назар андохтам, ки милиционери моро дастгиркарда дар пеши навбатчии шӯъбаи районӣ рост истдоааст. Омада ба ҷоям нишастам.

Тирезаи хона ба рӯи ҳавлии шӯъба кушода мешуд, аммо панҷараи оҳанин дошт.

— Деворҳои ҳавлиашон баланд будааст,— гуфтам фақат барои он ки хомӯшии гарон бартараф шавад.

— Пасттар мебуд, мегурехтӣ — истеҳзоомез савол дод Аскар.

— Ҳоҷат нест, ҳозир озод мекунанд.

— Хестӣ, ки хобат. То тафтиш мекунанд, ки камаш як ҳафта мегузарад.

— Чаро як ҳафта? Телефон мекунанд ба редакция. Аз он ҷо ҷавоб меояд, ки рост, фалонӣ ва фалонӣ коргарони мо. Олам гулистон.

Боз як соат гузашт. Сонӣ боз як соати дигар гузашт. Шикамҳо кайҳо ба танбурнавозӣ даромада буданд.

Дар китобҳо менависанд, ки дар ҳабсхонаҳо ба маҳбусон нону об медиҳанд,— гуфтам.

— Рост,— гуфт Аскар.— Ба зиндониёни оддӣ нону об медиҳанд. Аммо ту мухбири махсус. Ба ту оши палав меоранд. Ҳоло зирбакаш тайёр шудаст.

Аз ваҷоҳаташ аён буд, ки ба пичингҳояш ҷавоб гардонам, дашном хоҳад дод. Дарро кушода дидам, ки милиционери шиносамон нест. Фақат навбатдори шӯъба чизе навишта нашастааст. Наздикаш рафта гуфтам, ки берун рафтан мехоҳам.

— Барои чӣ?

— Чоя бисьёр нушида будам.

— Хайр,— гуфт ӯ муддате ба афту андомам зеҳн монда.— Ба рӯи ҳавлӣ баро. Ҳо, ана, дар охири долон дарича ҳаст. Тела те, кушода мешавад.

Дар бозгашт аз рӯи ҳавлӣ дарҳои қатори кабинетҳои дар ду тарафи долони дароз воқеъгаштаро як-як тела дода дидам, ки яке аз онҳо боз шуда рафт. Дар пешгоҳи он хона мизу курсиҳо ва дар рӯи девор телефоне менамуд. Шитобон рафта, дастаки телефонро ғар-ғар тоб додаму гушакашро бардоштам. Зане аз коммутатори район пурсид, ки ба ман чӣ лозим. Гуфтам, ки ҳонаи котиби райкомро васл кунад.

Бовара м намеомад, ки кори мо ҳам ягон вақт барор мекарда бошад. Гушаки телефонро котиби якуми райком бардошт.

— Сабр кунед, ҳозир мефаҳмем,— гуфт котиб дар ҷавоби нақли бесарунӯги ман.

Ним соат нагузашта, офицере ба «ҳабсхонаи» мо даромад ва ҳуҷҷатҳоямонро ба дастамон супурда, гуфт, ки меҳмонхонаи район дар паҳлӯи шӯъбаи милиция аст. Мо изҳори миннатдорӣ кардем, лекин дар диламон гуфтем, ки аз меҳмонхонаю меҳмоннавозии шумо кайҳо сер шудаем.

Баъди чанд дақиқа пои пиёда бо бероҳаи регзор ба сӯи Ҷилликӯл медавидем.

— Боз адреси меҳмонхоная мегӯяд-а! — ғур-ғур мекард Аскар ва арақи сару рӯяшро бо дастрӯймол пок карда, гашташро торафт тезтар менамуд.

Дукаса дар бораи пахтакорон мақола навиштем, вале дар мақола аз пахтаи Ворошиловобод, ки пешқадамтарини он гурӯҳи районҳо буд, ягон калима маълумоте набуд.

Аз ҳамон сафар ба мо як ҳикмат ба фоида монд, ки ҳарифро нашинохта, қувваозмоӣ кардан аз сабукфикрист.

## ИШТИРОКИ БАНДА ДАР КОРҲОИ ТАРБИЯВӢ

На ҳамаи журналистоне, ки дар редакцияи «Тоҷикистони Сурх» кор мекарданд, барои ходими навкор аз ҳар ҷиҳат мавриди тақлид шуда метавонистанд.

Ҳар сол баҳорон, вақте ки маъракаи обуна ба заёмҳои давлатӣ сар мешуд, як кас, як ходими адабии бисьёр таҷрибанок ва сермаҳсул боиси нороҳатӣ ва ошуфтагии коллектив мегардид. Ба музди меҳнати якмоҳа обуна шудан барои ҳар як гражданини мамлакат аз солҳои мушкили ҷанг, ки фарзандони бовафои Ватан барои озодӣ ва истиқлолият ҷон нисор мекарданд, як кори оддӣ, муқаррароти баҳснопазир шуда монда буд. Одамоне буданд, ки на фақат музди якмоҳа, балки ҳамаи пасандозашонро ба давлат қарз медоданд, то ки бо ҳамин ва-

сила ба тезтар барқарор намудани хоҷагии аз ҷанг осебдида кӯмак расонанд.

Обунашавӣ дар редакция одатан муташаккилона сар мешуду аз сабаби гарданшаҳии ҳамон як нафар ходим кашол меёфт. Вай умуман одами бад набуд, аммо аз қабили онҳое буд, ки дастархони худ, хонаи худро обод мекунанду аз аҳволи дигарон парвое надоранд. Вай мегуфт, ки «обуна ба заём ихтиёрист, бинобар ин ман ҳақ дорам худдорӣ кунам».

Рафиқоне ки мутасаддии маърака буданд, ба ӯ мегуфтанд: рост мегӯед, рафиқи муҳтарам, обуна ихтиёрист, аммо, охир, аҳволи мамлакатро бояд ба назар гирифт. Зарур набошад, давлат умуман аз гражданҳояш қарз намепурсад. Ҳоло рӯзе мерасад, ки давлатамон боз муқтариду бою тавоно мешавад ва он гоҳ қарзи мо ба вай ҳеҷ лозим намеояд. Бале, ҳамин хел рӯзҳои муборак ҳатман мерасанд. Лекин холо ҳозир мо бояд ба давлат қам-қам қарз бидиҳем.

Ходим мегуфт, ки ин тавр бошад, майлаш, медиҳем. Ман ҳам бист фоизи моҳонаамро қарз медиҳам.

Ба ӯ мегуфтанд, ки дар сар то сари кишвари бузургамон ҳеҷ кас дар ин хусус баҳсу мунозира намекунад, аммо шумо бо савдои каму зиёд машғулед. Ва ҳол он ки одами хондагӣ, аз олам бохабар ҳастед, ба воситаи газета ба дигарон одобу ахлоқ меомӯзед.

Пас аз панду насиҳати дуру дароз Ходим мегуфт, ки майлаш, ба хотири коллектив ба бистутанҷ фоизи моҳона обуна мешавам.

Бояд гуфт, ки сермаоштарин коркуни редакция ҳамин Ходим буд Вай танҳо худ баробари маоши чаҳор-панҷ нафар зӯртарин журналист ҳаққи қалам мегирифт. Ӯ аксаран бо тарҷумаи материалҳои расмӣ машғул буд ва азбаски дар ин кор малакаи хубе ҳосил карда буд, аз саҳар то шом дар сари мошинка дикта мекард. Барои он ки ба гуфтани калимаҳои ёрирасон аз қабили: аз сари хат, ҳарфи калон, нуқта, вергул, аломати хитоб, ё савол, ё тире, вақти гаронбаҳояш сарф нашавад, мақсадро бо ҳаракати даст ифода менамуд. Чунончи, бо ҳарфи калон чоп кун, гуфтанӣ бошад, ба шифти хона ишора менамуд, тарҳи аломатҳои саволу хитобу нуқтаю вергулро дар пеши чашми мошинистка дар ҳаво кашида нишон медод ва дар айни замон гуфтани матни тоҷикии тарҷумаро қатъ наменамуд.

Ягон сония вақти худро беҳуда намегузаронид, ба хотири сарфаи авқот дар суҳбатҳои муқаррарии ҳамкорон иштирок намекард. Хӯроки пешиниро дар буфети назди редакцияҳо чунон шитобон фурӯ мебурд, ки баъзан ба лунҷҳои дӯнг ва даҳонҷунбонии бошасти ӯ нигоҳ карда, хушам мепарид.

Сардори ташкилоти иттифоқи касаба бо ин мардак чӣ гуна

муомила карданашро надониста, мурги посухта барин ба ҳар сӯ медавид. Қоркунони куҳансоли идора, онҳое ки гарму сарди рӯзгорро басо дидаанд, Ходими якраҳаро ба ягон кабинети хилват дароварда, сивуду рагашонро якҷоя карда, насиҳат мехонданд. Аммо «Пушти ману табари қассоб» гуфтани мақоли халқ барин, ҳазор панду андарз ба Ходим як зарра таъсир намекард.

— Хайр,— мегуфт Ходими давлатманд баъди мубоҳисаи тӯлонӣ дар хилватхона,— гапатон ҳақ. Ба сӣ фоизи моҳонаам обуна мешавам.

Боз чанди дигар ҷамъ шуда ва Ходимро миёнагир карда, суҳбате мероростанд. Пас аз мусоҳибаи навбатӣ ӯ мегуфт:

— Ана равед, гуфтаи шумо шавад: ба сиюпанҷ фоиз розӣ шудам.

Маъракаи обуна дар редакцияи дигар газетаҳо, дар ташкилотҳои ҳамсоя кайҳо ба охир мерасид, аммо дар идораи мо ҳамчунон хорумоли Ходим идома дошт.

Боре аз Йулдош Зиёев пурсидам, ки чаро ҳама якҷоя бо обуна шудани Ходим ин қадар исрор мекунанд? «Нахоҳад — не-дия. Бо камтар обуна шудани вай мамлакати мо аз по намеафтад-ку!»

— Э ту аҷиб-а! — гуфт акаи Йулдош бо ҳарорати хоси худ. Ин ҷо артели замбарсозӣ не-ку! Редакцияи газетаи партиявӣ! Ҳама бояд одамони бошуур бошанд.

— Хайр, ҳама бошуур, фақат як кас шуураш андак каҷалак. Аз як палак чанд хел харбуза мерӯяд, гуфтаанд.

— Э ина бинед-а! Ба мо харбуза не, одам даркор, фаҳмидӣ, инсон. Ин масъалаи принцип буданаша ҳеҷ мефаҳмӣ ё не?

Тарбияи Ходим то андозае кашол ёфта, ба дили одамон мезад, ки интиҳои ин моҷароро ҳама бесаброна интизорӣ мекашиданд. Рӯзи дуввуми кашокаш ходимони шуъбаҳои гуногун ҳамдигарро дар рохрав ё ҳатто дар кӯча бубинанд, бо оҳанге ки аз саломатии шахси азиз ё аз рафти кори фавқулодда муҳимме савол медода бошанд, аз якдигар мепурсиданд:

— Чанд фоиз шуд?

— Ба сивупанҷ расид.

— Хайрият! То бегоҳ, эҳтимол, ба чил барояд!

— Кӣ медонад, мумкин, оламу ҳодис гуфтаанд.

Ҳангоми танаффуси пешинӣ ба ошхона рафтам, ки Ходим дар пеши буфет ба навбат истодааст. Дар дилам аҳд кардам, ки ба ӯ ягон чиз бигӯям, ҳамчун узви комсомол дар маъракаи панду насиҳат ман ҳам ҳисса гузорам. Худам кайҳо ҳаводори «Тоҷикистони Сурх» шудаам. Шабҳои навбатдорӣ агар саҳифабандӣ ё чопи газетаи мо аз газетаҳои «Коммунист Таджикистана» ё «Қизил Тожикистон» қафо монад, ба ман алам мекард. Ягон воқеаи муҳимми ҳаёти республика дар газетаҳои дигар

аз мо пештар инъикос ёбад, ман ҳам худро ҳатулкор ҳис мекардам. Дар дигар бобат низ ҳамин тавр буд. Шавқи мусобиқаи байни се газетаи партиявии республика, мисли дигарон, маро ҳам тамом фаро гирифта буд. Қирдори Ходим бошад, коллективи моро дар пеши назари аҳли қалам сарпасту забонкутоҳ мекард.

«Чӣ гӯям ба ӯ?» фикр мекардам аз пасаш ба навбат истода. Ба чӣ лозим будани заёмро хуб медонад. Ҳатто номи заём «кӯр-ба асо» гуфтагӣ барин гувоҳ аст, ки мардум барои чӣ қарз медиҳанд: «Заёми дуввуми давлатии аз нав барқарор кардан ва тараққӣ додани хоҷагии халқи СССР», «Заёми саввум...», «Заёми чорум...». Қарз барои аз нав обод кардани мамлакат, аз нав сохтани шаҳру деҳот, заводу фабрик, роҳу пулҳое ки истилогарон хароб кардаанд.

Тобистони соли 1946 ба Москва рафта, дар роҳ ва атрофи пойтахт осори ваҳшонияти фашистонро бо чашми худам дида будам. Аз ҳамаи манзараҳои ҳузновар намуди ҳазорон-ҳазор паровозу вагонҳои сӯхта, аз кор баромада дар хотирам равшантар нақш баста буд. Дар Рязань, Пенза, Оренбург, Сызрань, Қизил Ӯрда ва Арысь барин истгоҳҳои калон қаторҳои дуру дарози вагонҳои боркаше, ки аз оташи бомбаҳои фугас сӯхта, фақат қабурғаҳои оҳанинашон монда буд, инчунин раддаи беохири паровозҳои маҷрӯҳи хомӯш дар ягон гӯшаи дур ба чандин фарсах тӯл кашида меистоданд...

Аз буфет нону чою котлети худро гирифта, ба сари мизе рафтам, ки Ходими сангдил як дақиқа пештар аз ман нишаста буд. Таваккалкунон суханро аз сафари шаҳрҳои дур сар карда, ба сари ҳамон қаторҳои ғамангези вагону паровозҳои маслуқ овардам. Ходим аввал ба сӯи ман нигоҳҳои бепарвоёна афканда, гоҳ-гоҳе «ҳм, ҳм», «аҷиб» гуфта мемонд. Чун ба мавзӯи зарурати корҳои бузурги азнавсозӣ ва эҳтиёҷи мамлакат ба маблағҳои иловагӣ расидам, ӯ ришханде карда, даст бардошта ишора намуд, ки хомӯш шавам.

— Шуд. Фаҳмо,— гуфт ӯ бо ҳамон табассуми истеҳзоомез.— Заҳмат накашед. Ман рафтам, корам зарур. Ҳа, дар воқеъ, рафиқ Муҳаммадиев, як чиза хотиррасон кунам: писари калонии ман аз шумо се-чор сол калонтар аст... Ба шумо иштиҳои соз металабам!

Ҳар сол дар маъракаи обунаи заём тарбияи Ходим айнан ба ҳамин тариқа сар мешуду давом мекард. Вале банда дар ин «чарабинӣ» дубора иштирок накардам.

### ҲАЗЛ

Ҳаштсадсолагии Москва ҳамчун иди умумихалқӣ қайд карда шуд. Тайёрӣ ба он хеле пештар сар шуда буд. Ташкилоти комсомолии газетаҳои республикавӣ дар якшанбегиҳо иштирок ме-

кард. Ҳар рӯзи истироҳат мо дар майдони Театри опера ва балет, ки сонитар ба шарафи Москва номи ин шаҳри барои ҳама азизро гирифт, кор мекардем. Сар то сари майдон он вақт сангфарши ҳамвор буд. На фаввораю зинаҳои зебо буданд, на гулзору дарахтони назаррабои сарву арчаю кастона. Ҷавонон ҳамаи он сангҳоро бо мисрон канда, бо занбар ба гӯшае мебаровsecurityand. Чанд рӯз ҳавзаковӣ, хоккашонӣ идома дошт.

Сардор моро ҷамъ карда, гуфт, ки бахшида ба ҷашни Москва шумораи махсуси газета мебарояд. Ҳар кас бояд супоришеро ба ҷо оварад. Ба ман фармуд, ки ба яке аз колхозҳои собиқ райони Кӯктош рафта, бо раиси он Раҳмон Ҷабборов суҳбат мекунӣ ва мақолае менависӣ. Рафиқ Ҷабборов аз зумраи нахустин Қаҳрамонони Меҳнати Социалистист. Ордени Ленин ва Ситораи тиллои қаҳрамониро дар Кремль аз дасти Раиси Президиуми Совети Олии СССР гирифтааст. Ғайр аз ин ба Намоишгоҳи Умумииттифоқии хоҷагии қишлоқ рафта, диплому мукофотҳо овардааст.

Дар редакция як одами миёнсоли табиатан мулоимхунукнамо буд, ки бештар бо корҳои ташкилӣ шуғл дошт. Қаламаш чандон казоӣ набуд ва аҳьён-аҳьён ягон мақолачаи оддие менавишт. Дар омади гап гуфтан даркор, ки ин мардак боз ду соли дигар дар редакция ҷунбуҷӯл карда гашту ба кори хоҷагӣ гузашт ва хуб кард, ки гузашт.

Ана ҳамин шахс маро дар долони дарози идора дошта, ба гӯшае имо карда, гӯё сирри фавқулодда махфиеро ошкор мекарда бошад, ба гӯшам гуфт:

— Қотиба фармонҳоро чоп карда истодааст. Ба куҷо рафтанатонро фаҳмидам, уко. Наравед, уко. Дар он ҷоҳо якта-нимта одамони нобоб ҳастанд.

— Чӣ хел набоб?

— Нобоб, уко, яъне ноасл. Ба пеши муҳаррир даромада гӯед, ки ба дигар ҷой фиристад. Ҳа, уко!

Инро гуфту аз паи кораш рафт. Ман ба андеша афтодам. Муҳаррир одами хуби хушмуомила менамояд. Аз журналистони бақувваттарин аст. Сармақола навиштанӣ шавад, мошинисткаро ба кабинеташ даъват мекунаду дар сари ӯ рост истода, дикта мекунад. Баъди як таҳрир мақола тайёр. Дигар кас аз журналистонн идора ин қадар иқтидор ва малака надорад. Ҳамин ки ба мавзӯи зироат сармақола навиштанӣ шуд, маро ба Вазорати хоҷагии қишлоқ ё Вазорати маҳсулоттайёркунӣ барои факту рақамҳо ва мисолҳо мефиристад.

Дар омади гап гӯем, умуман ба ҳар кас аз соҳаи хоҷагии қишлоқ факту мисол лозим шавад, камина коғазу қалам бардошта, ба ин ду вазорат метохтам. Ба ин муассисаҳо он қадар бисьёр равуо доштам, ки вазири маҳсулоттайёркунӣ рафиқ Инъ-

ом Бобозода, ки худ пештар журналист будааст, ба ман чун ба шогирдаш хуш муомила мекард ва ҳанӯз аз тирезаҳои калон-калони кабинети дар сари роҳ воқеъгаштааш саросема қадам зада омадани маро дида мегуфт:

— Писари газета омад. Факту рақам лозим шудааст.

Ҳанӯз дилу бедилон ба сафар омода мешудам, ки марди маслиҳатгар маро дубора ба каноре кашида пурсид:

— Гуфтед, уко?

— Не, муаллим, нагуфтаам. Охир супоришро ба ман сардори худамон рафиқ Исоев додаанд. Чӣ хел мешавад, ки...

— Ҳа, ҳа, воқеан нағз намешавад. Медонед, чӣ, уко, майлаш, равед, лекин ягон яроқ гирифта равед.

— Ярок?

— Ҳа, уко, яроқ яъне ки аслиҳа. Корд, масалан, ханҷар. Солҳои охири ҷанг мӯза мепӯшидам. Ба роҳҳои дур биравам, ё бевақтишаб дар кӯчаҳои шаҳр гардам, дар соқи мӯза кордеро пинҳон карда мегаштам. Ҳарчанд, ки аз оқибати ин кор ба тарзи ҷиддӣ боре фикр накардаам. Замона нотинҷ буд, ба ҳимоя аз қасди авбошу дуздон эҳтиёҷ буд. Находҳоло, дар замони амонӣ — дар соли 1948 ҳам барои рафта омадан ба як колхози наздик хоҷат ба аслиҳа бошад?

Аз Мурод Боғиров пурсидам, ки оё мумкин аст, ки ба ҷои мақолаи раиси колхоз дар бораи Москва худам чизе бинависам? Боғиров даме фикр карда нишасту гуфт:

— Аз Зиёев пурс. Вай ҷонишини Сардор. Ман бошам, фақат ҷонишини ҷонишин. Дар редакция ҳамагӣ ду сол боз кор мекунам. Худам гоҳо мӯҳтоҷи маслиҳатам.

Зиёев гуфт:

— Аз номи худат навиштанат ҳам мумкин. Аммо, ку бигӯ, чӣ менависӣ?

Гуфтам, ки дар бачагиам ҳамроҳи як даста пионерон ба Москва рафта будам. Бист рӯз гашта, театру музей, кӯчаю хиёбонҳои Москваро дидаам. Балети «Аспаки кӯзапушт»-ро дидаам.

— Ҳм, «Аспаки кӯзапушт». Не, намешавад. Барои «Пионери Тоҷикистон» мешавад. Ба газетаи мо намешавад.

Ноумед нашуда, нақламро идома додам:

— Долорес Ибаррурӣро дидаам...

— Ту? Рафиқ Ибаррурӣро? Чӣ хел?

— Ҳамту, бисьёр оддӣ. Берун аз шаҳр дар деҳаи Пушкино, дар хонаи бачаҳои испанӣ мезистем. Як бегоҳӣ ӯ ба он ҷо, ба назди ҳамватанонаш омад. Моро дида, бо мо ҳам суҳбат кард. Шарифа ном пионеркаи ҳамшаҳриамро ҳатто ба оғӯш кашида, миллачаҳои майдабофтаашро бо завқ тамошо кард, навозиш кард.

— Рафиқ Ибаррурииро диданат хуб. Аммо ин масъала дар ин ҷо бевосита дахл надорад.

— Перорсол ҳам ба Москва рафта будам.

— Рафта чӣ кор кардӣ?

— Ба МАИ дохил шудам. Институти авиационии Москва ба номи Серго Орҷоникидзе.

— Ҳуш, сонӣ?

— Хондан душвор буд. Фақат саду панҷоҳ грамм нони сиёҳу ҳамин қадар нони сафед медоданд. Седонагӣ картошка ҳам медоданд, ки калонаш чормағз барин буд. Ба ноштито намерасид.

— Гурехтам, бигӯ?

— Нагурехтаам. Сонитар меоям, гуфта, ариза навишта ҷавоб гирифта омадам.

— Намешавад, додар. Хез, ба колхоз бирав, зудтар, вақт наравад,— гуфт Зиёев ва ба кӯчое рафта омаду рост ба чашмонам чашм духта пурсид:

— Ба ту чӣ шуд? Ин хел набудӣ-ку! Ягон маротиба равамнараваматро нашунидаам. Дар водии Ҳисор ҷои нарафтаат намонд. Ба Ёвону Норак, ба Комсомолобод рафта омадӣ. Хонаатон тинҷ? Ҳама сиҳат-саломат?
Ҷавоби мусбатро шунида, илова намуд:

— Умуман, додарам, мо, журналистҳо, як қоида дорем. Ҳа гуфта, саргузашти худамоя навиштан намегирем. Вазифаи мо нақл кардани таҷрибаи одамони машҳуру номдор. Ҳу-ӯ сонитар, рафту ягон вақт нависанда шавӣ, ҳар чиз хоҳӣ, менависӣ.

Раҳмон Ҷаббоpовро дар идорааш ёфта суҳбат кардам. Марди ҳалиму хоксор менамуд. Пешрафти кори колхози миллионераш гувоҳ буд, ки дар сарварии омма низ маҳорате дорад. Ӯ маро аз идора бароварда, биноҳои нави маъмурӣ ва хоҷагии колхоз, мактаб, боғчаи бачаҳо, магазини деҳаро нишон дод. Гӯшам ба нақли раис буду чашмам «одамони нобобро» меҷуст. Лекин ҳама мардуми оддӣ буданд ва бо кору бори худ машғул.

Офтоб ғуруб карда буд, ки ба боғи колхоз омадем. Дар миёнаҷои боғ меҳмонхонаи начандон калоне воқеъ буд. Дар пеши он шипанги барҳавое. Як марди қаддарози якчашмаи буруташ думи муш барин борик пайдо шуда, дастархон кушод, обу мева, нону чой овард. Ба рӯи як чашмаш порчае баҳмали сиёҳро бо ресмони сиёҳи равғанзадаи ялаққосӣ баста монда буд. Ин гуна башараро дар фильмҳои таърихию революционӣ дида будам, ки нақши босмачиро адо мекард, ё ягон нобакори дигарро. Дар дилам гуфтам, ки «одами нобоб» бояд ҳамин мушбурут бошад. Аммо ӯ дигар пайдо нашуд.

Суҳбат бо раис боз хеле вақт давом кард. Ҳар чизе лозим

буд, пурсида, ба дафтарчаам қайд кардам. Акнун таассуроти як деҳқони тоҷикро аз сайри пойтахт навиштан мумкин буд.

Пас аз ошу об раис ҷои хобамро нишон дода, ҳайрухуш карда рафт. Вале дере нагузашта, ҳамроҳи муйсафеде баргашт ва гуфт, ки ин кас қаровули ҳамин боғанд. Ба пирамард таъин намуд, ки аз обу чои меҳмон огоҳ бош.

Айни мавсими мевапаз буд, ҳавои хона дам медод. Нафаси кас ба дарун мегашт. Болои сухта намакоб, хомушакҳо беамон мегазиданд. Гуё дар атроф туъмаи дигаре набошад, ҳамаи пашшаҳои нешдори музофот дар атрофи ман ҷамъ омада буданд. Сад бор паҳлу гашта, хобида натавонистам. Дасту пою сару руи варамкардаамро хор -хорон берун рафтам. Боғбон гуфт, ки ҷои хобатонро ба таки шипанг, ба руи чорпоя мекучонем. Ман таппак дуд мекунам, гуфт у, пашшаҳо мегурезанд.

«Чорпоя» гуфта, биллиарди калонеро дар назар дошт, ки аз замони пеш аз ҷанг монда буд. Моҳути рукашаш ҷо-ҷо даридагӣ, парча-парча сухтагӣ. Сурохиҳои саққодарояш ягонта турхалта надошт. Бистари маро ба руи биллиард кучонидем. Аз дуди таппак ва хасу хошок хомушакҳо гурехтанд ба ҷуз яктанимта гуруснатарин ва хиратаринашон.

Боз хаёлам, ба одамони «нобоб» рафт. Ҳарчанд тарсончак набудам, дар ҷои ношинос ҳар гуна андешаҳои ваҳмангез ба дил роҳ меёфтанд. Боз худро таскин медодам, ки ба ман киро чӣ кор? Понздаҳ-бист сол қабл аз ин ба мухбирон суиқасд мекарданд, ҳатто мекуштанд онҳоро. Лекин ин корро душманони халқ, душманони рузгори нав мекарданд. Ҳоло он душманон нест шудаанд. Ғайр аз ин ман чӣ кор кардаам, ки ба ман қасди бад кунанд? Найранги киро фош кардам? Баръакс, ба ин ҷо омадаам, ки раиси колхозро, худи колхозро таъриф кунам.

Қурбоққае ба ҳавзчаи назди шипанг шулуппӣ худро партофт. Хоби қариб омадаам боз дур шуд. Пас аз муддате хоби гурезон дубора наздик меомад, ки садои даҳшатангезе баланд шуд: гуё як даста занҷири оҳанин ва сад бағал шувоқро ру-руи чатри долу дарахту буттазори боғ бо суръати барқосо кашола карда, аз ҷануб ба шимол бурда бошанд.

Ҳоло, солҳои ҳафтодум, ТЭЦ-и Душанбе дар мавсими зимистон гоҳ-гоҳе нимишабӣ бухори изофии дегҳои бузургашро ба ҳаво сар медиҳад. Хонаатон аз ТЭЦ фарсаҳҳо дур бошад ҳам, аз фашшосу гумбурроси ин садо бедор мешавед. Дар боғи колхоз ана ҳамин хел садои воҳиманоке оламро фаро гирифт.

Кафшамро пушида, ба атроф нигаристам. Муйсафеди посбон наменамуд. Аз болои тудаҳои поруи хушк дуди ғализ бархоста, ба сақфи шипанг мепечид. Қалтаки ғурмдореро дидам, ки ба панҷараи шипанг такья кунонида мондаанд. Қалтаки қаровул, яқин. Аз чуби дарахти мевадор буридаанд. Асои қа-

ландарон ё чӯбдасти галабонон барин чунон сайқал хӯрдааст, ки паҳлуҳояш ба мисли носкадуи чилсола ҷило медиҳад.

Қалтакро ба паҳлуи бистар рост карда, дароз кашидам. Нохост боз ҳамон садо аз дур наздик шудан гирифт. Қалтакро ба даст гирифта, ба замин фуромадам ва ба мудофиаи ҷони худ ҳозир шудам. Аммо маълум шуд, ки ба ман хавфе таҳдид надорад: аз пайраҳаи васеи шағал рехташудаи миёни боғ селаи калони сагони деҳот дартоз гузашта рафт. Ин дафъа аз шимол ба ҷануб. Пешопеши села, аз афти кор, модасаге бо ҳавли ҷон метохт. Мавсими ишқбозии сагон буд ва модасаги танҳо аз неши дандону чанголи ошиқони фаровон мегурехт. Шуввосу шатарроси бадвоҳима хомӯш шуду ҷои онро нолаи тӯлонию ҷонхароши саги мағлубе гирифт.

Саҳарӣ аз нағмаи мурғон бедор шуда, қабл аз ҳама калтаки қаровулро дар ҷояш гузоштам.

Марди навчаи мушбурут боз дастархон бардошта омад. Раис як коса қаймоқ овард.

Ҳангоми таҳтӯл мӯйсафеди посбон мегуфт:

— Астағфирулло, қалтакам дар ҳамин ҷо, дар ҷои чароғон рост истодаасту шаби дароз онро кофта намеёфтам. Тавба, тавба! Пирӣ як лӯнда азоб будааст, гӯям, бовар кунед, раис-бобо.

Марди мушбурут гуфт:

— Шумо-ку, тағо, шукр, ба таки ҳаштод рафтед. Мо чӣ? Мо ҳам гоҳо оши диншаб хӯрдаамона аз ёд мебарорем.

Мӯйлаби борик, чашмбанди кӯҳна, умуман афту андоми марди якчашма ба назарам имрӯз дигархелтар менамуд. Ба хаёлам, ӯ ба онҳое ки дар кинофильмҳо нақши бадкирдоронро мебозанд, чандон монандӣ надошт.

Як сол гузашта дар суҳбате ба сардорамон Ҷунайдулло Исоев аз «одамони нобоби» Кӯктош қаблан огоҳ кардани ҳамкори мулоимхунукамонро гуфтам.

— Ҳазли хунук,— гуфт Сардор.— Лекин ҳамин хел як оин ҳаст, гуфта шунидаам. Гӯё устодон шогирдонашонро ба ҳар навъ имтиҳон мекардаанд.— Сонӣ ба рафиқони калонсолаш мурочиат карда, бо ангушти ишорат ба пешониаш тиқ-тиқ зада илова намуд: — Ин рафиқамон одами каппа-калону кирдорҳояш бача барин. Андак намерасидагӣ барин, ба назарам.

## МАКТУБИ БЕИМЗО

Аввали сол буд. Аз саҳари солеҳон борони сахт меборид. Автобусҳои ягона маршрути шаҳр аз майдони Путовский то вокзали роҳи оҳан одам мекашониданд. Ё аз он сабаб, ки он рӯз камтар буданд, ё аз он ки дар ҳавои вайрон мардум бо

ғайрату қуввати дучанд худро ба дари онҳо мезаданд, ба савор шудан зӯри на ҳар кас мерасид. Шип-шилта тар шуда, пиёда ба идора омадам.

Сардор гуфт:

— Зуд либосата дар пеши печка хушк кун. Сонӣ ба управленияи пахтакорӣ рафта, дар бораи рафти яхобмонӣ маълумот меорӣ. Имрӯз кор мӯл, тез бош.

Назди печкаи голландиии шӯъбаамон рост меистодам, ки занги телефон баланд шуд. Сардор гуфт, ки туро Н. Ф. Федосеева даъват мекунад: Наталья Филипповна мудири яке аз шӯъбаҳои нашриёти газетаҳои республикавӣ буд ва бо ҳуҷҷатҳои кормандони ҳамаи редакцияҳо, матбаа ва дигар муассисаҳои нашриёт сарукор дошт. Зани солхӯрдаи нармсухан, хушмуомила буд, аммо дар масъалаи тартиби ҳуҷҷатҳои шахсӣ, пур кардани ҳар гуна анкетаю карточкаю маълумотномаҳо то ба дараҷаи нуктагирӣ серталаб буд. Рафту ягонта ҳарфро каҷ навишта бошед, талаб мекард, ки ҳамаи ҳамон саҳифаро аз нав навишта диҳед.

Кабинети ӯ дар ошьёнаи якуми Хонаи матбуот буд. Дараш оҳанин буд, тирезааш панҷараи гафси пӯлодин дошт ва дар ҳар гӯшаи кабинеташ яктоӣ сандуқи калони пӯлодин меистод. Одатан бо арздорон ба воситаи даричаи мобайни дараш гуфтушунид мекард, вале маро он рӯз ба даруни хонаи пур аз дуди тамокуяш даровард. Дар рӯи миз ҷузъгире мехобид, ки ҳуҷҷатҳои шахсии ман дӯхта шуда буд.

— Тинҷӣ?— савол дод Наталья Филипповна.

— Ҳамин саволро ман ба шумо доданӣ будам,— гуфтам.

— Туро милиция даъват мекунад.

— Чаро?

— Намедонам. Барои ҳамин аз ту пурсидам, ки оё тинҷ гаштаӣ?

— Ҳарвақта барин. Коре накардаам, ки боиси мароқи милиция шавад.

— Ман ҳам сабаб пурсидам, нагуфтанд. Хайр, ҳеҷ воқиа не. Меравию мефаҳмӣ, ҷон халос.

Аз ҷои истиқомат банда табааи шӯъбаи якуми милиция (ҳоло райони Октябрь) будам. Аз ҷои кор тобеи шӯъбаи дуввум (райони Роҳи Оҳан). Аммо Наталья Филипповна маро ба шӯъбаи саввум фиристод. Он вақтҳо ба ин гуна нозукиҳои корҳои маъмурӣ сарфаҳм намерафтам, бо вуҷуди он дар ҳайрат будам, ки чаро ба милиция даъватам кардаанд. Оё ҳамин тавр ҳам мешавад, ки кас гунаҳгор бошаду худ аз гуноҳаш бехабар? Хайр он рӯзе ки дар минтақаи назди сарҳад ману Аскарро дошта, ҳабс карда буданд, фарз кардем, кӯтоҳӣ аз мо гузашта буд. Не, айби мо бе паспорт рафтанамон набуд.

Журналистонро бо шаҳодатномаи шахсӣ на фақат ба минтақаи назди сарҳад, балки то ба худи сарҳад роҳ медиҳанд. Ин қоидаи маъмул аст ва аз вуҷуди он ходимони милиция бояд огоҳ бошанд. Ману Аскар бо он мардак мебоист якка ба якка, бе луқмаю суруду ғазал, яъне ҳалол шоҳмотбозӣ мекардем.

Шӯъбаи саввуми милиция дар қарибии чорраҳаи кӯчаҳои Свириденко ва Шевченко, рӯ ба рӯи Вазорати нигаҳдории тандурустӣ буд. Чатр надоштам, зери борони сахти январӣ хеле тар шудам. Қабулгоҳи шӯъбаи паспорт пур аз одам буд. «Ман коре надорам, фақат як чиза мепурсам» гӯён бе навбат ба дарун даромадам, ки мардум, хусусан, занҳо шӯре бардоштанд. Ходимаи шӯъбаи паспорт гуфт, ки сардор ҳоло меояд, туро ҷеғ мезанем. Берун баромадам, қорафтодагон ба сарам сели таънаю маломатро фурӯ рехтанд: «Мо ҳам як чиз пурсиданӣ омадем, лекин аз саҳар инҷониб ба навбат нишастаем, кӯдаки ширхора дар хона», «Ҷавонҳои ин замоная чӣ ҷин задааст?! Шарму ҳаё гуфтанӣ чиз дар баданашон нест...» ва ғайра.

Сардори шӯъбаи паспорт пас аз як соат пайдо шуду маро ҳамроҳаш то таки дари ҷонишини сардори милиция бурд. Ин ҷо дар навбат нишастагон нисбатан камтар буданд, аммо касе, ки ба кабинети ҷонишин медаромад, то ним соат арзу ниёз мекард.

Дақиқаҳо мегузаштанд. Гаштаву баргашта фикр мекардам, ки аз ман чӣ норасоӣ гузашта бошад? Рӯзҳои охир ба куҷоҳо рафтам, чӣ корҳо кардам, ба киҳо ҳамсӯҳбат будам, чиҳо гуфтам, ҳатто чӣ гапҳо шунидам... Ҳамаи инро аз ғалбери андеша гузаронида, ба таҳлили тарҷумаи ҳол ва феълу атвори хешовандон пардохтам. Падарам вафот кардааст. Ҳамаи умр, чунон ки мегӯянд, «ба роҳаш тӯғрӣ мерафту тӯғрӣ меомад». Меҳнаткаши асил буд. Аз модарам низ пашшае озор наёфтааст. Бародарам солҳои сол диктори радио буд, ҳоло бо супориши идораҳои боло вазифаи сардори шӯъбаи Вазорати бехатарии давлатро дар райони Роҳатӣ адо мекунад. Хоҳари калонам бевазанест ва ба маънои том муштипар. Шавҳараш аз вокзали Сталинобод рост ба фронт рафту сеюним сол ҷангида, дар сарзамини Польша ҳалок гардид. Духтарчаи ӯ ва хоҳараки хурдиам мактабхонанд. Ба гумон аст, ки онҳо пишаки касеро пишт гуфта бошанду маро ба ин муносибат ба ин ҷо даъват карда бошанд.

Навбати ман қариби пешин расид. Афсӯс, марде ки пеш аз ман ба кабинет бенавбат даромада буд, боиси сахт асабонӣ шудани сардор гардид. Он мард либоси урфӣ дар бар дошт, аммо аз гуфтугӯ маълум шуд, ки ходими ҳамин идора будааст.

— Ман ба ту, маҳмаддоно, ҳоло беҳуда сарф кардани ти-

ри таппончаро нишон дода мемонам! Ту милицияро хонаи аммакалонат гумон кардӣ?— дод мезад ҷонишини сардор вақте ки милиционери гунаҳгор бо сари хам аз кабинет мебаромад.

— Чӣ?— бо ҳамон оҳанги пурғазаб ба ман рӯ овард сардор.

— Маро чеғ задаанд, омадам.

— Дидам, ки омадай. Кӣ чеғ задааст?

— Ба шуъбаи паспорт даромадам, сардораш ба ин ҷо овар-данд.

Ном, фамилия, ҷои истиқомат ва корамро пурсид, гуфтам.

— Канӣ ҳуҷҷатҳоят?

Шаҳодатномаи ходими редакцияро нишон додам.

— Ҳуҷҷатҳо мегӯям! Паспорт, билети ҳарбӣ, метрика!

— Ҳуҷҷатҳо дар хона. Ба ин ҷо пагоҳӣ рост аз ҷои кор омада будам.

— Беҳуда ин ҷо шиштана ғиззӣ рафта ҳуҷҷатҳоя овардан даркор буд. Баъди пешин биё. Бирав! Тамом!

Аз шуъбаи саввум то Сари Осиё — то хонаи аппаам бо шиками гурусна, зери борони майдамаҳин пои пиёда рафта омадам, ки се соат гузашт. Ҷонишини сардор дар ҷояш набуд. То соати панҷи бегоҳ нигарон шудам, наомад. Пурсидам, гуфтанд, ки «ба маҳалли воқиа рафтааст. Эҳтимол, шабона баргардад»...

Сахт оташин шудани Сардорро ҳеҷ гоҳ надида будам. Хайр, маълумоти яхобмониро Омина Қаҳҳорова овардааст, лекин дигар корҳои зарурии шуъба, ки камина мебоист мекардам, чала мехобиданд.

— Ба ту кӣ гуфт, ки рӯзи дароза дар долони милиция гузаронӣ— мешӯрид Исоев.— Сардори ту редакция ё милиция?

— О милиция...

— Боз милиция мегӯяд-а... Намедонӣ, ки ҳамаи гуфтушунидро оид ба ҳуҷҷатҳо бо милиция мудири шуъба мекунад? Федосеева мекунад. Те ба ман ҳуҷҷатҳота.

Паспорт, шаҳодатномаи таваллуд, шаҳодатномаи уҳдадори ҳарбиро гирифта, ба поён рафт. Рӯзи дигар ҳуҷҷатҳои маро баргардониданд, аммо Сардор то охири ҳамон ҳафта ба воситаи телефон бо Наталья Филипповна дар бораи ким-чӣ гуна тафтиш, аризаи беимзо сахт-сахт гап мезад, боре гуфт, ки аз ин воқеа ба муҳаррир, ҳатто ба идораҳои болой хабар медиҳад.

Ман ин ҳангомаро дида, аз як тараф, хиҷолат мекашидам, ки боиси ошуфтагии Сардор гардидам, аз тарафи дигар, пинҳонӣ фахр мекардам, ки Сардор маро ҳақиқатан дӯст медоштаст, ки ин қадар сухта-пухта ҳимоям мекунад. Ғайр аз ин, маълум мешавад, ходимаки атак-патак ҳам набудаам, ки

вокиаи ба милиция даъват шудани маро ба идораҳои болоӣ хабар додан мумкин будааст.

Боз як ҳафта гузашту аён шуд, ки касе ба шуъбаи саввуми милиция аризаи машинканависи беимзо фиристода, хабар додааст, ки фалонӣ нуздаҳро пур карда, ба бист қадам мондааст, аммо то ҳол ба сафи армия даъват нашудааст. Дар таки коса бояд нимкосае бошад, навиштааст он шахс.

Дергоҳе фикр мекардам, ки аз болои ман барои чӣ ариза навишта бошанд? Боз беимзо. Аз рӯи гуфти Сардор ва рафиқони дигар, ман аз сидқи дил кор мекардам. Чаро касе мехоҳад, ки пеш аз мӯҳлат ба сафи армия биравам? Дар ҷои кор ҳам рақобат гуфтанӣ чиз ҳаст, албатта. Ба ин қадараш ақлам мерасид, лекин ҳанӯз намедонистам, ки рақобати касбӣ метавонад дар ин гуна шаклҳо зоҳир гардад ва ин хел ташвишҳоро ба сари кас биоварад.

Тирамоҳи соли 1948 маро ба сафи армия даъват карданд. Фақат ҳамон рӯзҳо ки дар ҳавлии фароҳи Комиссариати ҳарбии райони Октябрь, дар кӯчаҳои шаҳр ҳамроҳи даъватшудагон саф баста мегаштем, пай бурдам, ки муаллифи мактуби беимзо дар масъалаҳои синну соли наваскарон, фармонҳои Вазири мудофиаи СССР оид ба тартиби даъват ба сафи армия сирф бесавод будааст: ҷавононе ки ҳамроҳи ман даъват шуда буданд, синну соли мухталиф доштанд: писарони русу украину тотор ва дигар аврупоиҳо ҳаждаҳ-нуздаҳсола буданд, аммо тоҷику ӯзбекон ҳама нуздаҳ-бистсола, ҳатто аз он ҳам калонтар буданд. Ин ҳолат аз хусусиятҳои демографии давраи баъди ҷанг буд.

Аз туҳмати аризаи беимзо дида, ба ман муносибати ҳамкоронам алам мекард. Бо идора ҳисобӣ карда, бо мӯйсари тоза тарошида барои хайрбод ба идора омадам, вале касе барои гуселам ақаллан то сари кӯча набаромад. Дигар ҷавононро дар қатори хешутабор ҳамкоронашон низ бо доираю думбак ва гитору гармонь мегуселониданд. Йўлдош Зиёев, Мурод Боғиров, Аскар, Мустафо Назаров, Хосият Эшмуродова ва Омина Қаҳҳороваро бародару хоҳарони худам барин дӯст медоштам. Ақаллан онҳо ба хайрухуш набаромаданд. Ба бинои умеду эътиқодам бар дӯстию рафоқат рахнаи намоёне афтода буд.

Аз меҳри Сардор, аз самимияти вай ҳам дар дилам шубҳа пайдо шуд. «Хайр, нағз хизмат кун, сиҳат-саломат рафта биё» гуфту сардакак хайрухуш кард. Гӯё чорсола ба хизмати армия не, балки дурӯза ба сайри Даҳанакиик мерафта бошам.

Ниҳоят рӯзҳои пурташвиши ин сӯву он сӯ давиданҳо, муайян кардани дастаҳо ва командаҳо, ҳаммому комиссияи тиб-

бӣ гузашт. Пеш аз савор шудан ба эшелон ҳамаро дар рӯи ҳавлии пункти ҷамъомади комиссариати ҳарбии республика саф кашонданд.

Офицере ба пеш баромада гуфт:

— Ҳар касеро ки ҳозир номбар мекунам, аз саф бароянд ва ба таки ана он девор рафта истад.

— Белов Михаил! — аз рӯи коғазе хонд офицер.

— Ман! — гуфт ҷавоне ва чолокона аз саф баромада, ба таки девор рафт.

Сонӣ офицер номи маро ба забон бурд.

Ду кас дар таки девори пункт мондем, дигарон гурс-гурс қадам зада, ба сӯи эшон рафтанд.

— Касби ту чист?— пурсид Белов.

— Дар газета кор мекунам.

— Ҳа-а, ман радиотехник. Мову ту ба хизмати армия дертар меравем. Маъқул?

— Ту инро пешакӣ медонистӣ?— ба саволаш ҷавоб надода пурсидам.

— Набошад чӣ! Сардорам гуфта буд, ки ба ин қарибиҳо ба ҳеҷ ҷо рафтан намемонад.

Ҳаво торик мешуд, дар иҳотаи хешовандон ба хона мерафтам. Нимтанаи пахтадори наппа-наве доштам, ки аз бозор ба хаштсад сӯм харида будам (он вақтҳо сарулибосро аз бозор мехаридем). Аз матои хушранг хеле устокорона дӯхта шуда буд. Гиребон, зеҳи доман, даҳани киса ва нӯки остинҳояш аз чарми асл буд. Пагоҳӣ моро ба ҳаммом даровардандy либосҳоямонро ба мошинҳои дезинфекционӣ андохта, буғ доданд. Дигар либосҳо ба ҳоли худ буданду нимтана пустаки ба оташ афтода барин сӯхта ва луб-лунда шуда буд. Қаташро кушоданӣ шуда, кашола кунам, чармаш шатаррос зада реза мешуд ва фурӯ мерехт.

Рӯзи дигар ба кор баромадам. Аз сари нав фармон бароварда, дубора ходими адабии шӯъбаи хоҷагии қишлоқ таъинам карданд.

— Аз нарафтанат хафа ҳастӣ? — пурсид Зиёев.

— Хафа нею... ким-чӣ хел... Ҳама рафтанду фақат як бача, боз ман...

— Ҳеҷ воқиа не. Хизмати туро мавқуф гузоштанд. Хайр, ту аскари тайёр-ку: дар саф гаштан, тирандозӣ, мошину мотоциклронӣ, суратгирӣ аз дастат меояд. Худо накарда, ба хизмати ману ту эҳтиёҷе афтад, дар кунҷи хона намешинем-ку. Ҳоло барои газетаҳо қадр намерасад. Одами босавод бисьёру журналист кам. Мана акнун Университети давлатии Тожикистон кушода шуд. Шӯъбаи махсус дорад, ки журналисти тоҷик

тайёр мекунад. Баъди панҷ-шаш соли дигар мебинӣ, ки вазъият тамоман дигар шудааст.

Баъдтар фаҳмидам, ки дар хусуси пас гузоштани даъвати ман Тоҷӣ Усмон бо комиссари ҳарбии ҳамонвақтаи республика рафиқ Амонов гуфтугӯ кардааст. Содиқ Арабов ним рӯз зада, як олам сабабҳоро қатор карда, дар ин хусус ба комиссариати ҳарбӣ мактуби расмӣ навишта будааст. Сабаби маро дуруст нагуселонидани рафиқонам ҳам дар ҳамин мактуб будааст, ки ғайр аз худам он номаро қариб ҳамаашон хондаанд.

## АСПИ СУҒУРТА

Тобистони соли 1949 Комитети Марказии комсомоли Тоҷикистон маро ба Москва ба хондан фиристод. Дар Мактаби Марказии комсомол имтиҳони қабулро супорида, аз комиссияи мандатии КМ ВЛКСМ гузашта, ба Сталинобод баргаштам. Гуфтанд, ки моҳи август барои таҳсил меоӣ.

— Муборак шавад,— гуфт Сардор.— Ман хурсанд. То ба ҷоят одам ёфтана, андак душвор мешавад ба ман. Хайр, ҳеҷ воқиа не. Шояд Боғировро гашта диҳанд. Ё Йӯлдоша.

Дадиқае аз руи одаташ ба навдаҳои дарахти пеши бино, ки ба тирезаи шуъба расида меистод, чашм дӯхта нишасту гуфт:

— Лекин дар ин ду ҳафтаи мондагӣ нағз кор кун. Саҳарӣ ба колхози Ҷолмат Ғоибов меравӣ. Баромадаш даркор. Аз таҷрибааш бисьёртар нақл кунад.

Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ Ҷолмат Ғоибов раиси колхози ба номи Тельман, пешқадамтарин колхози райони Орҷоникидзеобод буд. Ҳар дафъа, ки ба Орҷоникидзеобод фиристанд, бо хоҳиши тамом мерафтам, зеро дар он қарибиҳо, дар райони Роҳатӣ бародарам кор мекард. Дар идораи газетаи «Коммуна» ба банда ҳар бор бародарвор кӯмак мекарданд. Муҳаррири «Коммуна» рафиқ Раҳматулло Аҳмадов барои сафар ба колхози дур, ки аз маркази район то сӣ-чил километр масофа дошт, аз ягон идора улоге гирифта медод, шароити идорааш имкон диҳад, яке аз ходимонашро ҳамроҳ мефиристод. Умуман анъанаи наҷиби ёрии байниҳамдигарии журналистон дар ин ҷо хеле хуб зоҳир мешуд ва камина ҳар сафар аз барори кор шод бармегаштам.

Дар сафари охирин муҳаррир набуд. Котиби масъул, ки низ рафиқи меҳрубоне буд, ба кофтукови асп ёрӣ мерасонид. Ба бахти ман дар идораҳои район он рӯз ягон аспи бекор набуд. Ба ҳар сӯ занг мезадем, илтимос мекардем, натиҷае ҳосил намешуд.

Ба ҳафт-ҳашт километра роҳ пиёда рафта омадан барои ман он вақтҳо заррае душворӣ надошт, лекин аз ҳамлаи сагҳо андеша доштам: дар чаҳор деҳае, ки дар сари роҳи колхоз воқеъ гашта буд, хонаводае набуд, ки ақаллан якта саг надошта бошад. Оилаҳое буданд, ки дар пеши хонаашон якбора ду ё се саги ҳар кадомаш гӯсола барин калон-калони бадҳайбат ҳалқа зада мехобид.

Оқибат баъди пешин асп ёфт шуд. Шитобон ба идораи районии суғурта рафтам.

— Лекин, рафиқ, агар бафурсат бошед, ба аспи мо савор мешавед,—гуфт ходими суғурта.

— Чаро?

— Суст мегардад. Рости гап-дия, дурӯғ ба чӣ лозим? Имрӯз ба Тельман рафта, ҳамин рӯз баргашта наметавонед.

Ман розӣ будам, асп ба ман барои тез рафтан не, ҳамчун гурезгоҳе аз ҳуҷуми сагон лозим буд.

Тахмин як соат гашта, ба комбинати орд расидем. Аспи суғурта роҳи ростро монда, ба сӯи дарвозаи комбинат тоб хӯрд. Лаҷом кашидан, маҳмез задан, тозиёна ба кор бурдан, чу-чу ва ҳой-ҷой гуфтанҳои ман ба ҷону тани ин ҷонвар таъсири казоӣ надошт.

Ба дарвозаи комбинат расида, сар ба кунҷе ниҳода чанд дақиқа рост истод. Ҳамту ноҷунбон, ба назарам, хаёл карда истод. Аробакашҳои дар он ҷо сӯҳбат карда нишаста ба ҳамдигар маро нишон дода, байни худ чизе гуфта механдиданд. Нохост асп фаххос зада, сару гарданашро такон доду ба қафо гашт ва ба роҳи колхоз даромад.

Аз рӯи тахминам пас аз фурсате ки агар пиёда мерафтам, ба колхоз баҳузур расида, як чойник чойро ҳам бо ҳаловат нӯшида тамом мекардам, ба деҳаи якуми соҳили чапи Қофарниҳон расидем. Саги ҳавлии канорӣ бо шодмонии тасвирнопазир фарьёду фиғоне бардошта, ба пешвози мо давид. Арбадаи ӯро шунида, даҳ-дувоздаҳ саги дигар дартоз омаданд ва моро миёнагир карданд. Далеру зӯру боҳамияттаринашон, баробари қади асп ҳаллос мезаданд ва майли ошкоре доштанд, ки порае аз либоси ман баркананд, тиккае аз соқи поям ба дандон оварда биҳоянд. Ҳарду поро чилликвор бар гардани асп ниҳода мерафтам ва шукр мегуфтам, ки дар миёни сагон мусобиқаи ҷаҳидан ба баландӣ расм нашудааст, вагарна дар ҳар деҳа ҳатман як чемпиони ин соҳа ёфт мешуд ва он гоҳ ба ҳоли ман, ҳайҳот, маймунҳо механдиданд.

Ба рӯ ба рӯи ҳавлии якум расида будем, ки аспи суғурта, тоб хӯрда, ба пайраҳаи байни палҳои шолӣ даромад ва то ба сари танӯри заминии соҳиби хона расида қарор гирифт. Сагон ҳангомаи худро бо ҳамон ғайрату кӯшиши пешина давом

медоданд. Қасе наменамуд, ки маро аз ғавғои посбонони деҳа наҷот диҳад. Ба истилоҳи ҳамонвақтаи касбам, «ҳамаи қувваи қобили меҳнат» дар саҳро буд. Бачаҳои хурдсол ба ману аспи ман аз дур назари бепарвоёнае афканда, дарҳол аз паи дилхушии худ мешуданд.

Аз дари хона зани сафедмӯи хамидақомате миёнашро дошта, асозанон баромад. Чизе гуфт, аз хархашаи сагон нафаҳмидам. Он гоҳ асояшро ба ҳаво бардошта, ба сари посбонон фарьёде кашид, селаи онон дуртар ба сари куча баромад. Пиразан пурсид:

— Ҳа, бачам, чӣ кор дорӣ ба мо?

— Ҳеҷ кор, момо, бубахшед маро. Ба колхози Тельман равонаам.

— Тельман дар он тараф, бачам. Ҳӯ-ӯ дар он тараф. Бо роҳи калон меравӣ. Ҳоло боз се қишлоқ ҳаст.

— Медонам, момо, лекин ин асп ҳамин хел, аз они идораи суғурта. Ба ҳар дар албатта сар мехалонидааст. Одаташ ҳамин будааст.

Пиразан муддате мижазанон гоҳ ба ману гоҳ ба маркабам зеҳн монду сонӣ ба осмон чашм дӯхт. Эҳтимол, дар дилаш ба худованди худ изҳори тааҷҷуб ва таҳсин мекард, ки зотҳои аҷибу ғариб офаридаӣ.

Дар сари ҳар пайроҳа ҳамин гуна саёҳат такрор мешуд. Шаттаву шаллоқ ба ҷони он маркаб кор намекард. Лаҷомро сахт мекашидам, ба андозае сахт мекашидам, ки гарданаш рост мешуд, аз кунҷи даҳонаш кафки хунолуд мебаромад. Дар ин сурат ҳам аз пайроҳаи ба ман нодаркор берун намешуд, балки дар як ҷо қарор мегирифт. Ҳамин ки инонро сар додам, то ба ҷои дилхоҳаш пеш мерафт, ба қадри лозим донистааш сукут меварзид, сипас фаххос зада, бинӣ меафшонид, сару гардан меҷунбонид ва фақат баъди комилан ба ҷо овардани барномаи худ ба қафо мегашт.

Барои фикру андеша фурсат ва имконияти фаровоне доштам. Аз табиати сагон фикр мекардам. Олимон мегӯянд, ки саг назар ба дигар ҷонварон боақлтар аст. Ба назари ман тадқиқоти онҳо ҳануз мукаммал нест. Агар саг ақл медошт, заррае ҳам бошад, соҳиби инсоф мешуд ва агар соҳиби инсоф мебуд, аз даҳон ин қадар кафки нафрату ғазаб пошида, ба сӯи мани бегуноҳ аккос намезаду ақаллан боре аз рон ё думи ин аспи муғамбир мегазид, ки мисли дигар аспҳо андом дорад, асбобу афзол, ҳатто ному насаб дорад, мисли онҳо хӯрок мехӯраду ақаллан баробари ҳар кор намекунад. Оре, вай асп не, хар аст, аз хари шаллоқӣ ҳам бадтар аст...

Шабона ҳамроҳи Ҷолмат Ғоибов нишаста, баромади ӯро дар бораи колхоз, услуби кордории аъзоёни правления тайёр

кардем. Пагоҳӣ дар сари ношито фикр мекардам, ки оё аз раис барои бозгашт аспи дигар бипурсам ё не?

Агар ӯ асп диҳаду аспи муғамбир ҳам дар дасти худам бимонад, аз ин бурде нахоҳам кард: боз побанди суръати ҳамин муғамбир хоҳам буд. Агар бигӯям, ки касеро ба бурда расонидани асп ба соҳибаш мутасаддӣ намояд, дар ин долузарби тайёрӣ ба пахтачинӣ ба кори колхоз ҳалал мерасад. Афсӯс, ягона автомобили боркаши колхоз ба Кулоб рафта будааст, вагарна тадбир ин буд, ки аспи суғуртаро ба он бор кунию худ дар кабина нишаста, дар ним соат ба Янгибозор бирасӣ. Ҳам зуд ба манзил мерасӣ, ҳам халоиқ аспи мошинсаворро дида, бар падару бобою бобокалонаш лаънат хоҳанд хонд.

Аспи дигаре бигираму ин дарди ҳаринаро «бирав, чор тарафат қибла! гуфта раҳо кунам чӣ? Аздусар ба вай касе ба ҷуз инспектори суғурта як даста алаф ё як каф ҷав нахоҳад дод ва ӯ, ки роҳу пайроҳаҳои ҳамаи деҳоти Орҷоникидзеободро чаҳор пои худаш барин хуб медонад, ҳатман ба хонааш хоҳад баргашт. Хусусан, ки замони гӯшти аспхӯрӣ гузаштааст. Агар касе дуздида, дар ҳотааш кор фармудан хоҳад хам, дар як рӯз аз феълу хӯяш огоҳ шуда ва аз ҳафтоду ҳафт маҳали ин гуна асп безор шуда, бароварда пеш мекунад.

Аммо рафту ягон фалокат рӯй дод? Масалан, рафту ин гарданғафс дар таки чархи поезд монд? Охир вай одати баногоҳ дар миёни роҳ таққӣ истодан дорад-ку. Чаро дар болои роҳи оҳан хам шах шуда намонад? Ба ҳар ҳол дар балапси идораи суғурта ҳамин беномус ҳам асп ном дорад. Ҳафтҳашт ҳазор сӯмина арзиш доштағист? Чӣ зарур ки сари худамро худам ба ҷанҷоли аз ин зӯртаре бимонам?

Боз муғамбирро зину лаҷом зада, савор шудам ва ба роҳи бозгашт афтодам. Баъзе аз чорпоёни саворӣ ба сӯи хонаи худ бохавсалатар қадам мезананд. Вале аспи суғурта, аз афти кор, ҷонвари файласуфтабиат буд ва дар дилаш мегуфт: дар шитоб инчунин. Селаҳои сагон мисли дирӯза ҳанӯз аз даромадгоҳи деҳа моро пешвоз гирифта, бо ак-аку фарьёду фиғони гӯшкаркунанда то ба даромадгоҳи ҳар як ҳавлӣ ва боғ мегӯселониданд ва дар охир то нимароҳи деҳаи навбатӣ бурда, мисли эстафета ба селаи сагони қишлоқи ҳамсоя месупориданд.

Аз ҳудуди деҳа баромада, тарҳи пули оҳанини болои Кофарниҳонро баръало дида будам, ки андешаҳои дирӯза аз нав ба ёдам расиданд: «Асп не, хар будай ту, аз хар ҳам бадтар будай, хайфи қадуқомати асп!» Ногоҳ хаёле ба сар зад, ки чаро ба ин хар муносиби хар муомила накунам? Зери дарахте қарор гирифта, аз киса кордча бароварда, навдае буридам ва

халачӯбе сохтам. Асп ором меистод. Бале, вай аз ҷонвароне буд, ки дар болояш нишаста, даҳ ман биринҷро аз курмаку сангча тоза кунед, ҳам, гушашонро намеҷунбонанд.

Ҳам бо орзуи тезонидани гашти ӯ, ҳам бо мақсади интиқом нӯги халачӯбро ба мобайни шонаҳояш халонида будам, ки муғамбир девона шуд. Бо тамоми овоз шиҳа кашида, мисли аспҳои овозадори чавандозон чорғпоя сохт. Ба лаҷому қоши зину ёли асп дудаста часпида, базӯр худро руи зин нигоҳ доштам. Чун дид, ки наафтодам, чанд бор кӯшлагад андохта, зӯр зад, ки аз болои сараш муаллақзанон сарнагун равам. Баъд ногоҳ пеш давид. Ҳа, бе муҳобот давид! Аз роҳи калон баромада, ба селрохае ки сӯи Қофарниҳон нишеб мерафт, худро зад ва боз бо ҳамон шасти аспҳои ҷангӣ бо як хез ба соҳили селроҳа баромада, дар майдони шӯразоре мисли хароне ки ҷои нармтарини тапурхоки тафсонро кофта, гирди сари худ давр мезананд, чарх задан гирифт. Ва ногоҳ худро яктарафа ба болои шӯразори хушк андохт. Лаҳзае таъхир мекардам, ё пои чапамро ба зери пайкараш маҷақ мекард, ё аз ҷарии баланд ба санглоҳам меандохт, ки чӣ шуданамро тасаввур карда наметавонам.

Хоку хаси либосамро афшонида бархостам, ки устухони кос сахт дард мекунад. «Ҳаром мурӣ, ту,— дашном медодам аз шиддати дард ва алам.— Дар қабри бобои касе ки туро асп ном дода, ба пуштат зин бастааст...»

Дигар тез гашта наметавонистам. Асп аз ман ҳамагӣ чанд қадам пештар мерафт. Аз шиддати дард як ҷо биистам, вай ҳам меистод ва сар хам карда аз канораи роҳ алаф мехӯрд. Роҳ гардам, боз пеш мерафт. Ба назарам чунин менамуд, ки лаби болояшро чин-чин карда ва боло кашида, дандонҳои дарози зардашро нишон дода механдид. Ба таври худ интиқом меситонид.

Дар кӯчаи калон аспи суғурта ба чап тоб хӯрд, сӯи хонааш рафт. Ман лангон-лангон ба дасти рост, ба тарафи истгоҳи поезди бегоҳирӯзии Сталинобод, ба Янгибозор рафтам.

Дандонҳои зард, чашмони айёрона дурахшандаи аспи суғурта дергоҳе пеши назарам буд. Ин гуна муғамбиронро дар роҳҳон зиндагонӣ баъдтар ҳам чандин бор дидаам.

* * *

Дар миёни газетаҳои ҳарранга ба назарам сарлавҳаи «Тоҷикистони Советӣ» аз ҳама гармтару дилкаштар метобад.

Чашми ман ба олами аҷиби мо нахустин бор дар идораи ҳамин газета боз шудааст. Маънои калимаи олиҷаноби байналмилалии «коллектив»-ро бори аввал дар ҳамин ҷо дарк кардаам.

Идораи «Тоҷикистони Советӣ» кайҳо ба дигар бино кӯчидааст. Аз ходимони пешина тақрибан касе намондааст: қисме даргузаштаанд, ҷамъе ба нафақаи давлатӣ баромадаанд. Аммо ҳамин ки аз остонаи редакция ворид шудам, маро ҳиссиёте фаро мегирад, ки онро кас ҳангоми мулоқот бо аввалин мактаб, нахустин устод эҳсос мекунад.

## ЗАЙНАББИБӢ

Маёро базм бар соҳил, ки он ҷо
Навои зиндагонӣ нармхез аст
Ба дарьё ғалту бо мавҷаш даровез
Ҳаёти ҷовидон андар ситез аст.

*Иқбол.*

Се кас аз девори пастаки гилӣ гурбасон чаҳида, ба ҳавлии комиҷроияи район даромаданд. Шахси чаҳорум дар болои девор мувозанатро гум карда, аз шохаи пурбори олуча қапид. Олучаи кайҳо пухта мавизакшуда, гуррос зада, ба сару китфи чор мард рехт.

— Лаванд! — зери лаб дашном дод он ки якумин шуда аз девор гузашта буд.

Муддате сарҳои худро ба дарун кашида, ба атроф гӯш доданд. Ҳама ҷо сокит. Фақат аз канори деҳа аккоси танбалонаи саге ба гӯш мерасид. Дар ин ҷо бошад, якта-нимта олуча ҳоло ҳам афтода, дар мағзи хасу хошок хиширросзанон ғелида мерафт.

Ду нафар нӯк-нӯки мо қадам ниҳода, ба сӯи идораи комиҷроия равон шуданд. Ду нафари дигар — ба пешгоҳи ҳавлӣ, ба тарафи суфае рафтанд, ки он ҷо рӯзона хизматчиёни район ва ҳар гуна арздорон рӯи шолчае нишаста дам мегирифтанд ва ҳоло раиси комиҷроия Зайнаббибӣ Қурбонова мехобид.

Шабона маҷлиси президиуми комиҷроия шуда буд. Ҷонишини раис Бекмуҳаммадов гуфта буд, ки маҷлис дер нахоҳад кашид. Аммо ба ҷанҷоли об масъалаи бинои мактаб, доруи вараҷа ва дигар чизҳо зам шуду машварат то ними шаб кашол ёфт.

Бекмуҳаммадов хеле исрор кард, ки Зайнаб ба хонааш биравад. Уро гусел хоҳанд кард. Зайнаб не гуфт. Вай гоҳо таклифи рафиқон ва ҳатто дӯстонашро аз қайсарӣ ва якраҳагии бебокона, аз хоҳиши ҳатман гузаронидани раъи худ қабул намекард. Фаразан касе ишора кунад, ки дар шаби торик ба қишлоқи дур сафар кардан хуб нест, Зайнаб гумон ме-

кард, ки ин гуна сафарро маҳз барои зан салоҳ намебинанд ва албатта ба он ҷо мерафт.

— Набошад, ту дар хона бихоб,— гуфт Бекмуҳаммадов.— Ман ҷогаҳамро ба рӯи суфа мебарам.

— Наметавонам. Дар хона дилам буғз мекунад.

...Зайнаб яккад парида бедор шуд, ки касе худро бар болояш партофта, даҳонашро маҳкам пӯшидааст. Марди дуввум, ки андомаш наменамуд, аз банди дастонаш қапида, онҳоро дар болои сараш ба кӯрпачаи лӯнда кардашуда, ки хизмати болинро адо мекард, сахт фушурда меистод.

— Эшонқул...— марди ба рӯяш парӯ афтодаро шинохта ном бурд Зайнаб, вале Эшонқул дарҳол латтаеро гирифта даҳони ӯро боз зичтар пӯшонид.

— Ором шав, ором,— ҳарсасзанон мегуфт Эшонқул ва дар ҳолате ки бӯи кароҳатангезе аз даҳонаш паҳн мешуд, тани ба ларза афтодаи зани дастбастаро палмос мекард, мепучид, мегазид.

Қуртаи нимдошти ласини Зайнаб дар як он пора-пора шуд. Аз тарафи идора тақаррос зада аз паҳлӯдарӣ канда шудан ва ба замин афтодани дари хона шунида шуд. Баъд садои тапар-тупури одамон, ба девор бархӯрдани хараки чӯбин ва ниҳоят фарьёди пасти нолишомези Бекмуҳаммадов ба гӯши Зайнаб расид.

Аз куҷое дар бадани зан ҷон дамид. Шояд аз он, ки устухони вай аз кӯдакӣ бо меҳнат ва афтударафти рӯзгор шах шуда буд; бозувони ӯ шамшери гарони аскари савораро на як бору ду бор дар сари душман ба ҷавлон андохта, сарҳои мардони майдонро зери по афканда буданд; шояд аз он ки аспҳои масту саркаши ин музофот дар таки дасти Зайнаб рому ором мешуданд.

Зайнаб бо як зӯр дастони худро вораҳонида Эшонқули ба зону бархостаро бо қушлагад ба сари сина чунон фаровард, ки аз суфа муаллақзанон ғелида, ба танаи дарахт рафта зад.

— Номард! — бо тамоми овоз фарьёд кард Зайнаб.

— Зиё, биандоз! Паррон, мегӯям! — бо даҳшат дод гуфт Эшонқул ҳанӯз ба по нахеста.

Садои таппонча сукунати саҳариро шикофта ва дар адирҳои паси деҳа акс ёфта, дар фазои водӣ паҳн шуда рафт.

Зайнаб синаи урьёни хунфишонашро дудаста фишурда, ба ҷогаҳи ҳанӯз гарми худ парӯ афтод.

Эшонқул аз соқи мӯза корд баровард ва ба ҷасади хунолуди Зайнаб дарафтод. Ӯ аламу интиқоми деринаи худро гирифтанӣ шуда, дар сари ҷасади сардшудаистодаи зан коре кард, ки ҳеҷ кадом фарзанди инсон дар ҳеҷ замоне накарда-

аст, коре кард, ки хунхортарини ҷонварони ваҳшӣ намекунанд.

Ин фоҷиа бомдоди 23 июли соли 1928 рӯй дод.

Айнан ҳамон аснои тавлиди рӯзи нав буд, ки осмони сафедӣ бардамидаро чанд дақиқа аз нав торикӣ фаро мегирад. Лаҳзае буд, ки зулмот боқимондаи неруи худро ғундошта, ба муддате ба таъхир андохтани хуруҷи рӯшноӣ муваффақ мегардад.

Шояд таъхир ёфтани рӯз аз як ҷиҳат хуб ҳам буд: ин намоиши нангини фоҷиаборро ба ҷуз қотилон чашми дигар ҷонзоте надид.

* * *

Мана Эшонқул, қотили раис ва ҷонишини комиҷроияи район, душмани инқилоб ва Ҳокимияти Советӣ, ки чанд сол ниқоби дӯстро ба рӯй кашида, дар вазифаи раиси Иттифоқи кӯшчиёни район кор мекард.

Вай ҳоло дар паси ароба нишаста ба саёҳати вопасини худ меравад. Дар паҳлӯяш шарикони ӯ — Маҳмадзиё, Абутолиб. Ришу мӯйлаби ҳар се ним ваҷаб расидагӣ. Чашмҳо як ангушт фурӯ рафта, дар гирди онҳо аз фишори ғусса, аз андӯҳи шикастиислоҳнопазир ва бими марги ногузир доғи тирае ҳалқа задааст. Дар пеши ароба ба ҷуз аробакаш — аскари солхӯрдаи рус, боз Умар ва як аскари дигар ба милтиқҳои худ такья карда менишастанд. Аз паси ароба Васильев ва писархонди Зайнаб — Санъат савора меоянд.

Санъат он рӯз аз Хонақо баргашта, рафиқони худро камгап ва тирарӯ дид. Ба саломаш мисли пешина алек гиранд ҳам, ба пурсупосаш гӯё бо дили ноxоҳам ҷавоб медоданд. Аз ҳазлу мутоибаи одатӣ дараке набуд.

Вақте ки сарулибосашро аз гарди роҳ тоза карда, дасту-рӯй мешуст, қосиди Шӯъбаи махсус омада гуфт, ки ӯро сардор даъват мекунад. Ҳисси баднишонае дар замири дилаш бедор шуд.

Сардор ворид шудани Санъатро дида, аз ҷояш хест ва ба мобайни хона баромада, рапорти расмии ҷанговарро шунид.

— Хӯрок хӯрдӣ?— пурсид ӯ баъд.

— Ҳанӯз не, рафиқ сардор.

— Пас бирав, шикаматро сер кун.

Санъат дигар яқин карда буд, ки ҳодисаи ногуворе рӯй додааст. Аммо ба ӯ нагуфта истодаанд. Дар ин ҳолат магар аз гулӯи одам хӯрок мегузарад? Вай аз таки дар пас гашта, ба назди сардор даромад.

— Иҷозат диҳед, ба ошхона наравам. Ман гурусна нестам, рафиқ сардор.

Сардор ба мўи сиёҳи мавҷдори ҳанўз тар, чашмони мешии аскар, ки ба атроф бо назари ҷўяндаи ташвишомез менигаристанд, зеҳн монда гуфт:

— Ба Қуктош бирав. Воқеаи ноҳуш рўй додааст.

Чизе дар синаи Санъат шартӣ карда рафт, вуҷудашро як карахтии маҷҳуле фаро гирифт ва суханҳои минбаъдаи сардор ба гушаш гўё аз паси девори ғафсе мерасиданд.

Чӣ гуна ҳамроҳи Умар ба Қуктош омаданашро надонист. Ҳамин қадар дар хотир дорад, ки ба он ҷо аз Душанбе одамони бисьёре омада буданд. Ходимони Шуъбаи махсуси бригадаи ҳафтуми савораи онҳо, намояндагони комитети вилоятии партия, коркунони милицияи Душанбе ва районн Лақайтоҷик ба ҳар тараф ҷунбуҷул карда, тафсилоти фоҷиаро таҳқиқ мекарданд. Як гурўҳ одамон ба маросими дафн тайёрӣ медиданд.

Ба кадом ҷониб ғайб задани қотилони Зайнаб ва Бекмуҳаммадов номаълум буд. Дар қатори чанд ҷанговари дигар Санъат ва Умар ба ҷустуҷўи онҳо фармон гирифтанд. Ростӣ, ин фармон барои онҳо як расмият буду бас. Агар дар дуньё инсофу адолат гуфтанӣ чиз бошад ва агар қотилон қанот бароварда ба осмон набаромада бошанд, онҳоро дастгир кардан зарур буд. Ин чунон як амри воҷиб буд, ки дар бораи он гап задан, дар ин хусус фармон додан ё фармон гирифтан гўё як кори тамом. барзиёд буд.

Эшонқул ва шариконашро аз Сарои Қамар дошта оварданд. Ба кофтукови қотилон ва суди онҳо қариб як моҳ рафт.

Инак, аробаи маҳбусон дар иҳотаи дастаи посбонон аз пайроҳаи пурчанги даштӣ роҳ мепаймояд.

* * *

— Санъат, писарам, номи ғалатӣ дорӣ-дия! — боре гуфта буд Зайнаб.

Онҳо дар идораи комитети ҳарбӣ-революционӣ менишастанд. Санъат аз ҳезуми ба кунҷи хона тўб кардашуда пешдаргиронн хушк ҷудо карда мегирифт. Зайнаб як даста коғазҳоро аз бағалкисааш бароварда, ба рўи чорпояи мизшакл тахт мекард.

— Номамро падарам мондааст, ягон орзў доштагист-дия,— ҷавоб дод ҷавон.

Зайнаб корашро қатъ намуда, ба пайкари ҷавон муддате хаёлмандона нигоҳ карда монд. Баъд хеста, коғазҳоро ба нимсандуқи дар паҳлуи миз буда қуфл карду аз таки девор чаро-

ғи сиёҳ ва як чароғи нави ҳафтумп карасиниро ба даст гирифта, боз ба ҷавон муроҷиат намуд:

— Нигоҳ кун, ба мо аз Душанбе чароғ оварданд. Ман аз анбордори мумсики гарнизон як ҷовача равғани чароғ ҳам руёнидам.

Дар ҳамаи район ин дуввумин чароғи шишадор ва бедуди карасинӣ буд. Чароғи якум дар хонаи сардори гарнизон — командир Қараваев буд. Санъат ба шодии Зайнаб шарик шуда, изҳори хурсандӣ кард.

— Кӯҳнаашро чӣ кор мекунем? — пурсид Зайнаб чароғи сиёҳро нишон дода.

— Ба ман диҳед.

Санъат барои он ки равғани зағир ба либосаш нарезад, чароғи чӯяниро боэҳтиёт ба рӯи каф бардошта берун баромад ва ба тавораи бофта наздик шуда, ба тарафи ҳавлии валангори бесоҳиб ғурронид.

— И-и, ту чӣ кор кардӣ?

— Партофтам.

— Боракалло, шери апа, аҷаб кор кардӣ! О ба ягон кас диҳем, беҳтар намешуд?

— Ба касе даркор бошад, ёфта мегирад, аммо комитети революционӣ ба одамон чароғи сиёҳ инъом намекунад.

Зайнаб хандиду чизе нагуфт. Дар қалби ӯ ба ин ҷавони камгапи меҳнатӣ, ҳушфеъл ва далер як эҳсосоти нозуки модарона тавлид ёфта, рӯз ба рӯз қувват мегирифт.

Бегоҳӣ Санъат барои машқи Зайнаб ҷой тайёр мекард. Дар самти ғарбии қалъачаи гарнизон, дар паси хандақҳои кӯҳнаи янтоқу шӯра пахшкарда майдончаи машқбобе ҳаст. Ба ин ҷо назари касе намеафтад. «Ҷое бошад, ки ҳеҷ кас набинад»,— таъин карда буд худи Зайнаб.

Санъат як бандча навдаи лучи бедро оварда, як қисми онро ба нӯки ходачаҳо ки қаблан ба замин гӯр карда монда буд, устувор намуд. Баъд аспи Зайнабро аз лаби сой дошта, аз кишан баровард ва зину лаҷом зад. Акнун то омадани ӯ Холдорро андаке давонда, гарм кардан даркор.

Аспҳо ҳам, аз афти кор, одам баринанд. Аспе ҳаст, ки ҳанӯз пой ба рикобаш нарасонда, якбора оташ мегирад ва ба сӯи равонакардаатон худро тир барин мезанад. Аспе ҳаст, ки раги пояш оҳиста-оҳиста яла мешавад. Холдори Зайнаб ҳамин хел. Лекин баъди он ки ба ғайрат даромад, парвоз карданашро, худро ба нишон заданашро тамошо кунед. Паракҳои биниаш мепаранд, фаххос зада нафас бароварданаш ғурриши шери мастро ба хотир мерасонад.

Аз хамгашти девори казарма Зайнаб намоён шуд. Вай зани баландболои хушандом ва ҳамаи аъзои бадану рухсораш

мутаносиб ва дилкаш бошад ҳам, роҳгардиаш латифи занона нест, яънеончунон нест, ки одамон ба хироми кабки хушрафтор ташбеҳ медиҳанд. Хайр, охир, зан ки як умр бори рӯзгор бар дӯш роҳ мепаймуд, чӣ гуна «кабки хушрафтор» шавад?

Мана имрӯз ҳам аз субҳ то аср дар ревком ҷунбуҷӯл мекард. Фориғи кор сарулибоси се бачаро шуста, ба тор овехт, ба онҳо таоме пухта дод. Акнун ба машқи шамшерзанӣ меояд.

Зайнаб наздик омад. Дар гирди лабон ва пешониаш заррачаҳои арақ медурахшанд.

— Санъатҷон, замин лой-ку?

— Тирамоҳ-дия... Агар хоҳед, машқро ба дигар вақт мононем.

— Не, не. Ҳозир. Намебинӣ, аскари савора шуда омадам?

Ӯ руймолеро ба сараш саллавор печонида, миллаҳои сиёҳи дарозашро дар зери он пинҳон карда буд. Аз болои куртаи чит ҷомакӯҳнаеро пӯшида, миёнашро бо тасмаи кӯҳнаи Санъат таранг бастааст. Дар пояш мӯзаи пошнабаланди зард ва чарми хоми гӯсола.

— Читур, ба аскар монандам?

— Ҳоло ба аскари фидоӣ.

— Ҳоло ҳаминаш ҳам кифоя. Хайр, биё, бигӯ чӣ кор кунам?

— Ана аспатон, мана шамшер. Ана ин навдаҳо — душмани шумо.

— Ҳм... «душмани ман»...— андешамандона, бо заҳрхандае такрор намуд Зайнаб.

— Аспро аз дур, ҳо ана аз он нишебӣ тозонда меоед.

Зайнаб ба аломати ризо сар ҷунбонида, хомӯш истод. Баъд аз лаҷоми Холдор гирифта, тез-тез қадам зада, аспро ба наздикии хоктеппае кашола кард.

— Як моҳ боз ба анбордори шумо мегӯям, ки ақаллан аз кӯҳна-колаҳо якта гимнастёрка ёфта диҳад. Фақат ваъда медиҳад. Ваъдаҳот сарата нахӯрад,— ғурғуркунон гуфт ӯ ва аз болои теппача истода худро чолокона ба рӯи зин гирифту бари ҷомаи васеи ноҳинҷорро ба зери тақимаш ғундошт.

Санъат шамшерро ба ӯ дароз карда хандакунон гуфт:

— Қорамон чаппа шуд. Қоида шамшерро ба миён баста, сонӣ ба асп савор мешаванд. Хайрият, ки ҳоло ҷанги ҳақиқӣ нест.

— Парво накун, писарам, то ҳақиқиаш як бало мекунем.

Дар тохти якум Зайнаб фақат як навдаи аз ҳама баланду намоёнро қалам карда тавонисту бас.

— Як ҷой ёфтӣ, ки...— гуфт ӯ дар бозгашт дар муқобили

Санъат қарор гирифта.— Дар дусад қадам масофа аз як ҷӯю як хандақ ҷаҳидан лозим меояд. Боз ду теппача ҳам болои сӯхта намакоб.

— Машқгоҳи ҳамвори эскадронро худатон нахостед.

Дар тохти дуввуму саввум қиёфаи Зайнаб тадриҷан тағьир меёфт. Кам андар кам мардонро дидан муяссар мешавад, ки ба рӯи зин ин қадар озод ва сабук нишаста, асп давонда тавонанд. Табиат Зайнабро ба ҷинси занҳо дохил карда, гӯё саҳве содир карда буд. Аз ҳоло яқин буд, ки баъди як-ду машқи дигар шамшер дар дасти Зайнаб мисли оташгираке дар сари оташдон асбоби оддии итоаткор хоҳад шуд. Ҳозир ҳам вай дар шуои офтоби ғуруб кардаистода алмосвор дурахшида, ба сари навдаҳо барқосо фуруд меомад ва онҳоро шуввосзанон қалам карда дур меандохт.

Санъат аз ғояти мамнунӣ кафҳои худро ба ҳамдигар совида, беист нидоҳои хурсандӣ баланд мекард ва дар ҳар шамшер задани апааш ӯ низ беихтиёр сари худро яктарафа карда, «ҳуҳ» гӯён бо шамшери хаёлӣ навдаи хаёлиро қалам месохт...

Дар аввали зимистон Зайнаб сахт мариз шуд.

Шабона ба қадри чаҳор ангушт барфи нарми хушк борида, қишлоқ, дашт ва теппаҳоро либоси сафед пӯшонида буд.

Санъат аз Душанбе бармегашт. Сари роҳ ба ревком даромад, ки раиси ревком Низомиддин Каримов бо касе дар ким-чӣ хусус баҳс мекунад. Яке аз ходимони ревком дар оташдони заминии идора ба гулхан ҳезум мемонд. (Печка набуд ва одатан дар миёни хона гулхан карда, ба он ҳам чой меҷӯшониданд, ҳам ба алаваш гарм мешуданд).

— Апа дар куҷост?— пурсид Санъат якбора ба ҳама муроҷиат карда.

— Ба хонааш ҷеғ заданд. Ҳозир меояд.

Санъат ба гарнизон бирафт, то ки аз иҷрои супориш арз кунад. Пас аз соате дубора омад. Зайнаб ҳанӯз набуд.

Пагоҳӣ ҳамсоя ҳабар оварда буд, ки аз қишлоқ духтари Зайнаб омадааст ва модарашро металабад.

Зайнаб духтари худро дар даҳлез рӯи бурьё дида ҳуш аз сараш парид. Духтар аз шиддати дард нолишкунон фарьёд мекашид. Муҳояш парешон, як чашмаш қаб-кабуд варам карда баромадааст ва аз байни милкҳои ба ҳам часпидаи чашмаш хуноба метаровад.

Модар бачаҳои хурдсолро, ки баробар ҳунгосзанон мегиристанд, ба саҳни ҳавлӣ ронда, куртаи руй ва пироҳани таки ғоз-ғозшудаи ӯро кашид. Сар то сари пайкари ҷавонзани шонздаҳсола доғи сиёҳу кабуди шаттаю шаллоқ буд. Синаи чап ва поёни нофаш — аз захми дандонҳо хуншор.

— Кӣ кард инро?

— Палонҷам,— ба зӯр ҷавоб дод духтар.

— Шавҳарат куҷо буд?

Духтар дигар чизе гуфта натавонист.

Баъди фурсате Зайнаб калтаки ғафси ғурмдореро рӯй-рӯи барф кашолакунон, аз чӣ сабабе пои пиёда ба қишлоқи домодаш мешитобид. Тасодуфи хушбахтона ӯро бо комиссари гарнизон рӯ ба рӯ кард. Вагарна вай аз палонҷи ваҳшӣ, аз пирдомоди худ, ки ӯро фиреб дода, духтари чордаҳсоларо бар болои зани чилсола гирифта буд, ба ҳамон тариқе ниқор меситонид, ки он ҷохила ситонида буд.

Оре, Зайнаб аз ҷумлаи занҳои кишвар аввалин шуда ба майдони ҳаёти навбуньёд қадам гузошта бошад ҳам, сояи рӯзгори гузашта ҳанӯз аз сараш дур нашуда буд.

Комиссар оташи ғазаби Зайнабро оҳиста-оҳиста фурӯ нишонда, ӯро розӣ кунонид, ки ҳамчун намояндаи Ҳокимияти Советӣ дар ҳар мавриде набошад, дар бобати эҳтиром ва ҷорӣ намудани қонуну тартиботи нав бояд ибрат нишон диҳад.

Санъат Зайнабро дар канори қишлоқ ёфт. Ӯ дар саҳрои хилват дар рӯи барф манаҳи худро болои зону гузошта ба ка-дом як нуқтаи уфуқ чашм дӯхта менишаст. Санъатро дида, ба чашмонаш лиқ об пур шуд. Яқин, аламаш аз нав тоза шуд, ки дигар худдорӣ карда натавониста зор-зор гиристан гирифт.

Ӯ ба тақдири сиёҳи худ мегирист. Ба такрор шудани насибаи худ дар қисмати духтараш мегирист.

Зайнабро худ дар ҳаштсолагӣ ба шавҳар дода буданд.

Кӯдаки ҳаштсолаи шавҳардор... Санъат ин хел ҳодисаҳоро пештар ҳам шунида буд, дар диёри ӯ ва атрофи вай низ ин гуна воқеаҳо рӯй медоданд. Вале барои тасаввур кардани сабаби чунин иқдом қуввати идрокаш намерасид. Ҳамин ки кӯдаки ҳаштсоларо дар паҳлу, ё дар сари зонуи марди калонсоли ришу фашдор тасаввур мекард, мӯи баданаш сих мехест, як ҳисси ғазабомез ва кароҳатангезе вуҷудашро фаро гирифта, ӯро гӯё ба чоҳи торики бадбӯе сарозер меафканд ва ӯ ба вазъе мерасид, ки дигар ёрои фикр кардан надошт.

Шавҳари якуми Зайнаб Худойбердӣ Хақназар ном дошт. Дувоздаҳ сол бо ӯ зиндагӣ кард. Ягона чизе ки аз ин дувоздаҳ сол дар шуури Зайнаб мондааст, нафрат ба мард буд, нафрати сӯзони тасвирнопазир ба мард буд, ки қуввати беҳадду ҳудуд, ном ва ҳуқуқи шавҳарро дошт.

Худойбердӣ солхӯрда буд ва бо аҷали худ мурд. Сонӣ Зайнаб бо изни қабилаву авлод зани Қурбон Эшмуҳаммад гардид. Ҳарчанд шавҳари дуввум бисьёр намезад ва азоб намедод, сездаҳ соли оиладорӣ бо ӯ дар хотираш чун як шаби дарози беохир нақш бастааст, ки пур аз машаққати беподош, ҳаёти

нимсеру нимгурусна ва хориву зории адонашаванда бошад. Аз вафоти Қурбон ҳанӯз як сол нагузашта, ҳанӯз мӯҳлати азодорӣ ба охир нарасида, бо ҳукми калоншавандаҳои авлоду қабила Зайнаб зани бародаршӯи калониаш шуд. Чуноне ки баъди вафоти кас кулба ё маркаби ӯ ба шахси наздикаш мерос мемонад, инони ихтиёри Зайнаб ба дасти бародари шавҳараш гузашт.

Қонуни қабила чунин буд ва онро шариат ҳомӣ ва такьягоҳ буд.

Шавҳари саввум зиндагонии оилавиро аз рӯзи дуввум бо калтаккорӣ кардани Зайнаб сар кард ва ҳамин тавр ҳам ба охир расонид. Гарчи падари ӯгай барои ҳар чор бачаи зиндамондаи Зайнаб бегона набуд, амаки худашон буд, ҳеҷ кадоми онҳо аз зулми ӯ як рӯзи равшанро надиданд. Ин марди ҷоҳил таъсири мушту лагади худро барои «тарбияи оила», аз афти кор, нокифоя мешуморид, ки аз сари зани муштипар, духтарчаи сездаҳсола ва се укаи хурдсоли ӯ калтаку тозиёнаро дур намекард.

Авлод қарор кард, ки духтарчаи ба чордаҳ акнун қадамгузошта ба шавҳар дода шавад. Ин ҳамон айём буд, ки аълоҳазрат амири Бухоро дар шӯълаи инқилоби Бухоро пару болашро сӯзонида, ба Душанбе гурехта омада буд ва нукаронаш ҳар рӯз аз деҳоти гирду пеш як-ду духтари хушрӯйро ба пушту паноҳи дину мазҳаб пешкаш мекарданд. Зайнаб ба қарори авлод эътироз накард, домоди пир бошад, бо сад ҳилаву тадбир зани чилсолаи худро аз ӯ пинҳон дошта буд.

Рӯзе аз рӯзҳо командири взвод Васильев бо ҷанговарони худ ба деҳаи Бошкенгаш барои коҳу беда рафта, аз он ҷо зани маҷрӯҳи дасти чапаш шикастаро бо се бачаи хурдсоли урьён ва гирьёнаш ба аспҳо бор карда омад.

Ин зан Зайнаб буд.

Он вақтҳо Санъат ба гарнизони Кӯктош наомада буд. Дар Файзобод бо дастаи қӯрбошӣ Ғаюрбек меҷангид. Вақте ки ӯ ба Кӯктош омад, Зайнаб сиҳат шуда, дар гарнизон ба қадри ҳол хизмат карда мегашт: ба ошпаз кӯмак мекард, сарулибоси аскаронро шуста, дарбеҳ менамуд. Як сол нагузашта, Зайнаб тамом одами дигар шуд. Баъзан дар таҷрибаи боғбон ҳамин гуна ҳодиса рӯй медиҳад. Боғбон ниҳол мешинонад, вале ниҳол барои инкишоф зоҳиран ҳамаи шароитро дошта бошад ҳам, на мӯътадил месабзад, на хушк ва нобуд мешавад. Ҳарчанд мақоле ҳаст, ки ниҳол дар як ҷо месабзад, боғбон нро ба ҷои дигар мекӯчонад. Ниҳоли шаклан ҷавони ҷисман пир, ниҳоят, ҷои худро ёфта, пас аз андак муддате, ки ба номаълум реша давонидан ва ба замини нав дурусттар пайвас-

тан сарф мешавад, баногоҳ ба нашъунамои пуравҷ шуруъ мекунад.

Бегоҳии он рӯзе ки дар Кӯктош комитети ҳарби-революционии райони Лақай-тоҷик ташкил гардид ва Зайнаб ҷонишини раиси ин комитет таъин шуд, Санъатро командир Караваев ба назди худ хонд. Дар назди ӯ як нафар ходими штаби бригада менишаст.

Караваев Сантъатро ба харак нишонида, бе ҳеҷ муқаддимаву оғоз ба ӯ тарҷимаи ҳоли Зайнабро нақл кард. Қиссаи умри ин зан гуё китобе буд, ки муаллифаш — ҳаёти бераҳму шавқат — дар саҳифоти он ба ҷуз шаллоқ, дашном, хориву зиллат дигар чизе нанавиштааст. Санъат ин қиссаи гаронро бо як изтироби тасвирнопазир гӯш мекарду дар айни ҳол ҳайрон буд, ки чаро ба ӯ онро нақл мекунанд.

Дар хотима командир гуфт:

— Мо қарор додем, ки ту — яке аз беҳтарин тирандозони мо хизмати худро дар экскадрон давом дода дар айни замон аз ҳоли ҳамин зан огоҳ мешавӣ.

Санъат аз ҷой бархоста, ба таври низомӣ изҳор намуд, ки ба хизмат тайёр аст.

— Бишин, бишин,— гуфт Караваев бо мулоимати.— Дида истодаӣ, ки ин супориш ба ту як навъ супориши ғайрирасмист. Дар атрофи мо зиёда аз ҳазор нафар босмачӣ тохтутоз мекунад. Мо ҷанговари изофӣ надорем, ки ба хар гуна вазифаҳои берун аз гарнизон вобаста карда монем. Бинобар ин...

— Фаҳмидам, рафиқ командир,— дарҳол ҷавоб дод Санъат.

Пас намояндаи штаб ба Санъат рӯй оварда, бо ким-чӣ гуна як забони китобӣ ба гап даромад:

— Шумо бояд як чизро дар ёд дошта бошед: аз байни як гарнизони калон маҳз шуморо ба ин кор тавсия мекунанд. Медонед барои чӣ? На барои он ки шумо беҳтарин мергани отряд ҳастед, инчунин на барои он ки забони модарии рафиқа Қурбоноваро медонед. Албатта, ҳардуи ин чиз ҳам дар айни замон аҳамияти калонро молик аст. Аммо сабаби асоси дар хулосае мебошад, ки шумо аз саргузашти талхи ин зан, бешубҳа, хоҳед баровард...

Санъат бори дигар изҳор намуд, ки мақсадро фаҳмидааст. Сардорон бо навбат дасти ӯро фишурда ва ба кораш муваффақият талабида ба берун гуселониданд.

...Зайнаб худи ҳамон рӯзи воқеаи духтараш дар паҳлуи ӯ ба бистари беморӣ афтод. Дар баданаш як чизи сурхи хол-хол дамид. Худаш дар таби баланд месӯхт ва ҳарчанд касалаш варача набуд, табларзаи шадиде мадорашро хушк мекард.

Табиби ғарнизон мегуфт, ки ин бемории асаб аст.

Санъат роҳи байни кулбаи Зайнаб ва гарнизонро мокуворитай мекард.

Як моҳ аст, ки чашмони андешаманди модар аз мадди назари Санъат дур намешаванд. Дар кучое ва бо кадом коре машғул набошад, овози нарму ором, вале омиронаи ӯ пайваста дар гӯшаш садо медиҳад.

Санъат бо хотираҳои худ чунон банд шуда буд, ки аз роҳ бозистодани ароба ва бо саволе ба ӯ мурочиат кардани аробакашро нафаҳмида монд.

— Андак дам гирифтан даркор,— таклифи худро такрор намуд аробакаш.

Онҳо ба соҳили чапи Кофарниҳон расида буданд. Амад ба он соҳил чафс шуда меистод ва дар рӯи мавчҳои баланди оби қаҳваранг такон мехӯрд.

— Ба он тараф гузарем, сонӣ,— хавоси худро ғунхошта гуфт Санъат.

Умар аз кафи дастонаш карнай сохта, ба соҳили дигар фарьёд мекард: «Тезтар чунбед, ҳой таго!»

Мардаки амадрон аз сояи серуни дарахт дилу бедилон хест, куртаву эзори худро роҳравон афшонида ва ҳар чои баданашро хорида-хорида ба амад савор шуд. Баъд бо ҳамон форигболӣ банди амадро яла кард. Носкадуяшро бароварда, як каф носро ба таки забонаш партофту кафашро ба куртааш пок карда, ба чустучӯи дастпӯшак афтод. Ниҳоят, онро ёфта пӯшид ва поҳояшро ба замин дурусттар такья дода, ба кашидани сими ғафси амад шурӯъ намуд.

Тоқати Умар тоқ шуда, ӯро боз шитоб кунониданӣ буд, ки Санъат намонд.

Ҳарчанд зӯр заданд, аспи ба ароба қатӣ кардашуда ба амад баромадан нахост. Бандиҳоро фароварда, аспро алоҳида ва аробаро чудогона ба амад бор карданд.

Дар соҳили рост ба аспҳо обу алаф доданд, дар таки санчите нишаста қадаре дам гирифтанд ва боз ба роҳ даромаданд.

Дере нагузашта аз рӯ ба рӯ ду савор наздик шуд. Яке аз онҳоро Санъат мешинохт, ки ходими масъули комиссариати халқии маориф буд. Вай бо Санъат аз асп нафаромада, саломуалек ва пурсупос карданд.

— Кадоми инҳо Эшонқул?— пурсид ходими маориф.

Санъат ишора кард. Он мард аз як паҳлу, сонӣ аз паҳлуи дигари ароба гузашта, афту андоми қотилонро аз назар гузаронид.

—Ҳм,— гуфт ӯ баъди муоина кардан ба ҳамроҳи худ рӯ оварда,— дар пӯсти инсон ҳар хел махлуқ мегунчидааст,— дия.

Ароба ба роҳи худ давом намуд.

Иброҳимбек кайҳо боз ният дошт, ки ба гарнизони Кӯктош банохост ҳамла оварда, онро торумор кунад. Ниҳоят, дар аввали тобистони соли 1923 нақшаи худро ба амал баровардани шуд. Одамони Иброҳимбек акнун пештара барин якҷоя шуда намегаштанд, балки ба дастаҳои аз 100—120 то 200—250-нафарӣ тақсим шуда тохтутоз мекарданд.

Пеш аз ҳуҷум ба Кӯктош дастае ки ба он худи Иброҳимбек сардорӣ мекард, қишлоқҳои Тошбақа ва Оқбулоқро ишғол намуд. Дастаи дусаднафарии Асадуллобек зодгоҳи Зайнаб — деҳаи Бошкенгаш ва дастаи Алимардон-додхо — қишлоқи Тӯбакро забт карда буданд.

Мувофиқи нақшаи саркардаҳо се даста аз се тараф ба гарнизон мебоист дар як соат ҳуҷум мекард. Аммо қӯрбошиҳо ҳама чизро ҳарҷониба ба ҳисоб гирифта, аз афти кор, рӯҳия ва муносибати халқро ба инобат нагирифта буданд. Халқи меҳнаткаш, алахусус мардуми деҳоте ки босмачиён бештар дар он ҷойҳо қарор мегирифтанд, аз андозҳои тоқатфарсо ва ҷабру ҷафои лашкари ислом ба дод омада, зудтар тухмпок гардидани ғоратгаронро мехостанд. Бинобар ин отрядҳои аскари сурх аз нақша ва ҳаракати дастаҳои босмачиён дар сари вақт огоҳ мешуданд.

Нахустин бор либоси мардона пӯшида ба ҷанги ҳақиқӣ баромадани Зайнаб ана ҳамон рӯз буд.

Аскарони гарнизон ва фидоиён ба се эскадрон тақсим шуда, аз Кӯктош баромаданд. Отряде ки ба он Зайнаббибӣ ҳамроҳ буд, ба пешвози дастаи Асадуллобек баромад ва дар самти ғарбу шимоли Кӯктош гӯё аз дунё бехабар, ба машқи навбатии худ машғул шуд. Ду отряди дигар, ки ба самтҳои ҷануб ва шарқ ба муқобили дастаҳои Алимардон-додхо ва худи Иброҳимбек баромада буданд, барои камингоҳ гирифтан ва душманро наздиктар оварда, ногаҳон ҳамла кардан имконият доштанд. Аммо дар ин ҷо, дар дашти фарохи нисбатан ҳамвор ба ҷуз ҳамин тадбир илоҷи дигар набуд. Ягон теппаи баланд ё сои чуқуртаре набуд, ки сарбозонро бо аспҳошон аз назари душман муваққатан пинҳон доштан мумкин бошад.

Отряд тавре вонамуд мекард, ки аз нияти душман воқиф нест ва бо машқи одатии ҳаррӯзаи худ машғул аст. Чанд нафар аспҳои худро ба даруни селобаи майдае ки аз мобайни паҳнсой мегузашт, даровара шустушӯй мекарданд. Тақрибан панҷоҳ нафар аскарон дар гирди командири эскадрон нимдоира нишаста, ба дастури ӯ гуш медоданд. Дар он тараф гулхане месӯхт ва дуди ӯ дар ҳавои сокити бешамол сутунвор ба-

ланд шуда, дар оғӯши осмони софи чоштгоҳӣ парешон шуда мерафт.

Асадуллобек дурбин дорад (чунон ки як пулемёти дастӣ ва чанд милтиқи нимавтомати англисӣ ҳам дорад). Ҳамаи ин манзараро аз дур дида, ба ваҷд хоҳад омад.

Офтоб торафт баланд мешуд, ҳаво метасфид. «Машқи саҳроӣ» давом мекард, лекин чашму гӯш, ҳушу ёди хама ба ишораи дидбонҳо буд, ки ба роҳи душман назора мекарданд.

Зайнаб дар лаби ҷӯй, дар сояи яке аз дарахтони камшумори паҳнсой бо Гул Артихол ном фидоӣ бо овози паст гапзанон менишаст. Санъат ба назди онҳо расида буд, ки сӯҳбати онҳо бурида шуд. Вай саволомез ба Зайнаб нигарист, ки оё ба мусоҳиба халал расонидам?

— Биё, биё, шин,— гуфт Зайнаб аз паҳлуяш ҷой нишон дода.— Ин акаи Гул шаш бача дорад. Ҳама лӯла-кулӯла, калонаш чойҷӯш барин. Ман ба ӯ гуфта истодаам, ки ғам нахӯр, бачаҳо хор намешаванд. Дар ҳамин қиёмат-қоим дар Душанбе ҳонаи баҷаҳо кушодаанд.

Ин гапи Зайнаб ба гӯши Санъат ҳамчун васият расид. Яъне агар мо ҳалок шавем, бидон, ки бачаҳоро ба хонаи кӯдакон месупорӣ.

— Шумо, апа, ба гарнизон мерафтед ҳам мешуд,— гуфт Санъат.— Дар он ҷо коратон бисьёр. Хусусан, ки ҳуҷум кардан ё накардани босмачӣ ҳеҷ маълум нест.

Зайнаб лабханде кард.

— Мақсади маро нафаҳмидӣ, ҷони апа,— гуфт ӯ.— Ҳоло падар шавӣ, бачаю каччадор шавӣ, баъд мефаҳмӣ. Ман аз ҷанг наметарсам,— ӯ абрувонашро чин карда, дақиқае гӯё сухани муносиб ҷуста, хомӯш монд.— Албатта, агар росташро гӯям, камакак метарсам, лекин ин аз он тарсҳо нест, ки майдонро партофта фирор кунам. Мегӯянд, ки одам дар дил армон дошта бошаду мурад, дар гӯр ҳам осуда намехобад. Ман аз ваҳшонияти одам он қадар азоб кашидаам, ки агар бо дасти худам ақалан андак касос нагирам, то қиёмат ором нахоҳам буд.

— Илоҳо, намур, Зайнаб,— хандакунон гуфт фидоӣ,— аҷоиб гап мезанӣ-дия... Як чиз гӯям, қаҳрат намеояд? Худо умри туро дароз мекунад. Иншооллоҳ, ба сад медароӣ, аммо ман мегӯям, ки ту ҳазор бор ормонатро барорӣ ҳам, баъди мурдан осуда намехобӣ.

Вазъият ончунон буд, ки барои суҳбат, аз афти кор, мавзӯи хуштаре ёфта наметавонистанд.

Дидбони дарпешбуда ишорае кард. Аз паси силсилаи теппаҳои дур гарде баланд шуд. Аммо дар ин ҷо ҳеҷ кас аз ҷой наҷунбид. Командир мусоҳибаашро ҳамчунон идома медод. Дуди гулхане ки ба оташи он оби ба касе нодаркор меҷӯшид,

мисли пештара фавворазанон ба ҳаво мепечид. Дар як канор ду асп мечарид, ки дар болояш чизеро бор карда, рӯи онро бо палосе пӯшида буданд.

Вақте ки босмачиён аз хамгашти охирин ҳам гузашта боло баромаданд ва аспҳои худро ба чорхез даровrouted, дар лагери эскадрон ҳам чунбуҷӯл сар шуд. Аскарон саросема милтиқҳошонро аз тӯдаҳои аслиҳа гирифта, ба аспҳои худ мечаспиданд ва омодаи фирор мешуданд.

Бале, босмачиёни бо шаст оянда баръало медиданд, ки дар лагери аскарони сурх бетартибие ҳукмрон шуд, ҳама аз ҳамлаи «ногаҳонии» Асадуллобек ба воҳима монда, дар ғами халос кардани ҷони худ афтоданд. Аз тарафи фавҷи босмачиён акнун садоҳои «Оллоҳ акбар!», «Бос, бос, бос!», «Пахш кунед!», «Ё шоҳи мардон!» ва ғайра равшан ба гӯш мерасид.

Аскарон ва фидоиён аспҳои худро маҳмезу тозиёна зада, бо сафҳои пароканда ва парешон аз паҳнсой бар баландӣ мебаромаданд. Дар миёни паҳнсой фақат боқимондаи гулхан дудкунон месӯхт.

Наъракашию бонгзании босмачиён боз баландтар шуд. Онҳо акнун аз барори аввали кор маст шуда, сафҳои худро зичтар намуда, бо тамоми қувват асп метозониданд. Пешопеши ҳама Асадуллобек ва боз як пирамарди хушлибос шамшерҳои качдами худро дар болои сарашон алвонҷ дода метохтанд.

Дар байни ду гурӯҳ тахмин сесад қадам масофа монда буд, ки аскарон банохост дар ҷои худ қарор гирифта, рӯ ба ҳариф ниходанд ва ба самти хуҷумкунандагон саф рост карданд.

Миқдоран қариб ду баробар кам бошанд ҳам, аз афташ, карор доданд, ки нагурезанд ва мардона ҷангида, ҳалок шаванд, дарҳол тағьиротро пай бурда, аз дил гузаронид Асадуллобек. Хайр, чӣ? Боз беҳтар. Аспҳои хасташударо то худи Қӯктош давонида шалпар кардан лозим намешавад. Худованд раҳмону раҳим аст. Ин шарофати пири дастгири беки калон, пири ҳамаи саркардаҳои лашкари ислом эшони Ҳоҷитӯра аст, ки дар паҳлуи ӯ ҷавонвор асп медавонад.

Аскарони сурх на фақат дар ҷои қароргирифтаашон ба тӯли майдони ҷанг саф кашиданд, балки масофае ба истиқболи ҳариф пеш рафта дар канори паҳнсой бозистоданд. Даме истоданду аз милтиқҳо ба сӯи хуҷумкунандагон оташ кушоданд. Ногоҳ садои мунтазами пулемёт баланд шуд. Ду пулемёти дастӣ, ки дар сари зини ду асп устувор карда шуда буд (ҳамон ду аспи болояш палос пӯшидашуда) якҷоя бо саду бист милтиқ ба сари фавҷи босмачиён жола барин тири аҷал мерехтанд.

Гарчанде акнун дар мобайн камтар аз саду панҷоҳ қадам масофа монда буд, босмачиён ғайри ихтиёри худ бо шасти аввала ба таки борони тир меомаданд. Дар худи лаҳзаи аввал тахмин сӣ савораи душман, аз ҷумла пири хушлибос, аз аспҳошон сарнагун афтоданд. Сафи ҳуҷумкунандагон вайрон шуд, аспҳои бесоҳиб ва тирхӯрда худро ба ҳар сӯй зада, ҳарҷумарҷи нохост пайдошударо дучандон мекарданд.

Асадуллобек дар сари ҷасади Ҳоҷитӯра асп нигоҳ дошта, чанд сония таваққуф кард, ки оё мурдаи ҳазратро бардорад ё не. Аммо дар гирду пеши бек йигитҳояш бо қиёфаи ваҳмпахшкарда ба як ҷо пой мезаданд ва аз тири пулемёту милтиқҳо торафт камтар мешуданд.

Дар миёни ин манзара ҷасади мубораки пир ҳам ба чашмаш нанамуд ва у сари аспро ба қафо гардонид.

Ҳамаи ҷанг — аз ишораи дидбон то ба охир расидани дунболагирии душман — муддате давом кард, ки дар он фақат як чойник чой нӯшидан мумкин буд. Қамтар аз нисфи дастаи қурбошӣ, онҳое ки аспҳошон чолоку тавонотар буданд, худро ба соҳили нишеби Кофарниҳон зада, ҷон ба саломат бурданд. Ҳабдаҳ нафар босмачӣ кушта шуд. Дигарон ё асир афтоданд, ё аз ҳамон «машқгоҳи» эскадрон то ба соҳили дарьё дар ҳар ҷо-ҳар ҷо ҷароҳатҳои худро қапида мадҳуш ё бо нолишу фиғон мехобиданд.

Санъат Зайнабро ҳангоми ҷанг ду бор дид. Бори аввал ӯ дар қафо буд ва пайкари худро, чуноне ки савораҳои ҳуҷумкунанда мекунанд, ба гардани Холдораш хам карда ва шамшери худро дар ҳаво ҳаракат дода асп медавонид. Бори дигар, баъди он ки аз болои деҳаи ӯ мегузаштанд, дар сафи пеш дид, ки саҳле қафотар аз командири эскадрон асп медавонид ва кулоҳи аскариаш аз сараш афтода, гесувонаш дар шамоли роҳ алвонҷ мехӯрданд. Ҳам худаш, ҳам аспаш дигар ба ҷӯш омада, ҳама фикру хаёли дуньёро ба ҷуз мақсади пеш рафтан, боз ҳам тезтар давидан ва ба аспи ҳарифу гардани сиёҳи офтобзадаи душман расида гирифтан, аз ёд бурда буданд.

...Аскарон аз дунболагирӣ баргашта, асиронро ба як ҷо ғун мекарданд, ба ярадорон ба қадри имкон кӯмак карда, онҳоро ба сояи ягона дарахти ин паҳнсой — қарағаи камбарг мекашониданд.

Зайнаб аз гурӯҳе ба гурӯҳе гузашта, дар байни босмачиёни мурда ва ярадор гӯё касеро меҷуст. Дар сари мурдаи эшони Ҳоҷитӯра муддате истода, ба магасҳое ки аллакай аз кимкуҷо пайдо шуда, дар гирди лабу даҳони эшон сайр мекарданд, ба саллаи кабуди пишовурии баробари қади соҳибаш яла ва паҳн шуда ҳобидаи ӯ нигоҳ кард.

Эшони Ҳоҷитӯра на танҳо барои қӯшуни Иброҳимбек, бал-

ки барои ҳамаи ҳаммаслакони онҳо ки дар дигар маҳалҳои водии Ҳисор, дар Ёвон ва Файзобод амал мекарданд, як навъ пешвои ғоявӣ, ливои зинда буд. Эҳтимол, вай рӯзҳои охир аз субҳ то шом «хобҳои бахосият» ва «башорати даргоҳи ғайбро», ки ба ӯ малоика ва арвоҳи азизон мерасониданд, ба йигитҳои гумроҳ маънидод мекард. Эҳгимол ӯ монда нашуда, талқин менамуд, ки аз рӯи ҳамаи нишонаҳои муборак ин ҷанг нусратовар хоҳад шуд ва ҳамин ки гарнизони Қӯктош аз байн бафтод, бо қувваҳои муттаҳиди ҳамаи ҳомиёни шариат аз байн бардоштани қалъаи Душанбе ҳеҷ гап нест.

Аммо ҳазрати эшон охирин бор дар умраш тӯшбераро хом шумурда буд. Барои дасти нозпарварди ӯ, ки ҳангоми бардоштани обтобаи таҳорат меларзид, шамшери сарбозӣ тамоман гарон омад. Рост, ки саҳви ӯ чандон ҳам комил набуд: қабл аз ҷанг дар ҷавоби илтимоси исроркоронаи Иброҳимбек ва Асадуллобек, ки «моро дар ақибгоҳ мунтазир шуда, баҳузур дуо карда нишинед», гуфта буданд, ҳазрати эшон изҳор карда буд:

— Не, ёрон, дар қатори шумо меравам. Зинда монам, ғозӣ, мурам — шаҳид мешавам.

Инак, нимаи дуввуми фоли ӯ, ба ҳар ҳол, рост баромада буд.

Зайнаб дар ҳолате ки дар қиёфааш ифодаи тааҷҷуби танаффуромезе сайр мекард, китф ба ҳам кашида, аз сари ҷасади эшон дур шуд ва ба ҷустуҷӯи худ давом намуд.

— Апа, киро мековед?— ба ӯ расида пурсид Санъат.

— Як бача аз қишлоқи мо. Дар байни босмачиҳо буд. Худам дидам, ки Гули Артихол ба сараш зада, аз асп ғалтонид. Умар номаш.

— Чӣ лозим вай ба шумо?

— Лозим. Вай ҳам ту барин бекасукӯй буд. Дар дасти худам калон кардаам, ғуям, мешавад.

Умар зинда, вале мадҳуш мехобид. Зайнаб ба назди командир рафта, дар хусуси ӯ гуфтугӯ карда омад. Сонӣ Санъат ва Васильев Умари босмачиро бардошта ба гарнизон оварданд ва аз паҳлуи лазарети ҳарбӣ дар як гӯшаи айвон парда кашида, ба муолиҷа хобониданд.

Ана ҳамин Умар, ки ҳоло дар пеши аробаи маҳбусон милтиқ ба даст нишастааст, ҳамон босмачии ҷавон аст, ки Зайнаб бар хилофи ҳамаи расму оин дар паҳлуи аскарони ярадори худамон ба табобат хобонида буд.

Ҳафтаи аввали баъди ҷон гирифтанаш Умар боиси норохатии бисьёре шуда буд. Ба ғайр аз Зайнаб ӯ бо касе гап намезад. Лабҳои аз камхунӣ сап-сафед ва аз ҳарорати баланд торс-торс кафидаашро ба ҳам зич карда, ба хар касе ки ба ӯ муроҷиат мекард нигоҳи кинаомезашро дӯхта, лом намегуфт.

То даме ки Зайнаб омада бо навозиш ё дӯғу даранг маҷбураш накунад, ягон қошуқ шӯрбо ё шавла намехӯрд. Тои масти нахустин бор аз гала ҷудо карда, ба сараш нӯхта задашуда барин ба ҳар сӯй нобоварона нигоҳ мекард.

Боре нимишабӣ аз девори гарнизон худро берун андохта гурехтааст. Посбони шабона аз канори деха дошта омад. Дар ҳамон бевақтӣ ба Қараваев арз карданд. Командир аввал оташин шуда, дашном дод, баъд мулоим шуда хандид ва гуфт, ки ин ҳама кори Зайнаб аст ва ба ӯ хабар диҳед.

Зайнаб ҳам хашмгин шуда омад. Аммо Умарро дида чизе нагуфт. Дар воқеъ мавриди гап набуд. Ҷароҳати акнун бaҳамомадаи Умар аз нав яла шуда, аз мағзи дока ба паси гарданаш хун мешорид ва ӯ кайҳо аз ҳуш рафта буд.

Бегоҳии рӯзи дигар Зайнаб ба Умар як косаи атолаи бaшир овард. Умар атоларо хӯрда, омин кард ва миёнбандашро, ки ба ҷои дастархон паҳн карда буд, ғундошта, оҳиста аз ҷой хест.

— Ин ҷо бишин, бача,— фармуд Зайнаб ва Умарро ба кӯрпачае ки рӯзи аввал аз хонаи худ оварда буд, нишонда ба гап даромад: — Ту дина нимишабӣ гурехтанӣ шудай... Акнун давр дигар шуд, одамро маҷбур карда намешавад, ки ба фалонӣ хизмат кун, ё ба беҳмадонӣ итоат кун. Ҳар каллаву як хаёл. Лекин, писарам, фаҳмида мон, ки ман туро маҷбур мекунам. Ба маҷбур кардан ҳақ дорам. Писари калонии ман агар зинда мемонд, аз ту ҳашт моҳ калон мешуд. Ман ба ту модар барин як чиз. Барои ҳамин туро ба ин ҷо овардам, ки ҷои ту ҳамин ҷо аст. Ман муйлабдор шудагӣ, ҳама гапро худам медонам гуфта, бисьёр пешхезӣ накун, бача. Ба гап гӯш накунӣ, либосатро кашида ба ҳимчакӯб кардан ҳам қудратам мерасад. Чунки ту нодон. Ҳа, нодон, каллаварам!— якбора худ ба худ оташ гирифта, аз чашмонаш барқи ғазаб пошида, бо овози баланд гап задан гирифт Зайнаб.— Хизмати қӯрбоширо ба ту кӣ мондааст? Асадуллобек писари Мулло-Хизир-Тӯқсабо аст, ки давлаташ дар ҳафт қишлоқ намегунҷад. Вай барои давлати падараш меҷангад. Ту, ятимча, барои чӣ милтиқи ӯро бардошта, кӯх. ба кӯҳу дашт ба дашт гаштай? Ту бо кӣ меҷангӣ? А? Бо ман? Бо Низомиддин? Ё бо командир Қараваев? Ту шабона аз девори гарнизон ҳаллос зада нагурезу дар рӯзи равшан ба сари он девор баромада нигоҳ кун. Қараваев нисфи аскарҳояшро ба посбонӣ монда, бо нисфи дигараш ба лой даромада пахса мезанад, то ки барои бачаҳои мо мактабхона созад. То ки бачаҳои мо худи ману ту барин бесаводи аз олам бехабар калон нашаванд. Нодон! «Лашкари ислом», «ғазавот» будааст... Худат мусулмон шуда истода, маънои мусулмониро мефаҳмӣ? Маънои мусулмонӣ некӣ кардан аст, бе-

ваю бечораро дастгирӣ кардан, сари камбағалро сила кардан, ба безамин — замин, ба ташна об додан, халқро хонондан, қишлоқҳоро обод кардан аст. Ин корҳоро кӣ карда истодааст? Қӯрбошиҳои ту ё аскари сурх? Пас мусулмон кӣ будааст? Қӯрбошиҳо ин панҷ сол боз ба ғайр аз ғорату бедодгарӣ ба халқ чӣ овarданд?

Зайнаб лаб фурӯ баст, даме хомӯш нишаст. Баъд миёнбанди Умарро аз дасташ кашида гирифта, араки сару рӯи худро пок карду миёнбандро ба рӯи бистари Умар партофта илова намуд:

— Ҳоло мийяат гиҷ. Андак ба худ, ки омадӣ, гапҳои манро як мулоҳиза кун. Сонӣ чор тарафат қибла. Агар, бача, боз рафта ба қурбошиат ҳамроҳ нашавӣ, на аскарҳо ба ту кор доранд, на ревком.

Зайнаб баромада рафт.

* * *

— Боз чӣ гап? — пурсид Санъат аз Умар, ки аробаро нигоҳ дошта, ба Эшонқул чизе мегуфт.

— Қазои ҳоҷат мегӯяд,— ҷавоб дод Умар.

Санъат ба атроф нигоҳ кард. Тахмин дар сад қадам масофа аз роҳи аробагард буттазоре ба назар мерасид.

— Сар деҳ, равад,— гуфт Санъат ва ба сӯи буттазор ишора намуд.

Эшонқул аз ароба фаромада, банди дастонашро, ки ба он изи тасмачарми борик нишаста буд, молида-молида равон шуд. Поҳои карахтшудааш каҷукилеб ҳаракат мекарданд. Васильев аз паси ӯ аспи худро чанд қадам пеш ронд.

— Нарав, Петрович,— гуфт Санъат.

— Дар он тарафи буттазор ботлоқи қамишзор менамояд, рафту гурезад?

— Майлаш. Қорат набошад.

Васильев дар мобайни роҳ монд. Қошкӣ як гурехта ҳам медид,— дандонҳояшро ба ҳам фишурда аз дил гузаронид Санъат. Қошкӣ мегурехт! Дошта гирифта, алами ҳаргиз хомӯшнашавандаи дилашро мебаровард. Медид, ки ҳамон панҷаҳои модарро хафакардаи он қотил чӣ қудрате доранд! Медид, ки ин паҳлавони шаби торик дар рӯзи равшан чӣ арзише дорад...

Ҳай-ҳай! Чӣ хаёлҳое ба сари одам роҳ меёбанд! Санъат аз андешаҳои худ ки нохост ба назараш бегона, ҳатто як қадар ваҳшиёна намуданд, худ ба худ изо кашид. Қараваев ӯро дар ҷамъомадҳои қисмашон, дар ҳузури намояндагони ҳайати фармондеҳони полк ва ҳатто дивизияю бригада ҳамчун ҷанговари аз ҳар ҷиҳат тараққикарда тавсиф менамуд.

Ана ҷанговари таърифӣ! Бандиро қасдан сар додааст, ки ӯ бигурезад ва ӯро пас дошта... Зор монад, эҳсосоти худро ҳамеша нухта зада нигоҳ доштан ҳам ҳунар будааст.

Эшонқул аз сари роҳаш як каф хок гирифта, ба дастонаш совида, зери лаб пичирросзанон омад.

Ароба ба роҳ даромад.

* * *

Хонаи гилини бомаш хаспӯши Зайнаб дар охири яке аз тангкӯчаҳои қачалаку серлои қишлоқ буд. Дар гирди ҳавлича, аз шувоқи санҷит садде монанд ба таворан пастак сохта буданд, ки одами расоқомат аз болои он бемалол гузашта метавонист. Девори берунии хона саросар пур аз нақши кӯҳнаи таппак буд.

Қараваев, Қаримов ва Санъат палави Зайнаб пухтаро таърифу тавсифкунон хӯрданд. Санъат бо ишораи Зайнаб обкаду ва лагани сафолиро ба пеши онҳо барои дастшӯӣ овард.

Дар берун, дар сари оташдон писарчаи калони Зайнаб — Абдуҷамили нуҳсола ба таки чойҷӯш ҳезум мемонд.

— Зайнаб, туро як дуо кунем,— шӯхиомез гуфт Қараваев ва ба муллоҳо тақлид карда, дастони худро баланд бардошт.— Илоҳо, то дуньё будана бошию дастонат дард набинад.

— Раҳмат, командир, саломат бошед.

— Як мақоли халқ ҳаст, ки баъди ош як лаҳза мабош, мегӯяд. Дуруст гуфтам? Маро бубахш, ба гарнизон бояд шитобам.

— Боз як дам шинед, командир. Ҳозир чой меҷӯшад. Санъатҷон, баромада бин, ҷӯшидагист. Сабилмонда ҳезум тар, фақат фишшос зада дуд мекунаду халос.

Қараваев ба Низомиддин Қаримов таънаомез нигоҳ кард.

— Қай инҳоро ба ягон ҷои дуруст мекӯчонӣ?

— Аз худашон пурсед, ман камаш...— Қаримов ба шифти аз дуд сип-сиёҳгаштаи хона мутафаккирона чашм давонда,, илова намуд: — Қамаш панҷ ҷойро таклиф кардам.

— Ман аз ҳамсояҳои фитнаи ғайбатчӣ безор,— гуфт Зайнаб.

— Набошад ба гарнизон бикӯч. Ба ту ҷой ёфт мешавад.

— «Раҳмат, командир. Акнун, худо хоҳад, рӯи баҳор.

— «Баҳор» мегӯяд-а. Қори нимрӯзаро ним сол кашода кардан чӣ лозим? Кӯчу курани бисьёр ҳам надорӣ-ку! Ба Санъат бигӯй, чорта кӯрпаву дегу табақи туро бо рафиқонаш дар як раҳ мекашонад.

— Раҳмат, командир!

— «Раҳмат, командир, раҳмат, командир» мегӯию ба гапи командир гӯш намекунӣ. Ба ту, аз афташ, фақат ба тариқи низомӣ гап задан даркор.

— Раҳмат, командир. Ман аз шумо як илтимоси дигар дорам.

— Ҳоло палави хўрдаамон беғараз набуд, бигў?

— Ба худо ки ош базўр аз гулўям гузашт,— хандида гуфт Каримов.— Охир, ман аз нияти Зайнаб воқиф-дия.

— Зайнаб, ку, бигў. Чӣ хоҳиш дорӣ?

— Пагоҳ пешини Қосим-қўрбошӣ ба гуфтушунид меояд. Ман рафтан мехоҳам, аммо раисамон иҷозат намедиҳанд.

Зайнаб ба сўи Каримов ишора кард. Вай аз раиси ҷавони ревком понздаҳ сол калон буд, ба ў ҳамеша «ту» гуфта муроҷиат мекард, аммо ҳозир кинояомез ўро «шумо» мегуфт.

— Ин кадом Қосим? — пурсид Караваев.— Қосим Зулфӣ?

— Худи ҳамон. Аз қишлоқи Чолтош.

— Чанд кас доштааст?

— Миёнарав понздаҳ кас мегўяд. Аммо худаш овоза карда мегардад, ки дар ин се соли ҳарбу зарб мўе аз дастааш кам нашудааст.

— Ба Зайнаб ту не гуфтӣ?

Каримов сар хам карда, сокит монд.

— Зайнаб, дидӣ, сардорат розӣ нест.

— Эшон дар ин хел мавридҳо худашон мераванд. Насиби ман фақат ташкил кардани ҳашари ҷўйковӣ, ҷанҷоли мактаб ва дигар чизҳои ба ҳамин монанд.

Санъат аз чойҷўш ба ягона нимкосае ки дар рўи дастархон буд, чой кашида, ба командир дароз кард. Дар хона хомўшӣ ҳукм меронд. Аз рўи ҳавлӣ мунозираи писарони Зайнаб — Абдуҷамил ва Икром ба гўш мерасид.

Барои он ки сардорон, байни худ озодона гуфтугў карда тавонанд, Зайнаб Санъатро имо карда, ҳарду берун баромаданд. Аммо сардорон ҳамчунон ҳарфе нагуфта фикр карда менишастанд. Дар воқеъ, чӣ ҷои гуфтугў? Ба командир монед, Зайнабро ба гуфтушунид бо қўрбошӣ бечунучаро мефиристад. Зайнаб дар гап ҳам, дар кору дар ҳарб ҳам акнун ҷавоби сечор йигитро дода метавонад. Бе муболиға, метавонад. Аммо...

— Чӣ гуна одам аст Қосим-қўрбошӣ?

— Қўрбошӣ ки шуд, маълум-дия.

— Ба хаёлат, занро дида полонаш чаппа мешавад?

— Фақат ана ҳамин мулоҳиза. Аз дигар ҷиҳат, чӣ ҷои фикр, дили ҳама аз Зайнабапа ҳазор бор пур.

Караваев чойро ду-се ҷуръа карда нўшид, чанд сония бо ангуштонаш ба лаби зарф нақоравор зада нишаст. Баъд гаронборона аз ҷой бархоста, гимнастёрка ва тасмаҳояшро бо ғилофи таппонча дуруст карду фуражкаро аз мех гирифта, ба дарунаш зеҳн монд.

— Дар ин ҷо чӣ мековед? —пурсид Низомиддин.

— Порсол фуражкаро ҳамин хел ба мехи девор овехта монда будам. Дар ёд дорӣ, банохост аз пайдо шудани дастаи Алимардон-додхо хабар оварданд ва мо саросема ба ҷанг баромадем. Баъди аз Кӯктош баромадан як чиз дар болои сарам патаррос зада ҷунбид. Фурашкаро кашида бинам, ки як калтакалос баромада гурехт. Ҳангоми дар мех овезон истоданаш даромада баҳузур хоб карда будааст. Шумоён аз ин ҷонвар ҳазар мекунетон, дар тарафҳои мо калтакалосро бахосият медонанд. Дар воқеъ, ҳамон рӯз дастаи Алимардон торумор шуд.

— Шумо ба ҳамин хел аломатҳо бовар мекунед?

— Не, дар омади гап гуфтам,— табассум кард командир ва пурсид: — Ту чӣ?

— Наход надонед? Ман ҳам не.

— Пас, мон ки Зайнаб биравад.

— Ихтиёр,— гуфт Каримов. — Лекин ман фикр кардам, ки мабодо ташвиши изофӣ шавад. Қосим бо чордаҳ йигиташ таслим шуданӣ меояд, Зайнабро дида зиёнаш гирад... Ҳарифи ба таслимшавӣ омадаро кебонида, баъд аз дунболаш овора шуда гаштан чӣ даркор, гуфтам-дия. Қӯрбошӣ марди ҷоҳил, агар ягон даҳан гапи бӯйнок гӯяд, Зайнаб аздусар ҷим намешинад...

— Майлаш, Зайнаб биравад. Лекин эҳтиёт шавед.

— Санъатро ҳамроҳ мекунем. Қосим ҳам бо як кас меомадааст.

— Ҳамроҳ рафтани Санъат маълум аст. Аммо ғайр аз ин ҳам чораҳои эҳтиётӣ дидан мумкин будагист?

— Мумкин, албатта.

— Боракалло, аз худат гап намемонад. Шунидӣ ё не — Ғаюрбек-қӯрбошӣ таслим мешавам гуфта, намояндаҳои ревкоми Файзободро гӯё барои гуфтушунид чеғ зада, ҳамаашонро қатл кардааст. Боз чунон ваҳшиёна куштааст, ки ҳатто ягонта ҷасади бутунро ёфта натавонистаанд.

Ҳарду аз хона баромаданд. Аммо Караваев раиси ревкомро дар даҳлез нигоҳ дошта илова намуд:

— Дар хусуси вай мулоҳизаат бошад... қӯрбошиат одами гаранг набошад, мефаҳмад, ки ба майдони васеи ҳаёт баромадани Зайнабҳо дар пеш аст. Хоҳад — ана ҳамин, нахоҳад, ихтиёраш, понздаҳ йигити роҳгумзадаи ӯ чархи айёмро боздошта наметавонад.

Чоштгоҳи рӯзи дигар Санъат боз дар ҳамон тангкӯчаи серлои қишлоқ пайдо шуд. «Модар пагоҳи бармаҳал ба пеши Караваев омада, баъд ба хонааш рафта буд. Ин қадар вақт чӣ кор мекарда бошад?»— хаёлкунон асп меронд Санъат. Вай кайҳо боз Зайнабро дигар апа не, модар мегуфт. Акнун аҳли қишлоқ ҳам ӯро писари Зайнаб меномиданд. Караваев низ

дар гуфтугӯ бо ӯ «модар чунон кард», «модарат чунин гуфт»— гӯён номи Зайнабро ба забон намегирифт.

Дар як зум бачаҳо ғун шуда, аспи ӯро иҳота карданд. Вай дар ин ҷойҳо шиноси дерина аст ва ҳамин ки аз кӯчаи калони қишлоқ ба ин сӯ тоб хӯрд, як тӯда бачаҳои аксарашон сарлучу побараҳна ҷамъ омада, атрофи ӯро печонида мегиранд ва то даме ки аскари сурх ба саломи ҳар кадоми онҳо алоҳида ҷавоб нагардонад, ором намешаванд. Баъд то ҳавлии модар суҳбат давом мекунад. Абдукарим дар мактабхона «тахта», «пахта» навишт. Худаш навишт, хабар медиҳад яке. Дигаре арз мекунад, ки саги Холмуҳаммад имрӯз аз ҷояш хестааст, яъне сиҳат ёфтааст, ҳатто якта устухон хоидааст.

Агар аскари сурх пиёда бошад, самимияти суҳбат боз зиёдтар мешуд. Боре маҷбураш карданд, ки шамшери худро аз тасма кушода диҳад. Ҳар яке аз бачаҳо мебоист онро ҳатман ба дасти худ бардошта медид.

— Ух, чӣ хел вазнин! — изҳори ақида кард яке.

— Вазнин бошад ҳам тез-дия. Санъат аком инту кунанд, каллаи тағоият ҳо-о ба он ҷо парида меравад,— гуфт дигаре.

— Қаллаи тағои ту мепаррад,— оташин шуд аввалӣ.

— Тағои ман тағои ту барин босмачӣ не,— ҷавоб гардонид дуввумӣ.

— Вай тағои ман не. Амаки Холиқ. Ту бошӣ, худат душмани синфӣ. Дина ба мактаб нарафтӣ-ку.

— Кӣ душман? Ман? Ана ба ту...

Санъатро лозим омад, ки ба мобайн даромада, «ҷанги гражданиро» пасанда кунонад. Шамшери боиси ҷанҷолшуда ба ҷояш овехта шуд, аммо гурӯҳҳои «душман» ба ду паҳлуи Санъат-тағо тақсим шуда, то таки дари Зайнаб дигар ҳарфе нагуфтанд.

Имрӯз ӯро то охири тангкӯча ором гусел намуда, пеш аз хайрухуш саволборон карданд:

— Пулимитро кай нишон медиҳед, тағо?

— Дар хонаи мо тамоку ҳаст. Биёрам, мекашед?

— Пагоҳ ба аспшӯӣ мебаред?..

Модар имрӯз алалхусус бардаму хушҳол ва тозарӯҳ буд. Вай сар шуста, курта, ва гимнастёркаи тоза дар бар кардааст. Мӯи нав бофтааш ялаққос мезанад. Ба чашму абрувонаш ҳам камтар сурма кашидааст. Гӯё ба хостгорӣ мерафта бошад.

— Чаро механдӣ?

— Ҳамту... ба хаёли худам,— хиҷолат кашида гуфт Санъат.

— Не, бигӯ, чаро хандидӣ?

— Гӯё ба тӯй мерафта бошед, гуфта аз дил гузаронидам.

— Агар кор ба хубӣ анҷомад, ҳамин барои ман тӯй.

Модар ҳамаро ба сари дастархон шинонида, нону ҷурғот

дод. Баъд гуфт, ки Саньат ҳам бояд ақаллан сарашро бишӯяд. Вай не гуфт.

— Мешӯӣ. Чаро ин қадар сарат чиркин?

— Ҳозир ба аспхона хасбеда кашонидем.

— Шустан даркор,— такрор намуд Зайнаб ва сари писархондашро бо навозиш сила карда монд. Санъат дигар не нагуфт.

Ҳеҷ амре, ҳеҷ фармоне дар олам, яқин, қувваи навозиши модарро надорад.

Зайнаб аз қумғони чӯянӣ ба гардани Санъат об мерехт. Санъат худ ба худ хандакунон сар мешуст. Бо командир ё Каримов ба мулоқот мерафт, ба хаёли касе намерасид, ки ба мулоқоти босмачӣ дастурӯй шуста рафтан даркор. Ҳариф ба тозагии сару гардани ту чӣ кор дорад? Агар ба сари ту мароқе зоҳир кунад ҳам, шояд аз он ҷиҳат, ки оё ба чӣ ҳилае онро аз танат ҷудо созад.

Аҷоиб халқанд занҳо.

...Зайнабу Санъат паҳлуи ҳамдигар асп меронанд. Санъат панҷтираи худро дар қоши зин кӯндаланг дошта меравад. Вай берун аз сафи отряд милтиқашро аксаран ба ҳамин тариқа гирифта мегардад.

Зайнаб бо хаёлоти худ банд. Гоҳ ба осмоне ки абрҳои тираи анбӯҳ фаро гирифтаанд ва аз ҳамин сабаб хеле паст ва наздик менамояд, андешамандона назар меафканад, гоҳе доманаи кӯҳҳои дуродурро тамошокунон худ ба худ табассум мекунад. Чиро фикр мекарда бошад? Боре командир гуфта буд, ки дар ҷангномаҳои қадимаи халқҳои ин ҷо дар бораи қаҳрамонии занҳо, ки дар майдони ҳарб баробари мардон корнамоӣ кардаанд, хеле ривоятҳои дилпазир ҳаст. Шояд модар дар ҳамин хусус, дар бораи тақдири пурошӯби худ фикр мекунад? Ё истиқболи диёри худро ба пеши назар оварда табассум мекарда бошад?

Дар болои ағбаи Боботоғ яқин борон меборид: абрҳои сиёҳ домани худро ба сари кӯҳ тамоман паҳн карда буданд. Дар ин ҷо гоҳ аз болои сар, гоҳе аз пеш чароғаки барқ равшан мешуд ва садои сусти раъди чаланимкора гӯё аз масофати дуре ба гӯш мерасид.

Дар дашти беодами байни гарнизон ва қишлоқи Бошкенгаш, болотар аз ҳамон паҳнсое ки се сол қабл аз ин бо дастаи Асадуллобек ҷанг шуда буд, чашмае ҳаст. Мулоқот бо Қосим-қӯрбошӣ дар ана ҳамон ҷо мешавад.

Қадаре пеш рафтанд. Дар сари чашма касе наменамояд. Қосим ҳанӯз наомадааст.

— Санъатҷон, ту, албатта, аз мо дуртар меистӣ? — пур-

сид Зайнаб.— Қоидааш чӣ хел? Ту пештар дар ин гуна мулоқотҳо будӣ-ку.

— Будам, лекин қоидаашро намедонам. Қӯрбошӣ бо якта одамаш меомадааст. Вай дар чӣ қадар масофа истад, ман ҳам дар ҳамон қадар роҳ меистам.

Аз паси тепае ки тахмин як чақрим дурӣ дошт, ду аспакӣ намоён шуд.

— Меоянд, дидед?

— Ҳа, як чиз сиёҳ метобад.

— Биёед, оҳистатар равем.

— Рост мегӯӣ, боз хонасӯхта гумон накунад, ки мо ба ҷамоли муборакаш муштоқ будему парвозкунон омадем.

Лаҷомҳо саҳле кашида шуданд. Санъат гуфт:

— Таппонча наменамояд, чӣ кардед?

Зайнаб ба гиребони гимнастёрка, ки ду тугмаи поёнаш яла буд, даст бурда таппончаи шиноси Қараваевро баровард. Ин гуна таппончаи сар то сараш оби никель давонидашуда фақат дар дасти командир буду халос.

— Як бинам.

Санъат мили милтиқашро поён карда, онро ба зери тақим пахш кард ва таппончаро аз дасти Зайнаб гирифта, ба тири тайёр доштан ва яла будани қуфли он боварӣ ҳосил карда баргардонид.

Ба сари чашма андак масофа монд. Қӯрбошӣ ба он канори чашма расида, аспашро нигоҳ дошт. Шарикаш марди кулӯтариш, ки салларо калобавор печонида, чанд қабат ҷома ва яктаҳ пӯшида, ба китф милтиқи дувоздаҳтираи англисӣ, дар миён шамшер, таппонча ва боз як шашпари сиёҳи дастадарозеро овехта буд, ба поёнтар, ба он ҷое ки оби чашма ғун шуда, ботлоқчаи қамишзоре пайдо шуда буд, рафта истод.

Зайнаб аспи худро аз ин канори чашма нигоҳ дошт. Муддате ҳарифон якдигарро муоина мекарданд. Ҳарчанд Зайнаб мӯи худро ба таки кулоҳи аскарӣ пинҳон карда буд, қӯрбошӣ зан будани мусоҳиби худро аз хеле масофа пай бурда буд. Шарики қӯрбошӣ ва Санъат ҳам рӯ ба рӯй истода, бо нигоҳ пайкари якдигарро сӯрох мекарданд.

«Садқаи сар, барои нафъи кор худам пештар салом медиҳам» — дар дил қарор дод Зайнаб ва бо овози баланд:

— Саломи алайкум, ҷаноби Қосимака,— гуфт.

Он тарафи чашма, ки Қосим меистод, назар ба тарафи Зайнаб тақрибан ду газ баландтар буд. Қосим манаҳи худро ба сина зер карда, сару тану қадду басти Зайнаб ва аспи ӯро аз зери абрувонаш бо як назари беэътиноёнаи адоватомез газуҷен менамуд. Аз чашмони танги муғулии ӯ шарораи хашм ме-

борид. Аммо ҷавоби саломро гардонидан фарз аст. Қосим сарашро ба тарзи ба зӯр аёншаванда ҷунбонид.

«Такаббурат сарата хӯрад,— аз дил гузаронид Зайнаб. — Чунон катаги мекунад, ки гӯё мо ба таслимшавӣ омада бошем, на вай...»

Дар ботини қӯрбошӣ, аз афти кор, мубориза шадиде мерафт. Аз бағали ҷомааш дастаи сиёҳ ва тирдони пахни маузер намоён шуда меистод. Зайнаб ҳам ҳалқаи қамчинро аз банди дасти чапаш гузаронида ва лаҷомро низ ба он даст нигоҳ дошта, дасти рости худро озод ва омодаи корзор нигоҳ медошт.

Вай қиёфаи аз ҳад афзун кинабори қӯрбоширо дида, лаҳзае пушаймон шуд, ки ба ҳар ҳол кори беҷо кард, ки омад. Ба муомилаи баробарҳуқуқонаи мардҳои дар ҷаҳолатмонда умед бастан хеле ва хеле барвақт аст. Аммо бо гӯшаи чашм писархонди худро дида, дилаш ором гирифт. Вай панҷтирааашро пештара барин дар қоши зин дошта, ҳушьёр меистод. Дар ин музофотҳо Санъат барин тирандози моҳир нест. Тирандозии ӯро афсонавӣ гӯед муболиға намешавад. Барои нишонзанӣ ба ӯ милтиқро ба сари китф бардошта, як чашмро пӯшида, нишонро ба қаравулак наздик карда, баъд кулангро пахш кардан шарт нест. Милтиқро аз куҷое набошад,— хоҳ аз сари зону, хоҳ дар зери бағал дошта, тақрибан ба ҳадаф рост мекунаду ҳанӯз шумо чӣ ният доштани ӯро пай набурда, нишонро зада пора мекунад.

Аспи қӯрбошӣ ба оби чашма нигоҳ карда беқаророна пой мекӯфт ва лаҷом мехоид. Як-ду маротиба лаҷомро сахт бо сараш поён кашида, нишасти пурвиқори соҳибашро халалдор намуд. Қосим дар қаҳр шуда, ба пеши синаи аспаш кашидаву кушода як тозиёна фаровард. Асп фаххос зада, аз замин барҷаст, то ки ба канори дигари чашма бипарад, вале Қосим дар сари вақт онро даст гирифт ва асп лаҳзае чароғпоя шуда истоду баъд ба ҳоли аслиаш баргашт.

Лахте замини нарм аз зери суми асп канда шуда, ба оби софи чашма афтод.

— Обро лой кардед,— гуфт Зайнаб ва дасти худро аз гиребони гимнастёркааш баровард. Дар ин чанд сонияе ки босмачӣ алами худро аз ҷонвари бегуноҳ мегирифт, ӯ дастаи гарму ҳамвори таппончаи командирро ба рӯи дили аз изтироб ба тапиш даромадааш пахш карда омодаву тайёр меистод.

— Гоҳо лой шудани об фоида дорад,— бо заҳрханда чашмони бе он ҳам тангашро нимпӯш карда гуфт Қосим.— Инро занҳо аз куҷо донанд?!

— Қӯрбошӣ! — хитоб кард Зайнаб тоқаташ дигар тоқ шуда,— оберо лой мекунанд, ки моҳӣ дошта бошад. Беҳуда об

лой кардан кори оқилон нест. Сонӣ, зане ки шумо нодон гумон мекунед, муовини раиси ревкоми район аст. Ва ба ин ҷо бо супориши ҳукумати худ, бо илтимоси шумо ба гуфтушунид омадааст.

Қосим «ҳм» гуфта изтеҳзоомез хандида, мӯйлаби худро молид, баъд ба сӯи Санъат ва ҳамроҳи шофу шашпардораш назаре афканда, қиёфааш ҷиддӣ гардид. «Бо илтимоси шумо» гуфтани Зайнаб барои чӣ ба ин ҷо омаданаш, ба чӣ ҳолат расидани дастаи дар собиқ ҳаштоднафариашро ба ёдаш расонида буд.

— Зайнаб, бо шавҳарат Қурбон мо ошно будем. Ман ба ҳурмати арвоҳи ӯ бо ту гапзанон карда истодаам.

Зайнаб қариб гуфта буд, ки агар ҳурмати шавҳарам намешуд ҳам, аз дастат чӣ кор меомад? Ту аз ҳамон қабил одамоне ҳастӣ, ки аз асп фуроянд ҳам, аз узангу намефароянд. Дӯғу дағдағаатро ба хурӯсчӯҷаҳои парокандаат, ана ба он нӯкари ду ман яроқ бардоштаат кун, ки мебардоранд.

Аммо таъиноти исроркоронаи Қараваев ба хотираш расид ва ӯ туғьёни ҳиссиётро дар қалбаш бо кӯшише фурӯ нишонда, бо оромӣ гуфт:

— Мо бо умеди нек ба ин ҷо омадаем. Бо умеде ки хунрезӣ дигар бас шавад, шумо ҳам ярокро партофта, дар қатори халқ ба кори осоишта машғул шавед, худатонро бо меҳнат аз гуноҳ пок кунед.

— Шарти оштӣ чӣ гуна аст? — пурсид қӯрбошӣ. Ба «шарти таслим» гуфтан, аз афти кор, забонаш намегашт.

— Ҳамагӣ чанд нафаред? — савол дод Зайнаб саволи мусоҳибро беҷавоб мононда.

— Ёздаҳ тан.

— Ба миёнарав понздаҳ кас гуфта будед...

Қӯрбошӣ чизе нагуфт. Зайнаб ба суханаш давом намуд:

— Шарти таслим ҳамон, ки пеш аз шумо қӯрбошӣ Ҷайлов Бекмурод қабул карда буд. Хуб медонед. Пагоҳ саҳарӣ аз ҳамин тараф ба гарнизон наздик мешавед. Шуд, гап ҳамин.

Баъд ба Санъат рӯй оварда гуфт:

— Рафтем.

Вале Санъат аз ҷояш наҷунбид.

— Аввал инҳо биравconfiguration,— гуфт ӯ.

Қосим сари аспашро гардонда, чанд қадам дур шуд, сонӣ дар болои зин якпаҳлӯ нишаста ва рӯ ба пас оварда гуфт:

— Мумкин бошад, ҳамин рӯз биёем, баъди говгум.

Ба Зайнаб таъкид карда буданд, ки боқимондаи дастаи қӯрбошӣ кадом вакте ва аз кадом тарафе ки хоҳад, омада ярокy аслиҳа супорад. Зайнаб гуфт, ки омадан гиранд, онҳоро аскарон пешвоз хоҳанд гирифт.

Қосим Зулфӣ ба роҳаш равон шуд. Нукараш милтиқу шофу шашпарашро шақарросзанон аз паси ӯ асп давонид.

— Аз афташ, шарм медорад, бинобар ин баъди говгум омаданист,— изҳори ақида кард Зайнаб вақте ки ҳарду савора дар паси талу теппаҳо ғоиб шуда рафтанд.

— Бечора! — писхандомез гуфт Санъат.— Як вақтҳо дар таки даст ҳаштод йигити савора ва дар калла як олам орзуву хаёл дошт.

Зайнаб тамоми роҳи бозгашт бо писархондаш ҳазлу шӯхӣ карда, баланд-баланд механдид.

— Бегоҳӣ ба идора биё, китоб мехонем,— гуфт Зайнаб баъди ворид шудан ба қишлоқ.

Чанд гоҳ инҷониб Санъат дар бекориаш аз китобҳои ба дасташ афтода ба Зайнаб хонда ва агар китоб ба забони русӣ бошад, ба қадри тавонаш тарҷима карда медод. Худи Зайнаб хонда наметавонист, аммо ба Караваев, ё Каримов, ё дигар рафиқони худ дар мавридаш «мо бо Санъатҷон китоб мехонем» ғуфта таъриф мекард.

Оре, муовини раиси комитети революционӣ бесавод буд ва ба ҷои имзо ба ҳуҷҷатҳои давлатӣ ангушти башораташро ранг молида пахш мекард.

* * *

Ароба муддате дар кӯчаҳои қишлоқи Душанбе гашта, дар пеши бинои девораш оҳак молидашуда қарор гирифт.

Санъат пиёда шуд, аз киса коғазеро бароварда тахт кард ва ба дари бинои сафед даромада рафт. Умар, Васильев дар лаби ҷуйча диккак нишаста, арақи сару рӯяшонро шустанд. Дигар посбонон дар сояи чинори калон рост меистоданд.

Пас аз фурсате Санъат ҳамроҳи як марди қадбаланде берун омад, ки аз авзоаш хашму ғазаб меборид.

— Қашола кардан лозим не. Бар, тамом кун, биё — мегуфт он мард.— Акнун пиёда баред,— ва ба аробакаш рӯй оварда гуфт: — Ба ту ҷавоб.

Се бандӣ ва чаҳор посбон қатор шуда аз қишлоқ баромаданд ва аз пайроҳаи танге ки аввал дар миёни гандумпоя, баъд хорзоре печутоб хӯрда мерафт, гузашта ба соҳили баланди наҳр расиданд.

Ҳар се рӯзе ки суди қотилон давом мекард, Санъат аз маҷлиси мурофиа дур нашуда буд. Ӯ шоҳид набуд, аъзои суд набуд, тамошобин ҳам набуд. Такрор шуниданӣ қиссаи ҳалокати модар барои ӯ бағоят вазнин буд, бо вуҷуди ин ба он ҷо нарафта наметавонист.

Сонӣ ба Санъат гуфтанд, ки ба иҷро расонидани ҳукм ба ӯ супорида шудааст. Ин, бешубҳа, кори кадоме аз сардорон

буд. Қори ҳамон як одам буд, ки Васильев ва Умар низ дар ин як моҳи пуразоби ба хоби даҳшатовар монанд аз ӯ ҷудо намешуданд.

Асрори зиндагонӣ поён надорад, аз афти кор. Модар аз талотуми ҷанги гражданӣ гузашт, аз даҳҳо муҳорибаҳои шадиди хунин зиндаву саломат баромаду дар замони осоишта ҳалок гардид.

То тирамоҳи соли 1926 босмачиён комилан торумор шуда буданд. Ҳамон сол интихоботи умумӣ шуда, халқ ба ҷои ревкомҳо Советҳои маҳалиро интихоб намуд. Зайнаб раиси ҷамоаи Кӯктош шуд. Гарнизони Кӯктош кӯчид, Қараваев, Санъат ва Умар ҳам ба Душанбе рафтанд. Дар маҳалҳо отрядҳои милицияи халқӣ ташкил ёфта, ба муҳофизати тартибот мутасаддӣ шуд.

Зайнаббибӣ дар вазифаи нав чӣ тавр гузаштани ҳафтаву моҳҳоро надониста мемонд. Дар маъракаҳои ислоҳоти замин, кофта ба кор андохтани ду канали нав, ки 400 гектар замини бекорхобидаро обьёрӣ мекард, шиддати кор аз замони ҷанг камтар набуд.

Модар тобистони соли 1927 ба конференцияи занони озоди Осиёи Миёна ба Тошканд рафт. Аз ин ҷо ӯро вакили Конференцияи дуввуми умумииттифоқии занон интихоб карданд. Дар бозгашт аз Москва ба шӯъбаи махсус даромада, Санъатро наёфт. Рӯзи дигараш худи писар ин хабарро шунида ба Кӯктош омад.

Ба ӯ гуфтанд, ки модараш дар қишлоқи Бош-кенгаш бо занҳо маҷлис мегузаронад.

Дар атрофи ҳавлие ки занҳо ҷамъ омада, ба рӯи шолчаву бӯрьёҳо чеҳраҳошонро бо рӯймолу чапончаҳо панаҳ карда менишастанд, Зайнаббибӣ аз ҷавонони фаъоли деҳа чанд нафарро қаровул монда буд, то ки касеро ба ин ҷо роҳ надиҳанд. Дар воқеъ шавҳар, падар ё бародаре метавонист ба маҷлисгоҳ беибо зада даромада, зан ё духтари худро аз миллааш кашолакунон ба хона барад.

Ҷавонон Санъатро шинохта, дарҳол аспашро гирифта ба як гӯша бастанд. Санъат ҳам дар паси деворе ки ба сар то сари он бачаҳои қишлоқ часпида буданду тамошо мекарданд, рост истода, гӯш андохт.

Модар месароид.

Вай аз ин пеш ба ин тариқа — дар пеши мардуми бисьёре бо овози баланд суруд хондани модарро ҳеҷ гоҳ надида буд. Фақат дар дақиқаҳои кам дар ками хушҳолиаш дар роҳ ё дар сари кори хона ягон суруди қадимаи занонаро зери лаб замзама мекарду бас.

Шуд замони озодӣ, ҳастият намоён кун,
Кан, шикан кишанҳоро, ҳар тараф парешон кун,
Рав ба анҷуман, мактаб фикру зеҳни худ бикшо,
Бо қувои илму фан бехи ҷаҳл вайрон кун,—

мехонд Зайнаб.

Ин суруди Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ буд, ки модар аз Тошканд ёд гирифта омадааст*.

Овози модар мисли овози ҳофизон суфтаву босалиқа набошад ҳам онро ҳаяҷони дил ва самимият обуранг дода, форам ва батаъсир гардонида буд. Зайнаб чашмонашро нимпӯш карда, нӯки рӯймоли худро беихтиёр гиреҳ баставу кушода торафт бештар илҳом гирифта месароид:

Абри тиран чодар рои зи чеҳраи моҳат
Берун ой аз зулмат, ҳамчу нур ҷавлон кун.

Даргаҳи маориф чун мешавад туро маъво
Нурҳои он бар чашм сурмаи Сулаймон кун.

Дар оҳанги ботамкини суруд ҳам аҳволи ҳузновари занони асира ифода ёфта буду ҳам савтҳои дилпуронаи ба ҳаракат, бедорӣ ва ошӯбдаъваткунанда садо медод.

Суруд ба поён расид ва хомӯшии томе ба миён омад. Чанде аз занон фиқ-фиққунон мегиристанд, чанди дигар ба зани сароянда, ба ҳамҷинси боҷасорати худ, ки номи ӯ солҳо инҷониб вирди забони садҳо марду зани дӯст ва душман буд, бо назари тааҷҷуб ва таҳсину тақвият нигоҳ карда менишастанд.

Зайнаб хам шуда, аз пеши пояш як пиёла чои кайҳо боз сард шудаистодаро гирифта нӯшид, баъд ба гап даромад. Вай занҳоро ба далерона амал кардан, аз чордевори тангу тори хона ба дуньёи васеу равшан қадам ниҳодан даъват мекард. Мегуфт, ки акнун Ҳукумати Шӯравӣ ва пешоҳанги халқ такьягоҳ ва пуштибони занон аст. Баъд дар бораи бузургии Иттифоқи республикаҳои советӣ, ки қаду бараш барои аспакӣ чандинмоҳа, балки чандинсола роҳ аст, дар бораи Маскав нақл кард.

Санъат ёд дорад, ки боре вай, Зайнаб, Низомиддин Каримов ва боз як мӯйсафед як ҷо нишаста, соли таваллуди модарро ҳисоб карда ёфтанӣ мешуданд. Худи модар «солам хук» мегуфт. Бо баҳсу мунозираи бисьёре солҳо ва мӯлҷарҳоро ҳисоб карда, дарьёфтанд, ки соли 1887 таваллуд ёфта будааст.

Оре, панҷ сол муқаддам Зайнаббибӣ аз вуҷуд доштани солшумории милодӣ ё ҳиҷрӣ хабаре надошт. Аммо рӯзҳои раиси ҷамоа шуда кор карданаш дар нутқ ва маърӯзаҳое ки бадеҳа-

* Тарҷумаи шоир Муҳиддин Аминзода.

тан эрод мекард, он қадар санаҳо, мисолҳои таърихӣ ва бадеӣ меовард ва сомеонашро бо мантиқ ва ҷозибаи нутқаш чунон банд мекард, ки аксари коркунони идораҳои район ба зеҳни тез, маҳорати наттоқии ӯ тан дода буданд.

Дар ибтидои соли 1928 Зайнабро ба номзадии аъзои партия қабул карданд. Як рӯз пас ӯ дар хонаи Санъат ва занаш меҳмон шуд ва дар бораи фош карда шудани собиқ раиси Иттифоқи кӯшчиён Эшонқул ҳикоя кард. Эшонқул дар давраи ислоҳоти замин ва баъдтар дар идораи милиция ба кори давлат хеле зиён расонида буд. Тафтиши хиёнати Эшонқул аз аризаи хаттии Зайнаб сар шуда буд.

20 июль баъди интихоботи нави Советҳои маҳаллӣ Зайнаббибӣ Қурбонова раиси комиҷроияи райони Лақай-тоҷик интихоб гардид.

Умри дубораи Зайнаб акнун сар мешуд. Аммо пас аз ду рӯзи дигар фоҷиаи хунин риштаи ин умрро барканд.

* * *

Бандиҳо ба худ қабр мекофтанд.

Дар бист қадам масофа аз онҳо Васильев, Умар ва аскари саввум ба милтиқҳошон такья карда меистоданд. Санъат аз онҳо ҳам дуртар дар сояи камари ҷар менишаст.

Имрӯз, хусусан баъди омадан ба ин ҷо ӯ ба андоми манфури душманаш аз наздик нигоҳ карда наметавонист. Чашмони оболуд, риши намад барин зерхӯрдаи Эшонқул нафраташро аланга медод ва ӯ як ҳисси пурзӯри ғазаб, ғазабу кинаи оташбори девонаворро ҳис карда, аз бандиҳо худро дур мекашид.

Бандиҳо белро ба як сӯ партофтанд. Эшонқул Умарро бо имо ба наздикии худ хонда, чизе гуфт. Умар ба пеши Санъат омад.

— Вай мегӯяд, ки талаби охиринашро қонеъ кунем. Ҳамин хел қоида ҳаст, мегӯяд.

— Разил! Боз қоидадонӣ ҳам мекунад!

— Чӣ гӯем?

— Чӣ мехоҳад?

— Таҳорат карда намоз мехондаанд.

— Хайр, бигӯ ки таҳорат кунанд. Лекин эҳтиёт шав, ки худро ба дарьё наандозад.

— Намегурезад, мепарронам.

— Медонам, намегурезад. Лекин гап дар ин не. Қабраш бояд дар ин ҷо бошад.

Бандиҳо ба лаби наҳр рафтанд.

Айёми обхезии наҳр буд. Ҷараёни оби кафколуди қаҳваранг гулдуррос мезад ва замини соҳил аз нафаси тавонои он меларзид.

Эшонқул ба пеш гузашта имом шуд. Он ду нафар аз пасаш. Муртадҳои разил, дашном медод Санъат. Ҳамин одам панҷ сол билети партиявиро бардошта мегашт. Сардори ташкилоти революционии деҳқонон буд. Агар модар фош намекард, ҳоло, эҳтимол ба ягон идораи калонтар сар мехалонид. Аҷаб... Инсон таърихи чандҳазорсола дораду ҳанӯз илме наборовардааст, ки шинохтани дӯсту душманро осон гардонад.

Санъат ба пеши рафиқонаш омад.

— Чаро гуфтӣ ки қабри онҳо бояд албатта дар ин ҷо бошад?— пурсид Умар ба китфи Санъат даст расонида.

— «Албатта» нагуфтаам. Коре карда дар ҷои аниқ бошад, гуфтам.

— Ҳа-а,— мад кашида гуфт Умар гарчанде ки аз ин шарҳ низ чизе нафаҳмида буд.

— Агар намурам, ягон вақт дар болои қабри инҳо лавҳаи сангин мемонам....

— Ба қабри душман лавҳа намемонанд,— сухани Санъатро бурида гуфт Умар.

— Ман мемонам. Лавҳа мемонаму менависам: «Модари азизам! Бо ҳукми халқ қотили туро кушта дар ин ҷо гӯронидам. Лекин ҳасрати дилам як зарра ҳам кам нашуд...».

Овози Санъат ларзид. Калимаи охиринро ба зӯр нимғурма талаффуз карда, сарашро поин андохт.

Умар аз кунҷковии бемавридаш ҳиҷил шуда, ба сӯи бандиҳо қадам гузошт. Онҳо намозашонро кайҳо тамом карда, акнун дастор ва миёнбандҳои ҷойнамозкардаашонро бо як сусткории ҳайратовар меафшониданд, тахту таҳ мекарданд, такрор меафшонданд.

— Тез ҷунбед! Тез-тез, мегӯям! — ба сари онҳо расида дӯғ зад Умар ва бо овози паст илова намуд: — Ҳа, дар суробатон...

...Санъат кулангро пахш кард.

Қалхоте ки чанд дақиқа пеш дар осмони софи нилгун пайдо шуда давр мезад, аз садои тир ҳаросида, ба сӯе ғоиб шуд. Як пилта дуди маҳин аз таки қуфли милтиқ кашол шуда баромаду дар ҳаво парешон шуда рафт.

Бел сето буд ва онро Умар, Васильев ва аскари дигар ба даст гирифтанд.

— Санъат, ту бирав, хокро худамон мерезем,— гуфт Васильев. Санъат «хайр» гуфту аввал ба ҷои пештара, ба сояи камар чанд қадам ниҳод. Баъд аз роҳаш гашта, ба лаби наҳр равон шуд.

Мавҷҳои пурғулғула гоҳ ба ҳам омехта, гоҳ ҳамдигарро бошитоб таъқибкунон паси ҳам ғалтон буданд. Рӯи об аз хасу хошок, шикастапораҳои дарахтони пиру фартут ва решаҳои пӯсида пур буд, ки онҳоро наҳри ба ошӯбомада аз ким-куҷоҳо канда меовард ва ба мавҷҳои лойолуди сурхаш печонида мебурд.

*с. 1964*





# ОЧЕРКҲО



## ДАСТАРХОНИ РӮИ МАРЗ

Меҳмон ки шудед, илоҷе нест, ки аз мизбонон ақаллан яке савол надиҳад:

— Ба ҷоҳои мо аз ин пеш ҳам омада будед, ё ин сафари аввалинатон?

Барои ширкат дар рӯзҳои маданияти Тоҷикистон ба Қирғизистон рафтем. Як-ду рӯзи аввал ин савол такрор ба такрор садо медод. Ҳама ҷавоби муайян диҳанд, ман гоҳ мегуфтам, ки ба сарзамини қирғиз бори нахуст омадам, гоҳе, мегуфтам, ки дафъаи дуввум.

Ва ин номуайянӣ бечиз ҳам набуд.

Тобистони соли 1975 ҳангоми таътил аз Панҷакенту Айнӣ то Қонибодому Исфара сар то сари вилояти Ленинободро мошинсавор сайр кардам. Аз ҳама бештар дар Исфара будам, зеро адои қарзу фарзи зиёде он ҷо мунтазирам буд: режиссёр Борис Кимьёгаров дар кӯҳсори Исфара фильми «Фоҷиаи Сиёвуш»-ро (аз рӯи «Шоҳнома») ба навор мегирифт ва камина, чун ходими кинокомитет, супорише доштам, ки аз аҳволи гурӯҳи кинематографистонамон хабар бигирам; ғайр аз ин дар Исфара чанде аз хешу табори оила зиндагонӣ мекунад; ба замми ин додарзодаам, донишҷӯи Институти тиббии Тоҷикистон дар табобатхонаи калонтарини ин шаҳр бо таҷриба ва коромӯзӣ машғул буд.

Дар арафаи бозгашт дӯстон пурсиданд, ки аз сайри Исфара чӣ таассуроте гирифтаам. Гуфтам, ки кинематографистони республикаи худамон, инчунин Ӯзбекистон, Қирғизистон ва ҳатто Москва шаҳри шумо ва атрофи онро мавзеи фильмбардорӣ (ба истилоҳи киногарон, «натурплощадка») қарор додаанд. Худи ҳамин эътирофи зебошаҳр будани Исфара аст. Пас, дар тавсифи мардуми ҳунарвари Чоркӯҳу Ворух, табиати биҳиштосои Зумрад, кӯҳҳои дар рангорангӣ ва шаклҳои аҷоиб ба олам камназири Исфара, дар васфи кӯчаю хиёбон, нахри шӯхоб, биноҳои хушрӯи шаҳр ҳар чӣ ба забон омад, гуфтам.

Ва дар анҷом аз ҳусни кӯли миёни кӯҳсорон ҳикоят кардам, ки он ҷо як рӯзи тамомро бо истироҳат гузаронида будам.

— Исто, исто,— риштаи наклро бурид яке аз рафиқонам,— кадом кӯли миёни кӯҳсорро мегӯӣ?

— Кӯли Бодкент. Наход ту, исфарагӣ, надонӣ?

— Э, қоил ман ба ту барин сайёҳ! — гуфт рафиқам.— О вай кӯл дар Қирғизистон-ку!

Рафиқам илова кард, ки ту ба аҳволи сомеи дерфаҳми Хоҷӣ Абдулазизи ҳофиз афтодаӣ. Дар базме ҳофиз ушшоқи Самарқандро хонда ба поён мерасонад ва дарҳол шахсе аз ҳозирон ба ӯ рӯй оварда, илтимос мекунад:

— Амаки Ҳоҷӣ, барака ёбед, акнун якта ушшоқи Самарқанда хонед.

— Бародар, ушшоқро ҳозир хондам-ку,— бо табассум мегӯяд ҳофиз.

— Наход? Набошад, тоза кайф карда будем-дия.

Оре, камина як рӯзи дарозро дар кишвари бародарони қирғиз гузаронида, аз ин ҳол худам бехабар мондаам. Лекин, ба ҳар ҳол рафиқи исфарагиам маро ба сомеи кундфаҳми ҳофиз баробар дониста, ба андозае сахтгирӣ карда буд. Барои вай, ки дар Исфара ба воя расидааст ва ҳар як ваҷаб замини ин ҷо, балки ҳамаи водии Фарғонаро медонад, эрод гирифтан осон аст. Аммо дар замони мо, ки халқҳо ба ҳам дӯсту бародар шуда, хатти сарҳадди байни республикаҳо як аломати тамом шартию расмӣ шуда, фақат дар рӯи харита ва нақшаҳо боқӣ мондааст, дар чунин шароит аз ҳамдигар фарқ карда натавонистани деҳоти қирғизу тоҷик барои як нафар мусофир чандон айби калон нест. Дар воқеъ, чӣ гуна тафовут мекунед, ки ҳам дар Исфара, ҳам дар Бодкент як хел зироат парвариш мекунанд, як навъ чорво мепарваранд, токзорон, боғҳои себу ноку зардолу фарқе надоранд. Роҳҳо, иморатҳо, сарулибоси мардумон, чеҳраҳои офтобхӯрдаи онон якранганд. Чизе пурсиданӣ бошед, ба ҳар забоне савол кунед, ба ҳамон забон ҷавоб мегиред. Муомилаи хуш, меҳмоннавозӣ дар ҳама ҷо ба як тарз.

Равнақи дӯстии миллатҳо ба ҷое расидааст, ки марди заҳматкашро коре ба он нест, ки фалон наҳр аз кадом республика меояду ба кадомаш меравад, хоки тоҷикон дар куҷосту оби ӯзбекон кадом. Дар Ӯротеппа, Конибодом, Панҷакент, Шаҳритуз ва Регари мо, ки бо республикаи Ӯзбекистон ҳамҳудуданд, баъзе оилаҳо ҳавлию боғи худро дар ҷое бино кардаанд, ки як қисми он дар хоки Тоҷикистон бошад, қисми дигараш дар Ӯзбекистон аст.

Дар яке аз ин гуна оилаҳо боре меҳмон шудаам. Сардори хонавода муйсафеди тоҷик, занаш ӯзбек. Ду писар — ду бародари ҳамтана, яке муалим, дигаре механизатор ва яке аз

рӯи ҳуҷҷатҳо тоҷик, дуввум — ӯзбек. Наберахо низ мувофиқи шаҳодатномаҳои таваллуд ҷамъе тоҷику қисме ӯзбек. Дар оила ҳар ду забон баробар ҳукмрон.

Дар мобайни боғи калон рӯи ҷӯйбори ҳамеша сероб суфаи баланди тахтагӣ бардоштаанд. Аҳли оила ҳар пагоҳу бегоҳ он ҷо ҷамъ омада, наҳорӣ ва таоми шом мехӯранд. Агар назди онҳо нишаста, хати марзи байни ду республикаро хаёлан тасаввур кунед, мебинед, ки пиёларо дар Тоҷикистон аз чой пур мекунанду дар Ӯзбекистон менӯшанд. Ё духтараке дар Ӯзбекистон атса занад, додараки ӯ аз Тоҷикистон «Пир шав!» гӯён нидо медиҳад.

Аз мӯйсафед пурсида будам, ки оё дар болои сарҳадди ду республика маскан доштанаш ягон имтиёзе ё баракс ташвише наовардааст?

— Не,— гуфт, —на ину на онаш.

Лекин пас аз фурсате хаёл карда нишастан ба хотир овард:

— Воқеан, як ташвише расида буд. Аммо бо айби худамон. Тахмин даҳ сол муқаддам, рӯзҳои интихоботи Советҳои маҳаллӣ. Аввалҳо аз ҳар ду тараф агитаторҳо меомаданд. Ман ба ин аҳамият намедодам. Бигузор, мегуфтам, омада сӯҳбаташона гузаронида рафтан гиранд. Лекин сонитар маълум шуд, ки моро ба рӯйхати интихобкунандаҳои ҳар ду округ даровардаанд. Мо, албатта, ба яктааш рафта, овоз додем, аммо аз округи дигар ҳам ду одами дуруст омада, писари калониамро сарзаниш карда рафтанд. «Шумо, муаллим, аъзои ҳамин оила шуда қариб ба вайрон кардани низомномаи интихобот роҳ додаед», гуфтанд. Яъне қариб Конститутцияи СССР-а вайрон кардед, гуфтанд.

...Аввали тобистони соли 1976, вақте ки дар республикаи мо Рӯзҳои маданияти РСС Қирғизистон мегузашт, ман ҳамроҳи кинематографистони қирғиз будам. Дар кинотеатри ба номи Ҷомӣ нахустин намоиши фильми режиссиёри соҳибистеъдоди қирғиз Болотбек Шамшиев аз рӯи сценарий ва повести Чингиз Айтматов «Киштии сафед» барпо шуд. Пеш аз тамошо дар назди ҳозирон раиси Комитети давлатии Совети Вазирони РСС Қиргизистон оид ба кинематография рафиқ Баялинов Маркрлен Қосималиевич нутқ кард. Сипас Болотбек Шамшиев баромад.

— Ман ба қазову қадар барин чизҳо мутлақо бовар надорам,— гуфт Болотбек.— Лекин дар тақдири эҷодии ман як ҳолати аҷибе ба назар мерасад. Солҳои аввал аз ҳаёти мардумони Қирғизистон фильмҳои ҳуҷҷатӣ таҳия мекардам. Чанд фильми ҳуҷҷатиамро тақрибан даҳ сол қабл аз ин ба Душанбе ба фестивали кинематографистон оварда, мукофоти якумро гирифта будам.

Соли 1971 дар Душанбе кинофестивали республикаҳои Оси-

ёи Миёна ва Қазоқистон шуд. Фильми бадеии «Гармо», ки ман аз рӯи повесть ва сценарияи Чингиз Айтматов («Чашми уштур») таҳия карда будам, ба мукофоти якум сазовор дониста шуд.

Ҳоло нахустин намоиши фильми «Қиштии сафед» низ дар Душанбе барпо шудааст. Ва ин воқеа ба рӯзҳои фаромӯшношудании иди маданияти советии қирғиз дар Душанбе рост омадааст.

Он гоҳ касе аз миёнаи зали тамошо ҳазломез хитоб кард:

— Рафиқ Шамшиев, модоме ки ҳамин тавр аст, бо қазову қадар шухӣ накунеду дар Душанбе монед. Ақаллан ду-се сол монед.

Бале, хатти марзи байни халқҳои мамлакати бузургамон, хусусан байни маданияти онон акнун фақат як чизи соф шартӣ будаасту бас. Рӯи марзи байни кишварҳо, он ҷое ки дар замони пеш одамон бо ҳар баҳона бо ҳамдигар дастбагиребон мешуданд, ҳоло замона хони пур аз нон густурдааст.

## ДАР КАНОРИ ДУСТОН

Қиштиҳои ИЛ-18 иштироккунандаҳои Рӯзҳои маданияти Тоҷикистонро бо андак фосила ба аэропорти шаҳри Фрунзе фаровsecurityарданд.

Аз оғӯши осмон рост ба оғӯши дӯстон афтодем.

Ҳарчанд кас пешакӣ медонад, ки Рӯзҳои маданият ҳам ид аст, иди калон аст ва ид бе рақсу суруд, бе ҳар гуна намоишҳои ботантана намешавад, бо вуҷуди он аз дидани фавҷи бузурги истиқболгирандагон, садои баланди мусиқӣ, нидоҳои табрикӣ, пурсупоси гармуҷӯшони дӯстони қарини ҳамкасаба, гулдастаҳои хушрӯю хушбӯи тирамоҳи офтобӣ, ки бидуни муболиға ба сари меҳмон фурӣ мерезанд, лаҳзае гаранг шуда, сари қалобаашро гум карда мемондааст.

Фақат баъди фурсате андак ба худ омада, гирду пешро аз назар гузаронидам. Дар як тарафи майдони фурудгоҳ саҳнаи фарохе сохтаанд ва дар рӯи саҳна оркестри симфонии қирғиз савти мӯҳташамеро менавозад, ки бо карнайҳои радио ба атроф паҳн мешавад. Сонӣ дар саҳна қирғиздухтарон бо рақси мавзуни дилнишин меҳмононро таҳният мегӯянд. Сипас навбат ба оқин мерасад. Вай қомуз ба даст дӯстии халқҳоро, бародарии миллатҳоро васф мекунад, ки истеҳкоми онро пешвои муаззам Владимир Ильич Ленин васият кардааст, Партияи коммунистӣ ва сохти советӣ онро ба қонуни ҳаёти якҷояи мо табдил додаанд. Қирғизону тоҷикон аз замонҳои қадим ҳамсоя, дӯст ва бародар буданд, месарояд оқини халқи бародар. Дар шодию ғам ба ҳам шарик буданд. Ба ҳамдигар арӯс дода, арӯс мегирифтанд. То замоне ки дӯстӣ пойдор аст, масофаи байни

Помиру Алатов масофа нест. Асрҳо мо ҳамсояю ҳамҷавор будем, даврони ленинӣ, ибрати халқи рус моро ҳамрайъ, ҳамтақдир ва ҳамзабон ҳам кард. Хуш омадед ба кишвари Манас, бародарони тоҷик, оғӯши мо ба рӯи шумо кушода аст.

Кӯчаҳои шаҳри Фрунзе идона зинат ёфтаанд. Рӯи биноҳои баланд, сари роҳ ва канораҳои он — шиорҳо ба шарафи дӯстии халқҳои СССР, халқи тоҷик ва маданияти социалистии он. Иштироккунандагони Рӯзҳои маданият дар меҳмонхонаи бузургу бароҳати «Қирғизистон» ҷойгир шуданд. Аз шоирон ва нависандагони мо Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ, Гулчеҳра Сулаймонова, Марианна Фофанова, Мӯъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ, Убайд Раҷаб ва муаллифи ин сатрҳо омадаанд.

Бародарони ҳамкасби қирғизамон моро саросема аз меҳмонхона бароварда, ба мошинҳо савор мекарданд.

Мизбонон тарҳи Рӯзҳои маданияти тоҷикро қаблан тартиб дода ва ба шакли китобчаи хушрӯй чоп карда, ба ҳар кадоме аз меҳмонон тақдим намудаанд. Ман китобчаро варақ зада дидам, ки он рӯз — 17 сентябрь — ғайр аз мулоқот дар аэропорт ва ҷойгиршавӣ дар меҳмонхона дигар вазифае қайд нашудааст. Рост, ки рафиқони артистамон мебоист дарҳол ба театрҳои шаҳри Фрунзе тақсим шуда, машқи худро бетаъхир идома медоданд. Хосияти кори ҳофизон, машшоқон ва актёрон ҳамин аст: қисми зиёди умрашон бо машқу такрор мегузарад. Барои он ки яксоата концерташон ба мардум ҳаловат оварад, ҳафтаҳо, моҳҳо тайёрӣ мебинанд.

Ба шоири қирғиз Сооронбой Ҷусаев наздиқ шуда пурсидам, ки моро ба мошин нишонида куҷо бурданианд?

Сооронбой табассумкунон гуфт:

— Мо байни худ маслиҳат кардем: шуморо аввал ба намоишгоҳи комьёбиҳои хоҷагии халқи Қирғизистон бубарем, ё ба ягон гӯшае рафта, порае аз замини худро нишон диҳем?

— Хӯш, чӣ қарор шуд?

— Агар аз худи шумо мепурсиданд, кадомашро интихоб мекардед?

— Аз ман мепурсиданд, мегуфтам, ки намоишгоҳро дар ҳавои боронӣ ҳам зиёрат кардан мумкин. Аммо дар чунин ҳавои оличаноб беҳтар аст, ки ягон гӯшаи табиатро тамошо кунем.

— Э офарин, қарори мо ҳам ҳамин. Пас рафтем! — гуфт ӯ ва ҳамчун яке аз мутасаддиёни гурӯҳи адибон ба сӯи мошини дар пеш истода шитобид.

Шоири хуби нозукхаёл, рангинбаён, йигити аҷоиби кушодарӯест Сооронбой. Чашм нарасад, худаш аз ман се сол калону чунон менамояд, ки гӯё ҳаф-ҳашт сол ҷавонтар бошад. То тарҷумаи ҳолашро нагӯяд, ба хаёли касе намеояд, ки ӯ соли

1943 дар хаждаҳсолагӣ ба фронт рафта, дар сафҳои дивизияи машҳури гвардияи ба номи генерал Панфилов ҷангидааст. Ду бор сахт ярадор шуда, ба ҳар ҳол зиндаву саломат ба рӯзи ғалаба расидааст.

Аз меҳмон шудани ҳамқаламони тоҷик ҳамаи рафиқони қирғиз ба як андоза шод буданд, вале ин шодию қаноатмандиро яке бештар дар дил парварида, ноаёнтар зоҳир кунад, дигаре худ гӯё ба оинаи равшани эҳсосоти ба ҷӯшомадаи дӯстию рафоқат мубаддал шуда буд. Насрнависи маъруфи қирғиз Шукурбек Бейшеналиев, масалан, аз ҳамин қабили дуввум буд. Аз фуруд омаданамон ба аэропорти Фрунзе ҳанӯз ду соат нагузаштаасту бемуҳобот даҳ бор омада, ошнои деринааш Убайд Раҷаброба канор гирифт ва гаштаву баргашта навозиш мекард ва аз таҳти дил хитоб менамуд:

— Оббо Убайдҷон-е, хуш омадӣ. Хуш омадӣ, дӯстам, нури дида. Чӣ хел нағз шуд, ки боз ҳамдигарро мебинем-а!

Шукурбекро аз ин пеш чандин борҳо дар Москва ё республикаҳои бародарӣ дар анҷуман ё маҷлисҳои адибон дидаам. Намедонам, чӣ навъ шуд, ки бо ӯ ягон бор ҳамсӯҳбат нашудаам. Лекин ду рӯзи аввале ки мо дар шаҳр будем, тамом ба таъсири ин марди хушчақчақи дидадаро афтодам.

— Медонӣ,— нигоҳи навозишкори чашмони дурахшонашро рост ба рӯям дӯхта мегуфт Шукурбек,— даҳ сол шуд, ки ҳикояҳои ману ту ба забони арабӣ дар як китоб чоп шудаанд. Яъне дар мобайни як муқова, яъне ки метавон гуфт дар як хона, зери як бом вуҷуд доранд. Аммо худамон то ҳоло ҳамгап нашудаем. Боз мову ту ҳамсинн... ҳамжанр ҳам гӯем мешавад? Шудан мегирад. Лекин ту андак халппакнамо-а? Боз қаҳрат наояд? Ана характери Убайд дигар хел.

— Ман ҳам ба қадри дӯст ва дӯстӣ мерасам,— худро сафед карданӣ мешудам.

Шукурбек маро ҳам бо навозиш оғӯш кард, баъд мӯи сапсафеди ба чеҳраи кушоди гармаш зебандаро сила карда, дергоҳе нигоҳи кунҷковонаи чашмони пуртабассуми сиёҳашро ба рӯям дӯхт, гӯё фаҳмидан мехост, ки сухани ман то чӣ андоза ҷиддист.

Убайдулло гуфт, ки Шукурбек ғайр аз нависандагиаш дар вазифаи Раиси Ҷамъияти робитаҳои мадании РСС Қирғизистон бо мамлакатҳои хориҷа хизмат мекунад. Ман аз дил гузаронидам, ки ба ин вазифа, ки шуғлаш асосан дили мардумонро ба даст овардан аст, аз Шукурбек муносибтар касеро ёфтан душвор будагист. Агар сифати дилбарӣ барои мард ҷоиз бошад, онро пеш аз ҳама ба Шукурбек Бейшеналиев бояд нисбат дод.

Моро ба дараи Алаарча оварданд.

Қас ин дараро бубинад, бори дигар бовар, мекунад, ки ниёгонамон аснои эҷоди афсонаи биҳишт ба ҳусни гӯшаҳои зебои замин такья кардаанд. «Ҷое буд дар ғояти фараҳафзой... Себарга болои об меғелид ва об рӯи себарга...» — аз кадом як осори насри бостонӣ ба ёдам расид ин ду ҷумла.

Дар замони мо, ки меҳмоннавозӣ бо мафҳумҳои интернационализм ва иттиҳоди халқҳо алоқаманд гашта, маънои назар ба пешина бавусъату амиқтаре касб кардааст, ба кадом республикае наравед, қабл аз ҳама шуморо ба дилкаштарин гӯшаи диёри худ мебаранд. Ба Туркманистон сафар кунед, дӯстонатон Фирӯзаи ба номаш комилан муносиби хушҳавою хушманзарро ҳатман нишон медиҳанд. Ба Озарбойҷон биравед, кӯшиш мекунанд, ё Гёк-гёл (Сабзкӯл)-и овозадорро дар музофоти диёри Низомии Ганҷавӣ ба чашми худ бубинед, ё ба кӯҳистони Қарабоғ сафар кунеду яқин намоед, ки Ӯзеир Ҳоҷибеков ва Булбул Мамедов барин арбобони забардасти савту суруд мебоист дар канори маҳз ҳамин кишвари хушгил ба дунъё омада, ба камол мерасиданд. Ба Ӯзбекистон, Қазоқистон, Арманистон, ба ҳар ҷое наравед, таомул ҳамин. Қасе меҳмони кишвари мо шавад, мо низ риояи ҳамин оин мекунем.

Дар майдони байни арчаҳо, дар қарибии ҷӯи шӯхоби мусаффо фурсате қарор гирифта, беихтиёр дар ҷои истодаамон гирд мегаштем. Намедонистем, ки ба қуллаҳои барфпӯши Алатов назар дӯзем, ё ба қомати мавзуни арчаҳо, ё ба он ки чӣ гуна себарга болои об ғел мезанад.

Сооронбой Ҷусуев «Ба дӯстам, меҳмонам» ном шеъре дорад, ки бо чаҳор мисраи зерин оғоз мешавад:

Ты впервые в гостях у нас, друг дорогой,
Перед собой Ала-Тоо ты видешь впервой.
Знай, по миду немало поездил и я.
Есть и земли получше, да не сущешь такой

Рост гуфтааст.

Дӯстони қирғиз бар рӯи замин палосе ва аз болои он дастархони пурнеъмате густурда, моро зиёфат доданд. Доир ба адабиёт, робитаҳои адабӣ, асарҳои классикии адабиёти қирғизу тоҷик суҳбати диловезе шуд. Қутбӣ Киром, Марианна Петровна, Лоиқ шеърҳо хонданд. Муаллим Икромӣ, Мӯъмин Қаноат суханҳо гуфтанд. Бародарони қирғиз ҳам шеър

---

* Дӯсти азиз, ту нахустин бор меҳмони мо ҳастӣ,
Нахустин бор Алатовро рӯбарӯ мебинӣ.
Бидон, ки ман ҳам сафар кардаву ҷаҳон дидаам,
Кишвари беҳтар кам нест, аммо мисли ин сарзамин
дар ҳеҷ куҷо намеёбӣ.

*(Тарҷумаи таҳтуллафз).*

мехонданд, аз таассуроти сафари худ ба Тоҷикистон ва мутолиаи осори тоҷикон нақлҳо мекарданд.

Бояд гуфт, андак-андак шароб менӯшидем ва сӯҳбат торафт бештар метасфид. Қосагули давра котиби якуми Правленияи Иттифоқи нависандагони Қирғизистон Тендик Аскаров буд. Марди тақрибан чилупанҷсолаи ҳалим ва пуртамкине будааст ӯ. Нисбатан кам, вале баандеша суханронӣ мекард.

Рафиқони қирғиз ҳамроҳи худ суратгири рӯзномаи адабиро оварда буданд, то барои хотира аксҳо бардорад.

Шукурбек аз дастам кашола карда гуфт, ки биё насрнависонро ҷамъ мекунем якҷоя сурат мегиронем.

— Фақат насрнависонро?

— Бале, «фақат». Ба ҳар ҳол таҳкурсию девор ва сутуну боми адабиёт наср аст. Меарзад, ки алоҳида сурат гиронем.

— Ҳай-ҳай, бому таҳкурсӣ, сутуну девор аз мо бошад, ба шоирон чизе намонд-ку?

— Чаро? Боз дар ҳаст, тиреза ҳаст. Воқеан, дудбаро ҳам ҳаст. Ёфт мешавад, ғам нахӯр.

Дар наздикии мо шоире набуд, ки эътироз кунад. Майдонро хилват ёфта, «жанри худамонро» ба осмонҳо мебардоштем.

Ба сари пуштае баромада, ҳамроҳи Сатқин-ака Сасиқбоев, Ҷалол Икромӣ сурат гиронидем.

Қарибиҳои ғуруби офтоб, соате ки қуллаҳои барфини Алатов тобиши заррин пайдо карданд, аз он дараи хушманзар берун омадем.

Дар назди даромадгоҳи меҳмонхона Маҳмудҷон Воҳидов меистод.

— Ӯҳ, ин қадар димоқатон чоқ !Аз куҷо меоед? — пурсид ӯ.

Мо гуфтем.

Кори шумо, нависандаҳо, фақат кайфу сафо будааст-дия?

— Қори шумо, артистҳо, чӣ?

— Рӯзи дароз — репетиция.

— Маҳмудҷон, шумо артисти оддӣ не. Як бор-ду бор репетиция накунед ҳам, намоишатон нағз мегузарад.

— Ака, мана таъриф накунед, хуб медонед, ки таъриф одама вайрон мекунад.

— Ука, шумоя ба таъриф вайрон кардан мушкил, Шумо, шукр, санъаткори асил, йигити устувор.

— Ана боз таъриф карда истодаед. Монед, ака, тинҷ гардем.

— Хайр, набошад, биёед танқид кунам, то ки алам кунаду пешрафтатон пуравҷтар шавад.

— Майлаш. Лекин ман чӣ гуноҳ кардам?

— Худи ҳозир гуфтед, ки «кори шумо, нависандаҳо, фақат кайфу сафо». Аввал ин ки дусоата сайру тамошо ва дилхушӣ

кардани мо ин атои дӯстони қирғизи мост. Сониян, аз меҳнату машаққати нависандагӣ худатон беҳтар аз ҳама огоҳед ва ин меҳнатро бо касбу коратон тақдир мекунед....

Боқимондаи он шабро то вақти хоб ҳамроҳи Маҳмудҷон гузаронидем, то ки кӯфтагии кор аз ӯ дур шавад. Ғайр аз баромадҳои муқаррариаш вай 20, 21 ва 23 сентябрь се намоиши басе масъулиятнок дорад: дар зали филармонияи давлатии Қиргизистон бо моноспектакли (спектакли актёри танҳо) «Гуфтугӯ бо худ» бояд баромад кунад. Спектакли фавқулоддае ки фақат аз ду чиз таркиб ёфтааст: рубоиёти Хайём ва ҳунари шеърхонии Маҳмудҷон, саҳеҳтараш, шеърфаҳмию шеърхонӣ.

Дар рӯзи дигар ҳам дӯстони ҳамқалам ҳамроҳу ҳамдами меҳрубон буданд. Маросимҳои зиёрати ҳайкали ёдгории В. И Ленин, мубориզони барои Ҳокимияти Советӣ дар Қирғизистон, оқини бузург Тохтогул Татилганов ва расми кушоди Рӯзҳои маданияти Тоҷикистон бо тантанаи хоси ин оинҳо ва бо тартиби хеле хуб гузаштанд.

Муаллим Мирзо Турсунзода дар оғози нутқи худ дар маҷлисиботантанаи расми кушоди Рӯзҳо ба аҳли зал ва тамошобинони телевизион мурочиаткунон аз ҷумла гуфтанд, ки ман ҳақ дорам ба шумо бародарон ва хоҳарони азиз гуён хитоб кунам. Зеро мо қирғизону тоҷикон, на фақат халқҳои ҳамсоя ва ҳамтақдир, балки асрҳо инҷониб хешу таборем. Достони Манас, ин шоҳасари бостонӣ ривоят мекунад, ки духтари тоҷик Робиа ҳамсари Манас паҳлавон будааст, лекин дар достон бо номи аслаш не, балки Ханикей (яъне Хоннигоҳ) номбар шудааст. Пас, мо бародарони ҳамхуни бостонӣ ва достонием.

Рӯзҳои минбаъда ин суханҳо дар митингу маҷлисҳои серодами шаҳру деҳоти Талас, Норин, Ӯш ва Иссиққӯл борҳо такрор мешуданд ва ҳар дафъа боиси кафкӯбиҳои шодиёна мегардиданд.

## ЧИНГИЗИ МО

Лашкаркаши муғул Темучини Чингизхон нисфи оламро гирифт. Бо зарби шамшер гирифту ба харобазор, макони зоғу бум мубаддал кард. Ба ҳар кишваре мерафт пешопеши қӯшуни хунҳораш лашкари тарсу ваҳм, ғаму андӯҳ ва мусибат мешитобид. Ва номи ӯ дар таърих Чингизи золим, Чингизи хунхор сабт гардид.

Хушбахтона, ҳамзамони мо Чингизи дигар аст, ки нисфи олам не, балки қалби китобхонҳои ҳамаи оламро фатҳ кардааст. Ин Чингиз Айтматов, нависандаи номии қирғиз аст. Вай ҳам ҷаҳондида ва ҷаҳонгашта аст. Лекин ба ҳар диёре ки сафар накунад, пешопеши вай лашкари сулҳофарини китобҳояш,

фильмҳояш, қиссаҳои дилнишинаш онд ба меҳру муҳаббат, дустию садоқат ва сулҳу амонӣ мешитобанд.

Чингизи фирӯз, Чингизи фотеҳ маҳз ҳамин дӯсти ҳамқалами мо — Чингиз Айтматови қирғиз аст.

Ин суханон ҳам аз муаллим Турсунзодаанд, ки баҳори соли 1976, Рӯзҳои маданияти Қирғизистон дар Тоҷикистон ба шарафи Чингиз Айтматов ва дар ҳузури худи ӯ дар маҷлисгоҳи Университети давлатии Тоҷикистон гуфта буданд. Дар тавсифи хизмати Чингиз Айтматов барои адабиёти қирғиз, адабиёти сермиллати советӣ беҳтар аз ин чизе гуфтан душвор аст.

Рӯзҳои маданияти тоҷик мо низ хурсанд будем, ки ҳамаи ин рӯзҳо — аз аэропорт то аэропорт, яъне аз пешвозгирӣ то гусели тоҷикон — Чингиз Айтматов ҳамроҳи гурӯҳи нависандаҳо буд. Ҳатто 19 сентябрь, бегоҳирӯзие, ки дар як соат ҳам шаби адабӣ мегузашт, ҳам дар калонтарин кинотеатри пойтахти Қирғизистон «Манас» фестивали фильмҳои тоҷик кушода мешуд, Айтматов, Раиси Правленияи Иттифоқи кинематографистони Қирғизистон дар шаби адабӣ иштирок мекард.

Рӯзи дигараш ба мо гуфтанд, ки адибони тоҷик бояд дар телевизиони Қирғизистон баромад кунанд. Аз ҷумла, камина мебоист як-ду дақиқа чизе мегуфтам.

Дар болои норасоиҳои дигар ман боз як хислати нобобе дорам, ки ба ҷое рафта, бадеҳатан ягон чизи ба худам маъқул гуфта наметавонам. Аз рӯи одат ҳатман бояд чизе бигӯям, ки бо ҳаёти шунавандаҳо вобаста бошад. Ва ҳатман сюжетнок, яъне ақаллан то андозае ба очеркак ё ҳикоятча монанд. Барои ҳамин ҳам ба даҳаи адабиёти тоҷик ҳамроҳи рафиқон ба ягон республика биравам, як ё ду рӯзи аввал хомӯш гашта, аз роҳбар барои фаъол набуданам таъна мешунидам ва фақат баъди ҷамъ овардани як миқдор таассурот ва мушоҳидаҳо ба гап даромада мерафтам.

Инак, дар андеша будам ки ба воситаи телевизион чӣ мегуям.

Муъмин Қаноат ба имдодам расид ва гуфт, ки повестьҳои Чингиз Айтматовро ба тоҷикӣ ту тарҷума кардаӣ ва забони тоҷикӣ баъди забони русӣ дуввумин забонест, ки повести машҳури «Ҷамила» нашр шудааст.

Воқеан, рост мегуфт. Айнан ҳамин тавр шуда буд. Он вақтҳо дар журнали «Шарқи Сурх» (ҳоло «Садои Шарқ») кор мекардем ва рӯзе Толис маро ба кабинети худ чеғ зада, ба дастам шумораи нави журнали «Новый мир»-ро дода гуфт:

— Ин ҷо «Ҷамила» ном повесть чоп шудааст. Ҳаминро тарҷума мекардед...

— Майлаш. Лекин кай?

— Ҳар чӣ зудтар, беҳтар, ҳамин ҳафта тайёр шавад, боз хубтар.

— О худатон медонед, Толисҷон, ҳозир аз ҳарвақта серкортарам: ҳам кори журнал, ҳам дигар супоришҳо...

— Хайр, набошад ҳамин рӯз ақаллан як бор хонда бароед.

Ман ҳайрон шудам. Толис ҳеҷ гоҳ касеро ба коре саросема намекард, барои муаллифон, тарҷумонон мӯҳлатҳои тангии телбакунанда таъин намекард.

Ба хона омада, ба хондан сар кардам. Сар кардаму то анҷомаш дигар аз даст монда натавонистам. Акнун фаҳмидам, ки чаро Толис ақаллан хонданашро ҳамин шаб сар кун, гуфта будааст. Ҳамон шаб чанд саҳифаи повесть тарҷума ҳам шуд. Пагоҳӣ ба идора телефон карда, аз Толис пурсидам, ки мумкин бошад, як-ду рӯз аз хона набаромада, тарҷумаро давом диҳам.

— Чанд рӯз ки лозим шавад, бемалол,— гуфт ӯ.— Фақат «Ҷамила»-и тоҷикиро биёред, шуд.

«Ҷамила»-и тоҷикӣ баъди як моҳ дар журнал нашр шуд ва ним соли дигар гузашту нашриёт ҳам онро ба шакли китобчаи алоҳида баровард.

Дар телевизиони қирғиз Муъмин Қаноат, Марианна Фофанова, Гулчеҳра, Убайд Раҷаб ва Қутбӣ Киром дар бораи дӯстӣ, дар бораи Қирғизистон шеърҳо хонданд. Ман аз тарҷумаи тоҷикии асарҳои Чингиз Айтматов нақл кардам. Намедонам нақлам чӣ хел баромад, лекин худи ҳамин далел шоистаи диққат аст, ки осори ҳеҷ кадом нависанда ба тоҷкӣ ин қадар пурра ва ба зуди тарҷумаю нашр нашудааст, чуноне ки повесту ҳикояҳои Чингиз Айтматов дастраси хонандаҳои тоҷик гаштааст.

Лекин ҳамон рӯз ман «ба телевизион баромада, чӣ мегӯям» гуфта, беҳуда ғусса хӯрда будам. Боре дар як баҳси ғалатӣ дар хусуси эҷодиёти Чингиз иштирок карда будам, ки аз ёдам намеравад.

Аз он воқеа ҳоло ҳабдаҳ сол гузаштааст ва қаҳрамони асосии воқеа агар аз ин қайдҳо огоҳ шаваду кирдори худро шиносад, дигар аз ман, эҳтимол, наранҷад, ки ин сирро ошкор кардаам.

Файзулло Ансорӣ ва ман дар курси олии адабии назди Институти ба номи Максим Горький мехондем. Рӯзе аз рӯзҳои тирамоҳи соли 1960 дар танаффуси калони байни лекцияҳо дар роҳрави бинои курс дар гӯшаи тамокукашон рост истода сӯҳбат мекардем. Иттифоқо аз ҳикояю повестьҳои Чингиз Айтматов гап баромад. Он вақтҳо Айтматов чандон машҳур набуд. Лауреати мукофоти Ленинӣ, мукофоти давлатии СССР, депутати Совети Олии СССР, котиби Иттифоқи нависандагони

СССР, академики Академияи фанҳои Қирғизистон, аъзои даҳҳо комитетҳо, комиссияҳо, ҳайатҳои таҳририя шуданаш ҳанӯз дар пеш буд.

Ҳамкурси мо насрнависи украин Борис Харчук, ки ҷӯраи ману Файзулло Ансорӣ буду бештар вақти худро ҳамроҳи мо мегузаронид, ба суҳбат ҳамроҳ шуд:

— Повесту ҳикояҳояш кори калон! — гуфт Борис.— Бисьёр бақувват.

— Рости гап, ман ҳоло фақат «Ҷамила»-ро хондаам,— гуфт Ансорӣ.— Асари хуб ҳамин қадар мешавад.

Тошпӯлод Ҳамид, шоири бухорӣ ҳам «Ҷамила»-ро таъриф кард. Ногоҳ як рафиқи ҳамкурсамон, ки ӯро дар ин ҷо шартан рафиқ Мункир меномам ва ӯ ҳам аз яке аз республикаҳои Осиёи Миёна ба хондан омада буд, бо ҳарорат гуфт, ки ҳамаатон муболиға мекунед, ҳатто нодуруст мегӯед. Дар «Ҷамила» аз реализм осоре нест, гуфт. Дигар асарҳои Айтматов низ ҳамагӣ сусту мустанд.

Он вақтҳо ҷавонтар будам ва даъвои нодурустро шунавам, худро даст гирифта натавониста, якбора оташин мешудам.

— Гапата дониста зан! — фарьёд задам ман дар ҳолате ки ба танам ларза афтода буд.— Куҷои асарҳои ӯ суст? Ту, охир, одами босавод-ку, далелу мисол биёр.

Рафиқ Мункир ба гап даромада рафту оид ба зарурати инъикоси урфу одатҳои миллӣ дар адабиёти миллӣ, хусусиятҳои хоси адабиёти миллӣ дурудароз ва парешон сухан кард.

Ман, ки «Ҷамила»-ро ба қарибӣ тарҷума карда будам, образҳои Дониёр, Ҷамила, даравгардухтарони қирғиз, манзараҳои ғаллазору кӯҳсори Талас ҳанӯз пеши назарам буданд. Овози муассири Сеид, ин кӯдаки ошиқ гӯё ҳанӯз дар гӯшҳоям садо медоданд.

Боз худро нигоҳ дошта натавониста ва чӣ гуфтанамро надониста Мункирро дашном додам. Ӯ дар ҷавоб маро аз он сахттар дашном дод. Ғавғои моро шунида, ҳамкурсонамон насрнавис Евгений Носов ва сардори курс шоир Владимир Туркин ба гӯшаи пурдуди мо омаданд ва пурсиданд:

— Ин чӣ хел мунозираи адабист, ки тарафайн қариб дастбагиребон шудаанд?

Мазмуни баҳсро ба онҳо шарҳ додем.

— Наход? Мункир мегӯяд, ки Чингиз нависанда нест? — пурсид Носов муғамбирона хандида. Вай гӯш андохтанро ба мубоҳисаҳои аз ҳад зиёд ҳароратноки фарзандони Қавказ ва Осиёи Миёна дӯст медошт ва аз ин кор ҳаловат мебурд.— Хайр, Чингиз нависанда набошад, кӣ нависанда? — боз пурсид Носов.

— Мункир нависанда! — истеҳзоомез гуфт Ансорӣ.

— Ман ба ин шубҳа дорам,— гуфт боз яке.

Инро шунида, Мункир бонг зад:

— Номаъқул кардед. Ман нависанда, ана агар кӯр набошед, бинед! — гӯён аз кисааш билети аъзои Иттифоқи нависандагони СССР-ро баровард.

Аз куҷое дар сари ман нақшае пайдо шуду гӯё ба ҳақиқӣ будани он ҳуҷҷат шубҳа дошта бошам, «канӣ, канӣ?» гуфта наздиктар рафтам ва билети аъзогии Мункирро чанг зада гирифта, ба кисаам андохтам.

— Тамом, масъала ҳал! — хитоб кард Борис Харчук,— аз ҳамин дақиқа ту дигар нависанда не.

— Нағз кардед,— тарафдорӣ кард маро Ансорӣ,— дигар надиҳед. Адабаша хӯрад ин бедаҳан!

Ба хобгоҳамон ҳама якҷоя троллейбуссавор бармегаштем. Мункир тамоми роҳ ба ман мечаққид, ки билетамро бидеҳ, ҳазлу шӯхӣ ҳам эбаш-катӣ. Ман мегуфтам, ки ин ҳазл нест, агар аз шарманда шудан натарсад, ба ҳар кӣ хоҳад, рафта арз кунад, билеташро намедиҳам.

Аз воқеа шунавандагони курси дуввум огоҳ шуда, бо завк механдиданд, кирдори моро тақвият медоданд. Шунавандаи курси дуввум мунаққид ва насрнависи туркман Қақалӣ Бердиев бошад, гуфт:

— Шукр кун, Мункир: бахтат тофтааст. Ба ҷои инҳо ман мешудам, ҳам билетро мегирифтам, ҳам як тарсакӣ мефаровардам. Ҳа?! Чӣ? Китобҳои нағзи як нависандая ба рӯяш хати ботил кашидан гуноҳи андак аст?

Мункир ба қаду қоматн паҳлавононаи Қақалӣ Бердиев, ки аз пайкари одами қаторӣ баҳузур ду баробар меомад, бо ҳавотир чашм давонда, хомӯш шуд.

Ҳамон шаб Мункир то қарибиҳои саҳар дари хонаи маро тақ-тақ зада, аз ҷонам безор кард, аммо накушодам, садое набаровардам.

Саҳарӣ дар троллейбус мунозира аз нав оғоз шуд.

— Хайр, бачаҳо, шӯхӣ кардед, шуд, бас. Шакара камаш ширин. Ман ҳам савганд ёд мекунам, ки бо шумо барин профессорҳо дигар баҳсу мунозира накунам.

Не, гуфтем мо. Билетатро пас гирифтанӣ бошӣ, шарти моро ба ҷо меорӣ.

— Боз чӣ хел шарт?

— Шарт ин ки дар беҳтарин ресторани Москва ҳамаи шоҳидони ин баҳсро зиёфат медиҳӣ ва тантанавор тавба мекунӣ!

— Дар ресторани «Украина»! — лукма дод Борис Харчук.

— Чаро «Украина»? «Боку» ҳам ресторани соз, ба институт ҳам наздик,— гӯё мулоим шуда гуфт Мункир.

— Не, залҳои «Украина» калонтар, боҳашаматтар. Сонӣ, шабона он ҷо ҳофизони зӯр месароянд.

— Ман барои зиёфат дар ресторани боҳашамати ҳофиздор пули беҳисоб надорам.

— «Бепул суханат асар надорад, холе ки ту дорӣ, саг надорад»,— замзама кард Ансорӣ ва сонӣ ин байтро ба русӣ тарҷума намуд.

— Билетро диҳед, сонитар зиёфат мекунам.

— Хобатро ба об гӯй. Ҳо, ана автобуси рақами бисту чор, савор шав, туро ба соҳили Яуза, ба пеши об мебарад.

Шаби дигар ҳам Мункир дари маро кӯфта хеле гаранг кард. Аз кори кардаам тадриҷан пушаймон мешудам: охир дар ин вазъият на худи Мункир дарс тайёр карда ё бо нависонависи худ машғул шуда метавонад, на маро мемонад, ки аз паи корам шавам.

Саҳарӣ ба Файзулло Ансорӣ аз кирдори Мункир нақл кардам.

— Билетро ба ман диҳед, осиё ба навбаташ,— гуфт ӯ ва дар троллейбус ба Мункир эълон кард, ки ба Муҳаммадиев начақ, билетат дар дасти ман аст.

Шабона ба роҳрав баромадам, ки Мункир дар пеши дари бастаи хонаи Ансорӣ истода, тавалло мекунад:

— Барака ёвед, бас кунед акнун. Имрӯз ба Хонаи Марказии Адибон (ЦДЛ) рафтам, даромаданӣ намонданд.

Ба ЦДЛ фақат аъзоёни Иттифоқи нависандагонро аз рӯи ҳуҷҷаташон мемонанд. Дар он ҷо фильмҳои сара нишон медиҳанд. Мулоқоти аҷиб мешавад. Аз буфетҳои ЦДЛ чизҳои даркориамонро (хусусан сигорҳои нағз) мехаридем. ЦДЛ китобхонаи бое дорад, ки бе кӯмаки он таҳсили шунавандаҳои курс мушкил мегардид.

Ду рӯз нагузашта Файзулло Ансорӣ ҳам аз даркӯбиҳо ва чақиданҳои бефосилаи Мункир безор шуд.

— Биёед,— гуфт ӯ,— билетро ба дасти Қақалӣ месупорем. Мункир аз тарсаша ба вай наздик намешавад.

Мункир анкун бевосита ба мо начақида, шиносони худ — баъзе хизматчиён, ҳатто муаллимони институтро миёнарав сохта, ба назди мо мефиристод.

— Бечорая азоб надиҳед,— мегуфт яке аз миёнаравҳо.— Дар баҳсу мунозира аз саҳву хато ё ифрот гузир нест. Ғайр аз ин масъалаи завқ ҳам аҳамият дорад. Чӣ илоҷ, як асар ба як кас маъқул, ба каси дигар начандон. Завқи инсон ҳар тариқа мешавад, қоида.

— Рост,— мегуфтем мо.— Лекин нависанда — аъзои Иттифоқи ягона бояд ақаллан андаке завқи солим дошта бошад. Воқеан, ин аз шартҳои аъзогист.

— Не, ман ихтилофи завқро дар назар дорам,— исрор мекард миёнарави Мункир.— Масалан, Лев Николаевич Толстой чӣ андоза марди хирадманд, баисоф буд, чӣ санъаткори беназир буд, аммо пьесаҳои бузургтарини драматургон Вильям Шекспирро хуш намекард. Ба русӣ мақоле ҳаст, ки «На вкус и цвет товарища нет».

— Хайр, агар шумо тасдиқ кунед, ки Мункири мо ва Лев Толстойро дар як қатор монда, ҳусну қубҳи онҳоро муқоиса кардан ҷоиз аст, мо билеташро бо ду дасти адаб бурда месупорем.

Миёнарав ба сукут рафт.

— Шумо ҳамин фикрро тасдиқ мекунед? — боз пурсидем.

— Э монед-е, ташвиши худам ба худам кифоя,— гуфт миёнарав ва даст афшонида аз мо дур шуд.

Вақте ки аз ин гуфтушунидҳо ба Қақалӣ Бердиев хабар додем, ӯ гуфт:

— Суст наоед. Асло аз гапатон нагардед. Медонед, барои чӣ ман шуморо тарафдорӣ мекунам? Ба Мункир барин зотҳо гап таъсир надорад. Уро ҷазо додан даркор. Ба пул хароҷот кардан маҷбур сохтани ин қабил одамон сахттарин ҷазо аст. Ҳа, ҳа, одамоне ҳастанд, ки агар пурсед: сад сӯма ҷарима медиҳӣ ё як сол кӯча мерӯбӣ? — ҷавоб медиҳанд, ки беҳтараш як умр кӯча мерӯбам. Мункиратон аз ҳамин тоифа. Зиёфаташ сараша хӯрад, ман зор не, шумо ҳам гушна намондаед, лекин ин даҳонбефаровеза як боб кардан даркор.

Мункир ҳамчунон ба шарти мо розӣ намешуд. Аз дур истода ба Қақалӣ мегуфт, ки билетама те.

— Намедиҳам,— мегуфт ӯ оромона.

— О шумо инсоф доред ё не? Ман бебилет чӣ хел зиндагӣ кунам — мепурсид Мункир.

— Ба пеши рафиқ Марков бирав, наваша медиҳад.

— Намедиҳад.

— Гум кардам гӯй, медиҳад.

— Выговор кати билет ҳам медиҳад.

— Даркор не ба ман билети выговордор.

— Набошад, бигӯ, ки ман ҳамчун нависанда хеле пеш рафтаам, ҳоло адабиётшиноси зӯр ҳам шудаам. Меарзад, ки боз якта билет диҳед.

Мункир дигар чизе нагуфт.

Аммо аз воқеа роҳбарони институт огоҳ шуданд. Ин гап ба гуши аъзоёни бюрои партиявӣ ҳам расидааст. Борис Харчук, ки котиби ташкилоти ибтидоии партиявии курси якум буд, дар ин хусус ба мо хабар расонид ва илова кард:

— Шояд бас кунем, а? Монед ҳамона ба ҳолаш, зиёфаташ аз сараш монад.

— Гап дар сари зиёфат не. Худат-ку нағз медонӣ,— гуфт Файзулло Ансорӣ.

— Парво накунед,— гуфт Қақалӣ.— Билет дар кисаи ман. Гап заданд, ба ман гап мезананд. Ҷеғ зананд, мана ҷеғ мезананд. Ман рӯирост мегӯям, ки ин масъалаи минтақавии мо, осиёимиёнагиҳо. Муаллифи «Ҷамила» аз Осиёи Миёна, Мункир ҳам аз Осиёи Миёна, ҳамаи иштироккунандаҳои баҳс ҳам. Мо ҳақ дорем як масъалаи байни худамонро худамон ҳал кунем, ё не?

— Э як гапҳо мегуӣ, ки... «Осиёи Миёна», «Осиёи Миёна»,— ранҷидахотирона эътироз кард Борис.— Чӣ фарқ дорад: Осиёи Миёна ё Осиёи боло ё поён?..

— Хайр бас, сарам гиҷ шуд. Зор монад билети касофаташ! — гуфт Бердиев.— Беҳуда нагуфтаанд, ки мол ба молдор намонад, ҳаром бувад.

...Яке аз рӯзҳои аввали соли нави 1961 Мункир Ансорӣ, Харчук, Қақалӣ ва маро ба ресторане бурда зиёфат дод. Қабл аз ҳама — мувофиқи шарти мо — гардани хорхорон аз ҷой хеста, узр хост, ки хато кардааст, дар ҳаққи як нависанда носазо гуфта, кори номақбул кардааст.

Лекин баъди ду қадаҳ нӯшидан сархуш шуду диккӣ аз ҷояш бархост ва гуфт, ки мехоҳад ба саломатии Чингиз Айтматов нӯшбоде гӯяд.

— Не! — хитоб кард Харчук.— Ин гуна нӯшбод ҳозир гуфта мешавад. Аммо намемонем, ки онро ту бигӯӣ.

— Рост! — гуфт Қақалӣ Бердиев ва дасти баҳодуронаи худро ёзонида, Мункирро нармакак ба курсиаш нишонида монд.

Боз як чизро илова кунам, ки низ ба Чингизи мо робита дорад.

Дар сӯҳбате ки Иттифоқи нависандаҳои Қирғизистон баъди шаби адабӣ биёрост, пас аз Тендик Аскаров ва Чингиз Айтматов муаллим Икромӣ аз ҷой бархоста, қадаҳ гуфтанд. Таклиф карданд, ки ба шарафи Аълоҳазрати наср, ки имрӯз пояи адабиёт аст, бинӯшем. Оре, айнан ҳамин тавр «Аълоҳазрати наср» гуфтанд.

Одатан ин гуна нӯшбод нидоҳои пичингомези шоиронро ба вуҷуд меоварад. Дар он маҷлис ҳам як-ду нафар мубоҳиса кушоданӣ шуданд. Аммо дар ҳузури Чингиз ба унвони наср чизе гуфтан осон набуд.

### ДАСТАФШОН ҒАЗАЛ ХОНЕМ...

Иштироккунандаҳои Рӯзҳои маданиятро ба чаҳор гурӯҳ тақсим карданд. Ансамбльҳои «Лола», «Гулшан», рубобчидухтарон, ҳофизону раққосони театри Ленинобод, дастаҳои мутрибони Ҷӯрабек Муродов ва Зафар Нозимов ба вилоятҳои Ӯш,

Норин, Иссиққӯл ва районҳои атрофи пойтахт мераванд. Гурӯҳи опера ва балетамон дар шаҳри Фрунзе мемонад. Маҳмудҷон Воҳидов низ.

Ба сафари гурӯҳҳо фақат чанд соат монда буд, вале ман намедонистам, ки ба кадом вилоят хоҳам рафт. На аз он сабаб, ки ин сирри махфӣ бошад, балки аз он ҷиҳат ки худ ба худ аҳд карда будам: ҳар чӣ пеш ояд, хуш ояд. Чанд сол қабл аз ин, дар кадом як даҳаи адабиёт ва санъат гурӯҳ интихоб карда, пушаймон шуда будам. Баъди баргаштан аз сафар нақли рафиқони худро, ки бо дигар гурӯҳҳо рафта буданд, шунида ва бо таассуроти худ муқоиса карда, ба хулосае омада будам, ки ҳамроҳи онон мерафтам, беҳтар мешуд..,

Гурӯҳи мо ба вилояти Норин мерафтааст. Сардорамон мудири шуъбаи маданияти КМ Партияи Коммунистии Қирғизистон Ҷамъагул апа Нусупова. Ин касро ҳанӯз аз Душанбе мешиносам, ки ба Рӯзҳои маданияти қирғиз рафта буданд. Зани оқила, бағайрат ва ситорагарм. Одатан қирғизону тоҷикон бо тарҳи рӯй аз ҳамдигар фарқ мекунанд ва дарҳол шинохта мешаванд. Аммо Ҷумъагул апа чӣ бо андому чӣ бо тарзи рафтор ва гуфтор ба Низорамоҳ Зарифоваи мо шабоҳат доранд ва агар дам ба дам ба ёрдамчиёни худ бо забони модарӣ гап зада, супоришот доданашонро намешунидем, аз эҳтимол дур набуд, ки қирғиззан буданашонро фаромӯш карда, ба тоҷикӣ муроҷиат кунем.

Шаби кушода шудани қисми адабии Рӯзҳо камина нутқамро хотима дода ва худро озод ҳис карда, ба хонаи паҳлуи саҳнаи театр гузаштам, ки ҷуръае об нӯшида, гупгупи диламро пасанда кунам. Ҷумъагул апа низ бо коре берун баромада буданду аз он хона мегузаштанд. Аз роҳ бозистода, аз ман пурсиданд, ки оё дар ташкилотҳои партиявӣ кор кардаам? Ҳайрон шуда гуфтам, ки не, кор накардаам. Дар ин соҳа аз вазифаи аъзои бюрои ташкилоти ибтидоии партиявӣ болотар рафта натавонистаам. Рост, дар матбуоти партиявӣ солҳои бисьёре кор кардаам. Ходими матбуоти партиявиро баъзан коркуни партиявӣ ҳисоб мекунанд.

Ҷумъагул апа ҷавоби дурударози маро бо табассуми илтифотомез гӯш карда истоданду гуфтанд:

— Нақлатон дар мавзӯи дӯстии халқҳо нақли ходими партиявӣ барин буд.

Инро гуфтанду аз паи корашон рафтанд ва ман фақат баъди муддате пай бурдам, ки ин кас нутқи маро таъриф кардаанд. «Эҳ Ҷумъагул апа, хоҳари азиз, гуфтам дар дил оҳи сабук кашида, одами аҷоиб будаед шумо. Аз рӯирост таъриф кардани адибон чаро истиҳола мекунед? Вай рафиқи ман Маҳмудҷон Воҳидов аст, ки бо таърифу тавсиф ҳар касро куштан

мумкин, гуфта хаёл мекунад. Муболиға мекунад Маҳмудҷон, хато мекунад...».

Сардори дигарамон мудири шуъбаи маданияти ҚМ Партияи Коммунисти Тоҷикистон рафиқ Х. Ш. Шарифов. Холмурод Шарифович ғайр аз ходими давлатӣ буданашон ҳамчун олими файласуф ҳам маъруфанд, ки дар масъалаи мураккаби ин соҳаи илм — —шахсият ва рушди он дар шароити социализм рисолаҳо навиштаанд ва тадқиқи ин проблемаро давом медиҳанд. Лекин дар сари кор одами серталаб, ҳатто як андоза сахтгиранд ва азбаски меҳмонӣ ва меҳмондорӣ бе суҳбату майгусорӣ намешавад, дар ҳузури ин гуна сардор ҳамеша бояд ҳушьёр буд. Бо вуҷуди он аз андешаи андаке ваҳмолудае ки мардум ҳамеша ба роҳбаронашон доранд, камина озодам, зеро бо Холмурод Шарифович аз овони корубор дар ташкилоти комсомолӣ шиносем, даҳ соли охир ҳамсояи наздикем, дар ҳашарҳои рӯи ҳавлии умумиамон борҳо паҳлуи ҳам белу каланд задаем, нону ҷурғот хӯрдаем, шоҳмот бозӣ кардаем ва агар хоксориро як сӯ гузорем, эътироф метавон кард, ки дар ин бозӣ дар зарфи солҳо бандаи ганда як-ду хол бештар ба даст овардаам.

Ба мошинҳо савор шуда, роҳи вилояти Норинро пеш гирифтем. Аз водии Чу гузашта, ба кӯҳистони Тиёншон меравем, ба он ҷое ки наҳри бузурги Осиёи Миёна — Сирдарьё ибтидо меёбад. Дар гурӯҳи мо президенти Академияи фанҳои Қирғизистон Қурмангалӣ Қаракеев, президенти Академияи худамон Муҳаммад Осимӣ, Раиси Комитети давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба кинематография Шодӣ Саидов, Раиси Комитети давлатии Совети Вазирони Қирғизистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоби Қирғизистон Анаш Абакиров, раиси ҳамин гуна комитети республикаи мо Сайфулло Пулодов, котиби якуми Иттифоқи бастакорони Тоҷикистон Шарофиддин Сайфиддинов, рассоми Халқии Тоҷикистон Зулфия Баҳриддинова, режиссёри студияи телевизиони мо Шодибек Ҳотамбеков, аз нависандагони ҳар ду кишвар Гулчеҳра Сулаймонова, Тендик Аскаров, Лоиқ Шералӣ ва нигорандаи ин сатрҳо.

Тендик Аскаров ману Лоиқро ба мошини худ гирифт.

Манзараҳои атрофро бо завқ тамошо мекунем. Онҳо гӯё ба забони ҳол мегӯянд, ки мо дар республикаи худ гаштаем: ҳамон гуна талу теппаҳо, наҳру чашмаҳо, ҳамон гуна водиҳои назаррабо, ки рафта-рафта ба домани кӯҳҳо мерасанд. Фақат ҳамин қадар тафовут, ки ин ҷо ҳаво серунтар, иқлим сербориштар аст ва долу дарахт сабзтар менамояд, умуман растаниҳо таровати худро то ба ин рӯзҳои тирамоҳӣ бештар нигоҳ доштаанд.

Дар боло қайд шуд, ки Тендик Аскаров марди камсухан аст. Ҳоло ба худ фикр мекунам, ки кам сухан гуфтанаш на фақат аз табиати худаш, балки инчунин аз тақозои касбаш бояд бошад, ки мунаққид аст. Бамулоҳиза сухан гуфтан шарти одоб аст ва барои ҳама ҳатмист. Вале ин шарт дар табиати мунаққид бо мурури замон ба одати устувор табдил меёбад. Хосияти ҳунараш ҳамин аст: тадқиқ, таҳқиқ, таҳлил ва танқид, яъне сараро аз носара ҷудо кардан. Танқид касб бошад, махсусан ҳушьёр бояд шуд, аз афти кор. Зор монад нафс, танқид ба касе намефорад. Худам танқид шунидаам, медонам. Танқид кунанд, меранҷем. Ҳатто таъриф кунанд ҳам, чунин менамояд, ки ба қадри кофӣ тавсиф накардаанд. Боз фалону бисмадон ҷиҳатҳои хуби асарро қайд кардан мумкин буд, ҳатто зарур буд...

Баъзе рафиқон ба аҳли танқид аҷаб беғамона менигаранд. Чанд бор шунидаам, ки беэътино гуфтаанд: адибе ки шеър ё наср навишта натавонист, мунаққид мешавад. Ҳукми ғалат, дурӯғи фиребандаи ростмонанд. Аз нашриёти «Ирфон» ба ман чандин маротиба супориш доданд, ки ба китоби Толис, ба маҷмӯаи ҳикоёти Бурҳон Ғанӣ, Баҳодур Файзулло, Бобо Насриддинов ва дигарон сарсухан нависам. Ин супоришро ақаллан боре ҳалолу покиза ба ҷо оварда натавонистам. Сурсухан бояд хусусияти хоси эҷоди адибро ба хонанда кушода диҳад, ба ӯ он чизеро нишон диҳад, ки бе кӯмаки ӯ пай намебарад, ҳатто худи муаллиф ҳам аз он нуктаҳо гоҳо бехабар аст. Ба китоби Толис сарсухан менависам, гуфта, як моҳи дароз зӯр задам, охир ҳам нашуд. Аз ёддоштҳоям порчае навиштам, як чизи очеркмонанде баромад, ки вазифаи пешгуфторро адо карда наметавонад.

Тендик Аскаров роҳбари ташкилоти нависандаҳои Қирғизистон аст. Чандон мӯл иттифоқ намеафтад. ки мунаққид ба чунин вазифа интихоб ғардад. Пас, ҷомеи хислат ва фазилаташ ӯро сазовори эътимоди умум кардааст.

Вай ба мо аз таърихи мавзеъҳои сари роҳ накл мекунад, ё ягон ҷиҳати ғалатии хислат ё машғулоти сокинони онҳоро гуфта медиҳад. Чунончи, аввалин гурӯҳи казакҳои аз тарафи хукумати подшоҳӣ бадарғашудаи рус ана ин ҷо манзил гирифтаанд. Роҳи оҳане ки аз шуҳри Фрунзе то ба канори Иссиққӯл тӯл мекашад ва мо муддате аз паҳлуи чапи он ҳаракат мекунем, дар солҳои сахти ҷанг сохта шудааст. Тендик дар бораи меҳнати тоқатгудози занон, пирамардон ва писарону духтарони он айём бо эҳтиром ҳикоят мекунад ва ҳангоме ки аз эҳсосоти ватанпарваронаи онҳо гап мезанад, аз наклаш оҳанги ифтихоромез садо медиҳад.

Мошинҳои саворин мо турнақатор шуда, бо суръати тамом

метозанд. Пешопеши қофила — автомобили ГАИ. Чароғаки сабзи ӯро аз дур дида, ронандаҳои дигар ба корвони меҳмонон роҳ медиҳанд.

Лоиқ ба сӯҳбат гоҳ-гоҳе ҳамроҳ мешавад, бештар бо тамошои мазараҳои атроф машғул аст. Вай аслан басо хушсуҳбат аст, хусусан агар мавзӯи сӯҳбат шеър бошад. Ашъори сараро он қадар аз ёд медонад ва хуб ҳам мехонад, ки кас мафтун мегардад. Боре бо сардории муаллим Раҳим Ҷалил ба районҳои вилояти Ленинобод сафар карда будем. Аз Ленинобод то Ашт, ки шитоб накарда ва дар ҳар ҷо дам гирифта-дам гирифта мерафтем, Лоиқ бо хоҳиши муаллим рубоӣ мехонд. Бештар рубоиҳои Хайём ва дубайтиҳои халқӣ. Бе муболиға, як рӯзи дароз рубоӣ хонд ва чунин менамуд, ки ҳанӯз чаҳоряки захираашро сарф накардааст. Муаллим ба шавқ омада, таҳсинаш мегуфтанд ва талаб мекарданд, ки боз хонад.

Шеър хонда, онро дарҳол ба русӣ тарҷума кардан барои ӯ гарон аст, албатта. Бинобар ин худдорӣ мекунад.

Дар сарҳадди вилояти Норин моро намояндаҳои вилоят ва наздиктарин ноҳияи он — районн Кӯчкор пешвоз гирифтанд. Бо нону намак, гулу гулдаста, рақсу суруд пешвоз гирифтанд. Дар остонаи хонаи қирғиз баробари нону намак чашидан миқдоре қимиз ошомидан шарт аст. Ин шарти басе гуворою олиҷанобро бо ҷону дил ба ҷо меоварем, зеро медонем, ки қимизро аз шири асп тайёр мекунанд. Қимиз нӯшокии баҳодурони афсонавӣ ва имрӯзаи қирғиз. Дармони беминнат, офаридаи табиати хирадманд ва дастони саховатманди бародарону хоҳарони меҳрубон.

Аҷабо, дар миёни анбӯҳи пешвозгирандагон симоҳои шиносе менамоянд. Э, охир инҳо рафиқони ҳамсафари худамонку: Орифшоҳи Ориф, Муқаддас Набиева, Раҳима Шалоэр, Тоҷиддин Муҳиддинов, созандагони ансамбли «Гулшан». Онҳо пештар омадаанд ва аллакай бо мардуми Кӯчкор чанд маротиба вохӯрда ва дар кинотеатри «Чолпон» концерт ҳам намоиш дода, як шабонарӯз инҷониб норинӣ шуда гаштаанд. Ба замми ин либоси эстрадии худро дар куҷое монда, кулоҳҳо, ҷомаҳои қирғизӣ дарбар кардаанд. Боз дар болои ин андоми Раҳима ҳар киро хоҳед, ба иштибоҳ меандозад: вай худ қирғиздухтар аст, дар пойтахти Қирғизистон таваллуд ёфтааст, аммо дар пойтахти Тоҷикистон тарбия ёфта, соҳиби ҳунар шудааст ва кайҳо инҷониб ҳофизи хушхони ансамбли «Гулшан» аст.

Мутрибони қирғизу тоҷик бо навбат навоҳои шӯх менавозанд. Ҳама ба рақс медароянд: хурду калон, пиру ҷавон, марду зан, қирғизу тоҷик, академику талаба, вазиру чӯпон, нависандаю хонанда, ҳама, ҳама, ҳама! Вале аз рақси умум дида,

ҳушу ёди ман ба ҳунарнамоии мусиқинавозон бештар банд. Як даста ҷавонони қирғиз бо қомузу таблаку гармонь гуё ин дашти бепоёнро аз навоҳои рӯҳбахш лабрезу саршор кардаанд.

Қирғизҳо як савтро навохта, ба охир мерасонанду тоҷикон ба нағмапардозӣ медароянд. Асбобҳои «Гулшан» аксаран саҳнабобанд, яъне ки фақат ба василаи микрофону динамикҳо баланду форам садо медиҳанд. Аммо ҳамон чанд асбоби сабуки эстрадӣ — сурнаю дойраву карнаю аккордеоне ки ба ин саҳро овардаанд, шӯре афканда буд, ки тасвираш маҳол аст.

Ногоҳ чанде аз мизбонон ба такудав афтоданд, аз куҷое намади нақшин оварда, ба суфаи зери лавҳаи азими бетоние густурданд, ки бо ҳарфҳои ба қади одам баробар: «Хуш омадед, ба вилояти Норин!» навишта шуда буд. Се қомузнавоз — ду ҷавонмард ва дар мобайни онҳо зани миёнсоли ситорагарме рӯи палос нишаста, ба навохтан сар карданд.

Ҳаво офтобӣ буд. Ҳама хушҳол. Ҳалқаи гирди қомузнавозон дақиқа ба дақиқа тангтар мешуд.

Шунидани савти қомуз, аз радио бошад ҳам, пештар насиб гашта буд. Аммо сад бор ҳақ аст он ки гуфтааст: шунидан кай бувад монанди дидан! Ёд дорам, ки аввал ба ҳаракати зарифу чобуки панҷаи мутрибон бо тамоми диққат нигоҳ мекардам, сонитар нафаҳмида мондаам, ки навои қомуз ҳуши маро ба ким-куҷоҳо бурдааст, зеро вай гоҳо таронаи латифи духтараки нигарони ёрро шабоҳат пайдо мекард, баъзан сайри сабуки боди озоди саҳроиро ва ногаҳон чунон шиддат мегирифт, ки гуё садои суми ҳазорон аспи лашкари савора аз дуродур ба гӯш мерасид. Ва боз ба суруди дилошӯби ошиқи зор табдил меёфт.

Чанд километр пештар аз маркази Қӯчқор қатори мошинҳои моро дастаи тақрибан чилнафараи йигитҳои савора истиқбол гирифтанд. Онҳо ба ду гурӯҳ тақсим шуда, бо дастафшонӣ ва нидоҳои баланд меҳмононро табрик гуфта, аз ду тарафи қофилаи мошинҳо асп тохтанд. Манзараи аҷибе буд асптозии йигитҳо ва аз пойгаи ҳақиқӣ тафовуте надошт. Баъди муддате аспҳои зӯру бидав муайян шуданд ва аз сари қаторҳо устувор ҷой гирифтанд. Аз тарафи рост, баробари мошини мо саманди йӯрғае медавид. Ҳам дар қаду қомат, ҳам дар рангу рафтор айнан ҳамон хеле буд, ки Чингиз дар қиссааш бо номи Гулсарӣ тасвир кардааст. На чандон азимҷусса, аммо чобук, қавипайкар. Аспони дигар барин ҷастухез надорад, ба намуд оддию хоксор, гарди каноран кӯчаро ба осмон бардошта, тӯфаланг намекунад, садои сумаш гӯшхарош нест, суръаташ ба чашм ноаён, вале хушрӯй, бонизом гаштанаш дарҳол ба назар мерасад.

Овони ҷавонӣ, солҳое ки дар колхоз табельчӣ будам, хеле

аспсаворӣ кардаам. Чанд бор ба аспи йўрға савор шудан ҳам насибам гаштааст. Савории йўрғаи асил кайфияте дорад, ки ҳамаи умр фаромўш намешавад. Рафтори йўрғаи хушзот он қадар ҳамвору нарму сабук аст, ки косаи пури обро қатрае нарезонида, аз манзил бар манзиле метавон расонид.

Тендик Аскаров ҳам рўй ба тирезаи мошин ҷафс намуда, аз саманди йўрға чашм намеканд. Лоиқ савораҳо ва аспҳои он тарафи кўчаро бо нидоҳои ваҷдомез таъриф мекард.

— Ҳоло шумо ҳам аспсаворӣ мекунед,— гуфт Тендик.— Аниқ намедонам, дар ин ҷо ё дар Тиёншон, аммо саворӣ мекунед. Расму қоида ҳамин,— илова намуд ў ва пас аз фурсате пурсид: — Аз ин пеш асп савор шудаед?

— Э, Тендик Аскарович, ҳамаи ҷавониам бо аспто́зӣ гузаштааст! — хитоб кардам ва дарҳол аз муҳоботи худ, ки зодаи ин муҳити шавқангези пойгаи аҷиб буд, пушаймон шудам. Ва барои он ки мизбон «мардаки лофӣ будааст» нагўяд, илова кардам:

— Лекин аз он айём зиёда аз сӣ сол гузаштааст. Ғайр аз ин боз як нуктаи дигар ҳаст. Даҳаи якуми адабиёти тоҷик дар Қирғизистон кай буд? Тахмин чордаҳ сол пеш аз ин. Як рафиқи ман, як шоири тоҷик дар ана ҳамон даҳа дар кадом гўшаи Талас савори асп хунарнамоӣ мекунам, гуфта, афтода лат хўрда буд.

Тендик хандиду ваъда дод, ки вақту соаташ расад, ба ман барои ёфта гирифтани аспи йўрға кўмак хоҳад кард.

Дар кўчаҳои маркази Қўчқор, чунон ки дар урфият мегўянд, замин кафида, одам баромада буд. Аз бачаҳои мактабхон то оксақолон дар ду тарафи кучаҳо шиорҳои табрикӣ, гулдаста ва байрақчаҳои миллӣ дар даст саф ороста, бародарони тоҷикро таҳният мегуфтанд. Хусусан бачаҳо шодмонии худро бо самимияту ҷўшу хурўши хоси ин синнусол изҳор медоштанд. Ҳамин ки қатори мошинҳо ба миёни издиҳоми мактабиён мерасид «Зинда бод дўстии халқҳо! Ура!» гўён чунон наъра мекашиданд, ки овозашон дигар ҳамаи садоҳои мавҷударо пахш мекард. Ман гоҳ ба дигарон тақлид карда, дастамро аз тирезаи мошин бароварда меафшонидам. Гоҳе худ аз кори худ хиҷолат мекашидам. Худи ман кистам, ки аз даруни мошин истода, ба фавҷи мардум гўё илтифотомез дастафшонӣ кунам?— мегуфтам дар дилам. Ин кор ба одамони бузурги олам, аз қабили сарварони давлатҳо, қавмҳо ё ақаллан ба кайҳоннавардон, қаҳрамонони даврон мезебад. Вале боз андеша карда, ба худ мегуфтам, ки ин ҳама иззату икром ба халқи ман тааллуқ дорад ва банда вазифадорам, ки ба табрику таҳният муносиб ҷавоб гардонам. Инро гуфта, боз даст аз тиреза баровар-

да, бо хурсандӣ меафшонидам ва аз Лоиқ ҳам талаб мекардам, ки инчунин кунад.

— Аз бисьёр афшонидан дастам канда шуд,— бо овози паст гуфт ӯ, ҳарчанд хуб медонист, ки мизбонон забони тоҷикиро намедонанд.— Лекин рост мегӯед, ҳозир ана ин дастама мебарорам.

Митинги калоне барпо шуд. Роҳбарони район, чорводорони номдор, қаҳрамонони меҳнат ба унвони халқи тоҷик ва маданияти он суханони гарму нарм гуфтанд. Холмурод Шарифов ба табрикҳо ҷавоб гуфтанд. Баъд Гулчеҳра ва Лоиқ шеър хонданд. Намедонам, чӣ навъ карда Гулчеҳра як банд шеъри барои бачаҳо навиштаашро ба туркӣ тарҷума карда хонд. Тарҷумаи таҳтуллафзӣ не, тарҷумаи мукаммал, бо риояи вазн, қофия ва дигар қоидаву қонунҳояш. Ҳозирон шеърро зуд фаҳмида, бо шавқ кафкӯбиҳо карданд. Лоиқ бошад, дар қатори ду-се шеъри дигари худ шеъре хонд, ки оғозаш ин аст:

Туро рӯзе ман аз тақдир медуздам,
Туро рӯзе ман аз ту мерабоям,
Ба мисли одамони болдори қиссаву афсонаҳо
Туро дар зери боли хештан мегираму парвоз месозам.

Ӯ гуфт, ки соате пеш дар миёни духтарони кӯчорӣ нозанинеро дида буд. Ин шеърро ба ҳамон қирғиздухтари ҷамила бахшидааст.

Мардум суханони ӯро хуш қабул карданд, ба ҳазлаш хандиданд ва хеле қарсак заданд.

Лоиқ баргашта ба ҷои худ нишаст ва сӯи ман хам шуда гуфт:

— Лекин ҳазор зӯр занем ҳам, шеъра Маҳмуд барин хонда наметавонем.

Инро гуфту оҳистаяк оҳе кашид.

Вақти танаффуси байни митинг ва концерти «Гулшан» ҷавоне назди ман омад.

— Ҳоло вай шоири шеър хондагӣ канӣ?— пурсид ӯ.

— Лоиқ Шералӣ?

— Ҳа, Шералӣ.

— Дар ҳамин атроф. Ҳозир меояд. Чӣ буд?

—Гапам буд.

Ман дигар савол надодам. Аммо худи ҷавон, зоҳиран, бетоқат буд.

— Медонед...— гуфт ӯ ва коғазеро бароварда ба ман нишон дод. Ин варақаи чопии бюллетени расмие буд оид ба тараққиёти иқтисодӣ ва мадании райони Кӯчқор, ки ба ҳамин қарибӣ, аз афти кор, ба муносибати Рӯзҳои маданияти Тоҷикистон нашр шудааст.— Ана, хонед, чӣ навиштагӣ. Ягон соҳае нест, ки кӯчқориҳо планашонро барзиёд иҷро накарда бошанд.

Мана ин ҷои хат кашидагия хонед: «Плани панҷсолаи нӯҳум оид ба истеҳсоли ғалла 148 фоиз иҷро шуд». 148 фоиз! Боз ана ин сатра хонед: «Район барои муваффақиятҳои бузург (диққат кунед: бузург) дар иҷрои плани хоҷагии соли 1975 Байрақи Сурхи Сайёри ҚМ КПСС, Совети Вазирони СССР ВЦСПС ва ҚМ ВЛКСМ-ро гирифтааст». Фаҳмидед, меҳмон-ағай, Байрақи Сурхи ҚМ КПСС!

Роҳбарони район навакак дар митинг ба мо ин муждаро расониданд, ва мо баробари дӯстони қирғиз аз таҳти дил изҳори шодмонӣ кардем. Ман намефаҳмидам, ки ин ҷавони кӯчқорӣ барои чӣ ба ман ин маълумотҳоро ба таъкид такрор карда истодааст.

— Касби шумо чист?— пурсидам аз ӯ.

— Муаллим. Аммо гап дар ин не, меҳмон-ағай. Шумо ана ба ин сахифа нигаред: «Маълумот дар бораи аҳолии район (то 1 январи соли 1976)». Хӯш, акнун хонед:

| | |
|---|---|
| Шумораи аҳолӣ | 48139 нафар |
| Аз ҷумла — занон | 24555 нафар |

Дидед? Дар баъзе республикаҳо, районҳо шумораи зану духтарон зиёдтар назар ба мардҳо. Аммо дар Кӯчқор духтару писар баробар...

Ҳа-а, акнун фаҳмидам. Ин ҷавонмард Лоиқро дида гуфтааст, ки аз райони мо духтар рабудан кори осон нест. Ғайр аз ин Кӯчқори мо беҳуда райони пешқадам нашудааст.

Ба муаллими ҷавон гуфтам:

— Албатта, хуб мефаҳмед, ки Лоиқ ин гапа ҳазломез гуфт...

— Мефаҳмам, албатта. Шумо ҳам, меҳмон-ағай, гумон накунед, ки муаллимҳои Кӯчқор ҳазлу мутоибая намефаҳманд. Ман ҳамин қадар гуфтанӣ ки агар Лоиқ ин бюллетена пешакӣ мехонд, дигар хел шеър мегуфт.

— Эҳтимол,— гуфтам ман ва қасдан илова кардам:— Лекин Лоиқ ҷавони бисьёр бебок аст. Фараз кардем, агар касеро рабудан хоҳад, маълумоти статистикия ҷувол-ҷувол аз сараш резед ҳам, заррае суд надорад. Бисьёр ҷавони ҷасур!

— Мебинем,— табассум кард муаллим ва ба сӯи рафиқаш рафт, ки кайҳо боз ӯро интизор буду ҳар дам беқаророна ҷеғ мезад.

Радиотехники ба назарҳо ноаён динамикҳои харҷо-ҳарҷои майдон устувор кардашударо ба аппаратҳои ансамбли «Гулшан» васл мекард. Аммо аз чӣ сабабе ин кор ба ӯ ба осонӣ муяссар намешуд. Гоҳ садои ба микрофон «як, ду, се, чор, санҷиши аппарат...» гуфтани ӯ шунида мешуд, гоҳ овози диктори радиои Қирғизистон бо фосила ба гӯш мерасид, ки дар бораи ҳунари Маҳмудҷон Воҳидов нақл мекард.

Аз ҳамроҳи гурӯҳи мо набудани Маҳмудҷон Воҳидов афсӯс хӯрдани Лоиқ табиист. Ҳузури Маҳмудҷон даҳа ва ҳафтаҳои адабиёти тоҷик, дигар гуна сафарҳои шоирону нависандагонро ҳамеша обод мекард. Борҳо ба гӯши худ шунидаам, ки Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода ҳангоми муҳокимаи масъалаи тайёрӣ ба ягон даҳа ё ҳафтаи адабиёт ҳатман гуфтаанд:

— Ба Маҳмудҷон сари вақт хабар додан даркор. Ба таътил ё ягон сафари дигар баромада наравад.

Маҳмудҷон ҳамсафар бошад, амин метавон буд, ки мардум аз гузаштаву имрӯзаи назми тоҷик ба хубӣ огоҳ хоҳанд шуд. Қисми зиёдашон ба назм якумра дил хоҳанд баст.

Дар баҳри беканори назми тоҷик дурдонаҳо фаровонанд. Ба назари аввал чунин мерасад, ки фаровон бошад, ёфта гирифтан ва дар кишвари бародарон манзур доштани он кори саҳлест. Аммо интихоби дурдонаҳои сара аз тӯдаи мунтахаби ҷавоҳирот ҳаргиз осон нест. Хусусан барои Маҳмудҷон барин касе, ки дар шеърсанҷӣ ва шеършиносӣ гоҳо аз мутахассисони ин соҳа бештар дақиқкорӣ, ҳатто инҷиқӣ зоҳир мекунад.

Ҳоло эътироф шудааст, ки сар то сари мамлакат актёрҳои дар шеърхонӣ мисли ӯ завқ ва маҳорат дошта кам андар каманд.

Расми кушоди Ҳафтаи адабиёти тоҷик дар Белорусия дар бинои бошукӯҳи филармонияи давлатӣ, дар Минск барпо шуда буд. Маҷлис ва концерти баъди он бо телевизион намоиш дода мешуд.

Баромади Маҳмудҷон оғози концерт буд. Ӯ ба микрофон наздик шуду ба ҳозирон бо нимтаъзиме рӯй оварда, эълон кард:

— Асари Абдулқосим Фирдавсӣ. Тарҷумаи Илья Сельвинский. Гуфтор андар ҳаҷви Султон Маҳмуд.

Пас аз чанд лаҳзаи таваққуф ба гуфтан шурӯъ кард. Зал хомӯш шуд. Баъди фосилае гумон кардан мумкин буд, ки мардум ҳатто нафаскаширо бас карданд. Дар зали калон, гирду атрофи он, гӯё дар ҳама олам фақат овози боиқтидор, овози ширадор, овози фораму хушоҳанги дӯсти мо хукмфармо буд. Ӯ дар ин асно гӯё як нафар актёри тоҷик не, вориси оддии назми ҳазорсолаи форсу тоҷик не, балки фиристодаи худи шоири шаҳири тӯсӣ, садои тавонои аз тӯли садсолаҳо гузашта то ба имрӯз расидаи ӯ буд, ки ҳусни ватан, корномаҳо, сидқу вафои аҳли заҳмат ва аҳли набарди адолатҷӯёнаро ситоиш кардааст ва бар зулму тааддии дунону бедодгарон нафрин хондааст.

Маҳмудҷон ҳаҷвияро мехонду зимни сатрҳое ки шоир аз ниҳоди пасти султон ё аз ройгон рафтани умедҳои худ шиква мекард, овозаш меларзид. Он ҷое ки овозаш меларзид, дили сомеон низ ғайриихтиёр такон мехӯрд. Ҳатто дили мо барин сомеон ки ҳаҷвияро борҳо хондаему гӯш кардаем.

Ин, бешак, мӯъҷизаи санъат буд.

Як рӯз пас аз он дар соҳили кӯли нозанини Свитязь будем, ки яке аз мизбонон телеграммае оварда, ба дасти Воҳидов супорид. Қоргардухтаре аз як шаҳрчаи канораи Белорусия ба адибони тоҷик салом мегуфт ва илтимос мекард: «Ба ҳамон барнописари зебои ҷингиламӯ, ки шеъри Фирдавсиро хонд, дуруди маро расонед. Бигӯед ки ба ҳунар ва истеъдоди ӯ мо қоилем. Бигузор ҳамеша саодатьёр бошад».

— Маҳ, муборак шавад! — ҳазломез ба ӯ дарафтодем мо. — Ба ҷанобатон боз як духтар дил бохтааст. Вагарна мӯйсари патакча барин муқаррарии шуморо ҷингила намегуфт.

Дигаре илова кард:

— Чаро як духтар будааст? Шояд, ки даҳта, садта бошад, аммо яктааш ҷуръат карда, телеграмма фиристодааст.

— Хайр, ҷингиламӯ гуфтанаш муболиға бошад ҳам, барною зебо гуфтанаш ҳақ,— изҳор намуд боз яке.

— Ҳақ асту рост! Офарин, Мах! Марҳабо, архизмарес!

— Чӣ? Чӣ? «Архизмарес?» Боз ин чӣ гапи нав?—шӯрид ниҳоят Маҳмудҷон, ки то ҳол ба ҳазлу шӯхии рафиқонаш ором назора карда менишаст.

— Гапи нав не. Унвони расмии худатон, ки ҳукумати Тоҷикистон додааст, яъне: артисти хизматнишондодаи республика. Ихтисоран, албатта.

— Сад бор аҳд кардаам, ки бо шумо, лақабсозони масхарабоз ба ҷое наравам, аммо чӣ кунам, ки гапи муаллимҳоя гардонда наметавонам,— бо оҳанги сохтаи ранҷишомез гуфт Маҳмудҷон ва ба каноре бирафт. Вале мо ӯро чандкаса ба оғӯш гирифта, ба ин сӯву он сӯ кашолакунон ба таври худ навозиш кардем ва маҷбураш намудем қавл бидиҳад, ки аз мо заррае наранҷидаасту то дуньё боқист, нахоҳад ранҷид. Ночор қавл доду худро раҳо кард.

Як вақтҳо номи худро нахустин бор ба шакли Мах шунида, Маҳмудҷон барошуфта буд.

— Номи каса пурра гӯед, ягон ҷоятон кам намешавад!— бонг зад ӯ ба сари мо.— Чаро ман шумоя Мум, ё Мух, ё Мул, ё чизи дигар намегӯям?

— Чунки Воҳид амакам шумоя ҳамту нармдил, хушодоб ширинсухан сохтагӣ.

— Ба шӯрбо афтед, хушқилиқҳо!— гуфту гӯё сахт ранҷида ба гӯшае рафт. Аммо пас аз соате дар сари миз боз ба ҳамон мавзӯъ баргашт:

— Маҳ нагӯед. Илтимос. Ин номи файласуфи австриягӣ Эрнест Мах аст, ки ба идеалистӣ бадном шудааст.

— Идеалист бошад ҳам, файласуфи зӯр будааст, дар замонаш дуньёро бе об ҷунбонидааст.

— Аммо ман дуньёро ҷунбониданӣ нестам. На бо обу на бе об. Худи дуньё доимо дар ҷунбиш, ҳамин кифоя...

Ҳамаи рӯзҳои ҳафта Маҳмудҷон бо санъати баландаш, ба қавле, «гул мебурид». Ҷамъомаде дар шаҳри Брест, дар наздикии Қалъаи Қаҳрамони Брест ҳеҷ аз ёд намеравад. Биное ки моро пазирой мекарданд, дар сохт қаср ё қалъа ё хонакоҳи қадимаи машриқзаминро мемонд. Сақфаш аз чанд гунбад ба ҳам расида буд, ки ба сутунҳои сафеди мармарӣ такья мекард. Дар интиҳои суханрониҳо, ки ба мушоира гузашта рафт, Маҳмудҷон бо талаби ҳозирон ба шеърхонӣ даромад. Аз Рӯдакӣ, Саъдӣ, Ибни Сино, Ҳофиз, Хайём ва Ҷалолиддини Румӣ ғазалҳо, қитъаҳо, рубоиёт мехонд. Мардум бо кӯшқарсак қаноат накарда, бо овози баланд «Бис!», «Браво!» гӯён талаб менамуданд, ки боз хонад. Маҳмудҷон дар саҳни он кох миёни қатори курсиҳо, гоҳо пушт ба сутунҳои сангин такья дода ва гоҳе ба гунбади нақшин чашм дӯхта, бар сари бародарони белорусамон дурдонаҳои назми пурлутфу ҳикмат меафшонид. Валеёрон ҳамчунон хоҳиш мекарданд, ки боз хонад. Ниҳоят, аз мизбонон яке аз ҷо бархоста гуфт:

— Рафиқон, овозаш хаста мешавад. Инсоф ҳам чизи даркорӣ. Овози ӯ, сиҳатии ӯ ҳам ба мо лозим, ҳам ба рафиқони тоҷик, ҳатто ба худаш ҳам. Ман масалан, намехоҳам, ки рафиқ Воҳидов аз республикаи мо бо таассуроте биравад, ки гӯё белорусҳо мардуми камшафқатанд. Кӣ мехоҳад, рӯирост бигӯяд...

Ба ҳамин тариқа Маҳмудҷон аз дасти мухлисон сиҳат саломат халос шуд.

Актёри соҳибҳунар, аз афти кор, ба ҳар ҷое қадам гузорад, он ҷоро бо ҳузури худ, бо ҳунари худ ба гӯшаи театр, ба ҷавлонгаҳи санъат мубаддал мекунад. Бигузор он ҷо саҳни киштӣ, гӯшаи чойхона ё купэи вагон барин манзиле бошад, ки аз шабоҳат ба муҳити хоси театр фарсаххо дур аст.

Маҳмуд Воҳидов боре ҳуҷраи корвонсароро, масалан, яксоата ба театр табдил дода буд.

Аммо аввал бояд қиссаи ба он корвонсаро рафтанашро нақл кард, ки як ҷузъи табиати ӯро ба хонанда муаррифӣ мекунад.

Ибтидои моҳи октябри соли 1975 дар Озарбойҷон рӯзҳои адабиёти советӣ баргузор шуд. Чӣ сабабе бошад, ки рафиқони калонсоламон ба он ҷо рафта натавонистанд. Ману шоира Озод Аминова вазифаи намояндагиро ба қадри тавон ба адо кардан мекӯшидем. Давраи сафар ба шаҳру валоятхо гузашта

буд ва рӯзи хотимавӣ наздик мерасид, ки аз республикаҳо ансамбльҳо, оркестрҳо, ё ҳеҷ набошад, як-ду нафарӣ артистони номӣ омадан гирифтанд, то дар концерти дӯстии шаби хотима ширкат кунанд. Аз ҳама ҷо ҳофизон, раққосон, мутрибони машҳур меомаданд. Аз Душанбе Маҳмудҷон Воҳидов омад ва хурсандии моро ҳадде набуд.

Як шаб пештар аз шаби охирин ҳамаи меҳмононро ба «Қорвонсаро»ном истироҳатгоҳ таклиф карданд, ки он моли Ҷамъияти акционерии умумииттифоқии «Интурист» будааст. Мо ба Маҳмудҷон гуфтем, ки ба он ҷо пагоҳ ҳамроҳ меравем.

— Не,— гуфт ӯ қатъӣ,— маро таклиф накардаанд.

— Чиҳо гуфта истодаед? «Таклиф накардаанд». Бо таклифи ҳукумати Озарбойҷон шуморо ба ин ҷо Вазорати маданияти Тоҷикистон фиристодааст. Боз чӣ хел таклиф лозим?

— Мебахшед. Рафта наметавонам. Дар умрам нохонда ба ҷое нарафтаам.

Даъватномаи Қорвонсаро ба мисли бисьёр дигар корҳое ки дар зарфи ин даҳ рӯз рафиқони озарӣ карданд, хеле аҷибу ғариб буд. Дар тарафи дохилии даъватнома ба ҷои матн сурати зарнигори корвони уштурон акс ёфта буд, ки ба дарвозаи шаҳри бостонии гунбаду манорадоре расидааст. Номи мавзеъ ва тарзи даъват низ ғайриоддӣ буд ва беихтиёр мароқи бинандаро бедор мекард.

Маҳмудҷон даъватномаро бо ҳавас аз назар мегузаронид ва аён буд, ки ба рафтан дилаш кашол аст. Аммо бо ваҷоҳати ҷиддӣ гуфт:

— Нигоҳ кунед, дар руи даъватнома бо қалам рақами меҳмон навишта шудааст: 1024. Яъне ки ҳама кор баҳисоб.

— Укаҷон, гап набофед, 1024 рақами хонаи банда, яъне ошьёнаи даҳум, хонаи 24. Меҳмон ҳамагӣ дусад нафар.

— Ҳар чӣ ҳам бошад...

— Гап дар сари ҳамин коғазпора бошад, ҳозир ба штаб рафта мегӯям, навишта медиҳанд.

Инро шунида, Маҳмудҷон ҷаста аз ҷояш бархост ва тантанавор эълон кард:

— Ҳамин корро кунед, ака, нон занад агар дую дубора...— ва суханашро ба охир нарасонида, ба лифт савор шуда, боло рафт. Рости гап, ман ҳам аз ин гуна рафтор ранҷида, хонаам рафтам.

Рӯзи дигар баъди охирин мулоқот дар корхонаю муассисаҳои Боку боз дар фойэи меҳмонхона се кас воҳӯрдем. Ва боз ҳамон масъала мавзӯи мунозира буд.

— Намеравам гуфтам, вассалом,— ҳамчунон қайсарӣ мекард Воҳидов.

— Маҳмудҷон, як фикр кунед худатон, аз як республика

базур се кас ҷамъ шудем. Чӣ хел карда, шуморо партофта меравем?— савол медод Озод.

— Бегоҳӣ дар театр кор дорам, хоҳарам. Репетиция.

— Дурӯғ!— дуғ задам ман ҳам.— Репетиция рӯзона буд. Бегоҳӣ театри холӣ канӣ? Ин ҷоя Боку мегӯянд!

Дақиқае ҳама хомӯш монданд. Маҳмудҷон гӯё тадриҷан мулоим мешуд. Дар дилам фӯлодро дар гармӣ нарм кунанд, гӯён ба гап даромадам:

— Нисфи умратон дар сафар гузаштааст, Маҳмудҷон. Садҳо бор даъватнома фиристода, ба меҳмонӣ чеғ задаанд. Лекин оё ягон бор дар ягон ҷой аз меҳмон пурсидаанд, ки ҳой рафиқ, шумо чаро омадед, канӣ даъватномаатонро баровარда, ҳамроҳи паспорт ба мо нишон диҳед?

— Хайр, рафту... фараз кунем, мабодо яке пурсиданд?

— «Рафту фараз кунем, мабодо...» Нахандонед одама, Маҳмудҷон, сил накунед каса, укаҷон.

Воҳидов аз киса рӯихати чопии меҳмононро бароварда хондан гирифт:

— Николай Тихонов, Георгий Марков, Мариэтта Шагинян, Алексей Сурков, Борис Полевой, Қайсин Қулиев, Мустай Карим, Вадим Кожевников, Эдуардас Межелайтис, Григол Абашидзе, Карло Каладзе, Серо Ханзадян, Геворк Эмин, Ҳамид Ғулом, Зулфия, Асқад Мухтор...

У рӯихатро мехонд, ману Озод ба рӯи ӯ мутаҳайиирона чашм дӯхта будем, ки барои чӣ ин корро карда истодааст.

Ниҳоят, рӯихатхониро бас карду гуфт:

— Ана дар пеши ҳамин хел одамони машҳур рафту аз ман даъватнома пурсиданд, чи мешавад? Боз як олам меҳмонони хориҷӣ...

— Хайр, шуд. Ман ҳам намеравам,— гуфт Озод.—Корвонсаро будааст будааст-дия.— Ва аз паи кораш бирафт.

«Дод занам мезанано, дод назанам, деги мазора мебарано». Ба корвонсаро наравем, осмон ба сарамон намеафтад, албатта. Лекин аз барои якраҳагии бакуллӣ нодаркор ва бемавриди як рафиқ аз ҷамъият канда шуда, лаб-лаби баҳр аз ҳавои оби шӯр нафас кашида гаштан ҳам ғояти хирадмандӣ набудагист.

Якраҳагӣ ҳам як навъ аломати соҳибиродагист. Аммо ҳоло Маҳмудҷон нозуктабъӣ ва бамулоҳизагии табиии худро аз ҳадди ифрот ҳам гузаронида аз кори савоб гардан метофт.

Воқеан, ин бори якум набуд, ки чӣ гуна ба раъи худ устувор мондани ӯро медидам.

Боре ҳамроҳ ба назди Муъмин Қаноат рафта будем. Вай

дар боғи Иттифоқи нависандаҳо дар дараи Варзоб пишаста кор мекард. Аз пешин то вақти хуфтан бо кор, суҳбат, оббозӣ гузашт. Шамоли дараю насими дарьё иштиҳоро қозгир карда буд ва се кас ҳар чизе ки дар хонаи Муъминшоҳ аз хурданиҳо буд ба иловаи он ки худамон аз шаҳр бурда будем, пок-покиза хӯрда тамом кардем. Бевақт шуда буд, дар роҳи Варзоб — Душанбе ҳаракати автомобильҳо қатъ гардид ва Қаноат исрор кард, ки дар ҳамон ҷо бихобем.

Тахмин соати дувоздаҳи шаб Маҳмудҷон эълон кард, ки гурусна мондааст.

— Ду-се бурида нон ҳаст ҳоло,— гуфт Қаноат бо оҳанги узромез.— Лекин об, шукр, фаровон. Мана ба шуввоси дарьё гӯш андозед.

— Шиками ман одатан на об-катӣ сер мешавад, на гап-катӣ,— эътироз кард Маҳмудҷон.— Ман меҳмон, шумо — соҳиби хона. Хоҳиши меҳмон фарзи айн, яъне ки амри воҷиб. Ягон чизи бамаза ёфта диҳед, рафиқи мизбон.

— Садқаи шиками хирадманди шумо шавам,— гуфт Муъминшоҳ,— ман аз шиками муборакатон узр мехоҳам ва илтимос мекунам, ки ё бо нону чой қаноат фармоянд, ё то субҳ сабр пеша намоянд. «Қаноат ҳар ки кард, охир ғанӣ шуд», фармудаанд уқало ва фузалои пешин.

— Қаноатро ба Қаноат бахшидам. Ман нону чормағз мехӯрам,— гуфт Маҳмудҷон ва ба кашидани пойафзолу либоси рӯяш сар кард.

— Чормағз? Кадом чормағз? Канӣ чормағз?— баробар пурсидем мо.

— Эй донишмандони ҳаёт, маълуматон бод, ки дар болои саратон дарахти бузурги чормағз қомат афрохтааст. Ҳар шохааш як ҷувол мева дорад ва ҳоло охири моҳи сентябрь аст ва он чормағз пухта моил ба уфтодан аст.

Чормағзафшонӣ дар ҳамин шаби торик! Боз чунин як дарахти азими ғафс, ки ба оғӯши кас гунҷоиш намедиҳад. Ин одам шароб нанӯшидааст, ки маст гӯи, ҳарза намегӯяд, ки девонааш хонӣ. Ҳанӯз гумон доштем, ки ҳазл мекунад. Аммо ӯ тозон рафта ба дарахт часпид. Мо низ давон рафта, аз лингҳои бараҳнааш дошта, ба поён кашола кардем.

— Сар диҳед маро. Э ба шумо чӣ шуд?

— Ба худатон чӣ шуд? Кадом одами соғ нимишабӣ чормағзафшонӣ кардааст. Худо накарда, лағжида афтед, ба зану бачаатон чӣ ҷавоб медиҳем?

— Ба зану бачаам худам ҷавоб медиҳам. Мегӯям, ки дар боғи нависандаҳо агар шабона чормағз афшонда намехурдам, аз гуруснагӣ мемурдаму туро ятим мемондам, ҷони дадо... Гумон мекунед, ки ҳар шаҳрие ки ба гардан галстук

баста, ба сар кулоҳ мондааст, аз дарахтбарои оҷиз аст? Сар диҳед, гуфтам.

Сар додем. Дар воқеъ чобукона ба дарахт печида баромад. Тақрибан мисли ҳиндубачае ки ба дарахти норҷил дар як зум малахвор часпида мебарояд ва ман ин гуна манзарааро аз кадом як фильми ҳуҷҷатӣ дидаам. Гуё дарахт рост наистодаасту балки хобонда, ё ақаллан нишеб карда монда бошандаш.

Бо вуҷуди он ки гугирд зада ё замини сералафро палмосида чормағз меҷидем, як домап мева ҷамъ шуд.

Оре, ҳамин хел хислат ҳам дорад Маҳмудҷон. Бинобар ин ману Озод илоҷи дигаре наёфта, бегоҳирузӣ даъватномаҳоямонро пеши назари ӯ дарронида партофтем ва гуфтем, ки акнун ҳар сеямон дар як вазъиятем.

Ниҳоят, ба рафтан розӣ шуд.

Корвонсаро дар мобайни қалъаи қадимаи Боку, дар Ичари шаҳр, яъне Шаҳри дарун будааст. Моро дар қатори ҳама бо иззату икроми том истиқбол гирифтанд. Николай Семенович Тихонов, Георгий Мокеевич Марков ва Имрон Қосумов то дарвозаи корвонсаро фойтунсавор омаданд. Маҳмудҷон ин манзараи романтикиро дида, ба ваҷд омад.

Корвонсаро саҳни на он қадар бавусъат ва гирдогирди он чаҳордаҳ ҳуҷра дошт, ки ҳар кадомаш понздаҳ-бист қасро мебурд. Ҳаво торик шуда буд ва дар лаби боми хуҷраҳо чароғҳои шамъшакли электр фурӯзон буд. Ҳуҷраҳо низ фақат аз нури қандилҳои қадима мунаввар буданд. Нишастгоҳҳои ба рӯяшон кӯрпачаю болинҳо густурда, мизҳои паҳну пасти қадаш ба зону баробар, қолинҳои рӯи девор, зарфҳо, анҷоми рӯи миз, таомҳо — аз нону гулоб то ғазаку кабоб ва кузаҳои нақшини шароб — ҳама ҷиҳози хуҷраҳо рангу шакли қадимаи миллӣ доштанд ва ба он тарзе ҷилва мекарданд, ки як замонҳо дар корвонсароҳои бостонӣ будааст.

Ба ҳуҷра боз ду кас даромад. Ҳар ду шоири советӣ. Яке рус, дигаре қалмиқ. Баъд гурӯҳи нависандаҳои Франция бо тарҷумонашон, сонӣ немисҳои Германияи демократӣ ва нависандаҳои Куба низ бо тарҷумонашон даромаданд. Ҳама якдигарро ба болотар нишастан таклиф мекарданд, кӯшиш менамуданд, ки ҳар чӣ кушодатар ва гармтар табассум кунанд, аммо суҳбат кӯр намегирифт. Дар ҳуҷраҳои дигар яке аз мизбонони озарӣ инони суҳбатро ба даст гирифта сарварӣ мекард. Садоҳои шеърхонӣ, нӯшбод, қаҳқаҳаи ханда дар он ҷоҳо кайҳо ба сақфи хуҷраҳо печида, ба рӯи ҳавлӣ мебаромад.

Дақиқаҳо паи ҳам мегузаштанд, меҳмонони хориҷӣ ба мо

ва мо ба онон кунҷковона нигоҳҳо меафкандем, ки кани чӣ мешавад, кӣ сар мекунад ва чӣ хоҳад гуфт.

Дар ин вақт яке аз тарҷумондухтарон, ки берун рафта буд, ба ҳуҷра баргашт ва гуфт, ки сардори суҳбат дар ҳуҷраи мо рафиқ Ҷабраилов узр мехоҳанд, ки чанд дақиқа дер меоянд ва лозим аст, ки касе аз мо, советиҳо, суҳбатро оғоз кунад. Инро гуфту аз чӣ сабабе маҳз ба ман сонияе чашм дӯхт.

Симои муаллими меҳрубон Боқӣ Раҳимзода соқии базморон аксари шабнишиниҳои шаҳри худамонро пеши назар оварда, ҳис кардам, ки дилам хеле қувват гирифт. Пас таклиф намудам, ки қадаҳҳоро пур кунанд. Гуфтам, ки дар ин корвонсарои зебо ҳоло як қисми корвони бузурги адабиёти социалистӣ ва тараққипарвари рӯи замин манзил кардааст. Замоне ки дар ин мавзеъ садои бозургонони бостонӣ, шиҳаи аспон ва наъраи уштурон баланд буд, корвонҳо аз манзиле бар манзиле фақат ба дархости афзудани молу зар ва давлату сарвати худ ба роҳ мебаромаданд. Қорвони адибони тараққихоҳ ба ҳар ҷо наравад, ғояҳои сулҳ, дӯстӣ ва прогресс мебарад. Бемузд, беминнат, бо камоли самимият мебарад. Меарзад, ки ба сафарҳои ин корвони наҷиб роҳи сафед, барору баракат талабем.

Инак, дар ҳуҷраи мо низ суҳбат сар шуд ва тадриҷан метафсид. Шоири масквагӣ Сергей Поликарпов гуфт, ки «Наъли заррин» ном шеъри худро хонда медиҳат. Ӯ ин шеърро бист сол қабл аз ин дар Боку навиштааст. Он вақт чун офицери Армияи Советӣ хизмат мекард.

Мо, советиҳо, ҳар чӣ нагуем, тарҷумондухтарон ба гурӯҳҳои худ фаҳмонида медоданд. Шеъри шоири масквагӣ ба ҳама маъқул шуд. Манзараи Бокуи шабонаро, ки аз миллионҳо чароғон мунаввар аст ва аз боло, аз доманаи кӯҳ чун наъли заррин ба назар мерасад, хеле мӯъҷаз тасвир карда буд.

Сардори маъракаи мо низ расида омад ва аз меҳмонон бори дигар узр хост. Ин кас мудири шуъбаи ҚМ ПҚ Озорбойҷон оид ба муносибат бо хориҷа рафиқ Анвар Фаттоҳ оғли Ҷабраилов буд.

Озод тарҷумаи русии шеърашро дар бораи зани тоҷик хонда ба таҳсини аҳли давра сазовор шуд. Шоири қалмиқ Миҳаил Хонинов шеъре хонд, ки ба корномаи аскари советӣ дар соҳили дарьёи Березинь бахшидааст, Ҳамон дарьёе ки дар соҳили он кӯшунҳои Россия ва аз ҷумла полки савораи қалмиқҳо таҳти фармондеҳии фельдмаршал Кутузов ба лашкари Наполеон зарбаи ҷонкоҳе зада буданд.

Рафиқ Ҷабраилов хеле хурсанд шуд, ки дар ҳуҷраи мо суҳбат ин қадар нағз тасфидааст. Аммо вақте ки Маҳмудҷон ба

нӯшбод гуфтан ва шеър хондан шурӯъ кард, хушнудии ӯ дудучанд афзуд.

Муҳити романтикии афсонамонанди корвонсаро ба Маҳмудҷон таъсири аҷиб бахшида буд. Ҳеҷ дар ёд надорам, ки ӯ шеърҳои классикон ва шоирони имрӯзаи моро ба он дараҷа ҳаяҷономез, ба он дараҷа муассир хонда бошад. Баъди ҳар порча меҳмонони хориҷӣ ва худӣ бо шавқ кафкӯбиҳо карда, офарин мегуфтанд. Немисҳо ҳар дафъа «Гут, гут! Зеҳр гут!» гуён баробар сар меҷунбониданд ва дарҳол гӯш ба наздиктари тарҷумони худ мебурданд, ки мабодо маънои сатри тозаеро нашунида монанд. Нависандаи Куба Альфредо Марселино, ки аз май дида, бештар аз мушоира сархуш гашта буд, «браво!» гуён қариб фарьёд мекашид.

Дар он шабнишинӣ оид ба дӯстӣ, сулҳ, ҳамкорӣ, комьёбиҳои эҷодии адибон ва ғайра хеле суханҳо гуфта шуданд. Дар бораи миллат ва адабиёту санъати он низ ду бор қадаҳ гуфтанд ва мавзӯи он гуфтор ҳар ду бор ҳам халқи тоҷик буд ва ин гуна истисноп барои мо, се нафар тоҷикон, басо гуворо маҳз ба шарофати ҳунари шеърхонии Маҳмудҷон Воҳидов ба вуқӯъ пайваста буд.

Рафиқ Ҷабраилов ҳангоми хайрухуш моро дақиқае аз роҳ дошта гуфт:

— Ба шаҳратон ки рафтед, албатта ба Мирзо Турсунович паёми маро расонед. Номамро гӯед, кифоя. Бо он кас рафиқи деринаем. Илтимос, фаромӯш нашавад.

Рӯзи дигар пешинӣ ба ҷои одатии хӯроკхӯрӣ мерафтам, ки Маҳмудҷон аз роҳ дошта, гуфт:

— Ба ягон гӯшаи хилваттар рафта, наҳорӣ хурем-чӣ?...

— Майлатон,— гуфтам ва аз меҳмонхона баромада ба соҳили баҳр рафтем. Ба ошхона-чойхонае даромадем, ки мургбирьён (табака)-и хеле балаззат ва чои фомилии аз он хуштаъмтар тайёр мекардаанд.

— Ҳанӯз чӣ хонданама намедонам,— гуфт Маҳмудҷон.

Ӯ ду рӯз инҷониб фикр мекард, ки дар концерти хотимавии рӯзҳои адабиёти советӣ ҳаҷви Султон Маҳмудро бихонад, ё шеъри Мирзо-муаллим «Савганд»-ро. Аз рӯзе ки аз рубоиёти Хайём моноспектакль тайёр карда, ба саҳна гузоштааст, дар баромадҳояш аз он рубиёт намехонад. Дар ин хусус бо касе маслиҳат ҳам намекунад.

— Ҳоло боз чанд соати дигар ҳаст. Интихоб мекунед,— гуфтам.— Лекин унвони намоиш — концерти дӯстӣ. Худатон медонед, кадомаш ба мавриди муносибтар аст.

Маҳмудҷон аз ҳарвақта парешонтар менамуд. Аз даъват карда, ба ин ҷо овarданаш маълум буд, ки дар дил гапе дорад. Аммо намегӯяд, ба хаёл рафтааст.

Хомӯшона чой менӯшидем.

— Айб накунед, як савол дорам, ака,— ниҳоят садо баровард ӯ.— Шумо одамонро мешиносед?

— Не,— ҷавоб додам бидуни фикру андеша.— Пештар мешинохтам. Дурусттараш, пештар ба назарам чунин менамуд, ки гуё мешиносам.

У дигар чизе нагуфт. Саволаш дар ёди ман хотираҳои таассуфангезро зинда карда, ба гирдоби ҳаёлот кашола мекард. Боз соате сокит нишастему пас ба меҳмонхона баргаштем.

Вақтҳои охир Маҳмудҷон ба ёдам ояд, чеҳраи хаёлолуди ӯ аксаран дар ҳамон ҳолате ки дар Боку, дар соҳили баҳри Каспӣ дида будам, пеши назарам меояд.

...Ҳоло, баъди ним соат дар шаҳри Фрунзе, дар зали филармонияи ба номи Тохтогул моноспектакли артисти халқии Тоҷикистон, Лауреати мукофоти давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ Маҳмудҷон Воҳидов сар мешавад. Дар кӯчаҳои шаҳри Фрунзе ба ҳар тараф эълонҳои калон-калон часпонида мондаанд, ки фалону фалон рӯзҳо дар фалон ҷо «Концерти М. Воҳидов». Кадоме аз муҳаррирон саҳв кардааст. Эҳтимол, фикр карда бошад, ки модоме ки артист танҳо ба саҳна мебарояд, пас ё мерасояд ё менавозад, яъне концерт намоиш медиҳад.

Вале Маҳмудҷон спектакль намоиш медиҳад. Ва ҳоло дар яке аз хонаҳои паси саҳнаи филармония изтироб кашида, ғам хӯрда ва барои фурӯ нишонидани ҳаяҷони ҳамешагӣ ва абадии ҳоси санъаткор ба чаҳор сӯи хона гаронборона қадам зада, даст ба пешонӣ бурданҳояш,— ҳамааш бесабаб, беҳуда аст. Дар саҳнаи театрҳои ба номи Лоҳутӣ ва ба номи Маяковский ӯ аз санҷишҳо гузаштааст. Дар саҳнаҳои Қасри маданияти МГУ ва Театри академии бадеии Москва (МХАТ) имтиҳони аз он зӯртареро паси сар кардааст.

Мардум интизорат, Махмудҷон! Зафар ёрат, Маҳи меҳрубон!

## НОРИН, НОРИН...

Аввалин бор дар умрам вориди хайма шудам. Даромадам, аз қатори меҳмону мизбонон ҷой гирифтаму ҳушам ба тамошои ин хона бирафт.

Кулли қавмҳо, халқҳои олам истиқоматгоҳи худро зинат медиҳанд. Шароит даст бидиҳад, ҳамаи ҳунар, ҳамаи санъати худро ба кор андохта, кӯшиш мекунанд, ки бошишгоҳашон на фақат мавзеи иқомат, балки ба монанди наварӯс як чизи диданбоби фаттону назарфиреб ҳам бошад. Гумон доштам, ки танҳо биноҳои дар як ҷо муқими сангин ё чӯбин метавонанд ин гуна муҷассамаи эҷодкории ҳунармандон бишаванд. Бародарони қирғиз хаймаи сафарии худро, ки ҳамроҳи рамаю гала-

ҳо аз ҷоғ ба ҷое кӯчонида, дар ним соат ғундошта ва дар ҳамин қадар фурсат аз нав рост карда метавонанд, ба осори дилрабои санъати нафиса табдил додаанд.

Зулфия апа Бахриддинова, ки касбаш ба рӯи матоъҳо кашидаву гулдӯзист, ба ороиши хайма аз ҳама бештар мароқ зоҳир мекунад. Ҳама кайҳо нишастаанду ӯ ҳанӯз рост истода, ба тасмаҳои гулдӯзии ба ҳар ҷои девораи хайма овезон кардашуда наздик рафта, бо диққат зеҳн мемонад. Ба қолинҳо, намадҳои нақшин бо навозиш даст мерасонад ва ба Гулчеҳра Сулаймонова хушҳолона чизе мегӯяд.

Хаймаҳо дар як канори маркази район, дар саҳрои кушод гузошта шуда буданд. Аз даромадгоҳи он, инчунин аз боло, аз равзанаи кушода ва пӯшидашавандаи он нури офтоб ва бӯйҳои махмуркунандаи дашт паҳн мешуд: гоҳ бӯи пӯдинаю явшон ва замини шудгоршуда, гоҳе бӯи нони ақиқ барин нағз пухтагӣ.

Ҳанӯз аз оғози сафар ҳар замон фикр мекунам, ки маънои калимаи Норин чӣ бошад? Аз нор — оташ, ё нор — анор? Дар лаҳҷае уштурро низ нор гӯянд. Кадомаш? Як вақтҳо оркестри радиои Ӯзбекистон «Норин, Норин...» ном савти батаъсире менавохт. Хато накунам, аз қиссаи ишқ, васлу фироқ ривоят мекард он савт, вале назми он ҷараёни наҳри шухеро ба хотир мерасонид.

Ба ҳар ҳол, аз дақиқае ки ба ҳудуди Норин дохил шудаем, мизбонон манзараҳои аҷиби романтикиро аз рӯзгори худ тақдим менамоянд: эскорти фахрии йигитҳои савора, зан-модари қомузнавоз рӯи намади гулдор дар остонаи вилоят, таомҳои миллӣ дар ҳаймаи хушрӯй ва хушбӯй. Ҳоло ана ин корвони гӯё беохири мошинҳо, ки яке аз шоҳроҳҳои кӯҳистони Тиёншонро бо чароғҳояш нурборон карда, ба ағбаи Долон печида мебароянд.

Дар болои ағба қӯҷқориҳо ба мо муваққатан хайрухуш карданд. Лекин хайрухуш ҳам оддӣ не. Чанд мошин ба шакли нимдоира саф кашида, лавҳаи болои ағба ва саҳнаи пеши онро бо чароғҳо равшан сохтанд. Дар рӯи саҳн, болои суфаи сангин дастархоне густурданд, аз кучое шаробу қабоб оварданд. Ҳар кас хоҳад, шароб менӯшад, хоҳад — қимиз. Президенти академияи фанҳои Қирғизистон, ки оқсақоли гурӯҳи мост ва солиён дар шаҳру районҳои Тиёншон хизмат кардааст, тоифаеро аз ҳамсафарон дар атрофи худ ҷамъ оварда, аз гузаштаи ин кишвари баландкӯҳ, роҳҳои дар собиқа мушкилгузари он ҳикоятҳо мекард. Суҳбати сарипоии болои ағба басо аҷиб буд.

Аммо истиқболи сокинони шаҳри Норин ба андозае шавқангез буд, ки саҳнаеро аз кадом як афсонаи бостонӣ ёдрас мекард. Тақрибан чаҳор километр пештар аз Норин дар майдони фарохи тарафи рости роҳ мардуми зиёде ҷамъ омада бу-

данд. Атрофи майдон бо автобусҳо, ким-чӣ хел мошинҳои каппадор, сабукрав иҳота шуда буд. Ба сари издиҳом чандин прожектор, чароғҳои сайёри автомобилӣ нур меафканд. Меҳмононро бо меваю асал, самбӯсаю қимиз пешвоз гирифта, ба мобайни издиҳом оварданд. Он ҷо микрофоне устувор буд ва дар назди он қирғизписарон суруди табрикӣ мехонданд. Аммо аз радиодинамикҳое ки дар боми мошинҳои каппадор устувор буд, боз садои баланди дигаре ба атроф паҳн мешуд. Соҳиби он овоз дар фосилаи байни бандҳои суруд ба забонҳои тоҷикӣ ва қирғизӣ аз худ чизе мегуфт ва баъд яке аз хитобаҳои дар мамлакатамон маъмулро доир ба дӯстӣ ва бародарӣ бо овози махсусан баланд ба русӣ мегуфт:

— Марҳабо, дӯстони тоҷик! (тоҷикӣ). Пешгоҳи хонаи мо аз шумост! (қирғизӣ). Шаъну шараф ба Ватани кабирамон — Иттифоқи Республикаҳои Советии Социалистӣ! (русӣ). Ура!

Гулдурроси «ура» ба дашти торик паҳн шуда, то ба домани кӯҳсорон мерафт ва пас аз чанд сония акси садояш ба ин ҷо бармегашт.

— Хуш омадед, меҳмонони азиз! Моюю шумо хоҳару бародарони ҳамтанем! Зинда бод интернационализм — байрақи зафаровари мо! Ура!

Қалимаи «бародар» ба ҳамаи забонҳо ҳамин зайл — бародар тарҷума мешавад. Лекин ба қирғизӣ бародарро «бир туган», яъне ҳамзод, ҳамтана, тавъам мегӯянд, ки дар ин мафҳум арзи меҳр, ихлосу самимият ҳаққо ки хеле бештар аст. Ва онҳо ба меҳмони азиз бародари ҳамзод гӯён на фақат муроҷиат мекунанд, балки ба қадри имкон мекӯшанд, ки аз худ меҳрубонии шоистаи ин маъниро изҳор доранд.

Ҷавонписарону духтарони қирғиз, мутрибони «Гулшан» меназозанд ва месароянд. Тоҷиддин ва Муқаддас ҳамовоз мешаванд. Махфират Ҳамроқулова, Тамара Пӯлодова, Раҳима Шалоэр бо завқ мерақсанд. Меҳмонон бо навбат ба давраи раққосон медароянд. Раҳима гоҳ ба услуби тоҷикӣ, гоҳе ба сабки қирғизӣ мерақсад ва мардум ба ваҷд омада, боз баландтар қарсак мезананд.

Шӯълаи прожекторҳо бар сари издиҳом мелағжад. Меҳмону мизбонон кайҳо ба ҳам омехтаанд. Ҳамин ҳоло дар паҳлӯям Тендик Аскаров буд. Азбаски дар ин базми саҳроӣ ҳама пайваста дар ҷунбишанд, ё ӯ аз ман дур шудааст, ё ман худ ба каноре рафтаам. Акнун дар паҳлӯям зани солхӯрдаи қирғиз истодааст, ки сари синааш пур аз ордену нишону медальҳост. Ӯ бо як даст лаълиеро нигоҳ дошта, бо дасти дигар ба ман ду дона себи сурх дод. Себро гирифта, ташаккур гуфтам, вале ӯ аз рӯи лаълӣ боз себ гирифта дод. Ниҳоят, ҳамаи себҳои боқимондаашро ба бағали ман рехта ва лаълиро ба дасти писараке супурда, худ ба майдони рақс даромад.

Ингуна майдони фарохи аз чароғҳо мунаввар ва лаболаб аз мардуми рақсандаро дар куҷое дидаам. Ҳа, дар Москва, дар Боғи марказии маданият ва истироҳати ба номи Максим Горький. Аммо чандин солҳо қабл аз ин. Соли 1946 буд. Ҳанӯз дар кӯчаҳои канории пойтахт хонаҳои дуошьёнаи чӯбини аз бомбаҳои фугас сӯхта, қисман ангиштгардида ба як тарзи ҳузновар қатор шуда меистоданд. Гурӯҳ-гурӯҳ асирони ҳарбии немис дар вайронаҳои биноҳо, роҳҳои трамвай бо сари ҳам кор мекарданд, маҳсули дасти харобкори худ — шикастапораҳои иморатҳо, хиёбонҳоро ба занбарҳо андохта, ба гӯшае мебурданд. Дар боғи истироҳат ҳанӯз на ҳамаи саҳнаҳо, дастгоҳҳои тамошо ва дамгирӣ ва димоқчоққунӣ ба кор андохта шуда буданд. Дар боғи бузург ҳанӯз ягонта дӯконе набуд, ки санбӯсаю қанду қурс он сӯ истад, ақаллан кулчае ё оби мевае бифурӯшад. Лекин аз нашъаи ғалаба дидаҳо сер буданд ва ҳар касе ба ин ҷо ояд, барои изҳори шодмонии худ ва дидани хушҳолии ҳамватанонаш меомад.

Тахмин чаҳорьяки он боғи азим фақат ба майдони рақс табдил дода шуда буд. Азбаски шӯълаи равшантарини чароғҳо ҳам аз канора то ба мобайни ин майдон иқтидори расидан надошт, гирдогирди он прожекторҳои пурқуввати қисмҳои зенитиро болои мошинҳои гарони боркаш гузошта буданд ва онҳо шуои худро пайваста ба чапу рост ва пешу қафо мелағжониданд. Ва фавҷи бисьёрҳазорнафараи ҷавонони рақсанда даме ба мавҷи баҳри ноором шабоҳат пайдо мекард, лаҳзае ба ғаллазори пахноваре ки аз навозиши насим мурғак меравад....

— Чӣ тавр? Маъқул? — аз ҳамсафарон мепурсид Сайфулло Пӯлодов.— Балоча будаанд рафиқони қирғизамон. Ман гумон кардаам, ки дар Қӯчқор кашолкорӣ карда, дер ба роҳ баромадем. Маълум мешавад, ки ин хел мулоқоти шабона аслан дар нақшаашон будааст. Қоил, қоил...

Муҳаммад Осимӣ ба назди микрофон рафта, барои истиқболи гарм сипосгузорӣ карданд. Дар хусуси дӯстии деринаю анъанавии қирғизу тоҷик суханҳои муассир гуфтанд.

Пагоҳии рӯзи дигар аввал ба пояи ҳайкали В. И. Ленин гулдаста ва гулчанбарҳо гузошта шуд. Баъд ба пояи ҳайкали ёдгори онҳое ки барои ҳокимияти советӣ дар кӯҳсори Тиёншон мубориза кардаанд. Сипас меҳмононро котиби якуми комитети партиявии вилоят рафиқ Савитохунов А. С. қабул карда, аз корубори заҳматкашон ва ташкилоти партиявии вилоят дар иқтисод, маданият, аз пешомад ва нақшаҳо нақл кард.

Бо қарори комиҷроияи шаҳр яке аз кӯчаҳои Норин ба номи Абӯабдуллои Рӯдакӣ гузошта шуда буд. Дар маросими кушоди лавҳаи тоза дар ин кӯча Лоиқ, Осимӣ, Шарифов аз

шеърҳои устод ба тоҷикӣ ва русӣ хонданд, арзи миннатдорӣ карданд.

Нашриёти Қирғизистон ба Рӯзҳои маданияти тоҷик маҷмӯаи ашъор ва ҳикоётҳ шоиру нависандагони моро ба забони қирғизӣ бароварда буд. Дар бозори китоб, ки дар майдони марказии Норин барпо шуд, махсусан савдои ҳамин ду китоб гарм буд. Гулчеҳра, Лоиқ ва ман дар миёни издиҳоми дӯстдорони китоб бо автографнависӣ саргарм шуда, аз ҳамсафарон канда шудем.

— Ҳеҷ воқеа не,— таскин медод Тендик Аскаров.— Турсунбек иloҷе мекунад.

Турсунбек, шофери Иттифоқи нависандагони Қирғизистон мошинаашро чунон башаст меронд, ки шуввоси бод садои моторро пахш карда буд. Ҳамин ки чашмаш ба милиционере афтод, чобукона мошинро даст гирифта, аз ӯ ба кадом сӯ рафтани қофилаи меҳмононро мепурсид.

— Ба ҳамроҳонамон мерасидем, албатта хуб мешуд — ба Тендик Аскаров гуфт Гулчеҳра, ки суръати фавқулоддаи ин дунболагирӣ ба ӯ чандон маъқул набуд.— Лекин саҳат-саломат мерасидем, хубтар мешуд.

— Парво накунед, саломат мерасем — ҳамчунон ором ҷавоб дод Тендик.

Бо корвони мошинҳо дар роҳи морпечи болои ағба расидем.

Соате меҳмони бригадаи комсомолону ҷавонони «Эдельвейс» будем. Ин бригада на танҳо дар вилоят ва республика, балки дар ҳамаи мамлакат бо корномаҳои меҳнатиаш шӯҳрат ёфтааст. Ду сол пеш аз ин Комитети Марказии ВЛКСМ бригадаро барои комьёбиҳо дар соҳаи зиёд кардани саршумори чорвои колхозӣ ва хеле барзиёд иҷро кадани ҳамагуна супоришҳои истеҳсолӣ ба мукофоти комсомоли Ленинӣ мушарраф гардондааст.

Номи «Эдельвейс»-ро ба бригадаашон худи ҷавонон додаанд. Эдельвейс гули зарду сафедест, ки дар кӯҳсори баланд, дар канори пирьяхҳо мерӯяд. Ҳам рамзи нафосат, ҳам тимсоли матонату пурдоштӣ. Табиати Тиёншон сахтгир аст. Ин ҷо зимистон сармо то ба сӣ дараҷа мерасад ва баъзан ҳафтаҳои дароз тӯл мекашад. Дар чунин шароит фарбеҳу солим нигоҳ доштан ва сол то сол афзоиш додани чорво дар воқеъ матонат ва заҳмати фаровон металабад.

Ҷавонон моро бо суруди гимнмонанди худ, ки низ «Эдельвейс» ном дошт ва нақароташ ҳам ҳамин калимаи хушоҳанг буд, истиқбол гирифтанд. Мо аввал ҷои корашонро тамошо кардем. Ин ҷо ман мебоист калимаи «оғил»-ро кор мефармудам, аммо нашуд, зеро он чизе ки онҳо оғил мегуфтанд, дар тозагии саҳну даруни биноҳо, ранги иморат, вазъи дару ти-

резаю ғайра ва ҳоказо бисьёртар бинои клуби обод ё хеч набошад, анбори озодаи молҳои саноатро ба хотир мерасонид. Рости, худи аъзоёни бригада ҳам на зоҳиран ва на аз рӯи муомилаю гуфтор ба чӯпону ғалабонҳои колхозӣ чандон монанд набуданд. Либосҳои якхелаи идонаи миллиашон онҳоро ба аъзоч ансамбли ягона монанд карда буд.

Сарварони ташкилоти комсомолӣ бо навбат аз таърихи бригадаи худ ва натичаи корубори он дар солҳои гузашта, дар хусуси чӣ хел чавоб навиштанашон ба садҳо мактубе ки аз ҳамаи гӯшаҳои Иттифоқи Советӣ меоянд, нақл мекарданд. Ва дар зимни нақл хурсандии худро аз меҳмонии ходимони маданият изҳор медоштанд. Чавонон алалхусус аз он ҳол хеле шод буданд, ки якбора президенти Академияи фанҳои ҳар ду республика меҳмони бригадаи онҳо шудаанд.

Вақте ки чавонон моро ба гӯшаи истироҳати худ бурда, концерти ҳаваскоронашонро намоиш медоданд, яке аз рафиқони ҳамсафарам оҳиста гуфт: оё ҳамаи ин чавонон ва духтарон дар ҳақиқат чорводор бошанд. Ман чизе нагуфтам, зеро ҳар он чӣ ман дидаму шунидам, ӯ низ дида ва шунида буд ва агар бо вучуди ин ба дилаш шубҳае пайдо шуда бошад, онро бо сухан ислоҳ кардан амри маҳол аст.

Аснои хайрбод аъзоёни бригада боз гимни хушоҳангашонро хонданд. Роҳбаронамон Чумъагул апа ва Ҳолмурод Шарифович ба онҳо барои пазироии самимона миннатдорӣ ва ба кору зиндагиашон орзуҳои нек баён карда, ба ҳар кадомашон алоҳида даст дода, хайрухуш намуданд. Ман ҳам дар ҳамон қарибиҳо будам ва барои дастфишорӣ боз наздиктар рафтам. Чавонписарон, хусусан чавонзанон ва духтарон, ки либоси тозаи ба муносибати меҳмон дар бар кардаашон чисми латифу чеҳраҳои лолагуни онҳоро ҳусни дилпазире мебахшид, дасти маро аз рӯи таомули мардумони заҳматкаш самимона фушурданд, аммо дастони онҳо чунон гиро ва тавоно буд, ки агар рӯзи равшани офтобӣ намешуд, эҳтимол, лаҳзае гумон мекардам, ки ба панчаи ман зӯри худро паҳлавонони номӣ нишон дода истодаанд.

Ин буд, ки рафиқи ҳамин ҳоло изҳори шубҳа кардаамро бо баҳонае ба он даъра чеғ зада гуфтам, ки ӯ низ бо чавонон даст дода хайрухуш кунад. Пас аз дақиқае ӯ дар ҳолате ки ангуштони нарму сафеди дасти росташро бо дасти дигар молиш медод, хандакунон гуфт:

— Ҳо вай гапи ҳоло гуфтаам сад фоиз чиддӣ набуд. Як ҳазл кардам-дия.

— Сад фоиз набошанд, даҳ-понздаҳта будааст?

— Рост, камтар буд. Медонӣ, сабаб чист? Мо бисьёр ғавғо мекунем, ки ба ҳаёт бояд наздик шуд, зиндагонии офаридагони неъматҳои моддиро аз наздик бояд омӯхт ва ҳоказо... Ал-

батта дар ин соҳа хеле кӯшишҳо, ҳатто натиҷаҳо ҳаст. Лекин бо ин ҳама пешрафти ҳаёт гоҳо ҳайратангез аст.

Митинги серодам ва баъди он концерти «Гулшан» дар маркази шаҳр барпо шуд. Аммо то гузаштани он соате буд, ки дили ташкилкунандагонаш, аксари мизбонон ва меҳмонон низ аз ташвиш холӣ набуд. Митинг акнун ба охир мерасид, ки банохост боди тунде бархост ва анбӯхи гарду ғубор ва хасу хошоку коғазпораҳоро аз самти ғарб лӯнда карда оварда ва аз миёнаи биноҳои баланди майдони марказӣ гузаронида, ба кӯҳсори самти шарқ бардошта бурд. Дар кӯчое сими электр канда шуд. Микрофонҳо, радиодинамикҳо аз кор монданд. Мутрибони «Гулшан» варақаҳои нотаро рӯи пюпитрҳо пешакӣ тахт карда монда буданд. Шамол онҳоро ба ҳар сӯи майдон парешон кард.

Вале осмон соф буд. На пораи абре, на осори ғуборе. Пас ин ҳамту як ҳазли бемавриди табиат буд, ки зуд гузашту рафт. Дар ним соат шабакаи электр аз нав барқарор гардид.

Концерти ансамбли мо якҷоя бо артистони Норин мегузашт. Вале акнун ташвиши тозае пайдо шуд: майдони маркази шаҳр бо он ҳама фарохиаш ҳамаи хоҳишмандони тамошоро гунҷонида наметавонист. Нимдоираи атрофи эстрада торафт тангтар мегардид, зеро онҳое ки дар қафо буданд, андак-андак ба пешсафон фишор меоварданд. Бачаҳои синни мактабӣ, ки як қисмашон ҳанӯз портфель дар даст доштанд, нороҳат буданд.

Орифшоҳи Ориф нориниёнро аз номи санъаткорони тоҷик табрик карда, номераи аввалини концертро эълон намуд. Аммо аён буд, ки худи вай ҳам дар андеша аст, ки мабодо бачаҳо дар миёни калонсолон азоб кашанд, мабодо ҳодисаи нохуше рӯй диҳад.

Гурӯҳе ходимони милиция омада, ба ҳар ҷо-ҳар ҷои издиҳом даромаданд, то мардумро аз наздик ба оромӣ ва эҳтиёт кардани тамошобинони хурдсол даъват намоянд. Ин ҳам ба қадре ки лозим буд ,натиҷа набахшид. Концерт идома дошт, аммо роҳбарони мо, сардорони ташкилотҳои вилоят дар ҷои худ ором нишаста наметавонистанд.

Муҳаммад Осимӣ дам ба дам аз ҷои худ хеста, назди саркардаҳои маърака мерафтанд ва ба сӯи бачаҳо ишорат намуда, аз афти кор, дар бораи зарурати зудтар чорае андешидан гап мезаданд.

Аз айёме ки ҷамъияти одамӣ пайдо шудааст, идора кардани издиҳом аз корҳои маҳолтарин буд. Борҳо шудааст, ки одамон миёни издиҳоми калон ба шавқи умум гирифтор шуда, ғайриихтиёр тела-тела карда, боиси рух додани ҳодисоте гаштаанд, ки ҳеҷ кадоме аз онҳо содир шудани онро ҳаргиз намехост.

Қувваи издиҳомро боре ман ҳам бевосита эҳсос кардаам. Бегоҳирӯзии иди сивудусолагии Революцияи Октябрь мо, чаҳор нафар тоҷикписарон, ки дар Мактаби марказии комсомол меҳондем, маҳз барои тамошои салюти идона ба Майдони Сурх рафтем. Соат нӯҳ нашуда, Майдони Сурх, кӯчаю хиёбонҳои атроф аз одам лиқ пур шуд. Мо ният доштем, ки баъди салют аз кӯчаи байни ГУМ ва музеи ба номи В. И. Ленин гузашта, ба майдони ба номи Дзержинский меравем, ё ҳеҷ набошад, аз майдони Революция гузашта, ба майдони Свердлов, то ки аз он ҷо ба поезди метро савор шуда, худро ба вокзали Қазон бирасонем. Оре, худ ба худ ҳамин хел нақшаҳо кашида будем. Аммо салют тамом шуда буд, ки издиҳом моро ба «гирдоби» худ кашида, аз паҳлуи чапи калисои Василий Блаженный гузаронида, ба поён фаровард, ба сӯи Пули Бузурги сангин бурд. На фақат ба муқобили ҷараёни издиҳом рафтан имконе надошт, балки илоҷе набуд, ки лаҳзае дар ягон ҷо қарор гирифта, аҳволи худро мулоҳиза намоем. Танҳо дар он канори Пули сангин, вақте ки ба соҳили дигари дарьёи Москва расида будем, издиҳом моро аз канори худ раҳо намуд. Он шаб аз электричка монда, шабро дар ҳаракҳои зали мусофирони вокзал рӯз кардем...

Хайрият, аз кӯчое боз як даста аскарон омаданд ва бачаҳоро аз миёни тӯда ҷудо карда, гирдогирди саҳнаи тахтагин нишониданд. Лекин ҳоло боз як чиз монда буд, ки диққати касро парешон мекард. Боми иморати ҷаҳоршьёнаи тарафи чапи майдон пур аз одам буд ва қаторҳои онон аз дур селаи паррандагонро ба хотир мерасонид, ки рӯи симҳои телеграф нишастаанд. Чанде аз онон дар лаби боми баланд баҳузур нишаста, поҳошонро нотарсона ба поён овезон карда буданд. Агар иморати баланди самти рост биною комиҷроияи вилоят намешуд ва агар дар таги дараш посбонон наменстоданд, шубҳае набуд, ки лаби боми ин бино ҳам аз тамошобин пур мегардид. Ин манзара барои мухбирони суратгир ва кинооператорон бозьёфти нодире буд ва онҳо «ҳамая мон, аммая меҳмон» гуфтагӣ барин бар болои автобуси «Гулшан» баромада, тамошобинони бомнишинро сурат мегирифтанд.

Ба ҳар ҳол акнун бо хотири ҷамъ концерт тамошо кардан мумкин.

Миёни дастаҳои ҳунарии республикаамон ансамбли «Гулшан» ҷозибаи махсусе дорад. Дар зарфи дувоздаҳ сол вай камол ёфта, ба ансамбли диловезе мубаддал гардид, аз дили ҳаводорони санъат маскан гирифт, дар пойтахти Ватанамон ва бисьёр шаҳрҳои Иттифоқи Советӣ санъати тозаи тоҷикро ба тарзи шоиста манзур намуд. Чӣ хосиятест, ки сурудҳои «Гулшан»-ро қариб ҳар рӯз аз концертҳо, аз радио ва телевизион мешунаваму боз ҳамеша ташнаи такрор шуниданам. Шояд са-

баб он бошад, ки устодони эстрада савтҳои дилфиребн моро тобишу ҷозибаи тозае ато кардаанд. Ва ин табдилот мисли он ҳолатест, ки кас нозанинеро ҳамеша дар либоси миллии тоҷикӣ дида, мафтуни ҷамолаш буд ва рӯзе банохост дид, ки дилбари фаттон либоси хушнамою шинами аврупоӣ дар бар кардааст ва бар замми латофати чеҳраю хироми нозук акнун боз тарҳи дилнишини қомати мавзуни ӯ мавриди назари иштиёқ гаштааст.

Сабаби дигар, бешубҳа, ин аст, ки ансамбль акнун Муқаддас ва Тоҷиддин барин як зумра ҳофизони хушовоз дорад, ки дар адои нозук мумтозанд ва маҳорати онҳо, хушбахтона, дар рушду камол аст.

Концерт тамом шуд, артистони «Гулшан» асбобҳошонро ғундошта, ҷо ба ҷо карданд. Вале қисме аз тамошобинон, хусусан бачаҳои мактабхон ва ҷавонон, гуё эълон заррае ба онҳо дахл надошта бошад, атрофи суфаи эстрадаро ҳалқасон печонида гирифтанд. Орифшоҳ, ки дар давоми концерти қариб сесоата бо суханҳои ҳазломез мардумро хушҳол медошт, ҳоло дар мобайни суфа бо чеҳраи хаёлолуд рост истода, фикр мекард, ки дастаи худро аз иҳотаи ҳаводоронаш чӣ гуна баровварда, ба мошин савор кунад.

— Бачаҳои азиз! — ниҳоят гуфт ӯ.— Пагоҳ боз концерт. Мо ҳамаатонро ба тамошо таклиф мекунем. Лекин ҳоло бояд ба хонаҳотон рафта, дарс тайёр кунед, баъд дам гиред ва мультики * навро тамошо кунед. Имрӯз серияи тозаи «А ну погоди!».

Чанд нафар бачаҳо дав-давон, аммо аксарият гардани хорхорон пароканда шуданд, вале ҳалқаи ҷавонон ки ба гап даровварданашон чандон осон набуд, аз пештара тангтар мешуд. Орифшоҳ, яқин, чораи дигаре наёфта, ба рафиқонаш ишорае кард. Валерий Сасонов сурнай ва Даврон Муллоҷонов дойраи худро дубора аз ғилофҳо баровварда, савти шӯхеро навохтанд. Раҳима, Муқаддас, Тамара, Махфират ва худи Орифшоҳ роҳравон мерақсиданд ва ҳалқаи ҷавонон низ баробари онҳо ва дар атрофи онҳо ба ҷунбиш омад. Ҳамагӣ сад қадам масофаи байни эстрада ва автобуси «Гулшан» дар ним соат тай шуд. Боз чанд дақиқаи дигар имконияте набуд, ки дари автобусро пӯшида, ба роҳ дароянд. Мутрибон дар таги дари автобус ва рӯи зинаи он истода менавохтанд, духтарон худро аз тирезаҳои салон нишон дода мерақсиданд.

Гоҳо аз сабабҳои пешрафти босуръати санъату адабиёти советии қирғиз ба худ андеша мекардам. Хусусан аз инкишофи пуравҷ ва ҷаҳишмонанди санъатҳои кинематография, тас-

---

* *Мультик* — ба русӣ ихтисораи навозишомези фильми мультипликационӣ.

вирӣ ва драмаи қирғиз. Дар ҳамон майдон ба хаёл расид, ки шояд яке аз заминаҳои авҷи санъат ҳамин майли ҷӯшон, ҳирси бепоёни хаводоронаш бошад, ки ҳатто дар изҳори меҳри худ аз дигарҳо ин гуна тафовути гуворои хавасангезе доранд.

Парерӯз, ки дар Қӯчқор будем, мужда расид, ки коргарзани фабрикаи либосдӯзӣ, ҳамсари чӯпони номдори қӯчқорӣ ду духтар зондааст ва ҳар дуро Гулшан ном ниходаанд. Ин навид боиси хушхолӣ гардид, вале дарҳол мубохиса сар шуда рафт:

— Гулшан номи сара. Лекин чӣ тавр ба ду духтар як номро дода бошанд? — мегуфт яке.

— Гулшани як, Гулшани ду мегуфтагистанд,— тахмин мекард дигаре.

— Не. Яке Гулшанак, дигаре — Гулшанбӣ.

— Э шумоён аҷиб одамонед. Охир падару модараш ягон илоҷ меёбад-дия.

— Не, сабабгори ин воқеа ансамбли «Гулшан» аст. Монед, ки ин муаммоя худи гулшаниҳо ҳал кунанд.

— Рост. Орифшоҳ, додарам, ҳамроҳи духтаронат гулдаста бардору ба таваллудхона бирав. Ҳам табрик мекунед, ҳам якбора масъалаи номи ҳамномҳотона ҳал мекунед...

Дар сари хӯроки шом сарвари давра котиби комитети партиявии вилоят Телектеш буд. Ҷавонмарди хушандом, хушсухан ва хеле хушрафтор. Ӯ лутфан гуфт, ки шарафи раёсати комиссияи вилоятии оид ба тайёрии Рӯзҳои маданияти Тоҷикистон насиби ӯ гаштааст ва ҳоло ёрдамчиёнаш хабар оварданд, ки дар митингу концерти маркази шаҳр имрӯз даҳ ҳазор кас иштирок дошт. Телектеш боз гуфт, ки байни гурӯҳҳои меҳмонону мизбононе ки ҳоло дар вилоятҳои Қирғизистон дар сафаранд, мусобиқаи ноаёне вуҷуд дорад. Вай амин аст, ки ин мусобиқа расман эълон нашуда бошад ҳам, гурӯҳи Норин ҳатман ғолиб хоҳад омад. Ҳамаи митингу мулоқотҳо ва хусусан анҷумани имрӯза далели ин аст.

Ин хабар боиси нидоҳои пурхурӯши ҳозирон ва алалхусус ансамбли «Гулшан» гардид.

### «БА ТАҒОТОН АЗ МО САЛОМ!»

Агар ҳамон тундбоди шӯхи дирӯзаро ба ҳисоб нагирем, аз рӯзе ки ба Қирғизистон омадаем, обу ҳавои кишвари бародарон низ ба тарзи худ меҳмоннавозӣ мекунад; шабона борон меборад, рӯзона офтоб бо саховат нур мефишонад.

Ин саҳар мо аз кӯҳу кӯталҳо гузашта, ба районии Атбашӣ меравем, ки бисьёр чорвопарварони машҳури республика аз он ҷо баромадаанд.

Тамоми шаб сим-сим борон рехта, барги дарахтон, асфаль-

ти роҳҳоро шуста, тобону дурахшон кардааст. Ҳар ҷо-ҳар ҷо, дар сари теппа ё харсангҳои канори роҳ аз дур пайкари савора ё оху ё сайёди камон дар даст ба назар мерасаду дар хамгашти роҳ ғоиб мешавад. Азбаски мошин бо суръат мегардад, чунин менамояд, ки ин пайкарҳо ҳама зиндаанд, дар ҳаракатанд ва ба истиқболи мусофирон баромадаанд. Лекин Тендик мегӯяд, ки инҳо ҳама муҷассамаҳои сангинанд.

Аз пеш, мисли он ки дар Қӯчқор дида будем, анбӯҳи йигитҳои савора намоён мешавад. Аммо ин дигар гурӯҳи муҷассама не, балки савораҳои ҳақиқӣ, йигитҳои чавандози Атбашианд. Ба мо таклиф мекунанд, ки аз мошинҳо фаромада, то ҷои мулоқот бо сокинони район аспсавор биравем.

Чӣ хел нағз! Чӣ фикри олиҷанобе! Қанӣ акнун Тендик? Ӯ ваъда дода буд, ки ҳамин ки мавқеи аспсаворӣ расид, барои интихоби аспи бидав кӯмак хоҳад кард. Ваъдаро фаромӯш кардааст, аз афташ. Ҳо дар як канор бо кадоме аз рафиқонаш бо фароғат суҳбат мекунад. Хайр, ҳеҷ воқеа не. Худи банда ҳам молшиносам.

Як йигити хушбурути қирғиз «меҳмон-ағай, ин сӯ биё» гуфта, маро ба наздаш мехонад.

— Аспатон зӯр? — пурсидам аз ӯ пас аз саломуалек. Ба аломати тасдиқ сар ҷунбонида, ба забони модариаш як олам гап зад. Чӣ гуфтанашро пурра нафаҳмидам, вале аз ҳаракатҳояш чунин маънӣ мебаромад, ки аспи ӯ барин бодпо ва хушрафтор дар ин иқлим ёфт шуданаш гумон.

Аз қоши зин дошта кашидам, то бубинам, ки оё пуштанг таранг аст. Худо накарда, ба зини ковок нишинӣ, дар нимароҳ афтода, шармсор хоҳӣ шуд. Аммо зин маҳкам буд, худи асп ҳам аз такони ман накалавид, устувор меистод ва бо хавотир ба сӯи ман чашм ало мекард, ки ин чӣ махлуқест, ки аз чорчархаи буйноки карасинолуд баромада омада, ба ман часпид?

Аспро савор шуда ва ҳалқаи тозиёнаи кӯтоҳдастаи қирғизиро аз банди дастам гузаронида, ба пойга тайёр шудам. Ҳоло каме мунтазир шудан лозим буд, то ҳамаи ҳамсафарон савор шаванд ва якҷоя ҳаракат кунем. Гулчеҳра Сулаймонова, Зулфия апа Баҳриддинова, ҳофиздухтаронамон Мағфират, Тамара ҳанӯз дар гӯшае истода, илтимос мекарданд, ки агар мумкин бошад, онҳо пиёда ё мошинсавор биравaнд, хулоса коре шавад, ки ба ин ҷонварҳои ношинос савор нашаванд. Мизбонон мегуфтанд, ки натарсида савор шаванд, онҳо ҳамроҳ хоҳанд буд, эҳтиёт хоҳанд шуд ва ҳоказо.

Ниҳоят, Тендик Аскаров суҳбаташро анҷом дода, ба аспе савор шуд ва ба наздиктари ман омада гуфт:

— Ҳо, балоча, аспи хуб ёфтаӣ. Лекин ҳушьёр шав, охир худат гуфта будӣ, ки кайҳо боз аспсаворӣ накардаӣ.

Ишорат шуд, ки ба роҳ дароем. Хӯш, канӣ, чу! Чу, лочин! Чу, бодпо!

Умед доштам, ҳамин ки лаҷомро сар дода, андаке имо кардам, аспи таърифӣ дар як зум маро ба сафи пеш мебарорад ва банда ба мардум намоиш хоҳам дод, ки умрамро дар кӯчаҳои шаҳр савори автобусу троллейбус гузаронда бошам ҳам, малакаи овони ҷавониро ҳанӯз тамом гум накардаам. Аммо таковари ман чунон бо андешаю мулоҳиза ва шумурда-шумурда пой мемонд, ки гӯё моҳҳои дароз бемори бистарӣ буду ҳамин ҳоло роҳгардиро аз нав машқ карда истодааст.

Аз тӯдаи саворон қафо мондам. Ҳатто занону духтарони ҳамсафарам, ки баъзеашон аз бими афтодан дудаста ба ёли асп часпида буданду аз мизбонҳои аз ду тарафашон барои эҳтиёт раванда дам ба дам «боз оҳистатар равем» гӯён илтимос мекарданд, аз ман хеле пеш гузашта рафтанд.

Чун дидам, ки соҳибони асп ба мошинҳо савор шуда, ба мулоқотгоҳ рафтанд ва қафотар аз ман дар ин атроф касе намонд, ба сағрии аспам болои ҳам ду қамчин фаровардам. Вай помониашро саҳле тезонид, аммо суръаташ ҳамчунон гашти мошини боркашеро монанд буд, ки карбюраторашро чирк гирифтааст ё худ ба ағбаи панҷҳазорметрӣ баромадаасту аз нарасидани ҳаво нафастанг мешавад ва такон хӯрда-такон хӯрда меҳазад.

Пешопеши гурӯҳи саворон Шодӣ Саидов, Орифшоҳи Ориф ва Холмурод Шарифов мерафтанд. Аспҳои савории онҳо гӯё рақскунон, сару гардану ёлҳои хушрӯяшонро ба ҷилва андохта, бо як сабукӣ ва шавқи зебо мерафтанд. Ин манзарааро медидаму ҳис мекардам ки дилам аз ҳаваси рашкомез пур шуда истодааст.

Афсонае ба ёдам расид.

Марде ба се писари худ васият хонда ва мерос гузошта, аз олам чашм мепӯшад. Аммо бародарони калонӣ ҳамаи меросро ду тақсим карда, ба худ мегиранд. Хурдӣ, ки ҷавони ҷисман назарногири табиатан шармгин буд ва ба заммӣ ин сари калаш ҳадафи хандахариш буд, чизе нагуфта, аз паи иҷрои васиятҳои падар мешавад. Рӯзе эълон мешавад, ки подшоҳи мамлакат барои духтараш дар пойга домод интихоб мекунад. Ҳар човандозе ба марра пештар расад, шавҳари шоҳдухтар ва молики нисфи мамлакат мешудааст.

Бародарон аспҳои даванди меросиро савор шуда ба пойга мешитобанд. Писари хурдӣ парешону ғамгин машғули кори хона менишинад, ки ногоҳ дар боғ аспи лоғари нимҷоне пайдо мешавад У низ таваккалкунон савор шуда, ба майдони бахтозмоӣ меравад. Вақте ки пойга сар мешавад, аспҳои дигар мисли бод ба пеш метозанд, аммо тотуяки ӯ поҳои худро базӯр кашола мекунад ва ҳама ба ҳоли ӯ ва аспи ӯ механданд. Ле-

кин то марра ҳануз роҳ дур аст ва ӯ мебинад, ки аспи хароби ӯ лаҳза ба лаҳза гӯшт гирифта, қаду бар ёзонида, дар пеши назар бузургу бардам шуда истодааст. Вай аввал лӯкка, баъдтар йурға шуда, сонӣ ба яккачорхез мегузарад ва ниҳоят, ба парвоз медарояд. Хулласи калом ин ки ӯ ба марра якумин шуда мерасад...

Саҳле ба пеш ҳам шуда, ба чашмони асп бо умеде нигаристам. Не, аз ваҷоҳати ӯ заррае аломати дигаргунӣ хонда намешуд. Бо зарби тозиёна ва маҳмеззаниҳо ҳамин қадар муяссарам шуд, ки ба тӯдаи асосӣ бирасам. Онгоҳ чунон вонамуд кардам, ки бодпои худро қасдан лаҷом кашида, оҳиста меронам то аз ҳоли духтарони ҳамдиёрам, ки аввалин бор асп савор шудаанд, воқиф бошам.

— Читу асп, маъқул? — пурсид соҳиби маркаб вақте ки лаҷому тозиёнаро аз дастам мегирифт.

— Нағз. Аспи баақл будааст: қувваташа баҳисоб сарф мекунад.

— О-о, бисьёр аспи бақувват. Як тағои пир дорам, азони ҳамон кас.

— Ҳа-а, ин тавр гӯед. Ба тағоятон аз ман салом гӯед. Албатта.

Аламу ормони аспи лаванд дар дилам ҳар қадар зӯр бошад ҳам, мулоқот бо намояндаҳои Атбашӣ чунон шавқангез ва пур аз меҳру самимият буд, ки ниҳоли ҳасрат, ба қавли ровиёни қадима, ҳануз муғча накарда, пажмурда гардид ва ғубори ранҷ аз сафҳаи дил зудуда шуд.

Рафиқони қирғиз гӯё ягон дақиқа фаромуш намекарданд, ки иди маданияти тоҷик аз чандин рӯз иборат бошад ҳам, ба ҳар ҳол ин рӯзҳо башуморанд. Ва кӯшиш мекарданд, ки дар ин муддат меҳмонони худро бо хубтарини анъана ва урфу одатҳои миллӣ, бо тарзи зиндагонии қирғизони кӯҳистони Тиёншон ҳар чӣ беҳтар шиносо кунанд.

Дар майдони фароҳи мулоқотгоҳ аввал як гурӯҳ писарбачаҳои аз ҳафт то дувоздаҳсола ба оҳанги мутрибон рақсеро намоиш доданд, ки дар он асптозии мардони шуҷоъ, мусобиқаи йигитҳо дар чобукӣ, саҳнаҳои шикор, муҳориба бо истилогарон ва ғайра акс ёфта буданд. Писараки аз ҳама хурдтарин, зоҳиран, шамол кашида зуком шуда будааст. Ӯ ҳар дам оби шорони биниашро бо нӯки остин пок карда, шалвори резинаки нифааш сустшударо болотар кашида мемонд, аммо рақси худро ҳамчунон бо шавқ ва маҳорати хоси худ давом медод. Аз рақси ин писарак, аз самимияти кирдори ӯ ҳама ба риққат омада буданд.

Ширинкоре дар либоси Роҷа аз фильми ҳиндии «Ҷаноби 420» баромада, ба савти ҳиндӣ ва забони қирғизӣ суруди марди танбали танпарварро хонд. Аз афташ, «лаҳҷаи» коргуре-

зон дар ҳамаи забонҳо як хел аст, ки мазмуни суруди ӯро ҳама ба хубӣ фаҳмиданд ва ҳунарашро тақдир намуданд.

Баъд сайёди куҳансоле уқоби шикорӣ дар сари китф ба майдон баромада, ниқоб аз чашмони уқоб бардошт ва шикори харгӯшро намоиш дод. Сонӣ мусобиқаҳои анъанавии гӯштингирони савора, қиз-қуу, яъне дунболагирии духтарон, кӯчи чорвопарварон намоиш дода шуд. Мо ҳамаи инро бо ҳаловат тамошо карда, байни худ мегуфтем, ки мизбононамон ба истиқболи мо чӣ қадар захмат кашида, тайёрӣ дидаанд. Охир, ба майдони мулоқот, ки чандин километр дур аз маркази район воқеъ гаштааст, чӣ қадар аспу уштур, хаймаву боргоҳу бору буна овардаанд. Дар як тарафи ин мавзеъ дар домани тале ба рӯи замини тирафоми тирамоҳрӯя сангҳои сафед чида, шиор навиштаанд, ки аз дуродур, аз масофаи чандин километр равшан хонда мешуд: «Хуш омадед, дӯстони тоҷик!».

## ШАБИ ШОДӢ

Боз дар хаймаи пироста, сари мизи оростаи қирғиз нишастаем. Дар паҳлуи ман — раиси Комитети кино Шодӣ Саидов, сардори идорае ки камина он вақт хизмат мекардам.

Шодӣ Саидро дар республикаи худамон ҳамчун журналисти ботаҷриба, муаллифи чандин силсила мақолаҳои батаъсир, очеркҳо дар бораи коркунони номдори саноат ва хоҷагии қишлоқ мешиносанд. Вале чӣ гуна одами хушсӯҳбат буданашро на ҳама медонанд. Дар сӯҳбати рафиқон аз кадом бобат, ки сухан наравад, Шодӣ Саидов албатта ягон воқеаи ғалатӣ нақл мекунад. Мо худи ҳозир аз митинги мулоқот омадем ва ӯ роҳравон дар мавзӯи митинг ҳикояте гуфт:

— Рӯзи вафоти як шахси обрӯманд дар маркази вилояти Ғарм митинг шуда буд. Мувофиқи оин ҳама бо сари бараҳна рост меистоданд. Лекин дар минбар яке аз одамони машҳури вилоят тоқипӯш меистод, чунки сараш кал буд. Тобистону зимистон бе каллапӯш намегашт. Ҳазорон нафар бо чеҳраҳои ғамолуд хомӯш меистоданд ва касе ба тоқии он шахс эътиборе намедод. Аммо як ошнои ман, ки бо лақаби Одина Майлис машҳур аст ва шоир Боқӣ Раҳимзода дар бораи ӯ як силсила қиссаҳои аҷоиб дорад, аз байни мардум ҷудо шуда, башаст ба минбар баромад ва тоқии он шахсро чанг зада гирифту гуфт:

— Ӯгам, ҳами мотами инсон зарурай ё сари кали ту?!

Ва тоқиро ба ҳаво ғурронид, ки паррон рафта, ба як канори майдон афтод. Чанд кас худдорӣ карда натавониста, сар ҳам карданд ва рӯйҳошонро бо гиребони ҷома пӯшониданд.

Бечора Одина Майлис ҳамон бегоҳӣ выговор гирифт.

...Бо Шодӣ Саид ман ошнои сисола дорам: вақте ки дар

редакцияи «Тоҷикистони Сурх» ходими адабӣ шуда кор мекардам, аз газетаи «Большевики Ғарм» чандмоҳа барои таҷрибаомӯзӣ ба котиботи редакция омада буд. Қомати бағоят дарозу пайкари қариб бегушт ва қоқи ин касро ҳар рӯз чандин маротиба медидаму ҳар бор дар дилам мегуфтам: ин мардаки бечора бешак дарде дорад. Вагарна чӣ хел мумкин аст, ки одам ба ин андоза дарозу ба ин дараҷа лоғар бошад?

Ҳоло пайкари Шодӣ Саид тамоман мутаносиб шудааст. Агар дар ягон майдони паҳновар митинге барпо шавад, аз байни даҳ ҳазор кас аввал сару китфу бозӯи ӯро мебинед.

Баъди он ки дар идора кор мекардагӣ шудем, рӯзе пурсидам, ки чӣ хел карда, аз он лоғарӣ наҷот ёфтӣ?

— Э напурс,— гуфт Шодӣ Саид,— зор монад лоғарӣ, қариб буд, ки «биографияамро» вайрон кунад.

Ва нақл кард, ки вақте ӯро ба Москва барои таҳсил ба Мактаби олии партиявии назди КМ КПСС фиристоданд, аз комиссияи тиббӣ нагузашт.

— Зиндаю саломат ба хонаатон баргардед, ҳамин давлати калон ба шумо,— гуфтааст раиси комиссия.

— Чаро? О ман сип-сиҳат-ку! — эътироз мекунад Шодӣ Саид.

— Ки сиҳату ки не, мо ҳам камубеш медонем. Биравед, ба шумо ҷавоб,— гуфтаанд аъзоёни комиссия.

Шодӣ Саид ба давуғеҷ медарояд. Ба сардори комиссияи қабул арзи шикоят мекунад. Аммо духтурон ба раиси комиссияи қабул мегӯянд, ки пайкари ин одам ғайримӯътадил аст. Барои рост нигоҳ доштани устухони ин қадар як қади дароз ба қадри кофӣ гӯшту пӯст надорад. Монед, ба хонааш равад, дар зимистони қаҳратуни Москва дар кӯча ях баста, мурда монад, сари шумо ҳам ба ҷанҷол мемонаду ҷони мо ҳам дар бало.

Шодӣ Саид ба як шахси калоншаванда муроҷиат мекунад ва дар зимни сухан мегӯяд:

— Солҳои ҷанг солдат будам. Дар қисми миномётчиён хизмат мекардам. Аз тиру туфанги фашистҳо, дар саҳроҳои барфпӯш, дар окопу хандаққҳои пур аз обу лой намурдаму дар ободтарин шаҳри олам дар замони тинҷию амонӣ чаро мемурдаам? Инро ба олимони арҷманди тиб чӣ навъ фаҳмонам?

Ӯро ба мактаб қабул мекунанд.

— Хайрият, обу ҳавои Москва форид,— гуфт Шодӣ Саид.— Дар ду сол гӯшт гирифта, аз пештара даҳчанд бардаму бақувват шуда рафтам. Гоҳо худамро дар оина дида, ҳайрон мешудам.

Як рӯзи зимистон ба кабинети Шодӣ Саид даромадам, ки машғули кор менишаст, лекин аён буд, ки хавосаш парешон аст. Пурсидам, ки чӣ гап?

— Гапи казой не. Як ҳоҷати хурд баромад, аммо ҳаллаш мушкил шуда монд. Модарам дар Ғарм зиндагӣ мекунад, ҳарчанд ба ин ҷо ба хонаҳои гарм биё гӯям, аз зодгоҳаш дур рафтан намехоҳад. Ҳоло хонаи кампир беангишт мондааст. Такудав карда, як миқдор ангишт ёфтам, бурда расониданн он муаммо будааст.

— Таксобаза ҳаст-ку,— гуфтам.— Хоҳ одам, хоҳ молу ашьё бошад, ба ҷои дилхоҳ мекашонад.

— Ҳа, ҳама чиза кашонад ҳам, ангишт намекашонидааст. Сабаб пурсам, қариб даҳта параграфа хонда доданд.

Муддате хомӯш нишасту чизеро ба ёд оварда, чеҳрааш равшан гардид. Сонӣ ба нақл даромад:

— Соли чилу панҷум зиндаю саломат аз фронт баргаштам. Модар танҳо буд, дар хона на як параха хезум, на ягон дона гандум. Аз кӯҳ се-чор банд шувоғ зада овардам. Ба колхозу военкомату ину он идора давида, ним пуд гандум ёфтам. Орд кашида оварда, ба модар додаму худам ба Ғарм рафтам. Хотирҷамъ будам, ки акнун ақаллан ягон моҳ деги модар бе обу оташ намемонад.

Бегоҳӣ баргаштам, ки модар таки дари ҳавлӣ сари по нишаста, ба ҳар касе аз кӯча мегузарад, якта-якта кулча медиҳад. Маро дида шодикунон гуфт:

— Биё, очат садқа, аз гӯлакит банасиба будӣ. Иқа кулча мондай, худамон мехӯрем.

Аҳволи дигар оилаҳои деҳа аз мо беҳтар набуд ва ман ба модар гуфтам, ки кори савобе кардай. Боз ду рӯз давуғеҷ карда, бо азобе чанд кило орди ҷав ба даст овардам, вале ин дафъа ордро ба дасти оилаи як рафиқам супурда, таъин кардам, ки ман боз ба Ғарм меравам, аз ин орд ҳар рӯз кам-кам ба модар бидеҳ, ки дигар илоҷи таъмини рӯзгор нест.

Ҳоло паҳлуи ҳам дар ҳаймаи зебои қирғизӣ нишастаем. Ҳамсафарон бо ҳам суҳбат мекарданд. Ҷавонписарону духтарони қирғиз қомузу дойра ё баяну аккордеон дар даст ба хайма ворид шуда, сурудҳои дилошӯб месароиданд.

— Пештар,— гуфт Шодӣ Саид,— ҳаймаи қирғизонро сад бор аз берун дида, ягон маротиба ба дарунаш надаромадаам. Аз берун назарногиру дарунаш хушҳаво. Барои чӣ ин тавр?

— Қонуни оптика,— гуфтам ба худ қиёфаи донишмандонае гирифта.— Чизҳои мудаввар, кулӯла аз канора аз будаш хурдтар метобад.

— Эҳтимол, эҳтимол,— гуфт ӯ.— Лекин дар ин ҳайма сад кас баҳузур мегунҷад.

— Не, сад кас намегунҷад,— эътироз кардам ман ва мусоҳибаи ороми мо дар ин ҷо ба мубоҳиса табдил ёфт.

— Мегунҷад,— гуфт Шодӣ Саид.

— Намегунҷад. Вай резинӣ не.

— Намадӣ бошад ҳам, мегунҷад.

Ман шумораи ҳозирон, диаметри (қутри) тахминии хайма ва боз як қатор рақамҳоро оварда, исбот карданӣ шудам, ки бисьёр барад, панҷоҳ кас мебарад.

— Хайр,— гуфт Шодӣ Саид оромона.— Аввал панҷоҳ кас даромада хӯрок хӯрда, қимиз нӯшида мебароянд, дарҳол панҷоҳ каси боқимонда медароянд. Ҷамъ мешавад, сад кас.

Ба кори худам хандаам омад, ки бо одами ҳазлкаш баҳс карда нишастаам.

Як мулоқотам бо Шодӣ Саид ҳеҷ фаромӯш намешавад. Дурусттараш ду мулоқот дар байни ним соат. Солаш дар ёдам намондааст, лекин хуб дар хотир дорам, ки арафаи иди май, 28 ё 29 апрель буд. Ба идораи ҳамонвақтаи Шодӣ Саид бо коре даромадам, ӯ дар як гӯшаи хилвати долон рост истода, пасси ҳам папирос дуд мекунонид. Ҳайрон шудам, ки чаро кабинетро монда, ин ҷо истодааст. Ба салому алейку пурсупос ниҳоят мухтасар ҷавоб медод. Хавотир шуда пурсидам, ки чӣ воқеа шуд. Гуфт, ки ба наздаш як одам омада, ба ӯ арз кардааст, ки худи ҳамин рӯз ба районаш баргашта, худашро мекушад.

— Барои чӣ?

— Аз мансабаш фаровардаанд. Алам кардааст, мегӯяд, ки вазифаамро гашта надиҳанд, худама мекушам. Ба хуни манҷу ризқи шаш бачаам идораи Совети қишлоқ зомин шавад.

— Ноҳақ аз кор гирифтаанд?

— Ноҳақ дар куҷо? Ӯро нағз мешиносам. Одами нобоб: берӯ, густох, виҷдонаш соле дувоздаҳ моҳ набошад ҳам, ҳафтҳашт моҳ дар хоб. Хулоса, нобоб.

— Хайр, чӣ?

— Э ту аҷиб-а! Худкушӣ ҳодисаи андак аст?!

— Насиҳат накардед?

— Фоида надорад. Қисааш пури тири милтиқи шикорӣ. Қалибри дувоздаҳум, яъне калонтарин калибр. Ҳар кадомаш чормағз барин қурғошим дорад. Яктааш уштурро ҷо ба ҷо мекушад.

— Ба фикри ман, ба милиция хабар додан даркор.

— Намешавад.

— Набошад, чӣ илоҷ?

— Намедонам. Мардака дар кабинет монда, дар ин ҷо фикр карда истодаам.

Баъди ним соат ба кабинети Шодӣ Саид даромадам, ки ором нишаста сармақола менависад. Маро бо чеҳраи кушод пешвоз гирифта гуфт:

— Шуд. Илоҷаша ёфтам. Гуфтам, ки азмат ҷиддӣ бошад, майлат. Лекин сабр кун, гуфтам, ид гузарад. Фардо иди Якуми Май, иди баҳор, иди меҳнат, рӯзи якдилӣ, ҳамрайъӣ, хуло-

са ид. Рӯзи ид хабари ҷанозаат барояд, мардум лаънат мекунанд. Мегӯянд, ки одами хуб набудааст, бар падараш ҳазору як лаънат, айёми ид худаша кушту дили ҳамая сиёҳ кард. Ид гузарад, ана сонӣ кората кун, мардум бо иззату обрӯ бурда гӯру чӯб мекунанд. Розӣ шуда баромада рафт.

Он мардак ҳоло зиндаю саломат аст. Дар совхоз бригадир шуда кор мекунад. Ба назди Шодӣ Саид дигар наомадааст, лекин соле чанд бор ба воситаи дигарон саломӯ паём мефиристад...

Муддате ба суҳбати умум гӯш дода нишастем.

— Фазлиддин, як илтимос,— ногоҳ гуфт Шодӣ Саид.

— Хӯш?

Мову ту дар идораи кино кор мекунем. Биё аввал як сценарий тартиб дода, баъд аз рӯи он тадбире кунем.

— Майлаш. Лекин чӣ гуна тадбир ва сценарий дар кадом мавзӯъ?

— Ҳардуяш ҳам дар мавзӯи хӯроку дастархон. Гӯш кун, ман аввал мақсада фаҳмонам, сонӣ савол медиҳӣ. Ман аз бачагиам каллапочая дӯст медорам. Каллаи ҳил-ҳилпухтаи гӯсфанд барин таоми лазиз нест дар дунъё. Нигоҳ кун, ҳо-о ана дар пеши домулло Осимӣ бекор хобидааст. Қасдан ба он сӯ нигоҳ намекунам, ки мабодо назарам афтад, даҳанам об мекушояд. Чаҳор рӯз инҷониб каллаҳои нағз пухтагия оварда, рӯи дастархон мемонанд, лекин ба пеши Холмурод Шарифович ё ана вай хоҳари кашидадӯзамон Зулфия апа. Онҳо акаллан бо гӯшаи чашм нигоҳ намекунанд, гирифта хӯрдан як сӯ истад.

— Рост мегӯед. Чор рӯз боз ба калла касе даст нарасондааст. Шунида будам, ки мизбони қиргизро хурсанд кардани бошед, каллаи моли ба истиқболи дӯстон кушташударо пок-покиза хӯред. Охир маҳз ба ҳамин мақсад каллая пеш аз дигар таомҳо пухта, махсус ба назди меҳмони мӯътабар мемонанд.

— Ин оина ман на фақат шунидаам, дар хонаи қирғизони Ҷиргатоли худамон сад бор дидаам. Ҳайфи ҳамту таоми бамаза!

— Хайр, чӣ ҷои мунозира? Ҳозир пурсида, ба ин сӯ мегирем, шумо мехӯред кайф карда.

— Ба ту гуфтан осон. «Кайф карда...». Ту нависанда, шахси расмӣ не.

— Хӯш, чӣ илоҷ?

— Илоҷа гуфтам-ку. Ту навъе карда, аз хӯроку дастархон гап кушо, он тарафаша ман ягон баҳона меёбам.

— Хуб. Кӯшиш мекунам,— ваъда додам ва ба хаёл рафтам.

Одатан кас ҳамин ки ба маъракае расид, пешакӣ дар хаёлаш ягон фикри ҳамчун нӯшбод гуфтанбобро тайёр карда мемонад, ки баногоҳ сардори давра сухан диҳад, саросема шу-

да, дар хиҷолат намонад. Ман ҳам чизе гуфтанӣ будам, вале он ба дарди сценарии лозимаи мо намехӯрд.

— Ёфтӣ? — шитоб мекунонид Шодӣ Саидов.

— Ҳозир. Боз як дақиқа.

Ногоҳ дубайтаи шӯхиомези шоири белорус Ригор Бородулин ба ёдам расид.

— Ёфтам! — гуфтам.

Шодӣ Саид ба пешгаҳи хайма ишораҳо карда, маро ниш᠎он дод, ки яъне Муҳаммадиев қадаҳ гуфтан мехоҳад.

Ба ман сухан доданд. Гуфтам, ки ҳамаи халқҳои Ватани мо дар меҳмондӯстӣ аз якдигар монданӣ надоранд. Ҳоло ки замони дар таърих беназири арзонӣ ва амонӣ фаро расидааст, дар боби меҳмоннавозӣ халқҳои бародар бо ҳам гӯё мусобиқаи ғайрирасмие доранд. Вақте ки нависандаҳои белорус ба республикаи мо ба даҳаи адабиёт омаданд, мо ба қадри ҳол меҳмондорӣ кардем ва шоир Ригор Бородулин дар яке аз сӯҳбатҳо дар ин хусус бадоҳатан шеъре гуфта буд.

Баъд мо ба Белоруссия рафта дидем, ки бародарон аз мо ҳам даҳ лой гузарониданд. Лекин чаҳор рӯз инҷониб дар сарзамини қирғиз гашта, дида истодаем, ки ҳама рекордҳои пешина дигар кӯҳна шудаанд. Аз Алаарча то Қӯчқор, аз Тиёншон то Атбашӣ сафи бародарону хоҳарони гул ба дасту ханда дар лаб, пойандози сабзаву гулҳои нозанин, дастархони фаровон гӯё як дам қатъ намешуду силсилавор давом мекард. Ва гоҳо ба назари мо чунин мерасад, ки сартосари кишвари зебои қирғиз ба як пойандози беинтиҳои гулпӯш ва як дастархони бузурги пурнеъмат табдил ёфтааст. Хоҳиш мекунам, барои саломатӣ ва комьёбиҳои нави офарандагони ҳамаи ин неъматҳо қадаҳ бардорем, ки намояндагони онҳо — чӯпонҳо, деҳқонони номдори Атбашӣ ин ҷо ҳузур доранд.

— Рафиқон! — хитоб кард Шодӣ Саид пас аз он ки ҳар кас ба қадри ҳол як-ду ҷуръагӣ шароб нӯшид.— Мехоҳам ба шумо қиссаи раисшавии тағоямро гуфта диҳам.

Ҳама гӯш ба қимор шуданд.

— Дар колхози мо баъди ҷанг ҳар сол якта раиси нав мешуд. Як сол ба маҷлиси хисоботию интихоботӣ аз район намояндаҳо омада, ба тағои ман гуфтанд, ки имрӯз туро раис интихоб мекунем. Маҷлис шуд, уро раис интихоб карданд. Вай аз хурсандӣ дар куртааш намегунҷид ва ҳар замон дар дил ба ҳукуматамон ҳамду сано мегуфт. Аз рӯи таомул баъди маҷлис барои меҳмонон ва фаъолони колхоз зиёфат дод.

Дар охир ба ӯ сухан дода, илтимос карданд, ки чизе бигӯяд. Тағоям мастона ба ин сӯву он сӯ назаре афканду хитоб кард:

— Зинда бод Ҳукумати Советӣ ва худум!

Меҳмонон малулу нозеҳ пароканда шуданд. Пагоҳии дигар аз ӯ пурсиданд: ин чӣ коре буд, ки ту кардӣ?

Ӯ гуфт:

— Айби худтон. Ба ман вақте сухан додед, ки кайҳо маст шуда будам ва ба назарам ғайр аз худам ва ҳукуматамон дигар касе наменамуд...

Ҳозирон бо завқ хандиданд. Холмурод Шарифович гуфт:

— Хайр, Шодӣ, ту қадаҳ гуфтӣ, лекин нагуфтӣ, ки ба хотири чӣ гуфтӣ.

— Не, Холмурод Шарифович, ман ҳикоят гуфтам. Барои он гуфтам, ки сардорамон сухан доданӣ бошанд, бармаҳалтар диҳанд, то ки аҳволи тағои раисам ба сари ман ҳам нарасад.

Боз хандаи умум баланд шуд.

— Сухан ба Шодӣ Саидович! — бо тантана эълон намуд Ҷумъагул апа Нусупова.

— Ташаккур. Лекин ман мехоҳам дар аввали нутқам баъзе норасоиҳои қадаҳи аз ин пеш гуфташударо қайд карда, баъд ба сари мақсад биоям.

— Марҳамат, марҳамат! — нидо баромад аз ҳар тараф.

Шодӣ Саид бо қиёфаи ҷиддӣ, қасдан суханони мутантанро интихоб карда, ба суханаш идома дод.

— Дар ин ҷо рафиқ Муҳаммадиев дар бораи дастархони пурнеъмати бародарони қирғизамон дуруст гуфт. Лекин нагуфт, ки мо бо айби худамон аз ин дастархон ба таври бояду шояд истифода набурда истодаем. Рост, дастархон мӯл, руи он фаровонӣ, аммо бояд гуфт, ки даводаву тозотоз ҳам каму андак не. Ба сари дастархон менишинем, лекин соате нагузашта, рафиқони роҳбарамон мегӯянд, ки бародарон, хезед, ба фалон ҷо меравем, моро мардум интизоранд.

Дар хонаи дӯст дурӯғ гуфтан гуноҳ. Росташро гӯям, ҳамин баҳор ман ба касали грипп гирифтор шудам. Гриппи дурагае будааст, ки аз боқимондаи вируси гриппи Гонконг ва гриппи ҷазираҳои Британияи Кабир ба дунъё омада паҳн шудааст. Грипп рафту осораш ҳанӯз дар баданам мондааст. Аз духтурҳо пурсам, ки давояш чист, парҳез мегӯянд. Аммо як табиби оқил гуфт, ки ба ин дард каллаю почаи гӯсфанд як ба як даво.

Боз садои ханда баланд шуд ва каллаи дар назди Холмурод Шарифович ва Осимӣ истодаро бо лаълиаш бардошта оварда, ба пеши мо монданд. Шодӣ Саид лаълиро аз пеши худ дурусттар ҷой дод ва гӯё акнун тамом хотирҷамъ шуда бошад, табассуми базӯр аёне карду гапашро давом кунонид:

— Акнун ба шумо якта ривоят мегӯям.

— Шодӣ! — хитоб кард Холмурод Шарифович,— о, ту қадаҳата кай мегӯӣ?

— Ҳозир. Дар ҳамин хаёлам.

— Хайр, майлаш, гуфтан гир. Фарз кардем, ки ҳамин шаб шаби ту. Яъне маърӯзачии асосӣ худат.

— Хуб шудааст. Ривоят мекунанд, ки як ҷавон духтари дилбохтаашро тӯй карда, ба занӣ гирифтааст. Тӯй гузаштаасту бегоҳ шудааст. Сонӣ шаб фаро расида, вақти хоб омадааст. Ҷавон ба хонаи наварӯс даромада, акнун ба висоли маҳбубааш тайёрӣ медидааст, ки касе ӯро ном гирифта, чеғ задааст. Ба қафояш нигоҳ кунад, як шахси бадҳайбат рост истодааст, лекин ба ҷинси одамизод он қадар монанд не.

— Кистед шумо? — пурсидааст.

— Ман Азроил,— гуфтааст он махлуқ.

— Азроил бошед, будаед, аммо дар ин ҷо чӣ кор мекунед?

— Ба пеши ту омадам. Наход надонӣ, ки Азроил барои чӣ ба пеши кас меояд?

— Шунидаам, лекин дида истодаед-ку: вақт надорам, ҳозир ба пеши арӯсам медароям.

— Э содда,— заҳрханда мекунад Азроил,— ман на ба вақт доштану надоштанат кор дорам, на ба кучо ва ба чӣ коре рафтанат. Аз боло фармон шуд, ки ҷоната гирифта, ба осмон барам.

Ҷавон фақат акнун ҳамаи ҷиддияти ҳоли худро сарфаҳм рафта, ба зорию тавалло медарояд. Мегӯяд, ки ҳеҷ набошад, ду-се рӯз сабр кунад. Азроил не мегӯяд. «Ақаллан то пагоҳирӯз сабр кунед». Азроил боз не гуфтааст.

Ҷавон ба нолаву зорӣ давом карда гуфтааст, ки инсоф кунед, эҳтимол шумо ҳамягон вақт ошиқ шуда бошед, зандор шуда бошед, барака ёбед, як илоҷ кунед.

— Хайр,— гуфтааст Азроил саҳле мулоим шуда ва ба гӯшае рафта пичир-пичиркунон омада, эълон кардааст:

— Ҳазрата розӣ кунондам. Ҳазрат гуфт, ки агар ҷавон ба ҷои худаш ягон каси дигара ба ҷон супурдан розӣ кунонида тавонад, ҷой иваз кардан мумкин, то ки плани имрӯза буд нашуда намонад.

Ҷавон ба назди падараш меравад ва воқеаро баён мекунад.

— Ҳа-а,— оҳ кашида мегӯяд падар.— Тақдир-дия, писарам, тақдир. Ба ҷои ту ба ҷону дил мерафтаму лекин худат мебинӣ, ки укаҳои хурдсол дорӣ. Ҳамаи онҳоро ба воя расонда, ту барин хонадор кардан даркор. Ин ба гардани ман ҳам қарзу ҳам фарз.

Ҷавон ба пеши бародараш мешитобад. Вай ҳам як ҷувол баҳона нишон дода мегӯяд, ки афсӯс корҳои бисьёр зарур дорад ва сад дареғ ки ба ҷои ӯ пеши Азроил рафта наметавонад. Ҷавон ба хонаи тағою амак, холаю амма ва чанд хеши дигараш меравад. Натиҷае намебарояд. Малулу ғамгин ба хона бармегаштааст, ки яке аз дӯстонаш вохӯрдааст.

— Ҳа? Чаро ғамгинӣ? — мепурсад ӯ.

Ҷавон воқеаро арз кардааст.

— Ӯҳ нохалаф-е,— дашном медиҳад дӯсташ.— О ҳамин рӯз тӯй шудию ҳамин шаба худаш омадааст-а! Биё, маро пеши он ноинсоф бубар, зормондаи планаш талаб мекарда бошад, садақаи сарат, ман ҷонама медиҳам, ту, ҷӯра назди янгаам рафта, чорта дами беғам зан.

Дӯстон ба хонаи ҷавон омадаанд, ки Азроил аз дар баромада мерафтааст.

— Куҷо меравед? Мана, ба ҷоям дӯстама овардам,— гуфтааст ҷавон.

— Лозим не. Аз боло дастур омад, ки майлаш имрӯз план андак чала монад, ҳеҷ воқеа не. Ин хел йигитҳо, ки барои якдигар ҳозиранд ҷон фидо кунанд, меарзад, ки зинда монанд.

— Халқҳои мамлакати мо,— гуфт дар охир Шодӣ Саид,— ҳамин гуна дӯстони қаринанд. Дӯстони ҷонӣ будани худро ҳам дар майдони муҳорибаҳои хунин, ҳам дар ҳамкории замони осоишта борҳо исбот кардаанд. Барои дӯстӣ ва дӯстони мо!

Нушбод ба ҳозирон хеле маъқул шуд.

Шодӣ Саид аз лунҷи гӯсфанд порчае ба ман бурида доду боқимондаашро пештар кашида, ба хӯрдан даромад. Ваҷохаташ бағоят ҷиддӣ буд, гӯё кори ниҳоят зарури дақиқро анҷом медода бошад. Дар нигоҳи ҳозирон ба ӯ ҳам хурсандии илтифотомез, ҳам ихлосу эътиқод, ҳам як андоза тааҷҷуб мушоҳида мешуд.

Мо, «азонихудиҳо», албатта, медонистем, ки Шодӣ Саид ин корҳоро ба хотири хушҳолии дӯстон мекунад. Дар сиришти ӯ чизе аз табиати ширинкорони халқӣ ҳаст, ки онҳо пайваста ба хуррам доштани ёрон мекӯшанд. Ҳатто баъзеҳошон махсус ба ин мақсад чизеро лақаб карда мегиранд ва ихтиёри худро мавриди ҳазлу мутоибаи рафиқон қарор медиҳанд.

Ин гуна хислат фақат хоси касонест, ки ба фазилати худ ҳамчун шахси баркамол эътимоди пурра доранд.

— Қалла хуб пухта будааст. Раҳмат ба пазандааш! — бо овози баланд гуфт Шодӣ Саид. Яке аз мизбонон каллаи дуввумро низ бо табақаш оварда, назди ӯ гузошт. Вай аз афташ, аз чорводорони машҳури Атбашӣ буд, ин аз пайкари тавоно, сару гардани офтобхӯрда ва ситораи тиллои сари синааш намоён шуда меистод.

— Ака,— гуфт ӯ.— Моро хурсанд мекунем гӯед, аз ин калла ҳам, чойҳои бамазатарашро бурида хӯред.

— Раҳмат. Лекин каллаи гӯсфанд ҷои бемаза надорад.

Ва боз садои хандаи аҳли хайма ба атроф паҳн шуд. Чанде аз ҷавонони дар хизмат буда ҳар замон сар аз даромадгоҳи хайма ворид карда, бо тааҷҷуб ба мо нигоҳ мекарданд, яқин

фаҳмидан мехостанд, ки ин мардум ба чӣ қадар аҳлона ва баланд механданд.

Шодӣ Саид оҳиста ба ман гуфт:

— Аз калла сер шудам. Лекин чӣ илоҷ, сценарийро то охир бояд риоя кунем, набошад, «фильмамон» суст мебарояд.

Суҳбати гарм идома дошт. Сайфулло Пӯлодов, ҳамкасби ӯ Анаш Абакиров, Гендик Аскаров низ дар боби дӯстӣ ва дӯстон ҳар кадоме суханҳои тоза гуфтанд. Муҳаммад Осимӣ байтҳои Саъдии Шерозиро оид ба дӯстони ҷонию нонию забонӣ хонда, ба русӣ тарҷума карданд. Анаш Абакиров аз достони Манас порчае хонда дод. Овози форам ва дар ин кор маҳорати хубе доштааст. Мисраҳои достонро чунон возеҳ, бо ифода ва ҳаракатҳои муносиб мехонд, ки мазмуни ривоят ба мо, тоҷикон, низ фаҳмо буд.

Ҷумъагул апа дар охир меҳмононро бори дигар ҳайра мақдам гуфт, табрик намуд ва илова кард, ки фардо пагоҳӣ соати даҳ мо бояд дар маркази вилоят бошем. Азбаски мардуми зиёде мунтазир хоҳанд шуд, дер мондан хуб нест.

— Узр мехоҳам, меҳмонони азиз,— гуфт Ҷумъагул апа,— ман таклиф мекардам, ки бемалол бошад, наҳориро дар Норин кунем.

— Не, не! — гуфт Шодӣ Саид.— Шумо бенаҳорӣ равед, ихтиёратон. Ҳамаатон саҳат-саломат. Ман касалама гуфтам. То ана ин каллаяа нахӯрам, аз ин ҷо намеҷунбам.

Ғулғулаи ханда боз дерғоҳе дар атроф сайр мекард.

## «НОРИНИЁНЕМ МО!»

Ҳамон суханони Телектеш гуфтагӣ, ки мо, норинихо, дар миёни гурӯҳҳои дигар бешак ҷои якумро хоҳем гирифт, дар суҳбатҳо зуд-зуд такрор мешуд. Ва гӯё барои тасдиқи ин даъво рӯзи охирини сафар меҳмоннавозӣ ба авҷи аълояш расид. Дар майдони маркази шаҳр митинги хайрбод барпо шуд. Ба роҳи бозгашт баромадем, вале дар ҳар се-чаҳор километри роҳ ба бошишгоҳҳои саҳроии чорводорон, ғаллакорон, ба мактаб ва ҳатто боғчаҳои кудакон даромада, бо одамон мулоқот ва хайрухуш мекардем. Дар ҳама ҷо бо паёму дуруд, рақсу суруд, нону намак ва гулдастаю туҳфаҳои аҷоиб истиқбол ва гусел мекарданд.

Ҷамъомади охирини хайрбод дар ҳамон майдоне шуд, ки моро шабона бо чароғҳо пешвоз гирифта буданд. Ин ҷо марғзори дилкаше будааст, ки моҳи сентябрь ҳам тароватн айёми баҳоронро нигоҳ доштааст. Пас аз нутқи намояндагони ҳар ду тараф ба ҳавои навозиши асбобҳои мусиқии қирғизӣ ва ансамбли «Гулшан» ҳама ба рақс афтоданд. Фақат Шодӣ Саид дар як гӯшаи давра рост истода тамошо мекард. Ман медо-

нистам, ки ӯ рақсида наметавонад, бо вуҷуди он дар дилам нияте пайдо шуд, ки навъе карда, ӯро ба майдон кашола кунам. Шояд сабаб ин бошад, ки дар бадали сӣ соли рафоқати мо ва бахусус дар зарфи се соли дар як идора кор карданамон ӯ як-ду маротиба бо ҳазлҳои худ моро ҳам ноҳоҳат кардааст.

Бо ҳамин нияти қасосомез ба паҳлуи ӯ рафтам.

— Шодӣ Саидович, ақаллан ҳамин рӯз камтар ракс кунед охир.

— Чӣ хел рақсам? Худат медонӣ, ки наметавонам.

— Нигоҳ кунед, ҳама мерақсанд. Магар ҳамаи инҳо рақкосанд?

— Чӣ кор кунам... Ман ақаллан ҳамин қадар ҳунар надорам.

— Ихтиёратон. Лекин, ба хаёлам, нағз намешавад. Ҳар як сухан, хар як қадами мо дар меҳмонӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Метарсам, ки касе рӯзе бигӯяд, ки дар кишвари бародарон ба шарафи иди дӯстӣ ҳама мерақсиду фақат Шодӣ Саидов боре дасташро наҷунбонид.

— Наход дар байни мо ҳамин хел одам бошад?

— Кӣ медонад... Рафту бошад. Фарз кардем, ки ҳаст... Илоҷи воқеа қабл аз вуқӯъ кардан беҳтар нест магар?

— Рост мегӯӣ...

Одами доно ҳам, агар дилсафед бошад, як раги соддагӣ дорад. Шодӣ Саид дақиқае ба андеша рафт, сипас, гуё ба ашулахонӣ омода мешуда бошад, сулфа карда, гулӯяшро афшонид, галстук ва мӯйсари аз насими дашт парешон гаштаашро ба тартиб дароварда, ба майдон дохил шуд.

Рақси ӯ, рости гап, ракс набуд. Дастони дароз-дарозашро мисли парраҳои осиёби ҳавоӣ алвонҷ дода, ҳамту бидуни низоме ба ин сӯву он сӯ рафта меомад. Ман акнун аз ҳисси низтиқом сер шуда, ҳатто баракс аз кори кардаам пушаймон мешудам, ки ногоҳ қиёфаи ӯ тағйир ёфт, дар ҳаракатҳояш суръат ва низоме пайдо шуд ва ӯ дар рӯ ба руи роҳбарамон Ҷумъагул апа қарор гирифту дасти чапашро аз болои сар гузаронида, бо ангушти ишорат абруи росташро болою поён кардан гирифт.

Ин «қошпаррони» яке аз ҷузъҳои рақси муаллим Боқӣ Раҳимзода буд, ки дар шабнишиниҳо агар ба ҷону ҳолашон намонда, ба давраи раққосон кашанд, дар пеши сардори маъракa бо як нафосати махсус ба адо расонида, ҳозиронро механдониданд.

Шодӣ Саид аз ҳамин вазъияти нобоб ҳам ба хубӣ раҳо шуд. Мардум муддате қарсакзаниро фаромӯш карда механдиданд.

Ҷумъагул апа соате пеш аз ин ба Холмурод Шарифович мегуфт:

— Ин рафиқатон одами аҷиб будааст: худаш намехандаду ҳамая механдонад.

Ҳоло Ҷумъагул апа аз рақси Шодӣ Саид чунон сахт механдид, ки чашмонаш ашк фишонида буданд. Дар ҳамон ҳолат ба рафиқ Шарифов мегуфт:

— Илтимос, Холмурод, ба Саидоватон гӯед, ки дигар ба тарафи ман нигоҳ накунад. Ман чӣ хел роҳбари гурӯҳ ҳастам, ки ҳар дам духтарчаҳо барин ҳир-ҳир механдам?..

Сафари Норин хушҳолона оғоз ёфту ҳамин тавр ҳам ба анҷом расид. Ҳатто борони сим-сим, ки дар ҳудуди Қӯчқор сар шуд, кайфияти идонаро халалдор карда натавонист.

Мизбонон дар бозгашт моро бо роҳе бурданд, ки аз соҳили Иссиққул мегашт. Гарчи борон шиддат ёфта буд, мо дар оби ин баҳри овозадор дастуруй шустем, дар соҳилаш муддате гаштугузор кардем.

Дар шаҳри Фрунзе гурӯҳҳои моро барои мулоқот бо коргарони корхонаҳои саноат аз нав тартиб доданд, вале мо дар суҳбат бо рафиқони дигарамон, ки ба онҳо тоҷикони ӯшӣ, таласӣ, иссиққулӣ ном ниҳода будем, аз ҳама беҳтар гузаштани сафари мо, нориниёнро, гаштаву баргашта таъкид мекардем.

Ҳарчанд Рӯзҳои маданияти Тоҷикистон дар ҳамаи шаҳру деҳоти республикаи бародар ба як андоза нағз гузашта буд, ҳарчанд мусобиқаи байни гурӯҳҳо дар воқеъ вуҷуд надошт ва онро касе ҳам муҳокима ва ҷамъбаст накардааст ва ин гуна фикре ба гӯшаи хаёли касе ҳам нарасидааст, бо вуҷуди ин Орифшоҳи Ориф, Лоиқ, Гулчеҳра, Зулфия апа, Шодибеки режиссёр ва ман ин нуктаро он қадар бо исрор такрор мекардем, ки дере нагузашта, ҳама бовар карданд, ки мо, нориниён, ғолиби мусобиқаем.

Орифшоҳ моро дар кадом кӯча ё хиёбони Фрунзе набинад, аз дур муштми мисли ротфронтиён гиреҳ кардаашро ба аломати якдилӣ ва табрик боло бардошта, хитоб мекард:

— Нориниёнем мо!

Ба ӯ ҳамчунон посух медодем.

Шаби концерти хотимавӣ, шабе ки ба равшантарин таҷассуми дӯстии қирғизу тоҷик табдил ёфт, пас аз «Сарзамини қирғиз» ном сурудро хеле муассир адо кардани Артисткаи халқии Қирғизистон Хайригул Сартбаева, эълон шуд, ки акнун навбат ба ансамбли «Гулшан».

Баробари боло рафтани парда, ҳанӯз касе чизе нанавохта ва насароида, дар сар то сари зал садои ханда паҳн шуд ва баъд ба қарсаккарсак мубаддал гашт. Боиси хушҳолӣ ин буд, ки гулшаниҳо ҳама каллапӯшҳои қирғизии худро пушида, дар пеши саҳна ба забонҳои қирғизӣ ва русӣ шиоре овехта буданд:

«Нориниёнем мо!»

...Аз он рузҳо бештар аз ним сол гузашт, аммо мову Орифшоҳ дар куча ё назди студияи телевизиони Душанбе вохурда, ҳанӯз аз дур ба ҷои салом даст бардошта, бо ҳамон шиор ҳамдигарро табрик мегуем: «Нориниёнем мо!»

Як рузи истироҳат савори троллейбус аз тарафи вокзал меомадам, ки дар майдони ба номи 800-солагии Москва солисти «Гулшан» Валерий Сасоновро дидам. Писаракашро ба аробача андохта ва аробачаро пеш-пеши худ тела дода, дар хиёбон сайр мекард. Маро дар пушти тирезаи нимкушоди троллейбус дида, дарҳол ба табрик даст бардошт ва чизе гуфта хитоб кард. Лаҳзае дар куҷо буданамро фаромуш карда, ман ҳам даст бардоштаам ва ғайриихтиёр бо овози баланд «Норинийнем мо!» гуён фарьёд кашидаам. Баъд дидам, ки ҳама бо ҳайрат ба ман менигаранд, аммо андоми марди дар паҳлуям истода, ки зоҳиран аз садои ман нороҳат шуда буд гуё ба забони ҳол мегуфт: «...Лекин афташ одами дуппа-дуруст барин...»

Вай, албатта, намедонист, ки он фарьёди ногаҳонӣ нидое буд аз шавқи беанҷоми рузҳои фаромушнашавандае ки дар диёри дустон гузаронидаем. Шавқе ки ҳанӯз дар дилҳо зинда асту дергоҳе дар хуруш хоҳад буд.

Оре, он ид солҳо дар ёди мо хоҳад монд ва мо аз ононе ки чунин идро бароямон инъом кардаанд,— аз дустони қирғиз сипосгузорем. Аз замони худ, аз замини худ ифтихор дорем, ки дар оғуши онон халқҳо ба ҳам баробар, ба ҳам бародаранд.

## ҚОИЛ МАН!

*(Ҳикоя дар бораи ҷураи ҷураҳоям Султон Холзода ва ҷураи ҷураи ҷураҳоям Тошалӣ Исроилов).*

Ба журналистҳо ҳамеша ё коркуни пешқадамтарин лозим ё пасмондатарин. Ба миёнаҳолаш коре надоранд.

Маро низ сардори бригадаи шуҳратманди совхози № 1-и райони Ёвон пахтакори номдор Солеҳ Ашуров лозим буд.

Ба ҷураҳои ёвониам муроҷиат кардам, ки кумак кунед. Чанд ҷура дорам, яке Бой ном дорад, дигар Фақир, саввумиро Имом гуянд, чорумро — Қаландар. Дар мазмуни номҳошон гуё ихтилофе ҳаст, лекин худҳошон ҳама йигитҳои сара ва чаққақи.

Онҳо маро ба Ёвон ба мактаби ҳаштсолаи деҳаи Гургоч бурда бо директори мактаб шинос намуданд.

— Ин кас директори мактаб Султон Холзода,— гуфтанд ва марди миёнақади пуррабадани миёнсолеро нишон доданд, ки

рухсори ба табассум моилашро доғи нағзак ишғол карда буд. Муи мошубиринҷ гаштаи сараш кайҳо ба рехтан сар карда, ҳоло макони муқимии худро қариб батамом видоъ гуфта буд.

— Рафиқи Ҳолзода, яъне ҷӯраи мо Мулло Султон,— гуфтанд суханашонро давом дода ҷӯраҳои ман,— аввалин йигити ёвонӣ буданд, ки Институти педагогии ба номи Шевченкоро хатм карда, бо дипломи маълумоти олӣ ба ин диёр омаданд. Агар мо ва дигар ҷавонони ёвонӣ дар вақташ университету институтҳоро ҳатм карда намеомадем, ин кас ҳоло ҳам аз шӯҳрати ягона дипломдори музофот баҳра бардошта мегаштанд.

— Меҳмон,— ба ман руй овард Холзода.— Қоратон барор кардааст. Як одами серманаҳ барои адиб ба хироҷи ду мамлакат баробар мегӯянд. Тақдир ба шумо якбора як дастаашро дучор овардааст.

— Хуш, ки бошад, акнун ба хонаи Мулло Султон мархамат мекунем,— мегуфтанд ҷӯраҳои ман ба киноя и Холзода эътиборе надода.— Хонаи дӯст — кони фазилат. На ғами хӯроку ҷои истироҳат, на ҷанҷолу кашокаши «Дафтари шикоят». Чуноне ки дар меҳмонхонаҳо мешавад, дастуруйшӯяк дар куҷо гуфта, кофта намегардед. Худаш ба дастатон об мерезад, сачоқ медорад. Ғайр аз ин ба хонаи домулло рафтанамон боз як сабаб дорад, ки пагоҳ мефаҳмед.

Ҳамон шаб дар хонаи Холзода меҳмон шудем. Ахли суҳбат ва мавзӯи он басо дилпазир буд. Мавзеи суҳбат — ҳавлии ҷӯраи ҷӯраҳоям низ боиси хушҳолии иловагӣ буд: кати васеи тахтагин, ки ба рӯяш менишастем, дар мобайни ҳавлии сердарахте гузошта шуда буд. Аз ҳар тараф хониши форами чирчиракҳо ба гӯш мерасид. Аз кадом суе патарроси мурғони дар қафас шунида мешуд. Дар паҳлӯи кат модагови бузурги хушзоте ки бемуҳобот як тонна вазн дошт, дароз кашида, танбалона сақич мехоид.

Ман шод будам, ки аз муҳити серғавғои хонаҳои танги шаҳр баромада, ба дашту деҳоти фароху озод расидам, ба муҳите расидам, ки пур аз садоҳои табиии зиндагонӣ, фаровон аз ҳавои софи кӯҳистон аст.

Аммо тушбераро хом шумурда будаам. Ҷӯраҳоям баробари сар ба болин мондан бозори хуррокро тафсониданд. Чашмони маро акнун ғанаб мебурд, ки ногоҳ фашшоси бадҳайбате бедорам намуд. Гумон кардам, ки сад дами оҳангариро якбора пахш карда бошанд ё дар сари болинам чарҳи мошинеро аз бод холӣ карда бошанд. Нимхез шуда бинам, ин кори модагови бузург будааст, ки дар пеши кати мо баста шуда буд.

Худро таскин медодам, ки чӣ хаёле ба сари гов омада, як оҳ кашидааст-дия. Наход ҳамин қадар мусибатзада бошад, ки тамоми шаб оҳ кашида бароядI

Бо машаққате дубора ба хоб рафта будам, ки такони сахте

аз ҷойгаҳам берун афканд. Ин дафъа модагов китфи худро ба девори кат ҳориш медод.

— Э чу! Чу-е, беодоб! — даст афшонида хай кардам вайро, вале пас аз дақиқае ба модагов ҳамчун ба асп «чу» гуфтанамро худам фаҳмида хандаам гирифт.

Аҷобат дар ин буд, ки дар паҳлуи ман се ҷўраам ва худи мизбон баҳузур мехобиданд. Аз ин садою таконҳо ҳатто вазну оҳанги хуррокашон заррае халалдор намешуд.

«Дар Ёвон дар зарфи ҳамагӣ чанд моҳ якбора даҳҳо ҳазор гектар замини нав кушоданд,— мегуфтам дар дилам.— Синаи кўҳро шикофта, оби Вахши саркашро ба водиҳои ташналаб бароварданд. Бузургтарин ТЭЦ, комбинати химиявӣ ва дигар иншоотҳо месозанд. Бинобар ин мардуми ин ҷо каму андак такону ғулғуларо писанд намекунанд...»

Пагоҳии дигар баъди ношто ҷўраҳоям гуфтанд:

— Дина гуфта будем, ки дар хонаи Мулло Султон меҳмон шуданамон боз як сабаб дорад. Ҳамон сабаб ин аст, ки домулло дар байни ҷўраҳои мо ягона шахсеанд, ки мошин доранд. «Москвич»-и кўҳнаи нимшалақ бошад ҳам, номаш автомобиль ва аз пиёда хеле тезтар роҳ меравад. Хуш ки бошад, холо Мулло Султон моро як-як ба ҷойҳои корамон бурда мемонанд. Баъд шуморо ба совхоз мебаранд.

— Рост,— гуфт Холзода,— чораи дигар нест. Одати ҷўраҳои азизи ман ин ки то ба хонаҳошон бурда намонам, хафтаҳо аз ин ҷо намеҷунбанд.

— Ана, дидед! — гуфтанд ҷўраҳо,— домулло дар санъати пичинг ҳам мумтозанд. Рости гап, агар ба маслиҳати мо гўш кунед, аз пайи кадом як бригадир давида нагардеду дар бораи ҳамин ҷўраи мо очерк нависед.

...Мошин бо роҳи мумфарш, ки аввалу охираш дар гўшаҳои дури водии пахновар ғоиб шуда мерафт, пеш медавид. Акаи Султон пинакравӣ ва ба оинаи мошин бархўрдани пешонии маро дида, таклиф кард, ки ба қафои мошин гузашта баҳузур бихобам.

Намедонам, ки чанд соат ё чанд километр роҳ паймудем. Бедор шудам, ки мошин дар канори боғи навбуньёде, дар сояи иморати бузурге истодааст.

— Меҳмон омад! Меҳмон! Зуд ҷой тайёр кунед,— шунида мешуд овози акаи Султон.— Ҳой писар, ту рафта отаатро фарьёд кун. Ҳа, чаққон, чаққон!

Дар айвони сояву салқин дар сари дастархон нони гарму тарбузи ширин хўрда менишастем. Ман мунтазир будам, ки ҳоло бригадири номдори Ёвон Солеҳ Ашўров меояд. Ин йигити пахтакор сад бор меарзад, ки кору кирдорашро ба ҳар восита таъриф кунӣ. Ба 180 гектар замини бригадааш танҳо бо

як нафар ёрдамчии механизатор нигоҳубин мекунад. 180 гектар! Аз ҳамин қадар замин боз ҳосили баланд меруёнад.

...Соҳиби хона, марди қавипайкари солхурдаи сурхруй ва мешчашм омада, бо мо гарму ҷушон вохурӣ намуд. У ба сараш румолеро партофта, аз болои он кулоҳи сабуки капронӣ пушида буд. Тахти пушт ва зери бағали куртаи хокирангаш аз араки хушкидаи бадан шура баста буд. Музаи брезентии ҷигарирангаш ғарқи гарду хок буд.

— Зормондаи мошин вайрон шуд, харакӣ ба участка баромадам,— гарди сарулибосашро афшонида нақл мекард соҳиби хона,— ҳама механданд. Духтарҳо-ку аз ханда рудакан шуданд. Тавба, охир ҳам корам чала монд. Мардум як дам аз ханда намонад, гапи ҷиддиро ба опҳо чӣ тавр мегуйи!

Вақте ки соҳиби хона аз назди мо дур шуд, ба роҳбаладам гуфтам:

— Солеҳ Ашуровро одами ҷавон тасаввур карда будам.

— Рост. У ҷавон аст.

— Пас ин кас кист?

— Ин кас ҷураи ман.

— Яъне.

— Яъне сардори участкаи Аскалони совхози № 4 Тошалӣ Исроилов.

— Агар хато накунам, ман аз шумо илтимос карда будам, ки маро ба назди ҷураатон не, балки ба бригадаи Солеҳ Ашуров аз совхози № 1 бубаред.

— Хато намекунед. Ман ҳам ба ваъда вафо кардам. Шумо дар мошин хоб будед, ман шуморо ба он совхоз бурдам. Бригадир набудааст. Гуфтанд, ки ба ин қарибӣ пайдо намешавад. Вақт беҳуда наравад гуфта, шуморо ба ин суй овардам. Дар мактаб ягон муаллим ба дарс наомада монад, мо одатан муаллими дигарро мефармоем, ки дарс гузаронад ва фурсат беҳуда наравад.

— Иҷозат диҳед хотиррасон кунам, ки кори матбуот аз маорифи халқ як дараҷа фарқ дорад.

— Бубахшед. Аммо гуноҳи ман ҳам чандон азим нест. Бедор карданӣ шудам, масти хоб будед.

— Модаговатон тамоми шаб чашм пушиданӣ намонад, албатта «масти хоб» мешавед-дия.

Холзода «Ҳм, модагов» гуфта лабханде карду дар чашмонаш оташаки муғамбиронаи ҳаҷвомезе дурахшид. Ҳамин гуна ифодаро дар чашмони у пагоҳӣ низ дида будам. Мо қабл аз сафар дар баромадгоҳи маркази район даме таваққуф кардем. Холзода сарпуши моторро бардошта, чизеро аз назар мегузаронид.

Дар он суи куча, дар канори роҳ ду мошини қушабордони

пур аз пахта меистод. Марде аз кабинаи мошини якум сар бароварда, ба акаи Султон мурочиат кард:

— Акаи шофир, хонаи Маҳмадсаидро намедонӣ!

Султон бо табассум ба он мард нигарист, баъд ба ман нигоҳи шӯхи маънидоре афканду боз ба он мард чашм дӯхта гуфт:

— Медонам.

— Ку бигӯ. Бигӯ. Чонта садқа!

Акаи Султон фармуд, он мард аз кабина фуруд омад, пас бо нишондоди ӯ ба чарху девораи бордони мошин часпида, бар болои он баромад.

Акаи Султон аз поён истода гуфт:

— Ҳо-о, ана ба сӯи офтобфаро нигаҳ кун. Дар доманаи он кӯҳ як деха метобад. Дидӣ?

— Ҳу,— чавоб дод он мард чашмони худро бо дастонаш аз офтоб панаҳ карда.

— Дар мобайни қишлоқ тӯдаи сабза менамояд. Ин ҳама дарахти ар-ар. Дидӣ?

— Ҳу.

— Дар паҳлӯи чапи ҳамон сабзтӯда иморати сафед менамояд.

— Ҳу.

— Ин иморат мактаб аст. Дар шафати вай боз як иморати сафеди майдатар метобад. Дидӣ?

— Ҳу.

— Ин хонаи Маҳмадсаид нест.

— Хуб.

— Дар паҳлӯи вай боз як иморати каттатари шиферпӯш менамояд. Аммо сафед не. Ҳоло андова карда, оҳак намолидаанд.

— Дидамаш.

— Ин ҳам хонаи Маҳмадсаид нест.

— Хайр.

— Акнун чӯра, хуб нигаҳ кун. Дар паси ана ҳамин ду хонаи калон як хонаи пастаки дароз ҳаст. Дидӣ?

— Ҳу.

— Ин ҳам хонаи Маҳмадсаид не, хонаи писари холаи духтари аммаи ман аст.

— Хӯш.

— Дар паси ана ҳамон хона боз як хона ҳаст. Ҳо-о, ба девораш таппак задагӣ. Дидӣ?

— Ҳу.

— Ҳа, рӯт сиёҳ. Худи он хона аз ин чо наменамояд, таппакаш чӣ хел менамудааст?

— Хайр, хонаи Маҳмадсаид кадомаш?

— Кадом Маҳмадсаид?

— Махмадсаиди шофир, писари Махмадризо, охир ман аз ту ним соат боз ҳавайро мепурсам...

— Маҳмадсаидро нашиносам, хонаашро аз куҷо медонам?

Он мард бо даҳони яла ҳамчунон дар болои бордони брезентпуши автомашина рост меистод. Акаи Султон омада ба ҷояш нишаст, моторро ба кор андохта, ба сӯи он мард лабханде карду ба роҳ даромад...

Соҳиби хона акаи Тошалӣ омад. Ҷӯраҳо ба ҳазлу мутоиба сар карданд.

— Корҳо чӣ тавр, ҷӯра!

— Сад фоиз! Ҷанг хӯрда, ватани туро обод карда гаштаам!

— Ҷаро фақат ватани ман будааст! Ватани ҳамаамон. Ватани советӣ.

— Гапа ба дигар сӯй набар. Албатта Ватани ҳамаамон. Ватани советӣ. Лекин ба Қаротегин чӣ мегӯӣ? Ман Қаротегин барин ҷаннатро монда, дар биёбони сӯзони Ёвон ба хотири чӣ гаштаам? Сари бобоямро ин ҷо гум накардаам.

— Рост мегӯӣ, ҷӯра, раҳмат. Хайр, план читу?

— Буд мешавад.

— Имсол ҳам барзиёд?

— 200 фоиз!

— Ақаллан 140—150 бигӯ... Оба дида мӯза каш, хавоя дида ғӯза каш гуфтаанд.

— 200! Синни Тошалӣ Исроил ба дукам шаст расида, як бор ҳавоӣ гап назадааст.

Инро гуфту гӯё ба қавлаш дарҳол вафо карда бошад, фотеҳона қадам партофта, аз айвон фаромада рафт.

«Дӯғаша бинанд-а! Мардаки даҳанкалони ваъдабоз менамояд...» — гуфтам дар дилам.

Акаи Султон гӯё аз андешаи ман пай бурда бошад, гуфт:

— Беҳуда гап намезанад. Ман шуморо ба ин ҷо бесабаб наовардаам. Солеҳ Ашӯров, ки шумо дидан мехостед, аслан йигити ёвонист. Аммо ин мардак аз ҳар тарафи республика ҳамдиёрони худро ҷамъ оварда, 460 гектар заминро обод кунонид. Заминҳое ки худи коргарони ин участка ҳавлию боғ бино кардаанд, аз чанголи харсангу кӯрсангҳо бо зӯри бозу гирифта шудааст.

Ман дар атрофи боғи Исроилов сайр карда, ба дурустии ин гап боварӣ ҳосил кардам. Дар воқеъ, яке аз душвортарин қитъаҳои замини бекорхобидаи водиро ҳамдиёрони Исроилов обод кардаанд. Онҳо сангҳои хороро аз дили замин бароварда, аз он барои хонаҳои барҳаво таҳкурсию деворҳо бардоштаанд. Худи заминро ба боғҳои пурсамари шаҳдрез табдил додаанд.

...Акаи Султон маро боз ба хирмани калони бригадаи 23-

юми совхози № 1 бурд. Лекин аз Солеҳ Ашӯров ҳанӯз дараке набуд. Дар воқеъ, дар айни долузарби кор ҷустуҷӯ кардани шахсе ки барои ҳосили 180 гектар мутасаддӣ шудааст, аз корҳои камэътимод аст.

Ман дар бозгашт аз Холзода пурсидам, ки мошинаш чӣ қадар бензин мехӯрад?

— То сер шуданаш.

— Не, ман ҷиддӣ мепурсам. Мехоҳам бидонам, ки як баки пури бензин ба чӣ қадар роҳ мерасад.

— Ба роҳ вобаста. Агар роҳи Душанберо мисол гирем,— гуфт акаи Султон,— ба Душанбе меравам, гашта меоям, боз меравам у дар ҳамон ҷо мемонам.

Як вақтҳо акаи Тошалӣ планро 200 фоиз иҷро мекунам гуфт, бовар накарда будам. Баъд аз ҷӯраҳо шунидам, ки Исроилов аз гуфтааш ҳам зиёдтар пахта додааст.

Ҳоло мехоҳам Султон Холзода ҷӯраи худро ба мошинаш савор карда биёраду бензини мошинаш ин ҷо тамом шавад в man ба қадри тавонам иззати ҷӯраи ҷӯраҳоям акаи Султон ва ҷӯраи ҷӯраи ҷӯраҳоям акаи Тошалиро ба ҷо оварда, эътироф намоям, ки ҳар ду мардони соҳибқавланд.

Мехоҳам ба рӯяшон бигуям, ки:

— Қоил ман!

*с. 1970*

## САВОЛҲО, ҶАВОБҲОИ ЭНАҶОН БОЙМАТОВА

Қоидаи қиссагӯӣ вайрон шавад ҳам, аз сатри аввал мехоҳам таъкид намоям, ки ба шахси Энаҷон Бойматова аз таҳти дил эҳтиром дорам. Вай аз тоифаест, ки дар ободии кишвар, тарбияи одамон, хусусан, роҳбарони хоҷагӣ саҳми бебаҳо дорад, бо ин ҳама инсони фурӯтану шикастанафс, роҳбари чашмы кордон асту чизи аз ҳама зиёдтар нафрат доштааш — карру фарри беҳуда.

Қорам омад дошту ба диданаш зуд мушарраф шудам: саҳробасаҳро ҷустуҷӯ кардан ё дар идорааш интизор нишастан лозим наомад.

Куртаи сабзи дӯхташ оддиёна ва пиҷаки нимдошти сабуке дар бар, рӯмолаки маллатобе дар сар шитобон омаду дар қарибии зинаи иморати бузургу баланди идора поҳояшро таптап ба замин куфта, чангу хоки мӯзаашро афшонид.

— Кадом шамол парронид? — ҳангоми вохӯрӣ пурсид раис.

— Шамоли суҳбатҳои Шумо.

— Ин дафъа ҳам ба алавгирӣ омадам, гуед?

— Апаи азиз, адибон ба назди Шумо хоҳ нимсоата биоянд, хоҳ якмоҳа хатман барои алавгирӣ меоянд...

— Ба адибон дуо рафтааст: ба гап ҷома мепӯшонанд.

— Рост, гоҳо ин кор муяссарашон мешавад, аммо ҳамин ҳунарро ҳам аз мардум, аз дӯстонашон меомӯзанд...

Дар деҳот ҳолати ғалатие мушоҳида мешавад, раис набошад, дар идора пашша пар намезанад. Ҳамин, ки ба муддате пайдо шуд, дарҳол корафтодагон ва ёрдамчиёни раис аз кучое, ба чӣ воситае огоҳ шуда, паи ҳам ба арзу дод меоянд. Ҳозир ҳам панҷ-шаш нафарашон шитобон омада салом доданд, сипас дуртар дар гӯшаҳои гуногуни даромадгоҳ қарор гирифтанд.

Ман ҳам ба каноре баромадам, то ба сӯҳбати раис халал нарасонам. Бо вуҷуди ин пораҳое аз гуфтугӯ ғайриихтиёр ба гӯш медаромад. Яке аз арздорон ба хоҳиши худ гаштаву баргашта исрор мекард ва овози раис хашмолуд гардид.

— Не, гуфтам-ку! Ин гӯш ё девори қиёмат? Як бор кӯмак кардам, ду бор ёрӣ додам. То кай ба оши тайёр баковул шуда мегардӣ? Қорбудкуниро кай ёд мегирӣ? — раис гулӯ равшан карду бо оҳанги нарм илова намуд: — Бирав, ҷони хоҳар, айб аст, ба қарибӣ бобо мешавӣ-а...

Ҷавонмарде дар либоси равғанолуди механизаторон сар аз дар халониду баробари дидани раис саросема пас гашт. Вале дер шуда буд. Энаҷон апа ӯро ба наздаш хонд.

— Биё, пештар биё. Зану бачаҳот тинҷанд? Чӣ шуд вай...— забон мехоид раис,— масъалаи вай ... искот?

— Раис, дигар як қатра ба даҳон гирифта бошам... — гуён он мардак барои савганд ёд кардан ягон чизи муқаддас ҷуста, ба атроф нигарист ва чизе наёфта, хомӯш сар хам кард.

— Шарикат чӣ?

— Вай ҳам. Бас кардем, шуд.

— Лекин шунавам, аз ман гила намекунед. Бирав. Ҳа, рӯи хунуки шумоя бод нахурад.— Ва ба дигар суй муроҷиат карда, табассум намуд.— Лекин аз вабою боду тоун, хайрият, асаре намонд-куя....

Муомилаи модарона, парасторонаи ӯ, самимияту бетакаллуфии ӯро дида, дар дил мегуфтам, ки яке аз ҷузъҳои ҳусни хислаташ бояд дар ҳамин бошад.

Бори охирин ба ин колхоз ду сол муқаддам ба сифати роҳбалади нависандаи номии Москва Александр Борщаговский ва публицисти машҳури рус Анатолий Стреляный омада будам. Меҳмононро бо нону гулоб ва гулдастаҳо пешвоз гирифта, ба толори калони қаср ҳидоят карданд. Маросими мулоқоти адибон ва деҳқонон оғоз ёфт. Намояндаи комитети шаҳрии пар-

тия маросимро кушода, меҳмононро хайри мақдам мегуфт, ки Александр Михайлович ба оринҷи ман расида гуфт:

— Нигоҳ кун, Фазлиддин, панҷоҳ-шаст нафар ветеранҳо дар ду қатори охирин нишастаанду ҷавонон дар пеш. Ҷаро? Ё онни ин ҷо чунин аст?

Гуфтам, ки оин дар ҳама ҷо як сон аст, сабаби ин ҳолро ҳозир аз раис мепурсам. Ба Энаҷон апа, ки дар паҳлуи рост менишаст, саволи меҳмонро гуфтам.

— Ин аз хоксорӣ,— ҷавоб дод раис.— Ҳозир ин кас суханашро тамом кунанд, аз шумо илтимос, уко, хоҳиши меҳмонро ба аҳли маҷлис арз кунед. Сухани меҳмонро ба замин намемонанд мардуми мо. Ҳа, шумо гӯед, уко, шарм надоред, хонаи худатон.

Тахмин ҳафт-ҳашт дақиқа дар толор садоҳои тақар-туқури курсиҳо, шарфаи пой, гуфтугузори ҳазломези одамон ҳукмрон буд, ки ҷой иваз мекарданд.

Дар поёни ҷамъомад Энаҷон апа ба минбар баромад.

— Тартиби маҷлисро андак вайрон кардем,— гуфт ӯ.— Лекин қоидаи одобро ба ҷо овардем. Ба хоҳарон ва бародарони калонам чанд бор таъкид карда будам, ки ҳамаи умратон ҷои шумо дар сафи пеш буд, дар маҷлис ҳам ҷоятонро дониста шинед. Умед дорам, дар пеши меҳмонҳо дигар хиҷил намекунанд.

Сонн хам шуда, аз соқи мӯза дафтари мактабии дуқат кардашударо бароварда, ба рӯи тахтаи минбар гузошт. Пас ба кисаҳои пиҷакаш даст андохта, айнаки худро кофт. Аз ҳар ҷои болор садоҳои хушҳолонаи ханда ва пичир-пичир шунида шуд. Зоҳиран, аз ин пеш ҳам ба минбар бе айнак баромада будааст. Кисаҳояшро дубора кофтуков кард. Айнак набуд. Онгоҳ ба мазмуни «хок ба сари ҳамон айнак» даст афшонида, дафтарро қат карда, ба соқи мӯза халонид ва ба сухангӯӣ шуруъ намуд.

Ҳамон нутқи Энаҷон апа дар ёди камина ҳамчун яке аз мавзунтарин ва муассиртарин гуфторҳо, чун каломи саросар оддию урфии саршор аз мақолоти халқӣ нақш бастааст, ки як зани ҳушсаводи тоҷик, як нафар сарвари хоҷагии бузурги номдор онд ба дӯстии халқҳои Ватанамон, аз шарофати беандозаи маърифату маданият ва алалхусус адабиёти советӣ гуфта метавонад.

А. М. Борщаговский баъди хотимаи мулоқот ҳазломез гуфт:

— Раис, синни ман ҳам ба ҳафтод расидааст, яъне ба қатори оқсақолон даромадаам. Розӣ шавед, дуо кунам, ки ҳамон айнакатон тамом гум шавад, то ки ҳамеша бе коғаз ҳамин хел хушрӯй сухан гӯед.

— Не, илтимос, ин хел дуо накунед. Хоҳӣ-нахоҳӣ гоҳо аз рӯи коғаз гап задан лозим меояд, афсӯс.

* * *

Ба яке аз кабинетҳои канории ошьёнаи якум даромадем, ки ба ҷуз аппарати телефон ва як мизу чанд курсӣ дигар ҷихозе надошт. Энаҷон апа аввал арзи маро шунид, ки ин дафъа бо супориши газетаи «Коммунист Таджикистана» ба сифати мусоҳиб омадаам. Муддате рӯбарӯ сокит нишаст ва гоҳ-гоҳе ба сӯям хаёломез назар меафканд.

— Ҳарчанд умри ман дар саҳро, миёни деҳқонон мегузарад, баъзан ба сари ман ҳам андешаҳои... чӣ гӯям... андешаҳои фалсафӣ меоянд. Ба назарам солҳои табиат, ман гуфтаниам, солҳои календарӣ барои табиат аксаран ба ҳам монанд меоянду мегузаранд: баҳори киштукор, тобистони парвариши зироат, чорво, тирамоҳи ҳосилғундорӣ ва, ниҳоят, зимистон, ки андак айёми фароғат дораду дарҳол мавсими тайёрӣ ба баҳори тоза мерасад. Аммо худи ҳамон солҳо барои ҷамъият рангоранг мешудаанд.

Соли 1985-мро на фақат ман, балки ҳама соли пурфайз мешуморанд. Равияи тозае ки Комитети Марказии партия барои халқамон пешниҳод намуд ва он равия хам дар таҳрири нави Устави КПСС, ҳам дар лоиҳаи тозаи Программаи КПСС ва ҳуҷҷатҳои дигари партия инъикос ёфтааст, ба тарзи урфӣ бигӯям, қомати моро хеле рост намуд. Нафаси гарму тозае овард. Дар ҳақиқат ба тараққиёти босуръаттари хоҷагии мамлакат ба тариқи нав, бо қуввату ғайрати дигар камар бастан зарур. Ҳам аз он ҷиҳат, ки бо системаи дигар мусобиқаи ошкоро дорем, ҳам аз он сабаб, ки дар лагери социалистӣ мавқеи махсусе дорем, моро илоҷи дигар, роҳи дигаре нест.

Рост, мо бояд акнун дигар хел кор кунем. Худамон низ ҳатман бояд дигар шавем.

Беҳтараш чанд мисол оварам, худатон мулоҳиза кунед, ки услуби кордориҳои мо дар кадом поя аст. Аз соҳаи таъминот сар кунем, ки онро одатан «ҷои нозук» меноманд. Одамони колхози мо, мутахассисони соҳаҳои гуногун водоранд касбу кори худро партофта, дар ҷустуҷӯи қисмҳои эҳтиётӣ ҳафтаҳо, моҳҳо дарбадар гарданд. Фарз кардем, ки Ашт, Пролетар, Мастчоҳ аз деҳоти мо чандон дур нест, лекин гоҳо аз онҳо пурсед, ки дар куҷоҳо гаштаӣ, мегӯянд, ки ҳамин шаб аз Кӯлоб (ё Қурғонтеппа) омадем. Инженерамон, бечора, ба экспедитор табдил ёфтааст: нисфи умраш дар шаҳрҳои Қирғизистону Ӯзбекистон мегузарад. Трактор таъмирталаб шавад, маркаи «Белорусь» бошад, ба Исфара кашола мекунем, Т-54 бошад,— ба Мастчоҳ. Чаро?

Аз тиреза нигоҳ кунед, ҳо-о он ҷо як автобус истодааст. Чор моҳ боз бекор. Хоҳед, савганд мехӯрам, ки боз таъмир мекунанд, аммо ду ҳафта нагузашта ҷои дигараш ё аксаран

боз ҳамон узваш аз кор мебарояд. Оташин шуда, ҷанҷол бардорам, мулоимхунукҳо мегуянд, ки «Хайр, апаҷон, рӯзи колхозатон бе автобус як навъ мегузаштагист...»

Ба ин хел зотҳо чӣ ҷавоб медиҳед? Онҳо на фақат лаёқате, қудрате надоранд, ки ба фардою пасфардо лоақал бо гӯшаи чашм як назар андозанд, балки ҳамин рӯз, дар ҳамин соли 1985 бо тасаввуроту андозаву ченакҳои даҳсолаҳои гузашта рӯз ба сар мебаранд. Чаро?

Одамизод мувофиқи қаду басташ либос, пойафзол мегирад. Замин ҳам одам барин. Як чиз мегӯям, илтимос, диққат кунед: 1265 гектар замини кишти мо (аз ҷумла 900 га пахта) аз 3229 қартаи хурду калон иборат аст, чунки замини мо ҳамон боғоти ҳазорсолаи Конибодом аст. Мо ҳам аз дарахташ ҳосил мегирем, ҳам аз кишти заминаш. Қитъаҳое ҳастанд, ки он ҷо чарх задани трактор, як су истад, ягон хел механизм ҳатто сар халонида наметавонад. Мошинсозони мамлакат кайҳост, ки барои боғдорон, барои коркарди заминҳои рӯндаричаи деҳқонон хел-хел, рангубаранг тракторчаҳо, дорупошакҳо, алафдаравакҳои гуногунҳаҷм (то майдатарини дастиаш) мебароранд. Мо низ ба ин гуна олот эҳтиёҷ дорем, барои харидани пул дорему харида наметавонем. Чаро?

Як замоне дар аксари колхозҳо фермаҳои хукпарвари ташкил карданд. Худситой шавад ҳам, мегӯям, ки ҳоло дар сар то сари вилоят фақат дар колхози мо ин гуна ферма мондааст (якуним ҳазор сар хук дорад). Имсол дар мавсими гуштсупорӣ чил сари фарбеҳашро ба гушткомбинати Ленинобод фиристодем. Аз чӣ сабабе барои қабули он шароити мусоид набудааст. Ду мошин, ду ронанда, чанд ёрдамчии дигар ду шабу ду рӯз саргардон шуда баргаштанд. Хук, ин ҳайвони сердаромад ба ҳамин башараи хунукаш бисьёр нозуктабъ будааст. Аз чил сар хук дар бардорузани роҳ ва аз гуруснагию ташнагӣ даҳ сараш ҳалок шудааст. Чӣ қадар ҷонвар ҳайф шуд, чӣ миқдор бензин исроф шуд, захмати одамон бар бод рафт. Боз ин ҳодиса вақте рӯй дод, ки маъракаи хошоктайёркунӣ дар авҷ буд ва ҳар як мошини боркаш, ҳар як дасти коргар чун марҳами ҷон зарур буд. Бигуед, ки аз ин хел кордориҳо, чӣ хел тартибот дили инсон насӯзад, чӣ месӯзад?

Дар ҷамъияти мо ташаббускорӣ, навоварӣ аз мояҳои ифтихор аст. Аммо дурусттар мулоҳиза кунед, мебинед, ки солҳои охир дар хусуси баҳудаву беҳуда «ташаббус» нишон додан аз ҳад зиёд усто шуда мондаем. Мешунавем, ки дар фалон ҷо фалон чиз сохтаанд, нархи сабзию пиёзро напурсида даррав ваъда медиҳему ба зимма ӯҳдадорӣ мегирем, ки мо аз фалониҳо зиёдтар месозем. Намегӯем, ки ҳикмате гуфтааст: аввал бубин ҷои худ, баъд бимон пои худ. Намегӯем, ки биёед, рафиқон, аввал тоқиро як су монда, вай... номаш чӣ

буд, ҳа, компютерро ба пешамон гузошта, ҳисоб карда бароем, баъд ваъда диҳему барои кор остин барзанем. Охир талаби Комитети Марказии партия аз ҳар як роҳбари хоҷагӣ ҳамин аст. Оё диққат мекунед, пудрати бригада ё таҷрибаи корхонаҳои вилояти Сумскро оид ба ҷорӣ кардани ҳисоби хоҷагӣ дар муассисаҳои калон-калони саноатӣ бо чӣ гуна эҳтиёткорӣ, бо мулоҳиза ба кор мебаранд? Хуш, мо чӣ кор мекунем? 500 гектар заминро, ки аксаран боғ буд, чанде пеш аз колхоз гирифта, хоҷагии тозае сохтем. Пештар колхоз аз ҳар гектари ин майдон 50 центнерӣ зардолу мегирифт, он хоҷагӣ 12 центнер мегирад. Мо 250 центнерӣ хошок мегундоштем, акнун даҳ центнерӣ мегиранд. Пеш ҳамаи нигоҳубини он майдонро ду обмону як дастьёрашон баҳузур уҳда мекарданд. Ҳоло он ҷо се бригадир, се ҳисобчӣ, қатор-қатор коргарон маош мегиранд, аммо аз даромад дараке нест. Худамро нигоҳ доштанӣ мешаваму аммо боз забонам мехорад: уштура гуфтам ғамза кун, полиза вайрон карду рафт...

Колхози мо солҳои охир панҷ мактаби нави миёна сохт. Мактабҳои калон-калон боҳаловати ҳозиразамон, ҳамааш ду-се ошьёнагӣ. Ягон ташкилот «Ма, ба ту ёрдам шавад» гуфта, як суми қоқ надод. Дар дигар колхозҳо аз ҳисоби бучети давлат мактаб ҳам месозанд, табобатхона ҳам бино мекунанд, дигар иншоот ҳам. Оё мо гуфта метавонем, ки чунин муносибат ба принципҳои социалистии хоҷагидорӣ ва тақсимоти неъматҳо мувофиқ аст? Ман намегуям, ки офтоб бароянд, фақат ба сари мардуми колхози «Москва» бароянд. Намегуям, ки аъзои колхози мо рузе се бор палаву шурбои гушти гусфанд хураду колхозчии ҳамсоя бо атола қаноат кунад. Ман мегуям, ки талаби кор, талаби сифат, миқдор ва самари кор аз ҳама бояд як хел бошад.

Мавридаш омад, таъкид кунам, ки ягон ташкилоти беруна ба колхоз чизе сохта диҳад, ҳаққи хидматашро дучанд карда мегирад, зеро сарбории садупанҷоҳ фоиза ба қонунҳои молиявӣ дохил шудааст. Ман ба шумо *ду иморати якхеларо* нишон медиҳам: якеро бригадаи бинокорони худамон ба маблағи 14 ҳазор сум сохтааст, дигареро — ташкилоти байнирайонӣ ба маблағи 120 ҳазор сум. Аз сокинонаш пурсед, ки кадомаш бароҳаттар ва ба шароити деҳа мувофиқтар аст, мегуянд: оне ки ҳашт маротиба арзонтар афтодааст.

Ҳамин ташкилотҳоро дар вақташ барои кумак расонидан, осон кардани кори колхозҳо сохтаанд. Ҳоло чӣ? Як даста бинокор омада ҳавза мековаду таҳкурсӣ мерезад. Баъди якунним сол дигараш омада деворро рост мекунад ва бомро мепушад. Пас аз чанд моҳи дигар бригадае омада, андоваю пардоз мекунад, сақфу фарши хонаҳоро ниму нимкола сохта медиҳад.

Нархи гарони хишту бетону оҳану шифери ҳамьёни колхозро ғорат мекунад. Сабаб чист? Савоби кор куҷо рафт?

«Москва» аз ҳар гектар камаш 33 центнерӣ пахта медиҳад. «Ленинград» аз ду ҳазор гектар — 22 центнерӣ. Замона талаб мекунад, ки захираҳои мавҷударо ба кор андозем. Ана ҳамин тафовути 11 центнерӣ захира набуда чӣ буд? О ҷамъ кунед, ин захира ду ҳазору дусад тонна мешавад! 2200 тонна магар каму андак аст?

Замини камҳосилро ба сатҳи ҳосилхез расонидан, албатта, ба гуфтан осон. Хуни ҷигар мешавад деҳқон. Дар шафати хоҷагии мо чил гектар замини заҳ бекор мехобид. Мо заҳбурҳо кофта, қубурҳо хобонида, пасту баландиҳояшро ҳамвор карда, заминро киштбоб кардем. Садҳо ҳазор сӯми колхоз, заҳмати чандинсолаи колхозчиҳо сарф шуд. Майдон ба дараҷае обод шуд, ки аз ҳар гектар 30 центнерӣ пахта дод. «Ин қитъа аз харитаи замини шумо берун аст» гуфта, ҳамон заминро аз мо гирифтанд, аммо планаш дар гардани колхоз монд. Рост аст, ки он қитъа аз харита берун воқеъ гардида буд. Аммо чунин анҷоми корро оё одилона шуморидан метавон?

Колхозҳое ҳастанд, ки солиёни зиёд фоида намеоваранд, гиребонашон аз қарзҳои банки давлатӣ халос намешавад. Ба онҳо боз кӯмаки моддӣ мерасонанд. Одат шуда мондааст, ҳатто ба ҳукми анъана даромадааст.

Мақоли «Бардорад зам кун, набардорад кам кун» ҳикмати амиқе дорад, аммо амали онро ба шахси танҳо раво бинем, ба ҷамоати одамон нисбат додан норавост. Ман ба ин ақида устуворам. Инчунин принципи социалистии «Аз ҳар кас мувофиқи лаёқаташ, ба ҳар кас муносиби заҳматаш» ҳаргиз ба коллективҳои томи одамон мансубият надорад. Охир, лаёқати, мисол гирем, Алибою Валибой ҳар хел буда метавонад, лекин қобилияти, масалан, колхози «8 март» ва артели «1 май» ба як андоза набошад ҳам, бояд ба ҳам наздик бошад, чунки колхозҳо на фақат аз ду-се нафар Алибою Валибойҳо, балки аз садҳо хонавода, аз ҳазорон нафар марду зану пиру ҷавони неруманду соҳибҳиммат ва баномус иборатанд. Масъулияти кулли ҷамоат, ҳамаи коллективҳо дар назди Ватан ва халқ ба як сон бояд бошад. Ва масъулият худ аз худ не, дар натиҷаи таълиму тарбияти тӯлонии мардум, дар натиҷаи сахт ҷойгир шудани ҳисси соҳибихтиёрӣ барои кори худ, тақдири кишвари худ, мамлакати худ ба майдони вуҷуд меояд, дар натиҷаи дар хуну ҷону мағз андар мағзи устухон роҳ ёфтани эҳсосоти коллективона ба дуньё меояд.

Михаил Сергеевич Горбачев дар нутқи худ ҳанӯз дар маҷлиси фаъолони Ленинград ба ҳамин мазмун ишорат карда буд, ки мо аз норасоиҳои хоҷагидориамон ва гоҳо аз ноуҳдабароӣ ва холабеғамӣ миллион-миллион сӯмина сарватро барбод ме-

диҳем. Миллион-миллион сӯмина маҳсули зери по ва дар атрофамон хобидаро руёнида, сарфу ҷамъ карда намегирем.

Барномае ки ҳанӯз аз Пленуми апрелии (1985) ҚМ КПСС муайян шуда буд ва мақбули халқ гардид, ман аминам, ҳатман ба марраи иҷро хоҳад расид. Равияи пешгирифтаи партияи мо роҳи пур аз заҳмат ва мушкилиҳост, вале роҳи ҳақиқатан ленинии бороварест. Ва коммунист, одамони асли советӣ ҳам ҳеҷ гоҳ чуён роҳҳои соддаву осон набуданд. Дар олам халқе, қавме нест, ки баробари халқи советии мо дӯстдори Ватанаш бошад, гуфта буд боре М. С. Горбачев. Сарвари партия ҷони гапро гуфта буд.

* * *

Саволи дуввуматон оид ба лаҳзаҳои хуш ва нохуши умри ман буд. Розӣ бошед, фақат ба қисмати дуввумаш ҷавоб диҳам... Оре, лаҳзаҳои мушкил фаровон буданд. Бе муболиға фаровон. Дар ҳабдаҳсолагӣ бева мондам, мактубҳои расмӣ гирифта бошам ҳам, шавҳари дар ҷанг шаҳид шудаамро бисту се сол чашмдор будам. Касе бошаду ҳисоб кунад, ки дар бадали бисту се сол соатҳои мушкили ҷонхарош чӣ миқдор мешавад? Ман алами худро, алами ҷудоӣ ва фироқро аз кор мебаровардам, аз белу каланд мегирифтам. Рафта-рафта одат кардам. Масоҳати колхози мо аз домони кӯҳсор то соҳили дарьё 35 километр тул мекашад. Ҳозир ҳам аз сабабе дилам зиқ шавад, дар ягон бригада, то арақшор шуданам каланд мезанам, ё се-чор соат бо обмонӣ машғул шуда, таскин меёбам. Медонед, колхоз барои ман акнун ҳам ба ҷои фарзанд, ҳам ба ҷои шавҳар аст, ҳам дусту пуштибони бебадал аст. Суханам фаҳмо баромад? — Синчакорона ба рӯям чашм дӯхта пурсид раис.

— Ҳа, апа. Суханатонро ҳамчун тимсоли умратон фаҳмидам. Умре ки ба хизмати мардум сарф шудааст.

— Муҳобот нашавад, шуд,— гуфт ӯ ва муддате ба сукут рафт. Аз чойник ба пиёлаҳо ҷои гарм рехт. Аз хонаҳои ҳамшафат, аз роҳрав ва зинаҳои бинои дуқабата садое, ҳатто шарфае ба гуш намерасид. Фақат аз тирезаи кушод гоҳ-гоҳ ҷарангоси ба асфальт бархурдани панҷшоҳаҳои оҳанин шунида мешуд; дар майдони фарохи пеши идора ва кучаҳои мумфарши паҳлуи он пахтаи навчидаро паҳн карда буданд ва мардонро тақуру мекард.

— Аз ҷавониам пай бурдам, ки зиндагонӣ—ин силсилаи мушкилиҳост,— ба нақлаш идома дод Энаҷон апа.— Сонитар дарк кардам, ки нахустин кори инсон маҳз бартараф карданн мушкилиҳост. Аммо... ба шарте ки саҳат-саломат бошад. Қадом як одами шух гуфтааст, ки дар ҳама ҳолат ва ба ҳама

одами солим зарур аст: барои бачаҳо — падари солим, барои Ватан-сарбози солим, барои зан-шавҳари солим...

Гаронтарини душвориҳо ба сарам ҳафт сол муқаддам ҳамроҳи нотобӣ даррасид. Дар ҳамин шаҳри худам, дар Ленинобод, дар пойтахт ба табобатхона хобонида, дуру дароз муолиҷа карданд. Нашуд. Оқибат ҷарроҳӣ карда, заҳрадонро бурида партофтанд. Баногоҳ худро оҷизу нотавон дидам. Ба оина бингарам, нусхаи лоғари ҳамон Эначони пешинаро медидам, ором нишаста, ба дили худ гӯш диҳам, аз он ҷисми пештара гӯё нишоне нест. Духтурҳо низ мулоим-мулоим ишора мекарданд, ки минбаъд ба кори сабуктар гузаштан лозим...

Чӣ кор кунам? Ман албатта, розӣ. Ба забони бухгалтерҳо гӯем, плани иззату икроми умум, плани шунидани кафкубиҳои табрикӣ ва ҷарангоси ордену медальҳои ифтихорӣ кайҳо дусад фоиз иҷро шудааст. Аммо маро ба раисии правления ҳанӯз солҳои 50-ум колхозчиҳо интихоб кардаанд. Аз рӯи қоидаи маъмул амал кунам, бояд даставвал ба комитети шаҳрии партия мурочиат карда, вазъиятро баён кунам, сонӣ ба аъзоёни правления, баъд ба маҷлиси умумии колхозчиён арз кунам. Ҳамаи ин гуфтушуниду баҳсу мунозира ҳафтаҳо, балки моҳҳо кашол хоҳад ёфт. Фикр карда-фикр карда, ба қароре омадам, ки як бор дар умрам ман ҳам аз шиносоӣ ва рафоқат бо муаллим Ҷаббор Расулович истифода кунам. Кор осонтар мешудагист, гуфта хаёл мекардам.

Бубахшед, нақли ман ҳам лӯхтаки русии «матрешка» барин дарун ба дарун шуда меравад, аз афташ. Ба шумо аввал, бояд таърихи шиносоиамро ҳикоят кунам. Соли 1946 барои тафтиши иҷрои шартҳои мусобиқа ба Туркманистон нахустин ҳайати вакилони пахтакорони Тоҷикистон рафт. Бригадаи мо пешқадам ҳисоб меёфт. Аз Конибодом маро фиристоданд. Шабона ба Ленинобод рафта, дар хонаи хешовандонам хоб кардам. Саҳарӣ ба аэропорт баромадам.

Гиреҳаке дар даст дар як гӯшаи толори интизорӣ рост меистодам. Ҳушу ёдам ба модарам, чунки ин аввалин сафарам буд, берун аз зодгоҳ. Ҳм, аҷоиб зани ғалатӣ буд шодравон. Як дам аз пешаш дур шавам, аз гулӯям об намегузашт. То аз кор баргаштанам бахудаву беҳуда миёни ду остона тор метанид.

Ман духтараки бебоки чусту чолок будам, гапи касеро хурда, хаппакак намешиштам. Боз гумон накунед, ки Бойматова худаша таъриф карда нишастааст-а...

— Не, апа, гумон намекунам. Аз куллиёти Абдусалом Деҳотӣ дар хусуси Шумо очерке хондаам. Он кас моҳи октябри соли 1943 навиштаанд, ки Шумо дар тамоми Осиёи Миёна аввалин шуда, бригадаи фронтии комсомолкаҳои пахтакорро таш-

кил кардаед. Ҳамон сол колхоз ба Шумо ва ҳамаи понздаҳ нафар дугонаҳоятон куртаворӣ мукофот додааст.

— Рост, якумин мукофоти мо ҳамон курта буд. Рост,— такрор намуд Эначон апа ва даме ба хаёл рафт.— Лекин ба назари модарам ман ҳамон «очизаи мушти пар» будам. Аз бесабаб дилтангӣ карданаш гилаомез гап кушоям, мегуфт, ки: «Ту чавонзани бева. Он қадар соҳибчамоли нестандарчаҳон набошӣ хам, худоба шукр, духтари дӯструяк, ситорагармак... Рӯшона мурдашу бинад, мардҳои ганда мӯл дар рӯи дуньё...» Ман мегуфтам, ки ман комсомолка ҳастам. Мабодо ягон марди ганда вохӯрад, ман ҳам, охир, чон дорам. Модар мегуфт, ки «Комсомолиат ба ин чо чӣ дахл дорад? Ту ҳоло ёш, намедонӣ, ки чӣ кадар чон дорӣ. Одам гапи буваша намегардонад... Убол...».

Баъзе корҳояш ба ёдам ояд, ҳоло ҳам хандаам мегирад. Боре ба ҳавлиамон як ароба ғӯзапоя овардам. Баъди фаровар да, чо ба чо кардани ҳезум модар гуфт: «дар ин чо ду-се банда якчоя карда, бардоштӣ, майлаш. Лекин дар саҳро бандҳои калон-калон, ё халтаҳои вазнин-вазнина набардор». «Чаро?» гуфта пурсам, гуфт, ки «Мардҳо фурсат поида мешинанд, ҳамин ки ягон духтар бори вазнина бардоштанӣ шуд, тозон омада, бо баҳонаи ёрмандӣ ба одам худашона чафс мекунанд...»

Мачбурам месохт, ки тирамоҳу зимистон чомаи саддарбеҳи рангпаридаамро пӯшида, боз аз болояш миёнамро мисли ҳезумкашон бо чилбури кӯҳна баста ба саҳро бароям.

Тирамохрӯя буд, як бегоҳӣ дастурӯ шуста, куртаи тозаамро пӯшида, ба мачлиси комсомолӣ мерафтам. Модар маро аз таки дарвоза баргардонид, аз дастам дошта, то ба сари танӯре оварад, ки кайхо боз рӯи нону алавро надида буд. Дасти росташро аз пуштаки танӯр ба гарду чанг олуда, ба рӯям, пешонӣ, таки манаҳам молид. Ва «акнун бирав» гуфт.

Чизе нагуфтам, аммо аз хона каме дуртар рафта, «маскировкаи» модарро бо нуки остинам пок кардам.

...Ҳа, дар гӯшаи толори интизории аэропорт рост меистодам, ки марди миёнақади сиёҳчурда ва кулоҳпӯши точик бо қатъият қадам гузошта, рост ба назди ман омад ва салом дода гуфт:

— Ба хаёлам, Эначон Бойматова туӣ. Ман Расулов. Дар Сталинобод, дар комиссариати зироат хизмат мекунам. Фардо ҳама чамъ шуда, ба Ашқобод меравем.

Инро гуфту бо нимтабассуме раддаи сафеди дандонҳояшро лаҳзае нишон дода, папиросашро оташ дод ва берун баромад. Муомилааш ба ман маъкул шуд. Худро чун як ходими қаторӣ маъруфӣ намуд. Дигар кас мешуд, аз эҳтимол дур набуд, ки бигӯяд: «Ман комиссари халқии Республика Фалонӣ Фалониев...».

Хотирам ҳам аз сафари ояндаам, ҳам аз ҷониби модари зорам ҷамъ гардид.

Ба самолёти хурде савор шудем. Ҳозир ҳам ҳаст аз он самолет, АН-2 номаш, ба хаёлам. Дарунаш пур-пури халтаву қуттиҳои вазнину ноҷунбон буд. Аслан чортоӣ аз ду тараф нишастгоҳҳои оҳанин дошт, аммо пояҳои онро ғундошта ва тах карда, худашро ба девори салон ҷафс карда, ба ҷояш бор гузошта буданд. Мо се нафар мусофир будем: марди расоқоматн кулутариши рус, Ҷаббор Расулович ва ман. Ҳар ҷо-ҳар ҷо руи қуттиҳои пур нишастем.

Деворҳои самолёт ба як маром меларзиданд. Дар боло ҳаво хунук шуд. Тахмин баъди ягон соати парвоз яке аз ҳавопаймоён баромада, мухтасарак аҳволпурсӣ кард ва гуфт, ки ба нимаи роҳ расидем.

Хеле гурусна будам. Якта нони зағора, ки доштам, шаби гузашта хӯрда будам. Гиреҳакро кушода, халтачаи модарам додаро гирифтам, ки даҳ дона картошкаи калон-калонаки буғӣ дошт. Чӣ кор кунам? Қас дар ҳузури дигарон хӯрокашро одатан ба танҳоӣ намехӯрад. Ба шариксафарон картошка муроот кунам? Марди кулутариш даҳ-понздаҳ дақиқаи аввал бедор буд, коғазеро аз киса бароварда, аз назар гузаронид, халтаҳо, қуттиҳои пур аз сангпораҳоро бори дигар гӯё шуморида дид ва коғазашро таҳ карда, ба бағалкисааш эҳтиёт карду ба хоб рафт. Пайкараш аз мӯзаи калони кӯҳнавардӣ то тораҳои риши дарозаш баробари ҷисми оҳанини самолёт меларзид, аммо мардак сар ба китфи худ ҳам карда, бахузур мехобид. Ҷаббор Расулович низ як даста қоғази чопиро муддате варақгардон карда, аз назар гузаронид, сипас онро қат карда ба кисааш андохт ва ҳоло аз тирезаяки гирда чашм наканда, манзараҳои кӯҳу даманро тамошо мекард.

Якта картошкаро пуст канда мехӯрдам, ки ногоҳ Ҷаббор Расулович аз болои нимҷуволаи брезентини пур аз санг ба китфам ангушт расонид:

— Бамаза? — пурсид ӯ.

— Ҳа, муаллим. Мехоҳед?

Дута картошкаро ба сӯяш дароз кардам. Пуст канда хӯрд. Ба пуст кандан дасту панҷааш намечаспид, лекин картошкаро бо иштиҳо мехӯрд. Мехӯрду дар айни замон картошкаи дуввумро пуст меканд. Аён буд, ки нарком бошад ҳам, шикамаш аз ман гуруснатар будааст. Боз чорта картошкаро ба сӯяш дароз кардам. Дутоашро гирифту ташаккур гуфт.

Солҳо гузаштанду аз дида ва шунидаҳоям пай бурдам, ки шодравон воқеан аз мардони пурбардошт ва шикастанафс буд, ки масъалаи хӯроку пӯшок барои ӯ дар тӯли умраш масъалаи ҳафтуму ҳаштумдараҷа будааст.

Рӯзи дигар пеш аз парвоз ба Ашқобод боз бо ҳамон гуна

қадамҳои бардами қатъӣ наздик омада, саломуалек кард ва гуфт:

— Эначон, маро роҳбари ҳайат таъин кардаанд. Аз ин пештар ҳам аз ҳосили пахтаи бригадаи ту огоҳ будам. Дина бегоҳӣ маълумоти тозаи муфассалтар доданд. Ҳосили бисьёр хуб. Офарин ба ту... Одатан ба одамоне ки ин қадар пахта меруёнанд, савол медиханд, ки сирри муваффақияти шумо дар чист? Ман худ агрономам ва ҳамаи сирҳоро бояд бидонам. Лекин ҳатто ба назари ман ту гуё боз як сирри изофӣ дорӣ. Бигу, илтимос. Мо, охир, ба таҷрибаивазкунӣ равонаем.

— Сирри изофӣ надорам, муаллим. Ҳамон чизҳое ки ҳама медонанд: обу озуқа ба замин, нигоҳубин. Лекин нигоҳубини нағз ва дар вақт-вақташ.

— Не, боз чизе ҳаст, ба хаёлам.

Ман онгоҳ қиссаи порукашонинамонро аз сарою бозору ҳавлиҳои шаҳр ба замини бригада ҳикоят кардам. Мо аз тирамоҳ то баҳор, аз озод шудани замин то мавсими кишт ҳар шаб бо дугонаҳоям пору мекашонидем. Ҳар шаб! Хоҳ барфу борон борад аз осмон, хоҳ сангу жола... Ба ҳама маълум, занҳои Шарқ то ду-се пуд борро озод ба тори сар монда то ба масофаҳои дур мебаранд.

— То се пуд... яъне 50 кило... — хаёломез такрор кард Ҷаббор Расулович.

— Ҳа, муаллим. Барои духтарҳои одаткарда дар тори сар кашонидани 50 кило бор осонтар аст назар ба китф гирифтани нисфи он. Лекин мушкили кор дар ин буд, ки поруи ба истифода тайёр фақат аҳьён-аҳьён ёфт мешуд. Поруҳонаҳо аксаран шиттаву шивари ботлоқмонанд буданд ва лозим меомад, ки аз канораҳои шаҳр хоки хушк кашонида бар болои он бирезем...

— Яъне ки аз қишлоқ хок бурда, аз он сӯ пору меоваред?— пурсид Ҷаббор Расилович.

— Ҳа, охир кӣ розӣ мешавад, ки мо кӯча ё ҳавлиҳои шаҳриёнро кофта чуқур кунем? Гоҳо ду-се маротиба хоки хушк омехтан лозим меояд, то ки пору ба кашонидан мувофиқ шавад... Асбобу анҷомамон бошад, фақат чанд нимчувола, яктоӣ белу каланд ва якта фонуси хира.

Ҷаббор Расулов дақиқае хомӯш истод. Сонӣ дасти маро гирифта, ба чашмони айнакдораш наздиктар бурд. Табиист, ки дасту панҷаҳоям шахшул ва аз обилаҳои кӯҳнаи шахшуда моломол буданд. Баъзан беихтиёр рухсори нозуки кӯдакеро сила кунам, ё ба ягон матои нафиси абрешимин ангушт расонам, пай мебурдам, ки дастонам мисли панҷаи оҳангарон сахту дуруштанд.

Ҷаббор Расулович дастамро раҳо накарда, нарм ва бо эҳтироме бифшурд ва ҳамон нидои таҳсинашро ба шакли дигар

такрор намуд: «Боракалло, хоҳаракам!» Сонӣ боз дақиқае хомӯш монд ва баъд аз он ба касе шахсан муроҷиат накарда, гӯё худ ба худ гап мезада бошад, бо ҳарорат, ҳатто як андоза хашмгинона гуфт:

— Солҳои наздик ҳамаи колхозҳо аз техникаи нави пурқувват, аз нуриҳои зӯри химиёвӣ таъмин мешаванд! Мамлакати мо, шукр, чунон бузург, чунон тавоност, ки!..

Ва суханашро ба охир нарасонида, мисли дирӯза папирос оташ дод ва аз толори интизории мусофирон бадар рафт.

Дар Туркманистон чандин ҷамъомади калон барпо шуд. Аз ҳар ду тараф мутахассисони пахтакорӣ баромада, аз бозьёфту чорасоиҳо сухан мегуфтанд. Ду-се маротиба пай бурдам, ки шодравон Ҷаббор Расулович ҳангоме ки аз заҳмати сахт ва нозукиҳои пахтакорӣ сухан мегуфт, номаълум ба сӯи ман назар меафканд...

Аз овони ҷавониам шаммае нақл кардам, беихтиёр ривояте баромад дар бораи модарам ва Ҷаббор Расулов. Лекин ин бе чиз не. Расулов барои ман ҳам устод буд, ҳам ба ҷои падар. Ана аз ҳамин сабаб аз табобатхонаи Душанбе баромада, рост ба қабулгоҳаш рафтам.

Иҷозат гирифта ва дар навбат истода, ба наздаш даромадам. Вазъиятро баён кардам. Сарашро ҳам карда, аз болои айнаки шишаҳояш ғафс-ғафси ялоққосӣ ба рӯям нобоварона ва дар айни замон таассуфомез назар дӯхт.

— Тани гарм бедард намешавад, гуфтаанд. Ту муҳобот мекунӣ.

— Не, муаллим, фикри духтурҳо ҳамин.

Номаълум тугмаеро пахш карда будааст, ки ба кабинет котиба даромад.

— Иван Андреевичро навакак дар роҳрав дида будам. Илтимос, як дақиқа дароянд.

Фурсате бо мутолиаи ҳуҷҷатҳо, гуфтугӯ бо телефон гузашт. Дар ин муддат фақат як маротиба ба сӯи ман нигоҳ кард, он ҳам чунон нигоҳе буд, ки гӯё аз ман гуноҳе содир шуда бошад.

Ба кабинет И. А. Саженин даромад. Вай ҳамон вақт вазири нигаҳдории тандурустӣ буд.

— Иван Андреевич, рафиқ Бойматова мегӯяд, ки дигар маҷоли кор надорам. Хоҳиш мекунам, як бинед ӯро. Дурустакак бинед.

— Э не, не, муаллим! — бо ҳарос аз ҷоям нимхез шуда хитоб кардам ман.— Маро духтурзанон ҷарроҳӣ кардаанд.

— Натарс, занҳо мебинанд. Иван Андреевич аз рӯи коғаз ҳам дида метавонад. Бирав, баъди ду-се соат биё.

Пас аз ду соат дар қабулгоҳаш будам, ки барои гусели чанд меҳмони республика баромад. Маро дигар ба дарун даъ-

ват накард, дар яке аз курсиҳои қатори қабулгоҳ нишонида, дар паҳлуям нишаст.

— Нагуфтам, ки муҳобот мекунӣ?! — гуфт. — Ҳеҷ воқеа нашудааст, сиҳат шуда меравӣ. Медонӣ, дар олам ҳазор-ҳазор одамон дев барин кор карда гаштаанд, ки яке заҳрадон надорад, гурдаи дигаре тоқа аст, саввумӣ фақат нимта шуш дорад. Иван Андреевич ваъда дод, туро ду-семоҳа ба курортҳои зӯр-зӯр мефиристад. Бирав ба хонаат, ба сари корат. Мову ту ҳақ надорем фаромӯш кунем, ки устухони мо бо заҳмат, бо машаққатҳо шах шудааст. Замони ҷанг аз ёдат рафт? Гуруснагӣ, порукашонӣ то саҳар дар сармои зимистон... А? Фаромӯш кардӣ, барои чӣ, ба хотири чӣ арӯси дирӯза ба сараки майдаяки нозукаш халтаи поруро мебардошт? Картошкаи ҷӯшонда аз хотират баромад? Саҳат шуда баргард, ба колхозат меравам, боз ҳамон хел картошкаи буғӣ мехӯрем. А? Чӣ гуфтӣ? Офарин, Энаҷон. Бишин, бишин, сабр кун, ту зан бошӣ ҳам коммунист ҳастӣ, як гап мегуям ба худат нагир, наранҷ: одамони асил, одамоне ки устухонашон бо кор сахт шудааст, одатан дар сари кор мемиранд.

Ва дигар чизе нагуфта, ба китфам падарвор даст ниҳоду пас гашта, ба кабинеташ даромад.

Баъди ду соли дигар чашм аз олам пӯшид. Чунон ки худаш гуфта буд, дар сари кор даргузашт.

«Одамони асил дар сари кор мемиранд». Ҳамин суханаш ҳанӯз дар гӯшам садо медиҳад. Ман ба саволи якуматон ба қадри ҳолам ҷавоб додам. Мехостам илова кунам, ки маромномаҳои партия маромномаҳои худи моанд. Барои дар зиндагонӣ ҷорӣ шудани онҳо то нафаси охирин дар сари кор, дар сари талош хоҳем буд.

Чунин буд саволҳо ва ҷавобҳои Энаҷон апа Бойматова, раиси колхози «Москва», райони Конибодом, депутати Совети Олии РСС Тоҷикистон, Қаҳрамони меҳнати социалистӣ.

## ШИРАИ ЗАМИН

### ОДАМИ СЕРКОР

Дар байни роҳбарони истеҳсолоти қишлоқ як қабили рафиқон ҳастанд, ки баробари оғози суҳбат аз маданияти деҳот ва деҳотиён аввал дастаи ҳаваскорони санъатро ба ёд меоранд, пас клубу китобхона ва мактабҳои деҳаро номбар мекунанд. Баъди ду-се дақиқаи нақл захираи маълумоташон ба охир мерасаду дар интизори савол ба ҳамсуҳбат чашм медӯзанд, ё

хаёломез ба ин сӯву он сӯ назар меафкананд, ки боз чиҳо гуфтан лозим бошад.

Ошнои ман, раиси яке аз колхозҳои райони Орҷоникидзеобод, Саидмурод Саидов, хушбахтона, аз тоифаи дигар аст.. Муддатест, ки бо ӯ шиносоӣ дорам ва аз муҳокимаронихояш пайдост, ки дар масъалаи мавқеи маданият дар ҳаёти мардуми деҳот андешаҳои амиқ дорад.

Ҳанӯз дар мулоқоти якум гуфта буд, ки таносуби иқтисод ва маданият мисли таносуби замину об як чизи дар назари аввал оддӣ ва аёнист ба мисли мизони тарозу, аммо ба қадри имкон таъмин кардани мувофиқати томи он кори басо мураккабест. Ҳаминаш аён аст, ки ин ҳар ду ҷузъи муҳимтарини рӯзгор бояд пайваста ва баробар инкишоф ёбад. Агар бунъёди иқтисод пурқувват набошад, барои пешрафти маданият замина нахоҳад буд. Ва агар илм тараққӣ намекард, мактабу маориф, санъату адабиёти мамлакатамон одамонро дар рӯҳи замона тарбият намекарданд, истеҳсолот ҳам ба умеди каланду сипори бобоӣ мемонд, сарварони донишманди истеҳсолот ба майдон намеоманд. Ҳоҷати гап нест, ҳоҷагии бузгурге, ки сарвари чашми кордон надошта бошад, ба лашкаре мемонад, ки фармондеҳ надорад.

Қадомаш муқаддамтар аст: иқтисод ё маданият? гуфта баҳс кардан корест бефоида. Мисли мунозираи файласуфҳои дуньёи қадим, ки рӯзҳои дароз мунозира мекарданд: оё аввал тухм пайдо шуда, аз он ҷуҷа баромадааст, ё баракс нахуст мурғ ба дуньё омада, тухм зоида, ҷуҷа баровардааст? Ё ҳуд монанди он аст, ки ба кӯдак савол диҳанд: бештар падарро дӯст медорӣ ё модарро? Ё аз модар бипурсанд, ки меҳрат ба духтарат гармтар аст ё ба писар?..

Дар ҳамон мулоқот сухан ба ин ҷо расиду раисро таъҷилӣ ба қомиҷроияи район даъват карданд ва суҳбати навсаршуда қатъ гардид. Баъди он ба колхоз боз чанд бор омадам, вале Саидмурод Саидов фурсати мусоид пайдо намекард, ки дар ин хусус батафсил гуфтугӯ кунем.

Рӯзи шанбеи аввалини моҳи октябрь ба колхоз барвақттар омада, раисро ҷустуҷӯ кардам. Дар идора набуд. Пурсида-пурсида аз анбори сӯзишворӣ дарьёфтам. Қолхоз, мисли ҳамаи дигар хоҷагиҳо, идора ва муассисаҳои республика ба режими қатъии сарфаи сӯзишворӣ гузашта буд ва Саидов дар сари бензоколонка истода назорат мекард, ки қарори правления чӣ тавр иҷро мешавад.

Маро дида гуфт, ки имрӯз берун аз ҳудуди колхоз коре надорад ва ҳатман дар мавзӯи маданияти деҳот суҳбат хоҳем кард. Фақат чанд дақиқа ба идора бояд дароянд. Он ҷо меҳмоне ӯро мунтазир аст. Ғайр аз ин панҷ-шаш нафар колхозчиён бо талаби оташдони газ меоянд. Арзашонро бояд шунид.

Сонӣ ҳамроҳ ба сари пахтазоре меравем, ки он ҷо мошини пахтачинӣ ба кор сар кардааст. Ҳа, дар водиҳои Кӯлоб, Вахш ва Ленинобод мошинҳо ду ҳафта боз пахта мечинанд, аммо дар Орҷоникидзеобод имрӯз сар мешавад. Иқлими маҳал хусусиятҳои худро дорад.

Дар пеши идора «Волга»-и нави сиёҳ меистод. Аз рақами давлатиаш маълум буд, ки аз ҷоҳои дур омадааст. Раис маро ба меҳмон маъруфӣ карда гуфт, ки ин кас рафиқи шаҳрии ман аст. Аз чӣ сабабе аз касбу корам хабар надод. Пас ба котибаш чой фармуда, аз меҳмон узр хост, ки аввал бояд колхозчиёни мунтазирро қабул кунад.

— Бемалол, бемалол, мо бафурсат,— гуфт меҳмон.

Аксари колхозчиҳо ариза оварданд, ки раис иҷозат бидиҳад, то ба ошхонаашон оташдони газ бигзаронанд. Ба аризаи яке хушҳолона имзо мегузошт, бо худи он кас ҳазлу шӯхӣ мекард, аз аҳволи хонаводааш, таҳсили фарзандонаш пурсупос мекард. Дигареро ба курсӣ нишонида саволборон мекард: оё ошхонаи нав сохтааст? Фарши тахтагин густурдааст? Деворҳоро андова карда, оҳак молидааст?

Чун пай мебурд, ки аризадор ин корҳоро анҷом надодааст, мегуфт, ки бирав ошно, аввал шартҳои моро адо кун, баъд иҷозат медиҳам, ки газ гузаронанд. Ошхонаи кӯҳнаи аз дуди ҳезуму таппак сип-сиёҳшудаи туро бо чашми худ дидаам, зебандаи оташдони газ нест.

Раис ба мо рӯй оварда гуфт, ки се сол қабл аз он худаш, парторги колхоз Усмон Раҳмонов, дигар фаъолони колхоз деҳа ба деҳа, дар ба дар ташвиқот карда мегаштанд, ки дар хонаҳотон оташдони газ шинонед, кори занҳо осон, хона озода, вақти гаронбаҳо сарфа мешавад. Аз ҳар деҳа фақат як-ду оила розӣ мешуд. Ҳоло дар колхоз бригадаи алоҳидаи газгузаронӣ ташкил шудааст. Техник, челонгар, ронанда, автомашинаи махсуси газкашон дорад. Акнун ҳар рӯз камаш ҳафт-ҳашт нафар омада арз мекунанд, ки мо ҳам оташдони газ мехоҳем.

Ниҳоят, навбат ба меҳмон расид. Саидов ба наздиктари меҳмон омада нишаст. Ногоҳ ба таърифи ҷойҳои хушманзари колхозаш даромад. Гуфт, ки боғи калони мевадоре ҳаст, ки дар мобайнаш ҳавзи бузурге кофтаанд. Моҳӣ сайд кардан мумкин. Бо шаст, албатта. Дар лаби ҳавз шипанги бароҳате дорад, боби истироҳат. Агар меҳмон хоҳад, ба марғзорони ҳозир ҳам каб-кабуди доманаи кӯҳсор, ба сари чашмаҳои зебои обаш мусаффо мебарад.

— Хоҳиши мо иҷро шавад, меҳмон мешавем, ба ҳар ҷое баред, меравем,— гуфт меҳмон.

Раис қиёфаи ҷиддӣ гирифта гуфт, ки афсус, он қадар ғаллаи бисьёреро, ки меҳмон мехоҳад, бе иҷозати калонҳои рай-

он фурӯхта наметавонад. Қалонҳо бошанд, аз ду сар иҷозат намедиҳанд.

Чеҳраи меҳмон тира гардид.

— Охир, чаро?— дилтангона пурсид ӯ.— Плани ғалласупориро барзиёд иҷро кардаед... Тухмиро дар анбори алоҳида захира кардаед. Ба чӣ лозим ба шумо ҳазорон тонна гандуми барзиёд? Магазинҳотон пур-пури орди сафед...

— Бубахшед, меҳмон, иҷозат нест.

Меҳмон ранҷидахотирона аз ҷой бархоста берун баромад. Раис ва ман аз дунболаш мерафтем. Саидов ҳамчунон исрор мекард, ки меҳмон ақаллан як рӯз бимонад, аз ҷои дур омадааст, каме истироҳат кунад. Вай ҳамчунон рад мекард. Ниҳоят, раис гуфт, ки дар хона меҳмони нав дорад: занаш духтарча таваллуд кардааст. Панҷ писар дорад, акнун духтардор ҳам шудааст.

Дар ин гуна мавридҳо, одатан меҳмон таклифро рад намекунад. Вале меҳмони онрӯза, бо табассуми зӯрбазӯракӣ хайрбод карду ба «Волга»-и ялаққосиаш савор шуда рафт.

— Акнун ба сари пахта меравем,— гуфт раис ва шоферашро имо кард, ки дар таки пешайвони идора мунтазири фармоиш меистод.

Савори уазик аз кӯчаҳои ду тарафаш тутзори деҳот роҳ мепаймудем. Саидмурод хомӯш буд, ба хаёл рафта буд.

— Нағз нашуд,— гуфт ӯ ниҳоят гӯё худ ба худ гап мезада бошад.— Ба ҳар ҳол меҳмон-дия.

Ман чизе нагуфтам, напурсидам.

— Аз як тараф хуб нашуд,— боз хаёломез такрор намуд Саидмурод баъди дақиқае.

— Пас, аз тарафи дигар хуб шуд?— пурсидам.

— Бале, аз тарафи дигар хуб шуд,— ҷавоб дод раис ва воқеаро шарҳ дод.— Шумо маро аз бензоколонка ёфтед. Ба он ҷо рафтанам лозим буд, аммо баъди пешин ё бегоҳӣ мерафтам ҳам мешуд. Ман меҳмонро дар идора монда, қасдан ба он тарафҳо рафта будам, ки чӣ хел карда, ҷавоби рад бидиҳам, ки нармтар барояд. Меҳмон хафа нашавад.

— Барои ғалла фурӯхтан калонҳо иҷозат намедиҳанд?

— Не-е, Қалонҳо ба хариду фурӯши мо коре надоранд. Ихтиёр ба колхозчиҳо, ки соҳиби колхозанд. Ғаллаи барзиёдро аз ду сар мефурӯшем. Баракс яклухту якбора фурӯхтан барои мо фоиданоктар: аз ташвиши ба бозор кашонидан, ҳаққи бозору тарозу додан, чанд касро ба ғаллафурӯшӣ банд кардан озод мешудем. Меомаду ба мошинҳояш аз даҳани анбор бор карда мебурд. Пулаш нақд ба касса медаромад. Лекин...— Саидмурод рӯмолчаашро бароварда араќи сару рӯяшро пок кард,— лекин вай мардак ғалларо бо ғарази нопок хариданӣ

буд. Барои фиреби калонҳо. Медонед, муаллим, баъзе колхозҳо плани истеҳсоли ширро буд намекунанду роҳбарони корчаллонашон аз магазини давлат центнер-центнер равғани маска харида ба ҳисоби шир месупоранд. Ё аз бозори, масалан гӯем, Боғистон гала-гала гову гӯсола харида, ба пункти Тоҷикистон месупоранд. Яъне як миқдори маҳсулот ба хар гуна пунктҳои қабули давлат ду бор ё ҳатто се-чор маротиба супорида мешавад. Давлатро фиреб медиҳанд, шаҳбозҳо.

— Хайр, чӣ афсус мехӯред? Нағз шуд, ки розӣ нашудед. Нағз шуд, ки рафт ин хел меҳмон.

— Ба ин тарафаш афсус нахӯрдаам. Ба ҳар хол ду-се соат мемонд, меҳмон мекардам... Мо дар Намоишгоҳи комьёбиҳои хоҷагии халқ, дар Москва шинос шуда будем. Сонитар, бо гардиши фалак дар колхози вай меҳмон шуда будам. Хеле иззату икром карда буд.

Саидов боз муддате хомӯш монду баъд гуфт:

— Айб аз худаш. Вай ба ман воқеан, ҳаққи намак дорад. Лекин аз ҳаққи намак дар ин хел савдо фоида бурдан мардӣ нест, кори бисьёр айб. Ба фиреб додани давлат моро, колхози моро шарик кардан мехост, падарқусур.

Раис дигар таскин ёфт. Осори ногувори гуфтушунид бо меҳмони ранҷида аз андомаш, аз хотираш рафт.

Дар қартаи калон ду мошин пахта мечид. Раис ба мобайни пахтазор даромада рафт. Аз ҷӯякҳо чолок қадам зада, ҳар замон ҳам мешуд ва баъзе ниҳолҳоро ба даст дошта, аз ҳар сӯяш назар мекард, ки пахтаи шукуфта чӣ тавр чида шудааст. Ба яке аз комбайнҳо расида, онро нигоҳ дошт ва боло баромада, пахтаи бордонро тит карда дид, ба каф гирифта бифушурд ва фақат пас аз ҳамин ба назди ман баргашт.

Аз тарафи чапи майдон ду нафар аз дур тозон меомаданд ва дав-давон фарьёд мекарданд, ки рафиқ Саидов, як дақиқа сабр кунед.

— Инҳо суратгир ва ходими газетаи «Коммуна»,— аз дур шиносонид онҳоро раис.

Журналистҳо наздик расида гуфтанд, ки мехоҳанд акси раиси правленияро дар паҳлуи мошини пахтачинӣ бардоранд.

— Барои кадом хизмати бузург?

— Колхози шумо дар район аввалин шуда, ба пахтачинии мошинӣ сар кард.

— Ташаккур, рафиқон. Дар район аввалин бошем ҳам, дар республика дар думи рӯихат.

— Хайр, ин ба иқлими район вобаста, кӣ намедонад?

— На фақат ба иқлим вобаста. Сониян, агар касе ба таъриф меарзида бошад, ана он ҷавони ҳамсолатон — Маҳмуд Норбоев меарзад. Соле дувоздаҳ моҳ трактор, комбайн, мо-

шини пахтачин меронад, замин шудгор мекунад, пахта мекорад, ғалла мекорад, культивация мекунад, ба замин нурӣ мерезад, ба боғу ток дору мепошад, ғалла, алаф, ҷуворӣ медаравад. Сураташа чоп кунеду агар маслиҳати маро гиред, дар таки расмаш нависед: «Паҳлавони меҳнат аз колхози «Коммунизм» Маҳмуд Норбоев, ки моторҳои пуриқтидор ва механизмҳои мураккабро бо зӯри бозу ва фаросат дастьёри гапдаро кардааст...»

## ҶОИ СУҲБАТБОБ

Раис пурсид, ки оё майли пиёда гаштан дорам? Аз авзоам ризояти маро дида, аз киса блокноте баровард, ба вараҚе мухтасар чизе навишта ба дасти ронандаи мошинаш дод ва таъин кард, ки ба полези лалмӣ меравӣ, номаро ба дасти бригадир месупорӣ ва даҳонакӣ илова мекунӣ, ки масъалаи наклиётро худаш ҳамроҳи мудири мошинсарой ҳал кунад. Баъди як соат ба бригадаи якум меоӣ.

Мо сар-сари вотҳо, аз роҳҳои мошингарду пайроҳаҳои борики байни боғҳо, баъзан аз мобайни деҳахо гузашта, ба сӯи бригадаи якум меравем. Гоҳо аз байни қартаҳои пахтазор мегузарем, гоҳе ба ҷое мерасем, ки дар атроф қитъаҳои каб-кабуди карамзор, майдонҳои зумуррадгуни сабзӣ, помидору картошкаи тирамоҳӣ, ҷуворимаккаи силосбоб ба назар мерасанд ва бо тозагии рангу бо авҷу намуи худ ғайриихтиёр диққати касро ҷалб мекунанд.

Колхози «Коммунизм» хоҷагии серсоҳа аст. Бо вуҷуди он ки дар районҳои дуру наздики атрофи пойтахт даҳҳо совхозҳои пуриқтидори меваю сабзавот буньёд шудаанд, колхози «Коммунизм» дар таъмини шаҳрҳои Душанбе ва Орҷоникидзеобод аз картошкаю сабзавот яке аз манбаъҳои асосӣ гардидааст. Ва бо ин ҳама аз ҳафтсад гектар пахтазор мисли пешина ҳосили фаровон руёнида ба давлат медиҳад.

Саидмурод Саидов марди қадбаланду пуррайпакари таҳамтанест. Аз афти кор, ба хотири ҳамроҳи шаҳриаш андаке сусттар қадам мезанад, вагарна ба шахсе ки дар ҳамин ҷо таваллуд шуда, ин саҳроҳоро аз қаду бар чен карда, ба воя расидааст, дар роҳпаймои баробар омадан хеле мушкил.

Ҳо, вай маҳз дар ҳамин деҳоти хушобуҳавои заминаш зархез, одамонаш кушодарӯю заҳматкаш ба камол расидааст. Баъди хатми мактаби ҳафтсола дар техникуми статистикии Орҷоникидзеобод хондааст. Пас, аввал ҳисобчӣ, сонӣ иқтисодчии колхоз таъин мешавад. Дар айни замон дар шӯъбаи ғоибонаи факультети иқтисодии Университети давлатии Тоҷикис-

тон мехонад. Ба комсомол ҳанӯз дар мактаб аъзо шудааст, сонитар дар колхоз котиби комитети комсомол интихоб мешавад. Аз сидқи дил ва ҳалол кор кардани ӯро дида, коммунистони колхоз ба сафи худ қабул мекунанд ва баъдтар ба маҳорати ташкилотчигиаш, ба одамнавозӣ ва дигар хислатҳои некаш эътимод ҳосил карда, сардори ташкилоти партиявии колхоз интихоб менамоянд.

Боре, нақли Саидмурод Саидовро аз тарҷумаи ҳолаш шунида, гуфта будам, ки маълум мешавад роҳбари колхози калон шудан, ба қавли куҳансолон, дар тақдираш навишта шуда будааст?

— Не,— гуфт ӯ хандида,— тақдири маро райком навиштааст. Чӣ тавр роҳбар шуданамро сонитар мегӯям. Вале дар овони ҷавонӣ воқеан аз тақдири худ розӣ, ҳатто бисьёр хурсанд будам. Хурсанд будам, ки техникуми статистикӣ аз қазо дар шаҳри Душанбе ё дар маркази районӣ дигар нею ҳамагӣ якуним километр дуртар аз хонаи мо воқеъ гашта будааст. Ҳисобро, ҳисоби иқтисоди деҳот, ҳисоби рӯзгори деҳқон, ҳисоби муассисаҳои иҷтимоию маданӣ деҳотро омухта, худро чунон ҳис мекардам, ки дар колхоз мутахассиси аз ҳама зарурӣ ман ҳастам. Хайр, як қадар муҳоботаш аз ҳавои баланди айёми ҷавонӣ буд, албатта. Лекин баъд таҳсилро дар университет давом дода, ба ин ақидаам боз устувортар шудам. Акнун на фақат ҳисоб, яъне як соҳаи иқтисодиёт, балки ҳамаи манзараи дахлу харҷи колхоз, ҳатто районро бе душворӣ пеши назар оварда метавонистам. Мана шумо — нависанда. Ба хаёли ман, бо ягон шахси нав шинос шавед, эҳтимол, дар дилатон фикр кунед, ки ин одам дар танҳоӣ бо чӣ гуна андешаҳо машғул мешавад, муомилааш бо аҳли оила, бо рафиқон, бо коллективаш чӣ ранге мегирад? Мабодо ба сараш рӯзи сахт ояд, чӣ гуна рафтор мекунад, агар ба мансаби баланд бирасад, феълу хӯяш ба кадом тараф тағьир меёбад ва ҳоказо. Ё, мисол гирем, прокурор. Дар кӯчаву кӯе, дар тӯю ҷанозае, масалан, ҳар рӯз сад касро мебинад. Агар диққаташ ба касе банд шавад, сухану амали ӯро мушоҳида карда, чӣ андешаҳо аз сараш мегузаранд? Албатта фикр мекунад, ки муносибати ин шахс ба қонунҳои мамлакат, ба тартиботи ҷамъият чӣ гуна бошад? Оё чизе ки ӯ нақл мекунад, ба ҳақиқат мувофиқ бошад, ё фақат дар сухан аз худ моҳи беайбу ситораи бедум метарошад?

Ман ҳам бо ҳамаи ҳастиам ба олами ҳисобу китоб даромада рафтам. Ҳисоби хушку холии статистӣ не, албатта, ҳисобе, ки пояи идора, идораи хоҷагӣ аст. Ҳисобе, ки оқибати заҳмати одамонро, таносуби сарфи меҳнат ва маҳсули онро, то чӣ андоза босамар кор кардани техникаро, хулоса, натиҷаи

амали коллективи одамон ва ҳатто фардои он, пешомадҳои онро ба чашми кас оина барин кушода медиҳад. Васияти Владимир Ильич зуд-зуд ба ёдам мерасид, ки гуфта буд: барои таъмин намудани ғалабаи социализм қабл аз ҳама ҳисоб ва назорати оммавию универсалиро ба роҳ мондан зарур.

Дар дил орзӯе доштам, ки кам-кам аз ҳаёти колхози худамон материал ҷамъ оварда, сонӣ номаълум ба тадқиқот гузарам. Лекин гуфтам-ку, тақдири маро комитети партиявии район, чунон ки мегуянд, ба пешониам навишта будааст.

— Ҳа, нақл мекунам, гуфта будед.

— Марҳамат. Дар саҳро будам, ба телефони бошишгоҳи бригада ҷеғ заданд. Аз миёни хирросу қитир-қитири гушаки телефон ҳамин қадар фаҳмидам, ки маро котиби якуми райком рафиқ Захватов даъват мекунад. Зуд биё, ҳар ду поятро ба бағал бигиру то ҷон дорӣ давида биё, гуфта таъкид кард мудири шӯъбаи ташкилӣ. Ростӣ ҳам давида рафтам. Ҳалқам пухта ба кабинети котиби якум расидам. Дарро кушодам, ки хона пури одам. Василий Ермолаевич сар хам карда, чизе менависад. Раиси комиҷроия Сулаймонов нутқ мекунад. Зуд дарро пӯшидам. Яке аз ходимони райком маро дар таки дар дида гуфт, ки маҷлиси ғайринавбатии бюро давом дорад. Масъалаи колхози шумо ё ба он дахлдор масъалае нест. Ту чаро омадӣ? Маро рафиқ Захватов даъват кардаст, гуфта дар гӯшае нишастам. Аз ним соат зиёдтар гузашта буд, ки Василий Ермолаевич ҳамроҳи як рафиқи аз пойтахт омадагӣ аз дар баромад. Ба ман сахтакак нигоҳе афканду он рафиқро то сари зина гуселонида омада, боз ба ман дарафтод.

— Чаро зуд наомадӣ?— пурсид ӯ.

— Зуд омадам, Василий Ермолаевич. Ба омаданам қариб як соат шуд.

— Пас чаро ин ҷо нишастай? Даро! — гуфт ӯ ва маро пешандоз карда ба кабинет даровард.

— Як-ду дақиқа ба масъалаи корҳои ташкилӣ баргаштан лозим меояд,— гуфт Захватов дар ҷои худ нишаста ва эълон кард, ки таклиф ҳаст Саидмурод Саидов ба вазифаи инструктори шӯъбаи корҳои ташкилии комитети районӣ тасдиқ карда шавад.— Чӣ хел андешаҳо ҳастанд?— пурсид ӯ.

Аз ҳар сӯ нидоҳо баланд шуданд:

— Мешиносем.

— Мешавад.

— Ғайрат дорад, фаросат ҳаст, оҳиста-оҳиста мепазад.

— Худат чӣ мегӯӣ?— ба ман рӯй овард котиб.

— Ман... ман хабар надоштам... Агар... Вай...— ҳоло яқин дар ёд надорам, ки нимғурма чиҳо гуфтам.

— Ту гумон накун ки мо ҳар каси ногоҳ ба чашм афто-

даро аз кӯча чеғ зада, ба кори партиявӣ таъин мекунем. Ҳамин дафъа кор таъҷилӣ шуда монд. Фаҳмидӣ?

— Фаҳмидам. Лекин гуфтан мехостам, ки бо кори инструктор шинос нестам...

— Шинос мешавӣ, меомӯзӣ. Туро ба коинот намефиристем, ки тайёрии махсус лозим бошад. Ҳафт сол боз ба ташкилотҳои комсомолию партиявӣ роҳбарӣ мекунӣ. Таҷриба аз ин зиёд намешавад. Талаби асосии бюро аз ту якта: камтар коғаз сиёҳ мекунӣ, бисьёртар дар байни мардум мегардӣ. Вассалом.

Дигар чизе нагуфтам. Рости гап, аз Василий Ермолаевич дар дилам ҳамеша биме доштам. Салобаташ зӯр буд. Фарзанди инсон бенуқсон намешавад, аммо дар ёд надорам, ки бо салоҳдиди ӯ ягон кори хом ё ҳарҷониба наандешида огоз ёфта бошад. Ба замми ин ба забони тоҷикӣ чунон нағз гап мезад, дар суханаш аз мақолу зарбулмасалу ибораҳои халқӣ он қадар фаровон ва бамаврид истифода мебурд, ки бисьёр тоҷикони забондон аз мунозира бо ӯ истиҳола мекарданд.

Барои изҳори боварӣ ба аъзоёни бюро ташаккур гуфтаму берун рафтам.

Баъди ду сол сардори управленияи хоҷагии қишлоқи район таъин карданд. Дар айни замон ҷонишини раиси комиҷроия интихобам намуданд.

Ҳашт сол шуд, ки раиси правленияи ин колхоз ҳастам.

Ҳа, воқеан, бо котиби комитети партиявии колхоз Усмон Раҳмонов дар як рӯз интихоб шудаем. Вай баъди пешин дар маҷлиси умумии коммунистон, ман бегоҳии ҳамон рӯз дар маҷлиси умумии колхозчиён. Раҳмонов ҳам аввал розӣ набуд. Ду пояшро ба як мӯза андохта, не мегуфт. Не гуфтанаш сабаб ҳам дошт. Вай аслан педагог аст. Солҳои охир директори мактаби миёнаи нопурра буд. Колхоз барои мактабаш бинои нав месохт. Раҳмонов аз дилу ҷон ба сохтмон кӯмак мерасонид. Худ ба худ нақшаҳо мекашид, ки корашро дар бинои нави барҳаво чӣ хел ташкил мекунад, таълиму тарбияи бачаҳо чӣ тавр дараҷа ба дараҷа беҳтар мешавад. Ана аз ҳамин сабаб ба сардории ташкилоти партиявӣ розӣ намешуд.

Боз як баҳона дошт ӯ. Мегуфт, ки котиби комитети партиявии колхоз, ки таъин шудӣ, хоҳӣ-нахоҳӣ ба хоҷагии қишлоқ, ба кору бори деҳқонон мудохила кардан лозим меояд. Не, мегуфт ӯ, ман аз ӯҳдаи ин кор намебароям. Мо ба вай эътироз карда мегуфтем, ки ту, аввал ин ки аз биёбон наомадаӣ, дар ҳамин деҳот ба дуньё омадӣ, дар муҳити қишлоқ ба воя расидӣ. Дар масъалаи роҳбарӣ бошад, ба ту ёрманди мерасонем. Худат ҳам эҳтимол, даст болои даст монда намешинӣ, аз атрофиён меомӯзӣ, китоб мехонӣ, зеҳнат тез аст,

зуд ёд мегирӣ. Душвории ҳамагӣ се-чаҳор моҳ, ана бирав, ки як сол давом мекунад. Сонӣ кор осонтар мешавад.

Бо ҳамин қадар насиҳату маслиҳат боз розӣ нашуд. Он гоҳ намояндаи райком бо қатъият гуфт:

— Модом ки ҳамаи коммунистҳо котиб шудани шуморо мехоҳанд, ин хоҳиш ранги супориши партияро мегирад, рафиқ Раҳмонов. Шумо дар куҷо дидаед, ки касе аз супориши партия гардан тофта бошад? Қорро қабул мекунед. Ба шумо вазифаи агрономиро насупориданд. ки ба андеша ғарқ шавед. Вазифаи котиби комитет аз коммунистон талаб кардани адои вазифаи партиявиашон аст. Чӣ ҳоҷат ба ин қадар баҳсу кашокаш?

Оқибат Усмон розӣ шуд. Аз он рӯз ҳашт сол гузашт. Кораш нағз. Барои ҳамин аст, ки дар ҳар ду сол дар маҷлиси умумӣ аз нав котиб интихоб мекунанд.

— Руи осмонро абрҳои тирамоҳӣ якҷоя бо ғубори симобранги гард пушонида буданд. Офтоб ба назар наменамуд ва ман ҳамроҳи раис сар-сари воту қад-қади роҳҳои морпеч қадам зада, намефаҳмидам, ки ба кадом самти колхоз равонаем. Ба назар аҷиб менамуд, ки дар кӯчаю роҳҳои хокии қишлоқ тапурхок набуд, аз зери пой ё чархи мошину трактор абри чанг баланд намешуд. Ҳамагӣ ду-се қадам аз роҳи оддии қишлоқӣ дидани баргу гули тозаю беғубори ҷуворимакка, пахта ва анвои сабзавот воқеан ҳайратангез менамуд. Не, ба кӯчаҳо на дастӣ об пошидаанд, на бо мошин. Ин аз шарофати наздик воқеъ гаштани ҷуйҳои пуроб, картаҳои пахта ва сабзавот, аз сояи ғафси раддаҳои бепоёни дарахтони тут буд, ки дар мавсими кирмак, чунон ки дар бисьёр маҳалҳо мекунанд, бераҳмона «каллак» накардаанд, балки навдаҳои даркориашро бо тартиб задаанд ва дарахтони тут дар бадали ин чаҳор моҳи гузашта боз навдаю шохаҳо ронда, ба ҳолати аслиашон расиданд. То мавсими ояндаи кирмакпарварӣ онҳо боз нашъунамо мекунанд ва ба тавре ки мавҷудоти зиндаро бояду шояд, боз бузургтар мешаванд ва назар ба имсола барги бештар медиҳанд.

Саидмуроди ҳисобдон ва иқтисодшинос, аз афти кор, баргги туту сояи онро ҳам ба ҳисоб мегирад, аз дил мегузаронидам. Ҳамин нуқтаро ҳам ҳисоб мекунад, ки баргу пояи зироат аз қабати гарду чанг озод бошад, ҳосили он чӣ андоза зиёд мешавад...

Ба ҷое расидем, ки роҳи камбари хокӣ ҳам тамом шуд. Аз ин ҷо мошинҳо, тракторҳои прицепдор ҳосили киштро бор карда ва ана дар ин майдончаи ҳамвор чарх зада, ба сӯи анбор ва пунктҳо мераванд.

Саидмурод Саидов дар сояи тут, дар лаби ҷӯи пуроб ҷои

серсабзаеро интихоб карда, ба рӯи вот нишаст, поҳои худро ба болои алафи нарм дароз кард ва таклиф намуд, ки аз паҳлӯяш нишинам.

— Ана акнун бафурсат сӯҳбат мекунем,— гуфт ӯ бо табассуми фарохи одатиаш.— Маро аз ин ҷо ба ғайр аз шофери худам ва Усмон дигар касе ёфта наметавонад.

Ман блокнотамро номаълум аз киса бароварда, дар паҳлуям гузоштам. Саидмурод аз ин кори ман пай бурда гуфт:

— Баҳузур, муаллим, ман аз блокноту қалам парвое надорам. Ана бинед, худам дута блокнот дорам. Мана, дар инаш қайди корҳои ҷорӣ, корҳои имрӯза, ана дар инаш ҳар хел таклифҳо, нақшаҳо, фармоишоти роҳбарон, андешаҳое ки аз рӯзномаҳо, китобҳо дарьёфт мекунам, аз радио ё телевизион ё пирони хирадманди деҳотамон мешунавам. Лекин сӯҳбатро аз иқтисод сар мекунем. Мебахшед, муаллим, дафъаи гузашта назарам афтода буд, ки шумо навъҳои маҳсулоти колхози моро ба таври дилхоҳи худатон навиштед. Лекин дар мо тартиби муайяне ҳаст: аввал ғалларо менависем, не на барои он ки ғалла дар иқтисоди колхоз ҷои аввалинро мегирифта бошад. Мо ҳамин тавр қарор кардаем. Агар сабаби инро ба шумо шарҳ диҳам, аз илми иқтисод ва зироат як лекцияи дарози дилбазан мешавад. Беҳтараш ба ман бовар кунеду тартиби моро қабул кунед. Инак, ғалла, пахта, сонӣ картошка, сабзавот, маҳсулоти полез, яъне харбузаву тарбуз, меваи тухмакдор (себ, нок, биҳӣ ва ғайра), меваи донакдор (олу, зардолу, шафтолу, гелос, олуча, олуболу ва ҳоказо), баъд ангур, гӯшт, шир ва пилла. Ғайр аз ин барои эҳтиёҷоти фермаҳо хӯроки дурушти чорво ва хӯроки ширадор тайёр мекунем.

Яке аз сабабҳои ба ин тартиб номбар шудани маҳсулот ин аст, ки дар райони мо «зироати асосӣ» гуфтанӣ гап нест. Котиби якуми райкоми мо рафиқ Суфиев ҳар касеро ки аз даҳонаш ин гап баромад, коҳиш мекунад, то ки дигар такрор нанамояд. Ҳар як зироат дар ҷои худ, дар мавсими худ асосӣ аст, зироати дуввумдараҷа нест. Мо хуб медонем, ки пахта боиси обрӯю шӯҳрати республика, руёнидани ҳосили фаровони он кори бошарафи деҳқони тоҷик аст. Дар омади гап гӯем, то охири сентябри соли 1980 мо ба ҷои 9140 тоннаи супориши давлат 9225 тонна пахта супурда плани панҷсолаамонро 101 фоиз иҷро кардем. Яъне ҳар чизе ки моҳҳои октябрь-ноябрь ба давлат боз месупорем, ҳамагӣ барзиёд аз ӯҳдадорист. Муносибати мо ба пахта аз ин рақамҳо равшан аст. Акнун мисол гирем, гӯштро. Мо медонем, ки дар чанд соли охир мамлакати мо аз норасоии гӯшт як дараҷа душворӣ кашид. Бинобар ин дар се-чор соли наздиктарин таъмин кардани фаровони гӯшт чун вазифаи хеле муҳим пеш гузошта

шуд. Бо вуҷуди ин мо ҳамаи қувват ба пахта, тамоми диққат ба чорводорӣ гуфта, ҷуворимаккаро ё, масалан, токзорамонро фаромӯш намекунем. Вагарна саҳв мешавад.

Саидов дуруст мегуфт. Райони Орҷоникидзеобод аз роҳбар толеъ дорад. Солҳое ки Василий Ермолаевич Захватов дар ин ҷо роҳбари ташкилоти партиявӣ буд, район ташаббускори боғкушоӣ гардид. Ба ҳазорон гектар заминҳои бекорхобида, ҳатто ба талу теппаҳо, адиру ёнаҳои кӯҳсорон қаламчаи ток ва ниҳоли дарахтони мевадор шинонида шуд. Он вақтҳо райони Файзобод дар таркиби райони Орҷоникидзеобод буд. Боғҳои сермеваи ҳозираи Файзобод бо ташаббуси Василий Ермолаевич буньёд шудаанд. Роҳбарони республика майлу рағбати ӯро дастгирӣ карда, раиси Комитети давлатии хоҷагии ҷангал таъинаш карданд. Ҳоло рафиқ Захватовро дар байни мардум «вазири мо», «вазири ҷангал» меноманд. Як вақтҳо Тоҷикистон дар мамлакат камҷангалтарини республикаҳо ҳисоб меёфт. Ҳоло дар ин бобат тағьироти матлуб ба амал меояд...

Котиби ҳозираи райком Камол Сӯфиев низ шахси аҷоиб аст. Боре нутқи ӯро шунида будам. Дар бораи замин бо чунон эҳсосоте сухан мекард, ки гӯё ходими партиявӣ нею боғбоне ё шоире бошад. Мадҳияе буд ба замин гуфтори ӯ. Моро ҳам модар, ҳам падар аст замин, мегуфт ӯ. Шарики ҳамешагию ғамхори мо дар рӯзгор, ҳам хӯронанда, ҳам пӯшонандаи мо, манзили доимӣ ва абадии мо, сарпаноҳи мо, Ватани мо ҳамин аст, мегуфт Камол Сӯфиев.

Бори дигар ӯро дар доираи маҳдудтари муаллимони биология, сардорони участкаҳои таҷрибавии назди мактабҳо дидам. Ин дафъа вай бо ҳарорат талаб мекард, ки ба деҳқонбачагон аз хурдсолиашон тарзҳои истифодаи заминро, маданияти баланди зироаткориро бояд омӯхт. Онҳо бояд огоҳ бошанд, ки дар хоҷагиҳои пешқадами СССР, дар хориҷа аз ҳар як ваҷаби замин чӣ гуна фоида мебаранд.

Владимир Ильич Ленин аз замин бо кордонӣ истифода бурданро меомӯхт. Қарорҳои съезди XXVI партия низ ҳаминро талаб мекунанд. Роҳбарони давлатамон дар нутқҳо ва баромадҳояшон ин нуқтаро борҳо таъкид кардаанд.

Ҳар як гектар замини обии Орҷоникидзеобод бояд камаш ҳаждаҳ-бист ҳазор сӯмина маҳсулот бидиҳад.

Сонӣ Камол Сӯфиев ба тариқи мисол нақл кард, ки деҳқони чашми кордон аз замини обӣ соле чанд ҳосил мегирад. Тирамоҳ картошка мешинонад, мегуфт ӯ бо ҳаракати даст майдони кишт, ҳатти ҷӯякҳо ва тухмшиониро тасвир намуда. Пас аз муддате аз ду тарафи ҷӯяк — пиёз мекорад. Аз болояш як қабат пору мерезад. Баъди як моҳ пиёз неш мезанад. Вақте ки картошка қади ангушт баланд шуд, яъне охири моҳи март,

пиёзи кабуд аллакай қад барафрохтааст. Пиёзро канда, ба аҳолии дар ин мавсим ба витамин ҳоҷатманди шаҳр мерасонад. Поруе ки ба руи пиёз пошида буд, заминро нарму гарм дошта, ба равнақи картошка кумак мерасонад. Баъди коркарди ҷуякҳо нашъунамои картошка ба авҷаш мерасад. Картошкаро дар охири моҳи май — ибтидои июнь ғундошта, ба шаҳр мебарад. Баъд дар замини нарми тайёр дарҳол ҷуворимакка ва ҳамроҳи вай бодиринг мекорад. Ҷамъ мешавад — чаҳор ҳосил. Дар ин сурат аз ҳар як гектар то сӣ ҳазор сум даромад гирифтан мумкин.

Саидмурод Саидов нақли маро қувват дода гуфт:

— Деҳқонони таҷрибадор ҳазломез мегуянд, ки олимону маъданшиносон куҳ ба куҳ гашта, кони зар меҷуянд. Кони тиллои бемиинат ҳамин замини зархези мо. Шумо, муаллим, дар бораи колхози мо ягон чиз навиштанӣ бошед; бе рақам кор пеш намеравад,— нохост ба ман руй оварда гуфт раис.

— Марҳамат, гушам ба шумо.

— Дар панҷсолаи даҳум мо ба ҷои 9750 ба давлат 14639 тонна картошка фурухта, планро якуним баробар зиёд иҷро кардем.

— Рақами ҳашаматнок, аммо барои ман тасаввур карданимикъёси он душвор аст.

— Душвор?— раис дақиқае ба андеша рафт.— Набошад тасаввур кунед, ки бордонии панҷ ҳазор автомобили калони боркаш аз картошка лабрез шудааст. Ин қадар мошинро паси ҳам зич қатор кунед (чунон зич монед, ки аз байни ду мошин коғази тунук нагузарад) аз дарвозаи колхози мо баромада, то ба Душанбе мерасад ва аз он ҳам гузашта ба ҳудуди райони Ҳисор медарояд. Аз сабзавот бошад, сӣ ҳазору шашсаду ҳаждаҳ тонна фурухтем.

— Пас корвони сабзавот ду баробар калонтар аст?

— Бале, агар онро аз мобайни Душанбе гузаронида ба роҳи Қурғонтеппа рост кунед, аз болои Боботоғ гузашта, ба ҳудуди водии Вахш медарояд,— гуфт Саидмурод ва баланд хандид.

— Агар ин суҳбати мо ба гуши роҳбарони вилояти Қурғонтеппа бирасад, медонед, чӣ мегуянд?

— Барои ҳамин хандидам. Муқоисаи маро шунаванд, албатта мегуянд, ки ҳой Саидов, ҷилави корвоната ба дигар тараф тоб бидеҳ. Рост мегуянд, имсол водии Вахш ним миллион тонна тиллои сафед дод. Аз нисф зиёди он пахтаи маҳиннах, ки воқеан аз тилло камӣ надорад. Вахш кони неъмат аст. Ҳатто аз Шаҳртузу Қабодиён барин гушаҳои дури вилоят ба пойтахти республикаамон корвонҳои меваю сабзавот меоянд. Барои ҳамин биёед, муаллим, корвони картошкаю

сабзавотро ба Душанбе мерасонему дар дӯкону анборҳои шаҳр холӣ мекунем... Ман аз соҳаи иқтисодиёт ду-се мисол оварда гуфтанӣ будам, ки колхози мо аз ин ҷиҳат бақувват аст. Барои вайрон нашудани мувозанат мо бояд ба инкишофи маданият бештар ғамхорӣ кунем. Лекин дар урфият мақоле ҳаст: «Аввал таом, в-онгаҳ калом». Барои кафшери сӯҳбат ҳозир як чиз меоварам,— гуфт раис ва чобук аз ҷой бархоста, ба киштзори сабзӣ даромад, ки дар рӯбарӯямон доман паҳн карда буд. Саидмурод ба сари ҷӯякҳо ҳам шуда, алафи нарму хушбӯи онро палмосида, аз ҳар ҷо-ҳар ҷо як бехӣ сабзӣ меканд. Ман ҳам ба ӯ тақлид карда, ба сабзизор даромадам, вале чанд бех сабзие, ки ман кандам, бо вуҷуди он ки пояю баргҳояш нағз қаду бар ёзонида, аз бехи калони пурра нишона медод, дар воқеъ ё нарракии дарафш барин тезу борик буд, ё ба андозаи ангушти кӯдак майдаяк. Аз бими он ки раис одами шаҳрии полезношинос будани маро таъна назанад, зуд аз киштзор баромадам ва алафи беҳосили дастамро ба гӯшае партофта, дар ҷои пештара нишастам.

— Ин сабзии дерраси тирамоҳӣ,— яқин маро таскин доданӣ шуда гуфт раис.— Аз ин полиз ёфта гирифтани бехи расида барои деҳқон осонтар.— Вай як даста сабзиро ба оби ҷӯй тоза шуста овард.— Марҳамат, муаллим, бисьёртар витамин хӯрем, камтар ба назди табиб меравем...

## ОҲУИ РАМИДА

— Сӯҳбати як вақтҳо нотамом мондаамонро давом медиҳем. Хӯш...— гуфт Саид ва даме сар ба сина хам карда нишасту баъд ба сухан даромад.— Аввал ин ки агар баъзе андешаҳои ман ба назар парешон намоянд, ё мисли нутқи олимҳо сахт бамантиқу мавзун набароянд, айб намекунед.

Ба хаёли ман, пешрафти иқтисодро худи набзи ҳаёт, ҳатто метавон гуфт, худи ҷисми одамизод талаб мекунад. Мисол гирем, шумо тракторчӣ. Аз кор хаста шуда меоед. Даҳ соати расо трактор меронед. Трактор «Волга» не. Ҳам ба роҳ бо диққат нигоҳ мекунед, ҳам ба дағар-буғури замин ва ғурроси баланди мотор бардошт мекунед. Ғами обу сӯзишвориро мехӯред, ба агрегатҳо нигоҳубин мекунед. Киштзор кӯчаи мумфарш нест, дар як рӯз чандин километр аз болои хоки нарму кулӯххои сахт қадам мезанед. Хулоса, ҳастаю шалпар ба хона меоед. Хӯроки шомро нахӯред, хобатон намебарад. Аммо ҳамин ки шикам сер шуд, дар сурате ки аз телевизор концерт ё сӯҳбати шавқовар мешунавонанд, саратон ба тарафи болин ҳам шудан мегирад.

Агар ба шаҳр наздик кардани шароити кор ва зиндагонии

одамони деҳот масъалаи андак мебуд, ба Программаи партия ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳим намедаромад, ки ҳалли он муҳлати мадиде металабад. Рости гапро гӯем, ҳоло дар шароити имрӯза тарбияи мадании мардуми деҳот шакли номураттабе дорад. Кори деҳқон ва оилаи вай фақат се-чор моҳи тирамоҳу зимистон сабуктар мешавад ва мо зӯр мезанем, ки аз ҳамин давра нағзтар истифода барем.

Кори тарбиявӣ дар колхоз бо ду роҳ меравад: аз рӯи плани умумии тартиб дода ва тасдиқ кардаи правления ва комитети партиявии колхоз. Ба ин ҳамаи тадбирҳои коллективӣ дохил мешаванд: ҳамаи он амалиёте, ки қасри маданият бо китобхонаю дастаи ҳаваскорон, маҳфилҳои гуногунаш мегузаронад; инчунин фаъолияти коллективҳои пурқуввати мактабҳои системаи маорифи халқ аз як тараф, ва мактабҳо, маҳфилҳои омӯзиши сиёсию иқтисодие ки комитети партиявӣ ташкил кардааст, аз тарафи дигар. Боз тадбирҳое ки комитети комсомол, ташкилоти иттифоқи касаба, шӯрои занон, комитети назорати халқ, суди рафиқона ва ғайра мегузаронанд. Коре ки ташкилотҳои районӣ дар байни аҳолии колхоз мебаранд, низ дар ҳамин ҳисоб. Коре ки рафиқони шумо дар шаҳр мекунанд,— барномаи радио, телевизион, нашри рӯзномаҳо, журналу китобҳоро дар назар дорам,— инчунин бо ҳамин роҳ ё ба ибораи ҳозиразамон бигӯем, ба тариқи мутамарказ, яъне марказонидашуда мегузаранд.

Роҳи дигари тарғиби маданият ин кори махсуси фардӣ, кори алоҳидаи ҳаррӯза бо ҳар як нафар сокини деҳот аст. Хоҳ вай колхозчизани кӯдакдор ё деҳқони сисола бошад, хоҳ бачаи мактабхон ё пири ҳафтодсола.

Ҳоло дар ёд надорам, касе аз бузургони таърих гуфтааст, ки сатҳи маданияти миллатро аз муносибати намояндаи вай ба зан, аз вазъи оташдон ва рӯзгордории оилаи вай муайян кардан мумкин. Ҳаққо ки бисьёр фикри оличаноб. Васияти Владимир Ильич ҳам дар хусуси занҳо аз ёди мо намеравад. Афсӯс, ки ин ҷо китобаш нест, лекин худситоӣ нашуморед, камина мақолаи Ленин «Ташаббуси бузург»-ро нағз дар ёд дорам.

— Аҳволи занҳоро мисол гирем,— навиштааст, Владимир Ильич — ягон партияи демократӣ дар ягон республикаи пешқадамтарини буржуазӣ дар бадали даҳҳо сол дар ин бобат (яъне дар масъалаи озодии занон) ақаллан аз сад як ҳиссаи он кореро накардааст, ки мо дар як соли авали ҳукумати худ кардем. Мо қонунҳои пур аз разолати нобаробарии ҳуқуқи занҳо, қонунҳои душвору мураккабгардонандаи талоқ, қонунҳоеро, ки ақди талоқро бо ҳар гуна маросиму расмиятҳои нафратангез печонида гирифта буданд, қонунҳоеро ки кӯдако-

ни бепадарро радди маърака мекарданд, хулоса он қонунҳоеро, ки боқимондаи онҳо ба нанги буржуазия ва капитализм дар ҳамаи кишварҳои маданӣ ҳанӯз серишуморанд, ба хок яксон кардем. Мо ҳазор бор ҳақ дорем бо кори кардаи худ дар ин соҳа ифтихор кунем. Аммо аз лашулуши конун ва созмонҳои кӯҳнаи буржуазӣ заминро ҳар қадар тозатар кунем, ҳамон қадар равшантар фаҳмидем, ки ин кор ҳанӯз фақат заминтозакунӣ барои иморат аст ва хӯди иморат ҳанӯз дар пеш аст...

Мо дар бадали шаш даҳсола иморати васияткардаи пешворо сохтем, қомати ин иморат хеле баланд шудааст. Лекин ҳанӯз гуфта наметавонем, ки он иморат тамом буд шудааст. Чӣ гуфтед, муаллим?— нохост савол дод раис.

— Комилан ҳамфикри шумоям. Баъзе рафиқон Устави партияро ҳар сари чанд гоҳ як бор аз нав варақ мезананд. Вале Программаи онро фақат пеш аз дохил шудан ба партия меомӯзанд, то ки рафту касе аз ин маромномаи асосии партия савол диҳад, дар хиҷолат намонанд. Аз ҳамин сабаб гоҳ-гоҳе принципҳои дар Программа эълон кардаи партияро аз ёд бурда, дар бораи мӯҳлатҳои конкретӣ сохтмони коммунизм ё зуҳуроти нишонаҳои ҷамъияти коммунистӣ ба сари худ калон-калон гапҳо мезананд.

— Хусусан дар сари суҳбатҳо, вақти ширакайф буданашон,— Саидмурод кадом як воқеаи ба худаш маълумро ба ёд оварда, бо овози баланд ва аз таҳти дил хандид.— Ба шумо, муаллим, як воқеаро ҳикоят кунам. Дар бораи рӯҳия, олами маънавиёти зану духтарони тоҷик. Шумо, нависандаю олимҳо, назар ба мо, албатта, зиёдтар фикру андеша мекунед. Нақли ман ҳам дар ягон ҷо даркор мешудагист.

Чандин сол инҷониб пойтахти республикаи мо бо шаҳри Клагенфурти Австрия робитаҳои бародарона дорад. Рафтоумади вакилон, ташкили намоишгоҳҳо, нашри сафарномаҳо ва ғайра, умуман як кори саропо хайр. Ҳамин тобистон, намедонам кадом моҳ буд, ҳа, воқеан, меҳмононро аз ангури пешпазак зиёфат карда будем, давраи имтиҳони мактабҳо буд. Як дастаи калон меҳмонони австриягӣ омаданд, як автобуси миёнаҳаҷм дорем, худамон-қатӣ, мизбонони душанбегӣ-қатӣ пур шуд. Аз нисф зиёдашон фотоаппарат доштанд. Хайр, ин маълум, мардуми аврупо-дия. Баъзе аз меҳмонон дутогӣ аппарат доштаанд: яктааш сурати ранга мегирад, дигараш сурати муқаррарии сафеду сиёҳ. Зиёфат додем, баъд сар то сари колхоз саёҳат кунонидем. Пахтазору боғҳои колхозро диданд, дар домани адирҳо токзори нав дорем. Боғи боло мегӯем, ба он ҷо бурдем. Мактабҳо, яслию боғчаи бачаҳо, шифохонаи колхозро диданд, бо колхозчиҳо суҳбат карданд. Дар пеши идораи

Совети қишлоқ ақди никоҳи деҳқончавононро тамошо карданд. Ҳар замон шириқ-шириқ сурат мегирифтанд. Ба вачд омада мегуфтанд, ки аз шиносой бо мардуми мо хушнуданд, воқеан ба чашми худ диданд, ки советиҳо машғули корҳои осоништаанд, хоҳони сулҳ, дӯстӣ ва мустаҳкам шудани робитаҳои бародаронаанд.

Як лаҳзае буд, ки автобуси мо дар як чо меистоду меҳмонон савор мешуданд. Ногоҳ яке аз австраягиҳо ба забони худаш чизе гуфта фарьёд кард. Ҳама бесаранчом шуда, ба тирезаҳои тарафи чапи автобус часпиданд. Меҳмоне ки фарьёд карда буд, шитобон аз автобус фаромада, ба сӯе давид. Ман тарсидам, ки ягон фалокат рӯй дод магар ки меҳмонон ҳамагӣ ба изтироб афтоданд. Тарчумонро дошта пурсидам, ки чӣ шуд, чаро меҳмонон банохост бесаришта шуданд? Вай хандида гуфт, ки меҳмонон духтари хушрӯеро дидаанд ва он ки аввалин шуда ӯро дидааст, аз автобус фаромада, аз пасаш давид, то сураташро ба киноаппарат бардорад. То даме ки асли воқеаро ба ман шарҳ медоданд, боз панч-шаш нафар меҳмони дигари фото ва киноаппаратдор аз дунболи аввалӣ афтода, ба забони немисӣ нидоҳо бароварда пеш метохтанд. Ба он сӯ нигоҳ карда асли воқеаро пай бурдам. Он духтараки роҳгузаре ки пеш-пеши издиҳоми меҳмонон метохт, дар ҳақиқат духтари зебое буд. Метавон гуфт, ки аз зеботарин духтарони соҳибчамоли музофоти мо. Падараш солҳои сол муаллими мактаби миёна, солҳои охир, қабл аз нафақахӯр шуданаш директори мактаб буд. Худи духтар дар курси саввуми Университети давлатии Точикистон мехонд.

Қисса кӯтоҳ, шоферро фармудам, ки сари автобусро гардонад, ҳамроҳи меҳмонони боқимонда ба дари ҳавлии он муаллим расидем. Бечора муаллим низ ба тааччуб афтода буд, ки чаро духтараш бо ҳалми пухта давида ба ҳавлӣ даромад ва ин одамони бегоназабону ачоибхилқати аппаратдор чаро ба таки дар омадаанду чӣ мехоҳанд. Ман пеш гузашта воқеаро шарҳ додам. Муаллим аввал хуб хандид, баъд духтаракро фарьёд карда хеле сарзаниш намуд, ки ин чӣ номаъқулӣ буд, ки ту кардӣ, меҳмонҳоя ранчондӣ!

— Ман аз кучо донам, ки онҳо меҳмонанд?— шармгинона мегуфт духтарак.— Якбора даҳ кас аппаратҳоша ба ту рост карда ба забони ношинос фарьёд карда, аз дунболат тозад, худат ҳам мегурехтӣ!

— Забони ношиноса дар мактаб таълим дода буданд-ку!

— Мо англисӣ хондагӣ! Лафзи инҳо дигар.

— Бас кун маҳмадоноиро, девонадухтар! Оҳуи аз гург рамида барин давида омадааст,— ҳамчунон коҳиш мекард муаллими куҳансол.

Пас муаллим меҳмонҳоро ба ҳавлиаш таклиф кард, дар руи кат зуд дастархон кушоданд, обу мева, нону чой овар-данд. Падар ба воситаи тарҷумон гуфт, ки бигиред сурататша, ҳар қадар мехоҳед бигиред, лекин аз гуноҳаш бигзаред, ки шуморо ташвиш додааст. Медонед, аз куҷо меояд ин вахшидухтар? Аз университет. Имрӯз охирин имтиҳонаша супурда, ба курси ҷаҳорум гузашт.

— Чанд гирифтӣ? Чор? Ростӣ, ҳамин чор ҳам барои ту зиёд. Хафа нашав, ҷони ота, лекин ҳамаи моро, ана ин амаки раисат, мана ин ҳамдиёрони аз пойтахт омадаатро дар пеши меҳмонҳо хиҷил кардӣ.

Духтарак ба сари хам рост меистод. Чизе намегуфт.

Ҳамин воқеа, муаллим зуд-зуд ба ёдам мерасад. Фикр мекунам, ки инқилоб занҳоро кайҳо озод карда буд. Аммо бинед, ки духтараки донишҷӯй, касе ки соли 1960 таваллуд ёфтааст, дар кӯчаҳои пойтахт бо дугонаҳояш баҳузур мегардад, дар аудиторияҳои университет маърӯзаҳо мехонад, дар маҳфилҳо иштирок карда, дар пеши издиҳоми калони одамони гуногунмиллат суруд мехонад, ба театру кинотеатр меравад, аммо дар қишлоқи худаш чанд каси ношиносро дида, чунон ки дар урфият мегӯянд, нархи сабзию пиёзро напурсида, гурехта ба кунҷи хонааш ҷой мегирад. Чаро? Ба хаёлам, баъзе чизҳое ки дар ин бобат ба кору бори мо халал мерасонанд, аслан дар хуни мост, дар тарзи тарбият, дар обуҳавои муҳити мост.

Дар колхози мо 890 нафар занон кор мекунанд. Як қисми калони онҳо дар фермаю саҳро баробари мардон, ҳатто боз хубтар кор мекунанд. Бо номи Саломат Пирназарова, Резагул Абдуллоева, Раҷабмоҳ Азизова, ки ҳам дар истеҳсолот пешқадаманд, ҳам дар ҳаёти ҷамъиятии деҳот намунаи ибрат ҳастанд, бо номи механизатордухтаронамон Малика Умурзоқова, Маҳбуба Холова ҳамаи колхозамон ифтихор дорад. Говҷушҳои мо аз ҳар сар модагов то чаҳоруним ҳазор литр шир медӯшанд.

Дар назди правленияи колхоз шӯрои занҳо ҳаст, ёздаҳ нафар аъзо дорад. Вазифаи вай ба пешрафти кори хоҷагӣ ва маданӣ ёрӣ расонидан, беҳтар кардани шароити кор ва зиндагонии занон, хусусан занони серфарзанд. Тарбияи занҳо ва духтарон, бешубҳа, танҳо ба зиммаи ин шӯро нест. Бо ин кор ҳамаи аъзоёни правления, ҳамаи коммунистону комсомолон ба қадри тавони худ машғуланд. Бо вуҷуди ин ҳоло он қадар кор дар пеш аст, ки гоҳо миқьёси онро пеши назар оваред, рости гап, кас ба хаёл меравад. Ба кори ҷамъият занҳо ҳанӯз пурра ҷалб нашудаанд. Занҳои аъзои партия назар ба мардҳо тақрибан шаш маротиба камтаранд. Ё мисоли дигарро би-

гирем. Аз муаллимаҳои мактабҳои деҳот сарфи назар кунем, дар колхоз аз занҳо мутахассиси маълумоти олидор нест. Чунки дар вақташ духтарони маҳаллӣ ба донишкадаҳои олӣ ба хондан нарафтаанд ё рафта бошанд ҳам кам ва танҳо ба институти педагогӣ. Дар сурате ки ба қадри кифоя боғчаҳои бачагон ва ясличои кӯдакон мавҷуданд, ҳанӯз занҳои хонашин хастанд.

Оилаи серфарзанд ҳам, ба назари ман, як проблемаи мураккаб менамояд. Худи ман тарафдори оилаи миёна.

— Чӣ гуна оиларо миёна мешуморед?

— Мансалан, оилаи худамро. Шаш фарзанд дорам: панҷ писар ва хурдтаринаш духтарча. Ҳамин қадараш кифоя, ба хаёлам. Келинатон ҳам ба фикри ман шарик. Лекин дар тарбияи бачаҳои худам душворӣ мекашам ва ҳол он ки калониаш акнун ба синфи ҳаштум расидааст, яъне ки проблемаҳои ҷиддитари тарбияи бачаҳо ҳоло ба сари мо наомадааст. Кори раиси колхоз ҳамин хел, ки соати шаши саҳар бархоста аз хона меравам, нисфи шаб рафта мехобам. Расман рӯзи истироҳат дорам, аммо дар амал он ҳам бо такудав мегузарад.

Дар деҳот оилаҳои аз ҳад зиёд калон низ ҳастанд. Хонаводаҳое ки дар дохилаш то панҷ-шаш оилаи том дорад. Тасаввур кунед, ки духтару модари арӯсу янгаву холаву аммаҳои зиёде, то понздаҳ-бист нафар бачаҳо, мардҳои гуногунхислату гуногункасб. Рости гап, оила не, як издиҳоми таппа-тайёр. Ин хел оилаҳоро аҳлу тифоқаш ҳам ҳаст, ноаҳлаш ҳам ёфт мешавад.

Оила бояд меъёре дошта бошад. Аз ҷиҳати миқдору миқьёс. Намедонам, шояд ман саҳв мекарда бошам. Ба қарибӣ бо як мӯйсафед ҳамсӯҳбат шудам. Аз бачаҳояш шикоят мекард. Аслан айб аз худи ӯ гузаштааст дар вақташ. Бачаҳо аксаран дасташонро ба оби хунук назада калон шудаанд. Вақте ки дар шаҳр мехонданд, дар хобгоҳи умумии студентон не, дар ҳавлии худ мезистанд: падари ғамхор барояшон ҳавлӣ харида будааст. Ҳоло ҳама маълумот гирифта, ба колхоз баргаштаанд, вале дар муассисаҳои шаҳр кор мекунанд: дар Орҷоникидзеобод комбинати орд ҳаст, истгоҳи роҳи оҳан, боз фабрикаи мурғпарварӣ, ташкилотҳои бинокорӣ, алоқа, газгузаронӣ ва сад хел идораи дигар.

Мӯйсафед шикоят мекард, ки писарҳо ба боғу ҳавлӣ заррае нигоҳубин намекунанд. Умуман нигоҳубин кардан намехоҳанд. Рӯзе оташин шуда гуфтааст:

— Ман мурам, бо ин танбалию беҳавсалагии шумо аҳволи боғамон чӣ мешавад?

— Аввал ин ки,— гуфтааст яке аз писарҳояш,— мо намемонем, ки шумо, падараки дилсӯзи мо бимуред. Агар он рӯзи

нохуш даррасид, ба ҳама ҷо юнучқа кошта, гӯсфандҳоро сар медиҳем. Худашон баҳузур алаф хӯрда мегарданд. Фарбеҳшудаашро пешопеш кушта мехӯрем, вассалом.

— Мулоҳиза кунед, раис,— мегуфт мӯйсафед,— ҳатто ҳамон алафи коштаашонро даравиданӣ нестанд! Худи гӯсфанд чарида, фарбеҳ мешудааст, ба хӯрдан тайёр мешудааст.

Лекин ин масъала проблемаи танҳо деҳот нест. Тарбияи фарзанд барин кори мураккаб кам аст. Ҷав кори ҷав бардорӣ, гандум кори гандум, гуфтаанд.

## КАМБУДИРО ИСЛОҲ БОЯД КАРД, НА ПИНҲОН

Котиби ташкилоти партиявии колхоз Усмон Раҳмонов намоён шуд. Вай ҳам уазики худро тақрибан дусад метр дуртар аз суҳбатгоҳи мо монда, табассумкунон пиёда меомад.

— Гумон мекунӣ, ки хуб пинҳон шудию касе ёфта наметавонад?— пурсид парторг наздик расида баъди саломуалеку пурсупос.

— Баракс, ба меҳмон гуфта будам, ки аз дасти парторг на рӯз халосӣ ҳаст, на шаб.

— Меҳмонро аз гуруснагӣ кушта намонем боз?...

— Ман гурусна не,— гуфтам,— Ҳозирак сабзӣ канда хӯрдем.

— Ҳм, аз сабзи заргӯш сер мешавад. Иштиҳои одам сурнай бошад, сабзӣ карнай мекунад. Рафтем, дар хона шӯрбо тайёр.

Раис гуфт, ки боз ним соат сабр кардан лозим. Мошини ӯ биояд, баъд меравем.

Усмон Раҳмонов низ ба суҳбати мо дар сари марзи полез шарик шуд. Гуфт, ки ташкилоти партиявии колхоз калон, пурқувват аст. Вазифаҳои масъулиятноки хоҷагиро коммунистон ба ӯҳда гирифтаанд. Аз ҷумла, нӯҳ нафар сардорони бригадаҳо, се кас мудири ферма шуда кор мекунанд. Сарбухгалтер, сариқтисодчӣ, саринженер, сарагроном низ аъзоёни партияанд. Сафи аъзоёни партия меафзояд. Дар ду соли охир ҳафт нафар комсомолон ба номзадии аъзои КПСС қабул шуданд. Нӯҳ нафар номзадҳо аъзои ҳақиқӣ шуданд.

— Усмон, аз камбудиҳо ҳам гап зан. Меҳмони мо нависанда. Натарс, ба шаҳр баргашта, даррав дар хусуси ману ту фельетон наменависанд.

— Кор бе камбудӣ мешудааст магар?— андаке сурх шуда гуфт парторг.— Масалан, аз бригадаи 18, яъне аз деҳаи Зулфӣ дар бадали солҳои охир ягон касро ба аъзогии партия қабул накардаем.

— Боракалло,— хандакунон гуфт раис.— Акнун, ки сар

кардӣ он тарафашро ҳам бигӯ. Бигӯ, ки парерӯз маҷлиси ҳисоботӣ-интихоботӣ шуда буд. Бигӯ, ки Камол Суфиев омада буд ва комитети партиявиатро чӣ тавр боб карда, ба таки тозиёнаи танқид гирифт.

— Танқид меваи коммунизм, гуфтаанд.

— Кӣ гуфтааст ҳамин гапро?— раис ба андеша рафт.— Меваи коммунизм! Аҷаб мевае... Муаллим,— раис ба ман рӯй овард,— кӣ гуфтааст ҳамин гапа? Ҳарчанд бо диққат гӯш медиҳам, дар забони русӣ ё забони дигар халқҳои мамлакатамон ин хел мақолро нашунидаам.

— Бубахшед, ба ин нуқта аҳамият надодаам. Шояд ҳикмати соф тоҷикӣ бошад. Эҳтимол, мазмунаш ҳамин бошад, ки фақат дар ҷамъияти озоди социалистӣ, дар шароити баробарҳуқуқӣ, баробарии иҷтимоӣ танқиди норасоиҳои кор, танқиди рафиқонаи шахси дигар метавонад инкишоф ёбад ва ба пешрафти кор мадад расонад.

— Рост, дар замони аморат, худи амири давлатпаноҳ он сӯ истад, агар ягон мулозими қушбегӣ ё ҳатто нӯкари беки Ҳисорро танқид мекардӣ, лингат аз осмон меомад.

— Лекин дар одобу ахлоқи миллати мо танқиди рӯирости норасоии шахс ҳамеша ҳусн ба шумор мерафт. Масалан, Шайх Саъдӣ гуфтаанд:

Аз суҳбати дусте биранҷам,
К-ахлоқи бадам ҳасан намояд.
Ку душмани шухшанги бебок,
К-айбу ҳунарам ба ман намояд.

Боз Шайх фармудаанд:

Дуст он аст к-айби ёрашро
Ҳамчу оина рӯбарӯ гӯяд.
На ки чун шона бо ҳазор забон,
Дар қафо рафта, мӯ ба мӯ гӯяд.

Ин қитъаҳо кайҳост, ки ба зарбулмасали халқ табдил ёфтаанд.

— Комитети партиявии моро танқид карданд. Чӣ хоҷат ба пинҳон кардан?— ба гап даромад Раҳмонов.— Маҷлисҳои комитет дар вақт-вақташ намегузарад. Баъзан дар айни долузарби кор ба чандин соат кашола мешавад. Аз номуташаккилии мо кор зарар мебинад. Коммунистоне ҳастанд, ки интизоми партиявиро вайрон карда, ҷазоҳои сахт гирифтаанд. Худи ҳамин айби калон аст, айби ман айби ту ҳам, Саидмурод. Ту ҳам аъзои комитет.

— Ман худама моҳи беайб нагуфтаам. Мегӯям, ки буду шуди гапро гуфтан лозим.

— Буду шуди гап ҳамин ки колхози мо аз сафи пешқада-

мон ҷой гирифтааст. Барори кори хоҷагӣ аз осмон намеафтад. Кори сиёсию тарбиявӣ — оинаи аҳволи колхоз аст. Он ҷо ки ин гуна кор ҳаст, истеҳсолот ҳам нағз пеш меравад, маданият ҳам дараҷа ба дараҷа боло меравад. Таъкид мекунам, муаллим, дараҷа ба дараҷа. Ман дар ҳисоботам гуфтам: дар ду соли охир шашсаду бисту ҳафт лекция, суҳбат гузаронида шудааст бо аҳолии колхоз. Ин кам не. Лекин баъзеҳо ҷон мекоҳонанд, супориш диҳӣ, аз сидқи дил кор мекунанд, як пораи дигар кам баромад мекунанд, ё вазифаи ҷамъиятиро дилубедилон адо мекунанд. Обуна ба газетаю журналҳо бад не. Ба колхоз ҷамъ ҳафт ҳазор нусха ҳар хел нашрия меояд. Ин ҳам кам не. Сабаб ин ки ба ин кор ҳаваскорашро таъин кардаем. Сарбухгалтер Саидалӣ Ёров табиатан маърифатпарвар аст.

Газетаи девориро худатон дидед. Бачаҳои бағайрат, ташаббускорро вобаста кардаем. Мо дар дигар колхозҳо, мактабҳо, ҳатто дар фабрикаю заводҳои шаҳр бисьёр газетаҳои девориро дидаем. Азони мо агар таърифзеб набошад, аз рӯи инсоф гӯем, таънабоб ҳам нест. «Варақаҳои ҷанговар» дар ҳамаи бригадаҳо, фермаҳо ҳар моҳ як бор ҳатман мебарояд. Радиоузели колхоз бошад, ёрдамчии хуби мо шудааст.

Баъд суҳбат ба мавзӯи оинҳои нав гузашт. Фаъолони колхоз дар ақди никоҳи ҷавонон, дар тӯйҳои комсомолӣ бо навбат ё агар имконият даст диҳад, гурӯҳ-гурӯҳ иштирок мекунанд, сардорӣ мекунанд. Кӯшиш мекунанд, ки рӯзи никоҳ, тӯи никоҳ ботантана бигзарад ва дар хотири ҷавонон бимонад.

Бо занони деҳот ҷамъомадҳои махсус мегузаронанд, то ки ҳар чӣ дар дил арзу дод доранд, беистиҳола гуфта тавонанд. Суҳбатҳои хосаи худи занон низ барпо мегарданд, чунончи, дар мавзӯъҳои маданияти рӯзгордорӣ, тарбияи кӯдак, беҳдошт ва гигиена дар хонавода ва ғайра. Лекин, афсӯс, ин гуна мусоҳибаҳо ҳанӯз ба андозаи кофӣ не, ба замми ин сатҳи мазмунаш ба қадри бояду шояд баланд нест.

Аъзоёни правления ва комитети партиявии колхоз пеши худ вазифа гузоштаанд, ки ба давомияти духтарон дар таҳсил, на фақат дар мактабҳои худи колхоз, балки дар омӯзишгоҳҳои Орҷоникидзеобод ва мактабҳои олии пойтахт ҷиддӣ назорат кунанд. Чунин назорат сол аз сол пурқувваттар мешавад.

Солҳои охир як одати номатлуб ҷорӣ шуда, мутаассифона, торафт қувват гирифта истодааст. Раис ва парторг тӯйҳои аз ҳад фузун серхароҷоти пурдабдабаю бокарруфарро дар назар доранд. Рӯзҳои тӯй то панҷоҳ-шаст нафар духтарону писарон — дугонаҳои арӯсу ҷӯраҳои домод аз синфҳои болои мактаб, аз коргоҳи колхоз бепурсиш ғайб мезананд. Дар назди идораи совети қишлоқ, дар кӯчаҳои шаҳр қатори дарози автомобиль-

ҳои сабукрав пайдо мешаванд, гоҳо кӯчаҳоро танба мезананд, ходимони инспекцияи автомобильро ба изтироб меоранд.

— Шунидем, ки дар шаҳри Ленинобод маросимҳои сермошини қайди никоҳро манъ кардаанд. Ақди никоҳ бевосита дар туйхона барпо мешудааст,— гуфт раис.

— Ташкилотҳои шаҳру районн Турсунзода ҳам ба ин кор пайравӣ кардаанд,— хабар дод парторг.

— Намедонам,— андешамандона гуфт Саидмурод Саидов,— ин амри дуруст бошад, ё не... Намедонам,— такрор намуд ӯ.— Ба ҳар ҳол озмудан лозим. Умуман агар аз доираи меъёр набароянд, ақди никоҳ — оини зебоест. Худи ман, масалан, мехостам, ки фарзандонам калон шуда, ҳамин хел маросими зеборо аз сар гузаронанд, як умр дар ёдашон монад. Ҷилави туйдоронро ба ихтиёри худашон, ба ихтиёри мусобиқаи бемаънии байни якдигарашон дода мондан хуб нест. «Ку, дар тӯи кӣ мошин бисьёртар мешавад? Аруси кӣ бо «Волга» меояду арӯси кӣ бо «Москвич»? Хуб нест ин гуна ҳангома. Лекин манъ кардан ҳам, ба хаёлам, тадбири ягона нест. Манъ ё маҳдуд кардан ҳамеша осонтар аст назар ба дарьёфтани роҳи қобили қабул ва ба тартиб андохтани ин маросимҳо. Ҳусни олам, ҳусни зиндагонӣ бо хурсандию хуррамии ҷавонон пойдор аст.

Пас комсомол бояд дар ин бобат бештар ғайрату фаъолият нишон диҳад. Ҳа, ин бевосита вазифаи комсомол аст.

Ҳамин ки сухан аз зуҳури хурофот ва боқимондаи одатҳои кӯҳна сар шуд, ба чеҳраи ҳар ду роҳбар низ ғаму ташвиш соя андохт.

— Қалингирӣ барои духтар ҳанӯз ҷой дорад,— гуфт Саидов бо ғазаб мушт ба зонуи худ зада ва илова намуд.— Аз ҳама зиёдтар аламовараш ин ки дар ин кори пурнанг баъзе зиёиёни қишлоқ иштирок мекунанд. Як рӯз савори мошин ба маркази район мерафтам, ки дар истгоҳи автобус деҳқонеро дидам. Аъзои колхози худамон, боғбони хуб. Медонистам, ки ӯ дар он соат мебоист дар токзор мебуд ва ба нуктокӣ машғул мешуд. Аз мошин фаромада, ба наздаш рафтам.

— Сафар ба хайр! — гуфтам пас аз саломуалеку пурсупос. — Ба куҷо равонӣ?

— Ба райком меравам. Ба пеши Суфиев.

— Чаро? Чӣ воқеа шуд?— пурсидам мардакро ба каноре бароварда.

Нақл кард, ки писари хурдиаш нуқсони ҷисмӣ дорад: кару гунг аст. Синнаш аз бист гузашту ҳанӯз муҷаррад. Ба ин гуна ҷавон ҳар кас духтар намедиҳад. Ба худаш муносиб айнан ҳамин гуна духтар ёфт шуд. Ҳар ду тараф розӣ шудаанд. Ноншиканон кардаанд. Аммо падари духтар қалини калон та-

лаб кардааст. «Духтарам забон надошта бошад ҳам, ҳусни оламгир дорад», мегуфтааст. Мардак коғазеро аз бағал бароварда дод, бо чашми худам хондам. Ҷамъ сездаҳ ҳазор сўмина чизу чораю молу пул рўйхат шуда буд. Сездаҳ ҳазор!

Боз ба як варақ коғаз ба номи котиби якуми райком ариза ҳам навишта буд. Гуфтам, ки ин қадар дард доштай, чаро ба роҳбарони Совети қишлоқ ё колхоз муроҷиат накардӣ?

Маълум шуд, ки ба колоншавандаҳои қишлоқашон шикоят кардааст. Онҳо ваъда кардаанду чорае надидаанд. Аслан яке аз сабабҳои сахтҷони ин гуна расму оинҳои нангин он аст, ки ба қалингирӣ, масалан, як қисми роҳбарони маҳаллӣ ҳанўз чун ба як амри ногузири рўзгор нигоҳ мекунанд, онро айб медонанд, аммо айбе ки аз он чашм пўшидан, бахшидан мумкин аст. Вақтҳое буд, ки дар ҳудуди як Совети қишлоқ чандин колхоз вуҷуд дошт, ҳоло баракс як колхоз чандин Совети қишлоқ, даҳҳо деҳаро фаро мегирад. Ҳудуди колхози мо аз сарҳадди шаҳри Орҷоникидзеобод то ба наҳри Элок ва аз роҳи калони Нораку Кўлоб то кўҳсори Файзобод доман паҳн кардааст. Ин аст, ки марди деҳқон аз ҳамқишлоқиёни худ мададе надида, ба котиби райком ариза бардошта мебурд.

— Пеши Суфиев меравам, масъала зуд ҳал мешавад,— мегуфт ў.— Арғамчин барин кашол шуда намехобад.

Падари духтар муаллими баобрўи мактаби қишлоқ буд. Мактаби ибтидоӣ бошад ҳам, охир мактаб аст, макони маърифат аст. Ҳамин хел одами хондагӣ, аз оламу одам бохабар садди роҳи ду ҷавони аз табиат осебдида, ду ҷавони маъсум гардидааст, ки ҳар ду бояд фарзанди худи ў шаванд. Магар аз ин зиёд номаъқулӣ, аз ин рўзи сахттар мешавад?

Деҳқони аризадорро ба сари кор фиристода, ба пеши муаллим рафтам. Аввал ба нағзӣ гуфтугў кардам, мувофиқи тавонам, аз ҳазрати Одам сар карда, ҳар гуна қиссаҳо, ривоятҳо гуфтам, насиҳат хондам, илтимос кардам. Нашуд. Сонӣ, рости гап, маҷбур шуда дўғ задам, тарсонидам. Хайр, чӣ илоҷ? Вақт кам, кор аз мўи сар мўлтар. «Арвоҳ занад ту барин муаллима, гуфтам, на ба қоидаю қонуни замона эҳтиром дорӣ, на ба савобу уболи қадима...»

Саидов бо таъсири хотираҳои нохуш муддате хомўш монда, ба хаёл рафт.

— Ба дастҷамъӣ, ба аҳлона кор кардан ҳанўз одат накардаем мо,— гуфт Усмон Раҳмонов.— Сабаби рўй додани ин гуна ҳодисаҳо маҳз дар ҳамин. Чандин сол аст, ки дар колхоз суди рафиқона вуҷуд дорад. Аммо ба дараҷае ки мо мехоҳем, ба дараҷае ки замона талаб мекунад, ҳоло фаъол нашудааст. Вагарна он мардак ариза бардошта ба райком намерафт. Ҷан-

чолҳои дохили оила, байни ҳамсояҳо, ҳодисаҳои дуздидани молу мулки колхоз вуҷуд доранд. Дар муддати ду сол суди рафиқона бисту як масъаларо дида ҳал кардааст. Ва ҳол он ки ба комитети партиявӣ, ба правлениями колхоз, ба суду прокуратура ё милиция барин ташкилотҳои район ҳам аризаи бисьёре рафтааст.

Ё мисол гирем, комитети назорати халқро. Вай бисту се пости назорат, яксаду бист назоратчӣ, аз ҷумла дувоздаҳ нафар аъзоёни партияро дар бар мегирад. Рост, ба кори колхоз ёрмандии калон мерасонад. Сарфаю сариштаи қувваи электр, сузишворӣ, муносибати ғамхорона ба техника, молу мулки ҷамъият,— ҳамаи ин таҳти назари ин ташкилот аст. Лекин аз рӯи талаботи замон нигоҳ кунем, фаъолияти вай бояд хеле васеъ ва амиқтар шавад, ҳам ба масъалаҳои иқтисодиёт дахолат кунад, ҳам ба проблемаҳои маданияти деҳот, ҳам ба риояи қонунҳои социалистӣ.

## ПИРИ БОТАДБИР

Мошини раис омад ва ӯ ҳазломез «зиёфати парторгро хӯрдан савоби махсус дорад» гӯён моро бо хонаи Раҳмонов бурд. Дар сари дастархон низ мавзӯи суҳбат пешина буд: проблемаҳои маданияти деҳот.

Ҳар сол аз охири тирамоҳ дар қишлоқҳо гаштак сар мешавад. Клуби деҳа ба маркази ҳаёти ҷамъиятӣ табдил меёбад. Аз ҳар қишлоқ то ҳафтод-ҳаштод нафар он ҷо ғун мешаванд. Аз ҳезум, хӯроку чою нон таъмин кардани ҷамоа ба навбат аст.

Дар гаштак сардори суҳбат одами маданӣ бошад, коммунисти бофазилат бошад, кор нағз меравад, суҳбат фоиданок мегузарад. Оид ба навигариҳои илму техника, аҳволи байналхалқӣ, доир ба вазифаҳое ки худи зиндагонӣ имрӯзу фардо ба миён мегузорад, нақл мекунанд, гоҳо мунозира ва мубоҳиса мешавад. Дар як тараф ҷавонон шоҳмоту шашка мебозанд. Лекин меҳвари суҳбат аксаран намоишҳои телевизион аст. Дар колхоз деҳае нест, ки радио, электр надошта бошад; телефон фақат ба як-ду қишлоқи дурдаст нарафтаасту бас.

— Шумо бо ходимони радио ва телевизион ҳамкории наздик доред,— гуфт Саидмурод Саидов.— Хоҳиш мекунем ба онҳо бигӯед, ки аз беҳтар, завқовар, аз сермазмунтар шудани барномаи онҳо, намоишу гуфторҳои онон мо бисьёр хурсандем. Лекин, муаллим, таъкид мекунам, рафиқонатон ва худи шумоён, нависандаҳо ҳам пайваста дар ёд дошта бошед, ки на фақат дар даврам тирамоҳу зимистон, балки ҳамаи сол барномаи онҳо дар ҷамъомадҳои мардуми деҳот ҳамчун меҳвари асосӣ, ҳамчун кафшери суҳбат хидмат мекунад.

— Воқеан,— ба сухан ҳамроҳ шуд Усмон Раҳмонов,— замони аҷибе расидааст, ки зиёиёни шаҳр аз дур бошад ҳам, ба ҷараёни ҳаёти иҷтимоию маданни деҳот таъсир расонида метавонанд. Мо аз хидмати онон баҳраманд шуда, сипосдорӣ мекунем. Раис дуруст мегӯяд, аз афзудани ин хидмат чашми умед дорем.

— Ману Раҳмонов, боз дигар аъзоёни правления ва комитети партиявӣ мавсими зимистон аскаран деҳа ба деҳа гашта, аз кори клубу чойхонаҳо хабар мегирем. Гоҳо мебинем, ки ба ягон суҳбат пири ботадбире сарварӣ мекунад. Хурсанд шуда, нақлу ривоятҳои ӯро дар қатори дигарон гӯш мекунем. Қуҳансолоне ки аз оташи ҷанги зидди босмачиҳо, муҳорибаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ гузаштаанд, дар сохтмони аввалин колхозу совхозҳо иштирок кардаанд, дар тарбияи насли имрӯза хидмати бебаҳое мекунанд. Усмон,— ӯ ба рафиқаш рӯй овард,— ҳамон суҳбати журналистони хориҷаро гуфта медиҳам.

— Бигӯ, бигӯ, ту ба нақлу ҳикоят аз ман устотар. Бигӯ,— дастгирӣ намуд Раҳмонов.

Ва Саидов нақл кард, ки ҳамин баҳор ба колхози онҳо як гурӯҳ журналистҳои хориҷа, аксаран америкоиҳо омада буданд. Ба суҳбат чанде аз фаъолони колхоз, пешқадамони кори саҳро ва ду-се нафар муйсафедони нафақахӯр даъват шуда буданд. Аввал аз рӯи таомул обу зиёфат доданд, баъд раис аз кору бори колхоз ва ҳаёти деҳқонон ҳикоят кард, сони саволу ҷавоб сар шуд. Яке пурсид, ки аз колхози шумо дар ҷанги Афғонистон чанд кас мурд? Ман гуфтам ки ягон кас намурдааст. Яки дигар пурсид, ки магар деҳқонҷавонони колхози шуморо ба сафи Армия даъват намекунанд? Гуфтам ки даъват мекунанд. Рафта хизмати худро адо карда меоянд. Пас, гуфт, боз яки дигараш, шумо аз куҷо медонед, ки аскарбачаҳои аз колхози шумо ба хизмат рафта, ба Афғонистон фиристода нашудаанд, аз куҷо медонед, ки онҳо кайҳо ҳалок нашудаанд? Рости гап, ман аз ин саволҳо ботинан оташин шуда, базӯр худро ба даст гирифта оромона ҷавоб медодам. Ба журналистҳо гуфтам, ки шумо, ҷанобон, дина аз хориҷа наомадаед, дар мамлакати мо чанд руз инҷониб сафар доред, аз тартибу низоми зиндагонии мо огоҳед. Хуб медонед, ки ҷавонҳои моро бо навбат ба аскарӣ мегиранд, ҳамаи онҳо, шукр, хату савод доранд, ҳанӯз ба маҳалли хизмат нарасида, ба падару модарашон хат менависанд. Мо ҳама медонем, ки фарзандҳои мо дар куҷо хизмат мекунанд. Матбуоти мо сад бор эълон кард, ки мувофиқи хоҳиши ҳукумати қонунии Республикаи демократии Афғонистон, мувофиқи шартномаи дӯстию ҳамкорие, ки баъди Инқилоби саври Афғонистон байни мову Афғонистон баста шуда буд ва ниҳоят, мувофиқи тартиботе ки Таш-

килоти давлатҳои муттаҳида мақул дониста, қабул кардааст, фақат як гурӯҳи маҳдуди қушунҳои советӣ ба Афғонистон дохил шудааст ва он ҳам барои куштани бародарони афғон не, барои кушта шудан аз дасти ҳамсоягони қарини дерина не, балки барои он ки иғвои империалистони хориҷа пасанда шавад, то ки ба хоки Афғонистон сар даровардани роҳзанону нӯкарони империализм пешгирӣ карда шавад. Охир, гуфтам, ба хонаи ҳамсоятон оташ афтад, шумо болои бом баромада, то сухта хокистар шудани он тамошо карда наметавонед-ку? Охир, халқҳои Осиёи Миёна ва алалхусус мо, тоҷикон, бо халқи афғон таърихи муштараки бостонӣ дорем, маданияти муштарак дорем. Ҳамсоя ва бародарони ҳазорсолаем. Охир, дӯстию ҳамкории наздики мо ҳанӯз дар солҳои аввали Инқилоби Октябрь бо имзои Владимир Ильич Ленин ва амири онвақтаи Афғонистон Амонуллохон дар ҳуҷҷати расмии давлатӣ сабт шудааст!

Бо вуҷуди ҳамин қадар гап боз як журналист гуфт:

— Хайр, фарз кардем, ки аз ҷавонони шумо касе дар Афғонистон кушта нашудааст. Шумо, ҷаноби раис, бигӯед, ки воқеаҳои Афғонистон ба вазъияти моддии колхозчиҳои колхозатон чӣ андоза таъсир расонид?

Тоқати ман дигар тоқ шуда буд. Мехостам ба ин рафиқам, ба Усмон бигӯям, ки ман кори зарур дорам, бояд зуд ба идора биравам, ту сӯҳбатро давом деҳ. Чунки Усмон аз ман табиатан гаронбортар, ӯро оташин кардан кори осон нест. Аммо дар ин вақт яке аз муйсафедони нафақахӯр, ки дар гӯшаи дигари миз менишаст, ба ман муроҷиат карда гуфт:

— Саидмурод, писарам, ба меҳмонҳоят як чиз гуфтаниам.

— Бигӯ, ота, марҳамат,— гуфтам андаке рӯҳ гирифта.

— Не, гапи ман дароз, ту аз тарҷумон бипурс, ки оё розӣ аст ба забони онҳо гардонад?

Қарор додем, ки роҳбаладй журналистон, ҷавони зебои мӯйлабчадор, ки онҳоро аз Душанбе ба сари мо оварда буд, сухани мӯйсафедро барои тарҷумондухтар ба русӣ мегардонад, духтарак бошад, ба англисӣ тарҷума мекунад.

Мӯйсафед чиҳо мегуфта бошад, гӯён журналистҳо қаламу дафтарҳошонро омода карданд, ду нафараш ба наздиктари пирамард рафта шириқ-шириқ сурат гирифт.

— Ман одами ҷаҳонгаштаам, гӯям муҳобот намешавад,— гуфт мӯйсафед.— Як вақтҳо боқимондаи лашкари титупит шудаи Иброҳимбеку Анварпошшоро зада-зада то сарҳадди Афғонистон сур карда бурда будам. Сонитар дар ҷанге ки Гитлери хонасӯхта сар кард, иштирок доштам. Аввал ақиб менишастем, азобу уқубат мекашидем, сонӣ қувват гирифта, Гитлерро ҳам сур карда, то ба хонааш расидем. Ман ҳамроҳи ра-

фиқонам шаҳру қишлоқҳои Аврупоро аз дасти фашист озод карда, то шаҳри Вена рафтам. Ана ин бачаҳо медонанд, ду орден, ёздаҳ медаль гирифта, зинда баргаштам. Фақат як поям умрбод ланг шуда монд. Лекин ман аз саргузашти худам не, як ҳикояти бобои бобоямро гуфта медиҳам.— Журналистони хориҷӣ ба ҳамдигар маънидор нигоҳҳо мекарданд, вале ҳамчунон хомушона гӯш мекарданд.

— Бобокалони ман рӯзе ба кӯҷое бо наберааш, яъне ҳамроҳи бобои ман харсавор мерафтааст,— нақл мекард пирамард.— Аз байни қишлоқе мегузаранд, ки дар пеши масҷид се-чор нафар чой нӯшида менишастаанд. Яке аз онҳо бо овози баланд ба бобокалони ман шунавонида мегӯяд:

— Одам ки пир шуд, ақлаша мехӯрдааст. Ин мӯйсафеда бубинед, ки ба як ҷонвари безабон ҳам худаш савор шудааст, ҳам набераашро бор кардааст.

Бобокалонам онсӯтар рафта фикр мекунад, ки дар воқеъ гапи вай мардак ҷон дорад. Набераашро аз хар фароварда мефармояд, ки ту камтар пиёда гард, баъд навбат мекунем.

Ин вақт ба қишлоқи дигар мерасанд. Аз мардуме ки дар чойхонаи он ҷо нишаста, суҳбат мекардаанд, яке бо овози баланд мегӯяд:

— Одам, ки пир шуд, ақлаш мекостааст. Ин мӯйсафеда бинед, худаш харсавору як ваҷаб бачая пиёда сур мекунад.

Бобокалонам дуртар рафта, худ пиёда мешаваду бачаро ба хар савор мекунад. Дар қишлоқи саввум ба ӯ шунавонда мегӯянд:

— Э-мур-е, мӯйсафеди беақл, о ҷон ғанимат гуфта, ба хар худат савор намешавӣ? Бача пиёда гардад, устухонаш шах мешавад, ба душвориҳо тоқатовар мешавад.

Бобокалонам набераашро ҳам фароварда, маркабаша пеш карда, ҳар ду пиёда рафтан мегиранд. Дар қишлоқи чаҳорум боз як кас мегӯяд:

— Ғояти аҳмақӣ ҳамин қадар мешавад. Як хари зӯр бебор мераваду ду хари дигар аз дунболи вай.

Дар байни мардуми мо мақоле ҳаст, ки мегӯяд; дарвозаи мамлакатро бастан мумкин, даҳони бадгӯйро не. Шумо, ҷанобони газетачию радиёчӣ, меҳмон бошед ҳам, забонатон, миллататон дигар бошад ҳам, мани мӯйсафед ҳақ дорам падарона як маслиҳат диҳам: замони мо бисьёр нозук, талоши ҷангу сулҳ гоҳо ба сари як мӯй андармон мемонад. Дар ин хел замона даҳони бадгӯйро, даҳони одамони беҳудагӯйро бастан савоб аст. Ман ҳар рӯз телевизор мебинам, радиё гӯш мекунам, якта айнаки кӯҳна дорам, рӯзнома мехонам. Дар мамлакатҳои шумо ҳар рӯз овоза мекардаанд, ки СССР имрӯз не, пагоҳ ба мо ҳуҷум мекунад. Саидмурод, раиси мо, калони мо,

дуруст гуфт, ки шумо дина аз ҷои дур наомадаед, аз зиндагонии мо нағз хабар доред. Рости гапро навиштан даркор, писарҳои ман. Аз ҳамун одамҳои советии ҷангараю ҷангҷӯ яктааш ман, собиқ аскари сурх бошам, ҳар пагоҳӣ дар сари намоз (алҳамдуллилоҳ мусулмон ҳастам) аз оллоҳи таоло фақат як чиз талаб мекунам: олам дар осоиш бошад, мегӯям. Рости гапа навиштан даркор, писарҳоям, дурӯғгӯ душмани худо.

Мӯйсафед лаб фурӯ баст. Тарҷумонон, меҳмонон низ чанд дақиқа хомӯш менишастанд.

Суҳбат бо ҳамин тамом шуд.

Сонитар ман ин воқеаро дар комитети районии партия нақл карда, гуфтам, ки ба колхози мо ҳар рӯз садта меҳмон фиристед, нури дида, тоҷи сар, қабул мекунем, лекин илтимос: аз ин тоифааш нафиристед, ки дар гуед девор гуфта, олама силкасал мекардааст.

— Баракс,— гуфтанд дар ҷавоб.— Минбаъд ҳамин хелҳояшро маҳз ба колхози ту мефиристем. Ту бошӣ, ба дасти ҳамон мӯйсафедат месупорӣ, ки аз бобокалонаш қиссаҳои пандомез нақл мекунад.

## ЛАҲЗАҲОИ РОЙГОН

— Агар ҳамин гуна пири ботадбир сардори суҳбат бошад, имонам комил, ки ягон дақиқа вақт бар ҳадар намеравад. Лекин чӣ ҷои пинҳон доштан, баъзан дар клуб ё чойхона набошад ҳам, дар ягон маъракаи дигари серодам инони суҳбат ба дасти нимчамуллое меафтад. Ана баъд аз суннати пайғамбару азоби гӯру қиёмат гап авҷ мегирад.

Ташкилоти партиявӣ ин гуна шахсонро ном ба ном медонад, албатта, бетараф ҳам намемонад. Масалан, Саидмухтор Исломов ном шахсе ҳаст. Касбу кораш чанд сол пеш «муллогӣ» буд: дар сари болини нотобон дуо мехонд, тӯмор менавишт, фитри рӯза меғундошт. Ману Усмон бо вай чандин маротиба суҳбат кардем. Ба хонааш рафтем, ба идора ҷеғ задем. Оқибат, ба роҳи дуруст даромад, ба роҳи меҳнати ҳалол. Ҳоло чилу ҳаштсола шудааст, бо оилааш дар колхоз нағз кор мекунад. Медали намоишгоҳи Умумииттифоқии комьёбиҳои хоҷагии халқро гирифт, мукофоти пулӣ гирифт.

Мо ба шумо аз ду навъи суҳбат дар ҷамъият мисол овардем. Лекин, муаллим, навъи саввумаш ҳам ҳаст, ки кас намедонад онро ба кадом тараф ҷудо кунад. Ман достони пурхӯронро дар назар дорам. Ҳамин ки яке аз одами пурхӯр сухан сар кард, дарҳол дигаре қиссаи тозаро илова мекунад. Оқибат як олам ҳикоят мешавад ва ҳамаи он ба таърифу тавси-

фи касе ки ҳунараш фақат дар ин ки ба шикамаш гӯсфанди бутунро мегунҷонад. Гӯё пурхӯр як нави қаҳрамон бошад.

Бо гӯши худам шунидам, ки яке, масалан, дар бозор ҳа, дар бозори колхозии шаҳри Душанбе понздаҳ кило ангур хӯрдааст. Худаш колхозчӣ будааст. Тирамоҳрӯя ба бозор чаҳор қуттӣ ангур мебарад. Як харидори миёнсоли озодалибос ва муаллимсимо омада, нархи ангурро мепурсад, андак барои зебаш савдо мекунаду мефармояд, ки ду кило баркашад.

— Муаллимҷон, ду кило ангур чӣ мешавад? Бисьёртар гиред, ангур ангури ҷавз, як умр мазааш аз даҳанатон намеравад.

— Ҳамин қадараш кифоя, акаи деҳқон,— ҷавоб медиҳад муаллим.

— Ё тавба,— мегӯяд деҳқон.— Ман якуним пуд ангур хӯрам, лабам мегӯяд, ки «омад», шикамам мегӯяд, ки «қиёмат!»

Муаллим ранҷишомез мегӯяд:

— Якуним пуд ангур бисту чор кило мешавад, ошно. Муболиға ҳам эбаш-қатӣ.

— Медонам, бисту чор кило,— эътироз мекунад деҳқон.— Аммо ман дар як нишастан сӣ кило ангур мехӯрам. Ба гапи одами ришу фашдор бовар накардан аз рӯи одоб нест, муаллим.

Ин як чиз мегӯяд, он як чиз мегӯяд, баҳс метафсад, ба сарашон атрофиён ҷамъ мешаванд, қисса кӯтоҳ гарав мебанданд, ки деҳқон дар пеши назари ҳамин қадар одам сӣ кило ангура мехӯрад. Шарти гарав ҳамин ки он миқдор ангурро боғбон мехӯраду пулашро муаллим медиҳад.

Сӣ кило ангурро баркашида, ба як сӯ мемонанд. Ҳангоматалабҳо пайдо шуда, дасту остин барзада ангурро дар таки мили водопровод шуста меоранд. Боғбон як даста нони гарм фармуда, ба ангурхӯрӣ медарояд. Ним соат, як соат, якуним соат мегузарад, вай ҳамчунон бо иштиҳо ангур мехӯрад. Муаллим мебинад, ки як қуттӣ холӣ шуд, аз дуввумаш ҳам чорпанҷ кило ангур рафт, боз сета нони гарм ҳам дар ҳамон шиками зоҳиран назарногиру воқеан нопайдоканор ғайб зад, дар дилаш мегӯяд, ки мабодо ин мардак банохост кафида мурад, сараш муфт гирифтори бало хоҳад шуд. Инро андешида мегӯяд:

— Шуд, ошно. Бас. Ман ба ҳунари шумо қоил.

Пас пули понздаҳ кило ангури соҳибаш хӯрда ва боз ду килои худ ба коғаз печонида гирифтаро дода, ба хонааш меравад.

— Саидмурод, аз пурхӯрҳо қимоб,— гуфт Раҳмонов.— Аз ин гуна қиссаҳо беҳисоб медонад.

— Қимоб? Чаро? — пурсидам ман.

— Инашро ҳам бигӯ, охир. Ту тарафдори танқиду худтанқид-ку! — боз гуфт Усмон Раҳмонов.

— Мегӯям,— хандида-хандида гуфт Саидов ва қиссаи зеринро низ нақл кард.

— Боре комитети партиявии район қарор дод, ки маҷлиси пешқадамони хоҷагии қишлоқи районро дар клуби як колхози калон гузаронем. Ман он вақт сардори управленияи хоҷагии қишлоқ будам. Бюрои райком ҳамаи корҳои ташкилиро ба зиммаи ман гузошта буд. Қаблан бо раиси правленияи ҷамъияти матлубот гуфтугӯ карда, ба колхози муайяншуда, ба рӯзи таъиншуда ба миқдори зарурӣ хӯрокворӣ, ошпазу шашликпаз, нонвою чойхоначиҳоро бо ҳамаи асбобу ускунаашон роҳи кардам. Дар айни танаффуси калони нимирӯзӣ мебоист нони гарм, самбӯса, шӯрбо ва шашлики гӯшти гӯсфанд тайёр мешуд. Соати ёздаҳ, яъне дар вақти танаффуси мухтасари якум аз ҳоли ошпазҳо хабар гирифтам, ки корашон дар авҷ: дуди танӯру оташдону кӯраҳои шашлиқ ба осмон дакка мезанад. Бо хотири ҷамъ ба маҷлис даромадам. Яке аз нотиқон будам. Нутқамро эрод карда, аз қафои саҳна оҳиста берун баромадам. Ба пеши ошпазҳо рафта бинам, шӯрбо ҳаст, нону як миқдор самбӯса ҳаст, аммо аз сихкабоб дараке нест. Фақат даста-даста сихҳои луч ҳар ҷо-ҳар ҷо парешон мехобид. Маълум шуд, ки ду мулоимхунуки пурзӯр овозаи сихкабоби гӯсфандро аз куҷое шунида, ба ин ҷо омадаанд ва бо усули бисьёрҳо озмудаи худ ошпазҳои ҷавонро, ки техникуми кулинарии Душанберо ба қарибӣ хатм карда, ба Орҷоникидзеобод ба кор омада будаанд, ба гап гирифтаанд. Баҳсу мунозираи маъмул сар шудааст. Ошпазҳои ҷавон бо ҳарорати хоси ҷавонон гарав бастаанд, ки агар он ду нафар сад порс, яъне дусад сихи калони кавказӣ кабобро хӯрда тавонанд, ҳалолашон бод, вагарна аз онҳо ба ивази сад порс кабоб пули дусадтаро хоҳанд ситонид. Пурхӯрон гараврo бурдаанд.

Василий Ермолаевич Захватов маро ба наздаш чеғ зада пурсид:

— Ман ба ту гуфта будам, ки ин ҷо гули сари сабади колхозҳо меоянд. Ҳатман сихкабоби нағз бояд бошад, гуфта будам. Ҳамту не?

— Ҳамту, Василий Ермолаевич.

— Пас ку кабобат?

— Ду падарлаънати баднафс омада, паққос зада рафтааст.

— Боз кадом падарлаънат? Ту чиҳо мегӯӣ?

Вақте ки асли воқеъаро фаҳмид, маро дар назди издиҳом сахт коҳиш намуд. Қаҳраш биояд, хеле тундгап мешуд Василий Ермолаевич. Замин намекафид, ки дароям. Дар умрам ин

қадар хиҷолат накашида будам. Ба худ аҳд кардам, ки ба он тарафи бинои клуб бигузараму баъд боғи колхозро миёнбур карда, ба хона бигрезам. Ногоҳ назарам афтод, ки худи Захватов бо ду-се нафар раису парторгҳо дар гӯшае истода, ҳам шуда, шикамашро дошта бо завқ механдиданд.

Алҳақ, ин воқеа ҳам хиҷолатовар буд, ҳам хандаовар.

Медонам, ки тасвири ин гуна одамон дар санъати рассомӣ ва хусусан дар адабиёт ҳам ҳаст. Аз замонҳои қадим то имрӯз. Чӣ дар шарқу чӣ дар ғарб. Бо вуҷуди ин суҳбатеро ки бо нақли ин гуна мулоимхунукиҳои нодир гузаштааст, ба хаёли ман, соати ройгон бояд шуморид.

## ШИРАИ ЗАМИН

Ба ҳар ҳол пешрафт аён аст, мегӯяд Саидов. Ба ёдам мерасад, бист сол қабл аз ин дар колхозамон (муаллимони мактаб истисно) фақат якта мутахассиси маълумотдор буд. Ин ҳам худам. Маълумот ҳам танҳо маълумоти миёна. Ҳоло сиву се нафар аъзои колхоз мутахассисони маълумоти олидоранд.

Дар айёми бачагӣ дар кӯча ё саҳро тракторро дида, ба тамошояш медавидем. Не, медавидем гуфтан чандон дуруст нест. Тракторҳои пештара хеле суст мегаштанд. Чарххои калон-калони дандонадор доштанд, замини кӯчаҳоро қатор чуқурак карда мерафтанд. Акнун ба кабинаи тракторӣ Қ-700 бо нардбон мебароед. Чунон пуриқтидор аст, ки дунболи ҳам чаҳор-панҷ агрегатро бандед ҳам, суръаташро суст накарда мекашад. Гаражи колхози моро тамошо кардани шавед, камаш ду соат вақтатон меравад.

Бо вуҷуди он гоҳо ману Усмон проблемаҳои ҳалношуда, корҳои дар пешистодаро ба ёд оварда, ба андеша меравем. Ё хоҷагии худро бо колхозҳои машҳур муқоиса карда ҳавасамон меравад. Дар фалон колхоз аз ҳар гектар замин назар ба мо фалон қадар зиёдтар ҳосил мегиранд. Ё, масалан, дар колхози ҳамноми мо аз райони Вахш ҳар ҳафта гузаронидани шанбегии соҳаи маданият ва ободонӣ расм шудааст.

Комитети Марказии Партияи Коммунистии мо гаштаю баргашта даъват мекунанд, ки захираҳои мавҷударо ба кор андозед. Чунки воқеан, захираҳо ҳануз бисьёранд. Пеш аз мӯҳлат аз кор баромадани ягон трактор ё автомобиль натиҷаи он аст, ки ронандааш ҳануз усто нест ё дилсӯз нест. Ӯро бояд усто кард ё чунон бояд тарбия кард, ки муносибаташ ба техника беҳтар шавад. Баъзе солҳо, хусусан баҳорон як қисми чорво талаф мешавад. Ё модаговҳо бебор мемонанд. Дар тарафи роҳи Файзобод як қитъа замин ҳаст. Аз мобайнаш канали об мегузарад. Дар самти ғарб аз ҳар гектар чил цент-

нер пахта мегиранд, дар ин тараф бисту шаш-бисту ҳафт центнер. Порсол аз як рафиқи шаҳриам илтимос кардам, олими хокшинос аст, вай бо шогирдонаш номаълум омада, аз ҳар ду тараф намунаи хокро бурда дар лабораторияаш санҷид. Натиҷа — хок як хел, обу ҳаво як хел. Охирин шубҳаи дилам бартараф шуд. Дигар имонам комил аст, ки гап дар сари бригадир. Дидед, захираи дохилӣ дар куҷо ниҳон аст? Аммо онро чӣ навъ ба кор меандозед? Бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад. Танҳо бо хости ману шумо шахси роҳбар таъинкардаамон чашми кордону ӯҳдабаро намешавад.

Гоҳо ману Усмон ҳамроҳи дигар рафиқони ҳамкорамон рӯзу шабҳои дароз майна об карда, бригадирҷӯӣ, «бригадирсозӣ» мекунем. Аз ноилоҷӣ, албатта. Қасеро таъин мекунему меозмоем, афсӯс баъди ду сол боз иваз кардан лозим меояд. Одамизод гавҳари ноёб, дар ҳақиқат. Қордону соҳибтадбираш боз ноёбтар. Ба назарам дар шаҳри шумо ҳам дар баъзе ташкилотҳо роҳбаре лозим, ки бояд ҳам техникаи ҳозиразамони электрониро панҷ ангушт барин донад, ҳам ба нозукиҳои санъат амиқ сарфаҳм равад, ҳам ташкилотчии маҳоратнок бошад. Ҳа, медонам, шунидаам, дар шаҳр ҳам барои роҳбари хуб ёфтан дар баъзе муассисаҳо хеле ҷустуҷӯҳо мекунанд, азият мекашанд.

Лекин бригадирҷӯии мо боз як сабаб дорад: дар истеҳсолоти мо як мушкилоти иловагӣ ҳаст. Дар аксари бригадаҳо дар айни замон панҷ-шаш хел зироат руёнидан лозим: мева, пахта, ҷуворӣ, пилла ва сабзавот, ки худаш аз шаш-ҳафт хели ҷудогона иборат аст. Ҳамаи қитъаҳои майдонро алоҳида-алоҳида омӯхтан, ба ҳисоб гирифтан лозим, ҳамеша донистан даркор аст, ки қадом қитъа дар чӣ аҳвол аст, имрӯз одам ва техникаро ба куҷо бояд фиристод, фардо нурӣ ва поруро ба кадом зироат. Оби зироат як руз дер монад, ҳосил паст мешавад. Албатта, ин назар ба он ки дар сад гектар замин пахта, ё дар ҳазор гектар гандум кошта, парвариш кунед, нисбатан мураккабтар аст. Аммо хусусияти колхози назди шаҳр, талабот аз колхози назди шаҳр ҳамин бошад, хоҳеду нахоҳед, мувофиқи ҳамин талабот бояд кор кунед.

Бригадире солҳои сол нағз кор мекунад. Супоришу план ба ӯ сол ба сол меафзояд. Ҳамсояи вай дар ҳамон гуна шароит фақат ба қадри нисфи вай ҳосил медиҳад. Ҷони гап дар ҳамин аст, ки на ҳама баробар заҳмат мекашанд, на ҳама баробар ғам мехӯранд, ташвиш мекашанд. На дар ҳама ҷо интизоми мустаҳкам аст.

Ба чӣ вобаста аст ин тафовут? Ба сатҳи маданият. Ҳа, фақат ба сатҳи маданияти одамон, ба олами фикру зикру ба дилу нияти онҳо. Оё гапам дуруст нест?

Дар соҳаи маданият ҳам, ба забони маҷлисҳои имрӯза бигуем, захираҳои ба кор андохтанашуда хеле зиёданд. Ана ташкилоти ДОСААФ-ро мисол гирем. Агар ҳамин ташкилот ҳам мувофиқи низомномаи худ кор мекард, яъне агар маҳфилҳои автомобильронӣ, мотоциклронӣ, тирандозӣ, мусобиқаҳои рангубаранги спортӣ ва ҳарбӣ ташкил мекард, медонед, барои болоравии сатҳи маданият чӣ қадар мададаш мерасид.

Давлат дар паҳлуи идораи колхоз барои кудакони мо ба як миллиону дусаду шаст ҳазор сӯм мактаби калони зебо сохта дод. Акнун мо панҷ мактаби миёна, се мактаби ҳаштсола дорем, ки дар онҳо тақрибан чаҳор ҳазор талаба мехонад. Барои мактабҳо қитъаҳои таҷрибаомузӣ, таҷҳизоту мошинҳои даркорӣ додаем. Таъмири мактабҳо, таъмини онҳо ва муаллимону хидматчиёнашон аз манзилгоҳу сузишворию дигару дигар лавозимоти маишат — ҳамааш дар уҳдаи колхоз.

Мувофиқи нақшаи генералии колхоз маркази калони савдо месозем, то ки колхозчӣ ҳама чизи барои рузгор даркориро аз як ҷо пайдо карда тавонад. Ҳоло лоиҳаи маркази савдо тайёр мешавад. Табобатхонаи нави барҳаво месозем. Боз шаш ҳавлии калони серхонаи истиқомат бино мекунем. Аз идора то гараж — биноҳои куҳнаро аз байн бардошта, кучаи марказии колхозро аз нав месозем.

Ҳамаи ин як тараф. Аз тарафи дигар бо ҳар кадоме аз аҳли деҳот боз алоҳида кори тарбиявӣ бурдан лозим. Дар оғози суҳбатамон ба ин нуқта ишора карда будам. Ба қишлоқҳои гушаву канорҳо рафта, мардумро ҷамъ карда, мефармоем, ки даруни ҳавлиҳотонро ба тартиб андозед. Ғарами ғузапоя дар як тараф озода, батартиб истода бошад. Оғили гову гусола, гусфандхонаро кас бинад, ҳавасаш равад. Девори кучаро ҳамвор кунед, лой занед, андова кунед, аз даруну берун сафед кунед. Дар сандуқчаи кунҷи хона, дар кассаи амонатгузорӣ ҳазорон сӯм пул доред, дар хона телевизор, радио, дар китфи писаратон магнитофон овезону кучаи назди боғатон пур аз чақару чуқур, шаби торик гузаред, гарданатонро мешиканед. Ба руи девор аз ду тараф пуропур таппак задагӣ. Дар пеши таппак автомобили ялаққосии «Жигули». Дар ҳамин қадар ҳавлии калон магар илоҷи дигари таппакхушконӣ нест? Момокалонамон таппакро ба девор зада хушк мекард, гуфта, дар ҳамин замонаи серу пуру фаровонию арзонӣ ҳамон кори нозебро давом додан мегирем?

Се моҳ пеш ману парторг оташдони газ гиред, аз дуди ғузапояю азоби таппакзанӣ халос мешавед гуфта, тавалло карда дар ба дар мегаштем, акнун худатон тавалло карда меоед, ки ман газ мехоҳам. Лекин акнун газ хоҳед, аввал ҳавлиро ба ҳамин оташдони нави озода мувофиқ кунед.

Мо хуб медонем, тағйироти шуури инсон муддати дароз мехоҳад. Даҳсолаҳо лозим ба ин кор. Медонем, ки дар ҳама кор сабру тоқат лозим. Аммо кас бо ақл инро дарк мекунаду дил тоқат намекунад. Гоҳо ба назарам чунин менамояд, ки унсурҳои маданияти нав дар маишату рӯзгори деҳқон хеле суст ҷорӣ мешавад. Ба хаёлам як чизе ҳаст, ки ба дигаргуншавии психологияи вай монеъ мешавад. Айнан руҳияи ҳамон духтари соҳибҷамол барин: худи ҳозир аз аудиторияи Университет омаду меҳмони хориҷии фотоаппаратдорро дида гурехт.

Ҳозир агар бо радиои колхоз эълон кунем, ки барои фурӯхтан ба колхозчиҳо ба пули нақд садта «Жигули» ва садта «Москвич» омадааст, бовар кунед, муаллим, як соат нагузашта панҷсад нафар колхозчӣ давида меояд, ки дар бағали ҳар кадомаш ҳашт-нӯҳ ҳазор сӯм пул тайёр.

Аммо агар нохост ба хонаи баъзеи онҳо дароед, мебинед, ки писараш барои дарстайёркунӣ ақаллан мизи оддияке надорад ва ночор ба руи қолин дароз кашида, бо як азоб вазифаи хонагиро тайёр мекунад.

Рӯзе аз деҳае мегузаштам. Як рафиқи ҳаммактабам ба хонааш ба як пиёла чой таклиф кард. Инспектори идораи суғурта ҳамроҳам буд. Даромадем. Дастархон кушод, обу мева, нону чой овард. Баъд ду коса шӯрбои хуштаъм даровард. Қошуқро ба даст гирифта бинам, лабаш шикастагӣ. Табъам хира шуд. Қошуқи дар пеши меҳмон бударо бинам, ҳолаш аз ин бадтар. Тамоман димоғам сӯхт. Гурусна будем, шӯрбо бомаза буд, онро аз лаби коса хӯрт кашида хӯрдему берун баромадем. Соҳиби хонаро ба каноре кашида гуфтам, ки пула ғундошта-ғундошта ба гӯрат мебарӣ? Ту хуб медонӣ, касби ман ҳисобчӣ ва иқтисодчӣ аст. Нағз дар ёд дорам, ки ҳар кадоме — ҳа, ҳар кадоме! — аз ду ҳазор аъзои колхоз чӣ қадар даромад дорад, чӣ қадари онро пасандоз кардааст. Чаро ба ҷиҳози хонаат эътибор намедиҳӣ? Гуфт, ки ду тӯй дар пеш аст. Тӯй кунӣ, ба пеши меҳмон косаю қошуқи лабшикаста намеорӣ-ку. Ҳам аз рӯи қоидаҳои беҳдошт, ҳам аз рӯи одоби қадимии муоширати милии худамон истифодаи зарфи шикаста мамнӯъ аст.

Аз хиҷолат сар хам карда меистод. Гуфтам, ки рӯзи шанбе якта мошинро ба ихтиёри ту медиҳам, ҳамроҳи занат ба ҳар бозоре ё магазине бихоҳӣ, бираву барои хона анҷоми тоза харида биё.

Пас аз як моҳ ба идора омада ману Усмон ва дигар роҳбарони колхозро ба хонааш даъват намуд. Рафтем. Супориш иҷро шуда буд. Ба хонааш гӯё тамом одами дигар кӯчида омада буд. Баъдтар фаҳмидам, ки додараш, муаллими мактаби деҳа дар ин хусус ёрмандӣ расонидааст.

Мо, муаллим, дар матбуотамон, дар анҷуманҳоямон ба роли пешбарандаю ибратангези синфи коргар ба қадри зарурӣ эътибор медиҳем, оид ба шарафи мансуб будан ба ин синфи пешқадам суханҳои нағз мегӯем. Ҳамаи ин дуруст аст, сад бор ҳақ аст, аммо ба назари ман, дар ҳаққи табақи деҳқони мамлакат ҳам бояд ба ҳамин дараҷа бо самимият ва навозиш сухан гӯем ки офарандаи неъматҳои ширини зиндагонист. Хусусан, ки деҳқон ҳам аз ҷиҳати шароити кор ба истеҳсолоти индустриалӣ наздик мешавад. Ҳусусан, ки колхозчиён кайҳо боз аъзои Иттифоқи касабаи коркунони хоҷагии қишлоқанд.

Дар охир, муаллим, мехоҳам боз аз як дӯсти куҳансолам каме ҳикоят кунам. Агар воқеан аз ин суҳбати мо чизе навиштанӣ бошед, хонандаҳо аз номи вай, аз кори вай огоҳ шаванд, айни савоб мешуд. Номаш Муҳиддин Давлатов, кайҳо боз аъзои партия.Лекин дар шаступанҷсолагиаш ба нафақа бароварда будем. Ду-се моҳ ба саёҳати ким кадом шаҳрҳо, вилоятҳо баромада рафту баргашта омада гуфт, ки дар хона бекор нишаста наметавонад. Ман гуфтам, ки охир ҳамин қадар хизмат кардӣ, ҳазор раҳмат, акнун истироҳат кун, бо тарбияи наберaю aбераҳо машғул шав. Мерафту боз меомад.

Дар ин мобайн мо як кори ғалатӣ кардем. Токзори колхоз солхӯрда шуда, аз ҳосил монда буд. Токҳоро бароварда ба ҷояш сабзавот коштем. Одамизод шири хомхӯрда-дия. Нагуфтаем, ки аввал токзори нав буньёд карда, баъд токи куҳнаро баровардан лозим. Иҷрои план қонуни ҳатмист. Плани ангурсупориро касе аз зиммаи мо соқит намекунад, иҷро накунӣ боиси вайрон шудани як гӯшаи истеҳсоли меваю консерв мешавӣ.

Хулласи калом, правленияи колхоз қарор дод, ки дар теппаю адирҳои самти шарқии колхоз токзори нав буньёд карда шавад. Инро шунида, акаи Муҳиддин давида омад. Ҳарчанд гуфтем, ки саломатиат чандон бардам нест, ду рӯз сиҳат бошӣ як рӯз нотобӣ. Гӯш накард. Хоки он теппаҳо хоки сурхи камшира ва камғизо аст, гуфт акаи Муҳиддин, ғайр аз ман дар он ҷо каси дигар ток расонида наметавонад.

Як ниҳол дар чанд сол ба воя мерасад. Ток инчунин. Давлатов дар болои теппа дар наздикии батареяи тӯпҳои жолазану абрпарокандакунандаи муассисаи ҳавошиносон ба худ бошишгоҳе сохта, шабро шаб, рӯзро рӯз нагуфта медавид. Бинем, ки саломатиаш ҳам торафт беҳтар шуда истодааст.

Ҳудкардаро даво нест, вовайлои пинҳонӣ, гуфтагӣ барин, токзори пештара нест, токзори нав, ҳоло ҳосил намедиҳад. Мо бо таку дави зиёде, бо таваллою зории бисьёре иҷозат гирифта, плани ангурсупориро аз ҳисоби дигар хел меваҳо ба ҷо меовардем.

Токзор ба ҳосил даромад. Акнун назар ба пештара чандин баробар зиёдтар ангур мегирем. Аммо баҳори ҳамин сол кори

токпарварон омад накард. Аввали моҳи май буд, аз афти кор, нимишабӣ аз гулдуроси раъд бедор шуда дигар хобам набурд. Раъду барқ, ки шуд, борони сахт ё жола мезанад. Барои марди деҳқон дигар хоб ҳаром мешавад. Чанд дақиқа гузашту дари кӯча тақ-тақ шуд. Бароям, ки акаи Муҳиддин бо либоси сар т? по тар истодааст.

— Ток тамом шуд...— мегуфт ва ҳунгос зада мегирист. Ба ин тариқа гирья кардани марди куҳансолро ҳеҷ гоҳ надида будам.

Мошинро даъват карда, бомдодон ба сари ток расидем. Барги ток ба рӯи замини лойолуд парчин шуда мехобид. Навдаҳо урьён, ғураҳо зери по.

Акаи Муҳиддин дар паси товора истода, бо командири батареяи жолазан машмаша мекард.

— Қолхозҳо ба шумо ҳазор-ҳазор сӯм пула ба ҳамин умед медиҳанд? Ин чӣ коре буд, ки кардед?— мегуфт ӯ бо хашму ғазаб.

— Шукр кун, бобо,— мегуфт аз он сӯи товора ходими батарея,— жола дар осмон тухми ғоз барин калон-калон буд. Мо зада майдааш намекардем, ҳоло аз худи ток нишоне намемонд.

Акои Муҳиддин ба назди ман омада талаб мекард, ки биё, ҳозир ба пеши Суфиев меравем, ба Душанбе, ба назди калоншавандаҳои ин тӯпчиҳо меравем. Бардоранд аз ин ҷо тӯпу туфанги бефоидаашонро. Ҷои як боғи калонро банд карда нишастаанду оқибати корашон мана ин...

Дар сари ғазаб акаи Муҳиддин муболиға мекард. Ман б. қадри тавонам ӯро таскин медодам. Лекин аҳволи ҳамоншабааш, дар сари токи урьён чун дар сари тобути фарзанд зор-з.. гиристанаш ҳеҷ аз ёдам, аз пеши назарам намеравад.

Мо аз як тараф мегӯем, ки дигар кардани шуури банӣ-од.. муддати дарозеро металабад, аммо аз тарафи дигар мебин.м, ки ба шарофати кори доимӣ, заҳматҳои муттасили партияи мо ҳамаи мамлакатро як сӯ монем, ҳатто дар ҳамин якта колхози на чандон бузурги мо даҳҳо, садҳо нафар одамоне ба воя расидаанд, ки ғаму ташвиши ҷамъият, манфиати кори ҷамъият да.. рӯзгори онон дар мадди аввал меистад. Бидуни осоиши хал. мамлакат, бе барори кори умум худро осуда ва хушҳол намед.. нанд.

Ин хел одамони ҷонсӯзу дилсӯз, одамони баномусу поквиҷдон, ки шираи замину буньёди пешрафти кори ҷамъиятианд, торафт зиёд мешаванд.

Мояи ифтихори мо низ дар ҳамин аст.

*с. 19*

## МУНДАРИҶА

### Қиссаҳо

Варта . . . . . . . . . . . . . . 6
Шоҳин япон . . . . . . . . . . . 90
Шаби саввум . . . . . . . . . . . 158
Писари ғазета . . . . . . . . . . 189
Зайнаббибӣ . . . . . . . . . . . 228

### Очеркҳо

Дастархони рӯи марз . . . . . . . 261
Коил ман! . . . . . . . . . . . . 319
Саволҳо, ҷавобҳон Энаҷон Бойматова . . 325
Ширам замин . . . . . . . . . . . 338

Барои бачаҳои синни миёна ва калони мактабӣ

**ФАЗЛИДДИН МУҲАММАДИЕВ**

НАД ПРОПАСТЬЮ

*(на таджикском языке)*

Муҳаррир *О. Ҳамроев*
Рассом *У. Ашуров*
Муҳаррири расмҳо *В. Будный*
Муҳаррири техникӣ *Н. Письменская*
Мусаҳҳеҳ *Г. Сафаров*

ИБ № 960

Ба матбаа 04. 07. 86 супурда шуд. Ба чопаш 04. 05. 87 имзо шуд. КЛ № 02572. Формати 60×84[1]/16. Коғази типографии № 2. Ҳуруфи адабӣ. Чопи барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 22,56. Ҷузъи рангаи шартӣ 23,024. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 24,0. Адади нашр 14000 нусха. Супориши № 103. Нархаш 90 тин.

Нашриёти «Маориф»-и Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт полиграфия ва савдои китоб. 734063, Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.
Комбинати полиграфии Комитети давлаии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт полиграфия ва савдои китоб. 734063, Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

90 тин.

«Адиб»